**БОБОҶОН ҒАФУРОВ**



# ТОҶИКОН

**ТАЪРИХИ ҚАДИМТАРИН, ҚАДИМ, АСРИ МИЁНА ВА ДАВРАИ НАВ**

**(ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ МУХТАСАРИ ИЛМИЮ ОММАВӢ)**

**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ**

**БОБОҶОН ҒАФУРОВ**

# ТОҶИКОН

## ТАЪРИХИ ҚАДИМТАРИН, ҚАДИМ, АСРИ МИЁНА ВА ДАВРАИ НАВ

## (ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ МУХТАСАРИ ИЛМИЮ ОММАВӢ)

**Душанбе - 2023**

ТКБ 63.3 (тоҷик)
Ғ-45

Зери назари академик Фарҳод Раҳимӣ
Муҳаррири масъул: д.и.т., профессор Насрулло Убайдулло
Муҳаррир: д.и.ф., профессор Аъзами Худойдод

Ҳайати таҳририя: узви вобастаи АМИТ Ҳайдаршо Пирумшо, д.и.т., профессор Насрулло Убайдулло, д.и.т., профессор Ҳамза Камол, д.и.т., профессор Абдуқаҳҳор Саидов, н.и.т., дотсент Абдулло Ғафуров, н.и.т. Абдувалӣ Шарифзода.

**Ғафуров Бобоҷон. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав (Шарҳу тавзеҳи мухтасари илмию оммавӣ). - Душанбе, 2023. -446 с.**

Таҳқиқоти бунёдии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон”, ки бори аввал соли 1972 ба забони русӣ ва солҳои 1983 ва 1985 дар ду китоб ба забони тоҷикӣ нашр шуда буд, бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав нашр шуда, ба ҳар як хонаводаи кишвар туҳфа гардид. Ин асари бунёдии таҳқиқотӣ буда, ба забони илмӣ ва бо усули ҷиддии пажӯҳишӣ бо таҳлилу истифодаи кулли сарчашмаҳои таърихию бостоншиносӣ ва дастоварди илми ҷаҳонӣ дар самти таърихи халқи тоҷик ва минтақа эҷод шудааст.

Вобаста ба ин бо ҳидояти Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири содатар намудан, шарҳу тавзеҳи мухтасари илмию оммавии мазмун ва мундариҷаи ин асар аз ҷониби олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АМИТ омода гардид.

Умед дорем, ки ҳар як шаҳрванди закии кишвар бо мутолиаи он аз мазмуну муҳтаво ва мақсади аслии олим дар роҳи шинохти корномаву қаҳрамонии гузаштагони бузурги худ бохабар хоҳад гашт.

**ISBN 978-99975-74-34-3**

© Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ

# ПЕШГУФТОР

Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба даҳсолаи сеюми рушд бо дастовардҳо ва муваффақиятҳои назаррас ворид гардида, бо як мароми созандаву бунёдкорона ва неруи бузург ба пеш, ба фатҳи қуллаҳои нав, амалӣ сохтани ҳадафҳои муҳимми стратегӣ ва ишғоли мақоми боз ҳам шоистатар дар ҷаҳони муосир қадам мегузорад. Барои иҷрои ин мақсад таҳкурсии зарурӣ ва муассири сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ, пеш аз ҳама ваҳдату якдилии ҷомеаи кишвар гузошта шудааст. Муҳимтарин омили иттиҳоду якдилӣ ва ваҳдати комили ҷомеаи кишвар ин рӯ овардан ба таърихи пурифтихори зиёда аз шашҳазорсолаи ниёкон ва бо ин восита эҳёи хотираи таърихӣ, таҳкими ҳисси худогоҳию худшиносии миллӣ, арҷгузорӣ ба анъанаву суннатҳои аҷдодӣ ва шинохти нақши миллати тамаддунофари тоҷик дар ташаккул ва рушди тамаддуни инсонӣ мебошад.

Парчамбардори асосии раванди худшиносию худогоҳӣ ва ҳувияти миллӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, ки маҳз дар такя ба оину суннатҳои аҷдодии давлатдории миллӣ ва бо сиёсати хирадмандонаи ҳадафсозу ҳадафманди хеш давлати соҳибистиқлоли тоҷиконро устуворона ба пеш мебаранд. Ташаббусу ҳидоятҳои ҳувиятсози Пешвои миллат, ба вижа нашри нави шоҳасари «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров ва ба ифтихори 30-солагии истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар як хонадони сокинони кишвар туҳфа намудани он, ташкилу таҷлили саннаҳои муҳимми таърихӣ, бузургдошти олимону мутафаккирон ва чеҳраҳои мондагори миллат, ёдгориҳои арзишманди таърихӣ ва фарҳангӣ, озмуну ҳамоишҳои гуногуни илмӣ нақши боризе дар роҳи худшиносӣ ва бедорию таърихогаҳии аҳли ҷомеаи кишвар гузоштанд.

Дар ин росто бояд аз ташаббуси навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявии ««Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат», ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров дар соли 2023, ки бо амри Сарвари давлат аз 7 июли соли 2022 тасдиқ ёфтааст, ба таври алоҳида хотиррасон намуд. Ҳадафи

ин озмуни ҷумҳуриявӣ, ки тахти сарпарастии Пешвои миллат баргузор мегардад, боз ҳамон арҷгузорӣ ба таърихи пурифтихори миллати тоҷик, омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи корномаҳои шоистаи ниёгони миллат дар тӯли таърих, тақвияти ҳисси худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ ва таҳкими ҳофизаи таърихӣ мебошад.

Шоҳасари «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров, ки онро Пешвои миллат «Шиносномаи миллат» номидаанд, имрӯз дар хонаи ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ ҳамчун рамзи худшиносӣ ва ёдгоре аз корномаи бузурги ниёкон қарор дорад. Аммо, ин китоб асари бунёдии таҳқиқотӣ буда, ба забони илмӣ ва бо усули ҷиддии пажӯҳишӣ бо таҳлилу истифодаи кулли сарчашмаҳои таърихию бостоншиносӣ ва дастоварди илми ҷаҳонӣ дар самти таърихи халқи тоҷик ва минтақа эҷод шудааст. Барои ҳамин дарк ва фаҳмидани мазмун ва муҳтавои он на ба ҳар як хонанда фаҳмо ва қобили қабул аст. Вобаста ба ин бо ҳидояти Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шакли мухтасари мазмун ва мундариҷаи ин асар аз ҷониби Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардид. Таҷрибаи гузориши мухтасари чунин асарҳои бунёдии калонҳаҷм дар таърихи миллати соҳибкитобу тамаддунофари тоҷик иқдоми нав нест, борҳо ва садҳо китобҳои зарур ва ҳувиятсоз аз тарафи ниёкон дар чунин шакл ба хонандагони сершумори худ расонида шудааст. Аз ҷумла, дар замони шуравӣ «Шоҳнома»- ҳаким Фирдавсӣ аз ҷониби нависандаи шинохтаи тоҷик Сотим Улуғзода бо чунин усул дар шакли ду китоб пешкаши хонандагон гардида буд. Дар арсаи байналмилалӣ низ аз ин таҷриба ба тарзи фаровон истифода менамоянд.

Аз тарафи дигар, шоҳасари Б. Ғафуров ҳамчун асари соф илмӣ дар маҷрои баҳсҳои тӯлонии илмии олимони соҳа бо истифода аз сарчашмаю мадракҳои зарурии таърихӣ нигошта шуда, ба ҳамаи он монобеи мавриди истифода қарордошта, дар ҳошияи китоб истинод шудааст. Аз ин рӯ, истифодаи китоби мазкур дар асл асосан барои мутахассисони соҳаи илмҳои таърих, ҷомеашиносӣ ва умуман пажӯҳандагону муҳаққиқон роҳнамои ниҳоят хуб аст, аммо барои хонандагони одӣ ва умуман шаҳрвандон мушкилӣ ба миён меоварад. Ҳангоми гузориши мухтасар ин нуктаҳо ба инобат гирифта шуда, баҳсҳои тӯлонӣ,

истинод ба манобею пажӯҳишҳо, далелу асноди гуногуни овардаи муаллиф ихтисор гардида, танҳо мазмуни асосӣ ва мақсади муаллифи асар манзури хонанда гардидааст.

Албатта, мухтасарсозии мазмуну мундариҷа танҳо дар доираи андешаву хулосаҳои академик Б. Ғафуров ва чаҳорчӯбаи шоҳасари безаволи ӯ иҷро шуда, ба он ҳарфе ё назаре, ғайр аз дар поварақ овардани баъзе шарҳу тавзеҳи истилоҳоти илмӣ, вожаҳои гуногун, шиносоии бархе аз олимони шинохта, чизе илова нагардидааст. Гарчанде таълифоти Б. Ғафуров дар заминаи он дастовардҳои илмии соҳа ва сарчашмаю мадракҳои то миёнаи солҳои 70-уми асри гузашта  дастрас буда, ба анҷом расидааст. Табиист, ки дар муддати тӯлонии пас аз эҷоди ин асар доир ба таърихи минтақа ва халқи тоҷик таҳқиқоту навовариҳои зиёде низ ба миён омаданд ва ин, албатта ба баъзе андешаву хулосаҳои муаллифи китоб таъсир расонидааст. Аммо ин ба устухонбандии умумӣ ва ё консепсияи илмии бунёд намудаи олими сатҳи ҷаҳонӣ дигаргуние ворид насохтааст.

Пешвои муаззами миллат дар пешгуфтори худ ба нашри нави туҳфавии «Тоҷикон» менависанд: «Баъди асари бунёдии Бобоҷон Ғафуров бисёр донишмандону муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ ба таърихи халқи тоҷик, этногенез ва этноними тоҷикон машғул шуда, то ба имрӯз асару мақолаҳои зиёде чоп карданд, ки дорои ахбори нав буда, таърихи халқ тоҷикро ба ин ё он андоза мукаммал мекунанд». Аммо, - илова менамоянд Пешвои миллат,- «Маҳз осори мондагори академик Бобоҷон Ғафуров пояи бунёдии омӯзиши таърихи халқи тоҷикро ташкил дод. Аз ин рӯ, корҳои нави илмӣ идомаи иқдомҳои неки шоистаи ин муаррихи барҷаста мебошанд, ки ба муаррифии халқи тоҷик ва таърихи пурифтихори он мусоидат менамоянд».

Имрӯз гузориши мухтасари ин шоҳасари безволи академик Бобоҷон Ғафуровро барои хонандаи муҳтарам пешниҳод намуда, умед дорем, ки ҳар як шаҳрванди закии кишвар бо мутолиаи он аз мазмуну муҳтаво ва мақсади аслии олим дар роҳи шинохти корномаву қаҳрамонии гузаштагони  бузурги худ бохабар хоҳад гашт.

Академик **Фарҳод Раҳимӣ**

## МУҚАДДИМА

Муқаддимаи нашри тоҷикии «Тоҷикон» (дар ду китоб)–ро академик Бобоҷон Ғафуров дар аввали соли 1977 навишта буд. Дар оғози муқаддима муаллиф доир ба мақоми халқи тоҷик дар дар оилаи халқҳои шӯравӣ, дӯстию ҳамкориҳои бародаронаи онҳо, робитаҳои таърихии тоҷикон ва дигар халқҳои минтақаи Осиёи Миёна маълумот дода, таъкид менамояд, ки ин равобит дар масири таърих ташаккул ёфтаву сокинони минтақа аз сарвати мадании ҳамдигар баҳраманд гардида, баъзе хусусиятҳои умумии фарҳангӣ пайдо кардаанд. Барои ҳамин омӯзиш ва таҳқиқи таърихи тоҷикон, саҳми ба худ хоси онҳо ба ганҷинаи тамаддуни башарӣ танҳо дар робита бо таърихи дигар халқҳои минтақа амалӣ мегардад. Танҳо чунин тарзи омӯзиш решаҳои амиқи таърихии ҳамкории бародаронаи халқҳои Осиёи Миёнаро муайян карда метавонад.

Бинобар ин таърихи тоҷикон, мисли ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна, бо таърихи бисёр халқҳои шарқи хориҷӣ, қабл аз ҳама, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Эрон, кишварҳои араб ва як қатор мамлакатҳои дигар низ алоқаманд аст. Аммо, - таъкид менамояд академик Б. Ғафуров, - дар асарҳои баъзе олимони хориҷӣ гузаштаи халқҳои Шарқ, аз ҷумла тоҷикон, ҳамчун силсилаи беинтиҳои ҷангу ҷидолҳо ва табаддулоти дарборӣ тасвир ёфта, бештар нақлу ривоятҳо дар бораи подшоҳон, ҳокимон ва сипаҳсолорон ва ё ҳамчун арсаи задухӯрд ва низоъҳои ирқу[1] нажодҳои мухталиф ба қалам дода мешаванд. Мавқеи чунин олимонро Б. Ғафуров нисбат ба таърихи Шарқ, аз ҷумла таърихи тоҷикон беасос ва дур аз далелҳои илмӣ ҳисобида, кӯшиши аз нуқтаи назари ирқият тавзеҳ додани таърихи минтақаро зарарнок ва аз ҷиҳати илмӣ тамоман беасос меҳисобад.

Пас аз ин муаллиф зарурияти шарҳу баёни ҳақиқатан илмии ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва мадании халқҳои гуногун, аз ҷумла тоҷиконро пеш мегузорад. Албатта, Б. Ғафуров омӯзиш ва таҳқиқи таърихи халқи тоҷикро танҳо аз мавқеи таълимоти

[1] Ирқ –мансубият; хешу таборӣ, қавму хешӣ.

марксистӣ-ленинӣ ва назарияи муборизаи синфӣ, ки он вақт идеологияи ҳукмрон маҳсуб меёфт, дар назар дорад.

Академик Б. Ғафуров роҷеъ ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи Осиёи Миёна андеша ронда, таъкид менамояд, ки баъзе масъалаҳои ҷудогонаи таърихи маданӣ ва сиёсии халқҳои Осиёи Миёна ҳанӯз солҳои 20-уми асри XX мавриди баррасӣ қарор гирифта буданд. Дар ин марҳала ӯ аз асару очеркҳои В.В.Бартолд, асарҳои таърихӣ ва адабиётшиносии устод Садриддин Айнӣ, таҳқиқоти А.А.Семёнов ва М.С.Андреев ёдовар мешавад. Ба андешаи ӯ яке аз дастоварди донишмандони таърих дар солҳои 30-юм ин аз нав таҷдиди назар намудани маводҳои илмии пештара ва пайдо намудани маъхазҳои нав, пеш аз ҳама ба роҳ мондани нахустин экспедитсияҳои археологӣ дар ҳудуди Тоҷикистон буданд. Ба муҳимтарин дастоварди солҳои пасазҷангӣ академик Б. Ғафуров бозёфтҳои хеле зиёди маъхазҳои мухталиф ва пуранвои таърихӣ, ба мисли бойгониҳои қадима, санадҳои асримиёнагӣ, маводи сиккашиносию бостоншиносӣ ва забоншиносӣ, палеоантропологӣ, ки ба амиқтар гардидани таҳқиқ ва пурратар омӯхтани қонунияти раванди таърихӣ имконият доданд, ворид менамояд.

Соли 1947 академик Б. Ғафуров асари ҷамъбасткунандаи «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-ро таълиф намуда, худи ҳамон сол ба забони тоҷикӣ ва сипас, се маротиба (охирин бор соли 1955) ба забони русӣ чоп кард, ки ҳар дафъа бо тасҳеҳу иловаҳо аз нав таҳрир меёфт. Ин асар дар асоси таҳлили амиқи илмӣ таърихи халқи тоҷикро аз давраҳои қадимтарин то соли 1917 ба таври мухтасар баён менамояд. Ҳамзамон, муаллиф дар таълиф ва таҳрири асари сеҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик», ки солҳои 1963–1965 дар Москва аз тарафи Академияи илмҳои Тоҷикистон нашр гардид, бевосита ширкат менамояд. Вале, бо ин қаноат накарда, Б. Ғафуров солҳои баъд низ кори худро дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик идома дода, маводи фаровони бадастомадаро дар шакли як китоби алоҳидаи бунёдӣ танзим ва таҳлилу ҷамъбаст менамояд. Ин асар, ки бо унвони «Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна» ба хонанда пешниҳод мешавад, аз ду китоб иборат буда, давраи тӯлонӣ, яъне аз замони пайдоиши ҷамоати инсонӣ дар сарзамини Осиёи Миёна то ғалабаи Инқилоби Октябрро дар бар мегирад.

Китоби якум аз чор фасл иборат аст. Фасли якум ба тавсифи сохти ҷамоати ибтидоӣ дар Осиёи Миёна бахшида шудааст. Дар фасли дувум ҳаёти қавму қабилаҳои мухталиф - аҷдоди тоҷикон дар давраи инкишофи муносибатҳои ғуломдорӣ ва дар фасли севум тақдири таърихии Осиёи Миёна дар давраи зуҳури муносибатҳои феодалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Фасли чорум вазъияти Осиёи Миёнаро дар давраи тараққиёт ва барқароршавии сохти феодалӣ баён мекунад.

Китоби дуюм фаслҳои панҷум ва шашумро дар бар мегирад: фасли панҷум таърихи халқи тоҷикро аз ибтидои асри XVI то миёнаи асри XIX ва фасли шашум аз истило ва ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Россия ва рушди муносибатҳои капиталистиро то ғалабаи Инқилоби Октябр тавсиф менамояд. Маълумоти мухтасари манбаъҳои таърихӣ, рӯйхати адабиёт ва маъхазҳои иқтибосшуда, феҳристи номҳои тамоми асар дар охири китоби дуюм оварда мешавад.

Бобоҷон Ғафуров таъкид менамояд, ки муаллиф, бешак, ба таҳқиқи муфассал ва ҳамаҷонибаи тамоми масъалаҳои таърихи халқи тоҷик накӯшидааст. Асли мақсади ӯ воқеа ва ҳодисаҳои асосии таърихиро бо таҳқиқи масъалаҳои хеле муҳим, мураккаб ва баъзан мубоҳисавӣ пайвастан аст.

Муаллифи «Тоҷикон» бар он андеша аст, ки то замони таълифи ин китоб бисёр паҳлуҳои таърихи давраҳои қадимтарин, қадим ва аввали асри миёнаи тоҷикон ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст ва ё ҳалли ниҳоии илмии худро пайдо накардааст, аммо доир ба онҳо маводи нав хеле фаровон мебошад. Бинобарин муаллиф баробари шарҳи ҳодисаву далелҳо фарзияҳои ҳамкасбони шӯравӣ ва хориҷиро аз назар гузаронида, мушоҳида ва нуқтаи назари худро ба таври мушаххас баён намудааст. Дар ин сурат нақл нисбатан тафсил ёфта, истинод ба сарчашмаҳо ва ишора ба таҳқиқоту маъхазҳо зиёдтар гардидаанд. Муаллиф аз он масъалаҳое, ки дар осори илмӣ ба дараҷаи кофӣ тавзеҳ ёфтаанд, ба қадри имкон аз такрори муаллифони дигар худдорӣ намудааст.

Академик Б. Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» бештар ба масъалаҳои дараҷаи тараққиёти маданият ва иқтисодиёти Осиёи Миёна дар асри биринҷӣ ва робита бо қабилаҳои Ҳиндустон, Эрон ва кишварҳои дигар; масъалаи ориёӣ ва асоси нажодию забонии

тоифа ва халқҳои қадимаи Осиёи Миёна, Ҳиндустони Шимолӣ, Афғонистон, Эрон ва даштҳои байни Аврупо ва Осиё; пайдоиш ва инкишофи ҷамъияти синфӣ; зуҳур ва таҳаввули оини зардуштӣ, синтези маданияти Осиёи Миёнаю Эрон, Ҳиндустону Юнони Қадим; пайдоиш, хронология ва маданияти замони Кушониён диққат додааст. Ба тавсифи сохти иҷтимоию иқтисодии Осиёи Миёнаи қадима боби махсусе бахшида шуда, дар баробари таҳқиқи таърихи ин масъалаи мураккабтарин тамоми маводи мавҷуда, ки қисме аз онҳо нахустин бор истифода шудаанд, ба риштаи таҳлил кашида шудаанд. Таърих ва фарҳанги ибтидои асримиёнагии Тахористону Суғд хеле батафсил таҳқиқ шуда, муаллиф Осиёи Миёнаро дар давраҳои Кушониён, аввали асри миёна ва баъдтар ҳам яке аз муҳимтарин марказҳои фарҳангии Шарқ меномад.

Дар бобҳое, ки ба пойдоршавӣ ва инкишофи муносибатҳои феодалӣ бахшида шудаанд, диққати асосӣ ба комёбиҳои нави ду даҳсолаи ахир дар ин соҳа равона шуда, муаллиф ба ошкор намудани хусусиятҳои хоси ҳар як давра ва таҳқиқи ҷараёни инкишофи созмонҳои ҷудогонаи иҷтимоию сиёсӣ диққати махсус медиҳад. Дар ин самт ӯ аз маълумоти соҳаҳои гуногуни илм ва сарчашмаҳо ба таври васеъ истифода бурдааст, ки онҳо қабл аз ин ниҳоят кам ё тамоман мавриди истифода қарор нагирифта буданд.

Ҷараёни пайдоиши қавму нажодҳо низ дар маркази таҳқиқи муаллиф қарор гирифтааст. Б.Ғафуров барои нишон додани роҳи ташаккули халқи тоҷик ба ҷамъ ва таҳлили ҳамаи мадракҳои ба илми онрӯза маълуми манбаъҳои хаттӣ, забоншиносӣ, палеоантропологӣ ва антропологӣ, этнографӣ ва адабиётшиносӣ саъю кӯшиш намудааст.

Дар бобҳои алоҳидаи асар шарҳу тафсири оқибати ба давлати Ҳахоманишӣ, империяи Юнону Мақдунӣ ва Хилофати араб ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна ба тарзи муфассал тавсиф ёфтааст. Академик Б. Ғафуров таъкид менамояд, ки дар ин бобат ду навъ шарҳу тафсир маъмул аст: яке – ситоиши истилогарон ва паст задани савияи маданияти халқҳои Осиёи Миёна, ки хоси илми буржуазист, яъне олимони хориҷӣ; дигаре - таҳқиқу тавзеҳи дар илми шӯравӣ муқарраршуда, ки дар он аз рӯи инсоф диққати асосӣ ба муборизаи озодихоҳонаи халқҳои Осиёи Миёна бар зидди

истилогарон ва нишон додани махсусият ва савияи баланди фарҳанги маҳаллии ин сарзамин нигаронида мешавад.

Муборизаи муттафиқонаи халқҳо дар муқобили тохтутозҳои харобиовар ва ғоратгаронаи ӯрдуҳои Искандари Мақдунӣ, Чингизхон, Темурланг ва дигар истилогарон монеаи сахте гардида буд. Аз тарафи дигар алоқаҳои мусолиматомези тиҷоратию иқтисодӣ ба инкишофи синтези маданӣ мусоидат намуд ва иртиботи наздик ва ғанӣ сохтани маданияти якдигар боиси тавлиди сарватҳои муштараки маданӣ гардид. Дар айни замон анъанаҳои маҳаллӣ, хусусият ва ҷиҳатҳои ба худ хоси маданияти халқҳо, аз он ҷумла аҳолии давраҳои қадим ва асри миёнаи Тоҷикистон ва умуман халқҳои Осиёи Миёна, ки маданияти олӣ ва ба дараҷаи баланди тараққиёт расидаро ба вуҷуд овардаанд, маҳфуз монд.

Таълифи «Тоҷикон» соли 1970 ба анҷом расид ва дар он асосан ҳамон манбаъҳо ва таҳқиқоте, ки то охири соли 1969 ва аввали соли 1970 дастраси муаллиф буданд, истифода шудаанд ва он чӣ ки баъдтар, то аввали соли 1977, ба даст омадааст, дар нашри тоҷикии он истифода гардидаанд. Харитаҳои таърихӣ аз китоби сеҷилдии «Таърихи халқи тоҷик», тасвирҳо аз Эрмитажи давлатӣ, Институти санъатшиносии ҶШС Ӯзбекистон, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон, Музейи Британия, ташкилоти бостоншиносии Фаронса дар Афғонистон ва дигар муассисаҳои илмӣ ва донишмандони алоҳида ба ихтиёри муаллиф гузоштаанд.

Нашри русии китобро олимони шӯравӣ ва хориҷӣ ба некӣ истиқбол намуданд, ки тақризҳои зиёд далели ин аст. Вале баъди нашри русии китоб (1972) аллакай панҷ сол гузашт[2], ки дар ин солҳо маъхазҳои мухталифи нави таърихӣ пайдо шуданд, бостоншиносон ба кашфиётҳои нав ва нодир ноил гардиданд, оид ба давраҳои гуногуни таърихи халқи тоҷик асарҳои зиёди илмӣ-таҳқиқотӣ нашр шуданд. Муаллиф низ таҳқиқи ҳаматарафаи масъалаҳоеро, ки дар китоб дарҷ шуданд, идома дода, ҳудуди хронологии онро аз нимаи аввали асри XVIII то ғалабаи

[2] Академик Бобоҷон Ғафуров соли 1977-ро дар назар дорад.

Инқилоби Октябр васеъ намуд. Дар натиҷа баъзе нуктаҳои асар вобаста ба дастовардҳои нави илмӣ тағйир дода шуда, баъзе ҷойҳои он мукаммал ва баъзе фаслҳои он муфассалтар карда шуданд. Вале асоси бандубасти асар тағйир наёфт ва ба сабаби афзудани ҳаҷм китоб ба ду қисм ҷудо карда шуд.

Муаллиф ба ҳамаи онҳое, ки бо маслиҳат, илова ва қайду эродҳои муфиди худ ба чопи тоҷикии китоб ёрдам расонидаанд, пеш аз ҳама ба олимони шинохта А.Е. Бертелс, И.С. Брагинский, Э.А. Грантовский, Е.А. Давидович, А.М. Мирзоев, И.М. Оранский, В.А. Ранов, В. А. Ромодин, муҳаррирони китоб Б.А. Литвинский (нашри русӣ) ва А. Мухторов (нашри тоҷикӣ) изҳори ташаккури самимӣ намудааст.

# ФАСЛИ ЯКУМ
# СОХТИ ҶАМОАТИ ИБТИДОӢ ВА ЗАВОЛИ ОН ДАР САРЗАМИНИ ОСИЁИ МИЁНА

## БОБИ ЯКУМ
## ҶАМОАТҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА

### 1. ПАЛЕОЛИТ. СОХТИ ПЕШАЗҚАБИЛАВӢ. ПАЙДОИШИ ҶАМОАТИ ҚАБИЛАВӢ

*Дар боби аввали китоб ду давраи муҳимми ҳаёти инсонӣ- асри санг ва асри биринҷӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифта, дар асоси сарчашмаҳо ва далелҳои мавҷуда хусусиятҳои хоси дарозтарин марҳалаи таърихии Осиёи Миёна, аз ҷумла ҳудуди Тоҷикистони имрӯза аз нигоҳи илмӣ таҳқиқ шудааст.*

**Осори палеолити поин**

Масъалаи пайдоиши нахустин одамон, аз ҷумла дар ҳудуди Осиёи Миёна баҳсноктарин масъалаи илмӣ буда, ба сабаби кам боқӣ мондани осори ин давра замони аниқи он муқаррар нашудааст. Аммо он кашфиёт ва осори ба дастомадаи бостоншиносӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки Осиёи Миёна дар дохили минтақаи одамшавии маймун воқеъ гардида будааст. Академик Бобоҷон Ғафуров барои дарки комил ва таҳлили масоили гуногуни қадимтарин давраи таърихӣ, яъне *палеолит*[3] ва ёдгориҳои он андешаҳои олимони гуногунро мавриди баррасӣ қарор додааст. Кашфи як қатор осори қадимтарини ҳаёти инсонӣ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла ҳудуди Тоҷикистони имрӯза аз сукунат доштани одамони ибтидоӣ дар ин сарзамин шаҳодат медиҳад.

Бостоншинос А.П. Окладников соли 1953 дар соҳили рӯди Унарчаи наздики дарёи Норини Қирғизистони имрӯза аз девораи

---

[3] Палеолит аз калимаи юнонии “палеос” (παλαιός) – қадим ва “литос” (λίθος) – санг гирифта шуда, ба забони тоҷикӣ маънои асри санги қадимро медиҳад, ки он дар манотиқи гуногуни ҷаҳон аз 2,6 млн. сол пеш аз милод ибтидо гирифта то 10 ҳазор сол пеш аз милод идома меёбад. Палеолит аз дарозтарин давраи таърихи инсоният буда, ба се давра ҷудо карда шудааст: палеолити поин (ё барвақт), палеолити миёна ва палеолити нав. Осори ҳамаи давраҳои палеолит дар ҳудуди Тоҷикистон дарёфт шудаанд.

регии суфаи қадимаи *плейстотсени*[4] миёна қайроқи калони дасти инсон расидаро ёфт, ки як тарафи он ба теғи дарози барҷастаи камоншакл монанд аст. Ин гуна олат дар илми бостоншиносӣ бо номи *чоппер*[5] – олати қайроқсанг машҳур аст. Пас аз чанд соли ин бозёфт дар маҳалҳои мухталифи Осиёи Миёна боз даҳ макони осори ин давра кашф гардид. Чунин олат дар бисёр ноҳияҳои Олами Куҳан[6] ба хубӣ маълум буда, қадимтарин маданияти инсонӣ – маданияти қайроқсангро тавсиф менамояд.

Таҳлили шаклии осори бостоншиносӣ шабоҳат доштани осори олоти қайроқсанги Осиёи Миёнаро бо маданияти ба истилоҳ суонии[7] Ҳиндустон нишон медиҳад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин ду кишвар дар давраи палеолити поин роҳи умумиии таърихиро тай кардаанд. Одамони маданияти қайроқсанг дар давраи пиряххои нахуст ва яхбандии рисс[8], яъне дар давраи плейстотсени миёна, беш аз 200 ҳазор сол қабл аз ин зиндагӣ ба сар бурдаанд. Олами ҳайвоноти он давраро шаклҳои қадимаи фил, асп, мамонт ва бизонҳои шохдароз, намудҳои гуногуни каркадан ташкил медоданд ва бо баъзе далелҳо шумораи одам он замон хеле кам будааст.

Олати дигари асри санг, ки бештар бо номи дастколаҳои сангӣ маълуманд, аз ҳама зиёдтар дар осори палеолити поини Аврупо ёфт шудаанд ва аз ҳудуди Осиёи Миёна чунин олат танҳо дар қисмати ғарби он (Туркманистони имрӯза) пайдо гардид. Ин бозёфт боиси шубҳаи баъзе олимон оид ба замони сукунати одамони қадим дар Осиёи Миёна гардид. Аммо, бозёфтҳои баъдӣ,

---

[4] Плейстотсен аз калимаи юнонии πλεῖστος – сершумортарин ва καινός - нав, муосир гирифта шуда, маънии давраи геологие мебошад, ки аз 2,5 миллион сол пеш ибтидо гирифта, то 10 ҳазор сол пешро фаро мегирад. Дар ибтидои ин давра, истифодаи асбоби одии сангӣ дар манотиқи гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла ҳудуди Тоҷикистони имрӯза паҳн шудааст.

[5] Чоппер (аз калимаи англ. Chopper – бурранда ё резакунанда) – яке аз қадимтарин олати меҳнати инсон, ки асосан дар замони палеолит истифода мешуд ба ҳисоб рафта, ба гурӯҳи олатҳои қайроқсанг дохил мешавад.

[6] Бобоҷон Ғафуров зери мафҳуми Олами Куҳан Аврупоро дар назар дорад.

[7] Маданияти Суон – давраи палеолити поин, ки аз соҳили дарёи Суон, музофоти Панҷоби Ҳиндустон дарёфт шудааст.

[8] Рисс - аз вожаи олмонии Riβ- номи яке аз шохобҳои дарёи Дунай. Дар илм ҳамчун номи яке аз давраҳои яхбандии плейстотсени миёна қабул шудааст.

махсусан аз Қаратоғи Ёвон (1973) ва ҳафт маҳалли дигари Тоҷикистони Ҷанубӣ олоти сангии ин давра ба даст омад. Ҳафриёти ду бошишгоҳ – Қаратоғи 1 ва Лоҳутӣ-1 нишон дод, ки дар ин ҷо осори маданияти то ба ҳол номаълуме ҳастанд, ки он «маданияти Қаротоғ» ном гирифт ва таърихи қабати археологии он 200–150 ҳазор сол аст. Маданияти Қаратоғ ба маданияти қайроқсанг мансуб аст ва аз маданияти суонии нимҷазираи Ҳиндустон, ки дар боло номбар шуд, ягон фарқи казоӣ надорад. Баъди ин кашфиёт ҷойи шубҳа нест, ки дар Тоҷикистон ва Осиёи Миёна сараввал тоифаҳое маскун шудаанд, ки ба давраҳои маданияти қайроқсанг тааллуқ доштанд.

### Осори палеолити миёна

Аз давраи палеолити миёна ба мо осори зиёде боқӣ мондааст. Ин марҳалаи асри санг давраи нашъунамои маданияти мустйе[9], замони мавҷудияти неандерталҳо[10] буд. Дар ҳудуди палеолити миёна ва боло аз неандерталҳо инсони навъи имрӯза ташаккул ёфтааст.

Дар ҳаёти одамони ибтидоии ин давра дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд, пеш аз ҳам техникаи тайёр намудани олоти меҳнат такмил ёфта, шаклҳои нави он сохта шуданд. Муҳимтарин дастоварди одам ин на танҳо истифода ва нигоҳ доштани оташ, балки ҳосил кардани он буд.

Одамони давраи палеолити миёна аз масканҳои саркушода ва ғори мустйе истифода мекарданд, ки чунин бошишгоҳҳо аз якчанд минтақаҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла масканҳои саркушодаи зиёд дар Тоҷикистон – дар Фарғонаи Ғарбӣ, ноҳияҳои Истаравшан, Данғара, водиҳои Ҳисор ва Вахш дарёфт гардиданд. Яке аз маълумтарин ёдгорӣ, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷаҳон зуд шуҳрат пайдо намуд, мағоки Тешиктош мебошад. Ин мағок дар

[9] Номи Маданияти мустйеӣ аз макони бостонии ғори Ле Мусте, ки дар Дордонн, ҷанубу ғарбии Фаронса ҷойгир аст, гирифа шуда, асосан ба замони палеолити миёна рост меояд. Осори шабеҳи маданияти мустйеӣ дар Аврупо, Африқои Шимолӣ ва Осиёи Ғарбӣ ва Марказӣ пайдо шудаанд ва дар бисёр минтақаҳо хусусияти фарққунанда доранд.

[10] Неандертал, неандерталҳо- навъи одами замони палеолит, ки бори аввал устухонҳои он соли 1856 аз водии Неандертали Олмон пайдо карда шудааст.

наздикии шаҳри Тирмиз, дар кӯҳсори Бойсун воқеъ гардидааст ва аз он қариб 3 ҳазор маснуоти сангӣ пайдо гардид, ки 339 – тои он олоти комил мебошад. Аз ҷумла, дар байни онҳо ду навъи олоти хеле маъмул корд ва белчаи сангӣ мавҷуд аст. Аммо, нодиртарин бозёфт устухонҳои писарбачаи 8–9-сола буд, ки дар гирди ҷасад (косаи сар ва баъзе устухонҳои скелети писарбача) шохҳои бузи кӯҳӣ ба шакли ҳалқа гузошта шуда буданд.

Осори ин давра ва олоти зиёди сангӣ аз мағоки Обираҳмат (наздикии Тошканд), водии Сирдарё, байни Хуҷанд ва Навкати Қайроққум низ дарёфт шудаанд. Ин ёдгориҳо ба гурӯҳи маданияти ба истилоҳ «леваллуаю мустйе» шомил буда, бо ёдгориҳои давраи мустйеи Шарқи Наздик шабоҳат доранд. Аммо якчанд ёдгориҳои давраи мустйе, ки аз ҷануби Тоҷикистон пайдо гардидаанд бо хусусиятҳои фарқкунандаи худ ба осори тамаддуни Ҳиндустон ва дигар кишварҳои ҳамсоя наздиканд. Калонтарин осори маданияти ин давра бошишгоҳи Қаробура мебошад. Ин бошишгоҳ дар водии Вахш (наздикии Ҷиликӯл, ҳоло ноҳияи Дӯстӣ) воқеъ гардида, аз ҷониби бостоншинос В.А. Ранов омӯхта шудааст. Олотҳои сангие, ки аз ин бошишгоҳ дарёфт гардидаанд ба олотҳои сангии маданияти суонии Ҳиндустон монанд мебошанд.

Ҳафриёте, ки дар бошишгоҳи Оғзикичики ноҳияи Данғара гузаронида шуд, барои омӯзиши осори маданияти мустйе маводи фаровон дод. Дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки сокинони ин бошишгоҳ неандерталҳо будаанд ва аз худ осори хубе боқӣ гузоштаанд.

Дар натиҷаи омӯзиши маводи бостоншиносӣ маълум гардид, ки маданияти асри санги Осиёи Миёна ба маданияти палеолити ду минтақа –Шарқи Наздик ва Ҳиндустон монанд мебошад. Дар натиҷа мадракҳо навтарин синни осори маданияти мустйеи Осиёи Миёнаро 50 - 40- ҳазор сол муайян кардаанд.

### Осори палеолити боло

Дар асоси таҳлили маводи бостоншиносӣ давраи охири асри санг- палеолити болоро хеле хуб тасвир намудан мумкин аст. Ин давраи асри санг бо хусусиятҳои хоси худ аз ду давраи қаблӣ фарқ мекунад. Аввалан, тахминан 40–35 ҳазор сол пеш ташаккули навъи имрӯзаи башар Homo sapiens сурат гирифтааст. Баъдан, дар

палеолити боло олоти сангӣ ба куллӣ тағйир ёфт ва ҳаҷман хурд гардида, шикори одамони ибтидоиро хеле осон намуд. Дар ҳамин давра ташаккули қабилаҳо шурӯъ мешавад: қавми модарӣ, ки аз гурӯҳи экзогамии одамони бо риштаҳои хешӣ ва умумияти насаби модарӣ баҳампайваста фароҳам омада буданд, дар ҳамин давра ба дараҷаи рушди баланди худ мерасад.

Осори палеолити болои Осиёи Миёна аз ҷониби бостоншиносон кам таҳқиқ гардидааст. Муҳимтарин ёдгории палеолити боло бошишгоҳи Самарқанд мебошад, ки соли 1964 аз ҷониби бостоншинос Д.Н. Лев омӯхта шуда, аз он ҷоғи одами палеолити боло ёфт шуд. Ёдгории дигари ин давра бо номи «Хоҷағор» машҳур аст, ки дар наздикии деҳаи Чоркӯҳи ноҳияи Исфараи Тоҷикистон воқеъ аст. Одамон дар ин ҷо 15–12 ҳазор сол пеш аз ин, яъне дар аҳди кунунии геологӣ зиндагонӣ кардаанд ва ин ёдгорӣ аз ҷиҳати фаровонии анвои олоти чахмоқсанг, ки бо шакл ва сохту пардохти худ аз олоти бошишгоҳи Самарқанд фарқ мекунад, ҷолиб мебошад.

Солҳои 1969–1970 дар бошишгоҳи Шуғнов, ки дар болооби Яхсу воқеъ аст, чанд табақаи маскунӣ кашф шуд. Дар ин маҳал дар мағзи зардхоки ҷарии панҷоҳметраи соҳили дарё дар вусъати калони майдон 4 табақаи маскуни палеолити боло пайдо карда шуд. Синни табақаи қадимтарин, мувофиқи мадраки геологию археологӣ 35–30 ҳазор сол ва синни табақаи навтарин, мувофиқи усули радиокарбонии муайян кардани сана, 1050 сол мебошад. Аз ду табақаи аз ҳама боло бештар олоти меҳнат ёфта шуд.

Хулоса, дар Осиёи Миёнаи аҳди палеолити боло ду анъанаи техникӣ мавҷудияти худро давом медод, ки яке бо палеолити Осиёи Шарқӣ ва Сибир (қароргоҳи Самарқанд) ва дигаре бо палеолити Осиёи Пеш (Хоҷағор) алоқаманд буд.

## Таснифи ҷамъияти палеолит

Тавсифи умумии ҷамъияти палеолит, ки дарозтарин марҳалаи таърихи инсоният мебошад, ниҳоят мураккаб аст. Зеро хусусиятҳои умумии он дар Осиё Миёна ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст. Танҳо гуфтан мумкин аст, ки ташкилоти иҷтимоӣ дар палеолити поин хеле сода буд, ҷамоаи ин давраи инсониро дар адабиёти илмӣ «гала» ё «галаи ибтидоӣ» ва «коммунаи ибтидоӣ» унвон додаанд.

Давраи галаи ибтидоӣ давраест, ки ҷамъияти инсонӣ ташаккул ёфта, асосҳои он фароҳам меояд. Дар охири палеолити миёна ва боло ташкилоти қабилавии ҷамъият- ҷомеаи ибтидоӣ пайдо мешавад. Ин сохти қавмии модарӣ буд, ки зан дар он мавқеи хеле баландро ишғол мекард. Муносибати оилавӣ дар доираи никоҳи гурӯҳӣ сурат мегирифт.

Тараққиёти беш аз пеши қувваҳои истеҳсолкунанда ва ташкилоти ҷамъиятӣ боиси мураккабшавии шаклҳои маданияти инсонӣ мегардид. Пас аз ҳосил кардани оташ, сохтани манзилҳои одӣ, ривоҷи шикори ҳайвоноти калон ва ба ин васила гузаштан ба зиндагонии муқимӣ – ҳамаи ин қадамҳои муҳимми тараққиёти ҷамъияти инсониро нишон медиҳад. Дар ҳамин давра аввалин аломатҳои русуми дафн, нахустин падидаҳои дин ба зуҳур меоянд.

## 2. МЕЗОЛИТ ВА НЕОЛИТ

Замони мезолит ва неолит, ки аслан 10 – 15 ҳазор солро дар бар мегирад, бо хусусиятҳои ба худ хос дар ҳар минтақа гуногун будааст. Дар ин давраи таърихӣ бо нишондоди мадракҳои бостоншиносӣ аҳолии Осиёи Миёна хеле сершумор буда, онҳо дар шароити сохти қабилавии модаршоҳӣ зиндагӣ мекардаанд. Олоти меҳнат дар ин давра хеле такмил ёфта, усулҳои нави тайёр намудани он, ба мисли сайқал додан, парма ва арра кардан, ки дар гузашта аз онҳо ҳеҷ асаре набуд, паҳн мешавад.Дар низоми хоҷагидории одамони ин давра низ дигаргуниҳо ба миён моянд, соҳаҳои нави хоҷагӣ аз қабили кулолгарӣ, зироатпарварӣ ва чорводорӣ низ ба вуҷуд меоянд. Вобаста ба шароити табиӣ дар мавзеъҳои гуногуни Осиёи Миёна одамон ба шикорчигӣ, моҳигирӣ ва дар баъзе воҳаҳои мувофиқ ба кишоварзӣ машғул мешуданд.

### Осори мезолит[11]

Осори давраи мезолит - асри миёнаи санг дар ҳудуди Осиёи Миёна нисбат ба дигар давраҳои асри санг хубтар омӯхта шудааст. Асосан осори ин давра аз маҳалҳои атрофи баҳри Каспий дарёфт шудаанд. Намунаи беҳтарини он бозёфти А.П. Окладников аз ғори

---

[11] Мезолит (аз юнонии μέσος "миёна" + λίθος "санг"), асри санги миёна, давраи байни палеолит ва неолит аст.

Ҷабал[12] ва баъдан аз Дамдамчашма мебошад. Осори соҳили Каспий бо хусусиятҳои ба худ хос бештар ба ёдгориҳои Осиёи Пеш шабоҳат доранд. Аз ин бошишгоҳҳо даҳҳо ва садҳо асбобу абзори хурди сангичахмоқӣ бозёфт шудааст, ки дар байни онҳо, махсусан, олоти шакли ҳандасӣ: қитъаи доира (сегмент), секунҷа ва дар шакли трапетсия ҷолибанд. Мадракҳои зиёди бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар охири давраи мезолит ва аввали неолит дар баробари шикори ҳайвонот ба сайди моҳӣ ва ҷамъоварии ғизо низ машғул будаанд.

Дар ҳудуди Тоҷикистон бошад як қатор бошишгоҳҳое пайдо гардиданд, ки дар онҳо осори замони мезолит хуб мушоҳида мешавад. Масалан, аз бошишгоҳи Тутқавул (минтақаи НБО-и Норак) осори нодири замони мезолит ба даст омадааст, ки як қатор бозёфтҳои он, ба мисли кордҳои сангии якдама, сегментҳо[13] ба осори замони мезолити Осиёи Пеш шабоҳат доранд, аммо олоти дағалтаре низ ёфт шуд, ки ба ҳазораҳои 13 – 7 –и то милод рост меояд. Осори Тутқавул ва ҳамзамон бошишшгоҳҳои Дараи Шӯр[14] ва Обикиик[15] низ аз муҳимтарин осори мезолитии Тоҷикистон буда, онҳоро ба маданияти давраҳои минбаъдаи Ҳисор алоқаманд меҳисобанд.

Осоре, ки бостоншиносон аз қароргоҳи Ошхонаи Помир дарёфт намуданд, ҳам аз мавқеи ҷойгиршавӣ ва ҳам бо осори боқимонда аз дигар ёдгориҳои ин давра фарқ мекунад. Бошишгоҳ дар баландии 3,5 – 4,2 ҳазор метр аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошад. Таҳқиқи физикии ангишти оташдон нишон дод, ки 95 ҳазор сол муқаддам дар ин ҷо одамон зиндагӣ мекардаанд. Асбобу олоти ёфтшуда, ба мисли белчаҳои аз санги қайроқ сохташуда, дурушт ва

---

[12] Маданияти Ҷабал ба давраи мезолит рост меояд. Маданияти мазкур дар қаламрави Туркистони Ғарбӣ паҳн шуда, номи худро аз ғори Ҷабал гирифтааст. Дар мағорҳои Белт, Хоту дар наздикии баҳри Каспий ва дар ғори Ҷабал дар Туркистони Ғарбӣ осори давраи мезолитии моҳигирону шикорчиёни ёфт шудааст. Маданият аз бисьёр ҷиҳат ба маданияти Шонидар шабоҳат дорад.

[13] Сегмент – аз вожаи лотинии *segmentum* –пора, порча, қисм.

[14] Тақрибан 20 км шарқтар аз Тутқавул ҷойгир аст.

[15] Дар мавзеъи роҳи Душанбе – Бохтар (Қурғонтеппа) дар қаторкӯҳи Рангинтеғ ҷойгир аст.

бо усули давраи палеолит коркард шудаанд. Аз олоти хоси мезолит, махсусан олатҳои ҳандасавӣ чизе пайдо нашуд. Ба андешаи бостоншиносон ин асосан қароргоҳи шикорчиён ҳангоми фасли тобистон будааст. Дар Ошхона чор қабати маданӣ ва зиёда аз 10 ҳазор осор пайдо карда шуд.

## Осори неолит[16]

Асри нави санг, ки неолит ном дорад тахминан 9 - 7 ҳазор сол пеш аз ин оғоз гардидааст. Давраи неолит дар таърихи ҷомеаи инсонӣ марҳалаи дигаргунӣ ва таҳаввулоти ҷиддӣ маҳсуб меёбад, зеро маҳз дар ҳамин давра одамони ибтидоӣ аз истифода ва захираи неъматҳои табиӣ, яъне аз тарзи зиндагии истеъмолӣ ба истеҳсоли неъматҳо мегузарад. Ин дигаргуниро асосан дар адабиёти илмӣ шартан «инқилоби неолитӣ» меноманд.

Дар натиҷаи ҳафриёти бостоншиносӣ дар Осиёи Миёна се умумияти мадании таърихии давраи неолитро бо хусусиятҳои хоси шароити зиндагӣ ва осори боқимонда аз ҳам ҷудо менамоянд:

1) Маданияти бостоншиносии Ҷайтун, ки дар самти ҷанубии Туркманистони имрӯза ҷойгир аст. Сокинони Ҷайтун дар деҳкадаҳои қабилавию хонаҳои кулӯхӣ мезистанд ва яке аз машғулияти асосиашон чорводорӣ буд. Дар ҳудуди Осиёи Миёна онҳо пештар аз ҳама ба зироатпарварӣ машғул буданд. Асбобу олоти онҳо асосан аз досҳои содаи сангӣ (беш аз 36,5% бозёфтҳо) иборат буд. Аз навъҳои зироат бештар гандум ва ҷав кишт мекарданд. Аз ин ҷо дар қатори дигар бозёфтҳо пораҳои сафол низ пайдо гардид, ки аз вуҷуд доштани ҳунари кулолгарӣ дар байни ҷайтуниҳо шаҳодат медиҳад. Зарфҳои сафолӣ асосан дастӣ сохта мешуданд ва баъзеи онҳо бо хатҳои гуногун ороиш ёфтаанд. Ин зарфҳо қадимтарин намунаи осори кулолии Осиёи Миёна мебошанд. Ҷайтуниҳо барои сафолпазӣ кӯраву хумдонҳои махсус доштанд.

Дар бошишгоҳи Чӯпонтеппаи Ҷайтун қабрҳое дарёфт гардиданд, ки дар худи бошишгоҳ дар рӯи ҳавлӣ ё хона канда шудаанд. Ин хусусияти хос дар давраҳои баъдина низ ба назар

[16] Неолит (аз юнонии қадим: νέος - «нав» + . λίθος - «санг»), асри нави санг, давраи охирини асри санг мебошад.

мерасанд. Дар бошишгоҳи Пасочиқтеппаи ин маданият биное ёфт шуд, ки ба бинои ҷамъиятӣ шабоҳат дорад ва дар яке аз деворҳои он бо ранги сиёҳу сурх сурати даррандагону чаррандагон ва нақшҳои аҷоиб кашида шудааст. Ин яке аз қадимтарин деворнигораҳо мебошад.

Корҳои бостоншиносӣ доир ба усули кишт ва обёрии сокинони Ҷайтун низ маълумоти фаровон медиҳанд. Ҷайтуниҳо асосан бо бастани маҷрои об, кандани ҷӯйҳо ва сохтани палҳо оби дарёчаҳоро истифода мекарданд. Баробари зироату чорводорӣ сокинони Ҷайтун ба шикор низ машғул буданд. Аз бошишгоҳҳои ин маданият чандин муҷассамачаҳои гилии ҳайвонот ва одамро низ пайдо карданд, ки онҳоро бостоншиносон маъбадҳои қабилавӣ номиданд. Дар натиҷаи таҳлили осори бостоншиносӣ замони мавҷудияти маданияти Ҷайтунро ҳазорсолаи VI пеш аз милод муайян намудаанд;

2) Маданияти дигари неолитии Осиёи Миёна ин маданияти Калтаманор мебошад, ки он ҳудудҳои назди баҳри Арал ва воҳаҳои атрофи Бухороро фаро мегирад. Маданияти Калтаманор асосан маданияти шикорчиён ва моҳидорон буд. Калтаманориҳо дар охири марҳалаҳои тараққиёти худ ба ром кардани ҳайвонот ва азхудкардани зироатпарварӣ шурӯъ намуданд. Аз ҳафриёти Ҷонбозқалъаи ин маданият боқимондаҳои манзили калони мудаввари аз чӯбу қамиш сохта, ки то 100 нафар одам ҷой мегирифт ва аз қароргоҳи Ковати 7 манзили аз ин ҳам калонтар ёфт шуданд.

Хусусияти фарққунандаи маданияти Калтаманор дар сохтани олоти хурди сангичахмоқии меҳнат ва инкишофи техникаи коркарди он зоҳир меёбад. Ҳамчунин аз масканҳои қадима бисёр асбобҳои сафолӣ, аз ҷумла сафолҳои нақшунигордошта низ ёфт шуданд. Санаи мавҷудияти ин маданият ба ҳазораҳои IV–III пеш аз милод рост меояд;

3) Сеюмин маданияте, ки дар замони неолит ташаккул ва инкишоф ёфта буд, ин маданияти неолитии Ҳисор мебошад, ки бо номи «неолити кӯҳистон» низ маълум аст. Нахустин муҳаққиқи он А.П. Окладников ҷиҳатҳои фарққунандаи олоти сангии ин маданиятро, ки асосан аз асбобу абзори қайроқсангӣ иборат буд, хотирнишон намудааст. Хусусияти дигари фарққунандаи ин

маданият дар он аст, ки дар байни бозёфтҳои он асбоби сафолӣ умуман ба назар намерасад. Ба андешаи А.П. Окладников аҳли маданияти Ҳисор аввалин зироатпарварони кӯҳистон буда, дар ҳаёти онҳо шикор ва чорводорӣ низ мавқеи асосӣ доштааст.

Калонтарин осори ин маданият аз Тутқавул (соҳили чапи дарёи Вахш дар наздикии Норак) дарёфт гардидааст. Дар ин ҷо дар масоҳати калоне макони бисёртабақа ва пуросори неолитӣ ва чор табақаи сукунати одамон, боқимондаҳои оташдони нимдоираи аз санг чидашуда, инчунин «хоначаҳо»-и махсуси аз девораҳои чандқабатаи сангӣ биноёфта, 40 ҳазор маснуоти асри санг, аз ҷумла табарҳои хуби суфта, кордҳои тез, абзорҳои дастии хонагӣ: дарафш, парма, белча ва бисёр олоти сохту пардохти чӯб пайдо карда шуд. Бо усули радиокарбӣ муайян карданд, ки табақаи болоии мадании Ҳисор 5150±140 сол пеш аз милод вуҷуд доштааст.

Мадракҳои бостоншиносӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки Тутқавул маскани шикорчиён ва ғундорандагони неъматҳои табиӣ набуда, ҷойи зисти одамони нави ба шакли истеҳсолкунандаи хоҷагӣ гузашта мебошад. Иқтисодиёти сокинони қадимаи ин бошишгоҳ бештар ба марҳалаи «пайдоиши зироат ва чорводорӣ» наздик аст. Аммо дар хоҷагидории онҳо чорводорӣ низ мавқеи асосӣ доштааст. Дар байни устухонҳои ёфтшудаи ҳайвонот устухони буз ва гӯсфанди хонагӣ бештар ба назар мерасанд.

Бостоншиносон мавҷудияти маданияти Ҳисорро ба ҳазораҳои VI–III пеш аз милод мансуб медонанд. Ҳудуди паҳншавии маданияти неолитии Ҳисор ниҳоят васеъ буда, воҳаҳои асосии сарзамини имрӯзаи Тоҷикистонро фаро мегирад. Ин маданият на кам аз се ҳазор сол давом кардааст. Ёдгориҳои давраи аввали он аз Тутқавул, давраи миёна аз Кӯи Булёни Данғара ва давраи ахир аз Теппаи Ғозиёни Ҳисор ёфт шудаанд. Дар заминаи маводи зиёди бостоншиносӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар аҳди неолит одамон аз хоҷагии истеъмолӣ ба хоҷагии истеҳсолӣ гузашта, барои гузариш ба зинаи нави рушд, махсусан истеҳсоли филиз шароит фароҳам омадааст.

### Қадимтарин тасвирҳои рӯи санг

Тасвирҳои рӯи санг яке аз муҳимтарин сарчашма барои дарки тафаккури одамони ибтидоӣ, тасаввуроти онҳо доир ба муҳити

атроф, табиат ва шароити зист маҳсуб меёбад. Барои ҳамин муҳаққиқони таърихи бостон ба омӯзиши тасвирҳои рӯи санг бештар таваҷҷуҳ менамоянд. Дар ҳудуди Осиёи Миёна миқдори зиёди чунин тасвирҳо ёфт шудаанд, ки машҳуртарини онҳо тасвирҳои Саймалитош дар Фарғона ва Лангаркишт дар Помири Ғарбӣ мебошанд. Чунин тасвирҳои рӯисангӣ дар соҳилҳои дарёи Зарафшон ва шохобҳои он, дар силсилакӯҳи Қурама ва дигар маҳалҳо ба миқдори зиёд низ дарёфт шудаанд.

Танҳо дар ҳудуди Помир беш аз 50 мавзеи тасвирҳои рӯи санг ба қайд гирифта шудаанд. Қадимтарин онҳо дар Осиёи Миёна аз ғори Шахтаи Помир пайдо гардидаанд. Дар девори ғори Шахтаи Помир, ки дар баландии 4200 метр аз сатҳи баҳр воқеъ гардидааст, суратҳои бо ду ранг тасвиршуда боқӣ мондаанд. Дар он одамони дар зери қаноти паранда паноҳёфта, гуроз ва хирсҳо, ҳайвонҳои аз тири шикорчиён захмишуда тасвир шудаанд. Аз рӯйи сабки тасвир маълум аст, ки онҳо аз тасвирҳои Заравутсой (воқеъ дар Ӯзбекистони имрӯза) қадимтар буда, умри беш аз 8-5 ҳазорсола (мезолит ва ё давраҳои аввали неолит) доранд. Тасвирҳои дар наҳри Сариҷас ва Куртикисои назди мағоки Шахта ёфтшуда ба давраи неолит ва ё аввали асри биринҷӣ тааллуқ доранд.

Омӯзиши расмҳо нишон дод, ки одамони ибтидоӣ ҳар лаҳзаи ҳаёти худро дар рӯи сангҳо ва тахтасангҳои кӯҳӣ тасвир менамудаанд. Ин расмҳо нишон медиҳанд, ки одамони ибтидоӣ дар куҷо ва дар кадом ҳолат умр ба сар мебурдаанд. Ҳамин тавр, одамони ибтидоӣ тасаввуроти худро доир ба ҳаёти ҳаррӯзаи худ дар деворҳои ғорҳо ва дар рӯи сангҳо тасвир менамуданд. Аз ин рӯ, тасвирҳои рӯи санг барои фаҳмидани тарзи ҳаёти одамони ибтидоӣ ва ҷаҳонбинии онҳо ба олимон ёрии хуб мерасонанд.

## 3. АСРИ БИРИНҶӢ

### Гузариш ба сохти қавмии падарӣ

Асри биринҷӣ[17] муҳимтарин марҳалаи таърихи инсоният ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин давра дар ҳаёти одамон, сохти

[17] Биринҷӣ филизест, ки дар натиҷаи омехташавии хӯлаи мис ва қалъагӣ ба миён омада, аз мис ва қалъагӣ нисбатан сахттар ва устувортар аст. Аз ибтидо

иҷтимоии ҷомеа, қувваҳои истеҳсолкунанда тағйироти ҷиддӣ ба вуқуъ меояд. Ин пеш аз ҳама ба истихроҷ ва гудозиши маъдан, сохтани асбобҳои филизӣ, такмил ёфтани олоти меҳнат, истифодаи обёрии сунъӣ дар зироатпарварӣ вобастагӣ дорад. Дар ин марҳала қариб тамоми қавму қабилаҳои Осиёи Миёна ба тарзи хоҷагии истеҳсолкунанда мегузаранд. Масканҳои бузурги аҳолинишин ташкил меёбанд.

Марҳалаи аввали асри биринҷиро «энеолит» - «асри мису санг» меноманд, ки маҳз дар ҳамин давра дар баробари олоти сангӣ дар истеҳсолот асбобҳои мисӣ пайдо ва паҳн мегарданд. Энеолит дар ҷануби Туркманистони имрӯза ҳазораҳои IV–III пеш аз милодро дар бар гирифта, дар баъзе маҳалҳо то ҳазораи II пеш аз милод давом намудааст. Асри биринҷӣ бошад дар охирҳои ҳазораи III пеш аз милод пайдо гардида, мавҷудияти худро то асрҳои IX–VIII пеш аз милод нигоҳ доштааст.

Академик Бобоҷон Ғафуров дар заминаи сарчашмаҳои муътамади бостоншиносӣ дараҷаи баланди тараққиёти маданияти моддӣ ва маънавии сокинони Осиёи Миёнаро дар аҳди биринҷӣ тасвир намуда, нақши онҳоро дар пайванд намудани тамаддунҳои бузурги замон нишон медиҳад. Сокинони Осиёи Миёна дар байни тамаддуни шаҳрҳои Шарқи Наздику Миёна ва Ҳиндустон, аз як тараф, ва қабилаҳои Соҳили Волга, Қазоқистон, Сибир, Осиёи Марказӣ ва Хитой, аз тарафи дигар, ҳалқаи асоси пайвандкунанда гардида буданд. Вале олими дақиққор аз он изҳори норизоӣ менамояд, ки баъзе муҳаққиқони ғарбӣ аҳамият ва нақши тамаддуни замони биринҷии сокинони ин минтақаро ба таври ошкоро нодида мегиранд. Аз ҷумла, дар асари ҷиддии «Таърихи инсоният. Тараққиёти маданият ва илм», ки таҳти сарпарастии ЮНЕСКО нашр шудааст, роҷеъ ба маданияти аҳди биринҷии минтақа омадааст: «Хусусияти умумии он нисбатан сода аст, ин маданияти ҷамъиятест, ки на дар ягон ҷараёнгоҳи прогресс, балки яқинан дар «халиҷи кӯчаке» умр ба сар бурдааст». Осори таърихӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки чунин мулоҳизаҳо асоси илмӣ надоранд ва саҳми Осиёи Миёна дар ташккули маданияти

---

биринҷӣ барои сохтани олоти меҳнат, аслиҳа (табар, ханҷар ва сарнайза), ашёи зиннат, танга ва ойина истифода мешуд.

аҳди биринҷии Шарқ хеле барҷаста мебошад. Ба замми он, қабилаҳои эронизабону ҳиндузабон ба кишварҳои ҳамсояи Ҳиндустон, Афғонистон ва Эрон маҳз аз ҳудуди Осиёи Миёна рафтаанд.

### Қувваҳои истеҳсолкунанда

Дар ин зербоб академик Бобоҷон Ғафуров дар заминаи таҳлили мадракҳои таърихӣ ва натиҷаи корҳои бостоншиносӣ доир ба рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, пеш аз ҳама такмили олоти меҳнат ва техникаи коркарди он маълумот медиҳад. Гарчанде илм дар ихтиёри худ мадракҳои аниқ ва дақиқи раванди азхудкунии филизгудозии ибтидоиро надорад, вале мусаллам он аст, ки истифодаи филиз, бавижа биринҷӣ боиси таҳаввуллоти ҷиддӣ дар рӯзгор ва зиндагии одамон гардид. Дар аввал одамон филизи худрӯйро ҳамчун як навъи махсуси санг пиндошта, онро бо ҳамон усули коркарди олоти сангӣ барои истифода мувофиқ месохтанд. Вале, оҳиста-оҳиста гуногунии чунин сангҳои махсус, хусусияти ёзандагии он ҳангоми тасодуфан дар оташ афтодан, тасаввури одамонро нисбат ба онҳо тағйир дод. Ҳамин тавр, одамон истифодаи мис ва гудозиши онро ёд гирифтанд. Ин қадамҳои аввали саноати филизсозии ибтидоӣ буд ва бостоншиносон муайян карданд, ки ин ҷараён чандин ҳазор сол тӯл кашидааст.

Аз сабаби он ки олоти мисӣ мулоим буд ва зуд аз истифода берун мегардид, одамон тадриҷан ба он ҳамроҳ намудани қалъагӣ, баъзан рӯҳ (сурб), сурма ва марги мушро омӯхта, як навъи нави филиз - биринҷиро кашф карданд. Биринҷӣ бо баъзе бартариҳои худ, пеш аз ҳама хеле аз мис сахт буданаш барои истеҳсоли олоти рӯзгор мувофиқтар омад. Вале пайдо шудани олоти филизӣ, аз ҷумла биринҷӣ истифодаи олоти сангиро аз байн набурд ва танҳо ёд гирифтани истифодаи оҳан ба он хотима гузошт.

Бостоншиносон ҳангоми ҳафриёт осори конҳои зиёди мис, ки онҳо ҳанӯз дар аҳди биринҷӣ кашф ва истифода мешуданд, пайдо намуданд. Масалан, мисро аз конҳои Навкат дар Фарғона, кӯҳистони Чаткалу Қурама ва Буконтоғ истихроҷ менамуданд. Бо мурури замон одамон навъҳои дигари филизро бо роҳи гудозиш пайдо намуда, роҳҳои нав ва технологияи нисбатан мураккаби

истихроҷи мисро ёд гирифтанд. Маъдани қалъагиро дар Осиёи Миёна асосан аз кони Қарнаб, воқеъ дар самти ҷанубии водии Зарафшон истихроҷ менамуданд.

Шуғли асосии одамон-зироаткорӣ ва чорводорӣ, ки ҳанӯз дар замонҳои пеш пайдо шуда буданд, дар асри биринҷӣ ба соҳаҳои асосии хоҷагӣ табдил ёфтанд. Аммо аҳаммияти шикор ҳамчун шуғли асосӣ камтар гардид.

Таҳқиқоти бостоншиносии Осиёи Миёна, махсусан дар ҷануби Туркманистон осори зиёди кишоварзони асри биринҷиро ошкор намуд. Маълум шуд, ки зироаткорон дар аввал аз ҳодисаҳои табиӣ, обхезиҳо ва баланд шудани сатҳи оби дарёҳо истифода карда, бештар дар заминҳои лойқа кишт мекардаанд. Ҳангоми ковишҳои бостоншиносӣ осори нахустин иншооти обёрӣ пайдо гардид, ки ба ҳазораи IV пеш аз милод тааллуқ дорад ва қадимтарин иншоот дар тамоми Шарқи Пеш ба шумор меравад. Ин обанбори сунъии ғунҷоишаш 3,5 ҳазор метри мукааб ва каналҳои обёрии андаке дертар, дар байни ҳазораҳои IV–III пеш аз милод сохташуда мебошанд. Онҳо ба ҷӯю ҷӯйчаҳои зиёде тақсим шуда, қариб 150 гектар замини яке аз деҳкадаҳои ҷануби Туркманистони имрӯзаро обшор мекардаанд.

Одамони ибтидоӣ дар аввал асосан ҷави дуррада ва гандуми нарми зирадона кишт мекарданд ва баъдтар ҷавдор, нахӯд ва ангур низ ба қатори зироатҳои асосӣ дохил гардиданд. Одамон дар аввал барои ҷамъоварии маҳсулоти кишоварзӣ аз досҳои сангӣ ва баъди пайдо шудани маъдан аз досҳои мисӣ ва биринҷӣ истифода мебурданд. Тибқи мадракҳои бостоншиносӣ дар аҳди биринҷӣ ҳангоми шудгор ва киштукор одамон аз қувваи ҳайвонот, алалхусус аспу шутур низ истифода мебурдаанд. Рамаи чорпоён аксаран аз бузу гӯсфанд иборат буд.

Зироати обӣ дар байни қавму қабилаҳои дигар вилоятҳои Осиёи Миёна нисбатан дертар, дар охирҳои аҳди биринҷӣ пайдо шудааст. Аз ҷумла, мадракҳои бостоншиносӣ дар ҳазораи II пеш аз милод дар Хоразм мавҷуд будани каналҳои обёриро тасдиқ менамоянд. Аз эҳтимол дур нест, ки ин гуна каналҳо дар Фарғона ҳам буданд. Чорводорӣ дар хоҷагии ин вилоятҳо назар ба ҷануби Туркманистон ҳиссаи бештареро ташкил мекард.

Ҳамин тавр, дар асри биринҷӣ, баробари истихроҷи филиз, пайдоиши маъдангудозӣ, зироат ва чорводорӣ дигар навъҳои истеҳсолот, аз ҷумла кулолгарӣ низ хеле рушд карда буд.

**Вилоятҳои таърихию мадании Осиёи Миёна**

Академик Бобоҷон Ғафуров таърихи давраи асри биринҷии минтақаи Осиёи Миёнаро ҳаматарафа таҳлил намуда, ду вилояти калони таърихию мадании пешрафтаи онро ҷудо менамояд: 1) вилоёти ҷанубу ғарбӣ (ҷануби Туркманистони имрӯза); 2) вилоёти шимолу шарқӣ (вилоятҳои боқимондаи Осиёи Миёна). Ин вилоятҳо аз ҷиҳати рушди маданӣ аз ҳамдигар фарқи ҷиддӣ доштанд, вале робитаи байни онҳо қавӣ ва тӯлонӣ буд.

Маданияти вилоёти ҷанубу ғарбӣ (ҷануби Туркманистони имрӯза) бештар ҳамчун маданияти зироатпарварӣ рушд ёфтааст ва машҳууртарин осори он ҳамчун маданияти Анав маълум аст. Анавро бори нахуст кишваршиноси рус А.В.Комаров пайдо намуд ва баъдан солҳои 50-уми асри XX онро бостоншиноси амрикоӣ Р. Помпеллӣ ва бостоншиносони шуравӣ Б.А Литвинский, сипас Б.А. Куфтин ва В.М. Массон омӯхтаанд.

Дар ибтидои давраи энеолит маскани одамон аз як дар хона иборат буд. Дар марҳалаҳои минбаъдаи энеолит хонаҳои ҷамоатӣ ва дар атрофи онҳо деворҳои мудофиавӣ пайдо мешаванд. Бо мурури замон усули сохтмони масканҳо ва хонаҳо тағйир меёбад. Аллакай дар охири давраи энеолит масканҳои ниҳоят васеъ, манзилҳои серхона ва аввалин маҳаллаҳои иқоматӣ пайдо мешаванд. Дар давраи биринҷӣ масканҳои хурд ва миёна то 10 гектар ва деҳкадаҳои калони шаҳрмонанд то 70 гектар масоҳат доштанд. Яке аз чунин масканҳо Намозгоҳтеппа[18] мебошад, ки дар замони энеолит пайдо шуда, ғафсии қабатҳои мадании он то ба 34 метр мерасад. Ҳангоми гузаронидани ҳафриёт дар ин ҷо якчанд манзилгоҳҳои калон дарёфт шуданд, ки яке аз онҳо 27 хона дорад ва хонаҳо бо роҳравҳо ба якдигар пайваст мебошанд. Биноҳо асосан ба намуди росткунҷа ва мураббаъ, девори хонаҳо аз хиштҳои калони росткунҷа ва ба хубӣ андовашуда, ҳатто дар баъзе ҷойҳо гаҷкорӣ сохта шудаанд. Дар

---

[18] Намозготеппа боқимондаҳои як шаҳраки бузурги замони энеолит ва аввали асри биринҷӣ (ҳазораи V–II пеш аз милод) дар қаламрави Туркманистони имрӯза мебошад.

дохили хонаҳо чанд хел оташкада ва суфаҳо мавҷуданд. Аз баъзе мадракҳо маълум мешавад, ки як қисми хонаҳо боми гумбазшакл доштаанд. Осори пайдо карда шоҳидӣ медиҳанд, ки дар давраи энеолит ва биринҷӣ корҳои сохтмони меъморӣ дар вилоёти ҷануби Осиёи Миёна хеле рушд ёфтааст.

Асри биринҷӣ замони рушд ва пешрафти ҳунармандӣ буд, ҳунармандон аз мис мӯҳрчаву сӯзан, ханҷарҳои мисӣ ва дигар асбоби рӯзгор месохтанд. Аз санг ҳам дар баробари мис тамоми асбоби маишии зиндагиро месохтанд. Дар ин давра кулолгарӣ низ равнақ ёфта, кулолон аз зарфҳои хурди рӯзгор сар карда, то асбобҳои нафис ва зебои бо гулҳои рангоранг ороишёфтаи ғизохӯриро истеҳсол мекарданд. Дар зарфҳо баробари нақшаҳои ҳандасӣ, суратҳои мор, парранда, буз ва ғайра кашида шудаанд. Бофандагӣ низ ҳамчун як намуди ҳунармандӣ хеле тараққӣ мекунад.

Дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ тарҳи пурраи масканҳои асри биринҷӣ муайян карда шудаанд. Масалан, омӯзиши Намозгоҳтеппа нишон дод, ки дар маркази он майдони калон ва атрофи он пур аз ҳавлиҳо мебошад. Дар самти шарқии он иншооти динӣ ва дар самти шимолӣ хумдонҳои зиёде дарёфт шуданд. Биноҳои ёфташударо метавон ба се навъ ҷудо намуд: 1. биноҳои бисёрхона, ки дар онҳо аъзои як ҷамоаи сероила зиндагӣ мекарданд; 2. биноҳои бисёрхонае, ки дар онҳо чанд хона алоҳида-алоҳида ҷудо карда шуда, ғайр аз ин анборча ва ҳавличаю ошхона низ доранд; 3. биноҳои калоне, ки тарҳи амиқи муқаррарӣ дошта, вусъати онҳо аз 70 то 80 $м^2$ аст. Дар ин гуна биноҳо аъёну ашроф ва дар биноҳои ду навъи аввал намояндагони табақаҳои поёни ҷамъият зиндагӣ мекарданд. Дар қарибии биноҳои иқоматӣ дахмаҳои ҷамоатӣ воқеъ буданд; аз рӯи ҷиҳози дафн низ тақсимоти молумулкии ҷамъиятро равшан дидан мумкин аст. Дар ҳафриёти Намозгоҳ V иншооти диние ёфт шуд, ки бо шакли зина дар баландие сохта шудааст. Ҳамзамон дар шимолтари ин ҳафриёт хонаҳои мансуб ба гурӯҳи сеюми хонаҳо дарёфт гардид, ки онро бостоншиносон «кохи коҳин» номгузорӣ кардаанд. Аз ин маъбад асбоби гуногуни рӯзгор, ҳайкалчаҳои гуногунсохт, аз ҷумла ҳайкалчаҳои тиллоии сари гург ва барзагов, шаддаҳои лоҷувардӣ, фирӯзӣ, ақиқӣ ва тиллоӣ, инчунин устухонҳои зиёда аз 30 нафар одам дарёф гардидааст.

Дар заминаи бозёфтҳо бостоншиносон муайян намуданд, ки маҳз Олтинтеппа[19] макони рушдёфтаи маданияти асри биринҷии Анавро ифода мекунад. Ин маданият дар заминаи анъанаҳои фарҳангии маҳаллӣ ташаккул ёфта, баъдтар аз дастовардҳои мадании Байнаннаҳрайн баҳра бардошта, бо тамаддунҳои Фаластин, Сурия ва Осиёи Хурд қаробати наздик пайдо намудааст.

Масоҳати ёдгории Олтинтеппа, аз Намозгоҳ ҳаҷман хурд буда, ҳамагӣ 46 гектар мебошад. Маҳз ҳамин ёдгорӣ ба мо осори биноҳои азими Шарқи Қадим ва ҳунари мардуми он, мисли муҷассамаҳои бо хат ва аломати рамзӣ ороёфтаро расонидааст. Ҳамаи осори дар натиҷаи таҳқиқоти бостоншиносӣ дарёфтгардида, шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар асри биринҷӣ соҳаҳои гуногуни ҳунармандӣ ба дараҷаи баланди тараққиёти худ расида буд. Мо,- таъкид менамояд Б. Ғафуров,- инро аз бозёфтҳое, ки аз ёдгориҳои Намозгоҳ ва Олтинтеппа дарёфт гардидаанд, ба хубӣ дида метавонем.

Осори марҳалаҳои ахири асри биринҷӣ бештар дар Намозгоҳтеппа, ёдгориҳои дигари доманакӯҳҳои Купетдоғ ва воҳаи Марв маҳфуз мондаанд. Ҳафриёти бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки ҳанӯз дар давраи Намозгоҳ V қисми сокинони доманакӯҳҳои Купетдоғ ба соҳилҳои резишгоҳи Мурғоб кӯчидаанд. Зеро дар ин ҷо бисёр бошишгоҳҳои начандон калон (то 15 гектар) ёфт шудаанд, ки қад-қади маҷрои қадимии дарё ҷой гирифтаанд. Баъдтар, дар миёнаҳои ҳазораи II то милод ба резишгоҳи Мурғоб аз доманакӯҳҳо гурӯҳи дигари одамон омадаанд, ки маданияти онҳо ба маданияти Намозгоҳ VI тааллуқ дорад.

Маданияте, ки дар ҳудуди имрӯзаи Туркманистони Ҷанубӣ мавҷуд буд, яке аз рушдёфтатарин маданияти аҳди биринҷӣ ба ҳисоб мерафт. Қабилаҳое, ки дар Осиёи Миёна мезистанд аз тамаддунҳои бузурги Шарқи Қадим баҳра бардошта, дар пешрафти тамаддунҳои Ҳиндустон ва Мовароуннаҳр нақши муҳим гузоштаанд. Байни соҳибони ин тамаддун ва дигар вилоёти Осиёи Миёна, ки бештар бо номи қабилаҳои саҳронишини Евросиё ё «қабилаҳои доираи саҳро» маълум аст, робитаи ниҳоят

---

[19] Олтинтеппа як шаҳраки асри биринҷӣ (2300-1900 пеш аз милод), дар ҷанубу ғарби Туркманистони имрӯза кашф шудааст.

наздик мавҷуд буд. Дар нимаи дуюми ҳазораи II ва ибтидои ҳазораи I пеш аз милод гурӯҳҳои зиёди ин қабилаҳои саҳронишин аз шимол ба ҷануб рӯ овардаанд.

Осори дигари аҳди биринҷӣ аз маҳалҳои назди баҳри Арал пайдо гардид, ки маъмултарини он бо номи маданияти Тозабоғёб[20] машҳур аст. Тозабоғёбиҳо асосан дар заминканҳо зиндагӣ мекарданд. Аҳолӣ ба зироаткорӣ машғул буд ва чорводорӣ шуғли дуюми онҳо маҳсуб меёфт. Аз ин ҷо якчанд қабри одам ва микдори зиёди зарфҳои сафолии бо нақшҳои ҳаккокии ҳандасӣ ороишёфта дарёфт шуд. Бостоншиносон исбот намуданд, ки ин зарфҳои сафолӣ аз ҷиҳати ороиш ба маданияти Андрони Қазоқистони Ғарбӣ ва маданияти кандакории Соҳили Волга хеле монандӣ доранд.

Ғайр аз ин дар маҳалҳои назди баҳри Арал маданияти дигаре низ ёфт шуд, ки бо номи «Суюрғон» машҳур аст. Ба ақидаи муҳаққиқон, ин маданият бештар ба маданияти Анав мутааллиқ аст. Осори дигари аз ин минтақа дарёфтшуда, ки ба охири ҳазораи II пеш аз милод ё худ асрҳои аввали ҳазораи I пеш аз милод тааллуқ дорад, дар резишгоҳи Сирдарё, болои тали Тоғистон ҷойгир аст. Дар ин ҷо асосан мақбараҳои калони аз хишти хом ва сутунҳои чӯбӣ сохташуда бозёфт гардидаанд. Онҳо аз берун мудавваршакл (бо қутри 15 метра) ва аз дарун мураббаъшакл мебошанд. Деворҳои гилии онҳо ниҳоят ғафс буда, эҳтимол меравад, ки аз дарун бо як навъ қолин зинат ҳам медодаанд.

Дар поёноби дарёи Зарафшон дар ҳазорсолаи III ва нимаи аввали ҳазораи II пеш аз милод қабилаҳое зиндагӣ мекарданд, ки онҳоро бостоншиносон зомонбобоиҳо[21] номидаанд. Замонбобоиҳо дар хоначаҳои қамишии бо каҳгил андовашуда зиндагӣ мекарданд. Онҳо заминҳои ҳангоми обхезӣ зериобмондаро барои кишт васеъ истифода бурда, инчунин ба

---

[20] Маданияти Тозабоғёб дар нимаи дуюми ҳазораи II пеш аз милод дар минтақаи Хоразми қадим ташаккул ёфтааст. Сокинони ин маданият асосан ба чорводорӣ ва қисман ба зироаткорӣ машғул буданд.

[21] Замонбобо ёдгории нодири бостоншиносӣ дар қаламрави Ӯзбекистони имрӯза буда, деҳа ва қабристони чорводорони муқимӣ ва деҳқонони асри биринҷӣ дар охири ҳазорсолаи III - нимаи аввали ҳазораи II пеш аз милод мебошад.

парвариши чорво, шикор ва моҳидорӣ низ машғул мешуданд. Олоти меҳнати оҳо асосан аз кӯба, дос ва каланди сангӣ иборат буд. Осори Замонбобо бештар ба маданияти Калтаманор наздик аст ва дар он таъсири маданияти Анав низ мушоҳида мегардад. Каме баъдтар, тахминан дар миёнаҳои ҳазораи II пеш аз милод ба ин минтақа қабилаҳои аҳди биринҷии саҳронишин аз шимол ворид мегарданд.

Осори асри биринҷӣ дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза низ ба таври фаровон дарёфт шудааст. Аз ҷумла, табарҳои биринҷӣ аз деҳаи Ёрии Панҷакент, наздикии деҳаи Шаршари ноҳияи Куйбишев (ҳоло Абдураҳмони Ҷомӣ) ва Арақчини ноҳия Варзоб ёфт шуданд, ки ҳамаи онҳо ба ҳазораи III - аввали ҳзораи II пеш аз милод тааллуқ доранд. Як силсила ёдгориҳои дигари аҳди биринҷӣ дар шимол ва ҷануби ҷумҳурӣ низ пайдо гардидаанд, ки онҳо доир ба маданияти пешрафтаи сокинони ин минтақа дар ин давра маълумот медиҳанд[22].

Дар маҳалли биёбонии Қайроққуми соҳили Сирдарё шарқтар аз шаҳри Хуҷанд (он вақт Ленинобод) масканҳои аҳди биринҷӣ дарёфт ва таҳқиқ гардиданд. Масоҳати аксарияти ин масканҳо хурд буда, аз 0,1 то 3,0 гектарро ташкил медиҳанд, аммо дар байни онҳо бошишгоҳҳои хеле калон низ ҳастанд, ки қариб то 10 гектарро ташкил медиҳанд. Ҳар як маскан аз чанд бахш иборат мебошад. Машғулияти асосии сокинони ин маҳал асосан чорводорӣ будааст, зеро дар тамоми масканҳо бештар устухонҳои гӯсфанд, буз, гов ва асп дарёфт шуданд. Ёфт шудани ҳовану ос, ки барои ярма ва орд кардани ғалла истифода мешуданд, аз мавҷудияти зироатпарварӣ низ гувоҳӣ медиҳанд. Машғулияти дигари асосии қайроққумиҳо маъдангудозӣ будааст. Ҳангоми ҳафриёт бостоншиносон асбоби зиёди коркарди маъдан, пеш аз ҳама қолибҳои сангӣ барои рехтани метин ва табарҳои биринҷӣ,

[22] Яке аз ёдгориҳои қадимтарини давраи энеолит ва аввали асри биринҷии Осиёи Миёна Саразм мебошад, ки соли 1976 аз тарафи бостоншинос Абдуллоҷон Исҳоқов кашф гардида, дар замони Истиқол пурра омӯхта шудааст. Ин ёдгорӣ 31 июли соли 2010 ба Феҳристи мероси фарҳангии умумибашарии ЮНЕСКО дохил гардидааст. Дар вақти навиштани китоби «Тоҷикон» ин ёдгорӣ ба таври зарурӣ омӯхта нашуда буд, аз ин рӯ академик Бобоҷон Ғафуров мадракҳои онро истифода накардааст.

дажғолҳои аз гудозиши биринҷӣ боқимонда ёфтанд. Осори сафолии Қайроққум, ки бо истифодаи қолибҳои махсус истеҳсол мешуд, бештар ба олоти сафолии Тозабоғёб шабоҳат дорад. Дар Қайроққум ва инчунин деҳаи Даҳанаи ноҳияи Ашт қабрҳои одамони аҳди биринҷӣ низ дарёфт шуданд.

Таҳқиқи осори бозёфтшудаи маданияти Қайроққум муайян намуд, ки сокинони он як гурӯҳи калони қабилаҳои аҳди биринҷии саҳроӣ будаанд, ки он вақт дар баъзе ноҳияҳои водии Фарғона ва атрофи Тошканд сукунат доштанд. Ин қабилаҳо дар ҳудуди Ҳафтрӯд бо қабилаҳои андронии Қазоқистони Ҷанубӣ пайваст будаанд. Дар илми бостоншиноӣ осори ин минтақа бо номи «маданияти Қайроққум» маъмул аст. Қайроққумиҳо дар шимоли Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин дар ҳудуди ноҳияи Шаҳристон низ сукунат доштанд, ки осори онҳо аз қабатҳои болоии мағоки Оқтанга ёфт шудааст. Маданияти Чусти водии Фарғона, ки сокинони он ба зироатпарварӣ машғул буданд, низ ҳамсоли маданияти Қайроққум мебошад.

Бостоншиносон дар ҷануби Тоҷикистон, аз ҷумла дар поёноби дарёҳои Сурхоб, Вахш ва Кофаранихон қабристонҳои зиёде пайдо намуданд, ки дар онҳо осори маскани қабилаҳои саҳроии аҳди биринҷӣ маҳфуз мондаанд ва онҳо ба миёна ва нимаи дувуми ҳазораи II пеш аз милод тааллуқ доранд. Соҳибони ин маданият зарфҳои сафолии хеле хуб месохтаанд, ки олоти марҳалаҳои охирини Анавро ба хотир меоранд. Ҳамчунин аз рӯи маснуоти биринҷии ин маданият метавон равобити маҳалҳои ҷануб ва ғарбро муқаррар намуд. Вале маросими дафн, сохти қабр, сӯзондани мурда ва дигар нишонаҳои ин осор бештар бо доираи маданияти саҳроӣ алоқа доштани онҳоро нишон медиҳад. Бостоншиносон ин осорро ду ном - «маданияти Вашкент» ва ё «маданияти Вахш» гузоштаанд.

Ин осор ва бозёфтҳои Кучуктеппаю Сафолтеппаи Сурхондарё гувоҳӣ медиҳанд, ки дар охири ҳазораи III ва аввали ҳазораи II пеш аз милод дар вилоятҳои ҷануби шарқии Осиёи Миёна ҷамоатҳое ба вуҷуд меоянд, ки дорои хоҷагии тараққикардаи зироати ибтидоӣ буда, дар масканҳои мустаҳкам ва хуб иқомат мекардаанд. Дар ин самт ҳафриёти Сафолтеппа ҷолибтар мебошад. Сафолтеппа теппаи начандон калонест, ки қариб 3

гектар масоҳат дорад. Гирдогирди хонаҳои иқоматии ин бошишгохро се қатор деворҳои мудофиавӣ иҳота кардаанд. Биноҳои бошишгоҳ бисёрхона ва чанд бино ба ҳам пайваста мешуд, ки байни онҳо кӯчаву тангкӯчаҳо воқеъ буданд. Эҳтимол тамоми биноҳо аз рӯи нақшаи пешакӣ сохта шуда буданд. Осори сафолии он ба сафолҳои маданияти Анав шабоҳат дорад. Зарфҳои ба ҳамин осор монанд аз ноҳияи Регар (ҳоло Турсунзода) -и Тоҷикистон низ ёфт шуданд.

Бостоншиноси шинохта Б.А.Литвинский[23] хулоса менамояд, ки дар охири ҳазораи III ва аввали ҳазораи II пеш аз милод паҳншавии фаврии ойкуманҳои[24] қабилаҳои Анав ба амал омада, дар маҳалҳои шарқӣ ва ҷануби шарқӣ маскан мекунанд. Дар баъзе ҷойҳои нав онҳо тарзи зиндагии муқаррарии худро идома медиҳанд ва дар баъзе ҷойҳои дигар ба чорводорӣ шуғл варзида, ба зиндагонии ниммуқимӣ рӯ меоваранд. Қабристонҳои қадимаи ҷануби Тоҷикистон аз ҳаминҳо боқӣ мондаанд.

## Сохти ҷамъиятӣ

Яке аз масъалаҳои муҳимми асри биринҷӣ ин тасвири сохти ҷамъиятии он мебошад. Байни олимон ва мутахассисони ин марҳалаи таърихӣ доир ба ин масъала фикру ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Академик Бобоҷон Ғафуров ақида ва фарзияҳои гуногуни олимонро доир ба сохти ҷамъиятӣ мавриди таҳлил қарор дода, мулоҳиза ва андешаҳо доир ба таърихи қабилаҳои маданияти Анавро ҷолибтар ҳисобидааст. Ӯ менависад, ки аз ҷумла, В.М.Массон[25] сабаби асосии пайдо шудани хонаҳои бисёрҳуҷрагиро ба пайдоиши ҷамоати сероила алақаманд медонад. Дар ҳудуди ҳазораҳои IV–III пеш аз милод ба оилаҳои падаршоҳӣ гузаштани ҷамоатҳои сероилаи модаршоҳӣ ба амал

[23] Литвинский Борис Анатолевич (1923-2010) - бостоншиноси шинохтаи шӯравии Тоҷикистон, академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳаққиқи бисёре аз ёдгориҳои ҳудуди Тоҷикистон ва Осиёи Миёна.

[24] Ойкумен (экумен) - аз юнонии қадим οἰκουμένη, маънояш ҳудуди азхудкардашуда, маҳалли зист.

[25] Массон Вадим Михайлович (1929-2010) -бостоншиноси шинохтаи шӯравӣ ва Россия, муҳаққиқи ёдгориҳои зиёди ҳудуди Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон.

меояд. Ин гузариш пояи муҳимми иқтисодӣ дорад ва мутахассисон сабаби асосии онро дар тараққиёти чорводорӣ мебинанд. Чорводорӣ шуғли асосии мардон буд ва тамоми маҳсулоти барзиёд низ ба дасти мард мегузашт, зан танҳо дар истеъмоли он иштирок менамуд. Ҳамин буд, ки мавқеи зан нисбат ба мард паст гардид ва ҷамъият ба сохти падаршоҳӣ гузашт. Дар охири асри биринҷӣ нишонаҳои пайдоиши моликияти хусусӣ ба вуҷуд омад ва нишонаҳои аввалин шаҳрҳо ва ҳаёти шаҳрнишинӣ низ дар ҳамин давра ба вуҷуд омад.

## 4. ТАРКИБИ НАЖОДИИ АҲОЛИИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР АҲДИ БИРИНҶӢ. МАСЪАЛАИ ОРИЁӢ

### Умумияти ҳиндуэронӣ. Ориёиҳо

Академик Бобоҷон Ғафуров дар зербоби мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва калидии таърихи мардуми ориёитабор, аз ҷумла тоҷикон даст задааст. Ба миён гузоштани масъалаи умумияти ҳиндуэронӣ ва масъалаи ориёиҳо дар замони таълифи китоби «Тоҷикон» ҷасорат ва маҳорати баланди олимонаро талаб менамуд. Хушбахтона Бобоҷон Ғафуров тавонист дар заминаи таҳлилу ташхиси мадракҳо ва таҳқиқоти таърихӣ моҳирона ва олимона ин ду масъалаи нозукро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Воқеан, таҳқиқи равандҳои этникии аҳди биринҷии Осиёи Миёна барои комилан равшан намудани таърихи рушди минбаъдаи минтақа ва кишварҳои ҳамсоя, ки аз Ҳиндустон то Аврупои Ҷанубу Шарқӣ масоҳати бузургеро ишғол кардаанд, аҳаммияти махсусро соҳиб мебошад. Аммо, мавҷуд набудани манбаъҳои хаттӣ ва то ҳол ба як маъно шарҳу тавзеҳ наёфтани бозёфтҳои бостоншиносӣ боиси ба миён омадани мушкилиҳо дар омӯзиши таърихи этникии Осиёи Миёнаи асри биринҷӣ гардидааст. Бо вуҷуди ин, - таъкид менамояд академик Бобоҷон Ғафуров, - маълумоти мавҷуда доир ба аз оғози давраи таърих дар сарзамини Осиёи Миёна ва кишварҳои ҳамсоя сукунат доштани қавму тоифаҳои мухталиф, инчунин мадракҳои фаровони таърихию забоншиносӣ ва натиҷаи корҳои бостоншиносӣ имконият медиҳанд, ки чанд хулосаи муҳим ва ба ҳақиқат наздик пешниҳод гарданд.

Аввалан, маъхазҳои хаттии боэътимоди санаи таълифашон аниқ хабар медиҳанд, ки асрҳои VII–VI пеш аз милод дар ин сарзамин қавму тоифаҳои эронинажод - суғдиён, бохтариён, марғиёниҳо, хоразмиён, портҳо ва қабилаҳои гуногуни сакоӣ зиндагӣ мекарданд.

Баъдан, дар натиҷаи ҳафриёт ва бозёфтҳои ҷудогонаи бостоншиносӣ, ба дасти мо матнҳое расиданд, ки онҳо бо чандин забонҳои эронӣ навишта шудаанд ва ҳамин забонҳо дар давраи қадим ва аввали асрҳои миёна дар ҳудуди Осиёи Миёна ва кишварҳои ҳаммарзи он паҳн гардида буданд. Ин пеш аз ҳама забонҳои бохтарӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва хутану сакоӣ буданд, ки ба гурӯҳи забонҳои шарқиэронӣ дохил мешуданд. Осори забони хутану сакоӣ дар Туркистони Шарқӣ ёфт шудааст ва аз забонҳои ҳозираи эронӣ забони вахонӣ, ки ба гурӯҳи забонҳои помирӣ дохил мешавад, ба забони хутанӣ хеле наздик аст. Забони портӣ, ки низ яке аз забонҳои қадимаи Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт, гарчанде ба гурӯҳи забонҳои ғарбиэронӣ дохил мешуд, комилан дар зери таъсири забонҳои шарқиэронӣ қарор дошт. Маҳз дар нимаи аввали ҳазораи якуми пеш аз милод дар заминаи лаҳҷаҳои яке аз вилоятҳои Осиёи Миёна забони китоби муқаддаси зардуштӣ – «Авесто» ташаккул ёфтааст.

Дар илми забоншиносӣ ба гурӯҳи забонҳои эронӣ забони форсӣ (ба се марҳалаи маълуми рушди худ: форсии қадим, форсии миёна ва форсии нав), забонҳои тоҷикӣ, курдӣ, балуҷӣ ва дигар забонҳои ғарбиэронӣ, забонҳои афғонӣ (пашту), осетӣ, помирӣ ва дигар забону лаҳҷаҳои шарқиэронӣ дохил менамоянд. Дар навбати худ забонҳои эронӣ ба гурӯҳи забонҳои ҳиндӣ ё забонҳои ҳиндуориёӣ робитаи наздик доранд. Забони ҳиндуориёӣ ҳамон забонҳои Ҳиндустон аст, ки аз забонҳои ғайриҳиндуаврупоии ин кишвар, аз қабили дравидӣ ва мунда фарқ мекунанд.

Барои ҳамин забонҳои эронӣ якҷоя бо забонҳои ҳиндуориёӣ шохаи ҳиндуэронӣ, ё худ ориёии оилаи забонҳои ҳиндуаврупоиро ташкил медиҳанд. Ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ҳамчунин забонҳои славянӣ, германӣ, келтӣ, романӣ, юнонӣ, арманӣ ва як қатор забонҳои дигар низ дохил мешаванд. Наздикии ҳамаи ин забонҳо ба ҳамдигар, ки хусусан дар замонҳои қадим ва қисман

имрӯз ҳам мушоҳида мешавад, аз ибтидо ба як оила тааллуқ доштани онҳоро нишон медиҳад.

Илмҳои муосир маҳалли ташаккули ин оилаи забонҳоро дар замонҳои хеле қадим ба ин ва ё он ноҳияи минтақаи байни Аврупои Марказӣ ва Балкан дар ғарб ва даштҳои паҳноварн Авруосиё дар шарқ нисбат медиҳанд. Албатта, дар ибтидо ин забонҳо ба шакли лаҳҷаҳои гуногун мавҷуд буданд ва соҳибони онҳо дар хиттаи васеъ зиндагонӣ мекардаанд, вале бо ҳам робитаи бисёр наздик доштаанд. Баъдтар ин лаҳҷаҳо ба худ шакли муайян мегиранд ва ба ташаккули забонҳои «таърихии» ҳиндуаврупоӣ (юнонӣ, славянӣ, германӣ ва ғайра) асос мегузоранд. Забонҳои ҳиндуориёӣ ва эронӣ дар ибтидо як гурӯҳи воҳиди забониро ташкил мекарданд ва онҳо маҳз бо ҳамин аз пешгузаштагони дигар гурӯҳҳои забонҳои «таърихии» ҳиндуаврупоӣ тафовут доранд.

Пайвастагӣ ва решаи ягона доштани гузаштагони тоифаҳои эронӣ ва ҳиндуориёиро, пеш аз ҳама, наздикии забонҳои онҳо нишон медиҳад. Омӯзиш ва муқоисаи забонҳои гуногуни эронӣ ва ҳиндуориёӣ, алалхусус забонҳои авестоию форсии қадим, аз як тараф, ва ведию санскрит, аз тарафи дигар, метавонад ба таври равшан ошкор созад, ки забонҳои эронӣ ва ҳиндуориёӣ дар замонҳои қадим ҳам аз ҷиҳати сохти грамма-тикӣ ва ҳам аз ҷиҳати захираи асосии луғавӣ, то чӣ андоза умуммият доштаанд. Барои намуна аз ин забонҳо бисёр калимаҳоро овардан мумкин аст, ки онҳо дар сохт ва маъно аз ҳам фарқе надоранд ва тафовут танҳо дар баъзе хусусиятҳои фонетикии онҳо мушоҳида мешавад. Масалан: об дар забонҳои эронии қадим *ап*, дар ҳиндии қадим ҳам *ап*; замин, мутобиқан *буми* ва *бҳуми*; бод – *вата* ва *вата*; тан – *тану* ва *тану*; даст – *заста* (ё даста) ва *ҳаста*; калима, овоз – *ваҷаҳ* ва *вачас*; ном – *наман* ва *наман*; либос –*вастра* ва *вастра*; падар – *питар* ва *питар*; бародар – *братар* ва *бҳаратар*; андар – *антар*; ду – *два* ва *два*; чаҳор – *чатвар* ва *чатвар*; панҷ – *панча* ва *панча*, ҳафт – *ҳапта* ва *сапта*; ҳашт – *ашта* ва *ҳашта*; даҳ– *даса* ва *даша*, дувоздаҳ – *двадаса* ва *двадаша*; сад– *сата* ва *шата* ва амсоли инҳо. Миқдори ин калимаҳо имрӯз низ бо баъзе тағйироти овозӣ (фонетикӣ) дар забонҳои муосири эронӣ истифода мешаванд. Масалан, дар забони муосири тоҷикӣ калимаҳои *об, бод, тан, даст, ном, падар, бародар, андар, ду, чаҳор, панҷ, ҳафт, сад* ва ғайра

имрӯз низ истифода мешаванд. Монандии устувор байни ин забонҳо дар имло (грамматика) ва низоми тасриф, аз ҷумла тасрифи феъл низ ба назар мерасанд.

Ҳамин тавр, далелҳои овардашуда гувоҳӣ медиҳанд, ки забонҳои ҳиндӣ ва эронӣ аз як мабдаи забонӣ ба вуҷуд омадаанд ва асосҳои сохти имлоӣ (грамматикӣ) ва луғавии худро аз он мерос гирифтаанд. Баъдан, бо мурури замон дар заминаи забонҳои қадимаи эронӣ (ва ҳамчунин ҳиндуориёӣ) забонҳои нави мустақил ташаккул меёбанд, ки ба ақидаи забоншиносон онҳо назар ба забонҳои қадима аз якдигар тафовути бештар доранд.

Умумияти дигаре, ки миёни ҳиндуён ва эрониёни қадим дида мешавад, дар ҳамрангӣ ва шабоҳати зиёди дину мазҳаб, ҷаҳонбинии ҳамосиву асотирӣ, қиссаву достонҳо мушоҳида мешавад. Мо инро метавонем дар қиёси осори ба мо расидаи порчаҳои китобҳои муқаддаси «Авесто» ва «Ведаҳо» мушоҳида намоем, ки умумияти забон ва осори динию ҳамосӣ доштаи ин мардумонро нишон медиҳад. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки расму оин ва урфу одатҳои ин мардумон аз қадимулайём бо ҳам хеле наздик ва монанд будаанд. Махсусан, онҳо дар парастиши оташ, омодасозии нӯшобаи муқаддаси *хавма* (ба ҳиндӣ *сома*), эътиқод ба сухани ҳакимона ва сеҳромези *мантра* аз якдигар қариб ҳеҷ тафовуте надоштаанд. Номҳои зиёди худоён ва қаҳрамонон, ки ҳам эрониёни бостон ва ҳам ҳиндуёни қадим онҳоро гиромӣ медоштанд ва дар китобҳои динию ҳамосии худ ситоиш мекарданд, дар ҳарду забон як будааст. Масалан, *Митра* – яке аз худоҳои асосии ҳарду тоифаҳои қадима, *Вайу* -худои боду чанг ва *Вата*- дигар худои бодро ҳар ду тоифа баробар мепарастиданд. *Йима* - подшоҳ ва қаҳрамони авестоӣ, писари қаҳрамони меҳрсон *Виваҳвонт* бо қаҳрамони ведӣ – *Йама*, писари *Вивасвонт* як чеҳра маҳсуб меёбанд. Баъзе мафҳумҳои динӣ, аз ҷумла *«арта»* ба маънии *«ҳақиқат»* ва *«адлу инсоф»*, ки низоми ҷаҳонбинии динӣ ва умуман тасаввуроти ниёконро муайян мекард ва марбут ба худоҳо *асура Варунаи ригведӣ* ва *Аҳура Маздои авастоӣ* буданд, барои ҳам эрониён ва ҳам ҳиндувон як будааст. *Асура* ва *Аҳура* ҳар ду маънии *«соҳиб»* ва *«ҳукмрон»*-ро ифода менамоянд. Ҳатто тасаввуроти ин қавму тоифаҳои аҳди қадим

доир ба пайдоиши олам низ ба ҳам хеле наздиканд. Дар байни ҳиндувон ва эрониёни қадим доир ба се қабати коинот – осмон, фазо (байни замину осмон) ва замин сухан меравад, ки нишонаҳои ҳар як қабат ва худоёни онҳо монанди ҳамдигаранд. Таърихшиносон ва муҳаққиқони таърихи тамаддуни қадим бисёр қиссаву асотирҳои ба ҳам монанди ин қавмҳоро пайдо намудаанд. Масалан, ба андешаи муҳаққиқи шинохтаи шӯравӣ, мардумшинос М.С. Андреев[26] асотири *Падар - Осмон* ва *Модар – Замин*, «ду волидаи бузург»-и «Ригведа» то имрӯз дар тасаввуроти тоҷикон боқӣ мондааст. Масалан, дар Язғулом осмонро ҳоло ҳам *дед* – падар, заминро *нан* - модар меноманд ва фаслҳои солро ба мардона (тирамоҳу зимистон – айёми боришот) ва занона (баҳору тобистон - айёми бороварӣ) ҷудо мекунанд. Чунин тасаввурот дар «Ригведа» ҷой дорад, ки Замин ҳамчун Модар ва Осмон ҳамчун Падар чун ҷуфти ҷудонашаванда тасвир ёфтаанд. Чунин падидаҳои ба ҳам монанди тасаввурот ва эътиқодро дар осори қадимаи дигар халқҳои ҳиндуаврупоӣ ва ҳиндуэронӣ низ мушоҳида карда мешаванд. Эътиқоди тоҷикони муқими кӯҳистон доир ба бузи кӯҳӣ, ки имрӯз низ мавҷуд аст, дар байни дигар халқҳо, аз ҷумла мардуми дардӣ[27] низ боқӣ мондааст.

Наздикӣ ва монандии томро метавон дар риштаҳои иқтисодиёт, тарзи зиндагӣ, ташкили ҷамъият ва сохти иҷтимоию сиёсии мерос ва анъанаҳои умумии қавму тоифаҳои ҳиндуориёӣ ва эронӣ низ пайдо намуд. Таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки тарзи зиндагии аҷдоди тоифаҳои ҳиндуориёӣ ва эронӣ дар аҳди қадим ба ҳам монанд будааст. Онҳо зиндагии якхелаи муқимӣ ё ниммуқимӣ дошта, ба чорводорӣ ва зироатпарварӣ машғул будаанд. Бояд қайд кард, ки асосан кишоварзӣ соҳаи доимии хоҷагидории ориёиҳои қадим буд, вале чорводорӣ низ шуғли муҳим маҳсуб меёфт ва чорво ҳамчун ченаки асосии сарвату

---

[26] Андреев Михаил Степанович (1873-1948) – шарқшинос ва мардумшиноси шинохтаи рус ва шӯравӣ, муҳаққиқи таъриху фарҳанги халқҳои Осиёи Миёна, махсусан тоҷикон ва яке аз бунёдгузорони мактаби мардумшиносии тоҷик.

[27] Дардиҳо –қавму тоифаҳои ориёӣ ё ҳидуэронӣ, ки аз замонҳои қадим дар минтақаи Ҳиндукушу Ҳимолой сукунат доштанд. Имрӯз тақрибан 5,5 миллион намояндагони ин халқ дар Ҷамму Кашмир ва Ладакхи Ҳиндустон, шимолии Покистон ва шимолу шарқи Афғонистон зиндагӣ менамоянд.

неъмат ба ҳисоб мерафт. Барои ҳамин калимаҳои зиёди ба ҳам монанд дар забонҳои қадими эронӣ ва ҳиндӣ, ки номи ҳайвоноти хонагӣ, ғалладона, олоти меҳнат ва киштукорро ифода мекунанд, мавҷуд мебошанд. Масалан: *гав* ва *гав* – гов; *аспа* ва *ашва* – асп; *уштра* ва *уштра* – уштур; *қаршӣ* ва *кршӣ* – ҷӯяк ва шудгор; *йава* ва *йава* – ғалладона.

Дар замонҳои қадим, ки онро «аҳди ориёӣ» низ мегӯянд, аҷдоди ҳиндӣ ва ориёӣ аз маъдан ва тарзи коркарди он ба хубӣ огоҳ будаанд. Дар забонҳои эронӣ ва ҳиндӣ як қатор номҳои филиз, ки ба ҳам хеле наздиканд боқӣ мондаанд. Масалан: қабили *айах* (эронӣ) ва *айас* (ҳиндӣ) – умуман филиз ё худ мис, биринҷӣ, дертар оҳан; *заранья* ё *даранья* (эронӣ) ва *хиранья* (ҳиндӣ)– тилло; *аршата* (эронӣ) ва *раҷата* (ҳиндӣ)- нуқра ва ғайра. Ҳамин тавр олоти меҳнат, аз ҷумла олоти филизӣ, силоҳи ҷангӣ ба мисли найза ва камон низ номи якхела доштаанд. Масалан, дучархаҳои ҳарбӣ ба эронӣ *рата* ва ба ҳиндӣ *ратҳ* будааст. Дар ташкили низоми ҳарбӣ ва усули ҷангии онҳо низ монандиҳои зиёд мушоҳида мешуданд.

Монандӣ ва пайвастагии хеле наздикро дар сохтори ташкилоти хонаводагӣ, қавмӣ ва қабилавии ҷомеаи қадим, урфу одат ва номгузории онҳо низ метавон мушоҳида намуд. Масалан, хонавода, деҳа, ҷамоа ба эронӣ *вис* ва ба ҳиндӣ *виш* номида мешуд. Таҳлилҳои луғавӣ ва муқоисаи анъанаҳо ошкор менамоянд, ки оилаву хонаводаҳои ориёӣ хеле барвақт дар асоси усули падаршоҳӣ ташаккул ёфта будаанд. Муҳимтарин гурӯҳи ҷамоаи ориёӣ гурӯҳи дар заминаи хешутаборӣ ва аслу насаб аз тарафи мард ташаккул ёфта буд, ки аъзоёни оилаи ин хонадонро муттаҳид менамуд. Дар навбати худ як чанд чунин гурӯҳ муттаҳид шуда, воҳиди бузургтари ҷомеа - қавм (ҷамоа) ва ё қабила (иттиҳодияи ҷамоа)-ро ташкил медоданд. Дар ҷамоаи эрониён ва ҳиндувони қадим аъзоёни гурӯҳи хешутабор соҳиби ҳуқуқи якхела ва вазифаҳои молумулкию мазҳабӣ буданд. Дар Ҳиндустон чунин гурӯҳро *«готра»* (ба ориёӣ *гавтра*) ва дар Эронзамин ба форсии миёна *гӯҳр, гӯҳрак* (аз калимаи эронии қадим *гавтра*) меномиданд.

Муносибатҳои иҷтимоии дохилиҷамоавӣ ниҳоят мураккабу печдарпеч буданд. Ҳамаи қишрҳои ҷамоа ҳуқуқи баробар надоштанд, баъзе гурӯҳҳо дорои ҳуқуқи камтар ва баъзеи онҳо

гурӯҳҳои тобеъ маҳсуб меёфтанд. Аҳолии озод ва комилҳуқуқ ба се гурӯҳ тақсим мешуд: коҳинон (рӯҳониён), ашрофи ҳарбӣ ва одамони озоди комилҳуқуқи ҷамоа, ки чорводорону барзгарон буданд. Маълумоти пурра доир ба сохтори дохили ҷамоа ва таркиби иҷтимоии онро ба мо «Ригведа» ва қадимтарин бахшҳои «Авесто», инчунин осори ҳамосии дигар қавмҳои ориёӣ, аз ҷумла, скифҳо ва осетинҳо пешниҳод менамоянд. Дар анъанаҳои қадимаи ҳиндуориёӣ пайдоиш ва мақоми ҳар як гурӯҳ ба яке аз табақаҳои коинот пайваст буд. Аз ҷумла, коҳинон бо осмон, ашрофи ҳарбӣ бо фазо (байни замину осмон), яъне муҳити худои ҷанг ва аҳли озоди ҷамоа бо замин пайваст дониста мешуданд. Вобаста ба чунин тасаввурот ҳар як табақа ранги муайянеро ба худ гирифта буд: коҳинон ранги сафед, ашрофи ҳарбӣ - ранги сурх. Ҳатто номи қишрҳои иҷтимоии ҷомеа низ аз ҳамин ранг шакл гирифтааст: ба ҳиндӣ - *варна* ва ба эронӣ - *пиштра* (маънии ҳар ду «ранг» аст).

Ашрофони ҳарбӣ мақому манзалати хосро соҳиб буданд ва дар сарчашмаҳои таърихии аҳди қадим онҳо ҳамчун ҷанговарони дучархасавор тавсиф шудаанд. Ба авестоӣ онҳоро *ратайштар* - айнан «дар дучарха ростистода» ва ба ҳиндӣ - *ратхештҳа* меномиданд. Дар забони ҳиндӣ онҳоро ҳамчун қишр (варн) - *кшатрийа* ва ба эронӣ гоҳо *хшатря* ва ё *хшатра* низ меномиданд. Дучархаҳои ҷангӣ – ба ҳиндӣ *ратха* ва ба эронӣ *–рата* номида мешуданд ва истифодаи онҳо аз пешрафти касбу ҳунар ва истифодаи фаъоли филиз гувоҳӣ медиҳад.

Қабилаҳои ориёиро пешвоён ё худ «подшоҳон», ки аз байни ашрофи ҳарбӣ таъийн мешуданд, сарварӣ мекарданд. Онҳоро ба забони эронии қадим *хшай* (ки калимаи «шоҳ» аз он баромадааст) ва ҳиндии қадим *кшай* (ҳукм рондан, ҳукмфармо) меномиданд. Калимаи эронии *хшатра* ва ҳиндии *кшатра*, ки низ маънии ҳокимият, ҳукмронӣ, подшоҳиро дорад ва ифодакунандаи маънии сарварро соҳиб мебошад.

Масъалаи ниҳоят муҳимми дигар ин номи қавму тоифаҳои қадими эронию ҳиндӣ мебошад. Дар сарчашмаҳои таърихӣ, махсусан матнҳои қадими эронӣ ва ҳиндӣ онҳо бештар бо номи умумии «*ориёӣ*» ишора мешаванд. Дар адабиёти илмӣ маънии аввалаи ин вожа ба шакли «наҷиб», «озод» шарҳ ёфтааст. Номи «Эрон»-и имрӯза низ аз ҳамин вожа, аз шакли қадимии «Арянам»

(«Кишвари ориёно») пайдо шудааст. Дар заминаи ҳамин вожаи «ориёӣ» номҳои зиёди дигар, аз ҷумла, «Арьяварта»-и ҳиндӣ («Кишвари ориёно»), яъне шимолии Ҳиндустони имрӯза, ки яке аз қадимтарин маркази қабилаҳои ориёӣ аст, истилоҳи авестоии «Аирянам вайҷаҳ» («Паҳнои ориёно») - диёри афсонавии ориёӣ пайдо шудаанд. Номи як қатор қабилаҳо, аз ҷумла қабилаи мидии *аризонтҳо* (айнан «қабилаи ориён»), қабилаи сармати *орӣ*, иттиҳодияи қабилавии *аллонҳо* (номи аслии осетинҳо) низ аз ҳамин ном реша доранд.

Ба ин тартиб, маълумотҳои забонҳои ҳиндӣ ва эронӣ аз пайдоиши онҳо аз як сарчашмаи муштарак, шабоҳати наздик дар дину фарҳанг, сохти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, иқтисод ва тарзи зиндагии қабилаҳои эрониву ҳиндӣ дар ибтидои таърихи хаттии онҳо ишора карда, аз умумияти муштараки онҳо дар «давраи ориёӣ» шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, ягонагии ҳиндуёни бостон ва эрониёни қадим на танҳо як падидаи забонӣ аст, балки ваҳдати воқеии таърихист, ки дар як давраи муайян ва дар як сарзамин мавҷудияти худро нигоҳ доштааст. Баъдан, бо мурури вақт ва рушди хоҷагиву иҷтимоӣ паҳншавии мардуми ориёитабор ба дигар заминҳо ба вуқуъ омада, сабаби ба эрониён ва ҳиндуориёиҳо ҷудо шудани онҳо гардидааст.

## Роҳҳои асосии паҳншавии тоифаҳои ҳиндуэронӣ ва комплексҳои археологии Осиёи Миёна

Зербоби мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами таърихи қадими халқи тоҷик, пайдоиш, макони аслии зист ва роҳҳои асосии паҳн шудани қавму тоифаҳои ҳиндуэронӣ ва ориёӣ бахшида шудааст. Дар байни олимон, махсусан муҳаққиқони таърихи қадим доир ба масъалаи мазкур ақидаҳои гуногун ҷой доранд. Академик Бобоҷон Ғафуров ба хотири тасвири комили ин масъала дар заминаи сарчашмаҳои амиқи таърихӣ ва осори хаттӣ, таҳқиқоти шарқшиносони шинохта, осори бостоншиносӣ ҳар як фарзия ва ақидаи дар илм мавҷуд бударо мавриди таҳлил қарор додааст. Олими нуктасанҷ бартарӣ ва норасоии пайравони ҳар як фарзия ва ақидаро дар тарозуи илм гузошта, бо далелу таҳлили воқеии илмӣ андешаҳои худро манзур намудааст.

Аз ҷумла, Бобоҷон Ғафуров таъкид менамояд, ки доир ба ҳудуди аслии сукунати тоифаҳои ҳиндуэронӣ то замони аз ҳам ҷудо шудан, омилҳову роҳҳои кӯчидани онҳо аз маҳалҳои аслии худ андешаҳои мухталифи илмӣ мавҷуданд. Вале, ақидаи маъмул ва ба воқеият наздик ин аст, ки аҷдоди тоифаҳои гуногуни ҳиндуэронӣ то замони азҳамҷудошавӣ дар сарзамини Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамҳудуди он зиндагӣ менамуданд. Баъдан, тақрибан дар миёнаҳои ҳазораи II пеш аз милод як гурӯҳи ҳиндуориёӣ ба самти Ҳиндустони имрӯза, гурӯҳи дигар ба тарафи Осиёи Пеш ҳаракат намудаанд. Аз ин осори зиёди нутқ ва ва фарҳанги аз онҳо боқӣ монда шаҳодат медиҳанд. Ҳамчунин тоифаҳои эронӣ, аҷдоди мидиҳо, форсҳо ва ғайра ба самти Эрони Ғарбӣ ҳаракат карда, дар он ҷо сукунат ихтиёр намудаанд. Ин нуқтаи назарро аксарияти муаррихон, эроншиносон ва забоншиносон, аз ҷумла В.Гейгер, Эд. Мейер, В.В. Бартолд, Э.Хертсфелд, А.Кристенсен, Э.Бенвенист, Х.Камерон, Г.А.Меликишвили, И.М. Оранский, И. Алиев, Р. Фрай ва дигарон ҷонибдорӣ менамоянд. Ин ақида дар байни бостоншиносон низ тарафдорони зиёдро соҳиб аст. Бостоншиносони шинохтаи шӯравӣ, аз ҷумла А.Н.Бернштам, С.П. Толстов, М.А. Итина, Ю.А. Заднепровский, Е.Е. Кузмина, А.М. Манделштам ва дигарон ориёиҳо ва эрониҳоро аҳли маданияти андронӣ ва ё даштии Осиёи Миёнаи аҳди биринҷӣ мешуморанд. Ба андешаи гурӯҳи дигари бостоншиносон, аз ҷумла С.П.Толстов, В.М.Массон, И.М.Дяконов, Ю.В.Ганковский ва дигарон аҳолии зироаткори ҷанубу ғарбии Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳаммарзи Эрону Афғонистони имрӯза низ ҳанӯз аз ҳазораи III пеш аз милод ва ё аз нимаи дувуми он мансуб ба қавми ориёӣ буданд.

Инчунин ақидаҳои дигар низ ҷой доранд. Масалан, бархе аз муҳаққиқон, пеш аз ҳама Г.Хюсинг, Ф.Кениг, Р.Гиршман, Э.А. Грантовский дар он андешааанд, ки аҷдоди мидиҳо, форсҳо ва дигар халқҳои ғарбиэронӣ ба Эрони имрӯза на аз Осиёи Миёна, балки аз шимол ба воситаи Кавказ ворид шудаанд. Онҳо тахмин мекунанд, ки дар ҳазораи II пеш аз милод тоифаҳои эронӣ ё қисми онҳо дар ҷанубу шарқи Аврупо ва бахши дигари онҳо он замон дар Осиёи Миёна ва ноҳияҳои шимолии ҳамсояи он зиндагӣ мекардаанд. Ба Ҳиндустон бошад гузаштагони ҳиндуориёӣ маҳз аз

Осиёи Миёна рафтаанд. Аммо олимони дигар, ба монанди Ф.Алтхайм, К.Йеттмар даъво ба он доранд, ки гӯё тоифаҳои эронӣ аз тарафи Кавказ ба Эрони имрӯза омада, сипас, аз ҳамин ҷо ба маҳалҳои ҷануби назди Урал ва дигар вилоятҳои Осиёи Миёна рафтаанд. Ҳамзамон, баъзе олимон дигар низ гурӯҳи ориёиҳои дар ҳазораи II пеш аз милод ба Осиёи Пеш рафтаро ҳам аксар вақт аз тарафи Кавказ меҳисобанд.

Бо вуҷуди чунин андешаҳо, ақидаи он ки дигар тоифаҳои ориёӣ, аҷдоди эрониҳо ва ҳиндуориёиҳо, то замони ба дигар кишварҳо кӯчиданашон, дар Осиёи Миёна ва маҳалҳои ҳамсояи он якҷоя мезистаанд, аз ҷониби аксарияти олимон ғолибан таъкид меёбад. Олимон ба Ҳиндустон рафтани аҷдоди ҳиндуориёиҳоро ба нимаи дуюм ё асрҳои охири ҳазораи II пеш аз милод нисбат медиҳанд. Бо тахмини мутахассисон санаи таълифи китоби муқаддаси «Ригведа» қарибии асрҳои XII-X пеш аз милод мебошад. Аз ҷумла, Р.Хаушилд ақида дорад, ки аҷдоди ҳиндуориёиҳо то ба Ҳиндустон рафтани худ вақти дуру дароз дар Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамҳудуди Афғонистони имрӯза якҷоя бо ниёгони як қатор тоифаҳои эронӣ, аз ҷумла «авестоиҳо» зиндагонӣ мекардаанд.

Тарафдорони ақидаи бо роҳи Кавказ ба Осиёи Пеш рафтани ориёиҳо ба хулосае омадаанд, ки маҳз ҳаминҳо ниёгони ориёиҳои Ҳиндустон буда, қарибиҳои асри XII пеш аз милод роҳи Ҳиндустонро пеш гирифтаанд. Қазияи дигаре низ ҷой дорад, ки гӯё мадракҳои бостоншиносӣ дар асрҳои охири ҳазораи II пеш аз милод, тақрибан асрҳои XII-X пеш аз милод аз Осиёи Пеш ва Моварои Кавказ ба воситаи Эрон ба тарафи Ҳиндустон ҳаракат кардани аҷдоди ориёиҳои ведиро гувоҳӣ медиҳанд.

Аммо муҳаққиқоне низ ҳастанд, ки вобаста ба таърихгузории пешинаи «Ригведа», ки онро ба давраҳои қабл аз ҳазораи II пеш аз милод нисбат медоданд, сокиншавии тоифаҳои ориёиро ба Ҳиндустон ба замонҳои қадимтарин, яъне ба ҳазораи III пеш аз милод мансуб медонанд. Тарафдорони ин ақида асосан баъзе олимони ҳиндустонӣ мебошанд. «Ригведа», ёдгории қадимаи адабиёти динии ориёӣ буда, тақрибан дар ҳудуди Панҷоб ва саргаҳи Ҷамнаву Гангаи Ҳиндустон ба вуҷуд омадааст. Ин гумонро кашф шудани маданияти Хараппа - Моҳенҷо-Доро дар

водии Ҳинд ва ноҳияҳои атрофи он, ки дар нимаи дувуми ҳазораи III ва асрҳои аввали ҳазораи II пеш аз милод вуҷуд доштааст ва ин маданияти ориёиҳо мебошад, тақвият мебахшад. Вале баробари он гумони дигаре низ ҷой дорад, ки гӯё «Ригведа» аз маданияти Хараппа ҳам қадимтар мебошад.

Ҳамин тариқ, таъкид менамояд академик Бобоҷон Ғафуров, мо дар бораи сарзамини ибтидоии қабилаҳои ориёӣ, замон ва роҳҳои ҳаракати онҳо аз як кишвар ба кишвари дигар ба ақидаҳои гуногун дучор мешавем. Аммо ин маънои онро надорад, ки барои ҳалли муаммои ориёиҳо ягон асоси боварибахш вуҷуд надошта бошад. Маълумот ва мадракҳои илмии мавҷуда ва натиҷаҳои воқеии таҳқиқи олимони шинохта, аз ҷумла бостоншиносони шӯравӣ дар Осиёи Миёна имкон медиҳанд, ки, аз як тараф, баъзе назарияҳои беасосро рад кунем ва, аз тарафи дигар, фикру ақидаҳои комилан эътимодбахши илмиро эътироф намоем.

Пеш аз ҳама, андешаи ҳанӯз дар ҳазораи III пеш аз милод сокини Ҳиндустон гардидани ориёиҳо ва фарзияи ба онҳо таaллуқ доштани маданияти Хараппа ягон асоси илмӣ надорад. Инро беш аз ҳама наздикии бевоситаи забонҳои ҳиндуориёӣ ва эронӣ, умуман ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ таaллуқ доштани гурӯҳи забонҳои ориёӣ, маълумоти роҷеъ ба алоқаҳои дуру дароз ва пайвастаи аҳли ин забонҳо ва мулоҳизаҳои дигар тахмину гумонҳои пештар ё лоақал дар аввалҳои ҳазораи II пеш аз милод ба Ҳиндустон маскан кардани тоифаҳои эрониро инкор менамояд. Зеро, маданияти Хараппа[28] зодаи асрҳои XXIV-XXIII пеш аз милод ё миёнаҳои ҳазораи III пеш аз милод аст ва мадракҳои бостоншиносӣ собит менамоянд, ки ин маданият дар заминаи тараққиёти маданияти маҳаллии қадимтаре, ки дар нимаи аввал ва миёнаҳои ҳазораи III пеш аз милод вуҷуд дошт, ташаккул ёфтааст. Барои ҳамин ин маданияти қавму тоифаҳои ориёӣ набуда, мансуб ба сокинони давраи тоориёӣ мебошад, ки онҳо, ба ақидаи баъзе донишмандон ба забони гурӯҳи дравидӣ ё ба забони ба он наздик гуфтугӯ мекарданд. Мушоҳидаи таъсири зиёди забони дравидӣ ба

[28] Хараппа – шаҳри бостонии Ҳинд, яке аз марказҳои асосии тамаддуни Хараппа (ҳазорсолаи III - асрҳои XVII-XVI пеш аз милод). Он дар наздикии маҷрои кӯҳнаи дарёи Равӣ, дар ноҳияи Сахивалии ҳудуди Панҷоби Покистони имрӯза ҷойгир аст.

забонҳои ориёии Ҳиндустон ва ҳатто забони «Ригведа»ва далелҳои дигар ин фарзияро тақвият мебахшанд. Имрӯз низ дар ноҳияҳои ҷануби Ҳиндустон халқҳое ҳастанд, ки ба забонҳои гурӯҳи дравидӣ гап мезананд ва дар Покистони имрӯза ва ноҳияҳои ҳамсояи ҷануби Афғонистони имрӯза ҳоло ҳам қавми брагӯи дравидизабон боқӣ мондааст. Дар асрҳои гузашта қавмҳои дравидизабони ин минтақа хеле сершумор буданд. Таҳқиқи хат ва осори қадимаи маданияти Хараппа бо усулҳои муосир аз тарафи олимони шӯравӣ низ далели он аст, ки забони ин навиштаҷот ориёӣ набуда, балки ба забони дравидӣ наздик аст. Баробари ин маълумот ва мадракҳо оид ба забон ва маданияти тақрибан миёнаҳои ҳазораи II пеш аз милод, ки дар сарчашмаҳои Осиёи Пеш мавҷуданд, низ аз ориёиҳо баромадани тоифаҳои ҳиндуориёиро тасдиқ намекунанд. Дар таҳқиқоти вақтҳои охир ба миён омада, олимон ҳама далелҳои ба фоидаи ин ақида бударо инкор намуда, исбот намуданд, ки ориёиҳои Осиёи Пеш ҳеҷ гоҳ аҷдоди тоифаҳои ориёии Ҳиндустон набуданд. Ба замми он далелҳои бостоншиносӣ ҳам, ки гӯё дар асрҳои XII-XI пеш аз милод тоифаҳои ҳиндуориёӣ аз Осиёи Пеш ва Моварои Кавказ ҳаракат карда бошанд, беасос баромаданд.

Назарияи бо роҳи Кавказ ба Эрон омадани ниёгони мидиҳо, форсҳо ва дигар эрониёни ғарбӣ, новобаста аз як қатор тарафдоронаш пояи илмӣ надорад. Назари воқеии илмӣ он аст, ки тоифаҳои эронӣ ба Эрон ва кишварҳои дигар маҳз аз Осиёи Миёна рафтанд, вале аз эҳтимол дур нест, ки баъзе гурӯҳҳои он ба воситаи Кавказ ҳам гузашта бошанд. Ақидаи бевосита аз ноҳияҳои Аврупои Ҷануби Шарқӣ ба Эрон омадани баъзе қабилаҳои ғарбиэронӣ низ комилан дуруст нест. Вале тахмин кардан мумкин аст, ки агар ин қабилаҳо дар воқеъ ба воситаи Кавказ гузашта бошанд ҳам, онҳо қаблан аз тарафи шарқ ба маҳалҳои шимоли баҳри Каспӣ омадаанд. Шояд ин ҳамон роҳе бошад, ки баъдтар скифҳо ба воситаи он ба сӯи ғарб ҳаракат карданд.

Ақидаи комилан нодурусти дигар он аст, ки гӯё тоифаҳои эронӣ ба Осиёи Миёна аз Эрони имрӯза омада бошанд. Тоифаҳои эронӣ ба Эрони Ғарбӣ дар охири ҳазораи II ва ё дар ҳудуди ҳазораи II-I пеш аз милод ҳиҷрат намуда, дар асрҳои аввали ҳазораи I пеш аз милод дар ин минтақа паҳн гардидаанд. Аммо,

тибқи мадракҳои таърихию забонӣ ва бостоншиносӣ тоифаҳои эронӣ аллакай дар нимаи дувуми ҳазораи II ва ибтидои ҳазораи I пеш аз милод дар Осиёи Миёна сукунат доштанд. Ба замми он дар ин давра, яъне ҳазораи II пеш аз милод дар Эрони Ғарбӣ халқҳое мезистанд, ки ба гурӯҳҳои дигари нажодӣ ва забонӣ (аломиҳо, лубубиҳо, касситҳо ва ғ.) тааллуқ доштанд. Ин халқҳо тибқи маълумоти дар осори хаттӣ тасвиршуда, бо омадани тоифаҳои эронӣ дар асрҳои аввали ҳазораи I пеш аз милод тадриҷан мақеи худро аз даст дода, баъдан ба онҳо пурра омезиш ёфтанд. Халқҳои имрӯзаи эронӣ - форсҳо, афғонҳо, курдҳо, балуҷиҳо ва ғ. дар ҳудуди Эрон ва сарзаминҳои ҳамсояи шарқӣ ва ғарбии он зиндагонӣ мекунанд.

Тибқи маълумоти амиқи сарчашмаҳои таърихӣ маҳалли паҳншавии забонҳо ва тоифаҳои эронӣ дар замонҳои қадим назар ба асрҳои миёна ва давраи нав хеле васеъ буда, сарзамини ниҳоят паҳновареро аз Аврупои Ҷануби Шарқӣ то Туркистони Шарқӣ, аз назди Урал то ҷануби Эрони имрӯзаро фаро мегирифт.

Дар сарчашмаҳои Юнони Қадим доир ба ҳаракати як гурӯҳ қабилаҳои эронизабон аз шарқ ба Аврупои Ҷануби Шарқӣ ва маҳалҳои шимоли Кавказу Баҳри Сиёҳ маълумот омадааст. Асосан ин ба скифҳои дар асрҳои IX-VIII пеш аз милод ҳиҷрат намуда, ки баъдтар дар ҳудуди асрҳои VIII-VII пеш аз милод як қисми онҳо ба воситаи Кавказ ба Осиёи Пеш гузаштаанд ва ҳамчунин тоифаҳои сармату аллон дахл дорад. Аз ҷумла, аҷдоди осетинҳо, ки ҳоло дар Кавказ зиндагӣ мекунанд, маҳз тоифаҳои сарматии эронинажод буданд. Сарматҳо, тибқи шаҳодати манбаъҳои хаттӣ ва бостоншиносӣ, то замони ба самти ғарб ҳаракат кардан дар маҳалҳои шимоли баҳри Каспӣ, баҳри Арал ва паси Урал зиндагӣ мекарданд.

Хулоса, манбаъҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ ба Аврупои Ҷануби Шарқӣ аз ноҳияҳои шарқтари Волга ва Урал ҳаракат кардани тоифаҳои эрониро, ки қабл аз оғози ҳазораи I пеш аз милод дар ин ҷо сукунат доштанд, тасдиқ менамоянд.

Аҷдоди аҳли забони хутану сакоӣ, ки доир ба онҳо осори матнҳои боқимондаи шуҳратёфта хабар медиҳанд, ба Туркистони Шарқӣ фақат аз Осиёи Миёна ва ё ноҳияҳои ҳамҷавори Қазоқистони имрӯза рафта метавонистанд. Асосан ҳудуди

Туркистони Шарқиро дар асрҳои III-II пеш аз милод тоифаҳои эронӣ, беш аз ҳама сакоиҳо ишғол карда буданд. Бо маълумоти манбаъҳои хаттӣ сакоиҳо дар Туркистони Шарқӣ бо ҳамроҳии тоифаи дигари ҳиндуаврупоӣ - тахориҳо то асри III пеш аз милод, яъне то замони истилошавии ин минтақа аз тарафи тоифаҳои турку муғул зиндагӣ мекарданд.

Ҳамин тавр, аллакай дар асрҳои VII-VI пеш аз милод сокинони асосии Осиёи Миёнаро комилан халқиятҳои эронӣ - бохтариҳо, хоразмиҳо, суғдиҳо, гурӯҳҳои сакоӣ ва ғайра ташкил медоданд. Маҳз дар асоси ҳамин халқиятҳо ва пеш аз ҳама, бохтариҳо ва суғдиҳо дар аввали асри миёна халқи тоҷик ташаккул ёфт.

Тоифаҳои зироатпарвари эронӣ ҳанӯз барвақттар аз асрҳои VII-VI пеш аз милод дар маҳалҳои муайяни Осиёи Миёна маскан гирифта, вилоятҳои таърихии ҳамноми худро ташкил дода буданд. Аз ҷумла: бохтариҳо Бохтарро, суғдиҳо Суғдро, хоразмиҳо Хоразмро, марғиёниҳо Марғиёнро, ориёиҳо Ориёро, ки ҳавзаи рӯди Ҳарии Афғонистони имрӯза бо марказаш Ҳиротро дар бар мегирифт, портиҳо Портро, ки дар ҳудуди имрӯзаи Туркманистони Ҷанубӣ ва ноҳияҳои шимолии ҳамсарҳади Эрони кунунӣ ҷой гирифта буд, ба вуҷуд оварданд. Давраи рушд ва тараққии қабилаҳои бодиянишини эронӣ, аз ҷумла сакоиҳо бо маълумоти бостоншиносӣ низ ба давраи то асри VI пеш аз милод рост меояд.

Матнҳои қадимтарин китоби муқаддаси «Авесто», ки дар ибтидои ҳазораи I пеш аз милод дар Осиёи Миёна ба вуҷуд омадаанд, андешаи хеле пештар аз асрҳои VII-VI пеш аз милод дар Осиёи Миёна сукунат доштани тоифаҳои эрониро тасдиқ менамоянд. Аз ҷумла, дар ин осори қадима вилоятҳои онвақтаи Осиёи Миёна ва баъзе ноҳияҳои ҳаммарзи он, пеш аз ҳама Суғд, Марғиён, Хоразм, Ориё ва ғайра зикр ёфтаанд. Ҳамчунин дар «Авесто» доир ба маҳалли қадимаи сукунати тоифаҳои ориёӣ - кишвари нимафсонавии «Аирйанам ваеҷаҳ» («Фарохнои Ориёно») маълумот омадааст. Гарчанде як зумра олимони шинохта зери маънии «Аирйанам ваеҷаҳ» Хоразми қадимро қабул намуда бошанд ҳам, аммо ҳақиқат дар он аст, ки дар «Авесто» бо ин ном тамоми ҳудуди сарзамини паҳновари Осиёи Миёна ва вилоятҳои ҳамҳудуди шимолии он дар назар аст. Ин андешаро ҳанӯз пештар

ховаршиноси шинохтаи рус К.А.Иностpансев низ пеш гузошта буд ва онро имрӯз гурӯҳи калони донишмандон ҷонибдорӣ менамоянд. Аз тарафи дигар, дар «Авесто» Хоразм бо номи худаш зикр шудааст.

Маълумоти фаровони забоншиносӣ, махсусан оид ба равобити муттасили забонҳои умуман ориёӣ (баъдтар эронӣ) бо забонҳои фину угорӣ, ки то имрӯз дар илм ҷамъ шудаанд, гувоҳӣ медиҳанд, ки маҳалҳои иқомати тоифаҳои ориёӣ (баъдтар эронӣ) ҳудуди бузургеро дар шимол то минтақаи бешазори байни Соҳили Волга ва Сибири Ғарбӣ дар бар мегирифт. Баробари ин, сарчашмаҳо доир ба робитаи аз давраҳои «тооpиёӣ» боқимондаи тоифаҳои ориёӣ ва шеваҳои онҳо бо ҳиндуаврупоиҳо низ хабар медиҳанд. Ин ва дигар маълумот ишора ба он мекунанд, ки ҳудуди маҳалҳои сукунати тоифаҳои ориёӣ дар шимолу ғарб то ба даштҳои Аврупои Ҷанубу Шарқӣ мерасидааст.

Ба замми он мадракҳои таърихӣ ва маълумоти бостоншиносӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки тоифаҳои эронӣ ва ё ориёии пешина дар дашту саҳроҳои воқеъ дар ҳудуди шимоли шарқӣ ва шарқии Осиёи Миёна низ маскан доштаанд. Дар Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамсояи шимоли он дар асрҳои охири ҳазораи II ва оғози ҳазораи I пеш аз милод сукунат доштани тоифаҳои эрониро сарчашмаҳои хаттӣ низ тасдиқ мекунанд. Аз ин рӯ, ёдгориҳои бостонии онвақтаи ин маҳалҳо ба тоифаҳои эронӣ тааллуқдошта, ба маданияти доираи Андрон (ва ё яке аз намудҳои маданияти Андронӣ, Тозабоғёб, Қайроққум ва ғ.) мансубанд. Чунин осори монанди бостоншиносии мансуб ба миёнаҳои ҳазораи II ва аввалҳои ҳазораи I пеш аз милод ва ҳамчунин симои антропологии аҳолии аврупоишакл, ки шарқтар аз Осиёи Миёна, аз ҷумла Туркистони Шарқӣ пайдо карда шуданд, аз паҳншавии ин тоифаҳо дар ин минтақаҳо низ шаҳодат медиҳанд. Гарчанде, баъдтар дар ин ноҳияҳо, аз ҷумла дар Олтой ва Туркистони Шарқӣ қабилаҳои скифу сакоӣ маскан гирифтанд. Бозёфт шудани навиштаҷоти ҳазораи I милодӣ дар Туркистони Шарқӣ боиси кашфи ду забони ба ҳам хеши мансуб ба гурӯҳи дигар гардид, ки онро забони «тахорӣ» ва соҳибони онро «тахориҳо» номиданд.

Доир ба пайдоиши тахориҳо дар ин ноҳияҳо фарзияҳои гуногун мавҷуданд. Аммо, тахориҳо дар давраҳои пешина ҳатман ҳудуди нисбатан васеътарро, ки маҳалҳои ғарбиро ҳам фаро

мегирифт, ишғол карда буданд. Байни онҳо ва тоифаҳои шарқиэронӣ тибқи маълумоти забошиносӣ робитаҳои муайяне вуҷуд дошт.

Ҳамин тавр, хулосаи амиқ он аст, ки қадимтарин маҳалли сукунат ва маркази асосии паҳншавии тоифаҳои эронӣ Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамҳудуди шимоли он будаанд. Наздикӣ ва ягонагии пешгузаштагони тоифаҳои эронӣ ва ҳиндуориёӣ низ шаҳодат медиҳанд, ки аҷдоди ҳиндуориёиҳо низ то ба Ҳиндустон кӯчидани худ дар ҳамин маҳалҳо зиндагӣ доштаанд. Натиҷаҳои фаровони ҳафриёти бостоншиносии солҳои охир дар Осиёи Миёна ин андешаро комилан тасдиқ менамоянд.

Ҳафриёти бостоншиносӣ нишон медиҳанд, ки дар Осиёи Миёна аз давраи неолит сар карда, ду ноҳияи аз ҳам фарқкунандаи хоҷагию маданӣ ба вуҷуд омадаанд: якум, ноҳияҳои ҷанубу ғарб, ҳудуди имрӯзаи Туркманистони Ҷанубӣ, ки маданияти зироаткорон ривоҷ ёфта, дар охири ҳазораи III ва асрҳои аввали ҳазораи II пеш аз милод ба сатҳи баланди тараққиёти худ расида буд. Ин маданият бо хусусиятҳои худ бо маданиятҳои Эрон ва ноҳияҳои ҳамҳудуди ҷанубӣ пайвастагии зич дорад. Дуюм, ҳудуди боқимондаи Осиёи Миёна, ки маданияти он бо маданиятҳои дар ноҳияҳои шимолӣ паҳнгардида бештар ҳамранг аст. Аҳолии ин маҳалҳо ва пеш аз ҳама, қабилаҳои саҳронишини асри биринҷӣ низ ба ориёиҳо ва эрониҳо нисбат дода мешаванд.

Чи хеле ки тавзеҳ ёфт маданияти минтақаи ҷанубу ғарбии Осиё Миёна аз аҳди неолит то аввалҳои асри биринҷӣ ба доираи маданиятҳои зироатии дар Осиёи Пеш, Афғонистону Ҳиндустон ва Эрони имрӯза паҳншуда, дохил мешавад. Ин маданиятҳо бо хусусиятҳои хоҷагию иқтисодӣ ва маданӣ бо якдигар наздик ва монанданд. Маълумоти бостоншиносӣ дар охирҳои энеолит ва аввалҳои биринҷӣ вуҷуд доштани алоқаи наздики байни зироаткорони ин минтақаҳо ва ҳатто вуҷуд доштани муносибати хешутабориро далолат мекунанд. Аз ин рӯ, ҳам аз ҷиҳати умумияти симои хоҷагию маданӣ ва ҳам, эҳтимол, аз ҷиҳати ирқу нажод зироаткорони минтақаи ҷанубу ғарбии Осиёи Миёна (Туркманистони ҷанубӣ)-и аҳди энеолит ва аввали биринҷӣ бо аҳолии Эрон, Афғонистон ва ноҳияҳои ҳамсоя алоқаманд буданд. Вале, тоифаҳои ориёӣ, он вақтҳо дар ин кишварҳо буда

наметавонистанд. Маданиятҳои дигари ҳудуди бузургтари Осиёи Миёна аз ҷиҳати хоҷагию иқтисодӣ ва маданӣ ҳамранг буда, чи хеле дар боло гуфтем, бо маданиятҳои навоҳии шимолӣ, яъне бо маҳалҳое, ки тоифаҳои ҳиндуэронӣ сукунат доштанд, робитаи доимӣ доштанд. Барои ҳамин дар аввалҳои аҳди бринҷӣ алоқаи муайяни ниёгони ориёиҳо бо қабилаҳои ҳиндуаврупоии Аврупо ҳанӯз вуҷуд доштааст.

Доир ба аҳолии маданияти саҳроии аҳди биринҷии Осиёи Миёна ва ноҳияҳои шимолӣ мадракҳои бостоншиносӣ ва маълумоти муқоисавии таърихию забоншиносӣ комилан бо ҳам мутобиқанд. Асосан қавмҳои саҳронишини аҳди биринҷӣ ба чорводорӣ машғул буданд, вале онҳо аз зироатпарварӣ низ ба хубӣ хабардор буданд. Чунин навъи хоҷагии чорводорию зироаткорӣ барои ориёиҳо ҳам хос буд.

Ҳамин тавр, таҳлилҳои пешниҳодшуда ва маъумоти таърихию забоншиносӣ доир ба рушди ҳамаҷонибаи маъдангудозӣ ва истифодаи олоти филизӣ ҳанӯз ҳам зиндагии якҷояи аҷдоди ориёиҳои ҳиндӣ ва эрониро тасдиқ менамоянд. Маълумоти бостоншиносии аз Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамсояи шимолии он ба дастомада тасдиқ менамоянд, ки аҷдоди ҳиндуориёиҳо дар ҳудуди ватани қадимаи худ, ҳадди ақал, то асрҳои аввал ё худ, ҳатто то миёнаҳои ҳазораи II пеш аз милод ҳамроҳи ниёгони тоифаҳои эронӣ зиндагӣ мекарданд. Ибтидои аз Осиёи Миёна ба тарафи ҷануб ҳаракат кардани қавмҳои ориёӣ тақрибан ба ҳамин вақт рост меояд.

Аз ин рӯ, зироаткорони ҳудуди ҷануби Туркманистони асри энеолит ва аввалҳои аҳди биринҷӣ, зоҳиран, ориёӣ набуданд. Фаррохтар аз ин, маданияти шаҳристонӣ ва шаҳрии Эрони шимоли шарқӣ (Ҳисори III ва ғ.), Афғонистони ҷанубӣ (Мундиғоки IV), водии Ҳинд бо ёдгориҳои давраи Моҳенҷо - Доро - Хараппа низ бо ҳамин сабабҳо ориёӣ буда наметавонистанд.

Аммо ковишҳои бостоншиносӣ нишон медиҳанд, ки дар чаҳоряки дувуми ҳазораи II пеш аз милод дар ҳамаи ин маҳалҳо тағйироти ҷиддии таърихӣ ба вуқуъ омадааст. Маҳалҳои калони одамнишин, шаҳрҳои калони пешрафта тамоман бесоҳиб монда, ба харобазор табдил ёфтанд. Дар истеҳсоли олот ва асбоби рӯзгор, махсусан маҳсулоти сафолӣ низ дигаргуниҳои ҷиддӣ мушоҳида мешаванд ва

дастгоҳи қадимаи кулолӣ комилан аз байн меравад. Сабаби асоси ҳамаи ин дигаргуниҳоро донишмандон вобаста ба паҳншавии саросарии қабилаҳои нав, пеш аз ҳама тоифаҳои аз Осиёи Миёна ҳаракаткарда, яъне ориёиҳо ё ҳиндуаврупоиҳо медонанд. Гарчанде, дар илм вобастагии ҳаракати ин қавму тоифаҳо дар натиҷаи омилу сабабҳои дохилӣ низ рад карда намешавад.

Аммо, ақидаи он ки гӯё маданияти Хараппа дар натиҷаи ба водии Ҳинд сар даровардани тоифаҳои ориёӣ аз по афтода бошад, низ асоси илмӣ надорад. Баръакс, тақрибан то асрҳои XVIII-XVII пеш аз милод маданиятҳои рушдёфтаи Эрони Шарқӣ, Туркманистони Ҷанубӣ, Афғонистон ва Ҳиндустони Ғарбӣ ба харобӣ дучор нашуда буданд. Тибқи мадракҳои аниқтар ҳаракати қавму тоифаҳои ориёӣ ё ҳиндуориёӣ бештар ба миёна ва нимаи дуюми ҳазораи II пеш аз милод рост меоянд. Махсусан, маводи дар натиҷаи ковиши бостоншиносӣ бадастомада, ин давраро ҳамчун давраи ҳаракати пурвусъати қабилавӣ дар тамоми сарзамини Осиёи Миёна тавсиф менамоянд. Дар ҳамин вақт тоифаҳои саҳронишин ба ҳудуди Туркманистони Ҷанубӣ, ҳаракати тоифаҳои ориёӣ ба ҷониби Афғонистон ва Ҳиндустон воқеъ мегардад. Ҳафриёти сағонаҳои қадима дар Тоҷикистони Ҷанубӣ дар водии дарёҳои Сурхоб (Қизилсу), Вахш ва Кофарниҳон доир ба ҳаракати ин тоифаҳо маълумоти фаровон медиҳанд. Ашёҳои аз ин маҳалҳо ёфтшуда, шаҳодат медиҳанд, ки онҳо ба аҳолии аз ҷиҳати маданияти моддӣ ба тамаддуни Намозгоҳи VI ва бо хусусияти маросими дафн ба қабилаҳои саҳроӣ монанд тааллуқ доранд. Аз ҷиҳати антропологӣ бошад соҳибони ин сағонаҳо бештар ба мардуми вилоятҳои ҷанубӣ - аҳли маданияти сафололоти нақшунигордошта наздиканд. Гарчанде доир ба пайдоиши ин тоифаҳо ҳоло хулосаи мушаххас мавҷуд нест, вале олимон дар асоси таҳқиқи маросими дафн чунин андеша доранд, ки ин сағонаҳо ба тоифаҳои ориёӣ тааллуқ доранд. Ҳамзамон дар ин сағонаҳо тарзи дафнкунӣ ва баъзе дигар русумҳо хоси ориёҳои ведӣ ва ҳам тоифаҳои шарқиэронӣ мушоҳида мешаванд. Илова ба ин бостоншиносон дар вилояти Свати Покистон низ сағонаҳое пайдо намуданд, ки ба сағонаҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ хеле монанданд. Гурӯҳи қадимтари ин

сағонаҳо тақрибан ба нимаи дуюми ҳазораи II пеш аз милод мутааллиқ мебошанд.

Таҳлили мадракҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки аз як тараф барои ҳиндуориёӣ ҳисоб кардани тоифаҳои асри энеолит ва аввалҳои аҳди биринҷии Осиёи Миёна ҳеҷ як асосе нест, вале аз тарафи дигар эҳтимол аст, ки ҳиндуориёиҳо маҳз тоифаҳои саҳронишини қисмати шимолу ғарбии Осиёи Миёнаи нима ва охири аҳди биринҷӣ будаанд. Дар ин ҷо дурустии фарзияи И. М. Дяконов, ки онро баъдтар дигар олимон, аз ҷумла Б. Литвинский низ ҷонибдорӣ намудааст, ба миён меояд. Бо андешаи И. М. Дяконов раванди паҳншавии забонҳои ҳиндуэронӣ дар байни тоифаҳои зироаткори анавии Осиёи Миёна дар марҳалаҳои охирини тараққиёти онҳо, бо таъсири алоқаҳои гуногун ба саҳронишинон сурат гирифтааст. Маводҳои бостоншиносии солҳои охир низ ин фарзияро тақвият медиҳанд. Ҳамзамон мадракҳои зикршуда доир ба ҳаракати тоифаҳои Осиёи Миёна дар миёнаҳо ва нимаи дувуми ҳазораи II пеш аз милод ба тарафи ҷануб, пеш аз ҳама ба Ҳиндустон ишора менамоянд.

Мувофиқи маълумоти бостоншиносӣ дар офариниш ва рушди маданияти ҷанубии Осиёи Миёна пас аз Намозгоҳи VI, тахминан дар ҳудуди ҳазораҳои II ва I пеш аз милод ё худ дар ибтидои ҳазораи I пеш аз милод нақши тоифаҳои саҳронишини аз шимол воридшуда хеле калон аст. Дар самтҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Помир ҳам нақши ба самти ҷануб ҳаракат намудани тоифаҳои аз тарафи шимоломада низ мушоҳида мешавад. Чунин тоифаҳо дар Помир ҳанӯз дар аҳди биринҷӣ, дар охирҳои ҳазораи II ва ибтидои ҳазораи I пеш аз милод пайдо шуда буданд. Маводи бостоншиносии Помир доир ба тоифаҳои гурӯҳи скифу сакоии аз асри VII пеш аз милод ин тараф маълумоти кофӣ дода, доир то ба ҳудуди Ҳиндустон ҳаракат намудани онҳо хабар медиҳанд.

Маълумоти аз сарчашмаҳои хаттӣ ба даст омада ва далелҳои таъ-рихию забоншиносӣ, илова ба мадракҳои бостоншиносӣ дар асрҳои VII-VI пеш аз милод ба навоҳии ҷануби Помир то наздикиҳои марзи Ҳин-дустон ва ҳатто қисман дар ҳудуди он, инчунин маҳалҳои шарқии Афғонистон ҷойгир шудани тоифаҳои эронии мансуб ба гурӯҳҳои сакоӣ ва ё ба онҳо наздикро тасдиқ

менамоянд. Шояд аҷдоди афғонҳо ва мунҷонҳои имрӯза ҳамин қабилаҳо бошанд.

Ҳамин тавр, хулоса мегардад, ки тоифаҳои гурӯҳи шарқиэронӣ аз шимол, аз сарзамини Осиёи Миёна баромада, ба сӯи кишварҳои ҷануб ҳаракат кардаанд. Маълумоти мавҷудаи бостоншиносӣ ва ҳам далелҳои таърихию забоншиносӣ аз Осиёи Миёна ба тарафи ҷануб, ба Ҳиндустон, Афғонистон ва Эрон нуфуз кардани гурӯҳҳои мухталифи ориёӣ, дар аввал аксаран ҳиндуориёҳо, баъдтар эрониҳоро комилан исбот менамоянд.

Таҳлили маълумоти мавҷудаи илмӣ бори дигар тасдиқ менамояд, ки қадимтарин маҳалли сукунати тоифаҳои ҳиндуэронӣ ва маркази асосии паҳншавии онҳо Осиёи Миёна бо ноҳияҳои ҳаммарзи он будааст. Тоифаҳои эроние, ки дар Осиёи Миёна мондаанд, ниёгони аҳолии аслии Осиёи Миёна аз оғози давраи таърихӣ то аввалҳои асри миёна ҳисоб меёбанд. Маҳз бар асоси халқиятҳои шарқиэронии Осиёи Миёна, пеш аз ҳама, бохтариҳо, суғдиён ва ба дараҷаи камтар дигар ҷузъҳои таркибии нажодӣ, халқи тоҷик дар ибтидои асри миёна ба вуҷуд омад.

# БОБИ ДУЮМ
# ТОИФАҲОИ ШАРҚИЭРОНИИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ОҒОЗИ ПАЙДОИШИ ҶАМЪИЯТИ СИНФИИ ИБТИДОӢ (АСРҲОИ IX – МИЁНАҲОИ АСРИ VI ПЕШ АЗ МИЛОД)

## 1. МАТЕРИАЛҲОИ АРХЕОЛОГИИ АСРИ АВВАЛИ ОҲАН

### Металлургияи оҳан

Маводҳои бостоншиносӣ ва муқоисаи онҳо бо баъзе мадракҳои забонӣ, сарчашмаҳои хаттии ба давраҳои баъдтари таърих тааллуқдошта доир ба ҳаёти ҷамъиятии Осиёи Миёнаи охири ҳазораи II- ибтидои ҳазораи I пеш аз милод маълумоти фаровон медиҳанд.

Аз рӯйи маълумоти ин сарчашмаҳо сокинони Осиёи Миёна дар ибтидои ҳазораи I пеш аз милод истеҳсоли оҳанро ёд гирифта буданд. Кашф ва истифодаи оҳан дар таърихи ҷамъияти инсонӣ нақши инқилобӣ бозида, яке аз охирин ва муҳимтарин кашфиёти ҷамъияти ибтидоӣ мебошад. Сохтани олоти меҳнат аз оҳан ба инсон имкон дод, ки парвариши зироатро вусъат диҳад, бо мақсади киштукор бешаҳоро тоза намуда, майдонҳои нав ва васеъро ба даст биёрад. Албатта, ҳамаи ин корҳо ба инсони ибтидоӣ якбора муяссар нашудааст, аввалин оҳани ҳосилкардашуда бисёр вақт аз биринҷӣ ҳам мулоимтар буд.

Инсони ибтидоӣ, ки то ин вақт доир ба истеҳсоли биринҷӣ таҷриба пайдо намуда буд, ба осонӣ тавонист тарзи ба даст овардани оҳанро ба роҳ монад. Оҳан дар кӯраҳои ҳарораташон то ба 1300-1400° мерасид, гудохта мешуд. Солҳои 20-уми асри XX олими шинохта М.С. Андреев ҳамин гуна кӯраҳоро дар водии Ванҷ пайдо намуда буд, ки онро ҳоло ҳам мардуми маҳаллӣ истифода менамуданд.

Ба оҳан табдил ёфтани як порча санги сахт барои инсони ибтидоӣ пурасрор менамуд ва онро ҳамчун муъҷизае қабул мекард. Барои ҳамин нисбат ба оҳану оҳангар ва оҳангархона тасаввуроти гуногун пайдо шуданд. Дар баъзе ҷойҳо нисбат ба онҳо эҳтироми махсус ва як навъ муқаддасот, дар баъзе ҷойҳои дигар ҳамчун як чизи ҳаром ва оҳангар фиристодаи шайтон қабул шуда буд. Дар баъзе ноҳияҳои Помир оҳангарон одамони мӯҳтарам ва оҳангархона ҷойи муқаддас маҳсуб меёфт.

Суръати паҳншавии олоти оҳанин дар байни одамони ибтидоӣ хеле суст буд. Дар ибтидо оҳанро ҳамчун зебу зинат истифода менамуданд, баъдан бошад оҳиста-оҳиста ба сохтани асбобу аслиҳа гузаштанд. Дар Осиёи Миёна дар аввал асбобу аслиҳаи омехтаи оҳану биринҷӣ ба мисли ханҷари теғаш оҳанию дастааш биринҷӣ сохта мешуданд. Вале дар Осиёи Миёна пурра гузаштан ба истеҳсоли оҳан нисбат ба дигар минтақаҳо, аз ҷумла Хитой, ки чандин садсола ақиб монда буд, хеле барвақт ба амал омад.

**Масканҳо**

Ёдгориҳои ибтидои асри оҳан нисбат ба осори асри санг ва биринҷӣ дар Осиёи Миёна хел кам омӯхта шудаанд. Масканҳои аввали асри оҳанро Бобоҷон Ғафуров ба се гурӯҳ ҷудо менамояд: Баъзе масканҳои қадимаи замони энеолиту асри биринҷии ҷанубии Туркманистони имрӯза ба мисли Анав дар ибтидои асри оҳан мавҷудияти худро давом медоданд. Масалан, аз Анав маснуоти оҳанӣ, аз ҷумла қадимтарин досҳои оҳанӣ ва корд ёфт шуданд. Дар самти ҷанубу ғарби Туркманистони имрӯза масканҳои истеҳкомӣ ва ғайриистеҳкомии аз маданияти Анав фарққунанда мавҷуд буданд, ки баъзеи онҳо ниҳоят масоҳати калон то 50 гектарро доштанд. Ин мавзеъро Машҳади Мисриён мегӯянд ва аҳолии он асосан ба зироатпарварӣ машғул буданд, водӣ тавассути каналҳои гуногун аз дарёи Атрек обёрӣ карда мешуд. Сокинони он баробари досҳои оҳанӣ аз олоти сангӣ низ истифода намуда, аз биринҷӣ яроқу аслиҳа, ба мисли шамшер ва пайкон сохта, бо чархи кулолӣ асбоби сафолии хушсифати бенақшу нигор тайёр мекардаанд.

Ба гурӯҳи сеюм ёдгориҳои ҷанубу шарқии ҳудуди Туркманистони имрӯза дохил мешаванд, ки дар резишгоҳи дарёи Мурғоб, дар мавзеи Марғиён кашф шудаанд. Калонтарин маскани инҷо Ёзтеппа мебошад, ки 16 гектар масоҳат дорад ва аз қалъаи тақрибан ростгӯша, ки дар саҳни он манзилҳо ҷой гирифтаанд, таркиб ёфтааст. Дар натиҷаи ҳафриёт рӯи суфаи хиштии баландиаш ҳаштметра бинои калоне кашф шуд, ки чанд манзили дарозрӯя ва мураббаъшакл, аз ҷумла толори бузурги ростгӯшае дорад. Бозёфтҳои ин маскан аосан сафолианд ва онҳо аз олоти сафолии Машҳади Мисриён бо он фарқ мекунанд, ки бештар дастӣ сохта шудаанд.

Масканҳои Кучуктеппаи вилояти Сурхондарёи Ӯзбекистони имрӯза, Макони Мори ноҳияи Фархори Тоҷикистон ва баъзе ёдгориҳои дигар низ ба аввали асри оҳан мутааллиқ мебошанд. Макони Мор бо кӯшиши бостоншиносони тоҷик дар поёноби Қизилсу кашф гардид, ки биноҳои он асосан харобшуда буданд, вале олоти ниҳоят зиёди сафолӣ ва маснуоти дигар пайдо карда шуданд. Осори аввали асри оҳан аз дигар мавзеъҳои ҷумҳурӣ низ пайдо карда шудаанд. Масалан, маҷмӯи бозёфтҳои Қайроққум, сағонаҳои Помири Шарқӣ низ ба ҳамин давра тааллуқ доранд.

## 2. ҶАМЪИЯТИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРИ АВВАЛИ ОҲАН

### «Авесто» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ

Китоби муқаддаси «Авесто», ки аз маҷмӯи матнҳои пайравони оини зардуштӣ иборат мебошад, яке аз муҳимтарин сарчашмаи хаттӣ оид ба таърихи қадитарини Осиёи Миёна маҳсуб меёбад. Пайравони оини зардуштӣ имрӯз дар тамоми дунё паҳн шудаанд, вале дар Эрони кунунӣ бо теъдоди андаке ва дар Ҳиндустон зиёда аз 100 ҳазор зардуштиён зиндагӣ мекунанд, ки онҳоро «порсиён» меноманд. Онҳо на танҳо расму русуми дини қадим, балки матнҳои қадимаи зурдуштиро низ то имрӯз ҳифз намудаанд.

Муҳаққиқи фаронсавӣ Анкетил Дюперрон дар миёнаҳои асри XVIII ҳангоми сафари худ ба Ҳиндустон дар назди мӯбадони порсӣ маросими динӣ, хондани матнҳои қадимаи диниро омӯхта, як чанд дастхатро низ харидорӣ менамояд. Пас аз баргаштан ба Фаронса ӯ ин дасхатҳоро ба фаронсавӣ тарҷума намуда, бо чанд шарҳ аввалин порчаҳои «Авесто»-ро чоп намуд. Бо воситаи ин корнамоии илмии ӯ маълумот дар бораи ин китоби муқаддас дастраси аҳли илми Аврупо гардид. Гарчанде тарҷума аз нуқсу нофаҳмиҳои зиёд орӣ набуд, вале ин кори ӯ шоистаи қаҳрамонӣ буд.

Баъдтар, дар асри XIX рушди илми забоншиносии муқоисавӣ робитаи наздики забони «Авесто» бо забонҳои то он вақт хуб омӯхташудаи шарқӣ, махсусан забонҳои ҳиндӣ-ведоӣ, ки бо он «Регведа» ва дигар ёдгориҳои қадими Ҳинд навишта шудаанд,

муайян намуд. Баъдтар ин фарзияро таҳқиқоти муфассал доир ба забони форсии қадим ва дастрасӣ ба адабиёти бойи пасазавастоӣ мукаммалтар гардонид. Умуман, омӯзиши забонҳои эронии миёна, аз ҷумла забонҳои азбайнрафтаи хоразмӣ, суғдӣ, хутану сакоӣ ва забонҳои зиндаи шарқиэронӣ, махсусан забонҳои помирӣ барои таҳқиқи «Авесто» ва тарҷумаи он имконоти хубро ба миён овард. Вале новобаста ба ҳамаи ин дар тарҷумаи ин китоби муқаддас ва шарҳи ҷойҳои муҳимми он ҳоло ҳам мушкилот ва мухталифот ҷой доранд.

«Авесто» низ ба мисли дигар ёдгориҳои динӣ ва ҳамосавии эронию ҳиндӣ асосан дар шакли шифоҳӣ маҳфуз мондааст. Ҳатто пас аз китобат шудани «Авесто» низ ба тарзи шифоҳӣ хондан ва нақл намудани он дар шакли ниёиш ва раванди таълим муддати тӯлонӣ истифода мешуд.

Дар ибтидо матнҳои авестоӣ бо алифбои дар асрҳои VI-V пеш милод дар Эрону Осиёи Миёна маъмули оромӣ таълиф ёфта буданд. Дар замони Ҳахоманишиҳо маҷмӯи китобҳои «Авесто» мавҷуд буданд, ки ҳангоми ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ аз байн бурда шуданд. Баъдтар шоҳи ашконӣ - Валахш фармон дод, ки тамоми матнҳои авестоӣ ва он чӣ ба таври шифоҳӣ дар байни мӯбадон боқӣ мондаро ҷамъоварӣ намоянд. Тибқи ҳамин маълумот баъдтар матнҳои парокандаи авестоӣ дар аҳди Ардашери I ва Шопури I сосонӣ низ дар як ҷо ҷамъ карда шуданд Аммо, баъзе олимон ба мавҷуд будани китоби «Авесто» дар замони Ҳахоманишиҳо ва ҳам ба мавҷуд будани матни ашконии он шубҳа доранд. Вале аниқ аст, ки «Авесто»-и хаттӣ дар нимаи дуюми давраи мавҷудияти давлати Порт ва ибтидои давраи сосонӣ вуҷуд дошт.

Барои китобати «Авесто» баъдтар алифбои махсусе ихтироъ карда шуд, ки он дар заминаи хати паҳлавӣ, яке аз намудҳои хати оромиасос ба вуҷуд омадааст. Алифбои авестоӣ нисбат ба хати паҳлавӣ ду баробар зиёдтар ҳуруф дошт, аз ҷумла 14 ҳарфи садонокро соҳиб буд. Алифбои нави мукаммал имкон медод, ки матнҳои «Авесто» бо нигоҳ доштани тарзи талаффузи анъанавии гӯяндагони он хеле дақиқ ва саҳеҳ сабт гардад. Вақти ихтирои алифбои авестоиро олимон ба асри VI, аниқтараш ба замони Хусрави I (531-579) мансуб медонанд. Қадимтарин матнҳои

бозмондаи «Авесто», ки ба асрҳои XIII ва XIV тааллуқ доранд, аз ҳамин китобати давраи охири сосонӣ мебошанд.

«Авесто» асосан дар заминаи нақли лафзии он китобат шудааст. Номи «Авесто» аз калимаи форсии миёнаи *apastāk*, баъдан aβastāv – ба маънии «асос», ё *«гузориш», «дастур»* ва *«ниёиш»* мебошад ва он ба бевосита ба матнҳои боқимондаи «Авесто» дахл дорад. Иловаҳо ва замимаҳои он бештар бо номи «Занд» машҳуранд. «Занд» калимаи форсии миёна буда, маънияш *«дониш», «таълимот»* аст. Шояд дар давраҳои аввали китобати нави матни хаттии «Авесто» дар сабти алифбои кӯҳна ва ҳамчунин дигар иловаву тафсирҳои дастури авестоиро низ «Занд» мегуфтанд. Аммо, дар давраи Сосониён, ки ҳамаи дастхатҳои қадимаи ин китоб ба забони форсии миёна тарҷума шуда буд, тарҷума ва тафсири «Авесто»-ро «Занд» мегуфтанд. Барои ҳамин як муддат дар Аврупо «Авесто» бештар бо номи «Занд-Авесто» ва забони он ҳамчун «забони зандӣ» маъмул буд.

Чи хеле ки дар боло таъкид кардем «Авесто» дар давраи мавҷудияти чандинасраи худ борҳо рамзгирӣ (кодификатсия) шудааст. Бо маълумоти маъхазҳои таърихӣ ҷамъоварӣ ва танзими «Авесто» аввал дар замони Вологеси I Ашконӣ (асри I милодӣ), Сосониёни аввал (асри III) ба вуқуъ омадааст. Дар замони ҳукмронии Шопури II (асри IV) зери роҳбарии Атурпати Меҳроспандом таҳрири шакли комили ин китоби муқаддас анҷом ёфтааст. Вале баъдтар, пас аз ҳаракати маздакиён дар аҳди Хусрави I (асри VI) китобати охирини «Авесто» бо берун намудани баъзе матнҳои дар асрҳои IV - V вуҷуддошта ба вуқӯъ омадааст.

Китоби «Авесто» пас аз таҳрири охирин аз 21 наск (китоб) иборат буд. Ном ва мазмуни мухтасари онҳо аз рӯи асари оид ба дини зардуштӣ дар асри IX таълифкардаи Динкарт[29] маълум аст. То имрӯз чаҳоряк қисмати китобати давраи охири сосонии «Авесто» ба мо расидааст. Асосан осори боқимонда фаслҳоеро дар

[29] Динкарт (Динкард) - номи китобест бузург ба забони паҳлавӣ, ки пажуҳишгарони фарҳанг онро Фарҳангнома ё Доиратулмаорифи донишҳои динӣ ва ақлӣ хондаанд. Ин китоб дар ҳудуди садаи нуҳуми милодӣ дар Бағдод аз рӯи бозмондаҳои адабиёти паҳлавӣ (порсии миёна) гирдовариву тадвин шуда ва дар нӯҳ бахш нигориш ёфтааст.

бар мегиранд, ки матнҳои динӣ буда, барои тоату ибодат заруранд. Қисмҳои «Авесто», аз ҷумла «Ясно» низ бо ҳамин мақсад тартиб ёфтаанд. Танҳо «Видевдат» ба яке аз китобҳои қадимаи «Авесто» мутобиқат мекунад.

«Авесто»-и имрӯза аз чор қисм иборат аст: *«Ясно»* - *«назр», «ниёз»,* маҷмӯи матнҳои маросимӣ; *«Яштҳо» («Яшт» -»ниёиш», «ситоиш»),* сурудҳо дар васфи худоёни дини зардуштӣ; *«Видевдат»* - *«қонун ба муқобили девон»* (шакли баъдинаи нодурусташ «Вандидод»), дастурҳо дар бораи покизагӣ ҳангоми тоату ибодат, муқарраroти динӣ ва шаръӣ, порчаҳои асотири қадим, ҳамосӣ; *«Виспрат»* - *«ҳама родҳо»* (номи каме носаҳеҳи он «Виспарад»), аз маҷмӯи дуо ва матнҳои ибодатӣ иборат аст. Илова ба ин, ба «Авесто» якчанд бахшҳои ҳаҷман хурд низ дохил мешаванд.

«Ясно» аз 72 боб иборат аст, ки 17-тоашро «Готҳо» («Сурудҳо»-и пайғамбар Зардушт-асосгузори оини зардуштӣ), 7-бобро «Ясна ҳаптаҳатӣ» («Ясной ҳафтбоба»), ки аз ҷиҳати забон ва замони офариниш ба «Готҳо» наздик аст, ташкил медиҳанд. Тарзи гӯиши «Готҳо» ва «Ясной ҳафтбоба» нисбат ба «Хурд-Авесто» қадимтар буда, аз он бо хусусиятҳои лаҳҷавӣ фарқ мекунанд.

Доир ба забони авестоӣ дар байни донишмандон чанд нуқтаи назар мавҷуд аст. Як гурӯҳи олимон, аз ҷумла П.Тедеско ва А.Мейе забони авестоиро ба забонҳои ғарбиэронӣ, гурӯҳи дигар, пеш аз ҳама Х.Нюберг бар гурӯҳи забонҳои шарқиэронӣ нисбат медиҳанд. Ба андешаи дигарон, аз ҷумла К.Гоффман ва В.Ҳеннинг ин забон дар байни забонҳои эронӣ мавқеи алоҳида ва ё миёнаро ишғол менамуд. Аммо, баъзе хусусиятҳои алоҳидаи забони авестоӣ, махсусан лаҳҷаи «Готҳо» мувофиқ ба забонҳои шарқиэронӣ мебошад, дар «Хурд-Авесто» таъсири забонҳои ғарбиэронӣ мушоҳида мешавад.

Доир ба масъалаи замон ва макони пайдоиши «Авесто» низ миёни олимон баҳсҳо ҷой дорад. Вобаста ба анъанаи зардуштии давраи Сосониён замони зиндагии Зардушт ва офарида шудани «Готҳо» ба охири асри VII - нимаи аввали асри VI пеш аз милод нисбат дода мешавад. Як гурӯҳи муҳаққиқон ин андешаро пурра ҷонибдорӣ менамоянд. Олимони дигар ба он шак оварда, таъкид мекунанд, ки худи ин анъана баъдтар аз замони пайдоиши «Авесто» ба миён омадааст ва шояд он ҷанбаи ривоятӣ дошта бошад. Имрӯз

ба ин андеша метавон бо мушкилӣ эътимод намуд, гарчанде имкон дорад, ки Зардушт дар охири асри VII - оғози асри VI пеш аз милод зиндагӣ карда бошад.

Макони зисти Зардушт ва пайдоши оини зардуштӣ низ дар илм баҳснок аст. Бо ривоятҳои маъмули замони сосонӣ Зардушт дар Атропатена (Озарбойҷон) ва ё аз Роғи мидӣ (Райи асримиёнагии наздики Теҳрон) зуҳур кардааст. Аммо ҳақиқат он аст, ки бо маълумоти «Хурд-Авесто» дар Роғ ҷамоаи пайравони Зардушт будаанд, аммо ин ноҳия ки дар самти шимоли шарқии Мод (Мидия) ҷойгир буд, нахустин маҳалли паҳншавии таълимоти Зардуш аз шарқ мебошад. Тибқи ривояти қадимае Зардушт дар Бохтар зистааст ва инро муаллифи юнонӣ Ктесий (охири асри V-оғози асри IV пеш аз милод) дар асараш овардааст. Инро ба инобат гирифта баъзе олимон тахмин менамоянд, ки «Готҳо» дар Бохтар офарида шудаанд ва забони онҳо дар давраи қадим забони авастоӣ будааст. Як гурӯҳи дигари олимон Зардуштро ҳамзамони Ҳахоманишиёни нахустин, аз ҷумла Дорои I шуморида, фаъолияти ӯро ба шимоли ғарби Эрон нисбат медиҳанд. Аммо ақидаи маъмул он аст, ки «Готҳо» то Ҳахоманишиён тартиб ёфтаанд ва ба Эрони Ғарбӣ ягон муносибате надоранд.

Ҳақиқат дар он аст, ки «Готҳо» ва дигар қисмҳои аз ҷиҳати замон ба он наздик дар яке аз ноҳияҳои Осиёи Миёна ва ё минтақаҳои ҳамсарҳади Афғонистону Эрони шимоли шарқӣ офарида шудаанд. Инро, пеш аз ҳама, маълумоти ҷуғрофии худи «Авесто» низ тасдиқ менамояд. Баъзе олимон, аз ҷумла С.П.Толстов миёна ва поёноби дарёи Ому, ё аслан Хоразмро ватани Зардушт медонанд. Олимони дигар, И.Маркварт, Э.Бенвенист низ мамлакати асотирии Аирйанам Ваеҷаҳ «Фарохнои Ориёно» - ватани эрониён ва дини зардуштиро Хоразм медонанд. Х.Нюберг, В.И.Абаев, Г.Виденгрен, Ж.Дюшен-Гюйимен ва дигарон ба ноҳияҳои байни дарёҳои Ому ва Сир, яъне Суғд ва ё ноҳияҳои ҳамсояи он, ё ба сарҳадҳои скифу сакоиҳои осиёимиёнагӣ, ё ноҳияҳои соҳили баҳри Арал ва поёноби дарёи Сир, ё ба Марв, Суғд ва Хоразм ва ғайра ишора намудаанд.

Аммо нуктаи назари бештар паҳншуда (дар асарҳои В.Ҳеннинг, К.Барр, И.Гершевич, Р.Сеннер ва дигарон) он аст, ки

«Готҳо» дар ҳудуди давлати Хоразми қадим, ки то омадани Ҳахоманишиҳо мавҷуд буд, офарида шудааст. Махсусан Марғиёну Ориё, ки дар самти ҷанубии Хоразм ҷойгир буданд, ҳамчун макони офарида шудани «Готҳо» пазируфта мешуданд. Аммо В.Ҳеннинг ва академик В.В. Струве танҳо Марғиёнро ҳамчун макони офариниш мешиносанд. Воқеан давлати Хоразми Бузург мавҷуд буд, ба ин шаке нест, аммо далелҳои қавӣ оид ба муносибати Зардушт ба ин давлат мавҷуд нест.

Гурӯҳи муайяни олимон замони пайдоиши Зардушт ва офарида шудани «Готҳо»-ро хеле қадимтар аз омадни Ҳахоманишиҳо медонанд. Аз ҷумла, И.М. Дяконов дар заминаи маълумоти худи «Готҳо» офарида шудани онро пештар аз асри VI - нимаи дувуми асри VII пеш аз милод, Эд. Мейер ва дигарон қарибиҳои соли 1000 ва ё ибтидои ҳазораи I пеш аз милод, Г.Виденгрен бошад замони зиндагии Зардуштро ба давраи байни солҳои 1000-600 пеш аз милод мансуб медонанд. Ба андешаи баъзе олимон «Авесто»-и аввала то миёнаи асри VI пеш аз милод дар шарқи Мидия, дар Роғ пазируфта шуда, аз он ҷо ба Эрони Ғарбӣ паҳн шудааст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки замони зиндагии Зардушт ва офариниши «Готҳо» пештар аз охири асри VII - аввали асри VI пеш аз милод буда, макони пайдоиши онҳо яке аз ноҳияҳои Осиёи Миёна ва мавзеъҳои ҳамсарҳади он мебошад. Далели асосӣ ин ҳудуди ҷуғрофии худи «Авесто» ва гурӯҳи мулку кишварҳои дар он номбаршуда мебошанд. Аз ҷумла, дар боби аввали «Видевдат» оварда шудааст, ки «беҳтарин кишвар ва мамлакатҳо»-и офаридаи Аҳурамаздо *Айрйанам Ваеҷаҳ*, *«Гава, макони суғдиён»*, *«Моуруи* (ноҳияи Марв) *тавоно, ростипараст»*, *«Баҳди* (Бохтар) *зебо бо дирафшҳои афрошта»*, *«Нисайа, ки байни Моуру ва Баҳди воқеъ аст»*, *Ҳарайва* (ноҳияи Ҳирот) ва ноҳияҳои дигар то мавзеъҳои Ҳинд ва *Ҳарахвати* (Арахозия) дар ҷануби шарқӣ, *Ҳайтуманта* дар водии Ҳилманд дар ҷануб, кишварҳои *Гургониён* ва *Роғ* (дар шимоли шарқии Мидия) дар ғарб мебошанд. Мувофиқи маълумоти ҷуғрофӣ ин мулку кишварҳои асосии Осиёи Миёна ва минтақаҳои ҳамсарҳади он - Афғонистону Эрони шимоли шарқӣ буданд.

Ба ақидаи мо, ватани нахустин матнҳои авестоиро бояд дар он кишварҳое ҷуст, ки тасвири онҳо дар «Суруд дар васфи Митра»

(«Яшт»-и X, «Меҳр Яшт») омадааст. Дар ин кишварҳо «сипаҳбадони мағлубнашавандаи онҳо корзорҳои беададе месохтанд, кӯҳҳои баланди пурчарогоҳ ба шахси парастори чорпоён хидмат мекарданд, кӯлҳои булӯрин ба масоҳати бузург паҳн шуда, дарёҳои васеи пуроб ба сӯи Ишкат ва Парут, Ҳироту Марв, Ғави Суғд ва Хоразм равон буданд». Дар ин матн ноҳияҳое номбар мешаванд, ки бо Бохтар ҳамсояву ҳамсарҳад буданд ва ё қисман дар замони пеш аз Ҳахоманишиҳо ба таркиби он дохил мешуданд. Бешак, Бохтар бо «дирафшҳои афрошта», чи тавре ки он дар «Видевдат» ёд мешавад, агар нахустин набошад, яке аз он кишварҳоест, ки дар манотиқи он дини зардуштӣ аввалин бор паҳн гардид.

Дар матнҳои «Хурд-Авесто» ғояю русумот ва образҳои ба таблиғоти аввалияи Зардушт бегона бештар мушоҳида мешавад. «Ясnои Ҳафтбоба», ки ба ҳамон лаҳҷаи «Готҳо» тартиб ёфтааст, ба оинҳои паҳншудаи дигар гузаштҳои зиёд мекунад, худоён ва шахсони асотирии Митра ва Ҳавмаро васф мекунад, ки онҳо аз замонҳои ниҳоят қадим дар байни ориёҳо парастиш мешуданд, вале баъдан дар «Готҳо» ҳамаи онҳо рад гардидаанд. Ин созиши бузурги давлатӣ буд, ки дар замони Ҳахоманишиҳо, Ашкониён ва баъдан Сосониён паҳн гардида буд. Ҷузъҳои зиёди «Хурд-Авесто» маҳз дар ҳамин давраҳо эҷод гардидаанд. Гарчанде, баъзе порчаҳои «Хурд-Авесто», махсусан «Яштҳо» аз рӯи мундариҷа қадимтар аз «Готҳо» мебошанд.

Китоби муқаддаси «Авесто» на танҳо китоби динӣ аст, балки қомусест, ки доир ба оину мазҳабҳои эронии қадим ва русумоти қабилавие, ки ба замони умумияти ҳиндуаврупоӣ дахл доранд, маълумот медиҳад. Ин китоб муҳимтарин ёдгорӣ доир ба омӯзиши айёми бостон, маданияту маишат, созмонҳои иҷтимоӣ ва сиёсии он замон, осори ҳамосии қабилаҳои эронии Осиёи Миёна ва Эрон мебошад.

Ҳамин тавр, таҳлилҳои дар боло оварда нишон медиҳанд, ки аксарияти донишмандон замони офариниши «Ясnои Ҳафтбоба»-ро асри VI - оғози асри V пеш аз милод, иншои «Яштҳо» ва махсусан «Меҳр Яшт»-ро қадимитар, яъне даҳсолаҳои нахустини асри V пеш аз милод меҳисобанд. Яъне дар ин ҷо олимон онро бештар ба назар мегиранд, ки «Готҳо» дар оғоз ва ё нимаи аввали асри VI пеш аз милод мураттаб ёфтаанд. Дар ин ҳолат эҳтимол

аст, ки бахшҳои ҷудогонаи «Авесто», «Ясnои Ҳафтбоба» ва «Яштҳо»-и аввалин хеле пештар, аниқтараш дар фосилаи байни санаи зиндагии Зардушт ва миёнаи асри V пеш аз милод эҷод шуда бошанд. Матнҳои дигари «Хурд-Авесто» аз замони нишондодашуда баъдтар низ идома дошт, баъзе аз онҳо, шояд, дар асрҳои якуми ҳазораи I милодӣ мураттаб ёфта бошанд.

«Авесто» муҳимтарин сарчашма ва ягона маъхази хаттӣ доир ба қадимтарин марҳалаи таърихии тоифаҳои шарқиэронӣ, пеш аз ҳама сокинони Осиёи Миёна, Афғонистон ва навоҳии дар шафати Осиёи Миёна ҷойгирбудаи Эрон мебошад. Бояд ҳангоми истифодаи «Авесто» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ гуногунҷанба будани он, ки инъикоскунандаи давраҳо ва ҳатто ҳодисаҳои мухталифи таърихианд, таъсири андешаву ҷаҳонбинии муҳаррирону мураттибони он ба матнҳои то ба мо бозрасида низ ба назар гирифта шаванд.

**Ҷамъияти Осиёи Миёна мувофиқи маълумоти «Авесто»**

Тавсифи аз ҳама хубтари ҷамъияти Осиёи Миёна мувофиқи маълумоти «Авесто» дар китоби В.Гейгер[30] «Маданияти Эрони шарқӣ дар аҳди бостон» оварда шудааст. Ин асар гарчанде хеле кӯҳна шуда бошад ҳам, вале мутаассифона пас аз он доир ба ин мавзуъ асари дигари ҳампоя то ҳол нашр нашудааст. Дар ин асар диди нави филологӣ-лингвистӣ мушоҳида мегардад ва агар он бо таҳқиқоти бостоншиносӣ тақвият ёбад, боз ҳам натиҷаҳои хубтар ба даст хоҳад омад.

Олимон тавассути таҳқиқоти худ муайян намуданд, ки ҷомеаи авестоӣ аз чор зина (қишр) иборат будааст. Аз ҷумла, дар «Яшт»-и X, 115 сарвари динии хонадон-*нманйа*, сарвари динии авлод - *висйа*, сарвари динии қабила - *зантума*; сарвари динии мамлакат - *даҳйума*: сарвари олии динӣ - *заратуштротэма* номида шудааст. Дар ҷамъияти авестоӣ оила *нмана,* сарвар ё кадхудои он *нманопати*, яъне «худованди хона» ва зани калонӣ дар оила

---

[30] Гейгер, Вилгелм Людвиг (1856-1943)- олими шинохтаи олмонӣ, ҳиндушинос, эроншинос ва авестошинос, донандаи чандин забонҳои қадима, муаллифи китобҳо доир ба оини буддоӣ ва зардуштӣ, аз ҷумла, асари “Цивилизация восточных иранцев в древние времена, с введением в религию Авесты” (Лондон, 1885-1886).

*нманопатни* (кадбону) ном доштааст. Воқеан мавқеъ ва мақоми баланд доштани зани калонӣ дар оилаи тоҷикон, ба вижа маҳалҳои назди Помир бо маълумоти мардумшиносон то имрӯз боқӣ мондааст. Ин андешаро таҳқиқоти В.И.Абаев[31] доир ба вожаи *«афшин»*, ки лақаби ҳокимони Уструшан ва Суғд дар замонҳои қадим буд, низ комилтар менамояд. Ин олим бо роҳи таҷзия ва таҳлили таърихию этимологӣ истилоҳи «*афшин»*-ро бо вожаи осетинии *«äfsin»* - *«кадбону»* муқоиса намуда, хулоса мекунад, ки занон - сарварони қабилаҳои сакоӣ-массагетӣ чунин унвон доштанд ва баъдтар ин унвон ба ноҳияҳои ҳамсоя, аз ҷумла Осиёи Миёна гузашта, нисбат ба мардони сарвар истифода шудааст.

Вожаи *«нманйа»,* ки дар матнҳои авестоӣ маънои аъзои оиларо ифода мекунад, дар як вақт ба маънои эзиди нигаҳбони хонадон низ истифода мешудааст. Дар қабила ин вазифаро *«висйа»* иҷро менамудааст. Фаъолияти эзидон ва «*фравашиҳо»,* яъне фариштаҳои нигаҳбон ва рӯҳи тамоми мавҷудот ба ҳам наздик будаанд.

Аъзоёни оила ҳама баробарҳуқуқ набудаанд ва аз ин ҷиҳат ба *вира, вайса* ва *парийатар* тақсим мешудаанд. *«Вира»* маънии *«мард, сарбоз»* - ро дорад. Аммо, ин калима дар матнҳои авестоӣ баъзан ба маънии *«гулом»* низ истифода шудааст, махсусан ҳангоми муқобилгузории чорпоён ва вира. «*Вайса»* ва «*парийатар»* вобаста ба маънӣ дар матнҳо ишора ба аъзоёни хурди оила мебошанд.

Ҷамоаи аз оила калонтар, ки ба хешутаборики тарафи мард ташкил ёфтааст, падар *«нафа»* номида мешудааст. Чунин гурӯҳҳо ниҳоят бузург буданд ва на камтар аз 100 марди комилҳуқуқ ба он дохил мешуданд. Онҳо соҳибмулкони асосӣ ҳисоб меёфтанд ва замини кишт, чарогоҳ ва дороии дигари умумӣ ба онҳо тааллуқ дошт.

*«Вис»* - қабила аз якчанд гурӯҳи дороён иборат буд ва сардори он *«виспати»* ном дошт. Ҳамзамон *«вис»* маскани аҳли қабила - деҳро низ ифода мекард. Деҳа дар ибтидо макони зисти якчанд хонавода буда, баъдан тадриҷан хусусиятҳои ҷамоаи кишоварзиро гирифтааст.

Бо маълумоти матнҳои авестоӣ ва пажӯҳиши олимони соҳа низоми тарбияи ҷавонон ва тарзи қабули онҳо ба ҷамоа хеле

---

[31] Абаев Василий Иванович (1900-2001), бо осетинӣ Абайты Иваны фырт Васо - филолог, забоншинос, эроншиноси шинохтаи шӯравӣ. Муаллифи таҳқиқоти зиёди илмӣ доир ба забон ва фолклори осетинӣ.

ҷолиб будааст. Ҷавонони ба камол расида, яъне 15 сола маросими махсуси динӣ ва қабул ба ҷамоаро мегузаштаанд. Ин пеш аз ҳама, бо бахшидани камарбанд ва пироҳани муқаддас дар ҷамъомади гурӯҳи ашрофон-дороён ба амал меомад, ки онро «таваллуди дуюм» меҳисобиданд. Пас аз иҷрои ин маросим ҷавонон узви комилҳуқуқи ҷамоа гардида, соҳиби ӯҳдадорӣ, ҳуқуқи бастани ақди никоҳ ва иштирок дар маросими диниро пайдо мекарданд.

Масъалаҳои хонаводагӣ асосан дар Шӯрои қабила баррасӣ мешуданд, ки ба он сарварони гурӯҳҳои доро аъзо буданд. Шӯроҳои қабила масъалаҳои гуногун, пеш аз ҳама ҳаёти дохилии қабила, истеҳсоли анво, вазифаҳои динию ҳуқуқӣ, муносибат бо дигар қабилаҳоро ҳал менамуданд. Аз ин бармеояд, ки дар ҷомеаи онзамона нобаробарии иҷтимоӣ пеш аз ҳама молумулкӣ ривоҷ ёфта будааст. Аз ҷумла, дар бисёр матнҳои авестоӣ доир ба кадхудоён, шахсони соҳиби галаву рамаи зиёд ё боигариҳои дигар ишораҳо меравад. Ғайр аз ин доир ба гурӯҳҳои дигар-рӯҳонӣ, сарбозу дучархасавор, деҳқони чорводор ва ҳатто ҳунарманд низ маълумот мавҷуданд. Гарчанде бо андешаи баъзе олимон чунин нобаробарӣ ҳанӯз дар давраи умумияти ҳиндуэронӣ ҷой дошт.

Дар ҷамоаи ориёӣ тибқи матнҳои авестоӣ гурӯҳи дигар, ба мисли *«родмард»*, *«ашроф»*, *«азата»* (*«асилзода»*) низ мавҷуд будааст. Инҳо асосан сарварони қабилаҳо ва оилаҳо будаанд. Муҳаққиқи шинохта Г.Бейли[32] этимологияи пурраи вожаи *«азата»*-ро ба анҷом расонида, маънии онро дар забони форсии миёна, яъне паҳлавӣ *«зодаи хонадони шоҳ», «родмард», «озодасл»* номидааст. Вожаҳои имрӯзаи тоҷикии *«озод»* ва *«озода»,* ки як маънии он *«род», «наҷиб»* аст, реша аз ҳамин калима доранд. Ҳамзамон дар «Авесто» ба маънии «ашроф» вожаи *«асна»* низ истифода шудааст.

Дар «Авесто» баробари ин истилоҳи *«занту»* ба маънии қабила, дар баъзе матнҳо *«ҳанҷамана»* ҳамчун шӯрои «беҳтарин мардумон», ки дар забони тоҷикии имрӯза ба шакли «анҷуман» боқӣ мондааст, истифода шудаанд. Вожаи *«даҳйу»* дар «Авесто»

[32] Бейли, Сэр Гаролд Уолтер (1899-1996) – яке аз шинохтатарин олими шарқшиноси англис, донандаи забонҳои қадимаи Шарқ, аз ҷумла забонҳои қадимаи эронӣ. Ӯ бузургтарин донандаи забони хутанӣ ва матнҳои қадимаи динӣ буд ва дар ин самт таълифоти зиёдеро аз худ боқӣ мондааст.

ифодакунандаи маънии вилоят, мамлакат ё иттиҳоди минтақавии якчанд ноҳия мебошад. Ба андешаи олими шинохта В.А.Лившитс[33] ин вожа «пеш аз ҳама, мафҳуми ҳудудӣ ва географист, ки дар он умумияти этникӣ хеле зиёд аст». *«Даҳйу»* -ро *«даҳйупатн»* сарварӣ мекард, шахсоне, ки соҳиби ҳокимият буданд ё ягон маҳалро роҳбарӣ мекарданд *«састар»*, яъне «ҳукмрон», «ҳоким» меномиданд. Баробари ин дар «Авесто» барои ифодаи маънии иттиҳодияи ноҳияҳо мафҳуми *«даҳйусасти»* - «ҳокимият бар ноҳияҳо» низ истифода шудааст. *«Даҳйупатии тамоми даҳйуҳо»*, яъне «ҳокими тамоми ноҳияҳо» яккаҳукмрон набуд, зеро ғайр аз ӯ *«даҳйунам фратэмадато»* - «шӯрои бузургон»-и иттиҳодияи ноҳияҳо низ мавҷуд буд, ки фаъолияти онҳоро назорат мекард.

Ба андешаи олимон, махсусан В.И.Абаев ва И.М.Дяконов таҳлили мазмуни иҷтимоӣ-сиёсии «Готҳо» нишон медиҳад, ки ҷомеаи ориёиҳо он вақт дар остонаи ташкилёбии давлат будааст. Ҷамоае, ки дар ин китоби муқаддас тасвир шудааст аз ҳуҷуми пайваста ва тороҷгарии ҳамсояҳо, ба ғорат бурдани чорвои ҷамоа ба дод омада, даъват ба зиндагии орому осоишта, маконҳои хуби зиндагӣ бо сарварии шоҳони «хуб» мекунад. Аз мазмуни матнҳои китоби муқаддас ва дигар таҳқиқот бармеояд, ки ҷомеаи Осиёи Миёна дар давраи гузариш аз сохти ҷамоаи ибтидоӣ ба ҷомеаи синфӣ ва пайдоиши нахустин давлатҳо қарор доштааст.

## Масъалаи ташаккули қадимтарин давлатҳо

Доир ба ташакккули нахустин давлатҳои Осиёи Миёна дар сарчашмаҳои таърихӣ маълумоти ниҳоят кам маҳфуз мондааст. Дар матнҳои боқимондаи авестоӣ доир ба давлатҳо ва мулкҳои ҷудогона маълумот омадааст. Шояд давлатҳои дар ин матнҳо ҳамчун *«даҳйусасти»* номбаршуда, нахустин иттиҳоди давлатии минтақа бошанд. Аз ҷумла, дар «Авесто» доир ба ду давлати бузург - Хоразми Бузург ва Бохтари Қадим маълумот омадааст.

Доир ба Хоразми Бузург ва мавқеи ҷойгиршавии он дар адабиёти илмӣ асосан такя ба маълумоти Геродот карда мешавад.

[33] Лившитс, Владимир Аронович (1923-2017) – шарқшиноси шинохта, эроншинос, донандаи таърих ва забонҳои эронӣ, аз ҷумла забони суғдӣ, солҳои 1952 -1958 корманди Академияи илмҳои Тоҷикистон, мутарҷими ҳуҷҷатҳои суғдии қалъаи Кӯҳи Муғ.

Геродот менависад: «Дар Осиё даште мавҷуд аст, ки атрофашро силсилаи кӯҳҳо ишғол кардаанд, дар ин қаторкӯҳҳо панҷ дара мавҷуд аст. Замоне ин дашт моли хоразмиён буд ва он дар ҳудуди хоки ҳамин хоразмиён, гиркониён, портҳо, сарангҳо ва таманаиҳо ҷо гирифтааст. Аз кӯҳе, ки дар атрофи дашт ҷо дорад, дарёи бузурги Акес ҷорӣ аст. Аввалҳо дарё ба панҷ шохоб тақсим шуда, заминҳои мардумони зикршударо обшор менамуд». Ин навиштаи Геродот, ки дорои маълумоти ба ҳам зид аст, боиси баҳси доманадор гардидааст. Аз ин рӯ, на ҳамаи муҳаққиқон ба шарҳи он даст задаанд.

Дарёи Акесро, ки Геродот доир ба он менависад, қариб тамоми муҳаққиқон ҳамон дарёи Теҷен мешуморанд. Муаллифи дигари юнонӣ Геготеи Милетӣ (500 сол пеш аз милод) пештар аз Геродот хоразмиёнро, ки қисман дар дашт ва қисман дар кӯҳҳо, дар шарқи Порт зиндагӣ мекарданд, ёд мекунад. Аз маълумоти зикршуда бармеояд, ки ин Хоразми имрӯза набуда, балки ноҳияҳои атрофи Ҳироту Марв аст. Барои ҳамин олими шинохта И.Маркварт[34] дарёи Акесро бо Ҳарирӯди имрӯза айният дода, мавҷуд будани иттиҳодияи калони қабилаҳои шарқиэрониро бо номи «Хоразми Бузург» пешниҳод менамояд. Ҳамин тавр, маълумоти мавҷуда далели он аст, ки маркази ин иттиҳодияи бузург на дар Хоразми имрӯза, балки каме ҷанубтар дар ноҳияҳои Марву Ҳирот ҷой дошта аст.

Доир ба ҳаракати қавмҳои дар ин иттиҳодияи муттаҳидшуда андешаҳои гуногун ҷой доранд. Баъзе олимон дар заминаи хабарҳои сарчашмаҳои юнонӣ ҳаракати ин қавмҳоро аз шимол ба ҷануб ва гурӯҳи дигар ҳаракати хоразмиҳоро аз Эрон ба маҳалҳои назди Арал пешниҳод менамоянд. Аммо, ҳамон олими шинохта И.Маркварт андеша дорад, ки Аирйанам-Ваеҷаҳ, ки маънии луғавиаш «Фарохнои Ориёно» аст, ҳамин «Хоразми Бузург» мебошад ва он дар наздики дарёи Дотйа (дарёи Аму) воқеъ аст ва зимистони ин ҷо даҳ моҳ тӯл мекашад. Аксарияти муҳаққиқон ин назарияро ҷонибдорӣ намудаанд.

Таҳқиқоти забоншиноси шинохта В.Б.Ҳеннинг[35] низ тасаввуроти моро доир ба «Хоразми Бузург» бештар тақвият

[34] Маркварт Йозеф (Josef Markwart) (1864-1930) - муаррихи шинохтаи олмонӣ, шарқшинос.

[35] Ҳеннинг Валтер Бруно (Walter Bruno Hennin g) (1908-1967) – олими шинохтаи олмонӣ, забоншинос, муҳаққиқи забонҳои миёнаи эронӣ ва адабиёт.

мебахшад. Ин муҳаққиқ дар натиҷаи муқоисаи маълумоти мавҷуда доир ба забони «Авесто» ва забони хоразмӣ, хулоса менамояд, ки ду лаҳҷаи асосии «Авесто»-ро ба гурӯҳи ғарбиэронӣ ва шарқиэронӣ нисбат додан мумкин нест, онҳо мавқеи мобайниро ишғол мекунанд. Ба андешаи ӯ фарзияе, ки гӯё «Готҳо» - қадимтарин қисмати «Авесто» дар мавзеи Марву Ҳирот ва матнҳои баъдии авестоӣ аксаран дар Систон офарида шудаанд, мутобиқат менамояд.

Давлати дуюми бузург ин салтанати Бохтари Қадим буд. Ктесий, таърихнависи Юнони Қадим доир ба лашкаркашии шоҳи ошурӣ - Нино ба Бохтар ҳикояте дорад. Дар он муаллиф оид ба сернуфус будани Бохтар, зиёд будани шаҳрҳои калон, дар бораи пойтахти ин давлат - Бохтари истеҳкомдор, шоҳи Бохтар - Уксорт, ганҷинаҳои фаровони он ба таври муфассал хабар медиҳад. Аммо таҳқиқоти таърихӣ нишон медиҳанд, ки лашкаркашиҳои ошурӣ то Бохтар нарасидаанд ва ҳикояти Ктесий бофта буда, дар тақлид ба ҳикояти Геродот доир ба лашкаркашии Куруши Кабир ба Лидия сохта шудааст. Аммо доир ба мавҷудияти ин давлти муқтадир Геродот хабари амиқтар медиҳад. Ӯ менависад, ки дар сари роҳи Куруш баъд аз таслим шудани Лидия «Бобул, мардуми Бохтар, сакоиҳо ва мисриён меистоданд». Аз ин метавон хулоса намуд, ки Бохтар бо давлатҳои бузурги Миср ва Бобул дар як қатор меистодааст. Муҳаққиқи шинохта В. Гейгер низ мавқеи хос ва тавоноии Бохтарро дар байни навоҳии ҳамсоя таъкид менамояд. Ҳатто, бо баъзе маълумот ҳудуди ин иттиҳодияи бузург аз ҳудуди худи Бохтар хеле васеътар буда, баъзан вақт Марғиён ва Суғд низ ба он тобеъ будаанд. Доир ба шуҳрати боигариҳои табиии Бохтар, махсусан лоҷуварди бадахшонӣ дар қаламрави Осиёи Наздик низ маълумоти фаровон мавҷуд аст.

Ҳамин тариқ, дар қаламрави Осиёи Миёна ба ғайр хоразмиҳо, дурустараш хорасмиҳо ва бохтариҳо суғдиён, фарғониён, марғиёниҳо ва портҳо низ сукунат доштаанд. Ин халқҳо дар минтақаҳои муайян, пеш аз ҳама водии дарёҳои бузург иқомат мекарданд. Аз ҷумла, суғдиён дар водии дарёҳои Зарафшон ва Қашқадарё, фарғониён дар водии Фарғона, марғиёниҳо дар воҳаи Марв, портҳо дар тарафи шимоли кӯҳҳои Купетдоғ зиндагӣ мекарданд. Қабилаҳои бодиягарди сакоӣ асосан

дар водӣ ва кӯҳҳо қарор гирифта буданд ва ба ду конфедератсия (иттиҳодия) - сакоиҳои ҳумаварга («сакоиҳои ситояндаи Ҳаума») ё амюргҳо - гурӯҳи ҷануби шарқии қабилаҳои сакоӣ (ки таърихан бо Бохтар ва Ҳинд иртибот доштанд) ва сакоиҳои тиграхӯд («сакоиҳои кулоҳпӯш») ва ё ортокарибантиҳо - массагетҳо - гурӯҳи шимоли шарқӣ, ки бо Хоразм марбут буданд, тақсим мешуданд.

## Зардуштия

Таърихи пайдоиш ва ташаккули оину мазҳабҳо, аз ҷумла оини зардуштӣ ва китоби муқаддаси он «Авесто» дар байни қавму тоифаҳои ориёӣ таваҷҷуҳи олимони зиёди марказҳои гуногуни илмии ҷаҳониро ба худ ҷалб намудааст. Махсусан, дар даҳсолаҳои охир дар ин самт пешравии назаррас мушоҳида мешавад. Яке аз муҳаққиқони мавзуъ И.Гершевич[36] се номи умумии зардуштияро пешниҳод намудааст: *«заратуштрианизм»* (дини замони худи Зардушт, ҳамон тавре ки он дар «Готҳо» инъикос ёфтааст); *«заратуштритсизм»* (дине, ки дар матнҳои нисбатан баъдтари авестоӣ инъикос гардидааст); *«зороастрианизм»* (оини замони сосонӣ).

Ҳанӯз дар ҳудуди ҳазораҳои II - I пеш аз милод дар байни қабилаҳои эронӣ мазҳабҳои гуногуне мавҷуд буданд, ки баъдан онҳо бо зардуштия омезиш ёфтанд. Пайдоиши онҳо ба давраҳои қадимтар замони мавҷудияти умумияти ҳиндуэронӣ ва баъзан умумияти ҳиндуаврупоӣ рост меоянд. Масалан, ситоиши Митра, ё Аҳура-худоҳое, ки эрониён мепарастиданд. Баъдан тасаввурот дар бораи худои ягона - Аҳура ташаккул меёбад, ки ӯро Маздо, яъне доно меномиданд.

Доир ба шахсияти таърихӣ будани Зардушт баъзе андешаҳо низ ҷой доранд. Академик Бобоҷон Ғафуров доир ба ин масъала дар китоби нахустини худ «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» маълумоти муфассал додааст. Ӯ зикр мекунад, ки тибқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ва таҳқиқоти илмии олимони шинохта Зардушт воқеан шахси таърихӣ буда, мураттиби бахши қадимаи «Готҳо» мебошад. Дар шахсияти Зардушт одами зинда, мубориз ва таблиғотчии моҳир равшан аён мегардад. Баъдан,

[36] Гершевич Иля Аркадевич (1914-2001) – забоншинос-эроншиноси бритониёӣ, яке аз сармуҳаррирони ҷилди дувуми китоби «Таърихи кембриҷии Эрон».

ҳангоми мураттабсозии «Хурд-Авесто» Зардушт ҳамчун симои асотирӣ тасвир ёфтааст.

Зардушт ва ё шакли аврупоиаш Зороастр аз дудмони Спитама буда, падараш Поурушаспа ва модараш Дуғдова ном доштанд. Муҳаққиқон маънии номи Зардуштро ҳамчун «шутурбон» шарҳ додаанд. Бо маълумоти дастрас ӯ аз табақаи мӯбадон буд, шахси камбизоат маҳсуб меёфт, зеро баъзе шикваҳояш, ба мисли он ки чорво ва тобеони кам дорад, боқӣ мондааст.

Дар «Готҳо» навишта шудааст, ки ба Зардушт дини мардумӣ аз Аҳурамаздо нозил шудааст. Дар ибтидо таълимоти Зардушт ва дини нав ба муваффақият соҳиб нашуд, як муддат маҷбур гардид, ки фирорӣ шавад ва танҳо пас аз дар шахси кавӣ[37] - шоҳзода Виштопс ҳимоятгар пайдо намудан, хонадони ҳукмрон ва мардумон рӯ ба дин ва таълимоти ӯ оварданд. Пеш аз ҳама дини навро шоҳ Виштопс ва наздикони ӯ қабул намуданд. Дар «Готҳо» доир ба наздикон ва хешовандони Зардушт низ маълумот омадааст.

Муъбадони дини пешин ва пешвоёни қабилаҳо, ашрофон таълимоти Зардуштро хуб напазируфтанд, зеро он ба муқобили онҳо, махсусан бар зидди маросимҳои вазнин ва зиёд ба мисли қурбониҳои хунин равона шуда буд. Мазмуни асосии таълимоти Зардуштро зиндагии осоиштаи муқимӣ, ҳокимияти пурқувват, муқобилат ба ҳамагуна задухӯрду ҷангҳои ғоратгарона, тороҷи чорво ташкил медод. Зардушт ситоиши худои ягона Аҳурамаздоро талаб мекард.

Дар раванди рушди худ вобаста ба марҳалаҳои гуногуни таърихӣ зардуштия ҳамчун дини ягона чандин хусусияти хоси худро пайдо намуд. Аоситарин хусусияти зардуштия инҳоянд:

1) дар шаклҳои аввалини зардуштия тамоили монотеистӣ (яккахудоӣ), ки дар ибодат ба худои ягона - Аҳурамаздо (Урмузд, Ҳурмузд) ифода ёфта буд, бештар ба назар мерасад;

2) дуализм (дугонагӣ) - е, ки онро бештар ба ахлоқ ва одоб нисбат медиҳанд ва он аз ба ҳам зид гузоштани ду мабдаи доимии муҷаррад Некӣ ва Бадӣ (Рост ва Дурӯғ) таркиб ёфтааст. Сардори қувваҳои Некӣ (ростӣ, адолат, рӯшноӣ) - худои бузург -

---

[37] Кави-шоҳ, шоҳзода ба забони авестоӣ, дар забони форсии миёна ва тоҷикӣ кай, аз ин ҷо Кайковус, Кайкубод ё дигар шоҳони Каёниён.

Аҳурамаздо ва сарвари қувваҳои Бадӣ (дурӯғ, торикӣ) эзиди бад ва душман - Аҳраманйу (бо авестоӣ -Ангро Майну, баъдан Аҳриман) мебошанд. Асоси пешрафти ҷаҳонро муборизаи ҳамин ду қувва ташкил медиҳанд. Зардуштияро баъзан маздаизм ва пайравони онро маздоясноён, яъне «ситояндаи Маздо» низ меноманд.

Дар байни қавмҳои ориёӣ доир ба ду навъи худо тасаввурот мавҷуд буд: *дайва* (ба ҳиндӣ дева, ба эронӣ дев) - худоҳои қадимии антропоморфии табиӣ; *асура* (ба эронӣ аҳура, маъноаш «сарвар», «худованд») - худоёне, ки сарвари олӣ ва сарварии махсусеро доир ба масоили ахлоқӣ ба ӯҳда доштанд. Дар Ҳинди Қадим (тибқи «Ригведа») асураҳо душмани мардум ҳисоб меёфтанд ва баъдан ин вожа танҳо барои ифодаи қувваҳои бадӣ, аммо дев ба маънои худо истифода мешуданд. Дар оини маздаясно баръакс қабул шуда буд ва дев ба маънои худоёни бадкирдор истифода мешуд. Дар «Авесто» ҳамчун дев Индра (яке аз худоҳои маълуму машҳури ведоӣ) ва «Наҳатна» (ба ҳиндӣ Насатйа) номбар шудаанд. Мафҳуми «аҳура» бошад дар «Авесто» ба маънии худо истифода шудааст.

Азбаски оини зардуштия ҷанбаҳои зиёди ахлоқиро соҳиб буд, яке аз худоён-аҳура бо сифати «Маздо» номи худои ягона – Аҳурамаздоро, яъне худованди доно ва бохирадро гирифт. Аҳурамаздо бо яке аз мафҳумҳои асосии динии зардуштия - *арта* (дар «Авесто» - *аша*)- ростӣ, шаҳриёри хуб, адолат марбут мебошад. Дар «Готҳо»-и зардуштӣ Аҳурамаздо натанҳо худои ягона аст, балки дигар худоёнро рад мекунад ва худ ба ҷои онҳо амал мекунад. Зардушт истифодаи ҳаргуна нӯшокиҳо, аз ҷумла хаома (ба ҳиндӣ сома) ва қурбониҳои хуниро манъ намуда, ситоиши оташро бештар тарғиб менамояд. Оташ ҳамчун рамзи адолати илоҳӣ - *арта* шинохта мешуд. Барои ҳамин ситоиши оташ ва оташкадаҳо ба яке аз хусусиятҳои асосии зардуштия мубаддал гардид.

Оҳиста-оҳиста дар баробари тамоюли яккахудоӣ дар зардуштия тасаввуроти дуалистӣ (дугонагӣ) низ инкишоф меёбад. Вобаста ба чунин тасаввурот тамоми чизҳои рӯи ҷаҳон, аз ҷумла худоён, ҳаводиси табиат ва ҷамъият, ҳайвонот ва ғайра ба неку бад, ростӣ (арта) ва дурӯғ (*драуга,* шакли авестоиаш *друг, друҷ*), яъне таҷассуми беадолатӣ, бадӣ ва бадахлоқӣ тақсим мешуданд.

Мақоми инсон дар зардуштия вобаста ба андешаи иродаи озод, ки дар «Готҳо» таҳким ёфта буд, ниҳоят баланд мебошад.

Неку бадро инсон интихоб мекунад ва амали ӯ дар муборизаи абадии неку бад нақши ҳалкунанда дорад. Роҳи ростӣ ва некро дини поки ба замин овардаи пайғамбар Зардушт нишон медиҳад ва мақсади пайғамбар ва пайравонаш пирӯзии қувваҳои некӣ бар бадӣ мебошад. Вале баъдтар дар зардуштия қабул гардид, ки пирӯзии қатъии қувваҳои некӣ бар бадӣ баъд аз се ҳазор сол, пас аз расидани Саошианта (ин ном дар «Готҳо» низ ҳаст), ки аз нутфаи Зардушт асту дар қаъри кӯл нигоҳ дошта мешавад, ба вуқуъ меояд. Вазифаи асосӣ дар дини зардуштия барои инсон зиндагии одилонаи аз тарафи дини ҳақ муқарраршуда ва «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» буд. Яке аз роҳҳои мубориза бо қувваҳои бадӣ зиёд кардани боигариҳои моддӣ, машғул шудан ба чорводорӣ ва киштукор дониста мешуд.

Дар байни худоҳои ситоишшавандаи зардуштия Митра-худои офтоб ва равшанӣ, ҳомии рамзкунандагон, бахшандаи пирӯзӣ ва Ардвисура Анаҳито-олиҳаи серҳосилӣ ва обҳои равон низ буданд.

Дар самти одобу русуми зардуштӣ тарзи гӯрондани мурдаҳо тарафҳои хоси худро дошт. Баъзе аз ин русум то имрӯз дар байни ҳиндуҳо боқӣ мондааст. Мурда дар дахма гузошта мешуд ва гӯшташ туъмаи парандагон мегардид, сипас устухонҳои тозашуда дар зарфи махсус - *оссуарийҳо* (*устадонҳо*) ҷамъ карда мешуд. Ин русум ҳанӯз пеш аз зардуштия пайдо шуда буд, вале онро зардуштиён пурра қабул намуданд. Дар зардуштия байни зиндагӣ ва марг зиддияти шадид вуҷуд дошт, зиндагӣ неъмати бахшидаи мабдаи некӣ ва марг бошад, бади офаридаи Аҳриман ҳисоб меёфт. Барои ҳамин тан (ҷасад) пас аз марг нопок ва ифодаи қувваи бадӣ буд. Дар зардуштия оташ, замин, об муқаддас буданд ва нопок кардани онҳо қатъиян манъ буд. Аз ин рӯ, ба хок супоридани мурда расм нагардид.

Деҳқонӣ ва чорводорӣ дар зардуштия шуғлҳои муқаддас буданд, аз ҷумла дар фасли сеюми «Видевдод» омадааст, ки макони хайру эҳсон ва шодиву хуррамӣ «ин ҳамон ҷост, ки бандагон барои худ маскан ва оташкада сохта, соҳиби зану фарзанд ва дорои рама бошанд. Он гоҳ ба ин макон хайру баракат рӯ оварда, ҳайвонот ва саг, зан ва кӯдак, оташ ва ҳама гуна нозу неъмат осуда ва эмин хоҳад буд... Ин ҳамон ҷост, ки бандагон бисёртар ғалла, алаф, наботот ва меваҳои хӯрданӣ мекоранд,

замини хушкшударо шодоб ва замини хеле намро хушк мекунанд, ба миқдори хеле зиёд ҳайвоноти калон ва хурдро парвариш менамоянд... ва ин ҳайвонот поруҳои ниҳоят бисёре медиҳанд».

Дар ҷои дигар омадааст: «Он касе, ки бо дасти чапу рост ва росту чап заминро меронад ва мекорад, ба замин фоидаи бисёр меорад. Ин ба шавҳари дӯстдоре монанд аст, ки барои зани маҳбубаи дар бистари нарму музайян ба роҳат хобидааш фарзанд ва ё неъмати дигар мебахшад... Замин ба он кас хитоб мекунад: «Эй одаме, ки маро бо дасти чапу рост ва росту чап меронӣ ва кишт мекунӣ..., дар ҳақиқат, ман монда нашуда тавлид мекунам, ҳамеша ҳосили фаровон ва ҳама гуна хӯрокворӣ муҳайё месозам. Касе, ки ғалла мекорад, гӯё тухми некӣ мепошад». Ё Зардушт ба Аҳурамаздо мегӯяд: «Ту ҳамоне ҳастӣ, ки... барои мо ин неъмати бузург - чорворо офаридӣ».

Дар қадимтарин бахши «Авесто» даъват ба кишоварзию деҳқонӣ ва инъикоси ҷаҳонбинию афсонаҳои халқӣ мушоҳида мешавад. Аммо, «Авесто» ҳамчун китоби мукаммал баръакс китоби замони баъдтар, замоне, ки аллакай таълимоти зардуштӣ муқаддас ва қонунӣ ва ба дини давлатӣ мубаддал гардида, ситоиши ҳокимияти подшоҳ, ҳукмронии ашроф ва рӯҳониёнро ба дигар қишрҳои ҷомеа раво медонист, ба назар мерасад.

Дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик маводи мардумшиносӣ (этнографӣ) низ дорои аҳаммияти хосса мебошад. Таҳқиқоти мардумшиносӣ нишон медиҳад, ки дар маишат ва тарзи зиндагии тоҷикони манотиқи кӯҳистонии тоинқилобӣ осори зиёди ҷамоаи ибтидоӣ маҳфуз мондааст. Масалан, хонаҳои калони умумӣ дар деҳоти Дарвоз ва Қаротегин, парастиши оташ, аловхона, яъне ҷое, ки мардони деҳот гирди оташ ҷамъ меомаданду суҳбат ва зиёфат мероростанд, нишонаи ин давраи таърихӣ мебошанд. Нишонаҳои ҷамоаи ибтидоӣ дар ҳунари сафолпазӣ, бинокорӣ низ мушоҳида мешавад. Яке аз машҳуртарин гуфторҳои аҳди бостон доир ба қаҳрамонӣ ривоятҳо дар васфи Рустам мебошад. Ин ривоятҳо дар шакли деворнигораҳо (махсусан, дар Панҷакенти Қадим) ва дигар ёдгориҳо, дар байни мардуми қӯҳистон ба шакли «Рустам, мадад кун!», «Тиру камони Рустам» то имрӯз боқӣ мондааст.

# ФАСЛИ ДУЮМ
# АҶДОДИ ТОҶИКОН ДАР ДАВРАИ ТАРАҚҚИЁТИ МУНОСИБАТҲОИ ҒУЛОМДОРӢ

*Фасли дуюми китоби «Тоҷикон» аз панҷ боб иборат буда, аз ҷиҳати хронологӣ асрҳои VI пеш аз милод - IV милодиро фаро мегирад. Ин марҳалаи зиёда аз ҳазорсолаи таърихи халқи тоҷик, давраи ташаккул ва рушди шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо, ба империяи ҷаҳонӣ табдил ёфтани он, мубориза аҷдоди тоҷикон ба муқобили истилогарони юнону мақдунӣ, махсусан муборизаи қаҳрамононаи сугдиёну бохтариён бо сарварии Спитамен, оқибати истилои мақдуниҳо, давлатдории Селевкиён, давлати Юнону Бохтар, империяи бузурги Кушониён,таърихи сиёсӣ, идоракунӣ, иқтисодиёту иҷтимоиёт ва фарҳанги пешрафтаи аҷдодиро ба таври муфассал тасвир менамояд.*

## БОБИ ЯКУМ
## ОСИЁИ МИЁНА ДАР ҲАЙАТИ ДАВЛАТИ ҲАХОМАНИШИҲО

### 1. ТАЪРИХИ СИЁСИИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРИ VI - ИБТИДОИ АСРИ V ПЕШ АЗ МИЛОД

**Ба вуҷуд омадани давлати Ҳахоманишиҳо**

Дар ҳудуди Эронзамин ба маънои пуррааш аввалин падидаҳои давлатдорӣ хеле барвақт ба миён омада буданд. Аз ҷумла, дар ноҳияҳои ҷануби ғарби он ҳанӯз дар нимаи дуюми ҳазораи III пеш аз милод давлати Аллом ташкил ёфта буд. Дар асрҳои IX-VII пеш аз милод нахустин падидаҳои давлат дар дигар манотиқи Эронзамин ташаккул ёфтанд. Аксари ноҳияҳои Эрони Ғарбӣ дар ин асрҳо ба ҳайати давлатҳои Ошур ва Урарту дохил мешуданд. Асосан ин он вилоятҳое буданд, ки баъдтар маркази салтанати мидиҳо гардиданд ва дар таҳти тасарруфи давлати Ошур буданд. Тоифаҳои форсии ҷанубу ғарби Эронзамин аввал ба подшоҳии Аллом ва сипас ба шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо итоат мекарданд, соли 640 пеш аз милод ба давлати Ошур тобеъ шуданд. Аммо, дар асрҳои VIII-VII пеш аз милод ҳудуди шимолу ғарбии ин

сарзамин дар зери ҳукумати давлати подшоҳии Монӣ муттаҳид гардиданд.

Қавму тоифаҳои ориёзабон дар марҳалаи аввали воридшавии худ ба Эронзамин, яъне охири ҳазораи II - ибтидои ҳазораи I пеш аз милод ҳанӯз ба зинаи рушди таъсиси иттиҳодияе мисли давлат нарасида буданд. Баъдан дар натиҷаи омезиши ин тоифаҳо бо аҳолии маҳаллӣ, ки боиси ташаккули унсурҳои эронизабон ва инкишофи он дар чоряки дуюми асри VII пеш аз милод давлати подшоҳии Мидӣ таъсис меёбад. Ин давлат дар аввал ҳудуди ноҳияи Экботан (Ҳамадони имрӯза) ва чанде аз вилоятҳои ҳамсоярo дар тасарруф дошт, вале баъдтар аксарияти вилоятҳои Эрон, аз ҷумла, вилояти Форс, хоки давлатҳои Монӣ ва Урарту, баъзе ноҳияҳои тобеи давлати Ошур, қисмати шарқии Осиёи Хурдро низ ба худ тобеъ намуд. Ҳудуди ин давлат дар шарқ то марзҳои Осиёи Миёна мерасид.

Баъдан, дар миёнаҳои асри VI пеш аз милод ба ҷойи давлати Мидӣ давлати Ҳахоманишиҳо таъсис меёбад. Бо таъсисёбии ин давлат ҳамон равандҳои хоси давраи пеш, асрҳои IX-VI пеш аз милод ва раванди ба давлати ягона муттаҳид гардидани кишварҳои мухталифи Шарқи Қадим, ба мисли давлатҳои Ошур, Урарту, Мидӣ ва Бобули Нав ба анҷом мерасад.

Бо маълумоти сарчашмаҳои мавҷуда бунёдгузори давлати бузурги Ҳахоманишиҳо подшоҳи тоифаи форсҳо Куруши II будааст. Куруши II дар ибтидо вассали давлати Мидӣ маҳсуб меёфт, вале дар натиҷаи муборизаи тӯлонӣ соли 550 пеш аз милод ин давлатро тамоман торумор намуда, онро пурра ба зери итоати худ медарорад. Дар як вақт ӯ дар баробари унвони подшоҳи Форс унвони подшоҳи Мидиро низ соҳиб мегардад.

Сарчашмаҳои таърихӣ хабар медиҳанд, ки Куруши II ҷангҳои зиёда карда, дар аввал тамоми мулкҳои тобеи давлати Мидӣ, сипас, соли 547 ё 546 пеш аз милод давлати юнонии Осиёи Хурд - Лидияро низ пурра ба худ тобеъ менамояд.

### Футуҳоти Куруши II дар Осиёи Миёна

Васеъшавии ҳудуд ва пуриқтидор гардидани давлат боиси болоравии нуфуси давлати Ҳахоманишиҳо гардид. Ин барои амалӣ шудани ниятҳои Куруши II доир ба давлати паҳновари

қитъаи Осиё табдил додани империя шароити мусоид фароҳам овард. Геродот менависад, ки пас аз тобеъ намудани Лидия «дар сари роҳи Куруш кишвари Бобул, мардуми бохтар, сакоиҳо ва мисриён қарор гирифта буданд, ки дар набардҳои зидди онҳо ӯ мехост шахсан худаш сардорӣ кунад, аз ин рӯ, ба ҷанги зидди иониҳо[38] сарлашкари дигареро фиристод». Тибқи маълумоти сарчашмаҳо Куруш аз иқтидор ва омодагии ҳарбии халқҳои Осиёи Миёна хабар дошт ва барои ҳамин сарварии лашкарро дар ин самт ба зиммаи худ гирифт.

Бобоҷон Ғафуров таъкид менамояд, ки доир ба рафти тасарруфи Осиёи Миёна аз ҷониби Куруш маълумоти амиқе дар даст нест. Аммо дар такя ба навиштаҳои муаллифони юнонӣ баъзе лаҳзаҳо ва ҳаводиси ба вуқуъ омадаро шарҳ медиҳад. Аз ҷумла, чунин навиштаи Гередоти юнониро меоварад: «Қисми зиёди аҳолии Осиёи поёнро Гарпаг ва Осиёи болоро худи Куруш, ки халқҳои онро паси ҳам, ба ҳеҷ яке раҳм накарда, ба асорат дучор мекард, аз дами теғ гузарониданд». Таърихнигори бобулӣ Беросс (асри III пеш аз милод) низ хабар медиҳад, ки Куруш танҳо пас аз мутеъ кардани тамоми Осиё ба Бобул лашкар кашидааст. Ин хабарҳо, - таъкид менамояд Бобоҷон Ғафуров, - ривояти Николаи Димишқиро доир ба он, ки пас аз ғалабаи Куруши II бар давлати подшоҳии Мидӣ гӯё сатрапи Гиркон ба пои худ омада, изҳори итоат карда бошад ва «сипас, сатрапҳои портҳо, сакоиҳо, бохтариҳо ва соири халқҳо паси ҳам, яке пештар аз дигаре омада, дар назди ӯ ба замин зону зада бошанд», пурра рад мекунанд. Ба андешаи муаллиф ин гуфтаҳо иштибоҳ аст, зеро бохтариҳо ва сакоиҳо дар тобеияти давлати Мидӣ набуданд, тасхири онҳо аз тарафи Куруш баъдтар ба вуқуъ омадааст. Хабари Трог бо нақли Юстин дар ин бобат ба ҳақиқат наздиктар аст: «Давлатҳое, ки пеш тобеи мидиҳо буданд, тағйири ҳокимиятро тағйироти вазъи худ пиндошта, аз Куруш ҷудо шуданд; ин барои Куруш баҳонае гардид, ки ба ҷангҳои сершумор оғоз намояд».

---

[38] Иониҳо - яке аз қабилаҳои калонтарини Юнони Қадим, ки асосан дар ҳудуди Аттика, қисми ҷазираи Эвбея ва дигар ҷазираҳои баҳри Эгей сукунат доштанд. Ин қабилаҳо дар асрҳои XI - IX пеш аз милод қисми мобайнӣ ва ғарби Осиёи Хурд, вилояти Ионияро мустамликаи худ карда буданд.

Доир ба футуҳоти Куруши II дар Осиёи Миёна Ктесий низ хабар дода менависад, ки Куруш «бо бохтариҳо меҷангид, вале дар муҳориба бартарии ягон тараф аён нагардид». Пас аз он ки бохтариҳо аз устувории дохилӣ ва иқтидори давлати Ҳахоманишӣ огоҳ шуданд, «ихтиёран» ба Куруш сари итоат фуруд оварданд.

Дар баробари маълумоти сарчашмаҳои хаттии юнонӣ маълумоти комилтарро доир ба давлати Ҳахоманишиҳо мо аз навиштаҷоти кӯҳи Бесутун[39], ки бо амри Дорои I сабт шудааст, пайдо менамоем. Пеш аз ҳама аз ин катиба мо доир ба ҳудуди давлати Ҳахоманишиҳо то замони ба сари қудрат омадани Дорои I маълумоти амиқ мегирем. Маълум мешавад, ки дар фосилаи пас аз вафоти Куруши II ва ба тахт нишастани Дорои I - солҳои 530-522 пеш аз милод Ҳахоманишиҳо асосан ба фатҳи Миср ва умури дохилии давлати худ машғул буданд ва дар ин давра кӯшиши тобеъ кардани вилоятҳои нави Осиёи Миёна ба амал наомадааст. Дар сутуни аввали катиба аз номи Доро омадааст: «Ин аст он кишварҳое, ки бо меҳрубонии Аҳуромаздо насиби ман гардидаанд». Баъдан номи кишварҳои Порт, Ориё, Хоразм, Бохтар, Суғд ва ҳамчунин вилоятҳои ҷануби Афғонистони имрӯза ва шимолу ғарби Ҳиндустон: Қандаҳор, Сатагидия, Арахосия ва дар миёни ду вилояти аввал «Сака» (шояд сакоиҳои ҳавмаварға бошанд) номбар мешаванд. Сарчашмаҳои Юнони Қадим, пеш аз ҳама тибқи хабари Плиний Куруш Каписа ном мавзеъро ишғол ва хароб намудааст. Бо андешаи муҳаққиқон ин ҳамон маҳалли Бағроми назди Кобул аст.

Ҳамин тавр, новобаста аз кам будани далелу мадракҳои зарурӣ, метавонем хулоса намоем, ки ба Куруши II тобеъ намудани Порт, Бохтар, Хоразм, Суғд ва кадом як қисм ҳудуди сакоиҳо, аниқтараш сакоиҳои ҳавмаварға, муяссар шуда будааст. Аммо дар самти шимолу шарқ ҳудуди Ҳахоманишиҳо то ба куҷо тӯл кашида буд, ҳоло маълум нест. Андешаи баъзе муҳаққиқон, ки дар асоси нисбат додани бунёди шаҳри Киропол ба Куруш, ҳудуди

[39] Катибаи Бесутун ё Катибаҳои Дорои Бузург, ки онро «катибаҳои Беҳсутун» низ мегӯянд. Маҷмааи бостонии катибаҳои Бесутун дар наздикии шаҳристони Кирмоншоҳи Эрони имрӯза воқеъ аст. Катиба дар баландии яксаду панҷ метр аз замин дар кӯҳи Бесутун бо хати мехӣ ва ба се забон-форсии қадим, бобулӣ ва аламӣ ҳаккокӣ шудааст.

давлати Ҳахоманишиҳоро то ба Фарғона расонидаанд, тасдиқи комили худро пайдо накардааст. Тибқи маълумоти муътамади забоншиносӣ номи шаҳр Куру-(ш)-ката буда, решаи аввали он номи қабиларо ифода мекунад ва онро юнониҳо нодуруст фаҳмида, ҳамчун Кирэсхата хондаанд.

## Куруш ва Томирис.
## Шикасти қушуни Ҳахоманишӣ

Куруши II соли 539 пеш аз милод Бобулро ишғол намуда, қасди ба даст овардани Мисрро мекунад. Аммо вазъ дар самти шимолу шарқии давлат, яъне марз бо Осиёи Миёна ӯро ба ташвиш андохта, аз иҷрои ин амал боз медорад. Аз ин рӯ, бо маълумоти сарчашмаҳо ӯ дуюмбора ба Осиёи Миёна бо мақсади шикасти қабилаҳои бодиянишин лашкар мекашад.

Пеш аз ҳама аллома Бобоҷон Ғафуров таъкид менамояд, ки гарчанде муаллифони қадим доир ба ҷангҳои Куруш маълумот диҳанд ҳам, ҳар кадоми онҳо воқеаҳоро ба таври худ шарҳ медиҳанд. Масалан, тибқи таҳқиқи манбаъшиносии И.В. Пянков[40] яке мегӯяд: Куруш аз дарёи Аракс убур карда, ба сарзамини массагетҳо дохил шуд, ки сардори онҳо малика Томирис буд. Дигаре ҳам тақрибан ҳамин тавр нақл мекунад: Куруш бо скифҳо, ки роҳбари онҳо Томирис буд, ҷангҳо кард. Дигаре меоварад: Куруш бо дарбикҳо задухӯрд намуд. Инчунин ривояти дигаре низ ҳаст, ки аз ҷангидани Куруш дар «даштҳои дайҳо» хабар медиҳад.

Таърихнигорони Юнони қадим- Трог-Юстин ва Геродот нисбат ба дигарон доир ба ҷангҳои Куруш ва натиҷаҳои он маълумоти муфассале медиҳанд. Масалан, тибқи навиштаи Трог-Юстин Куруш дар Осиёи Миёна ба муқобилияти ҷиддии скифҳо, ки Томирис маликаи онҳо буд, дучор мешавад. Аз рӯи нақли ин таърихнавис дар аввал Куруш ба лашкари скифҳо шабохун зада, писари Томирисро ба қатл мерасонад. Баъдтар скифҳо бо

[40] Пянков Игор Василевич (1936-2020) – муаррих-шарқшиноси шӯравӣ ва рус, доктори илмҳои таърих, профессор, корманди илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ, профессори кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Новгород ба номи Ярослав Мудрий. Муҳаққиқи манбаъҳои хаттии юнонию римӣ доир ба таърихии Осиёи Миёна.

роҳбарии Томирис ва истифодаи ҳилаи ҳарбӣ лашкари 200 000 нафараи форсҳоро маҳв менамояд. Дар ин ҷанг гӯё Куруш ҳам кушта шуда, сараш ба халтаи хун партофта мешавад.

Тибқи нақли Геродот, ки боз ҳам муфассалтар аст, дар ибтидо Куруш Томирисро хостгорӣ менамояд. «Лекин Томирис,- менависад Геродот,- на хостгори вай, балки хостгори салтанати массагетҳо будани Курушро пай бурда, ин пешниҳодро рад намуд». Тибқи навиштаи ин муаллиф писари Томирис – Спаргапис кушта нашуда, балки асир меафтад ва худашро мекушад. Геродот ҷанги массагетҳо ва ҳахоманишиҳоро чунин тасвир менамояд: «Ин муҳориба аз тамоми задухӯрдҳое, ки барбариҳо иштирок доштаанд, шадидтар буд. Аз рӯи шунидам, вай ин тариқа рӯй додааст: аввал ҳарду лашкар аз масофаи дуртар истода ба якдигар аз камон тир паррондаанд, сонӣ, вақте ки тири камон тамом шудааст, ба ҷанги тан ба тан гузашта, найзаву шамшерзанӣ кардаанд. Қӯшунҳо муддати дуру дароз ба ҳам муқобил истода, ҳеҷ яке аз тарафҳо рӯ ба гурез наниҳодааст. Ниҳоят, массагетҳо ғалаба ба даст овардаанд. Бештарин қисмати қӯшуни форс дар майдони ҷанг нобуд гардида, худи Куруш ҳам кушта шудааст».

Страбон ба ҳамин навиштаи Геродот илова мекунад, ки дар вақти ин ҷанг душманони бодиянишини Куруши II (ӯ онҳоро сакоӣ меномад) лашкари ҳахоманиширо ду бор шикаст доданд.

Воқеан бо он маълумоте, ки дар даст ҳаст муайян намудани самти ҳаракати Куруш ва маҳалли ин муҳорибаҳо хеле душвор аст. Бо тахмини баъзе олимон маҳалли муҳориба соҳили Амударё, Сирдарё ва ё Узбой мебошад. Бобоҷон Ғафуров маҳалли ин муҳорибаҳо будани Узбойро, яъне маҷрои кӯҳнаи Амударёро ҷонибдорӣ менамояд.

Санаи баргузории муҳориба тибқи ҳуҷҷатҳои бобулӣ маълум шудааст. Шикаст хӯрдани Куруш дар охири июлу ибтидои августи соли 530 пеш аз милод ба вуқуъ омадааст.

Бобоҷон Ғафуров дар такя ба гуфтаҳои М.М. Дяконов[41] Курушро яке аз барҷастатарин симоҳои таърихи қадими мардуми

---

[41] Дяконов Михаил Михайлович (1907-1954) – шарқшинос ва бостоншиноси шинохтаи шӯравӣ, профессор, Ходими хизматнишондодаи илми ҶШС Тоҷикистон. Муаллифи китобҳои «Фирдавсӣ: ҳаёт ва эҷодиёт» (1940), «Дар

ориёӣ номида, таъкид менамояд, ки ӯ дар фаъолияти худ, ҳамчун ифодакунандаи бисёр тамоюлҳои пешқадами замонаш баромад кардааст. Ба замми он, Куруш тавонист давлати паҳновари Ҳахоманиширо бо захираҳои фаровон барпо намояд, ки ҳудуди он аз Осиёи Хурд то водии Ҳинд тӯл мекашид.

### Шӯриши зидди Ҳахоманишиҳо дар аҳди Дорои I

Пас аз вафоти бунёдгузори тавонои давлати Ҳахоманишӣ Куруши II ба сари тахт писари ӯ Камбуҷиё омад. Камбуҷиё тавонист ба Миср лашкар кашида, ин мамлакатро ҳам ба таҳти тасарруфи Ҳахоманишиҳо дарорад. Соли 522 пеш аз милод ҳокимиятро Дорои I ба даст даровард, ки то соли 486 пеш аз милод салтанат рондааст. Аммо, васеъ шудани ҳудуди давлати Ҳахоманишиҳо, болоравии иқтидори он пеши роҳи ошӯбҳо, шӯришҳои мардумӣ ва муборизаи дохилидарбориро гирифта натавонист. Бобоҷон Ғафуров таъкид менамояд, ки давраи ҳукмронии Дорои I (522-486 п.м.) ҳам давраи инкишофи давлат ва ҳам давраи авҷи шӯришҳо буд. Дар катибаҳои Бесутун аз номи Доро доир ба фурӯ нишондани ин ошӯбҳо ба таври муфассал нақл карда мешавад. Дар ҳудуди Осиёи Миёна низ шӯришҳо ба вуқуъ омадаанд. Тибқи навиштаҷоти кӯҳи Бесутун дар Порт, Марғиён ва мамлакати сакоиҳо низ шӯришҳо сар задаанд. Аз ҷумла, дар бораи яке аз шӯришҳо дар катиба чунин омадааст: «Доро гӯяд: кишвари Марғиён ба ошӯб омад. Якеро бо номи Фради Марғиёнӣ сардор хонданд. Пас, ман як марди форсро бо номи Додоршиш, банда ва волии ман, ба Бохтар фиристода, ба ӯ гуфтам: «Бирав ва мағлуб соз лашкареро, ки худро на лашкари ман гӯяд». Сипас, Додоршиш бо лашкар бирафт ва бар сари марғиёниён битохт. Аҳуромаздо ба ман мададгор шуд. Бо марҳамати Аҳуромаздо лашкари ман лашкари ошӯбгаронро торумор намуд. Рӯзи 23-и моҳи ассиядия ҷанг оғоз шуд». Пас аз ин, ӯ мегӯяд «кишвар мутеи ман гардид».

Таърихи шӯриши Фрад ба санаи 10 декабри соли 522 пеш аз милод рост меояд. Ин шӯриш бо роҳбарии волии Бохтар бераҳмона пахш гардид ва тибқи ривояти бобулӣ ва нусхаи

---

саргаҳи фарҳанги қадимаи Тоҷикистон» (1956), «Очерки таърихи Эрони қадим» (1961), роҳбари Экспедитсияи тоҷикӣ-суғдӣ аз соли 1953.

оромии навиштаҷоти Бесутун дар рафти пахши он 55 ҳазор кушта, 6,5 ё 7 ҳазор кас асир афтодааст. Роҳбари шӯришгарон Фрад низ кушта мегардад. Дигар шӯришҳо низ ҳамин тавр пахш карда шуданд.

Соли 518 пеш аз милод Дорои I бар зидди сакоиҳои тиграхуд лашкар кашида, онҳоро низ пурра шикаст дод ва тобеи худ намуд. Новобаста аз муқобилияти сахт сакоиҳо шикаст мехӯранд ва шумораи зиёди онҳо ва аз ҷумла, пешвои онҳо Скунҳа асир меафтад. Бобоҷон Ғафуров нақли Полиен - таърихнигори Юнони Қадим, ки дар асоси ривоятҳо навишта шудааст ва доир ба қаҳрамонии Шерак ном саиси сакоӣ маълумот медиҳад, ба таври муфассал меорад. Шерак лашкари Дорои I фиреб дода, онҳоро ба дашту биёбонҳо роҳнамоӣ менамояд, ки боиси нобудшавии лашкари форсҳо мегардад.

## 2. ҶАМЪИЯТИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРҲОИ V- IV ПЕШАЗ МИЛОД

### Осиёи Миёна дар ҳайати давлати Ҳахоманишӣ

Бо маълумоти сарчашмаҳои муътамад қисми зиёди сарзамини Осиёи Миёна ба ҳайати давлати Ҳахоманишиҳо шомил буд. Аз ҷумла, дар навиштаҷоти Тахти Ҷамшед омадааст, ки давлати Ҳахоманишӣ аз сарзамини «сакоиҳои паси Суғд» то Кӯш (Эфиопияи имрӯза) ҳудуди ниҳоят бузургеро ишғол мекард. Дар ин ҷо «сакоиҳои паси Суғд» ҳамон сакоиҳои паси дарёи Сир дар назар аст. Ҳамин тавр Хоразм, Суғд, Бохтар, Порт ва сакоиҳои бодиянишин ба ҳайати давлати Ҳахоманишиҳо дохил мешуданд.

Аз мулкҳои Осиёи Миёна Бохтар то охирин лаҳзаҳои мавҷудияти давлати Ҳахоманишиҳо ба он ҳамроҳ буд ва яке аз муҳимтарин маркази шарқии он ҳисоб меёфт. Барои ҳамин Бохтар дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодию ҳарбии давлати Ҳахоманишиҳо мавқеи асосиро ишғол мекард. Аз ҷумла, дар муборизаҳои сулолавӣ барои тахти шаҳаншоҳӣ низ Бохтар мавқеи муҳимро ишғол менамуд ва аъёни ашрофи бохтарӣ дар умури давлатдорӣ на камтар аз форсҳо нақш доштанд.

Давлати Ҳахоманишиҳо мувофиқи сарчашмаҳои хаттӣ ба 20 воҳидҳои маъмурӣ - *сатрапиҳо* ҷудо мешуд, ки онҳоро *сатрапҳо* (волиҳо) идора мекарданд. Сатрапҳо бевосита ба шоҳ тобеъ буданд ва вазифаашон, пеш аз ҳама аз ҷамъоварии андоз, нигаҳдории лашкар ва муносибат бо ҳамсояҳо иборат буд. Сатрап метавонист бо ризояти шоҳ ба муқобили ҳамсояҳо лашар кашад. Мансаби сатрап меросӣ буд.

Дар давлати Ҳахоманишиҳо низоми ниҳоят хуб ва мутамаркази молиёту хироҷандозӣ ташаккул ёфта буд. Баъд аз ислоҳоти молиявии Дорои I ҳар як вилоят андози солонаро ба шакли пулӣ иҷро менамуд. Ғайр аз ин андозҳои натуралӣ (дар шакли асл) аз маҳсулоти зироатӣ, ҳунармандӣ, боҷҳои дохилӣ ва андози роҳ низ мавҷуд буданд. Вазнинтарин андоз барои аҳолӣ ин бо сарбоз таъмин намудани артиши ҳахоманишӣ буд.

Осиёи Миёна ба 4 сатрапия тақсим ва ба ҳар яки он ҳадди муайяни андоз муқаррар гардида буд:

1. Сатрапи XI. Бодиянишинони канораҳои баҳри Каспӣ бо хироҷи солона ба миқдори 200 талант[42] нуқраи бобулӣ, ки як талант баробар ба 30 кг буд.
2. Сатрапи XII. Ин сатрап фарогири Бохтар буд, ки солона 360 талант нуқра андоз месупорид.
3. Сатрапи XV. Ин сатрап ҳудуди зиндагии сакоиҳоро фаро мегирифт ва андози солонаи онҳо 250 талант нуқра буд.
4. Сатрапи XVI. Ба ин сатрап Порт, Хоразм ва Суғд дохил мешуданд ва дар маҷмуъ онҳо солона 300 талант нуқра андоз месупориданд.

Дар маҷмуъ сатрапҳои осиёимиёнагии Ҳахоманишиҳо соле зиёда аз 30 тонна нуқра андоз месупориданд, ки ин барои он замон даромади хеле зиёд ба шумор мерафт. Илова бар ин аз аҳолӣ барои истифодаи дарғотҳо андози алоҳида ситонида мешуд. Геродот менависад: «...Вақте ки онҳо беоб монданд, бо аёли худ ба Форс мераванд, дар назди дари қасри подшоҳ ҷамъ шуда, доду фиғон мебардоранд; подшоҳ аҳволи ин мӯҳтоҷонро дида, амр мекунад, ки дарғотҳоро кушода, обро ба сӯи дашт сар диҳанд.

[42] Талант - воҳиди пулӣ, ки дар аҳди бостон дар Аврупо, Осиёи Пеш ва Африкаи Шимолӣ истифода мешуд ва тақрибан баробар ба 30 кг нуқра буд.

Ҳамин ки замин аз об сер шуд, боз дарғотҳоро мебанданд ва бо амри подшоҳ дарғотҳои дигарро барои дигар мӯҳтоҷони об боз мекунанд. Аз рӯи ривоятҳо ба ман маълум аст, ки подшоҳ ғайр аз андозҳои муқаррарӣ ба ивази кушодани дарғотҳо пули бисёр меситонад».

Дар умум Б. Ғафуров зиндагии мардуми Осиёи Миёнаро дар замони Ҳахоманишиҳо хеле вазнин қаламдод намудааст. Ба хулосаи ӯ Ҳахоманишиҳо бо ашрофи бумӣ якҷоя шуда мардумро ғорат менамуданд. Аз ин ҷост, ки мардум гоҳҳо бар зидди бедодгариҳои форсҳо исён мебардоштанд. Ба хоразмиҳо муяссар мешавад, ки дар асри IV пеш аз милод давлати мустақили худро ташкил намоянд. Саккоиҳо низ дар ин давра аз тобеияти Ҳахоманишиҳо берун меоянд.

Академик Бобоҷон Ғафуров давлати Ҳахоманшиҳоро «давлати ҳарбии ашрофии ғуломдорӣ» номидааст. Табақаи ҳукмрони онро асосан форсҳо ва қисман мидиҳо ташкил медоданд. Дар музофотҳо, махсусан маҳалҳои дури давлат ҳокимияти маъмурони «худӣ» (дурусташ маҳаллӣ) хеле қавӣ буд.

### Сохти иҷтимоию иқтисодӣ, маданият ва дини Суғд, Хоразм ва Бохтар дар асрҳои VI-IV пеш аз милод

Муаллифи китоби «Тоҷикон» сохти ҷамъиятии халқҳои шарқиэронии Осиёи Миёнаро дар давраи ҳукмронии Ҳахоманишиҳо тасвир намуда, таъкид менамояд, ки он бо маълумоти сарчашмаҳо ва дигар мадракҳои таърихӣ аз сохти ҷамъиятии қавмҳои ғарбиэронӣ моҳиятан фарқ менамуд. Пеш аз ҳама, новобаста аз он ки дар Осиёи Миёна ҳам муносибатҳои ғуломдорӣ рушд карда буданд, аммо дар ин ҷо асоси хоҷагиро меҳнати ғуломон ташкил намедод. Баробари ин дар Осиёи Миёна нишонаҳои сохти авлодӣ хеле бештар боқӣ монда буданд ва ҷамоаи деҳотӣ мавқеи афзалиятнокро соҳиб буд.

Бобоҷон Ғафуров аз нақши дутарафа доштани ворид шудани Осиёи Миёна ба давлати Ҳахомнишиҳо андеша ронда, менависад, ки аз як тараф ин раванд ба тезтар инкишоф ёфтани муносибатҳои ғуломдорӣ имконият дода бошад, аз тарафи дигар боиси хароб ва заиф гардидани иқтисодиёти минтақа шуд. Ба андешаи ӯ сарватҳои зиёди минтақа дар сурати боҷу хироҷ ва ба марказ

бурдани молу ашё тороҷ мегардид, беҳтарин пешаварон барои истифода дар бунёди кӯшку қасрҳои шоҳони ҳахоманишӣ бурда мешуданд.

Маълумоти имрӯз дар дасти мо буда,-менависад Б. Ғафуров, - махсусан маводи ҳафриёти Афросиёб (Самарқанди қадима) ва инчунин навиштаҳои муаллифони қадим имкон медиҳанд, ки вазъи Суғди қадимаро дар он давра тавсиф намоем. Дар Суғди қадим кишоварзӣ, ки асоси онро обёрӣ ташкил медод, хеле ривоҷ ёфта буд. Масалан, Страбон доир ба истифодаи оби дарёи Политимент (Зарафшони имрӯза) менависад: «Дарё ин маҳалро шодоб намуда ба сарзамини биёбону регзор мебарояд ва рег онро фурӯ мекашад». Дар баробари деҳоти зиёд дар Суғд масканҳои шаҳрӣ низ бисёр буданд. Яке аз калонтарин шаҳрҳо Мароканд ё Смараканда (Самарқанди имрӯза) маҳсуб меёфт. Ин шаҳр то замони истилои юнону макдуниҳо аз ду қисм-арки бо хандақу девор иҳоташуда ва худи шаҳр, ки бештар аз 12-12,5 км масоҳат дошт, иборат буд ва бо наҳри алоҳида, эҳтимол Сиёб (дурустараш Сиёҳоб) таъмин мегардид. Аз рӯйи маълумоти бостоншиносӣ Самарқанди қадим дар ҷои харобаҳои Афросиёб мавқеъ доштааст. Ҳангоми ҳафриёт нишонаҳои маскани асрҳои VI-IV пеш аз милод пайдо шуданд, ки тақрибан 50-70 га масоҳат доштанд. Умуман масоҳати умумии шаҳри Афросиёб 200 гектарро ташкил медодааст ва деворҳои он то 12-12,5 км дарозӣ доштаанд. Аз ин ҷо қабатҳои гуногуни маданӣ, осори иморатҳои зиёди аз хишти хом ва лой бунёдшуда, зарфҳои гуногуни бо чарху даст сохташуда, дегу дегчаҳо, белча ва доси оҳанӣ, оинаи биринҷӣ, муҳри сангӣ бо тасвири шоҳ ё худои камондардаст дарёфт шуданд. Маводи бостоншиносӣ доир ба рушди ҳунармандӣ, истеҳсоли олоти гуногуни филизӣ, бофандагӣ, оину мазҳаби самаркандиҳо маълумоти фаровон медиҳанд.

Ҳафриёти бостоншиносии Хоразм низ доир ба ҳаёти ҷамъиятии VI-V пеш аз милод маълумоти хуб медиҳанд. Дар ин минтақа низ якчанд масканҳои калони аҳолинишин кашф шуданд. Аз ҷумла, маскани Гӯзалқир, ки намуди секунҷа дошт ва бештар ба истеҳком монанд буду дар мобайни шаҳр бинои хеле калон бо толорҳои фарох ва нақшҳои муназзам ҷой дошт, намунаи хуби осори ин давра аст. Дингилҷӣ низ осори ин давра аст ва дар ин ҷо ҳавлии серманзили

берунишаҳрӣ, ки зоҳиран иқоматгоҳи шахси сарватманде будааст, бо тамоми ҷузъиёташ пайдо карда шуд.Осори аз шаҳраки Кулолгар ёфт шуда, ба давраи охири Ҳахоманишҳо рост меояд ва бо толори сутундори худ фарқ мекунад.

Минтақаи машҳури дигар Марғиён буд, ки бо заминҳои ҳосилхези худ шӯҳрат дошт. Страбони юнонӣ менависад, ки дар Марғиён «токҳои хубе парвариш мекунанд. Нақл мекунанд, ки дар ин ҷо аксар вақт чунон танаҳои ток дучор меояд, ки танҳо дар оғӯши ду кас ҷой мегирад ва дарозии ҳар як сари ангур ба ду олчин мерасад». Масканҳои бузурги шаҳрии ин ҷо хеле пештар аз Ҳахоманишиҳо пайдо шуда буданд. Яке аз онҳо Ғаюрқалъа –шаҳри қадимаи Марв мебошад. Қалъаи шаҳр дар болои суфаи хиштии хеле баланд бунёд ёфтааст. Шояд ин ҷо қароргоҳи ҳоким бошад. Осори дигар ин шаҳрчаи Елкинтеппа аст, ки дар шимоли Порт мавқе дошт ва бо низоми иншоот ва истеҳкоми ҳарбияш фарқ мекард. Мадракҳои бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки ҳамон вақт дар воҳаи Марв каналҳои калони обёрикунанда вуҷуд доштанд. Яке аз чунин каналҳо аҳолии Ғаюрқалъаро бо об таъмин менамуд.

Яке аз минтақаҳои асосии зироаткорӣ Бохтар маҳсуб меёфт. Доир ба Бохтар сарчашмаҳои юнонӣ маълумоти фаровон медиҳанд. Аз ҷумла, Квинт Куртсий менависад: «Табиати Бохтар гуногун аст: дар он ҷо токҳои ангур ҳосили пурбор ва ширин медиҳанд; оби фаровон замини тафсонро шодоб мекунад; дар заминҳои ниҳоят ҳосилхез ғалла корида, боқимондаи он ба чарогоҳи гову гӯсфандон табдил дода шудааст, вале қисми зиёди замин дашти бесамар мебошад». Тибқи маълумоти Плиний бошад, дар Бохтар рустаниҳои ғалладонае, ки ҳар як донаи он аз ҷиҳати ҳаҷм бо хӯшаҳои муқаррарӣ баробар аст, парвариш карда мешуданд ва зироаткорӣ ҳам бо роҳи лалмӣ ва ҳам обӣ ривоҷ меёфт. Ҳафриётҳои бостоншиносӣ муайян намуданд, ки дар асрҳои V-IV пеш аз милод дар водии Вахш канали бузурге мавҷуд буд, ки тахминан ба шохаи ҳозираи Ҷӯйбори Боло мувофиқат мекард ва қариб 50 км мураббаъ заминро обёрӣ менамуд.

Доир ба Бохтар, мо инчунин аз натиҷаҳои корҳои бостоншиносон маълумоти хуб мегирем. Ковишҳои бостонӣ нишон медиҳанд, ки қадимтарин табақаҳои шаҳри Балх ба охири нимаи аввали ҳазораи I пеш аз милод мутааллиқ мебошанд.

Бостоншинос М.М.Дяконов дар поёноби дарёи Кофарниҳон (ҳоло ноҳияи Қубодиёни Тоҷикистон) доир ба фарҳанги Бохтари шимолӣ маводи фаровон ба даст овард. Дар мавзеъ як силсила иқоматгоҳҳои хеле вайронгардидаи давраи қадими бохтарӣ, ҳашт хонаи камбари аз хишти мураббаъ биноёфта, ки девори берунии хонаҳо назар ба дигар деворҳо ғафстар буд, зарфҳои зиёде, ки ба зарфҳои Самарқанд ва Марви қадима монандӣ доштанд, пайконҳои биринҷии марбут ба асрҳои VII-V пеш аз милод, маснуоти оҳанӣ, ба мисли сӯзан, корд ва ғайра ёфт шуданд. Ин шаҳодат медиҳад, ки сокинони ин мавзеъ ба касбу кори гуногун, аз ҷумла кулолӣ, бофандагӣ, олотсозӣ ва биринҷигудозӣ, зироаткории обӣ ва чорводорӣ машғул будаанд. Яке аз дигар масканҳои асрҳои V-IV пеш аз милод ин Булдонтеппа мебошад, ки дар водии Вахш, наздикии шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) дарёфт шудааст.

Намунаи олии ҳунари Бохтари даврони ҳахоманишӣ ашёи зарин ва симини «Дафинаи Амударё» мебошанд, ки он соли 1877 аз Қубодиёни Тоҷикистон тоҷирони бухороӣ харидорӣ намуда ба Ҳиндустон бурданд. Баъдтар ин хазина ба дасти дигарон афтод ва ҳоло дар Осорхонаи Британия маҳфуз мебошад. Хазина зиёдтар аз 180 ашёи заргарии асосан аз симу зар сохташуда, тангаҳои тилло ва нуқра иборат мебошад. Омӯзиши ашёи ин ганҷина нишон дод, ки ҳунари мардумони Осиёи Миёна ба хусус Бохтар дар ин давра хеле рушдёфта буда, дорои фарҳанг ва иқтисодиёти пешрафта будааст. Махсусан, аробаи дучархаи ҷангии тиллоӣ, ҳайкалчаи нуқрагии одам, сафҳаи тиллоие, ки дар рӯи он сурати барҷастаи одам кашида шуда, либос ва аслиҳаи ӯ бо тамоми ҷузъиёташ тасвир ёфтааст, бозубанди тилло, ки нӯгҳои он ба шакли сари буз зинат дода шудааст, муҷассамаи тиллоии гавазн ва бисёр ашёҳои дигар бо ҳунари волои касбӣ сохта шудаанд.

Ба андешаи баъзе муҳаққиқон ин хазинаи хусусии кадом як хонаводаи ашрофи бохтарӣ ё маъбади машҳури дар Бохтар будаи Анаҳито будааст. Эҳтимол ин маъбад дар вақти ҳамлаи лашкари Искандари Мақдунӣ ва ё Салҷуқи I хароб гардида бошад. Аксари ашёи ганҷинаи мазкур маҳсули дасти ҳунармандони бохтарист ва онҳо аз хориҷ ба хоки Осиёи Миёна оварда нашудаанд. Даъвои баъзе олимон дар бобати набудани тилло дар Бохтар нодуруст аст,

зеро осори конҳои тилло дар ин сарзамин то ҳол боқӣ мондаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқот доир ба хизонаи Амударё хеле кӯҳна шудаанд ва имрӯз дар заминаи кашфиёти нав, махсусан доир ба санъати бостонии Эрону Осиёи Миёна ба даст омада, зарур аст, ки ин ашёҳо аз сари нав мавриди таҳқиқ қарор гиранд.

Дар ҳудуди шимолии Тоҷикистони имрӯза низ як қатор шаҳрҳои хурду калон дар он давра мавҷуд будаанд. Яке аз шаҳрҳои калони дар ҳудуди ноҳияи Ӯротеппа (имрӯза Истаравшан) ҷойдоштаро юнониҳо Киропол номидаанд. Ҳамзамон, ёдгориҳои зиёде аз сарзамини паҳновари сукунати сакоиҳо низ боқӣ мондаанд. Масалан, қӯрғонҳои Помири Шарқӣ, Ҳафтрӯд, маҳалҳои атрофи Арал, қабристони сакоиҳои дар поёноби Сирдарё ва дигар ёдгориҳо доир ба ҷомеаи сакоиҳо маълумоти фаровон медиҳанд. Омӯзиши қӯрғонҳо нишон дод, ки ҷомеаи сакоиҳо низ мисли дигар халқҳои қадими эронӣ ба се табақа ё каста - ҷанговарон, коҳинон ва аҳли озоди ҷамоат тақсим мешудааст. Ба чунин табақаҳо тақсимшавии ҷомеаи сакоиҳо дар асарҳои муаллифони антиқа низ оварда шудаанд. Аксарияти онҳо ҳангоми зикри сокинони ноҳияҳои шимолии Осиёи Миёна номҳои *котиерҳо* ва *эвхатҳоро* мебиёранд. Шояд ин ҳамон *катарҳо* ва *авхатҳо*, яъне номи авлодҳои скифҳои аврупоӣ бошанд. Ривояти ба авлод тақсимшавии скифҳо ба муҳаққиқон имконият дод, ки тақсимоти иҷтимоӣ ва табақавии байни онҳоро тасдиқ намоянд. Ба назари мо, анъанаи ривояти скифҳо ҳам ба худи онҳо нисбат дораду ҳам ба сакоиҳо. Ин умумият пайвастагии скифҳо ва сакоиҳоро нишон медиҳад. Геродот менависад, ки ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ дорои рамзи худ буд, аз ҷумла *табарзин* - нишони ҷанговарон, *юғу омоч* - нишони аҳли зироат ва *ҷом* - нишони коҳинон аст. Тибқи ривояти скифҳо ин рамзҳо аз осмон афтода буданд. Ба замми он, тибқи маълумоти ҳамон муаллифони замони антиқа сакоиҳо низ чанд ашёро ҳамчун чизҳои худофиристода парастиш мекарданд. Аз ҷумла, *найзаву тир* барои дафъи душман, *юғу омоч* - барои баҳрабардорӣ аз замин ва *ҷом* барои адои ибодат фиристода шудаанд. Дар ин ҷо фақат ба ҷои табарзин найзаву тир омадааст. Ин гувоҳи он аст, ки нишонаҳои рамзии ҳам скифҳо ва ҳам сакоиҳо айнан якхела будаанд.

Доир ба сохти сиёсии ҷомеаи сакоиҳо маълумоти кофӣ мавҷуд нест. Аз осори хаттии замони антиқа бармеояд, ки сардори қабилаи сакоӣ шоҳ будааст. Ба гуфтаи Геродот қабилаи скифии атрофи Баҳри Сиёҳро се подшоҳ сардорӣ мекарданд, вале яке аз онҳо шоҳи асосӣ маҳсуб меёфт.

Доир ба эътиқоди динии сокинони Осиёи Миёна дар ин давра низ он қадар маълумоти зиёд нест. Ҳаминаш маълум аст, ки дину эътиқоди ягона вуҷуд надошт. Аз рӯйи баъзе маълумот қисме аз сакоиҳо низ оини зардуштиро қабул намуда буданд, аммо дар байни қавму тоифаҳои дигар асосан ҳамон тасаввуроти диние, ки асоси он аз парастиши яздони меҳр - Аҳуро-Маздо ё худ Митра ташкил медод, ҳукмфармо буд. Эътиқоди динии сакоиҳо бештар тавассути бозёфтҳо ва санъати аз онҳо боқимонда, ки бисёр вақт сабки тасвири ҳайвон дар он ҷои асосиро ишғол менамояд, низ ошкор мегардад. Чунин осор дар саросари даштҳои Авруосиё паҳн шуда буданд. Барои боз ҳам бештар аниқ намудани ақидаҳои динию хурофотии халқҳои қадими Осиёи Миёна омӯзиши ашёҳои «Дафинаи Амударё» аҳамияти калон дорад.

Тақвиме, ки дар давлати Ҳахоманишӣ истифода мешуд, тақвими хурдавестоӣ буд, ки ҳар сол аз 12 моҳи сирӯзӣ ва панҷ рӯзи илова иборат буд. Ҳар як моҳ ва рӯзҳои тақвим бо номи худоён ва шахсони асотирии оини Зардуштии «Хурд-Авесто» ва ё дигар худоёни қадими эронӣ номгузорӣ шудаанд. Осори хаттии суғдӣ, хоразмӣ ва портии аз замонҳои қадим ва ибтидои асрҳои миёна ба мо расида, доир ба васеъ паҳн шудани ин тақвим дар байни мардуми эронинажод, аз ҷумла, ҳудуди Осиёи Миёна шаҳодат медиҳанд. Баъдан, тақвимҳои нав, аз ҷумла тақвими форсии миёна ва форсии нав маҳз дар заминаи ҳамин тақвим ба вуҷуд омадаанд.

## 3. ОСИЁИ МИЁНА ВА ЭРОН ДАР АҲДИ САЛТАНАТИ ҲАХОМАНИШИҲО

Академик Бобоҷон Ғафуров дар ин зербоб шоҳаншоҳии Ҳохоманишиҳоро давлати бузруг номида, таъкид кардааст, ки анъанаҳои сиёсию иқтисодӣ ва мадании ин шоҳаншоҳӣ ба давлатҳои бузурги баъд ташаккулёфта, аз ҷумла давлатҳои

Кушониён, Ашкониён (Порт) ва Сосониён таъсири ҷиддӣ гузоштааст. Таъсири давлатдории Ҳахоманишиҳо ҳатто дар идоракунии империяи Искандари Мақдунӣ низ мушоҳида мегардад.

Шоҳаншоҳии Ҳахоманишӣ яке аз пуриқтидортарин империяҳои ҷаҳони қадим буда, зиёда аз 200 сол мавҷудияти худро нигоҳ дошт ва дар таърихи Шарқи Қадим ҳамчун давлати мутамарказ ва ташаккулёфта мавқеи намоёнро ишғол менамуд. Оину суннати давлатдорӣ, созмонҳои иқтисодию сиёсӣ ва анъанаҳои фарҳангие, ки дар ин давра ба вуҷуд омаданд, асрҳо боқӣ монданд.

Дар солҳои мавҷудияти шоҳаншоҳии Ҳахоманишӣ дар ҳаёти мардуми ориёитабор тағйироти муҳимми иҷтимоӣ ба амал меояд. Пеш аз ҳама рушди муносибатҳои заминдорӣ, афзудани аҳамияти меҳнати ғуломон, фаъолияти муназзами тиҷоратхонаҳои Бобул мушоҳида мегарданд. Тартиби муназзами пардохти молиёт ва низоми ягонаи давлатии пулӣ ташаккул меёбанд, усули идоравии ба сатрапиҳо (вилоятҳо) тақсим намудани давлат бо ҳудуду марзи аниқ, низоми муайяни коргузорӣ бо истифодаи хатти ягонаи оромӣ ҷорӣ мегардад. Ҳахоманишиҳо аввалин шуда почтаро ташкил намуданд, роҳҳои нав сохта, роҳҳои кӯҳнаи корвонгузарро таъмир карданд. Ҳамзамон қонунгузории ягонаи давлатӣ ташкил ёфта, дар тамоми қаламрави давлати Ҳахоманишӣ ҷорӣ гардид. Аммо баробари он, қонунҳои пешинаи халқҳои шоҳаншоҳӣ низ нигоҳ дошта шуданд.

Албатта, воқеияти таърихӣ дар он замон ниҳоят мураккаб буд ва сиёсати пешгирифтаи подшоҳони ҳахоманиширо танҳо дар қиёс бо салтанатҳои дигари мустабиди Шарқи Қадим, ки зулму истибдоди онҳо шадидтар буд, метавон баҳо дод. Зеро дар замони ҳукмронии ин хонадон низ муборизаҳои тунду тези сиёсӣ, шӯришҳои мардумӣ ба вуқуъ омаданд. Вале Ҳахоманишиҳо нисбат ба дигар ҳукмронони ҳамзамони худ ба оину мазҳабҳои халқҳои дигар хеле ботаҳаммул муносибат карда, ҳатто маъбаду калисоҳои кишварҳои мухталифро дубора барқарор намуданд. Барои ҳамин асосгузори давлати Ҳахоманишӣ Курушро форсҳо ҷадди кабир, бобулиҳо расули худои Мардук, юнониҳо раҷули бузурги давлатӣ ва яҳудиён наҷотбахши худо Яҳве номидаанд. Бо

фармони Куруш ибодатхонаҳои Бобул ва Яҳудистон дубора аз нав барқарор карда шуданд.

Ташкили роҳҳои нав ва таъмири роҳҳои кӯҳна боиси ривоҷи тиҷорати дохилӣ ва байналхалқӣ гардиданд. Дар натиҷа олимони хориҷӣ, аз ҷумла юнониҳо ба мисли Гекатей, Геродот, Демокрит ва дигарон ба ин сарзамин сафар намуда, доир ба таъриху фарҳанги пешрафтаи Шарқ ба ҳамватанони худ хабар расониданд.

Шоҳаншоҳии Ҳахоманишӣ кишварҳо ва халқҳои гуногунро муттаҳид мекард ва маҳз дар ҳамин давра, ё 200 сол пеш аз ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ дар ин қаламрав омезиш (синтез)-и фарҳангҳои гуногун ибтидо гирифта буд. Масалан, дар ҷазираи Элефантинаи назди сарҳади Нубия ва дар шаҳри Мемфиси Миср мисриён, форсҳо, юнониён, хоразмиҳо, бобулиён, оромиҳо, яҳудиён, финикиҳо, дар Ниппур ва дигар шаҳрҳои Бобул бобулиҳо, мисриҳо, кариҳо, лидиҳо, мидиҳо, яҳудиҳо, ҳиндуҳо, сакоиҳо, бохтариҳо, хоразмиҳо, дар Шуш, Истахр ва шаҳрҳои дигар садҳо ва ҳазорҳо аҳли Миср, Бобул, Юнон ва ғайра зиндагӣ мекарданд. Ин халқҳо бо ҳам дар муомила буданд, онҳо урфу одатҳои динии якдигарро пазируфта, на фақат ба худоёни худ, балки ба худоёни дигар ҳам саҷда меоварданд, номҳои худро иваз намуда, номҳои дигаронро қабул мекарданд. Ҳамин тавр, фарҳанги моддӣ ва маънавии халқҳои гуногун ба ҳам омезиш ёфта, дар заминаи он фарҳанги комилан нави пешрафтаи давлати Ҳахоманишӣ ташаккул ёфт. Халқҳои Осиёи Миёна, махсусан бохтариҳо, хоразмиҳо, суғдиҳо, портҳо, марвониҳо, сакоиҳо ва дигарон ҳам ба ташаккулу рушди ин фарҳанг саҳми барҷаста гузоштаанд.

Сокинони Осиёи Миёна ҷанговарони моҳир ва корозмуда буданд ва дар лашкари Ҳахоманишиҳо мақоми баланд доштанд. Масалан, тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар муҳорибаи Марафони ҷанги Юнону Форс сарбозони савораи сакоӣ ширкат намуда, ба афинагиҳо зарбаи сахт заданд ва дар муҳорибаҳои назди Платей ва Фермопил мардонагӣ ва ҷасорати фавқулодда нишон доданд. Сакоиҳои ҷанговар дар ҳайати қӯшунҳои киштигард низ дар муҳорибаҳо иштирок мекарданд. Ба сафи лашкари яккачини сарлашкари форс Мардонӣ баробари форсҳо ва мидиҳо бохтариҳо ва сакоиҳо низ дохил буданд. Баробари он намояндагони халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла сакоиҳо дар сафи лашкари Миср ҳам

буданд. Сафолпораҳои зиёде бо акси сарбози сакоии кулоҳдор дар қаламрави давлати Ҳахоманишиҳо аз Миср то Осиёи Миёна дарёфт шудаанд. Масканҳо иқомати сарбозони сакоии аз атрофи шаҳри Ниппур ва дигар шаҳрҳои Бобул пайдошуда, шаҳодат медиҳанд, ки сакоиҳо ва дигар халқҳои Осиёи Миёна дар сафи артиши кишварҳои мухталиф хидмати сарбозӣ адо менамудаанд. Ғайр аз ин, бо сабабҳои дигар низ намояндагони гуногуни халқҳои Осиёи Миёна ба кишварҳои ғарбии шоҳаншоҳӣ, аз ҷумла шимолии Африка, ҷазираҳои баҳри Миёназамин, Осиёи Хурд барои зиндагӣ ҳиҷрат намудаанд. Аҳолии кишварҳои ғарбӣ низ ба Осиёи Миёна муҳоҷират намуда, сокини доимии ин ҷо мегардиданд.

Дар давлати Ҳахоманишиҳо мансабҳои муҳимми давлатиро асосан форсҳо ишғол менамуданд, аммо дар баробари онҳо намояндагони дигар халқҳо, аз ҷумла халқҳои Осиёи Миёна низ ба идоракунӣ ҷалб мешуданд ва ҳатто вазифаҳои баланди давлатиро низ соҳиб мешуданд. Масалан, дар асри IV пеш аз милод Амминаспи портӣ ҳукмрони Миср гардида буд.

Нақши халқҳои сатрапҳои шарқӣ, яъне осиёимиёнагӣ дар фарҳанги замони ҳахоманишӣ низ хеле муассир мебошад. Аз ҷумла, достони қадимаи халқии эронӣ, ки онро аз порчаҳои он боқимондаи «Таърихи форс»-и табиби дарбори Ардашери II Ктесий пайдо ва дастрас гардидааст, асосан дар маҳалҳои сукунати бохтариҳо ва сакоиҳо эҷод шуда, сипас ба тарафи ғарбии империя паҳн шудааст. Баъдан бисёр сужаҳои ин достон ба «Шоҳнома»-и ҳаким Фирдавсӣ ворид гардидаанд. Макони асосии пайдоиши оини зардуштӣ низ воҳаҳои Осиёи Миёна буд, сипас он ба тамоми ҳудуди давлати Ҳахоманишӣ паҳн гардид ва ба мазҳаби давлатӣ табдил ёфт. Дар асри V пеш аз милод дар шаҳри Мемфиси Миср маъбади худои эронӣ Митра мавҷуд буд ва дар давраи империяи Рим парастиши ин худо дар бисёр мамлакатҳо расм гардида, то ҷазираҳои Британия расид. Таърихшиноси бобулии асри III пеш аз милод Беросс хабар медиҳад, ки бо супориши Ардашери II муҷассамаи олиҳа Анаҳито дар шаҳрҳои Бобул, Шуш, Экботан, Истахр, Бохтар, Димишқ ва Сардаҳ гузошта шуда буд. Сарчашмаҳои таърихӣ доир ба сафари муғҳои эронӣ ба Бобулу Миср бо мақсади гузаронидани маросимҳои динӣ пайваста сафар мекарданд, донишмандони юнонӣ аз оини зардуштӣ

комилан бохабар буданд ва ҳатто доир ба он рисолаҳои махсус низ навиштаанд. Аз ҷумла, Арасту дар бораи муғҳо, Плутарх, Диогени Лаэртӣ, муаррихи лидии асри V пеш аз милод Ксанф, муаррихи бобулӣ Беросс, файласуфи библӣ Филон ва бисёри дигарон доир ба дини зардуштӣ рисолаҳо навиштаанд. Аз ин рӯ, асосҳои оини зардуштӣ ба ташаккули низоми фалсафаи юнониёни қадим таъсири ниҳоят муассир гузоштааст.

Ҳунар ва ҳунармандӣ дар қаламрави Ҳахоманишиҳо хеле рушд карда буд ва сокинони кишвари бузург анъанаҳои фарҳангии худ ва халқҳои ҳамсояро эҷодкорона идома медоданд. Дар ҳудуди паҳноваре аз Сибир то лаби Баҳри Сиёҳ як ҳунари тоифаҳои сакоӣ, ки онро дар илм «сабки скифии тасвири ҳайвонот» меноманд, паҳн шуда буд. Ин ҳунар то ба ҳадде маълуму машҳур буд, ки ҳатто наққошони юнонӣ аз он истифода мебурданд. Ҳунари замони ҳахоманишӣ аз ин сабки махсус, ки дар байни сокинони Авруосиё, аз ҷумла Осиёи Миёна ҳукмрон буд, хеле баҳра бардоштааст. Осори онро олимон аз ҳудуди Арал, Ҳафтрӯд, Помир ва як қатор маҳалҳои Қазоқистони имрӯза ва дигар мавзеъҳо пайдо намудаанд.

Либоси халқҳои Осиёи Миёна ва дигар минтақаҳои давлати Ҳахоманишиҳо умумияти зиёдеро соҳиб буданд. Масалан, либоси хоразмиҳо, бохтариҳо ва дигар халқҳои Осиёи Миёна бештар ба ҳам монанд буд, танҳо сакоиҳои тиграхуд бо кулоҳи худ фарқ мекарданд ва либосашон аз нимтанаи тасмакалон ва шалвори кӯтоҳ иборат буд. Тасвирҳои барҷастаи Бесутун, Тахти Ҷамшед ва Нақши Рустам доир ба тарзи либоси онвақта, донистани хусусиятҳои антропологӣ ва этнографии ин халқҳо маълумоти хуб медиҳанд.

Маводи бостоншиносӣ ва осори бозёфтшуда доир ба инкишофи робитаҳои фарҳангию тиҷоратии вилоятҳои давлати Ҳахоманишиҳо, аз ҷумла Осиёи Миёна ва дигар минтақаҳо шаҳодат медиҳанд. Аз қурғонҳои мансуб ба асрҳои VI-IV пеш аз милод будаи кишвари Олтой ашёи аз пӯст, пашм ва намад сохташудаи зиёда ба даст омадааст. Гилем ва дигар матои пашмини қӯрғони панҷуми Пазириқ аз рушди дараҷаи баланди ҳунари бофандагӣ ва қолинсозӣ хабар медиҳанд. Муҳаққиқон дар он ақидаанд, ки ин ҳунар ҳам дар Эрон ва ҳам дар Осиёи Миёна рушд ёфта будааст. Дар дигар самтҳо низ робитаҳои зич ва пешрафти санъату ҳунари баланд мушоҳида мешаванд. Дар

сохтмони қасри Шуш тибқи навиштаҷоти Бесутун тилло аз Бохтар, лоҷуворд ва ақиқ аз Суғд, фирӯза аз Хоразм истифода шудааст. Лоҷуворди Осиёи Миёна ҳатто дар Ҳиндустон, Бобул ва Миср ҳам истифода шудааст.

Илова бар ин дар ҳудуди як империя ба ҳам омадани халқҳои зиёду гуногун боиси омезиши фарҳангҳои гуногун гардид. Дар натиҷа як тамаддуни хеле барҷаста ташаккул ёфт, ки дар пешрафти он бохтариҳо, суғдиҳо, хоразмиҳо, марғиёниҳо, сакоиҳо ва дигар халқҳо саҳми ниҳоят муҳим гузоштанд. Навиштаҷоти оромии аз ҳудуди сатрапиҳои шарқии давлати Ҳахоманишӣ (Таксил, Пули Дарунта ва Қандаҳор) шаҳодат медиҳанд, ки ҳамон вақт забон ва хатти оромӣ ба саргаҳи Ҳинд ва Осиёи Миёна паҳн шуда, дар идораҳои давлатӣ расмӣ гардидаанд. Қолабҳои ба забонҳои эронӣ гардонидани истилоҳот ва хати оромӣ низ дар ҳамин давра ба вуҷуд омадааст. Пас аз ин чор низоми хатти идеографӣ[43] - портӣ, форсӣ, суғдӣ ва хоразмӣ ташаккул ёфтанд, ки то замони истилои арабҳо мавҷудияти худро нигоҳ доштанд.

Яке аз нишондиҳандаи асосии рушди касбу ҳунар ва муносибатҳои пулию молӣ тараққиёти босуръати шаҳрҳои Осиёи Миёна, ҳамчун марказҳои маъмурӣ ва ҳунармандӣ мебошанд. Халқҳои Осиёи Миёна аввалин бор дар давраи Ҳахоманишиҳо бо пули танга ошно шуданд. Осори зиёди сикаҳои замони Ҳахомнишиҳо аз ҳудуди Осиёи Миёна пайдо гардиданд. Робитаҳои тиҷоратии Осиё Миёна низ хеле равнақ ёфта буд. Намунаҳои санъати Эрони Ғарбӣ, Миср, Аллом, Бобул ва дигар кишварҳо, ки аз ҳудуди минтақа ёфт шудаанд, ба ин шаҳодат медиҳанд.

Ҳамин тавр, шоҳаншоҳии бузурги Ҳахоманишӣ, ки зиёда аз 200 сол мавҷуд буд, пуриқтидортарин империяи ҷаҳонӣ маҳсуб меёфт ва анъанаҳои сиёсию фарҳангии он ба рушди давраҳои баъдина, махсусан, давраи эленистӣ, давлатҳои Порт, Сосониён ва умуман таърихи халқҳои Шарқи Қадим нақши бориз гузоштааст. Ваҳдати сиёсии давраи Ҳахоманишии халқҳои Шарқ марҳалаи муҳимми инкишофи иқтисодӣ ва фарҳангии тамаддуни ҷаҳонӣ гардид, ки дар он нақши қавму тоифаҳои Осиёи Миёна ниҳоят барҷаста мебошад.

---

[43] Хати идеографӣ – намуди хатҳои қадимае, ки аломатҳои он овоз ё ҳиҷоро ифода накарда, балки пурра вожа ва ё қисми асосии калимаро ифода мекунад.

# БОБИ ДУЮМ
# МУБОРИЗАИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МИЁНА БА МУҚОБИЛИ ИСТИЛОГАРОНИ ЮНОНИЮ МАҚДУНӢ

## 1. ЛАШКАРКАШИИ ИСКАНДАРИ МАҚДУНӢ БА ШАРҚ

### Тараққии Мақдуния

Дар асри IV пеш аз милод Мақдуния, ки то ин вақт нисбат ба Юнон дар сатҳи пасти тараққиёт қарор дошт, рӯ ба рушд меоварад. Шоҳи Мақдуния Файлақуси II (359-336 пеш аз милод), ки падари Искандари Мақдунӣ буд, ислоҳоти ҳарбӣ гузаронида, лашкари бонизом бо усулҳои нави тактикӣ ташкил менамояд. Дар натиҷаи ин ислоҳот иқтидори Мақдуния афзуда, ҳокимияти марказӣ мустаҳкам мегардад ва қувваҳои ҷудоихоҳу марказгурез саркӯб мегарданд. Пас аз ин Файлақус як қисми муҳимми Юнонро тобеъ намуда, соли 337 пеш аз милод дар конгреси Коринф ҳукмронии пурраи Мақдуния ба Юнонро эълон менамояд. Муттаҳидшавии Юнону Мақдуния иқтидори ин давлатро боз ҳам зиёд менамояд ва боиси эълон намудани ҷанг ба муқобили давлати Форс мегардад. То ин вақт баъзе шаҳрҳо ва ҳудудҳои юнонӣ дар тасарруфи Ҳахоманишиҳо буд. Соли 336 пеш аз милод Файлақус бо лашкари даҳҳазорнафара дар Осиёи Хурд бар зидди Ҳахоманишиҳо ба муҳориба оғоз менамояд. Аммо, ӯ дар натиҷаи сӯиқасд аз дасти посбони худ кушта мешавад.

Ба ҷои Файлақус писари бистсолааш Искандар ба тахт мешинад. Ӯ дар сарчашмаҳо ва асарҳои таърихӣ бештар бо номи Искандари Мақдунӣ ва дар ривоятҳои мардуми бо исми Искандари Зулқарнайн маълум аст. Искандар тавонист, ки қуваҳои марказгурезро нест карда, дар байни шаҳр-давлтаҳои ҷазираи Эллин ягонагии сиёсиро ба миён орад. Ӯ сиёсати падарашро идома дода, ба ҷанги зидди Ҳахоманишиҳо омодагии ҷиддӣ гирифт. Пеш аз ҳама, ӯ ба лашкари савора бартарӣ дода, артиши пиёдагарди зичсафи пурра бо найзаҳои тезпайкон ва сипарҳои тирногузар мусаллаҳро тақвият дод. Лашкари Искандар дорои техникаи муосири ҳарбӣ, аз ҷумла манҷаниқҳо ва василаҳои хуби алоқа ва таъминот буд.

## Шикасти давлати Ҳахоманишӣ

Искандар пеш аз ҳуҷум тавассути хабарҳои зиёде, ки ба ӯ мерасид аз вазъи дохилии давлати Ҳахоманишиҳо хуб бохабар буд. Дар охири нимаи якуми асри IV пеш аз милод вазъияти дохилии давлати Ҳахоманишиҳо хеле ноустувор гардид, неруҳои марказгурез ва ҷудоихоҳ пурқувват шуда буданд. Мубориза дар байни сатрапҳо, ба хусус Миср ва ҳамчунин шахсиятиҳои бонуфузи дарбор шиддат гирифта, боиси қатлу куштори зиёди хонаводагӣ мешавад. Пас аз вафоти Ардашери II Мнемон, ки 115 писар дошт, яке аз писаронаш бо номи Ардашери III Ох ба тахт нишаст. Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳо барои соҳиби тахт шудан Ардашери III тамоми пайвандон ва наздикони худро ба қатл расонид. Барои ҳамин ӯ ҳамчун хунхортарин шоҳи ҳахоманишӣ дар таърих маъруф гардидааст.

Кӯшишҳои Ардашери III барои нуфуз ва ягонагии сиёсии давлати Ҳахоманишиҳо натиҷаи дилхоҳ надод. Ибтидои ҳукмронии ӯ бо ҷангҳои шадид дар Осиё Хурд ва сипас ҷанги тӯлонӣ ба муқобили Миср гузашт. Ин ҷангҳои тӯлонӣ иқтидори давлатро суст гардонид, дар таъминоти лашкар ва пур намудани хазинаи давлат мушкилиҳо ба миён овард. Шоҳ ҳатто маҷбур гардид, ки нигоҳ доштани лашкари кироярo дар сатрапҳои Осиёи Хурд манъ намояд. Аммо ин тадбирҳо натиҷаи муфид надоданд ва, ниҳоят соли 338 пеш аз милод Ардашер бо амри хоҷасарой Боҳуй аз тарафи табибаш бо додани заҳр кушта шуд.

Пас аз ин як муддат дар хонадони подшоҳӣ бесарусомонӣ ба вуқуъ омад. Дарбори шоҳиро асосан хоҷасарой Боҳуй сарварӣ менамуд ва бо дастгирии ӯ аввал Арсас ба тахти шоҳӣ нишаст, аммо пас аз ду сол аввал ӯ ва сипас фарзандони ӯ низ ҳама ба қатл расонида шуданд. Сарчашмаҳо хабар медиҳанд, ки дар натиҷаи муборизаҳои дохилӣ аз хонадони шоҳӣ ягон нафар зинда намонд. Сипас Боҳуй яке аз хешовандони дури Арсасро бо номи Дорои III Кудумон ба тахт мешинонад, вале Боҳуй ӯро низ мехост заҳр дода кушад. Шоҳ аз ин бохабар шуда, косаи заҳрро зӯран ба худи ӯ менӯшонад.

Ҳамин тавр, низоъҳои дохилӣ ва табаддулотҳои дарборӣ ҳокимияти марказии шоҳаншоҳиро ниҳоят заиф мегардонанд, иқтисодиёти кишвар низ рӯ ба таназзул меорад, дар мамлакат

шӯришҳои пайдарпаи мардумӣ ба вуқуъ меоянд. Дар чунин вазъи мураккаб ва бесарусомонӣ Искандари Мақдунӣ ба муқобили Ҳахоманишиҳо лашкар мекашад.

Аз ибтидо муҳорибаҳои ҷангӣ ба фоидаи Ҳахоманишиҳо набуд, дар ду муҳорибаи калони аввал - муҳорибаи назди наҳри Граник, моҳи майи соли 334 пеш аз милод ва шаҳри Иеса, тирамоҳи соли 333 пеш аз милод Искандар ду маротиба ба лашкари форсҳо зарбаи сахт зад. Дар натиҷа Ҳахоманишиҳо Осиёи Хурд, Сурия, Фаластин, Финиқия ва Мисрро аз даст доданд. Муҳориба калонтарин 1 октябри соли 331 пеш аз милод дар назди деҳаи Гавгамела дар шимоли шарқии Байнаннаҳрайн рух дод, ки дар он Искандар артиши Дорои III-ро шикасти сахт дод ва шоҳи ҳахоманишӣ ба тарафи мулкҳои шарқӣ фирор намуд. Пас аз ин лашкари мақдуниҳо бе ҳеҷ муқобилат Бобул, Шуш, Истахр ва Экбатанро истило намуда, ғанимати зиёдеро ба даст овард.

Ҳамин тавр ин ҷанги Юнону Форс бо ғалабаи Искандари Мақдунӣ анҷом ёфт. Аммо Искандар бо ин қаноат накарда ба таъқиби Дорои III шуруъ намуд ва ба самти шимолу шарқи шоҳаншоҳӣ ҳаракат кард. Дорои III, ки бештар бо беҷуръатӣ ва тарсуӣ дар маъхазҳо ёд мешавад, бо фармони сатрапи Бохтар Бес, ки хеши худи ӯ буд, аввал ба зиндон партофта шуда, сипас кушта мешавад. Аз ин истифода намуда, Бес худро бо номи Ардашер подшоҳи Ҳахоманишиҳо эълон намуд ва барои идомаи мубориза ба ҷамъоварии қувва машғул шуд.

### Муҳорибаҳо дар дамгаҳи Осиёи Миёна

Бобоҷон Ғафуров таъкид менамояд, ки мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо Бесс, пеш аз ҳама барои қонунӣ намудани ҳокимияти худ кӯшиш намуда, ваъда медиҳад, ки ба ҷанги зидди юнону мақдуниҳо сардорӣ мекунад ва мардум ба ин ваъдаи ӯ бовар мекунанд. Сипас ӯ ба ҷамъоварии лашкар ва аслиҳа машғул мегардад, ризоияти ба мубориза ҳамроҳшави баъзе сатрапҳо, аз ҷумла вилояти Ориё (имрӯза вилояти Ҳирот) ва қавмҳои саҳронишинро ба даст меоварад. То андозае як навъ «Иттифоқи сатрапиҳо» ташкил мегардад. Аммо, новобаста аз ин ӯ натавонист ҷонибдории тамоми табақаҳои аҳолиро ба даст оварад. Сабаби

онро бисёриҳо дар унвони подшоҳи ҳахоманиширо гирифтани Бесс мебинанд.

Юнону мақдуниҳо, ки босуръат ба тарафи мулкҳои шарқӣ ҳаракат менамуданд, баъди муҳорибаи Гавгамела бори аввал ба муқовимати сахт дучор омаданд. Пеш аз ҳама, дастаҳои ҳарбии ориёиҳо бо сардории Сатибарзан зиёда аз як моҳ ба пешравии артиши юнону мақдунӣ монеъ шуданд. Баъдан дастаи сершумори савораи Сатибарзан ба қувваҳои Бесс ҳамроҳ мешаванд. Искандар умедвор набуд, ки ба чунин муқовимат дучор меояд, давоми зиёда аз як моҳ тавонист вилоятҳои ҷанубии Афғонистони имрӯзаро забт намуда, тавассути ағбаи Ҳиндукуш ба самти шимол ҳаракат намояд. Дар даштҳои шимоли Афғонистони имрӯза лашкари юнону мақдунӣ ба қувваҳои асосии Бесс бархӯрданд. Тибқи маълумоти муаллифони юнонӣ Бесс тахминан 7 ё 8 ҳазор бохтариҳои мусаллаҳ ва чанд дастаи дигари сарбозонро дар ихтиёр дошт. Аммо Бесс баробари ин Сатибарзанро бо ду ҳазор лашкари савора бо мақсади ҷалби як қисми лашкари Искандар ба Ориё фиристод. Дар ин ҷо мардуми ориёӣ ба зидди юнониҳо шӯриш бардоштанд. Ин ҳодисаҳо Искандарро маҷбур намуданд, ки як қисми лашкарашро барои пахши ин муқовимат фиристонад. Новобаста аз ин лашкари Исандар аз қувваҳои Бесс зиёдтар буданд ва Бесс маҷбур шуд ба соҳили рости дарёи Ому, яъне Бохтари Осиёи Миёна ақиб нишинад.

Ҳарчанд доир ба ин амали Бесс, моҳият ва оқибатҳои он дар адабиёти илмӣ андешаҳои гуногун ҷой доранд, Бобоҷон Ғафуров таъкид менамояд, ки корҳои кардаи Бесс дорои аҳамияти ниҳоят пешқадамона буданд. Зеро маҳз ҳамин муқовимат ва муборизаи ташкил намудаи Бесс ҳамлаи лашкари юнону мақдуниро ба Осиёи Миёна як чанд моҳ ва шояд нимсол ба таъхир партофт. Инчунин лашкари Искандар дар натиҷаи ин муқовимат талафоти зиёд дода, то андозае заиф гардид. Ташкили муборизаи «Иттифоқи сатрапиҳо» ҳақиқатан ибтидои он муборизаи пурвусъати мардумие буд, ки дар сарзамини Осиёи Миёна бар зидди истилогарони юнону мақдунӣ ба миён омад.

## 2. МУБОРИЗАИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МИЁНА БО ҚЎШУНИ ЮНОНУ МАҚДУНӢ

### Қувваҳои ҳарбӣ ва ҳунари ҷангии халқҳои Осиёи Миёна

Ҳудуди Осиёи Миёна пурра ба ҳайати давлати Ҳахоманишҳо ворид набуд, баъзе аз вилоятҳои он мустақил буданд ва онҳоро ҳокимони соҳибихтиёр ва пешвоёни қабилаҳо сарварӣ менамуданд. Сокинони Осиёи Миёна дорои қувваи хуби ҳарбӣ, силоҳ ва собиқаи ҷангӣ буданд. Камбудиии асосии онҳо дар муттаҳидӣ ва ба як марказ тобеъ набудани онҳо буд. Истеҳсоли силоҳи ҷангӣ дар Осиёи Миёна дар асри IV пеш аз милод хеле равнақ ёфта буд. Сарбозон бештар ханҷар ва шамшерҳои оҳанӣ ва баъзан биринҷии бо нақшу нигори зебо оро ёфтаро истифода мебурданд. Ханҷарро *карта* ё баъзан *акинок* меномиданд ва онро ба паҳлуи рост меовехтанд. Шамшерҳои осиёимиёнагӣ хеле калон буданд, то1,2 метр дарозӣ доштанд. Дар муҳорибаҳои ҷангӣ *сагарис* - табари ҷангӣ низ ба тавври васеъ истифода мешуд. Бостоншиносон аз гӯрхонаҳои қадимаи Помир табарҳои ҷангии якдама ва дудамаро пайдо намуданд. Муаллифони юнонӣ Геродот ва Страбон хабар медиҳанд, ки *сеқираҳои* массагетҳо мисӣ буданд. Силоҳи муҳимми дигар *аршти* - найзаҳои дароз бо пайконҳои биринҷӣ ё оҳанӣ буд. Барои ҳамин Геродот массагетҳоро *«найзадорон»* номидааст. Ғайр аз ин ҳамчун аслиҳаи дурзан камон низ истифода мешуд. Камонсозӣ дар Осиёи Миёна ҳанӯз дар миёнаҳои ҳазораи I пеш аз милод маъмул буд. Бештар камони ба истилоҳ скифӣ истифода мешуд. Боз ҳамон муаллифони юнонӣ доир ба як чанд навъи камони осиёимиёнагӣ хабар медиҳанд. Ҳангоми сохтани камонҳои суғдӣ, портӣ ва хоразмӣ бештар найро истифода мебурданд. Сакоиҳо ва массагетҳо дар сарчашмаҳои таърихӣ ҳамчун «камонандоз» ва «камонандозони савора» ёд шудаанд. Дар сарчашмаҳои юнонӣ таъид мешавад, ки сарбозони осиёимиёнагӣ фалахмонпаронони моҳир низ будаанд.

Либосҳои ҷангӣ низ гуногун буданд. Муаллифони юнонӣ навиштаанд, ки сарбозон худро бо ҷавшан муҳофизат мекарданд, мардуми саҳронишин *«аз варақаи оҳан»* барои худ зиреҳ месохтанд, ё дар вақти ҷанг худро бо зиреҳҳои филизӣ тамоман мепӯшониданд, дар сар кулоҳхӯд доштанд ва сипарҳои

гуногунҳаҷму гуногуншаклро барои муҳофизат истифода мекарданд. Массагетҳо ҳатто аспҳои худро бо *баргустувон* муҳофизат мекарданд. Асосан асбоби муҳофизати асп ҳамчун ихтирои муҳимми ҷангӣ дар Осиёи Миёна пайдо шуда, баъдан ба ғарб - ба Эрони Ҳахоманишӣ, ҷануб - ба Ҳиндустон, ба шарқ - ба Хитой паҳн гардидааст. Инчунин дар Осиёи Миёна *дучархаҳои ҷангӣ* ҳам ба таври васеъ истифода мешуданд.

Ҳунари истеҳкомсозӣ дар Осиёи Миёна охирҳои асри биринҷӣ пайдо шудааст ва то оғози истилои Осиёи Миёна аз тарафи юнону мақдуниҳо шаҳрҳои инҷо дорои иншоотҳои бузург ва мустаҳками мудофиавӣ буданд. Шаҳрҳоро бо қалъаҳои баланд иҳота карда, дар деворҳои он манораҳо ва тиркашҳо сохта шуда буданд. Лашкар вобаста ба навъ гурӯҳбандӣ мешуд. Ҳар як қисми лашкар алоҳида саф меорост, тактикаи муайяни ҷангӣ вуҷуд дошт, лашкари саворои тезҳаракат бештар истифода мегардид ва дар ҳолатҳои ҳалкунанда неруи эҳтиётӣ ба майдони ҳарб даровoрда мешуд.

Доир ба ҳунари ҷангии халқҳои Осиёи Миёна, махсусан сакоиҳо сарчашмаҳои юнонӣ маълумоти зиёд медиҳанд. Искандари Мақдунӣ борҳо ҳунари баланди ҳарбии сокинони Осиёи Миёнаро таъкид намудааст. Дар муҳорибаи Гавгамела аскарони саворои сакоию бохтарӣ неруи пешоҳанги Искандарро шикаст дода, ба фирор маҷбур намуда буданд.

Умуман, ба андешаи муҳаққиқон, ҳунари ҳарбии халқҳои Осиёи Миёна дар давраи истилои юнону мақдуниҳоро бо чаҳор хусусият метавон тасвир намуд: якум, силоҳи ҳарбии Осиёи Миёна ба дараҷаи нисбат ба замони худ баланд расида буд ва аз баъзе ҷиҳатҳо, ҳатто аз яроқу аслиҳаи лашкари юнону мақдунӣ бартарӣ ҳам дошт; дуюм, лашкари Осиёи Миёна усулҳои гуногуни тактикии ҳуҷум ва мудофиаро ба кор мебурданд; сеюм, сардорон ва сарбозони осиёимиёнагӣ дар ҷангҳои Ҳахоманишиҳо бар зидди юнониҳо, аз ҷумла дар муҳорибаҳои зидди Искандари Мақдунӣ (берун аз ҳудуди Осиёи Миёна) иштирок доштанд ва аз силоҳ ва усулҳои тактикии ҳахоманишиҳо ва ҳам юнону мақдуниҳо хеле хуб огоҳ буданд; чаҳорум, иқтидори ҳарбии халқҳои Осиёи Миёна дар асрҳои VI-IV пеш аз милод бисёр баланд буд, ки ин дар мубориза онҳо ба муқобили истилогарони аҷнабӣ омили ниҳоят муҳим буд.

## Амалиётҳои ҳарбӣ дар Мовароуннаҳр

Доир ба амалиёти ҳарбии юнону мақдуниҳо дар сарзамини Осиёи Миёна аз ҳама бештар муаллифони юнонӣ маълумот медиҳанд. Аз ҷумла, Арриан[44] чунин нақл мекунад: «Вақте ки ба Бесс наздик расидани Искандарро хабар доданд, ӯ аз дарёи Окс (Амударё- Б.Ғ.) убур намуд: киштиҳоеро, ки онҳо аз дарё гузашта буданд, сӯзонид ва худ ба сарзамини Суғд, ба Навтоқ рафт. Спитаман, Укборт[45] бо саворахои суғдӣ ва дойиҳо аз Танаис[46] аз паси ӯ равон шуданд». Номи қаҳрамони халқи тоҷик, мубориэи роҳи озодӣ Спитамен бори аввал дар ҳамин сарчашма оварда мешавад.

Доир ба амалиёти баъдинаи Искандар сарчашмаҳо ба тарзи гуногун маълумот медиҳанд. Вале аниқ аст, ки Искандар дар давоми панҷ рӯз лашкари худро аз дарёи Ому мегузаронад. Бо маълумоти ҳамин сарчашмаҳо бо сабабҳои гуногун Спитамен ва дигар ҳамсафон Бессро асир гирифта, ба Искандар мефиристонанд. Сабаби ин ҳодиса дар сарчашмаҳо бо таври гуногун шарҳ ёфтааст. Эҳтимол аст, ки сабаби асосӣ дар рафти муқовимат аз худ аҷзу нотавонӣ нишон додани Бесс бошад. Ба замми он, шояд ба тарсуии худ нигоҳ накарда, аз ихтиёран ба дасти нафари дигаре додани риштаи роҳбарии муқовимат даст кашидани ӯ низ бошад. Искандар дар навбати худ ӯро ҳамчун қотили Дорои III ва ғосиби тахти шоҳӣ ба таври ваҳшиёна ба қатл мерасонад. Бо амри Искандар бинӣ ва гӯшҳои Бессро бурида, ӯро ба ҳамин сурат ба Экбатан мебаранд ва дар пеши назари мидиҳо ва форсҳо ба қатл мерасонанд. Албатта, Искандар қатли Бессро ҳадафмандона бо мақсади ҷалби аъёну ашрофи форс ба тарафи худ истифода намуд.

Пас аз забти Навтоқ Искандар ба маркази Суғд шаҳри Мароканд лашкар мекашад, аммо боз ба муқовимати ниҳоят сахти сокинони маҳаллӣ рӯбарӯ мезанад. Муаррихи римӣ Квинт

[44]Арриан Флавий (тақрибан солҳои 86-160) - муаррих ва ҷуғрофидони юнонӣ, муаллифи асари «Лашкаркашии Искандар» («Анабасиса Александра») дар 7 китоб.

[45] Дар нусхаи русии «Тоҷикон» Оксиарт омадааст.

[46] Дойӣ, дойиҳо аз Танаис – як гурӯҳи кабилаҳои сакоӣ (дар адабиёти аврупоӣ скифҳо), ки дар воҳаҳои миёноби дарёи Танаис, яъне Сирдарё сукунат доштанд.

Куртсий Руф[47] менависад: «Искандар дар шаҳр гарнизон гузошт ва деҳоти атрофро сӯхта, ба харобазор табдил дод». Пас аз ин ӯ бо лашкараш ба самти шимоли шарқӣ ҳаракат намуд, вале ба муқовимати ниҳоят сахти суғдиён дучор омад. Суғдиён бо тамоми мардонагӣ барои мудофиаи кишвари худ, озодӣ ва истиқлоли Ватан ҳама чун як тан ба муқобили истилогарони юнону мақдунӣ сар бардоштанд. Муборизи суғдиён дар роҳи озодӣ ва истиқлол дурахшонтарин саҳифаҳои таърихи қадимаи халқҳои Осиёи Марказӣ ва пеш аз ҳама ниёкони тоҷикон мебошад.

Сарчашмаҳои таърихӣ хабар медиҳанд, ки истилогарони юнону мақдунӣ дар кӯҳистони Уструшан ҳангоми ҳаракат аз Мароқанд ба самти дарёи Сир ба муқовимати шадиди суғдиён дучор меоянд. Аҳолии ин минтақа ба муборизаи зидди истилогарон бархоста, дастаҳои ҳарбии барои озуқа фиристодаи Искандарро торумор менамоянд. Искандар аз ин бохабар шуда, ба муқобили онҳо лашкар мекашад. Суғдиён зери фишори истилогарон ба минтақаҳои кӯҳӣ паноҳ гирифта, муборизаро давом медиҳанд. Ҷанги вазнин байни суғдиён ва истилогарон дар кӯҳсори душворгузар байни харсангҳои бузург ба вуқуъ меояд. Искандар бо душвории зиёд муқовимати мардуми маҳаллиро фурӯ шинонда, шумори зиёди онҳоро ба қатл мерасонад. Аз рӯйи маълумоти муаллифони юнонӣ, махсусан Арриан дар рафти ин ҷангҳо 22 ҳазор суғдиён кушта мешаванд ва лашкари Искандар талафоти зиёди ҷонӣ дода, худаш низ сахт ярадор мешавад.

Сипас Искандар пас аз ваҳшонияти вазнин нисбат ба суғдиёни Уструшан ба тарафи дарёи Сир ҳаракат менамояд. Дарёи Сир он вақт марзи байни мулкҳои аҳолии муқимнишин ва ҳудуди қабилаҳои саҳронишин маҳсуб меёфт. Дар соҳили рости он асосан қабилаҳои сакоӣ сукунат доштанд, дар соҳили чап шаҳрҳои зиёди хурду калон мавҷуд буданд. Искандар дар соҳили чапи дарё қарор гирифта, дар ин ҷо гарнизон мегузорад. Аммо, ба зудӣ дар ҳафт шаҳри соҳили чап шӯриши мардумии зидди юнону мақдуниҳо сар мезанад. Дар ҳамин вақт дар соҳили рост сакоиҳо қувваи зиедеро

[47] Квинт Куртсий Руф (ба лотинӣ Quintus Curtius Rufus) - муаррихи римӣ, муаллифи асари «Таърихи Искандари бузурги Мақдунӣ» («Historiae Alexandri Magni Macedonis»), яке аз муфассалтарин асари тарҷумаҳолии то ба мо расида доир ба Искандар.

ҷамъ намуда, шароити мусоиди гузаштан ба соҳили ростро мепоиданд, то ки ба шӯришгарон пайваст шаванд. Баробари он дар ҳудуди Суғду Бохтар низ ошӯбҳои калони мардумии зидди истилогарон ба амал меояд. Искандар, ки чунин умед надошт, ба ҳолати ниҳоят душвор меафтад. Вале, пеш аз ҳама ӯ қарор медиҳад, ки дар соҳили дарёи Сир мавқеашро мустаҳкам намояд ва ӯ дар муддати хеле кӯтоҳ бо ваҳшонияти зиёд панҷ шаҳри соҳили ростро ишғол менамояд. Арриан менависад, ки бо амри Искандар юнониҳо тамоми мардҳоро ба қат расонида, занону кӯдаконро ба ғуломӣ фурӯхтанд.

Маркази асосии шӯриши мардумӣ шаҳри Киропол буд ва истилогарон онро ба муҳосира мегиранд. Аҳолии шаҳр ба юнониҳои муқовимати ниҳоят сахт нишон медоданд. Искандар бо як дастаи мусаллаҳ аз маҷрои хушкшудаи дарёчае, ки аз байни шаҳр мегузашт ба даруни шаҳр медарояд ва дарвозаи онро ба рӯи лашкар мекушояд. Ҷанги хунине дар кӯчаҳои шаҳр ба вуқӯъ меояд, зиёда аз 8 ҳазор аҳолии шаҳр кушта мешавад. Юнониҳо низ талафоти зиёд медиҳанд, Искандар бори дигар ва баъзе сарлашкаронаш низ захмӣ мегарданд. Вале новобаста аз мубориҙаи қаҳрамононаи мардуми Киропол юнониҳо шаҳрро ишғол менамоянд. Ҳамин тавр Искандари Мақдунӣ бо золимию хунхорӣ шӯриши сокинони шаҳрҳои соҳили дарёи Сирро пахш менамояд. Ҳамон Арриани юнонӣ менависад, ки аз аҳолии дар шӯриш иштирокдоштаи ҳафт шаҳри соҳили дарёи Сир як нафар ҳам зинда намонд.

## Шӯриши солҳои 329-327 пеш аз милод

Академик Б. Ғафуров таъкид менамояд, ки ҳангоми шӯриши аҳолии шаҳрҳои соҳили дарёи Сир дар дигар қаламрави Суғду Бохтар низ мардум ба муқобили истилогарон сар мебардоранд. Мубориҙаи истиқлолхоҳии суғдиёну бохтариҳоро сипаҳсолори маҳаллӣ Спитамен роҳбарӣ менамуд. Ин мубориҙаи озодихоҳии суғдиёну бохтариён муддати се сол - солҳои 329-327 пеш аз милод давом кардааст.

Спитамен соли 329 пеш аз милод бо неруи зиёди сарбозон ва аҳолии маҳаллӣ Мароқандро озод менамояд. Гарнизони юнониҳо торумор гардида, як қисми ками онҳо дар арки шаҳр паноҳ

меёбанд. Бо шунидани ин хабар Искандар барои кӯмак 3 ҳазор нафар пиёданизом ва 800 нафар аскари савораро ба Мароқанд мефиристад. Худаш дар соҳили дарёи Сир ба сохтмони шаҳр-истеҳкоми Искандарияи Ақсо (Искандарияи Дур) машғул мегардад.

Доир ба сохтмони шаҳр-истеҳкоми Искандарияи Ақсо ва макони ҷойгиршавии он андешаҳои гуногун ҷой доранд. Баъзе олимон пешниҳод менамоянд, ки он дар ҷои қалъаи ҳозираи шаҳри Хуҷанд, як гурӯҳ андеша доранд, ки он дар минтақаи байни Ленинобод (ҳоло Хуҷанд) ва Бекободи ҳозира ё худ дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд ҷойгир буд. Маводи бостоншиносии аз ҳудуди қалъаи Хуҷанд ёфтшуда камаш 250-300 сол аз давраи Искандар «ҷавонтар» мебошанд. Дар бораи ҳудуди шаҳр ва сохтмони он сарчашмаҳои юнонӣ маълумоти зиёд медиҳанд. Масалан, Квинт Куртсий менависад: «Искандар ба канори дарёи Танаис[48]« баргашта, тамоми паҳноиро девор кашид ва қароргоҳи аскар сохт. Девор 60 стадий[49] дарозӣ дошт. Фармуд, ки ин шаҳрро Искандария номанд. Бинокории шаҳр чунон ба зудӣ анҷом ёфт, ки рӯзи ҳафтдаҳуми сохтани истеҳком иморатҳои шаҳр ҳам буд шуданд... Ба ин шаҳри нав асиронро ҷой доданд». Ба қавли Арриан бошад, дар муддати 20 рӯз Искандар атрофи ин шаҳрро бо девор иҳота намуд, ба гуфтаи Юстин сохтмон 17 рӯз давом кард ва девори атрофи шаҳр 6000 ҷуфт қадам, яъне наздики 9 км буд. Аммо бунёди шаҳр ба сакоиҳо хуш наомад ва онҳо борҳо бо тирпаронӣ ба юнониҳо халал расониданд. Искандар маҷбур шуд аз дарё гузашта, ба муқобили онҳо мубориза барад ва ба ақибнишинӣ маҷбур созад. Шароити биёбон ва офтоби гарм, ки боиси талафёбии лашкар гардид, Искандарро аз таъқиби сакоиҳо ва пурра шикаст додани онҳо боздошт.

Дар ин муддат оташи муборизаи озодихоҳии мардуми суғду бохтар аланга гирифта, қаламрави васеъро фаро гирифт. Аммо Искандар доираи шӯришро дарк накарда, барои пахши он лашкари на он қадар калон, тақрибан 2500 нафар сарбозро

---

[48] Сирдарё дар назар аст.

[49] Стадий- вожаи юнонӣ, ченаки андоза, ки бори аввал дар Бобулистон истифода шуда, баъдан ба юнониҳо гузаштааст. Дар ин ҷо тақрибан 10-11 км дар назар аст.

фиристод. Дастаи пештар ба Мароқанд фиристодаи Искандарро Спитамен бо ҳилаи ҷангӣ пешвоз гирифт. Ӯ шаҳрро гузошта вонамуд кард, ки ба тарафи саҳро ақибнишинӣ мекунад. Юнониҳо ин аҳволро дида, ба таъқиби суғдиён шуруъ намуданд. Аз ин истифода намуда Спитамен якбора пас гашт ва ба сари лашкари юнонӣ тохт. Арриан менависад, ки юнониён «рӯ ба гурез ниҳода, ба як ҷазирачаи байни дарё[50] паноҳ бурданд. Лекин дар ин ҷо скифҳо ва аскарони саворaи Спитамен онҳоро ба муҳосира гирифта, парронда маҳв карданд». Муаррихи шинохтаи олмонӣ Ф. Алтхайм[51] менависад, ки «Спитамен ба коре муваффақ шуд, ки касе аз ӯҳдаи он баромада натавониста буд: ӯ дар муҳориба як қисми қӯшуни мақдуниро маҳв намуд».

Дар ҷавоб ба ин амали Спитамен Искандар бо қувваҳои асосии худ ба Мароқанд омад, вале Спитаменро таъқиб накарда, ба сӯхтору куштори аҳолии осоиштаи водии Зарафшон машғул шуд. Квинт Куртсий менависад: «Ӯ фармон дод, ки деҳаҳоро сӯзанд ва ҳамаи калонсолонро кушанд» ва илова мекунад, ки 30 нафар суғдиёни маҳкуми марг чунон хунсардие нишон доданд, ки мақдуниҳо ангушти ҳайрат газиданд: онҳо сурудхонон ба сӯи қатлгоҳ рафтанд.

Дар ин ҷангҳо юнониҳо талафоти калон доданд ва Искандар саросема барои муҳорибаҳои оянда ва ҷангҳои баҳории 328 пеш аз милод ба тайёрӣ шуруъ менамояд. Ӯ зимистонро дар Бохтар гузаронида, бо баъзе пешвоёни сакоиҳо ва хоразмиҳо гуфтушунид карда, сафи лашкари худро пурра менамояд. Суғдиён низ ба талафоти калони нигоҳ накарда, муборизаро давом медоданд ва бо дастаҳои саворaи «парвозкунанда»-и худ ба душман зарбаҳои ҷонкоҳ мезаданд. Арриан менависад: «аксарияти суғдиҳо ба ҷойҳои мустаҳкам гурехта, ба волии таъинкардаи ӯ (яъне Искандар) итоат намуданро намехостанд». Воқеан, мамлакати тамоман толону харобгаштаи суғдиёнро аз нав мавҷи ҳаракати озодихоҳӣ фаро гирифт. Искандар маҷбур шуд, ки лашкари 20 ҳазорнафараи худро ба панҷ гурӯҳ тақсим намуда, ба тохтутози

---

[50] Дарёи Зарафшон дар назар аст.

[51] Алтхайм Франс (1898-1976) – муаррих ва филологи шинохтаи олмонӣ, муаллифи асарҳои зиёд оид ба таърих ва забонҳои қадим, аз ҷумла китоби «Искандар ва Осиё. Таърихи мероси маънавӣ» (Тюбинген, 1953).

васеъ дар саросари Суғд шуруъ намояд ва ба қатли ом машғул гардад. Ба қавли Диодори Ситсилиягӣ[52] «Искандар суғдиёни шӯришгарро таъқиб карда, аз онҳо беш аз 120 ҳазор нафарро ҳалок менамояд». Дар натиҷаи хунхорию золимии Искандар ва лашкариёни ӯ мамлакат ба дараҷае беодам монд ва ба қавли Арриан Искандар супориш дод, то «ба ҷои Суғд дубора шаҳре таъсис намоянд». Ин ҷо асосан ба ҷои шаҳрҳои харобгардидаи суғдӣ сохтани шаҳрчаҳои ҳарбии юнонӣ ҳамчун қароргоҳи дастаҳои низомӣ дар назар аст.

Ба ҳамаи ваҳшонияти Искандар нигоҳ накарда, Спитамен муборизаро идома медод. Ӯ бо 600 нафар аскари савораи худ ба ақибгоҳи Искандар ба Бохтар мегузарад ва бо тамоми ғайрату шуҷоат ба душман зарбаҳо мезанад. Тирамоҳи соли 328 пеш аз милод Спитамен бо 3 ҳазор аскари савора боз ба Мароқанд бармегардад. Дар муҳорибаи хунине,ки миёни лашкари юнону мақдунӣ ва мардуми озодихоҳ ба вуқӯъ омад, аз ду тараф одамони зиёд кушта шуданд. Спитамен маҷбур гардид, ки ба тарафи саҳро ақибнишинӣ кунад. Аммо қабилаҳои саҳронишин ин даъфа Спитаменро дастгирӣ накарданд, баръакс сардарони баъзе қабилаҳо хоинона ба ӯ ҳуҷум намуда, сарашро бурианд ва ба Искандар фиристоданд. Арриан ин хиёнати онҳоро чунин тасвир мекунад: Сари Спитаменро буриданд ва «онро ба Искандар фиристоданд, то ки ба ин васила хавфу хатари ба сари худашон таҳдидкунандаро бартараф намоянд».

Аммо хоинона кушта шудани Спитамен маънои қатъи муборизаи озодихоҳӣ ва пирӯзии комили аҷнабиёнро надошт, мардуми сарбаланди Суғд ба душман пурра сар нафароварда буд. Суғд барои аҷнабиён ҳоло ҳам хатарнок буд. Искандаре, ки империяи ҷаҳонии Ҳахоманиширо ба осонӣ шикаст дода буд, маҷбур шуд, ки зимистони соли 328-27 пеш аз милодро дар мулки мардуми сархамнакардаи суғдӣ гузаронад.

Муборизаи қаҳрамононаи мардуми Суғду Бохтар бо роҳбарии Спитамен Искандари овазадорро маҷбур сохт, ки сиёсати худро дар Осиёи Миёна тамоман дигар намояд. Пеш аз

---

[52] Диодори Ситсилиягӣ (Diodorus Siculus), (тақрибан солҳои 90 – 30 пеш аз милод) - муаррихи Юнони Қадим, муаллифи асари «Китобхонаи таърихӣ», ки аз се қисм ва 40 китоб иборат аст.

ҳама, ӯ ашрофи маҳаллӣ ва коҳинони зардуштиро ба тарафи худ ҷалб кард. Аз ҷумла, баҳори соли 327 пеш аз милод баъди ба даст овардани чанд истеҳкоми кӯҳии суғдӣ, ки ба он ашрофони суғдӣ Уксорт[53], Сисимитр ва Ҳуриён сарварӣ мекарданд, Искандар онҳоро бахшид ва молу амволи эшонро баргардонда дод. Ба замми он Искандар на танҳо ба аъёну ашрофе ки ӯро дастгирӣ мекарданд, инчунин ба онҳое, ки бетараф буданд низ пул медод, ё молу амволи шӯришчиёнро тақсим менамуд. Солноманависи дарбори Искандар Каллисфен[54] ба тарзи сарзанишомез навишта буд: «Искандаро, агарчанде мегӯянд, ки дар кишвари барбарӣ аз худ кардани ахлоқи барбарӣ лозим аст, бо вуҷуди ин, ман аз ту хоҳиш мекунам, Элладаро ба хотир ор, ки аз барои вай ту ба ин сафари ҷангӣ иқдом намудӣ, то Осиёро мутеи Юнон кунӣ».

Роҳи дигаре, ки Искандар пеш гирифт, ин барқарор намудани риштаи хешу таборӣ бо аъёну ашрофи маҳаллӣ буд. Ин буд, ки ӯ бо духтари Уксорт Руксона (Рухшонак), ки асир афтода буд издивоҷ намуд. Бо ин роҳ ӯ тавонист аъёну ашрофро ба тарфи худ кашад ва онҳо дар навбати худ ба хотири молу амвол ба хизмати Искандар гузаштанд. Масалан, Сисимитр сарбози зиёде ба Искандар дод ва дар мубоpизаи зидди сакоиҳо ба ӯ кӯмак намуд, Уксорт бошад низ ҳамчун хеш пурра ба тарафи ӯ гузашт ва дар ғасби пурраи кишвар ёрдам дод. Ҳатто, Уксорт баҳори соли 325 пеш аз милод Искандарро, ки ин вақт дар Ҳиндустон буд, аз исёни бар зидди ӯ дар Бохтар ба вуқӯъ омада, огоҳ менамояд. Барои ин хиёнат Уксортро Искандар волии музофоти Паропамис (Кобули имрӯза) таъин намуд. Ҳангоми волигии худ дар ин ҷо низ ӯ шӯриши мардумии зидди юнониҳоро худаш пахш намуда, шӯришгаронро ваҳшиёна ҷазо дод.

Новобаста аз муқовимати сахти суғдиёну бохтариён истилогарони юнону мақдунӣ тавонистанд бо пахши шӯришҳои мардумӣ заминҳои соҳили рости дарёи Омуро ишғол намоянд. Сабаби асосии нокомии муқовиматгарон пеш аз ҳама дар ниҳоят мутамарказ будани неруҳои ҳарбии Искандар ва хиёнати аъёну

---

[53] Уксорт – дар адабиёти илмӣ ва дар нашрии русии “Тоҷикон” бештар бо номи Оксиарт маълум аст.

[54] Каллисфен (тақрибан солҳои 360-328 пеш аз милод) – муаррихи юнонӣ, солноманависи Искандари Мақдунӣ, набераи хоҳари Арасту ва дастпарвари ӯ.

ашрофи маҳаллӣ буд. Муборизаи озодихоҳии аҷдоди сарбалани тоҷикон ва дигар халқҳо се сол идома ёфт ва дар ин муддат мардуми сарбаланд ба Искандар ва неруи ӯ зарбаҳои ҷонкоҳ зада, иқтидори низомии истилогаронро хеле заиф гардониданд. Суғдиёну бохтариён гарчанде дар ин муқовимат ғолиб наомаданд, вале бо далерию шуҷоати худ неруи бузурги истиқлолхоҳии худро нишон доданд ва империяи бузурги Искандарро аз идомаи ишғоли дигар мулку кишварҳо маҳрум сохтанд. Аз мулкҳои Осиёи Миёна фақат Хоразм аз истилои юнону мақдуниҳо эмин монд. Арриан менависад: «вақте ки Искандар зимистони соли 329/28-ро дар Бохтар мегузаронид, шоҳи Хоразм Фарозмон бо 1500 савора ба зиёрати ӯ омада, бар зидди колхҳо ва амазонҳо муттафиқона амал карданро пешниҳод намуд».

Ҳамин тавр, шикасти шоҳаншоҳии Ҳахоманишӣ ва ба истилогарони юнону мақдунӣ тобеъ шудани Бохтар, Суғд ва дигар мулкҳои Осиёи Миёна ба мардуми маҳаллӣ ягон сабукие наовард. Танҳо табақаи аъёну ашроф мисли замони пеш дар симои ҳокимияти истилогарон такягоҳи мустаҳками худро пайдо намуд.

## Инқирози империяи Искандари Мақдунӣ ва оқибати футуҳоти мақдуниҳо

Искандар дар давлатдории худ аз таҷрибаи Ҳахоманишиҳо ба таври васеъ истифода карда, Бобулро пойтахти нави худ эълон намуд ва ба муттаҳидкунии империяи бузург оғоз кард. Бо ин мақсад соли 324 пеш аз милод дар баробари юнону мақдуниҳо бохтариҳо, суғдиҳо ва дигар халқҳои Осиёи Миёнаро низ ба хидмати ҳарбӣ ҷалб намуд. Аз ҳисоби ашрофзодагони маҳаллӣ 30 ҳазор ҷавононро ба тарзи мақдунӣ мусаллаҳ намуда, ба дастаҳои аскарони савора тақсим кард. Искандар дар ҳудуди ишғолкардааш ҳамчун истеҳком ва такягоҳ чандин шаҳрҳоро бо номи худ (Искандарияҳо) бунёд намуд. Тибқи навиштаи муаллифони юнонӣ шумораи чунин шаҳр-истеҳкомҳо дар ҳудуди Суғду Бохтар 8-12 ададро ташкил медод. Аз ҷумла: Искандарияи Ақсо, Искандарияи Ориёӣ (Ҳирот), Искандарияи лаби Ому (тахминан дар ноҳияҳои Тирмиз ё Кӯлоб), Искандарияи Бохтар, Искандарияи Мароға (Байрамалии ҳозира). Искандар дар ин шаҳрҳо то 20 ҳазор аскари пиёданизом ва 3 ҳазор савораро ҷойгир намуд.

Академик Бобоҷон Ғафуров таъкид менамояд, ки давлати ташкилкардаи Искандар як иттиҳоди тасодуфии халқу қавмҳои гуногун буд ва кӯшишҳои ӯ барои ташкили як давлати воҳиду устувор натиҷа надод. Ин ноустуворӣ ҳамоно баъди марги Искандар, ки соли 323 пеш аз милод ба вуқӯъ омад, зоҳир гардид. Империяи бо зӯрии шамшер бунёд намудаи Искандар ба чандин мулку давлатҳои алоҳида тақсим шуд. Бо хабари марги ӯ, менависанд муаррихони қадим, «барбариҳо» аввалин шуда шаҳри Искандарияи Марвониро, ки дар соҳили дарёи Мурғоб буд, хароб карданд. Дар қаламрави Осиё шӯришҳои мардумӣ ба вуқӯъ омаданд. Барои ба даст овардани ҳокимияти олӣ байни сарлашкарони Искандар муборизаи дуру дароз сар шуд. Дар аввал ҳокимияти олии империя ба дасти *«диадохҳо»* - ворисон ва *«эпигонҳо»* - ворисони ворисон гузашт, вале дар натиҷаи сар шудани муборизаи ҳокимияттолошӣ ягон нафар аз сарлашкарон ҳокимияти пурраи олиро натавонист ба даст оварад. Соли 301 пеш аз милод дар муҳорибаи хунини ду гурӯҳи асосии диадохҳо дар наздикии Ипсии Фригияи Кабир империяи Искандари овозадор ба се давлати мустақил - Миср, Мақдуния ва Сурия (Селевкиён) тақсим мешавад, ки онҳоро дар таърих давлатҳои эллинӣ меноманд.

Доир ба оқибати истилои сарзамини ориёнишин аз тарафи юнону мақдуниҳо дар адабиёти илмӣ андешаҳои гуногун ҷой доранд. Олимони кишварҳои аврупоӣ асосан лашкаркашии Искандарро ҳамчун ҳодисаи пешқадамона (прогрессивӣ) тавсиф намуда, онро амри воқеӣ медонанд. Аммо онҳо аз паҳлуҳои дигари лашкаркашиҳои Искандар, ки он асосан бо мақсади ба Юнон тобеъ намудани кишварҳои Шарқ, ба даст овардани роҳҳои нави тиҷорати байналхалқӣ, мутеъ ва истисмор намудани халқҳои машриқ, ба ғорат бурдани сарват, ки бо роҳи қатли оми аҳолӣ ба вуқӯъ омада буд, чашм мепӯшанд. Юнону мақдуниҳо баробари истилои машриқзамин усулҳои гуногуни мутеъ ва истисмор намудани аҳолӣ, аз ҷумла ба кор бурдани зӯрӣ, маҷбуриятҳои номаҳдуди иловагӣ, истифодаи асирон бо роҳи фурӯхтан ва ба маҳалҳои дигар фиристодани онҳо, ки дар ҷомеаи ғуломдории Юнон ҷой доштанд, низ бо худ оварданд.

Бештар аз ҳама олимони ғарбӣ доир ба таъсири пешқадамонаи фарҳанги юнонӣ ҳарф зада, қариб ҳамаи

астовардҳои баъдинаи ин сарзаминро натиҷаи ҳамин таъсир медонанд. Академик Б. Ғафуров дар ин ҷо таъкид менамояд, ки мо таъсири фарҳанги юнонӣ ва омезиши онро бо фарҳанги шарқӣ инкор намекунем, аммо огоҳ менамоем, ки мамлакатҳои Шарқ низ соҳиби фарҳанги зиёда аз ҳазорсолаи хеле пешрафта буданд ва ин фарҳанг ба маданияти Юнон ва дигар мамлакатҳои Ғарб низ таъсири бузург ва ҳамаҷониба расонидааст. Маданияти ба ном эллинӣ ин соф маданияти юнонӣ нест, балки натиҷаи омезиши ду маданият- юнонӣ ва шарқӣ мебошад.Дар рушд ва пешрафти маданияти эллинӣ нақши халқҳои Осиёи Миёна низ хеле барҷаста мебошад. Доир ба нақши ин халқҳо ковишҳои бостоншиносӣ ҳар сол маводи наву тозаи тасдиқкунандаро пешкаш менамоянд. Махсусан, маводи бостоншиносӣ исбот менамоянд, ки бисёре аз унсурҳои шаҳрсозӣ хеле пештар аз давраи эллинӣ дар Шарқ ташаккул ёфта буданд. Баробари он расму одатҳои мазҳабии мардумони Осиёи Миёна ва Эрон ба ақидаҳои динии юнониён, римиҳо ва баъдан пайдоиш ва рушди оини насронӣ таъсири барҷаста гузошта аст. Дар адабиёт, санъат, фалсафа ва дигар риштаҳои илму фанни юнонӣ ва аврупоӣ низ таъсири Шарқи Қадим мушоҳида мешавад. Бесабаб нест, ки олими шинохта В. Тарн[55], ки худ муҳаққиқи маданияти эллинӣ буд, чунин менависад: «Дар ин соҳа Шарқ фотеҳи худро асир намуд; ин ҳаракат мумкин аст то аҳди масеҳӣ ба авҷи худ нарасида бошад, вале дар зарфи тамоми давраи эллинӣ торафт боло мерафт».

---

[55] Тарн, Уилям Вудторп (англ. William Woodthorpe Tarn) (1869-1957) – муаррих – эллинишиноси шинохтаи британиягӣ, муаллифи китоби «Тамаддуни эллинӣ».

# БОБИ СЕЮМ
# ЮНОНУ БОХТАР ВА ПОРТ ДАР АСРҲОИ III-II ПЕШ АЗ МИЛОД

## 1. ОСИЁИ МИЁНА ДАР ҲАЙАТИ ДАВЛАТИ СЕЛЕВКИЁН

Академик Б. Ғафуров дар ин зербоб доир ба парокандашавии империяи Искандари Мақдунӣ ва дар вайронаҳои он ташкил ёфтани давлати Селевкиён маълумот медиҳад. Ӯ таъкид менамояд, ки Селевк яке аз сарлашкарони Искандари Мақдунӣ буд ва соли 312 пеш аз милод сатрапи Бобулистон таъин гардид. Аз ин баъд, муддати 9 сол ӯ оҳиста-оҳиста ҳокимияти худро ба Ғарбу Шарқ, аз ҷумла, ба Эрон ва Осиёи Миёна паҳн намуд. Аммо дар Осиёи Миёна ӯ ба муқобилияти шадид дучор омада, бо роҳи ҷанг ба тобеъ сохтани ин мулкҳо шуруъ намуд. Муаллифони юнонӣ менависанд, ки Селевки I бар Бобулистон зафар ёфта, қувваи худро афзуд, Бохтарро тасхир кард, Порт ва Суғдро ҳам зери даст овард, вале кӯшиши тасхири Ҳиндустони шимолӣ аз тарафи ӯ барор нагирифт.

Муаллифи «Тоҷикон» менависад, ки мутаассифона дар тасвири пурраи таърихи давраи Селевкиён мушкилоти кам дастрас будани маъхазҳо ҷой доранд. Чунин ҳолат дар омӯзиши таърихи охири асри III ва миёнаи асри II пеш аз милоди Осиёи Миёна низ ҷой дорад. Маълум аст, ки бо сабаби ниҳоят васеъ будани ҳудуди давлат Селевки I соли 293 пеш аз милод писараш Антиохро волии мулкҳои шарқӣ таъин намуд. Антиох писари духтари Спитамен Апама буд ва аз ин рӯ Осиёи Миёна барои ӯ кишвари аҷдодӣ маҳсуб меёфт.

Аммо, дар Шарқ бар зидди Селевкиён исёнҳои зиёд сар заданд ва Антиох аксари онҳоро пахш намуд. Соли 280 пеш аз милод баъди вафоти Селевк Антиох ҳокими мутлақ мешавад. Дар замони ӯ ҳам ҷабру зулм нисбат ба мардуми маҳаллӣ кам намегардад. Ӯ низ асосан тавассути дастаҳои ҳарбӣ ҳокимияти худро нигоҳ медошт. Дар давраи бистсолаи ҳукмронии Антиохи I (солҳои 280-261 пеш аз милод) диққати бештар ба мулкҳои ғарбӣ, ки дар он ҷо ҷангҳои пайдарпай ба миён меомаданд, равона мегардид. Аз ин рӯ, ба мулкҳои шарқӣ, аз ҷумла Осиёи Миёна кам

таваҷҷуҳ зоҳир меёфт. Ин имкон дод, ки мулкҳои Осиёи Миёна беш аз пеш қувват гиранд, хоҷагии кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва тиҷорат рӯ ба инкишоф ниҳанд. Мулкҳои Осиёи Миёна новобаста аз дар канор буданашон дар давлати Селевкиён мақоми муҳимро ишғол менамуданд. Барои ҳамин Селевкиён дар роҳи бузурги тиҷоратие, ки аз соҳили Даҷла ба Бохтар мерафт, манзилу шаҳрҳои нав бунёд намуданд. Ин маънои онро дошт, ки Осиёи Миёна барои Селевкиён ҳам аз ҷиҳати ҳарбию стратегӣ ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ аҳамияти муҳим дошт. Баробари он Селевкиён дар радифи юнониён намояндагони аъёну ашрофи маҳаллиро низ ба идоракунии давлат ҷалб менамуданд. Гарчанде такягоҳи асосии онҳо қароргоҳҳои ҳарбии юнониён-катойкияҳо буд.

Умуман, давраи ҳукмронии Селевкиён барои сарзамини Осиёи Миёна замон барқароркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи мамлакат буд, ки дар натиҷаи истилои юнону мақдуниҳо хароб гардиданд. Аз тарафи дигар, маҳз дар раванди муборизаи зидди Селевкиён иттиҳоди халқҳои шарқиэронии бохтариён, суғдиён, портҳо ва дигар қавмҳо ба вуҷуд омад.

## 2. ДАВЛАТҲОИ ЮНОНУ БОХТАР ВА ПОРТ

**Пайдоиш ва таърихи давраҳои аввали Порт ва Юнону Бохтар**

Олими нуктасанҷ Б. Ғафуров таъкид менамояд, ки доир ба пайдоиш ва таърихи давраи аввали давлатҳои Порт ва Юнону Бохтар сарчашмаҳои таърихӣ, махсусан муаллифони юнонӣ маълумоти гуногун манзур менамоянд. Муҳаққиқон доир ба воқеаҳои онвақтаи Осиёи Миёна бештар ба як навиштаи Юстин такя менамоянд. Юстин менависад: «Сипас, Диодот низ ҷудо шуд (яъне аз Селевкиён), ки ҳокими ҳазор шаҳрҳои Бохтар буд ва фармуд ӯро подшоҳ хонанд; ба ибрати ӯ аз мақдуниён тамоми мардуми Шарқ ҷудо шуданд. Дар он давра Арсак ном одаме буд, безот, вале бошуҷоат, ки одатан роҳзанӣ ва дуздӣ мекард. Шунид, ки Селевк (яъне Селевки II) дар Осиё шикаст хӯрдааст, дигар аз подшоҳ боке накарда, ба портҳо бо дастаи роҳзанон дарафтод, бар ҳокими онҳо Андрагор ғолиб омад, ӯро ба қатл расонд ва ҳокимиятро бар халқ (яъне портҳо) ба даст гирифт».

Ба андешаи Б.Ғафуров дар ин матни Юстин норавшаниҳои зиёде ҷой доранд, махсусан доир ба солҳои ҷудошавии Юнону Бохтар, вақти ба амал омадани воқеаҳои Диодот ва Аршак ва амсоли инҳо. Маълум аст, ки аз муборизаи байни ду бародарон Селевки II ва Антиохи Гиеракс барои тахти шоҳӣ истифода намуда, портҳо бо роҳбарии Андрагор ном юноние аз давлати Селевкиён ҷудо мешаванд. Эҳтимол аст, ки воқеаҳои Диодот тақрибан соли 256 пеш аз милод ва воқеаҳои Аршак қарибиҳои соли 250 пеш аз милод ба вуқӯъ омаданд.

Дар байни муҳаққиқон доир ба ин масъалаҳо ва хусусияти он ду андеша ҷой дорад. Олимони англис Г.Макдоналд ва В.Тарн дар заминаи тангаи дар Бохтар бо сарҳарфи номи Диодот сикказадашуда пешниҳод менамоянд, ки ҳанӯз дар охири давраи ҳукмронии Селевкиён иқтидор ва истиқлоли вориси мазкур ба маротиб афзуда, ниҳоят соҳибихтиёр гардидааст. Аммо, олими ҳиндустонӣ А.Нарайн ин адешаро рад намуда, менависад, ки сарҳарфи «Д» ин ишора ба зарбхона аст ва дар ҳолати эътирофи истиқлоли ворис номи пурраи ӯ сикка зада мешавад. Дар баробари ин ақидаҳои дигар низ мавҷуданд. Дар як қатор тангаҳои давраи Селевкиён ба ҷои сурати подшоҳ сурати Диодот низ омадааст.

Бобоҷон Ғафуров изҳор менамояд, ки андешаҳои худро доир ба ин масъала ба шакли муфассал ҳанӯз дар китоби «Таърихи халқи тоҷик» (нашри соли 1955) пешниҳод намуда буд. Мазмуни он ин аст, ки воқеан дар Бохтар ворисони Селевкиён соҳиби қувваи тавонои ҳарбии юнонӣ буданд ва Диодот маҳз ҳамин қувваи ҳарбӣ ва аъёну ашрофи юнонишудаи маҳаллии Бохтару Суғдро, ки низ рӯҳияи ҷудоихоҳӣ доштанд, истифода бурда, сарвари ҳаракати озодихоҳӣ гардид ва бо ин роҳ Бохтарро аз Селевкиён ҷудо кард. Албатта дар чунин ҳаракат ва пеш аз ҳама дар муборизаи зидди зулми дутарафа ва барои истиқлол мардуми маҳаллӣ низ ширкати фаъол доштанд.

Таърихи давраи аввали ду давлати мустақили Юнону Бохтар ва Порт ба ҳам печида аст. Муаллифони юнонӣ менависанд, ки Арсак бохтарие буд ва аз шоҳи Бохтар Диодот «метарсид» ва ба қавли Страбон «барои халос шудан аз қудрати рӯзафзуни Диодот ва ворисони вай дар Порт исён кард». Диодоти I он қадар тӯлонӣ ҳукмронӣ накардааст ва пас аз ӯ писараш Диодоти II ба тахт нишаст. Вале то ҳол сиккашиносон муайян накардаанд, ки

тангаҳои акси Диодот дошта кадомаш ба шоҳи калонӣ ва кадомаш ба писари ӯ тааллуқ доранд. Аз тарафи дигар чи гуна мустақил шудани Порт низ маълум нест. Доир ба таърихи аввали Порт имрӯз асосан се ақида ҷой дорад. Муаллифи беҳтарин асари таҳқиқотӣ доир ба таърихи сиёсии Порт Н.Дибвойс[56] менависад, ки «ба худи юнониён ҳақиқати таърихии ин ақидаҳо комилан пӯшида буд».

Ҳамин тавр, дар заминаи маълумоти мавҷуда метавон равшан намуд, ки дар миёнаҳои асри III пеш аз милод сатрапи Порт хостааст аз Селевкиён ҷудо шавад ва айнан дар ҳамин давра низ Бохтар аз Селевкиён ҷудо мегардад. Бо маълумоти маъхазҳо дар Порт ҳокимиятро Арсак ба даст мегирад, ки ба гуфтаи Страбон асли насаби ӯ аз кӯчманчиёни *дах* (ё худ *парндахҳо*) ва ё бохтарӣ буд. Юстин Арсакро шахси безот, вале бошуҷоат номида менависад, ки ба Порт дарафтод «ва бар халқи Порт ҳукмрон шуд». Арриан бошад менависад, ки бародарон Аршак ва Тиридот аз сатрапи Селевкиён ҳақорат шуниданд ва пас аз ин панҷ шарики худро ба ёрдам чеғ зада, таҳқиркунандаи худро куштаанд ва халқро ба шӯриш бархезониданд.

Аммо дар ҷои дигар Страбон менависад, ки «Аввал Арсак оҷиз буд, зеро мудом бо онҳое меҷангид, ки мулкашонро кашида гирифта буд» ва дере нагузашта ӯ ҳалок мегардад ва минбаъд шоҳони Порт бо номи арсакҳо ё аршакҳо ва сулола бо унвони «Арсакиён» ё «Аршакиён» ва дар сарчашмаҳои шарқӣ бештар бо номи «Ашкониён» машҳур мегардад. Пас аз Арсак, ки асосгузори сулола маҳсуб меёбад, бародараш Тиридот ба сари қудрат меояд. Юстин низ менависад: «Дере нагузашта Арсак (яъне Тиридоти I) мулки Гирконро низ тасхир кард. Ба ҳамин тарз, Арсак бар ду давлат сарвар шуда, лашкари бузурге ҷамъ овард, зеро ҳам аз Селевк ва ҳам аз шоҳи Бохтар Диодот бим дошт».

Ҳамин тавр маълум аст, ки ду давлати ҷавон дар ибтидо мухолифи ҳам буданд, шояд ҳар яки он мехост ҳукмрони ягонаи Осиёи Миёна бошад. Махсусан, ҳокимони Порт дар аввал бештар

---

[56] Шакли дурусти исми ин олим Нелсон Кэрел Дибвойз (англ. Neilson Carel Debevoise) (1903-1992) аст. Ӯ муаррих, шарқшинос, антиқашиноси амрикоӣ буда, муаллифи асарҳои «Таърихи сиёсии Порт» ва «Шоҳигарии Порт» мебошад.

аз Диодоти I бохтарӣ ҳарос доштанд. Пас аз марги Диодоти I ва фишори Селевкиён ба ин ду давлати ҷавон муносибати Юнону Бохтар ва Порт тағйир меёбад. Ба қавли Юстин баъди ба тахт нишастан Диодоти II писари Диодоти I бо Порт шартномаи сулҳ мебандад. Зеро дар ҳамин вақт Селевки II бо мақсади аз нав ҳамроҳ кардани ноҳияҳои Осиёи Миёна ба тарафи шарқ лашкар кашид. Аммо Селевкиён ин дафъа ба мақсад нарасиданд, зеро Порт ақибгоҳи худро мустаҳкам намуда буд ва ҳамлаи онҳоро баргардонд. Дар аввал Тиридоти I ба мулки апасиакҳои саҳронишин дар шимоли Порт ақиб мешинад ва сипас баргашта ба Селевки II шикаст медиҳад.

Аз тарафи дигар вазъи дохилии давлати Юнону Бохтар он қадар ором набуд ва сабаби дигари бастани шартнома бо Порт аз тарафи Диодоти II низ дар ҳамин буд. Вале новобаста ба ин, Евтидем ном душмани асосии Диодоти II, ки дар борааш маълумоти гуногун мавҷуд аст, табадуллоти давлатӣ гузаронида ҳокимиятро соҳиб мешавад. Полибий аз номи худи Евтидем чунин нақл мекунад: «На ман аввал зидди подшоҳ хестам, баръакс ҳукмрони Бохтар барои ҳамин шудам, ки авлоди чанд хоинро қир кардам». Ин гуфтаҳо ишора ба онанд, ки Евтидем авлоди шоҳони аввали Юнону Бохтарро пурра нобуд кардааст.

Бобоҷон Ғафуров ишора мекунад, ки дар байни олимон доир ба ин воқеа тахминҳои гуногун ҷой доранд, аммо дурусташ он аст, ки аз тарафи Евтидем кушта шудани Диодоти II боиси вайрон шудани муносибатҳо бо Порт гардид. Шояд задухӯрди ҳарбӣ низ миёни ду давлат ба вуқӯъ омада бошад.Тасвири таърихи минбаъдаи ин давлатҳо нишон медиҳад, ки дар давраи Евтидем давлати Юнону Бохтар дар ғарб Ориёно, Мароға ва эҳтимол, Аспион ва Туриваро низ дар бар мегирифт. Евтидем дар Осиёи Миёна низ мулки зиёдеро соҳиб буд, ки маркази он ҳамоно Бохтар маҳсуб меёфт. Мумкин аст, ки Суғд ва баъзе ноҳияҳои ҳамсоя низ дар ин давра ба ҳайати он дохил мешуданд.

### Муборизаи зидди истилокории Селевкиён

Дар даҳсолаҳои охири асри III пеш аз милод Порт ба як давлати муқтадир табдил меёбад. Тиридот ҳудуди давлати Портро васеъ намуда, як қисми ҳудуди Эрони имрӯзаро ҳамроҳ кард ва

қалъаву истеҳкомҳои зиёде сохта, шумораи лашкарашро ба маротиб афзоиш дод. Ашкониён дар мустаҳкамкунии ҳокимияти давлатӣ дар баробари қувваи силоҳ аслиҳаи идеологиро низ истифода мебурданд. Дар бисёре аз тангаҳои онҳо дар паҳлӯи номи подшоҳ унвони «teos», яъне «худо» пайдо шуд, ки ин далели баробари худо боло бардоштани шоҳ мебошад. Ин яке аз хусусиятҳои идеологияи сиёсии Шарқи Қадим аст.

Соли 211 пеш аз милод Тиридот, ки 37 сол ҳукмронӣ карда буд, вафот мекунад ва ба ҷои ӯ писараш Артабони I ба тахт мешинад. Дар ҳамин солҳо мавқеи Селевкиён низ аз нав мустаҳкам мешавад ва подшоҳи онҳо Антиохи III барои барқарор намудани қаламрави пешинаи давлат кӯшиш мекунад. Юстин бо муболиғаи зиёд менависад, ки Антиохи III бо лашкари сершумори 100 ҳазораи пиёда ва 20 ҳазораи савора ба муқобили Порт лашкар мекашад. Портҳо новобаста аз шуҷоату мардонагӣ ақибнишинӣ мекунанд, як қисми ҳудуди худро аз даст медиҳанд ва бо Селевкиён шартномаи вазнин имзо мекунанд.

Пас аз ин барои Селевкиён роҳ ба сӯи Юнону Бохтар кушода мегардад. Антиохи III ба тарзи номаълум лашкарро ба соҳили лаби дарёи Арей (Ҳарирӯд) мебиёрад ва субҳ ногаҳон ба дастаҳои пешгарди лашкари Евтидем, ки марзро посбонӣ мекарданд, ҳуҷум мекунад. Бохтариён бо расидани хабари ҳуҷуми Селевкиён ба се гурӯҳ тақсим шуда ба сари онҳо рехтанд. Полибийи юнонӣ менависад, ки новобаста аз фишори сахти бохтариён Селевкиён ғолиб омаданд ва Евтидем маҷбур шуд, ки ба қалъаи Зариаспа-Бактарам ақиб шинад. Дар ин ҷанг, бо маълумоти маъхазҳо аз ҳарду тараф талафоти зиёде ба миён омад.

Селевкиён ин қалъаро ба муҳосира гирифтанд, вале он натиҷае надод. Барои ҳамин ҳарду тараф барои музокира ва бастани созиш розӣ буданд. Дар ҳамин вақт дар сарҳади Бохтар лашкари бешумори кӯчманчиён ҷамъ омада буд ва Евтидем аз ҳуҷуми онҳо хавфи калон дошт. Антиохи III низ аз муҳосираи тӯлонӣ монда шуда буд. Барои ба даст овардани созиш Евтидем ба қароргоҳи Антиохи III писараш Деметрийро фиристод. Полибий менависад: «Подшоҳ (яъне Антиохи III) ӯро хуш қабул кард ва дид, ки вай ҳам ба сурат ва ҳам ба сират шоистаи тахту тоҷ аст, бинобар ин аввалан ваъда дод, ки яке аз духтарони худро ба вай

никоҳ хоҳад кард ва сониян, розӣ шуд, ки ба унвони подшоҳии падараш кордор нахоҳад шуд. Дигар шартҳо дар созишномаи хаттӣ дарҷ ёфта, иттифоқи қасамӣ баста шуд. Антиох барои роҳ тӯшаи фаровон бардошта ва филҳои ҷангии Евтидемро бо худ гирифта, аз қароргоҳаш хест». Ҳамин тавр, Евтидем ба ҳар ҳол соҳибихтиёрии расмии Юнону Бохтарро нигоҳ дошт. Пас аз ин Антиохи III аз муҳосираи Бохтар даст кашида ба тарафи ҷануб барои тасхири мулкҳои Ҳиндустон ҳаракат намуд.

Муаллифони қадим ва маъхазҳо дар бораи ҷасорату мардонагии бохтариён, махсусан дастаи 10 ҳазорнафараи саворагони бохтарӣ маълумоти зиёд медиҳанд. Баъзе муҳаққиқон сабаби зиёд будани дастаи саворагони бохтариро дар кадом як тадбири сиёсии Евтидем, аз ҷумла, ҷалби аъёну ашрофи Бохтар ба корҳои идораи давлат мебинанд.

### Равнақи давлати Юнону Бохтар

Дар давраи ҳукмронии писари Евтидем Деметрий ва баъдан Менандр ҳудуди давлати Юнону Бохтар ниҳоят васеъ мегардад. Муаллифони юнонӣ менависанд, ки асосан ҳудуди он аз ҳисоби қаламрави Ҳиндустон вусъат ёфтааст ва онҳо Деметрийро «шоҳи ҳиндувон» меноманд. Тангаҳои бо акси шоҳ Деметрий низ хеле зиёд дастрас шудаанд, ки дар он акси ӯ гоҳо тоҷ бар сар ва гоҳ хӯд дар сар тасвир шудааст. Дар баъзе аз онҳо навиштаҷоти «Аз они подшоҳи мағлубнопазир Деметрий» гоҳ ба хати юнонӣ ва гоҳ бо хати ҳиндӣ (кхарошти) мавҷуд аст. Тибқи таҳқиқоти як олими ҳиндустонӣ Деметрий тақрибан соли 185 пеш аз милод ба Ҳиндустон ворид шуда, сулолаи Моравиёнро шикаст додааст. Дар давраи саргарми ишғоли Ҳиндустон будани Деметрий дар таърихи сиёсии давлати Юнону Бохтар чеҳраи дигари сиёсӣ - Евкратид ба миён меояд. Муаллифи юнонӣ Юстин чунин нақле дорад: «қариб дар як замон дар Порт - Митридот ва дар Бохтар - Евкратид подшоҳ шуданд. Ҳар ду мардони майдон буданд. Вале толеи портҳо тофт ва онҳо ба шарофати сарварии ин марди бузург ба авҷи қудрат расиданд. Бохтариён бошанд, гоҳ ба ину гоҳ ба он ба ҷангу ҷидол саргарм гардида, на фақат мулки худ, балки истиқлоли худро низ аз даст доданд; онҳо бо суғдҳо, арахотҳо, дрангаҳо, ориҳо ва ҳиндуҳо беист ҷанг карда, дар азоб монданд ва

дар охир гӯё аз ҳол рафта, зердасти портҳое шуданд, ки нисбат ба онҳо заифтар буданд. Ба ҳар ҳол, Евкратид дар ҳамаи ин ҷангҳо ҷасорату матонати беҳамтое нишон медод: масалан, вақте вай дар муҳосираи шоҳи ҳиндуҳо Деметрий монда хеле суст шуда буд, бо сесад нафар лашкари худ паси ҳам шабохун зада, бар шаст ҳазор нафар душман ғолиб омад. Баъди муҳосираи панҷмоҳа вай Ҳиндустонро мутеъ кард».

Страбон низ доир ба Юнону Бохтар ва Порт маълумоти фаровон медиҳад. Ӯ менависад, ки подшоҳони Юнону Бохтар «нисбат ба мақдуниён, ҳатто қисми бештари Ҳиндустонро тасхир карданд» ва ба вай «9 қабила ва 5000 шаҳр тобеъ буд». Портҳо бошанд хеле пештар аз Евкратид ва тарафдорони вай як қисми Бохтарро истило намуданд ва скифҳоро дур андохтанд. Ӯ дар баробари шаҳрҳои Бохтар, шаҳри Евкратидеяро низ ном мебарад, ки он «ба шарафи собиқ ҳокими худ чунин ном доштааст». Аммо, ӯ илова мекунад, ки «портҳо аз дасти Евкратид сатрапиҳои Аспиён ва Туриваро кашида гирифтанд».

Ҳамин тавр, доир ба таърихи Юнону Бохтар ва Порт маъхазҳои таърихӣ маълумоти гуногун медиҳанд. Вале дар баробари он бостоншиносон аз ҳудуди Осиёи Миёна тангаҳои зиёди Евкрадитро пайдо намуданд. Аз ҷумла, дар вилояти Қашқадарё, назди Китоб хазинае ёфт шуд, ки қариб 100 дона танга дорад ва аксарияти он тангаҳои давраи Евкратид мебошанд. Аз қаламравви Тоҷикистони имрӯза чунин тангаҳо аз ҳудуди ноҳияи Панҷи вилояти Кӯлоб ёфт шуданд. Дар бораи аксҳои рӯи тангаҳо ва навиштаҷоти он байни олимони соҳа андешаҳои гуногун мавҷуданд.

Дар заминаи чунин маълумот рӯшан мегардад, ки дар он замоне, ки Деметрий дар Ҳиндустон буд, дар Бохтар Евкратид ном як намояндаи ашрофони юнонӣ исён мебардорад. Ин воқеа айнан ҳамон вақте ба вуқуъ омад, ки дар Порт Митридоти I ба тахт нишаст ва ин тақрибан ба соли 171 пеш аз милод рост меояд. Сабаби ба осонӣ ба даст овардани ҳокимият аз тарафи Евкратид бо сардории Деметрий дар Ҳиндустон будани қисми асосии лашкар буд.

Пас аз соҳиби тахти шоҳӣ шудан Евкратид ба худ унвони «Сотер», яъне «Наҷотбахш»-ро мегирад ва бо ин нишон доданӣ

мешавад, ки ӯ Бохтарро аз Деметрий наҷот додааст. Аммо Деметрий бо шунидани хабари исён ба муқобили Евкратид лашкари бешумор, бо баъзе маълумот лашкари 60 ҳазорнафара мефиристад. Лашкари Евкратид хеле камшумор буд ва дар аввал ба муҳосира меафтад, вале ӯ бо як дастаи 300 нафараи сарбозони худ метавонад ба лашкари Деметрий зарбаҳои пайдарпай зада, онро торумор намояд. Аз ин пас ӯ худро «Подшоҳи аъзам Евкратид» эълон намуда, ба номи худ дар Бохтар тангаи бисёре сикка мезанад, ки дар рӯи он акси падару модараш ҷой гирифта буданд. Бо маълумоти бостоншиносӣ ин тангаҳо пас аз вафоти Евкратид низ муддати мадид дар муомила буданд ва ҳатто пас аз сукути давлати Юнону Бохтар ҳам дар тақлид ба ин тангаҳо сиккаҳои зиёд бароварда шуданд.

Давлати Бохтар дар Евкратид боз ҳам мустаҳкамтар шуд, ҳудуди он аз ҳисоби мулкҳои ҳиндустонии Деметрий васеъ гардид. Дар маъхазҳо омадааст, ки Евкратид соҳиби 1000 шаҳр буд. Аммо баробари ин, дар ҳамин вақт давлати Юнону Бохтар аз ду музофоти ғарбии худ низ маҳрум мешавад. Ин музофот ва баъзе ноҳияҳои сарҳадии Юнону Бохтарро Митридоти I, яке аз пуриқтидортарин подшоҳони давлати Порт ба тасарруфи худ медарорад.

Евкратид пас аз тасхири Ҳиндустон ҳангоми бозгашт ба Бохтар аз тарафи писараш кушта мешавад. Доир ба ин воқеа Юстин менависад, ки «ҳангоми бозгашт аз юриш Евкратидро писараш кушт, ки ӯро андаке пештар ба худ шарики ҳукмронӣ карда буд. Писар падаркушии худро, гӯё ки на падараш, балки душманашро кушта бошад, ҳатто пинҳон ҳам намекард. Вай савораи аробаи ҷангӣ хуни падарашро зер карда гузашту фармуд, ки ҷасадро ба хок насупурда, партофта раванд». Ин ҳодиса наздикиҳои соли 155 пеш аз милод ба вуқӯъ омадааст.

Дар ин давра давлати Порт хеле пуриқтидор мегардад. Митридоти I (солҳои 171-138/7 пеш аз милод) дар роҳи васеъ намудани ҳудуди кишвари худ ва муборизаи зидди Селевкиён муваффақ гардида, Эрони Ғарбӣ, Мидия ва Байнаннаҳрайнро ба Порт ҳамроҳ кард.

Давлати бузурги Юнону Бохтар, ки ноҳияҳои беканори Осиёи Миёна, Афғонистон ва Ҳиндустонро дар бар мегирифт, миёнаҳои

асри II пеш аз милод рӯ ба инқироз ниҳод. Парокандагии сиёсӣ авҷ гирифта, волиёни аз авлоди Диодот, Евтидему Евкратид буда ва дигар ашрофони пуриқтидор ҳокимиятро дар маҳалҳо ба даст гирифта, аз номи худ сикка мезаданд. Нимаи дуюми асри II пеш аз милод дар ин ҷо волие бо номи Антимах, ки унвони «Теос» («Худо») -ро дошт, низ қудрат пайдо мекунад.

Хулоса, дар охирҳои асри II пеш аз милод давлати Юнону Бохтар хеле заиф мегардад. Баробари ин, ҳанӯз аз нимаи дуюми асри II пеш аз милод дар сарҳадҳои шимолии Осиёи Миёна қувваи ниҳоят бузурги саҳронишинон ҷамъ омада буд, ки мисли тӯфони бузург на танҳо ба Юнону Бохтар, балки ба дигар давлатҳо, аз ҷумла Порт низ хатари бузург дошт.

## 3. СОХТИ ДОХИЛӢ, ИҚТИСОДӢ ВА МАДАНИЯТИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРҲОИ III-II ПЕШ АЗ МИЛОД

### Давлати Юнону Бохтар

Масъалаи сохти давлатӣ ва ҷамъиятии давлати Юнону Бохтарро тасвир намуда, академик Б. Ғафуров менависад, ки доир ба ин масъала сарчашмаҳо он қадар маълумоти фаровон намедиҳанд. Аз мадракҳои мавҷуда маълум мешавад, ки шоҳони юнону бохтарӣ асосан ба низоми давлатдории Селевкиён тақлид мекарданд, аммо ҳокимияти марказии онҳо он қадар мустаҳкам набуд. Сарвари давлат подшоҳ буд, дар охирҳои мавҷудияти ин давлат подшоҳ бо писараш якҷоя ҳукмронӣ менамуданд. Давлат ба сатрапиҳо тақсим мешуд ва такягоҳи асосии ҳокимияти подшоҳ лашкар буд. Дар ноҳияҳои ҳиндустонии Юнону Бохтар, бо маълумоти «Милинда-Панха»[57] наздикони шоҳро *сарлашкар, сарвазир, қозикалон, сардори хазина, чатрбардор ва шофбардор* ташкил медодаанд. Доир ба худи Бохтар ва дигар ноҳияҳои ҳамҷавори он маъхазҳо чунин хабар намедиҳанд.

Такягоҳи асосии ҳокимияти шоҳӣ лашкар буд, ки ба сафи он ғайр аз юнониҳо бохтариён ворид мешуданд ва онҳо асосан

[57] «Милинда-Панха» рисолаест, ки дар асри II пеш аз милод ба забони палӣ (яке аз забонҳои миёнаи ҳиндӣ) чун мубоҳиса дар мавзӯи фалсафа байни Менандр (талаффузи ҳиндиаш Милинда) ва олими ҳиндӣ Нагасена таълиф шудааст.

қисмҳои савораро ташкил медоданд. Ғайр аз ин шоҳ горди шахсӣ низ дошт ва қувваи асосии зарбазани лашкарро филҳои ҷангӣ ташкил медоданд.

Дар сарчашмаҳои юнонӣ ҳам Диодот ва ҳам Евкратид ҳокимони 1000 шаҳр номбар шудаанд. Ин ба назар муболиға тобад ҳам, вале маънии онро дорад, ки дар ин давра санъати шаҳрсозӣ хеле ривоҷ ёфта будааст. Шаҳрҳои Бохтару Суғдро аз рӯи таърихашон метавон ба се гурӯҳ ҷудо намуд: 1. Шаҳрҳое, ки пеш аз Ҳахоманишиҳо ва ё дар замони онҳо бунёд шуданд. Ба ин гурӯҳ пеш аз ҳама шаҳрҳои Бохтар (Бактра)- маркази давлат ва Мароқанд - пойтахти Суғд дохил мешаванд. 2. Шаҳрҳое, ки дар замони истилои юнону мақдуниҳо ё дар аҳди Селевкиён сохта шудаанд. 3. Шаҳрҳое, ки дар замони мавҷудияти давлати Юнону Бохтар бунёд шудаанд. Аз ҷумла, ба гурӯҳи дуюму сеюм шаҳрҳои Искандарияи Ақсо, Евкратидея, ки аз тарафи Искандар ва ё волиёни юнонӣ, ё шаҳрҳои бедахолати ҳукуматдорон бавуҷудомада, дохил мешаванд.

Ҳамзамон Б. Ғафуров таъкид менамояд, ки доир ба сохти дохилии шаҳрҳои Юнону Бохтар имрӯз маълумоти кофӣ нест ва шояд минбаъд доир ба хусусияти ин шаҳрҳо ва шаклҳои худидоракунии онҳо ковишҳои бостоншиносӣ маълумоти бештар манзур намоянд. Аз ҳамон маъхази хаттии «Милинда-Панха» бармеояд, ки шаҳрҳо марказҳои асосии ҳунармандӣ будаанд ва касбҳои оҳангарӣ, заргарӣ, мисгарӣ, кулолгарӣ, чармгарӣ, хаймадӯзӣ, шонатарошӣ, бофандагӣ, наддофӣ, сабадбофӣ, камонгарӣ, сангтарошӣ, заршӯёӣ, ошпазӣ, қассобӣ, майфурӯшӣ, гулфурӯшӣ хеле ривоҷ ёфтаанд. Ҳамзамон дар маъхаз таъкид шудааст, ки дар байни шаҳриён тоҷирони моҳут ва ҳар навъ озуқа низ хеле бисёр будаанд. Дар такя ба ин маълумот метавон хулоса намуд, ки асосан касбу ҳунар ва савдо дар дасти аҳолии маҳаллӣ будааст.

Бохтар ва Мароқанд аз ҷумлаи шаҳрҳои бузург ва машҳури ин давра будаанд. Махсусан, Бохтар ҳамчун маркази давлат ҳамеша дар равнақ буд. Шаҳри Бактра (Бохтар) тақрибан бист километр дуртар аз шаҳри Мазори Шарифи Афғонистони имрӯза ҷойгир будааст. Дар тамоми давраи асрҳои миёна дар ин макон шаҳри Балхи овозадор мавҷуд буд, барои ҳамин ҳангоми ҳафриёти бостоншиносӣ бештар қабатҳои мадании давраҳои баъд ошкор

гардиданд. Шаҳри Бактраи замони Юнону Бохтар дар ҷои димнаи ҳозираи Болоиҳисор қарор дошт, ки тарҳи он дарозрӯя буда, масоҳаташ тақрибан 120 гектар аст. Бостоншиносони фаронсавӣ бо роҳбарии Д. Шлюмберже[58] сохти деворҳои қалъа, ғафсии он, тиркашҳо ва дигар хусусиятҳои қалъаро тавонистанд, муайян намоянд. Дар баъзе ҷойҳо ғафсии пояҳои девори қалъа то ба 31 м мерасид.

Бостоншиносони фаронсавӣ солҳои 1964-1965 ба ҳафриёти димнаи Ойхонуми соҳили чапи дарёи Панҷ дар Афғонистони имрӯза шуруъ намуданд. Тарҳи Ойхонум секунҷа буда, як паҳлӯяш то 1,5 км ва паҳлӯи дигараш то 2 км дарозӣ дорад. Тарафи шимолу ғарбии он дар пастӣ ва тарафи ҷанубу шарқии он дар баландӣ ҷой гирифтааст. Ковишҳои Ойхонум маводи зиёде доданд, аз ҷумла боқимондаҳои иншооти азим, ки аз санг ва хишти хому пухта сохта шудаанд, сутуну болорҳои сангӣ, ҳайкалҳои эллинӣ, сафолот, зевар, инчунин қабристони юнонӣ ва сангҳои рӯи қабрҳои юнонӣ ёфт шуданд. Ин бозёфтҳо далолат мекунанд, ки Ойхонум шаҳри асрҳои III-II пеш аз милоди Юнону Бохтар аст ва дар он унсурҳои фарҳанги юнону эллинӣ ва ҳамзамон унсури хоси юнонии аҳолии маҳаллӣ ҷой доранд. Ойхонум яке аз калонтарин шаҳрҳои юнону бохтарӣ буд, вале ҳоло номи аслии он маълум нест.

Дар рӯбарӯи Ойхонум дар соҳили рости дарёи Панҷ дар ҳудуди ноҳияи имрӯзаи Фархор бостоншиносон осори дигари муҳимми давраи охири мавҷудияти давлати Юнону Бохтарро кашф карданд, ки бо номи мавзеи имрӯзаи Саксанохур машҳур аст. Ин ёдгорӣ 7 км шимолтар аз маркази ноҳияи Фархор воқеъ аст ва масоҳати қалъа (димна)-и он 5 гектарро ташкил медиҳад. Бостоншиносон дар ин ҷо маҳаллаи косибон, хумдонҳои кулолӣ ва инчунин иншооте ёфтанд, ки қаср ва маъбадро дар бар мегирад. Дар марказ ҳавлии калони чоркунҷаи андозаи 27,7 ба 27,7 м ҷой гирифтааст, ки аз се тараф долон дорад. Дар як тарафи ҳавлӣ айвони чорсутуна, дар ду самти он ду ҳуҷра ва дар пешгаҳаш як дар барои баромадан ба долон мавҷуд аст. Дар баробари долони ғарбии ҳавлӣ

[58] Шлюмберже Даниэл (фаронсавӣ Daniel Schlumberger) (1904-1972) – бостоншиноси фаронсавӣ, муҳаққиқи Шарқи Қадим, дар Сурия ва Афғонистон ковишҳо гузаронидааст. Яке аз бозёфти ӯ шаҳри Ойхонум мебошад.

ҳашт биное будааст, ки ба се гурӯҳ тақсим шудаанд. Дар мобайни биноҳои шимолӣ як хонаи калони чоркунҷаи сутундор ҷой гирифтааст. Аз ҳамин хона бостоншиносон ашёи зиёди қиматбаҳо, аз ҷумла себаргаи тиллоӣ ёфтанд. Хонаҳо хеле боҳашамат сохта шудаанд, деворҳояшон ниҳоят ғафс, хонаҳо ба шакли дарозрӯя бо бомҳои чоркунҷа ё росткунҷаи сутундор пӯшида шуда, остонаҳои онҳо аз тахтасангҳои чортарошшуда сохта шудаанд. Сутунҳои сангии айвон пояҳои пурнақшу нигору мураккабсохт дошта, дар рӯи таҳкурсиҳои дуқабатаи сангин меистоданд. Санаи иморати ин иншоот асрҳои III-II пеш аз милод муайян шудааст.

Дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза дар замони Юнону Бохтар бисёр шаҳрҳои дигар низ буданд. Як шаҳри дигари ин давра Кайқубодшоҳ мебошад, ки дар наздикии шаҳраки имрӯзаи Носири Хусрав ҷойгир аст. Шаҳр тарҳи чоркунҷа ба андозаи 285х325 метрро соҳиб мебошад, атрофи онро деворҳои ғафс бо бурҷҳои чоркунҷа иҳота кардаанд. Бостоншиносон аз ҳудуди шаҳр чанд бинои чоркунҷаву росткунҷаи бо хоки сафед андовашуда ёфтанд.

Ғайр аз ин каме дуртар димнаи Қалъаи Мир дар ҳудуди худи шаҳраки Носири Хусрав ёфт шуд, ки аз ин ҷо устохонаи мисгарӣ ва бисёр ашёи рӯзгору тангаҳо кашф гардиданд. Ёдгории дигари ин давра Кӯҳнақалъаи лаби ҷарии канори Вахш[59] мебошад, ки ҳудуди он аз Кайқубодшоҳ каме хурдтар буда, аз ду қисм -асосӣ дар шакли росткунҷа ва қисми дигари бешакл воқеъ аст. Қалъа дар ҷои хуби стратегӣ ҷойгир аст ва дохили он саросар аз иморатҳои гуногуни росткунҷаву секунҷа иборат мебошад. Аз маълумоти бостоншиносӣ бармеояд, ки сохтмони ин қалъа пурра ба анҷом нарасида будааст, шояд ба ин ҳуҷуми кӯчманчиён дар охири давраи Юнону Бохтар халал расонида бошад.

Кӯҳнақалъа ва Кайқубодшоҳ ба мо доир ба санъати қалъасозии замони Юнону Бохтар маълумоти фаровон доданд. Асосан қалъаҳо ҳамчун иншооти муқтадири ҳарбӣ бо бурҷҳои росткунҷаи ба ҳам зич сохта мешуданд. Девори бурҷ ва девори худи қалъа бо нимсутунҳо (пилястрҳо) мустаҳкам карда шуда, дар бурҷ ва девор тиркашҳои ҳақиқӣ ва қалбакӣ гузошта мешуданд. Қалъаҳо даромадгоҳҳои мустаҳкам ва дарвозаю бурҷҳои баланд доштанд.

[59] Ҷанубтар аз маркази ноҳияи имрӯзаи Ҷаллолиддини Балхӣ.

Новобаста аз он, ки дар замони истилои юнону мақдуниҳо воҳаҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Самарқанду Суғд зарари ҷиддӣ дида буданд, вале аз маълумоти бостоншиносӣ бармеояд, ки ба зуддӣ дар маҳалҳо зиндагӣ маҷрои ором пайдо мекунад ва касбу кор тадриҷан рӯ ба инкишоф меоранд. Пеш аз ҳама косибию ҳунармандӣ равнақ меёбанд, кишоварзӣ рӯ ба инкишоф мениҳад. Муаллифони антиқа доир ба шароити хуб ва ба кишоварзӣ мувофиқи Бохтар хабар медиҳанд,ривоҷи зироати ғалладона, боғу токпарварӣ ва ҳатто кишти шолӣ, инчунин чорводориро таъкид менамоянд. Барои обёрии заминҳо дар Бохтару Суғд шабакаҳои калони каналҳо мавҷуд будаанд.

Доир ба таърихи давлати Юнону Бохтар маълумоти зиёди сиккашиносӣ низ мавҷуд аст. Яке аз мукаммалтарин ва бонизомтарин маълумотнома роҷеъ ба тангаҳои давраи Юнону Бохтар «Корпуси тангаҳои ҳиндуюнонӣ» аст, ки онро олими ҳиндустонӣ А.Н.Лоҳурӣ тартиб додааст, аммо дар ин феҳрист тангаҳои осорхонаҳои шӯравӣ дохил нашудаанд. Дар давлати Юнону Бохтар аз тилло, нуқра, мис ва инчунин аз хӯлаи мису никел сикка зада мешуданд ва аз ҳама бештар шумораи зиёди тангаҳои нуқрагӣ ба мо расидаанд. Тангаҳо бештар бо акси шоҳон ва дар паси он акси кадом як худо, аз ҷумла худоҳои юнонии Аполлон, Артемида, Афина, Деметра, Диоскура, Геката, Гелиос, Геракл, Зевс, Ника, Посейдон ва ғайра зарб мешуданд. Баъзе тангаҳо катиба низ доштанд. Аз ҷумла дар тангаҳои давраи Евкратид сифати μεγας («кабир») сабт ёфта буд, Антимох бошад, худро *υεος* (худо) номида буд, инчунин дар тангаҳои давраи Евкратид катибаҳои дузабона ҷой доштанд. Агар дар рӯи танга катибаи юнонӣ биёяд дар паси он тарҷумаи таҳтуллафзии он ба хатти кхароштӣ оварда шудааст. Вазни тангаҳо асосан мувофиқ бо ченакҳои ҳамонвақтаи Юнон буд. Ёфт шудани тангаҳо аз минтақаҳои гуногун нишонаиривоҷи тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Дар сарчашмаҳои хитоӣ омадааст, ки дар Бохтар бозорҳои калон будааст ва «бохтариён дар савдо ҳамто надоранд».

Доир ба фарҳангии маънавии давраи юнону бохтарӣ маълумоти камтар дастрас аст. Вале аз маълумоти мавҷуда низ айён мегардад, ки Юнону Бохтар яке аз марказҳои фарҳангии ҷаҳони онвақта буд. Бохтар ҳамчун сарзамини қадима дорои

фарҳанги хеле бойи маҳаллӣ буд ва дар ин давра низ дар натиҷаи робита бо фарҳангҳои дигар, пеш аз ҳама юнонию ҳиндӣ ва умуман маданияти эллинӣ боз ҳам рушд ёфт. Махсусан, санъати Юнону Бохтар ба авҷи рушди худ расида буд. Олими шинохтаи шӯравӣ К.В.Тревер[60] дар бораи санъати давраи Юнону Бохтар менависад: «Дар тангаҳои Юнону Бохтар сурати шоҳон бо маҳорати баланд сабт шудаанд. Муҳри онро санъаткорони забардасте кандаанд, ки дар акси ҳаҷман хурдакак чунон расми воқеона офаридаанд, ки на фақат хусусияти қиёфаи шахсро инъикос менамояд, балки бо воситаи ин ё он ҷузъиёти хурд феълу атвори ин ё он шахсро аён месозад». Яке аз дигар нишонаҳои рушди санъати Бохтар ин осори аҷоиби торевтика[61] мебошад, ки бо усули дар девори биноҳо гузоштани нақшу нигор, ҳуҷраҳои бо расмҳо, релефҳои сангӣ ва филизӣ ороиш гардида, зоҳир ёфтаааанд.

Робитаи Бохтар бо олами эллинӣ ва Ҳиндустон дар ин давра хеле қавӣ буд ва он дар ақоиди динӣ бештар мушоҳида мешавад. Ба андешаи мутахассисон маҳз дар ҳамин давра дар Осиёи Миёна дини буддоӣ паҳн мегардад. Аммо оини асосии сокинони Бохтар зардуштия буд ва он ягон зарра мавқеи худро аз даст надодааст. Шаҳри Бохтар (Бактра) маъмултарин маркази зардуштӣ маҳсуб меёфт ва ба ин ҷо аз ҳар гӯшаву канор зиёратчиёни сершумор ҷамъ меомаданд. Маъбади асосии оташпарастон - маъбади олиҳа Ардвисура Анаҳито дар ҳамин Бохтар воқеъ буд ва дар ин ҷо муҷассамаи Анаҳито бо тоҷи тиллоӣ ва либоси аз 30 пӯсти саги обӣ дӯхташуда гузошта шуда буд.

Албатта дар Бохтар маъбадҳои юнонӣ низ буданд, зеро дар байни аҳолии ин кишвар шумораи юнониҳо зиёд буд ва ҳокимони давлати Юнону Бохтарро асосан юнониҳо ташкил медоданд. Акси худоҳои юнонӣ, ки болотар номҳои онҳо зикр шуд, дар паси

---

[60] Тревер Камилла Василевна (1892-1974) – муаррих ва санъатшиноси шинохтаи шӯравӣ, муаллифи чандин таҳқиқот оид ба таърихи фарҳанг ва санъати Осиёи Миёна, Моварои Кавказ ва Эрон, муаллифи китоби «Осори санъати Юнону Бохтар».

[61] Торевтика – аз калимаи юнонии τορευτική буда, маънояш буридан ё ҳаккокӣ намудан аст. Дар илми бостоншиносӣ ҳунари коркарди дастии гузоштани нақшу нигор дар ашёи филизӣ, чӯб, сафол ва деворро мегӯянд. Ин истилоҳ асосан ба осори ҳунари аҳди бостон марбут аст ва дар давраи асри биринҷӣ пайдо шудааст.

аксари тангаҳои ин давра оварда шудааст, ба ин далел мебошад. Маъбаду ибодатхонаҳои юнонӣ дар шаҳраки Ойхонум ҳам ёфт шуданд.

Дар давлати Юнону Бохтар динҳои гуногун вуҷуд доштанд. Аммо аксари аҳолии маҳаллӣ, яъне бохтариҳо чун замони пеш асосан пайрави оини зардуштӣ буданд. Ин оин ба юнониҳои ин кишвар низ таъсири худро гузошта буд.

**Давлати Порт**

Академик Б. Ғафуров дар ибтидои тасвири таърихи давлати Порт таъкид менамояд, ки нисбат ба давлати Юнону Бохтар доир ба Порт, махсусан сохти дохилии он иттилои бештаре дар дасти муҳаққиқон аст. Пеш аз ҳама, таълифоти муаллифони замони атиқа ва ёдгориҳои эпиграфӣ манбаи муҳимми омӯзиши таърихи ин давраи Порт мебошанд. Аз ҷумла, дар ҳудуди яке аз калонтарин марказҳои давлати Порт- шаҳри Насо (дар наздикии Ашхободи имрӯза) бойгонии калони ҳуҷҷатҳои хаттӣ ёфт шуданд, ки барои омӯзиши таърихи Порт нақши муҳим доранд.

Аз манобеи таърихӣ маълим шуд, ки дар давлати Порт ҳокимияти шоҳро ду шӯро - Шӯрои ашроф ва Шӯрои коҳинон то андозае маҳдуд мекарданд. Шӯрои ашрофон асосан аз ҳисоби намояндаи сулолаи ҳукмрони Ашкониён ва инчунин шаш хонаводаи ашрофи дигар ташкил мешуданд. Ҳамин ду шӯро аз байни намояндаи хонаводаи ҳукмрон шоҳи Портро интихоб мекарданд, албатта васияти шоҳи марҳумро низ ба инобат мегирифтанд.

Ҳудуди давлати Порт ниҳоят васеъ буд ва мулку давлатчаҳои зиёдеро дар бар мегирифт. Тақсимоти маъмурии давлат мураккабтар буд. Давлат ба сатрапияҳо, ки онро *ҳшаҳрап* ё *наҳводор* сардорӣ мекард, сатрапияҳо ба воҳиди нисбатан хурди *гипрахияҳо* ва дар навбати худ гипрахияҳо ба *статмаҳо* тақсим мешуданд. Мақоми марзбонҳо аз сатрапҳо болотар меистод, зеро ба он якчанд сатрапия тобеъ буд. Омӯзиш ва таҳқиқи ҳуҷҷатҳои бойгонии шаҳри Нисои кӯҳна аз тарафи И.М.Дяконов ва В.А.Лившитс доир ба сохтори маъмурии Порти шимолу шарқӣ маълумоти арзишмандеро манзур намуд. Маълум шуд, ки воҳиди хурдтарини маъмурӣ *диз* - деҳа будааст, ки онро *дизпат* роҳбарӣ

мекард ва ӯ ба сатрап тобеъ буд. Аз ин ҳуҷҷатҳо дар бораи сатрап Кофизод, ки солҳои 20-уми асри II пеш аз милод ҳоким будааст, Тиридот - сардори дастаи низомиёни савора, номҳои чанд «хазинадорон» ва «аспакӣ Сосон» ҳам маълумот ба даст омад.

Ҳамзамон, аз ҳуҷҷатҳои Нисо маълум шуд, ки ба ҷамъоварии хироҷу андоз ва маҳсулот як гурӯҳ амалдорон машғул будаанд. Аз ҷумла, барои кашондани шароб ба анбори шоҳ, ки *мадустон* ном дошт, амалдороне мутасаддӣ буданд, ки унвонҳои *«шаробкаш», «мӯҳрдор», «котиб», «муҳосиб», «дастархончӣ»* доштанд. *«Муғҳо»* низ табақаи боимтиёз буданд ва Спосак ном муғ номбар шудааст, ки унвони *атурипат* («омири оташ») доштааст. Амалдорони маҳаллӣ вазифадор буданд, ки аз мардум ҳар чӣ бештар хироҷу андоз ситонанд ва аҳолиро мутеъ нигоҳ доранд.

Ҳуҷҷатҳои бойгонии Насо хабар медиҳанд, ки дар ҳудуди заминҳои ҳосилхез (ҷанубии Туркманистони имрӯза) кишоварзӣ хеле рушд ёфта, мулкҳое вуҷуд доштаанд, ки аз «токзорҳо» иборат будаанд. Чанд намуди моликият ба замин мавҷуд будааст, ки вобаста ба он аз замин андоз ситонида мешуд. Ғайр аз ин андози махсусе низ буд, ки ба шакли мол ё пули нақд барои хомӯш нашудани оташи муқаддас гирифта мешуд.

Ҳангоми ҳафриёти бостоншиносӣ аз қалъаи Меҳрдодкирд (димнаи Насои кӯҳна) анборҳои бузурги шаробдории шоҳ ёфт шуданд. Даромад ва баромади шароб пайваста дар сафолпораҳои махсус ва ё дар бадани хуми шароб ба қайд гирифта мешуд. Дар ин ҳуҷҷатҳо миқдори шароб, номи токзору соҳиби мулк, унвони шаробкаш, санаи овардани шароб, навъи он ва ибораҳои «турш шудагӣ», «ба хуми дигар рехта шудагӣ» навишта мешуданд. Чунин тарзи кор муддати 70 сол идома доштааст. Ғайр аз ин дар байни ҳуҷҷатҳо ҳисоботи умумӣ, рӯйхатҳо ва барои шаробгирӣ дархостҳо низ ёфт шуданд.

Дар аввал асосан шаҳрҳои Порти Ғарбӣ, санъати шаҳрсозӣ, фарҳанги шаҳрдорӣ, ҳудуд ва сохтори идоракунии онҳо ба таври муфассал омӯхта шуда буданд. Пас аз вусъат ёфтани бостоншиносии шӯравӣ шаҳру деҳаҳои Порти шимолу шарқӣ низ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Аз ҷумла, дар ду димнаи ҳамшафати Насо, ки дар қарибии Ашхобод воқеъ аст, чандин сол

ҳафриёт гузаронида шуд ва маълум шуд, ки димнаи Насои кӯҳна мамнуъгоҳи шоҳ ва Насои нав боқимондаи шаҳри Порт будааст.

Насои кӯҳна аз қасрҳои подшоҳ, иморатҳои хоҷагӣ, ибодатгоҳҳо, бинои сарбозон ва манзили ашрофон иборат мебошад. Тарҳи худи қалъа панҷгӯша аст ва атрофашро девори мустаҳкаме иҳота кардааст, ки ғафсии пояи он ба 9 м мерасад. Дар гӯшаи ҷанубӣ гулдастаи азиме буд, ки вусъати болои он 35х35 м буд. Худи ҳамин гулдаста истеҳкоми мукаммал - яке аз қисмҳои асосии мудофиавии қалъа мебошад. Девору бурҷҳо аз похса ва хишти хом мебошанд. Тахмин мекунанд, ки ба қалъа фақат бо як роҳрави дарози моил (пандус), ки таг-таги девори қалъа тӯл мекашид, даромадан мумкин буд.

Дар маркази қалъа толори ниҳоят бузурги чоркунҷа бо масоҳати 400 метри мураббаъ, дар байни он чор сутуни хиштӣ, ки ҳар яки он аз чор нимасутун сохта шудааст, ҷой гирифтаанд. Қабати дувуми девори толор низ мисли қабати аввал аз нимсутунҳо иборат буда, бо ранги сурхи баланд андова ва бо нақшу нигори бисёр зарҳалкорӣ шудааст. Фарши толор гаҷӣ, сақфаш тахтагин ва дар мобайн равзана дорад.

Албатта муҳимтарин бозёфти ин мавзеъ ин бойгонии Насо мебошад. Ин бойгонӣ имкон дод, ки на танҳо доир ба тартиботи маъмурию андозгирӣ, инчунин доир ба маданияти маънавии шимолу шарқи Порт низ маълумоти хуб ба даст ояд. Ин ҳуҷҷатҳо бо хати оромӣ навишта шудаанд ва ин хат ҳанӯз дар девони Ҳахоманишиҳо истифода мешуд.

Дар давлати Порт динҳои гуногуни зардуштӣ, яҳудӣ, юнонӣ ва насронӣ вуҷуд дошт. Аммо дини асосӣ зардуштия буд ва дар ҳуҷҷатҳои Насо номи бештар аз 200 ашхоси зардуштӣ оварда шудааст. Тибқи ин ҳуҷҷатҳо тақвими портӣ аз соли 247 пеш аз милод оғоз мешавад ва санаҳо дар он мувофиқи тақвими зардуштӣ ва бо талаффузи портӣ мебошанд. Сол аз 365 рӯз, 12 моҳ (ҳар яке 30 рӯзӣ) иборат буда, ба он боз панҷ рӯз илова мешуд. Номи рӯзу моҳҳои ин тақвим талаффузи портии номи худоёни зардуштӣ мебошад.

Дар баъзе сарчашмаҳои асримиёнагӣ ноҳаққона таърихи бисёрасраи Портро нодида гирифта, онро давраи ҳокимияти мустабидона меноманд. Аммо ин давра дар хотири халқ бо

шаклҳои аҷиб ва гуногун маҳфуз мондааст. Аз ҷумла, то имрӯз калимаю ибораҳои «паҳлавон», «ривояти паҳлавӣ», «суруди замони паҳлавӣ» истифода мешаванд. Номи адабиёти форсизабони асрҳои III-VII-ро адабиёти паҳлавӣ меноманд.

Давлати Порт зиёда аз 500 сол мавҷуд буд ва дар давраи дуюми мавҷудияти худ бештар ҳудуди Эрони имрӯза ва Байнаннаҳрайнро фаро мегирифт.

### Дигар ноҳияҳои Осиёи Миёна

Бобоҷон Ғафуров дар ҳудуди Осиёи Миёна мавҷуд будани дигар ноҳияҳои муҳимми зироаткориро таъкид намуда, яке аз ноҳияҳои пешрафтаи он замонаро ҳудуди Фарғона меҳисобад. Мувофиқи маълумоти маъхазҳои охири асри II пеш аз милод, ки имрӯз дар дасти муҳаққиқон аст, Фарғона дар замонҳои пеш ва мавҷудияти давлати Юнону Бохтар соҳиби иқтисодиёти пешрафтае будааст. Аммо, доир ба таърихи пештар аз ин давраи Фарғона маълумоте нест, зеро осори асри III-II пеш аз милод алҳол аз ҳудуди ин минтақа ёфт нашудааст. Масъалаи дигари баҳснок ин шомил будан ё набудани Фарғона ба ҳайати давлати Юнону Бохтар мебошад, ки низ то ҳол ҳалли худро наёфтааст. Баъзе муаррихон дар асоси як хабари Страбон хулоса намудаанд, ки Фарғона як қисми давлати Юнону Бохтар буд. Вале, - менависад Б. Ғафуров, - барои чунин хулоса ҳоло далели мӯътабаре ба даст наомадааст. Маълумоти сиккашиносӣ доир ба ёфт шудани тангаҳои Евтидем, Деметрий ва сиккаи тақлидии Гелиокл дар Фарғона далели қавӣ нест, зеро шояд ин тангаҳо ва дигар тангаи юнону бохтарии дар Насои Порт ёфтшуда низ тавассути муомилоти савдо ба он ҷойҳо афтода бошанд.

Маркази дигари муҳимми минтақа Хоразм буд, ки аз ҳудуди он ёдгориҳои зиёде кашф шудаанд. Хоразм нисбат ба дигар минтақаҳо аз истилои аҷнабиён камтар зарар дида, дар асри II пеш аз милод як давлати соҳибихтиёри тавоно буд. Доир ба ин масъала маъхазҳои хаттӣ ба мо маълумоте надодаанд, вале бозёфтҳои экспедитсияи бостоншиносии Хоразм ин ақидаро тасдиқ менамоянд. Яке аз ин ёдгориҳо Ҷонбосқалъа мебошад, ки ба шакли росткунҷаи баробарпаҳлу сохта шуда, атрофашро ду қабат девори мустаҳкам иҳота кардааст. Қалъа истеҳкоми ниҳоят

мустаҳкам ва мураккаб буда, бо долону тиркашҳои зиёд ва новаҳои гуногун сохта шудааст, Зиёд будани шумораи тиркашҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ҳимояи қалъа тамоми аҳолии он сафар мегардидааст. Шаҳрро кӯчаи калони марказии он ба ду қисм ҷудо мекунад, ки он аз «Оташкада»-и бузург ибтидо мегирад.

Ёдгории дигари Хоразм ин Қӯйқирилганқалъа мебошад, ки ба шакли манори ғафсиаш 42 метра бо девори тарҳаш доирашакли бурҷдор, ки даври беруниаш 87,5 метр аст, сохта шудааст. Манори марказӣ дуошёна буда, бо мурури замон дохили қалъа пур аз иморат шудааст. Дар ин ҷо боқимондаи маҳсулоти гуногун, аз ҷумла хумҳои бисёри дорои нақшҳои гуногун, ҳайкалчаҳои сершумори сафолию гаҷӣ, чанд катибаи асрҳои III-II пеш аз милод бо хатти оромӣ ёфт шудаанд. Ғайр аз ин дар ин ҷо устадонҳо (оссуарийҳо) ва ниқобҳои мотамӣ низ пайдо карда шуданд. Умуман, осори бадастомада аз рушд ва пешрафти Хоразми онвақта дарак медиҳанд. Маҳз бо таъсири маданияти пешрафтаи Хоразм қабилаҳои кӯчии атрофи Арал ва ҳавзаи байни дарёҳои Аму ва Сир оҳиста-оҳиста ба ҳаёти муқимӣ гузаштанд. Дар натиҷа қабилаҳои саҳроии сакоиҳо дар ноҳияҳои соҳили рости дарёи Сир, даштҳои ҷануби Қазоқистони имрӯза, шимоли Қирғизистони имрӯза, қисман дар ноҳияҳои дохилӣ ва бештар дар канораҳои водии Фарғона ва Помири Шарқӣ маскан гирифтанд. Ин қабилаҳо, ки як қисми он баҳри беканори қабилаҳои кӯчманчии ҳудуди васеи аз Муғулистон то даштҳои ҷануби Рус буданд, бо сокинони ноҳияҳои аслии муқиминишин робитаи мустаҳкам доштанд.

Ҳамин тавр,- таъкид менамояд Б. Ғафуров, - мо як тарҳи умумии таърихи асрҳои III-II пеш аз милоди Осиёи Миёнаро медонем. Вале, мутаассифона, - илова менамояд ӯ, - таърихи сиёсии Юнону Бохтар то имрӯз комилан равшан нашудааст. Баъзе муҳаққиқон пештар кӯшиш намуданд, ки номҳои ҳокимони аз тангаҳои юнону бохтарӣ ёфтшударо ба «ба навъҳо» тақсим кунанд. Дар заминаи тангаҳои зиёди ба даст овардаи бостоншиносон як гурӯҳ олимон, аз ҷумла В.В.Тарн[62] бе ҳеҷ далел байни ашхоси

[62] Ниг.: иқтибоси 55 (саҳ.108).

таърихӣ робитаву риштаҳои хешу ақрабоӣ кашида, аз рӯи расми тангаҳо онҳоро ба ҳам наздик мекунад, ки ин боиси ба миён омадани манзараи аз ҳақиқат дури таърихи Юнону Бохтар мегардад. Мақсад бо ин андеша паст задани аҳамияти асарҳои ин муҳаққиқ нест, вале ҳаминро бояд донист, ки ҳадде ҳасту аз он ҳад гузаштани таърихшинос мумкин нест, зеро агар вай аз ин ҳад гузарад, на ин ки таърихшинос, балки қиссапардоз мешавад.

Масъалаи дигаре низ ҳаст, ки маври баҳс гардидааст. Дар адабиёти кишварҳои ғарбӣ таъсири фарҳанги эллину юнониро ба Осиёи Миёна аз будаш зиёдтар тасвир намуда, бархе олимон иддао мекунанд, ки инкишофи иҷтимоию иқтисодии Осиёи Миёна маҳз баъди истилои юнону мақдуниҳо мушоҳида мешавад ва дар натиҷаи таъсири бевоситаи фарҳанги юнонӣ сохтмони шаҳрҳо ва истеҳкомҳо ба вуқӯъ омадааст. Академик Б. Ғафуров огоҳ менамояд, ки чунин мавқеъгирии олимони кишварҳои ғарбӣ дар асарҳои донишмандони шуравӣ, аз ҷумла асарҳои пешинаи ӯ низ зери танқиди сахт гирифта шудаанд. Ин олимон аз хусусиятҳои дохилии Осиёи Миёна ва равандҳои пешбарандаи иҷтимою иқтисодии ҷомеаи осиёимиёнагӣ бехабаранд. Ҳафриёти бостоншиносӣ ба таври возеҳ фарҳанги хос ва пешрафтаи бохтариён, хоразмиён, суғдиён ва дигар қавму тоифаҳои Осиёи Миёна дар давраи то истилои юнону мақдуниҳоро исбот намуданд. Гурӯҳи дигари чунин олимон бошанд, консепсияи буржуазии асоси илмӣ надоштаи муҳаққиқони ғарбиро танқид намуда, дараҷаи муҳиммият ва робитаи муфиди иҷтимою иқтисодӣ ва фарҳангии олами юнонию эллинӣ ва Осиёи Миёнаро комилан нодида мегиранд ва дар ин минтақа мавҷуд будани бошишгоҳҳои калони юнониро рад мекунанд. Бояд таъкид намуд, ки юнониҳо ба Осиёи Миёна ҳамчун истилогар омаданд ва дар ин минтақа дастаҳои ҳарбии худро монданд. Вале дар байни он юнониҳое, ки дар Осиёи Миёна, Афғонистон ва шимоли Ҳиндустон сукунат ихтиёр карданд, косибону савдогарон, ҳунармандону ҳайкалтарошон, духтуру машшоқ низ буданд. Дар натиҷаи робитаи ду фарҳанг, фарҳанги маҳаллӣ ва юнонию эллинӣ раванди инкишофи ҷомеа ба такони ҷиддие дучор омад. Албатта, ин таъсир дар бунёди шаҳрҳо ва фарҳанги шаҳрдорӣ низ мушоҳида мегардад.

Таъсири маданияти юнонӣ ва фарҳанги маҳаллӣ, ҳам дар фарҳанги маънивӣ ва ҳам моддӣ низ мушоҳида мегардад. Масалан, хатти юнонӣ баъди истилои юнону мақдуниҳо муддати ҳазор сол дар Бохтар навъи асосии хат буд. Дар санъати меъморӣ, ҳайкалтарошӣ, заргарӣ ва дигар соҳаҳо таъсири дутарафаи фарҳанги эллинӣ ва ҳам фарҳанги маҳаллӣ ба назар мерасад. Маҳз ба ҳамдигар таъсиррасонии ду фарҳанг боиси рушди ҷомеаи минтақа дар асрҳои минбаъда гардид. Дар ин раванд фарҳанги маҳаллии осиёимиёнагӣ на танҳо узви комилҳуқуқи фарҳанги нави пешрафта, балки унсури асосии пешбаранда буд. Забони юнониҳои сокиншуда тадриҷан бо забонҳои маҳаллӣ омехта шуд, фарҳанги онҳо низ хусусияти омехтаро пайдо намуд. Равобити байналмилалӣ, ҳаракати одамон дар натиҷаи савдо, муҳоҷират боиси васеътар интишор ёфтани беҳтарин комёбиҳои фарҳанги маънавӣ ва моддии Осиёи Миёна ба кишварҳои ғарбӣ гардид. Аз ин рӯ, фарҳанги эллинӣ маҳсули заҳмати бисёр халқҳо - эллинҳо, сокинони Шарқи Наздику Миёна, халқҳои Осиёи Миёна ва Ҳиндустон мебошад.

Ба андешаи баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла В.В. Тарн Юнону Бохтар қисми олами эллинӣ ва яке аз давлатҳои эллинӣ мебошад. А.К.Нарайн бошад муқобили В.В. Тарн баромада, таърихи ин давлатро таърихи «ҳинду юнонӣ» меномад. Ин ақидаҳо комилан аз ҳақиқат дур мебошанд, зеро сарчашмаи таърихи давлати Юнону Бохтар дар Осиёи Миёна аст, ин давлат дар ҳамин ҷо пайдо шуд ва қувват гирифт. Ба замми он маҳз унсурҳҳои бохтарию эллинӣ он қувваеро ба миён оварданд, ки Ҳиндустонро тасхир намуд. Аз ин ҷо Юнону Бохтар, пеш аз ҳама Осиёи Миёна ва Афғонистон аст.

# БОБИ ЧОРУМ
# ОСИЁИ МИЁНА ДАР ДАВРАИ КУШОНИЁН

## 1. ПОРТ, ЮНОНУ БОХТАР ВА КӮЧМАНЧИЁН. ИБТИДОИ ТАЪРИХИ ЙУҶИҲО

### Кӯчманчиён ва Порт

Муаллифи «Тоҷикон» дар ин зербоб доир ба таърихи давраҳои охири мавчудияти давлатҳои Порт ва Юнону Бохтар ва муборизаи онҳо бо кӯчманчиён маълумоти муфассал медиҳад. Ӯ таъкид менамояд, ки охирин кӯшиши Селевкиён барои тасарруфи ҳудуди давлати Порт тақрибан солҳои 138/7 ба вуқуъ омад. Ин вақт ба тахти шоҳии Порт Фарҳоди II хурдсол менишаст ва давлатро модараш идора мекард. Дар аввал Селевкиён тавонистанд як қатор ноҳияҳои ғарбии Порт, пеш аз ҳама Бобулистонро ишғол намоянд. Вале баъдан бо сабаби шӯриши аҳолии шаҳрҳо, ки аз зулму ғорати бераҳмонаи душман ба дод омада буданд, гарнизони Селевкиён торумор ва подшоҳи онҳо кушта шуд. Лашкари портҳо боз ба Бобулистон дохил шуда, барои тасхири Сурия омодагӣ гирифт. Аммо, вазъият ба куллӣ тағйир ёфт, ки сабаби он шӯриши кӯчманчиён буд. Давлати Порт кӯчманчиёнро ҳамчун қувваҳои зархариди кироаи худ истифода менамуд. Дар ин бора муаллифони юнонӣ, махсусан Юстин хеле муфассал менависад: «скифҳо дар ивази музди муайян бояд ба портҳо ёрӣ расонда, зидди подшоҳи Сурия - Антиох меҷангиданд, вале фақат баъди тамом шудани ҷанг расида омаданд. Онҳоро сахт таъна заданд, ки вақти даркорӣ ёрӣ нарасонданд ва муздеро, ки бояд онҳо мегирифтанд, надоданд. Скифҳо ниҳоят дар ғазаб шуданд, ки ин қадар роҳро беҳуда тай намуданд ва талаб карданд, ки ё музди онҳоро диҳанд ё бар зидди ягон душмани дигар фиристанд. Вале Фарҳоди II талаби онҳоро ҳавобаландона рад кард ва скифҳо ҷавоби радро барои худ таҳқир дониста, ба ғорати мулки Порт сар карданд. Бинобар ҳамин Фарҳод ба ҷанги зидди онҳо баромад». Соли 130 пеш аз милод Фарҳод ба ҷанги зидди сакоиҳо лашкари асирафтодаи юнониҳоро бурд, аммо онҳо аз сустшавии портҳо истифода карда ба тарафи шӯришгарон гузаштанд. Дар натиҷа шӯришгарон лашкари портҳоро шикаст

дода, Фарҳодро ба қатл расониданд. Пас аз ин сакоиҳо Портро комилан ғорат намуда, ба даштҳои худ баргаштанд. Подшоҳи нави Порт Ардавони II маҷбур шуд ҳар сол ба кӯчманчиён боҷ диҳад. Минбаъд ҳам сакоиҳои бодиянишин, ки онҳоро таърихнависони юнонӣ бештар скиф меноманд, бо сабаби пардохт нашудани маблағ шаҳру деҳоти Портро ғорат менамуданд. Ардавони II як чанд бор кӯшиш намуд, ки аз ин тобеият раҳо ёбад, аммо дар ҷанг бо тахориҳо тир хӯрда, дере нагузашта вафот мекунад. Ин воқеа тақрибан соли 123 пеш аз милод ба вуқӯъ омада буд. Давлати Порт танҳо дар давраи ҳокимиятдории Меҳрдоди II (123-87 пеш аз милод) тавонист вилоятҳои аздастрафтаро бозпас бигарад ва ба як давлати муқтадир табдил ёбад.

## Масъалаи пайдоиши йуҷиҳо

Академик Б.Ғафуров баррасии масъаларо аз он оғоз менамояд, ки дар давлати Юнону Бохтар ҷараёни воқеаҳо комилан дигар буд ва он бештар ба ҳодисаҳои дар шимолу шарқи хоки Осиёи Миёна бавуқӯъомада рабт дошт. Дар ин бора бештар маъхазҳои хитоӣ маълумоти муфассал медиҳанд. Дар ҳамсоягии хуннҳои ҳудуди Муғулистони имрӯза йуҷиҳо ном халқе зиндагӣ мекарданд, ки дар нимаи дуюми асри III пеш аз милод хеле қувват гирифта, ба хуннҳо фишор оварданд. Аммо шанюйи[63] хуннҳо Маодун ё Модэ ҷамъияти хуннҳоро аз ҷиҳати ҳарбию маъмурӣ ба як тартиби муназзам даровrouteда, ду маротиба ба Хитой ҳамла овард. Соли 176 пеш аз милод яке аз сарлашкарони хуннҳо йуҷиҳоро шикаст дод ва соли соли 174 пеш аз милод бошад писари Маодун-Шанюй Лаошан онҳоро пурра торумор намуда, пешвои онҳоро кушт. Йуҷиҳои шикастхӯрда ба тарафи ғарб ба Туркистони Шарқӣ ва Осиёи Миёна ҳаракат намуданд. Дар ин ҷо йуҷиҳо усуниҳоро[64], ки иттифоқчии хуннҳо буданд, шикаст

[63] Шанюй – калимаи хитоӣ буда, ҳамчун унвони шоҳон ё пешвоёни хуннҳо истифода мешуд. Дар сарчашмаҳо онро баъзан баробар ба шоҳ ва ё император мегузоранд.

[64] Усуниҳо – қабилаҳои кӯчманчии ҳиндуаврупоӣ ё ҳиндуэронӣ, ки дар замонҳои қадим дар ҳудуди шимолии Синтсзян (Шинҷон, вилояти мухтори уйғурҳо)-и имрӯза Ҷумҳурии Мардумии Чин иқомат доштанд.

медиҳанд. Сипас йуҷиҳо ба қабилаҳои сэ[65] шикаст медиҳанд ва ин қабилаҳо ба тарафи ҷануб фирор намуда, тавассути «пулҳои овезони» ағбаҳои Помири Ҷануби Шарқӣ ба Гибин, яъне қисми шимолу ғарбии Ҳиндустони имрӯза мегузаранд. Дар ин байн усуниҳо қувват гирифта, йуҷиҳоро шикаст медиҳанд ва онҳо ба Бохтар ворид мегарданд.

Доир ба таърихи пайдоиши йуҷиҳо ва номи онҳо, солҳои ҳаракаташон ба тарафи ғарб андешаҳои гуногун ҷой доранд. Б. Ғафуров андешаи олими ҷопонӣ И Кувабара доир ба ин масъаларо бештар ҷонибдорӣ намуда, таъкид менамояд, ки ақидаи йуҷиҳо ба шимоли Осиёи Миёна дар миёнаи солҳои 172-161 пеш аз милод омада, дар миёнаи солҳои 139-129 пеш аз милод ба ҷануб, ба тарафи ноҳияи Аму гузаштанд, ба ҳақиқат бештар наздиктар аст. Аз ин рӯ, ин қабилаҳо ба ноҳияи Самарқанди ҳозира миёнаи солҳои 133-129 пеш аз милод расидаанд. Йуҷиҳои ба Осиёи Миёна омадаро дар маъхазҳо *да-йуҷӣ*, яъне *«йуҷиҳои кабир»* ва йуҷиҳои дар Туркистони Шарқӣ маскан доштаро *«йуҷиҳои сағир»* меноманд.

Аммо дар маъхазҳои антиқӣ ин воқеаҳо тамоман ба дигар шакл тасвир ёфтаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муаллифони он аз вазъи воқеии гӯшаҳои дурдасти Осиё хабари амиқ надоштанд. Барои ҳамин дар ин маъхазҳо номи «йуҷиҳо» умуман вонамехӯрад, баръакс қабилаҳои ба Бохтар воридшуда бо номҳои *«асиҳо, пасианҳо, тахориҳо ва сакараулҳо» ё «сараукҳо ва асианҳо ном қабилаҳои скифҳо»* ёдовар мешаванд. Мазмуни маълумоти ҳам сарчашмаҳои хитоӣ ва ҳам маъхазҳои антиқӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки гап дар атрофи як ҳодиса -воридшавии қабилаҳои кӯчманчӣ ва заволи давлати Юнону Бохтар меравад. Муддати дусад сол аст, ки олимон кӯшиш менамоянд, ки ин ду гурӯҳ маъхазҳоро бо ҳам «мувофиқ» намоянд.

Доир ба номи «йуҷиҳо» низ фикру андешаи ягона нест. Аз нимаи аввали асри XIX чунин тахмине ҳам ҳаст, ки йуҷиҳо ин ҳамон массагетҳо мебошанд. Бештар аз ҳама тарафдори ин ақида олими шуравӣ С. Толстов мебошад. Аммо ин фикри ӯ комилан хато буда, ягон асоси илмӣ надорад. Гурӯҳи калони олимон, бавижа забоншиносон муқобили ин ақида мебошанд. Этимология

[65] Сэ – яке аз қабилаҳои сакоӣ.

(решашиносӣ)-и дурусти вожаи «массагетҳо» низ то ҳол аниқ нест. Ба андешаи бархе аз забоншиносон талаффузи қадимии «*йуҷиҳо*» (*Ywati*) номи қабилаи «ятиҳо» мебошад, ки дар баъзе сарчашмаҳои антиқӣ онҳоро ҳамсояи тахориҳо гуфтаанд. Муаллифони асри IV ва ҳам муаллифони асрҳои минбаъда «йуҷиҳоро» мудом «тахор» тарҷума кардаанд, ки ин ақидаи иртибот доштани тахору йуҷиҳоро бори дигар тақвият медиҳад. Баъзан номи Даванро низ тахорӣ медонанд, ки ин ҳам хатост. Даван аслан ҳамон Фарғона аст, на ҷои дигар. Олими ҷопонӣ К. Еноки йуҷиҳоро скиф мешуморад ва онҳоро ба туркҳо монанд медонад, аммо ин фикри ӯро дигар олимон, махсусан забоншиносон сахт танқид карданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар панҷоҳ соли охир ба туфайли таҳқиқоти лингвистии олимони мамлакатҳои гуногун дар ҳалли масъалаи йуҷиҳо қадами ҷиддие пеш гузошта шуд. Бисёр тахмину назарияҳои мутақобил ба миён омаданд, вале тамоми хабар, маълумоту мушоҳидаҳо алҳол дар як манзараи муайян нағунҷида истодаанд. Вале, мусаллам он аст, ки ҳодисаҳое, ки дар маҳалҳои дур аз Осиёи Миёна рӯй додаанд, ҳақиқатан, боиси ба ноҳияҳои шимолии Осиёи Миёна ворид шудани кӯчманчиёни йуҷиҳо гардид ва ин дар навбати худ дигар қабилаҳову халқҳои саҳронишини минтақаро ба ҳаракат овард.

## Ҳамлаи қатъӣ ба Юнону Бохтар

Ҳанӯз соли 206 пеш аз милод, яъне даҳҳо сол қабл аз воридшавии йуҷиҳо ба хоки Осиёи Миёна дар наздикии марзи давлати Юнону Бохтар шумораи зиёди кӯчманчиён ҷамъ омада буданд. Ин қувваҳо баъд аз сустшавии давлати Юнону Бохтар истифода намуда, тадриҷан ноҳияҳои шимолии онро истило менамоянд. Пас аз омадани йуҷиҳо, ки боиси ҳаракати қавму қабоили кӯчманчии минтақа гардид, ҳуҷуми қатъӣ ба давлати Юнону Бохтар оғоз ёфт. Аммо, -таъкид менамояд Б.Ғафуров,- мо доир ба ҷараёни воқеии ин ҳодиса маълумоти кофӣ надорем, вале тахмин меравад, ки қабилаҳои сакоӣ пас аз фишори йуҷиҳо аз ҳудуди Туркистони Шарқӣ ва Помир гузашта, ба Ҳиндустони Шимолу Шарқи омаданд; қабилаҳои сакараукҳое, ки дар маҷрои миёнаи Сир сокин буданд, Суғдро истило намуда, аз он ҷо ба воҳаи Марв ва баъд ба ҷануб ба тарафи Сакистон (Систони

ҳозира) ва Ҳиндустони Шимолу Ғарбӣ ҳаракат карданд; иттиҳодияи калони қабилаҳои атрофи Фарғона (тахорҳо?) ва аз Ҳафтруд, инчунин кӯчманчиёни назди Арал ба ҷануб - ба тарафи Бохтар ҳаракат менамоянд. Як сафири хитоӣ бо номи Чжан-Сян қайд кардааст, ки соли 128 пеш аз милод йуҷиҳо Дахя, яъне Бохтарро тасхир намуданд. Вале ин андеша низ ҷой дорад, ки «ба давлати Юнону Бохтар бо роҳҳои гуногун халқҳои гуногун ва дар вақтҳои гуногун ҳамла кардаанд». Ин ҳодисаҳо боиси он шуданд, ки дар охири асри II-нимаи аввали асри I охирин мулкҳои юнону бохтарӣ истило гардида, давлати Юнону Бохтар аз байн меравад.

## 2. ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРҲОИ II-I ПЕШ АЗ МИЛОД

### Бохтар ва Суғд

Бо тасхири Бохтар аз ҷониби йуҷиҳо дар ин ҷо парокандагии сиёсӣ ба вуҷуд омад, ҳар як шаҳр ва вилоят ҳокими худро дошт. Дар маъхазҳои хитоӣ омадааст, ки дар тобеияти йуҷиҳо панҷ вилоят буд. Йуҷиҳо асосан ба панҷ ҷабилаи калон ҷудо мешуданд ва сарзамини ишғолкардаи худро низ ба панҷ вилоят тақсим намуданд. Чунин тақсимот, ки дар заминаи принсипи авлодию қабилавӣ ба миён омадааст, дар байни тамоми кӯчманчиёни замонҳои баъд ва Осиёи Миёна воридшуда низ мушоҳида мешавад.

Ҳокими ҳар як вилоят унвон дошт, ки дар маъхазҳои хитоӣ бо номи *«хи-хэу»* ёд шудаанд ва шакке нест, ки ин ҳамон унвонест, ки баъдҳо дар тангаҳои Кушониён ба шакли «*yavyga»* омада, ба туркҳо ба шакли *«ябғу»* гузаштааст. Ба андешаи забоншиносон баромади унвони мазкур форсӣ ва маънояш «сардор» аст.

Муҳимтарин манбаи омӯзиши таърихи асрҳои II-I пеш аз милод маводи бостоншиносӣ ва, пеш аз ҳама сиккашиносӣ мебошад. Пас аз шикасти давлати Юнону Бохтар эҳтимол дар ҳудуди ин сарзамин пули майдае бо номи *«обола»*, ки дар рӯяш сурати шоҳи Юнону Бохтар Евкратидро дошт, дар муомила буд. Дар ин бора тангаҳои аз ҳудуди Тоҷикистони Ҷанубӣ, махсусан аз Ҳисор ва Қубодиён ёфтшуда далолат мекунанд ва маълум мешавад, ки пас аз омадани йуҷиҳо низ ин тангаҳо зарб зада мешуданд. Танҳо дар тангаҳои ин давра камтар навиштаҷоти рӯи он тағйир ёфта буд. Тангаҳои намуди замони яке аз охирин

шоҳони Юнону Бохтар - Гелиокл низ дастрас шудаанд, фақат дар баъзе аз онҳо сурати асп сикка зада шудааст. Шояд ин тангаҳо ба он далолат менамоянд, ки дар асри I пеш аз милод кӯшишҳои марказонии ҳокимияти сиёсӣ ба миён омадааст. Чунин тангаҳо бештар дар водиҳои Сурхандарёву Ҳисор ва дар ноҳияи Фархори Тоҷикистон ёфт шудаанд.

Дар ҳудуди Суғд низ чунин тангаҳо сикка зада мешуданд, вале як қисми онҳо ба тангаҳое, ки давраи ба ҳайати давлати Юнону Бохтар ворид шудани Суғд бароварда мешуданд, монанд аст. Баробари ин ҳам дар Суғд ва ҳам дар Бохтар тангаҳои дигаре низ дар муомилот буданд, аз ҷумла, сиккаҳои камондори бо хатти юнонӣ номи шоҳи селевкӣ Антиох навишташуда ва ё бо тасвири акси кадом як ҳокими маҳаллӣ. Ин тангаҳо бештар дар Тали Барзуи Самарқанд ва Панҷакат ёфт шудаанд.

Осори дигари ин давраи таърихӣ шумораи зиёди сағонаҳо мебошанд. Ҳам дар ҷануб ва ҳам дар шимоли Тоҷикистони имрӯза қурғонҳои зиёди асри II-I пеш аз милод кашф шудаанд, ки аз онҳо ашёи гуногун ба хусус афзори зиёди ҳарбӣ ба даст омадааст. Аммо ёдгориҳои ин давра дар ҷануби Тоҷикистон хеле бештаранд. Маводи кашфшуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар замони пас аз ба ноҳияҳои шимолии Бохтар кӯчидан, шумораи зиёди одамон ба тарзи ҳаёти ниммуқимӣ гузашта, зери таъсири фарҳанги аҳолии бумии муқимӣ мондаанд. Ҳафриёт маълум кард, ки навомадаҳо мувофиқи намуди антропологии худ ба сокинони ноҳияҳои шимолии Осиёи Миёна, пеш аз ҳама ба сакоиҳо ва усуниҳои Ҳафтруду Назди Арал хеле қаробат доранд.

## Давлати қадимии Фарғона – Даван

Академик Б. Ғафуров дар ин бахш доир ба кишвари Даван, макони ҷойгиршавӣ ва маънии ному пайдоши он маълумот медиҳад. Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳои хитоӣ дар асрҳои II-I пеш аз милод Даван ҳамчун як кишвари васеи пурсарвати серодам тасвир шудааст. Аксари олимони шуравӣ ва хориҷӣ бар ин ақидаанд, ки Даван дар Фарғона ҷойгир аст. Аммо зоҳиран ба ҳам наздик набудани калимаҳои Даван ва Фарғона боз баҳсҳои зиёдеро ба вуҷуд овардааст. Асосан номи «Даван» то асри III пеш аз милод дучор меояд, баъдан номҳои «Бохан» ва «Полона» ба

назар мерасанд, ки муродифи номи «Даван»-и қадим мебошанд. Полона ин шакли хитоии Фарғона аст. Хитоиҳо зери номи Даван кишвареро дар назар доштанд, ки номи он бо номи тахорҳо (Taxwar) алоқаманд аст.

Шаҳри марказии Даван Арши ном дошт ва дар ин кишвар бештар аз 70 шаҳру деҳаҳои калон вуҷуд дошт. Фарғона аз ҳар ҷиҳат пешрафта буд. Аҳолии онро як сайёҳи хитоӣ 300 ҳазор гуфтааст, ки ин муҳобот аст. Сарчашмаҳои хитоӣ доир ба Даван, хоҷагии кишоварзии пешрафтаи он, токзорҳои калон, шаробкашӣ, парвариши юнучқа, ки «му-су» мегуфтанд, маълумоти фаровон медиҳанд. Фарғона ватани аспҳои хеле машҳур буд, махсусан хитоиҳо пайваста дар орзуи соҳиби чунин аспҳо шуданро мекарданд. Императорҳои Хитой ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки Даванро ишғол намоянд, аммо халқи Даван ҳамеша бар зидди онҳо мубориза мебурд. Аз ҷумла, соли 104 пеш аз милод ба Даван лашкари 60 ҳазораи савораи хитоиҳо ҳуҷум намуд, вале шикаст хӯрд. Фарғонагиҳо бо сарварии шоҳи худ Муғия ҳуҷуми дуюми хитоиҳоро низ гардониданд. Бо ин роҳ мардуми Фарғона бо мадади дигар халқҳои ҳамсояи Осиёи Миёна истиқлоли худро ҳифз намуданд.

## Халқҳо ва ноҳияҳои шимолӣ

Муаллифи «Тоҷикон» менависад, ки яке аз ҳамсояҳои Даван Канғуй буд. Аммо С. Толстов канғуйҳоро бо хоразмиҳо як медонад, ки далелҳои нав ин фикри ӯро комилан шубҳанок гардониданд. Асосан чарогоҳи канғуйҳо дар лаби дарёи Сир воқеъ буд, қароргоҳи ҳокимони онҳо дар қарибиҳои Тошканд ҷой дошт. Маркази Канғуй дар маҷрои миёнаи Сир буд. Маҳз аз ҳамин ҷо канғуйҳо ба мадади фарғонагиҳо омада, зидди хитоиҳо ҷангиданд. Хоразм бошад, дар як гӯшаи дурдасти сарзамине воқеъ буд, ки ба Канғуй итоат мекард.

Доир ба баромади этникии канғуйҳо низ чанд ақида аст, баъзеҳо онҳоро турк медонанд. Вале дурустараш ин аст, ки онҳо эронизабон ва аз авлоди сакоиҳои соҳили Сир мебошанд.

Аз маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки Канғуй як иттиҳоди тавонои давлатӣ буд. Махсусан, дар асри I пеш аз милод, ки давраи авҷи тақкиёти он буд, 120 ҳазор лашкар дошт, сиёсати

мустақилонаи хориҷии худро мебурд ва дар мубориза бо аҷнабиён ба ҳамсояҳои худ кӯмак мерасонд. Барои ҳамин дар сарчашмаҳои хитоӣ Канғуйро чун давлати «сарбаланд ва саркаш» тасвир кардаанд. Таърихи баъдинаи ин давлат чандон аниқ нест. Маълум аст, ки соли 270 пеш аз милод вай ба мамлакатҳои хориҷи Осиёи Миёна ҳайатҳои сафорат фиристодааст, вале баъдтар аз қувват монда, тобеи Ҳайтолиён мегардад.

Ҳафриёти бостоншиносӣ низ доир ба фарҳанги пешрафтаи Канғуй маълумот медиҳанд. Осори ин фарҳанг аз маҷрои миёнаи Сир бештар ёфт шудааст ва мувофиқи пайдоиши худ, бешак, маданияти маҳаллӣ аст. Маълум шуд, ки дар байни бутҳои канғуйҳо Фарн ном буте низ будааст, ки ба қатори бутҳои дини зардуштӣ медарояд ва муҳофизу ҳомии ҳокимон ва парастори рӯзгори оилавию саломатӣ мебошад. Гоҳҳо ин бут ба намуди гӯсфанд муҷассам карда мешуд ва ба ҳамин сабаб аҳли Канғуй дастаи зарфҳои худро ба шакли гӯсфанд месохтанд.

Дар шимолу шарқи Осиёи Миёна ва Туркистони Шарқӣ усунҳо, талаффузи қадимиаш *O-swən,* иттиҳоди қавии қабилавӣ сукунат доштанд. Бо баъзе ривоятҳо усунҳо мардумоне буданд, ки аввал дар Муғулистон зиндагӣ мекарданд ва сипас кӯчида дар шимолу шарқи Осиёи Миёна ва Туркистони Шарқӣ маскан гирифтанд.

Усунҳо кишоварзон, чорводорон ва ҳунармандони моҳир буданд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо шумораи онҳо дар асри I пеш аз милод тахминан аз 600 ҳазор бештар буда, мардуми хеле сарватманд будаанд. Тибқи маълумоти сафири хитоӣ Дун-Дин, ки соли 435 ба пойтхти усунҳо «Шаҳри Водии сурх» омада будааст, онҳо зери фишори аварҳо истиқлолияти худро аз даст медиҳанд.

Бо шарофати ҳафриёти бостоншиносӣ таърих ва фарҳанги усунҳо аниқтар ва равшантар гардид. Маълумоти бостоншиносӣ то андозае хабари аз шарқ омадани усунҳоро инкор менамоянд ва далолат ба он мекунанд, ки ба Осиёи Миёна қабилаҳои нисбатан камшумори онҳо кӯчида омадаанд. Қисми асосии иттиҳоди қабилаҳое, ки дар таърих бо номи «усунҳо» маъмул аст, ин худи ҳамон аҳолии маҳаллии сакоӣ мебошанд, ки баъдҳо омехта шудаанд.

### Порт. Ғалабаи Порт бар Рим

Дар ин бахш академик Б. Ғафуров доир ба муборизаи давлати Порт бо империяи Рим маълумот дода, таъкид менамояд, ки пас аз вафоти Меҳрдоди II соли 88/7 пеш аз милод хатти сарҳад байни ин ду давлат дарёи Фурот муқаррар шуд. Вале сиёсати таҷовузкоронаи римиҳо соли 65 пеш аз милод боиси аз нав сар шудани ҷанг гардид. Дар муҳорибаи аввал римиҳо пирӯз гардиданд, вале 9 майи соли 53 пеш аз милод дар қарибии шаҳри Карра портҳо ба лашкари римиҳо зарбаи ҷонкоҳ зада, онро пурра торумор намуданд. Муаллифони юнонӣ менависанд, ки пеш аз муҳориба садои мудҳиши нақораҳои ҷангии портҳо ба осмон печид ва ин наъра ба дили римиҳо воҳима андохт. Сарлашкари портҳо Сурона, марди қавиҳайкалу хушсурат, ки ба муҳориба нағз тайёрӣ дида буд, худаш пеш баромад. Портҳо аввал римиҳоро тирборон намуда, сафи зич истодаи онҳоро пароканда сохтанд. Сарлашкари римиҳо Красс ҳоли вазнини лашкарро дида, қувваҳои беҳтарини худро бо сардории писараш ба кор даровард. Портҳо бо истифода аз ҳиллаи ҷангӣ гӯё ақибнишинӣ намуда, таъкибкунандагонро ба муҳосира гирифтанд ва ҳамаи онҳоро аз дами теғ гузарониданд. Лашкари римиён дар торикии шаб роҳи гурезро пеш гирифт, вале наҷот наёфт ва аксари сарбозони римӣ кушта шуда, боқимондаашон асир афтиданд. Сарлашкар Красс низ кушта шуд ва сари ӯро аз тан ҷудо карда, чун ғанимати ҷангӣ ба подшоҳи Порт Ороди II фиристоданд. Римиҳои асирафтодаро дар Марв маскун карданд ва баъдан онҳо дар лашкари Порт хизмат намуданд. Дар давраи ҳукмронии подшоҳ Покор соли 40 пеш аз милод Порт Сурия ва Фаластинро тасхир намуд.

Ҳамин тавр, дар асри I пеш аз милод Порт душмани тавонои Рим буд ва лашкари портҳо борҳо лашкари римиёнро торумор кард.

## 3. ДАВЛАТИ КУШОН

### Давраи аввали давлати Кушон

Академик Б.Ғафуров дар ин бахш доир ба ташкилёбӣ ва таърихи давраи аввали империяи Кушониён дар заминаи маъхазҳои таърихӣ, пеш аз ҳама сарчашмаҳои хитоӣ ва маводи бостоншиносӣ маълумот медиҳад. Таъкид мешавад, ки

муҳимтарин манбаи омӯзиши таърихи ин давлат маълумоти сиккашиносӣ мебошад. Харитаи паҳншавии тангаҳои мансуб ба ин давра ниҳоят васеъ буда, тамоми ҳудуди Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҷануби он то шимолу ғарби Покистони имрӯзаро фаро мегирад. Дар аксарияти тангаҳои ёфтшуда акси аз миён болои марде тасвир шудааст, ки дар сар *диадема*-пешонабанди подшоҳӣ дорад. Мӯи сари ин мард мавҷзада ва хеле дарози гӯшҳояшро панаҳкунанда аст ва акс ба дохили доира гирифта шудааст. Дар паси танга сурати савораи ба тарафи рост ҳаракаткунанда тасвир ёфтааст, ки дар миён ғилофи дароз дорад ва пушти сари ӯ олиҳаи зафар - Ника дар парвоз аст. Ин як қисми тасвири аксҳои ин танга аст ва маълум мешавад, ки савор худи ҳамон подшоҳест, ки дар рӯи танга тасвир шудааст.

Ба замми он дар танга навиштаҷоте ба хатти юнонӣ сабт шудааст, ки аз чор калима иборат аст: маънои калимаи якум *«ҳоким»*, ки аз калимаи юнонии «тиран» бармеояд ва маънои ҳоким ё ҳукмрони на он қадар мустақил аст; калимаи дуюмро бештар ба шакли «Герай» мехонанд, ки номи хоси юнонии аз исми олиҳаи Юнон - Гера пайдо шудааст; калимаи сеюм «кушон» ва калимаи чорум «санаб» хонда мешавад. Дар маҷмуъ сиккашиносон хати рӯи тангаро чунин муқаррар намуданд: «Ҳокими Герай кушони Санаб».

Тангаҳои мазкур ба тангаҳои Евкратид шабоҳат доранд ва дар миёнаҳои асри I пеш аз милод сикка зада шудаанд. Калонтарин ганҷинаи тангаҳои нуқраи Герай аз маркази ноҳияи Вахш ёфт шуданд. Ғайр аз ин чор дона тангаи хурди нуқраи Герай аз димнаи Кушониён-Теппаи Шоҳ, як дона аз Тирмиз ва як донаи дигар аз Кайқубодшоҳ дарёфт гардид. Ин бозёфтҳо далели онанд, ки тангаҳои Герай дар Бохтар ва, эҳтимол, дар Бохтари шимолӣ сикка зада мешуданд.

Дар осори хаттӣ доир ба «ҳокими Герай» ягон маълумот нест ва ягона чизи маълум калимаи «кушон» аст, ки ишора ба мансубияти сулолавии подшоҳ мекунад. Ба андешаи баъзе олимон калимаи «кушон» пеш аз номи сулолаву давлат пайдо шудааст ва онро ҷудо аз таърихи йуҷиҳо дидан ғайри имкон аст. Аммо дар маъхазҳо низ доир ба панҷ қабила ё қавм тақсим шудани йуҷиҳо маълумоти аниқ нест. Сарчашмаҳои хитоии Хан-шу ва Хоу Хан-

шу панҷ си-хоу (ябғу)-ро зикр мекунанд, вале ин маълумот он қадар муфассал нест ва ҳатто ба назар гуногун ҳам менамояд. Барои ҳалли ин мушкилот аввал бояд масъалаи панҷ мулку пойтахтҳои он ва мақоми онҳо дар давлати Йуҷиҳои Кабир ва баъдан масъалаи этимологияи истилоҳи си-хоу ва дигар шудани мазмуни онро ҳал намуд.

Аз рӯйи маълумоти Чжан Сян, ки тахминан солҳои 130-125 пеш аз милод ба мулки Йуҷиҳои Кабир сафар кардаст, онҳо вилояти Дахя (ҷануби Аму)-ро истило намуда бошанд ҳам, дар шимоли Аму маскан гирифта, дар ҳамин ноҳия кӯчманчигӣ мекарданд. Арзиши ин маълумот дар он аст, ки Дахя сарҳади ҷанубии давлати Йуҷиҳои Кабир номида шудааст. Аммо ин сайёҳ зикр накардааст, ки панҷ мулк дар ҳудуди ноҳияҳои сукунати кӯчманчиён ва ё дар худи Дахя ҷойгир буданд. Маълумоти ин сафирро метавон шартан марҳалаи аввали таърихи йуҷиҳо номид.

Маъхази дигар - «Хан-шу», ки тақрибан солҳои 80-уми солшумории мо таълиф шудааст, асосан воқеаҳои то соли 25-и солшумории моро тасвир мекунад. Тибқи ин сарчашма қароргоҳи подшоҳи мамлакати Йуҷиҳои Кабир дар яке аз шаҳрҳои воқеъ дар шимоли дарё буда, сарҳади ҷанубии мамлакати Дахя не, балки вилояти Гибин мебошад; йуҷиҳо дар аввал ҳамчун давлати кӯчманчӣ ташаккул ёфта, ба панҷ си-хоу тақсим мешуд. Аз ин бармеояд, ки дар натиҷаи тағйироти ниҳоят ҷиддӣ, пеш аз ҳама қисман гузаштан ба ҳаёти муқимӣ, махлут шудани кӯчманчиён ба иқтисодиёту фарҳанги маҳаллӣ дар раванди ташкили давлати йуҷиҳо дигаргунӣ ба амал омадааст. Дар шахр будани қароргоҳи подшоҳ, муқаррар шудани сарҳади давлатӣ ва дохил шудани Дахя ба он ба ин далолат мекунад. Ба панҷ мулки алоҳида тақсим шудани давлат ва аз тарафи си-хоуҳо идора шудани онҳо фикрҳои болоро тасдиқ мекунанд. Аммо ин ҳодиса кай оғоз ёфт ва чи қадар давом кард маълум нест. Вобаста ба он, ки ин ҳолат пеш аз соли 25 милодӣ ҷой доштааст, метавон онро марҳалаи дуюми таърихи йуҷиҳо номид. Шояд ҷулуси Герай ба ҳамин марҳала, яъне ба асри I пеш аз милод ё ибтидои асри I милодӣ тааллуқ дошта бошад.

Баъдан маъхазҳо хабар медиҳанд, ки тақрибан сад сол пас Гуйшуан Киотсзюкю чор мулкро тасхир намуд, худро подшоҳи Гуйшуан хонд ва зидди Анси ба ҷанг баромад, Гаофуро ишғол

карду Пуду ва Гибинро шикаст дода, замини онҳоро забт кард. Баъд аз Киотсзюкю, ки 80 сол умр дид, писараш Янгаочжен ба тахт нишасту Ҳиндустонро мутеъ намуд. Аз ҳамон вақт сар карда, йуҷиҳо тавонотарин ва бойтарин хонавода шуданд ва мамлакатҳои ҳамсоя онро подшоҳи Гуйшуан меномиданд. Аммо дар дарбори Хитой мисли пештара номи он Йуҷии Кабир буд.

Калимаи «гуйшуан» (дурустраш «Kiwei-sian») шакли хитоии «кушон» мебошад. Ҳамин тавр, Герай аввалин ҳокими олии Кушон дар ибтидо ва давраи болоравии нуфузи ин сулола буда, шояд аз ниёгони (падар ё бобои) ҳоким Киотсзюкю, ки дар тангаҳо омадааст, бошад.

Воқеан, тангаҳои кушонӣ аз ҳудуди Осиёи Миёна, Афғонистону Ҳиндустони имрӯза хеле зиёд ёфт шуданд ва муҳимтарин сарчашмаи таҳқиқи таърихи давлати Кушон мебошанд. Маълумоти тангаҳоро катибаҳои ҳиндӣ, ки номи шоҳони Кушонро зикр мекунанд, тақвият мебахшанд. Дар баъзе маъхазҳои таърихии Ҳиндустон ва Тибет низ дар бораи шоҳони Кушон маълумоти порча-порчаи ба ҳам новобаста ба назар мерасанд.

## Масъалаи хронологияи Кушон

Ба андешаи академк Б. Ғафуров мушкилтарин масъала дар таърихи давлати Кушониён ин муайян намудани хронологияи он мебошад. Олимони ҷаҳон доир ба ин масъала зиёда аз сад сол мешавад, ки ба таҳқиқу баҳсҳои доманадор машғуланд. Мушкилӣ дар он аст, ки дар катибаҳои аз Ҳиндустону Покистон ёфтшуда номи шоҳони кушонӣ ва солу санаҳо зикр шудаанд, аммо ба кадом эра марбут будани онҳо қайд нашудааст. Дар назар аст, ки санаи катибаҳо аз рӯи ду ва ё якчанд эра омадааст. Зеро дар Ҳиндустон дар як вақт як чанд солшуморӣ баробар истифода мешуданд, масалан, эраи нирвонаи Буддо, эраи Викрам, солшуморӣ аз рӯи эраҳои бегона, ба мисли селевкӣ, портӣ. Дар замони Кушониён низ тахмин аст, ки санаи воқеаҳоро мувофиқи бисёр ҳодисаҳои дигар, ба монанди санаи ба Бохтар дохил шудани йуҷиҳо, санаи ба тахт нишастани ин ё он ҳоким ҳисоб мекарданд. Ғайр аз ин дар Ҳиндустони Қадим одатан фақат рақамҳои даҳӣ ва якиро менавиштанд, рақамҳои садӣ ё ҳазории солҳо навишта намешуданд.

Вобаста ба ин душвориҳо олимон роҳҳо ва воситаҳои гуногуни ҳалли мушкилӣ ва муқаррар намудани хронологияи давраи кушониро пешниҳод мекунанд. Академик Б. Ғафуров пешниҳод ва андешаи ҳар як олим, пеш аз ҳама муҳаққиқи англис Э. Томас, мутахассиси машҳури археология ва нумизматикаи Ҳиндустон А. Каннингэм, муҳаққиқи забонҳои хутанию сакоӣ С.Конов, Р.Гиршман, олими ҳиндӣ Д.Р.Бҳандаркор, профессори голландӣ хонума Лохвизен де Леев, олими покистонӣ А.Донӣ, олимони дигар ба мисли Нарайн, Д.Маршалл, Р. Гёбл, Р.Маҷумдар, олими шуравӣ Е.В.Зеймалро ба таври хеле муфассал таҳлил намуда, бурд ва бохти онҳоро дар ҳалли масъала равшан намудааст. Олими шинохта таъкид менамояд, ки гарчанде таърихи давлати Кушон дар сарзамини беканоре ҷараён ёфта, бо таърихи сулолаҳои ханнҳои Хитой, Сосониёни Эрон ва давлатҳои Ҳиндустон робита дошта бошад ҳам, ба ҳам мувофиқсозии санаи воқеаҳои онҳо имкон надорад.

Дар ҳалли масъалаи мазкур дар симпозиуми Лондон солҳои 1913 ва 1960, Конференсияи байналмилалии роҷеъ ба таърих, археология ва маданияти Осиёи Марказии давраи Кушониён (Душанбе, соли 1968) низ муҳаққиқон ба як қарори қатъӣ омада натавонистанд. Танҳо маълум аст, ки дар давлати Кушониён бо навбат Куджула Кадфиз, Вима Кадфиз, Канишкаи I, Васишка, Хувишка, Канишкаи II ва Васудева ҳукмронӣ намудаанд.

**Забти сарзаминҳо**

Аз маълумоти сарчашмаҳои хитоӣ ва тангаҳои кушонӣ мо медонем, - қайд менамояд академик Б. Ғафуров, - ки Гуйшуан Киотсзюкю ҳамон Куджула Кадфиз аст, ки номаш дар тангаҳо зикр шудааст. Ҳамин Куджула Кадфиз аввал Анси, яъне Портро шикаст дода, баъд Гаофу (ё Каофу) - Кобулро, ки тобеи Анси буд, ишғол менамояд. Аз ин мебарояд, ки Кушониён дар ин давраи мавҷудияти худ бо худи Порт не, балки бо ҳокимони номустақили Порти Шарқӣ задухӯрд кардаанд. Сипас онҳо Гибин, яъне Қандаҳор ва Панҷоби имрӯзаро ҳам забт мекунанд. Ҳамин тавр дар давраи Куджула Кадфиз, ки онро Кадфизи I низ меноманд, хоки давлати Кушон хеле васеъ гардида, аз ҳудуди Бохтар берун меравад ва бисёр ноҳияю халқҳои дигарро дарбар мегирад. Васеъ

шудани масоҳати давлат ва пурзӯр шудани ҳокимият боиси пайдо шудани ғурури Кадфизи I мегардад. Воқеан, дар муддати ниҳоят тӯлонии ҳукмронии худ вай аз як ҳокимчаи вилояти хурдакак ба шаҳаншоҳе, ки ба вай мамлакатҳову халқҳои бисёр итоат мекарданд, расид. Барои ҳамин, дар тангаҳое, ки онҳоро худи Кадфизи I баровардааст, унвони ӯ аз ябғу («сарвар») то «подшоҳи аъзам» ё «шаҳаншоҳ» боло рафтааст. Дар Тоҷикистони имрӯза ин хел тангаҳо дар Шаҳринав, Душанбе, Қубодиён, Хоруғ ёфт шудаанд.

Пас аз Кадфизи I писари ӯ Вима Кадфиз ба сари ҳокимият меояд, ки унвони болохонадори «шаҳаншоҳ, подшоҳи олам, наҷотбахш»-ро дошт. Вима Кадфиз бисёр ноҳияҳои шимоли Ҳиндустонро забт мекунад, ҳайкали сангини дар Матхура ёфтшуда, ки дар катибаи он номи Вима Кадфиз омадааст, ин фикро тақвият медиҳад. Дар Ладак бошад, дар маҳалли Калатсе (Khalatse) – катибае бо зикри номи вай ва санаи соли 187-ум (эрааш номаълум) ёфт шудааст. Ба фикри баъзе олимон, Кадфизи II тамоми шимоли Ҳиндустон, аз ҷумла Кашмирро ҳам забт карда будааст, вале Кашмирро забт кардани ӯ боиси шубҳа низ ҳаст.

### Ислоҳоти пулии Кадфизи II

Аз охири асри XIX дар байни олимон масъалае мавриди муҳокима қарор гирифт, ки ба ислоҳоти пулии Кадфизи II дахл дошт. Кадфизи II аввалин шоҳи Кушониён буд, ки сиккаи тилло зарб зад ва онро ба муомилот баровард. Вазни ҳар як сикка баробар ба 8 гр буд ва маҳз ҳамин вазни сиккаҳо боиси баҳси як гурӯҳ олимон гардид. Ақидаи маъмул он буд, ки гӯё вазни тангаҳои тиллоии Кадфизи II дар асоси меъёри вазни тангаҳои румӣ, яъне «динариус ауреус», махсусан тангаҳои тиллоии замони император Август муқаррар шуда буд. Аммо, академик Б. Ғафуров дар натиҷаи таҳлил ва муқоисаи сарчашмаҳои таърихӣ, таҳқиқоти сиккашиносӣ ин ақидаи олимони ғарбро комилан инкор менамояд. Аввалан, аз ҷиҳати хронологӣ давраи зарб шудани сиккаҳо ба ҳам мувофиқ намеоянд, зеро тангаҳои тиллоии вазнашон қариб ҳаштграммӣ дар аҳди Август фақат аз соли 19 то соли 12 милодӣ бароварда мешуданд ва баъдтар онҳо аз муомилот

баромаданду дигар дар хазинаҳои мансуби нимаи якуми асри I милодӣ дучор намешаванд.

Ғайр аз ин, он вақт дар Рим фақат тангаҳое роиҷ буданд, ки вазни онҳо аз вазни тангаҳои Кадфизи II кам буд ва илова бар ин, мутлақо имкон надорад, ки аҳди Кадфизи II ба охири асри I пеш аз милод рост ояд. Аз ин рӯ, муаллифи «Тоҷикон» ақидаи Д.Макдоуэлл доир ба он ки навигариҳои Кадфизи II дар ин соҳа айнан нусхабардории қонуну қоидаҳои Рим набуд ва буда ҳам наметавонистро пурра ҷонибдорӣ менамояд. Сабаби дар муомилоти пулии Кушониён роиҷ шудани тангаҳои тилло, пеш аз ҳама талаботи тиҷорати байналмилалӣ буд.

Ба андешаи Е.В.Зеймал ниёз ба сикказании тангаҳои тиллоӣ аз ду омил вобаста буд: аввал, тамом шудани нуқра дар конҳои нуқра ва дуюм, барои эҳтиёҷи сиккахонаҳо ба қадри кофӣ ҷамъ нашудани миқдори зарурии нуқра. Дурустар он аст, ки таъсири ҳар ду омил ба назар гирифта шавад, зеро ин омилҳо вобаста ба давраҳои гуногуни таърихӣ ва шароити тағйирёбандаи сиёсӣ ва иқтисодӣ вобаста мебошанд.

Ҳамин тавр, пас аз суқути давлати Юнону Бохтар ислоҳоти пулии Кадфизи II як дигаргунии сифатие мебошад, ки ба туфайли инкишоф ва дигар гаштани шароити сиёсию иқтисодӣ ва равнақу пешравии сикказанию муомилоти пулӣ ба амал омада буд.

## Канишка ва равнақи давлати Кушон

Давраи болоравӣ ва равнақи давлати Кушониён, - менигорад Б. Ғафуров,- тибқи маълумоти мавҷудаи сарчашмаҳои хаттӣ ва мадракҳои бостоншиносӣ ба солҳои ҳукмронии шоҳи Кушон - Канишка рост меояд. Доир ба таҳлили номи ин шоҳ дар таҳқиқоти илмӣ андешаҳои гуногун ҷой доранд. Аз ҷумла, ба андешаи Г.Бейли қисми аввали ин ном аз калимаи «kan» («хурд, ҷавон») баромадааст ва маънои тамоми калима «ҷавонтарин» ё «хурдтарин» аст. В.Б.Ҳеннинг ҳам ин фикрро ҷонибдорӣ намуда, илова мекунад, ки суффикс маънои дигар дорад. В.В.Иванов бошад, таклиф мекунад, ки суффикс тахорӣ ва худи калима калимаи муштараки форсу тахорӣ мебошад.

Масъалаи дигар ин давраи ҳукмронии Канишка, аниқтараш хронологияи он мебошад, ки аз тарафи олимон санаҳои ниҳоят

мухталиф аз соли 78 сар карда, то соли 278 милодӣ пешниҳод шудаанд. Сиккашиносони шуравию хориҷӣ санаҳои баъдтар ва ё нисбатан баъдтарро пешниҳод менамоянд. Аниқтар он аст, ки давраи ҳукмронии Канишка на кам аз 23 сол давом ёфта, дар ин давра ҳудуди давлат хеле васеъ гардида, мулкҳои ҳиндустонии Панҷоб, Кашмир, Синд, Уттор Прадеш (дар шарқ то худи Банорас) дар таҳти ҳокимияти Канишка буд. Пойтахти давлат шаҳри Пурушапура (Пишовари ҳозира) маҳсуб меёфт.

Аммо, ҳудуди давлати Кушон дар давраи Канишка бо як худи шимоли Ҳиндустон маҳдуд нашуда, қариб тамоми Афғонистон, бисёр ноҳияҳои Осиёи Миёна ва Туркистони Шарқиро дар бар мегирифт. Дар як сарчашмаи хитоӣ омадааст: «Шоҳзодагоне, ки дар кишварҳои ғарбтари Хитой буданд, ба Канишка итоат доштанд ва ба ин подшоҳ гаравиҳои худро мефиристонданд». Дар катибаи сосонии Шопури I дар «Каъбаи Зардушт», ки мансуб ба соли 262-уми милодӣ аст, гуфта мешавад, ки тӯли Кушоншаҳр то Пишовар, Кош (Қошғар ё Кеш - Шаҳрисабз), Суғд ва ҳудуди Чоч буд. Бозёфтҳои бостоншиносӣ низ имкон медиҳанд, ки бо камоли итминон гӯем, ки ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистони имрӯза (аз ҷумла, Помир) ва Ӯзбекистони имрӯза, инчунин водии Зарафшон, бешак, дар ҳайати давлати Канишка буданд. Дар давраи болоравӣ ва равнақи давлати Кушонониён Фарғона ва ноҳияҳои миёноби дарёи Сир ҳам дар зери таъсири ин давлат буд.

Доир ба тобеияти Хоразм ва Туркистони Шарқӣ фикрҳои гуногун ҷой доранд. Махсусан, иддаои мавҷуд будани «Хоразми кушонӣ» алҳол асоси мустаҳкам надорад. Доир ба Туркистони Шарқӣ бошад, ҳатто сарчашмаҳои хитоӣ эътироф менамоянд, ки ин мамлакат муддате дар ҳайати давлати йуҷиҳо, яъне Кушониён буд. Аввал дар байни Кушониёну Хитои ханнҳо робитаи дӯстӣ ҷой дошт, вале вақте ханнҳо бо роҳи хиёнат ҳайати сафорати Кушониёнро ба ҳабс гирифтанд, муносибат вайрон гардид ва ҷангҳои бисёре ба вуқуъ омад. Дар ибтидои асри II эраи нав ба Кушониён муяссар шуд ба тахти Сулэ (Қошғар) волии худро шинонанд ва ҳокимони ин мамлакатро тобеи худ кунанд. Ба тобеияти Канишка гузаштани Тарим ном вилояти Туркистони Шарқӣ ва ҳам ғалаба дар ғарб ба портҳоро дар сарчашмаҳои ҳиндӣ ба номи Канишка алоқаманд кардаанд.

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Канишка тавонист на фақат хоки давлати худро вусъат диҳад, балки ба калонтарин давлатҳои ҳамсояи худ низ зарбаҳои сахт занад.

Аз ривоятҳои таърихӣ, махсусан буддоӣ бармеояд, ки Канишка сарпарасти боэътимоди дини буддоӣ буд ва худаш низ ба ҳамин дин гаравида буд. Канишка бинову иншоотҳои сершумори оини буддоӣ -ступаҳо, виҳорҳо ва ғайраро сохт, ҳатто ривоят ҳаст, ки Анҷумани Сеюми буддоӣ маҳз бо ташаббуси ӯ ҷамъ омадааст. Абурайҳони Берунӣ низ хабар медиҳад, ки Канишка дар Пишовар Каникчайтя ном маъбаде сохта будааст. Далели ҷолиби дигар он аст, ки яке аз ниёгони Канишка шохи Кушон Вима Кадфиз дар тангахои худ фақат як худои ҳиндуҳо-Шиваро тасвир мекард, вале дар тангаҳои Канишка ва ворисаш Хувишка расми ин худо дар байни расмҳои сӣ худои дигар ҷои назарногире дорад. Расми Буддо, катибаи «Буддо» ва «Буддо Шакямуни» дар байни расми ин худоҳо низ ҳастанд.

Баробари ин, дар тангаҳои Канишка акси худоҳои дигар, худоҳои антиқӣ ва зардуштӣ, аз ҷумла худои ғалаба ва бод Вэрэтрагна, Анаҳитои машҳур, худои офтоб ва ғалаба Митра, рамзи сарват ва ҳукми подшоҳӣ Фарро ҳам тасвир шудаанд. Олимон то ҳол ба як ақида наомадаанд, ки ин серхудоӣ инъикоси авзои ҳақиқии дини Кушониён аст, ё сабаби он ҳадафи сиёсӣ мебошад, яъне бо ҳамин роҳ табақаҳои гуногуни давлати беканори Кушонро дилгарм карданӣ буданд. Ҷолиб боз он аст, ки маҳз дар аҳди Канишка бори аввал дар тангаҳо ба забони бохтарӣ на юнонӣ навиштаҷоте пайдо шуд, ки бо намуди кушонии хатти юнонӣ иҷро шуда буд ва ин навигарӣ минбаъд ҳам дар тангаҳои кушонӣ истифода мешуд.

Дар маҷмуъ, академик Б.Ғафуров хулоса менамояд, ки дар давраи ҳукмронии Канишка дар соҳаи фарҳанги маънавӣ дигаргуниҳои калон ба вуқӯъ омад, дар баробари хеле озод будани дигар динҳо дини буддоӣ эътибори бештаре пайдо кард, забони бохтарӣ аҳамияти бештаре пайдо карда, ба забони расмӣ ё худ ба яке аз забонҳои расмӣ мубаддал мегардад. Ҳунармандӣ ва тиҷорат равнақ меёбад ва давлати Кушониён ба авҷи иқтидори худ мерасад.

## Таназзули давлати Кушон. Кушониён ва Сосониён

Академик Б. Ғафуров давраҳои охири мавҷудияти шоҳаншоҳии Кушониёнро тасвир намуда, менависад, ки тибқи маълумоти сарчашмаҳо пас аз Канишка ба сари ҳокимият Васишка меояд, аммо дар ягон тангаҳои ин давра номи ӯ зикр наёфтааст. Дар тангаҳо бештар номи Хоэрко ё асосан Хоэшко (дар хатти бохтарӣ овози «ш» бо «р» ифода мешуд) зикр ёфтааст, аз ин рӯ дар такя ба хабари катибаҳо онро Хувишка мехонанд. Хувишка зиёда аз сӣ сол ҳукмронӣ кардааст. Шоҳи дигаре, ки низ муддати тӯлонӣ давлатдорӣ кардааст, Васудева мебошад. Дар давраи Васудева дар рӯи тангаҳо ба ҷои акси худоҳои зиёд фақат расми Шива омадааст.

Агар давраи ҳукмронии Канишка замони болоравӣ ва ривоҷи давлати Кушониён бошад, пас аз ӯ нишонаҳои заволи ин давлат ба миён меоянд. Яке аз омилҳои он таъсири қувваҳои марказгурез буд. Зеро ҳудуди давлат ниҳоят фаррох ва мулкҳои гуногунро фаро мегирифт. Омили дигар ин қувват гирифтани хонадони Сосониён ва тадриҷан афзоиш ёфтани сиёсати забткоронаи онҳо буд. Ин хонадон, ки дар рӯи харобаҳои давлати Порт соли 226 милодӣ ташкил ёфта буд, ба амнияти давлати Кушониён сахт таҳдид менамуд.

Солҳои 40-уми асри III милодӣ шоҳи Сосониён Шопури I (242-272) ба мулкҳои шарқӣ лашкар мекашад. Дар ибтидо ба ӯ муяссар мегардад, ки ноҳияҳои дурдасти собиқ давлати Порт, аз ҷумла Марв ва Систонро тобеъ намояд. Дар катибаи худ Шопур ва ворисонаш худро «шоҳони Сакистон, Туристон ва Ҳиндустон то каронаи дарё» номидаанд. Ҳамзамон, дар катибаи «Каъбаи Зардушт» (262) дар қатори дигар ноҳияҳо Кушоншаҳр низ омадааст ва Шопури I таъкид менамояд, ки «Ҳукмам равост» ва «ҳамаи онҳо боҷ медоданд ва итоат доштанд». Ин ва дигар далелҳоро истифода намуда, муҳаққиқон мегӯянд, ки Кушоншаҳр дар ҳайати давлати Сосониён буд.

Сарчашмаҳои таърихӣ низ доир ба ин масъала хабарҳои мухталиф манзур менамоянд. Аз ҷумла, Табарӣ менависад, ки нахуст аз Сосониён Ардашери I Марв, Балх, Хоразмро «то ҳудуди ақсои Хуросон» забт кардааст. Шумораи зиёди олимон ба ин хабар эътимод доранд. Аммо, як шаҳодати маъхазҳои монавия бар хилофи ин хабар аст.

Маълум аст, ки Монӣ, асосгузори мазҳаби монавия миёнаҳои солҳои 70-уми асри III воизеро бо номи Маар Уммо ба тарафи мулкҳои шарқӣ фиристода буд. Ривоят ҳаст, ки ин воиз аз Хуросон гузашта, ба ҳудуди Кушон расид ва баъдтар ба шаҳрҳои Замба ё Замм ва Варучан (қарибии Балх) расидааст.

Хулоса, новобаста ба ихтилофи маълумоти мавҷуда, ба Сосониён муяссар шудааст, ки ба Кушониён зарбаи сахт зананд ва мулкҳои зиёди онҳоро ба даст оранд. Аммо, тасхири ин мулкҳо кай ба вуқуъ омад, маълум нест. Роҳи асосии ҳалли ин масъала, ба назари мо, пеш аз ҳама дар омӯхтани тангаҳои кушонию сосонӣ аст.

Доир ба ин масъала гурӯҳи калони олимон, аз ҷумла, А.Каннингэм, Э.Ҳерсфелд, А.Бивар, В.Г.Луконин, Р.Гёбл машғул мебошанд. Тибқи маълумоти ҳозира як қисми тангаҳои кушонӣ мисли тангаҳои сосонӣ буда, дар онҳо навиштаҷоте бо ҳуруфи кушонӣ ва забони миёнаи форсӣ бо овардани номи Васудева мавҷуд аст. Ҳамзамон, дар онҳо вожаи «Бахло», яъне Балх низ омадааст. Дар заминаи ин маълумот, олими шинохта Э.Ҳерсфелд тахмин менамояд, ки ҳамаи тангаҳои ба тангаҳои Кушониён шабоҳат дошта ва аз ҷумла, тангаҳои дар онҳо номи шаҳр набуда, дар Балх сикка зада мешуданд. Аммо, ба андешаи Бивар зарробхонаи асосӣ дар қарибиҳои Кобул воқеъ буд. Ғайр аз ин дар Марв низ зарробхонае вуҷуд дошт ва дар баъзе тангаҳо номҳои Ардашер, Пирӯз, Вароҳран ва Ҳурмузд зикр шудааст. Ба фикри В.Г. Луконин ин сиккаҳо дар давоми 100 сол аз миёнаи асри IV то миёнаи асри V милодӣ аз номи шоҳзодаҳои сосонӣ зарб шудаанд.

Дар заминаи таҳлили боло, академик Б. Ғафуров хулоса менамояд, ки раванди барҳамхӯрии давлати Кушониён кори якбора набуд, балки амале буд, ки дар муддати тӯлонӣ, бо таъсири сабабҳои берунӣ ва дохилӣ ба вуқӯъ омадааст. Бо маълумоти сарчашмаҳои хитоӣ дар нимаи дуюм ё аниқтараш дар охири асри IV дар қисми зиёди давлати пештараи Кушон «Шоҳ Сидоло» (номи хитоии ҳокими кушонӣ - Кидара) ҳукми худро ҷорӣ кардааст. Дар ҳамин вақт як қисми Осиёи Миёнаро қабилаҳои навомадаи хиёниҳо ва баъдтар Ҳайтолиён забт мекунанд. Умуман, ҷангҳои пайдарпайи дар давоми асрҳои IV-V ба вуқӯъ омада, аҳволи Осиёи Миёнаро вазнин намуданд.

# 4. ШАҲРҲО ВА МАНЗИЛҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ДАВРАИ КУШОН

## Бохтари Шимолӣ

Академик Б. Ғафуров дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи таҳқиқоти бостоншиносии қаламрави Осиёи Миёна, Афғонистони имрӯза ва Ҳиндустони Шимолӣ хулоса менамояд, ки давраи ҳукмронии Кушониён як давраи рушди тамаддуни шаҳрӣ буд. Осори шаҳрҳои Бағром (наздикии Кобул), Каписаи Қадим, Таксила дар Ҳиндустон, Чорсада (шарқтари Пишовур), Тирмиз, Дилварзинтеппа (наздикии Деҳнави имрӯза), ёдгории Шаҳринав, Кайқубодшоҳ (дар ноҳияи Шаҳритуси имрӯза), Холчиён (қарибии Деҳнави имрӯза) дар Осиёи Миёна аз машҳуртарин осори фарҳанги шаҳрии замони кушонӣ мебошанд. Муаллифи «Тоҷикон» доир ба ҳар як ёдгорӣ маълумоти муфассал дода, рушди бонизоми шаҳрсозӣ ва шаҳрдорӣ, ҳунари меъморӣ ва муҳандисии ин давра, вусъати шаҳрсозӣ, сохтмони қалъаҳо ва истеҳкомҳои фаровонро бар асоси маводи бостоншиносӣ тасвир менамояд. Аз ҷумла, яке аз калонтарин шаҳрҳои Бохтари Шимолӣ шаҳри Тирмиз буд, ки зиёда аз ҳазор сол вуҷуд дошт, соҳиби маъбадҳои буддоӣ буд, яке аз марказҳои истеҳсоли филизот маҳсуб меёфт. Омӯзиши бостоншиносии ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Ӯзбакистони Ҷанубӣ боиси кашфи якчанд марказҳои шаҳрии воҳаҳои зироаткор гардид. Асосан, ин марказҳо дар минтақаҳое ҷойгиранд, ки соҳиби шабакаи мустаҳками обёрӣ мебошанд ва дар гирду атрофи онҳо манзилҳои зиёди хурди зироаткорӣ ҷой гирифтаанд. Дар наздикии Шаҳринав низ як шаҳри калони кушонии дорои девори 7 км ва ҳудуди 350 гектара мавҷуд буд. Дар ноҳияи Шаҳритус шаҳри Кайқубодшоҳ бо деворҳои мустаҳками мудофиавӣ ва майдони чоркунҷа (375x285 м), 8 км дуртар аз маркази ноҳияи Ёвони имрӯза шаҳри дигаре, ки 40 га масоҳат дошт аз тарафи бостоншиносон ёфт шуд.

## Суғд, Фарғона, Чоч, Хоразм

Дар Суғду Фарғона ва Чочу Хоразм ёдгориҳои даврони Кушониён нисбат ба Бохтари Шимолӣ камтар таҳқиқ шудаанд. Яке аз калонтарин шаҳрҳои он давра Самарқанд буд, вале

баробари он манзилҳои хурдтаре ба мисли дизаки Тали Барзу низ вуҷуд доштанд. Аз ҳудуди Фарғонаву Истаравшан, қарибии Бекобод димнаи Мунчоқтеппа, деҳае дар ҷои Қалъаи Хуҷанд, дар қарибии Ашт, Шӯробшат, Ҷинтеппа низ манзилҳои мансуб ба ин давра ёфт шуданд. Дар ҳудуди Хоразм низ шаҳру манзилҳои зиёде кашф шудаанд, ки машҳуртарини онҳо Тупроққалъа мебошад. Тарҳи ин шаҳр чоркунҷа буда, атрофашро девори аз хишти хом сохта бо тиркашу бурҷҳо иҳота мекардааст. Шаҳр дорои қалъаи мустаҳкам бо девори баландиаш 25 метр, хонаҳои дуошёна, толорҳои калон, аз ҷумла «Толори шоҳона» будааст. Дар суфачаҳои поёни толори мазкур муҷассамаҳое гузошта шудаанд, ки шоҳу малика ва аъёну ашрофи Хоразм ва инчунин худоҳоро тасвир менамоянд. Аз дигар қисмҳои ин шаҳр суратҳои бениҳоят дилкаш, муҷассамаву ҳайкалчаҳои бо нақшу нигор зинатёфта ва ҳатто боқимондаҳои як бойгонӣ низ пайдо карда шуданд.

## 5. ИҚТИСОДИЁТИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ДАВРАИ КУШОНИЁН

### Хоҷагии қишлоқ. Обёрӣ

Дар ин бахш академик Б. Ғафуров доир ба фарҳанги пешрафтаи кишоварзии замони Кушониён маълумот дода, таъкид менамояд, ки маводи зарурӣ ва тасаввуроти умумиро метавон танҳо дар такя ба маводи бостоншиносӣ пайдо намуд. Натиҷаи то ба имрӯз ба дастовардаи илми бостоншиносӣ нишон медиҳад, ки тамоми ноҳияҳои асосии Осиёи Миёна дар он замон барои кишти зироат истифода мешудаанд. Кишоварзӣ асосан бо ду шакл - киштукори обӣ ва лалмӣ ривоҷ ёфта будааст. Махсусан, обёрии сунъӣ ё низоми пешрафтаи ирригатсионӣ ҷой дошт, ки доир ба ин осори зиёди боқимондаи каналҳо дар водии Зарафшон, ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон, махсусан водии Вахш шаҳодат медиҳанд. Аҳолӣ барои обёрӣ на фақат оби дарё, балки оби чашмаҳоро, ки дар он давра ниҳоят зиёд буданд, истифода мекард. Заминҳои тарафи шимолии водии Вахш асосан бо воситаи канали калон аз дарёи Вахш обёрӣ мешуданд, вале якчанд манзил, аз ҷумла димнаи Ҳалқаҷар (наздикии Уялии имрӯза), ки дар ҷои аз сатҳи дарё баланд мавқеъ дошт, аз оби чашмаҳои кӯҳӣ шодоб буданд. Дар ин

минтақаҳо ва атрофи онҳо лалмикорӣ низ хеле ривоҷ ёфта буд. Кишти лалмӣ дар доманакӯҳҳо ва минтақаҳои кӯҳистон низ расм буд. Дар давраи Кушониён заминҳои Болооби Зарафшон то Мастчоҳи Кӯҳии ҳозира пурра аз худ гардида буд.

Аммо, пешравии ҷиддӣ танҳо дар санъати обёрӣ мушоҳида мегардад, техникаи кишоварзӣ хеле ҳам сода буд. Аз Тали Барзу бостоншиносон як позаи оҳанин пайдо карданд. Осиёб, ки ҳанӯз аз асри I милодӣ маъмул буд, дар асрҳои III-IV ҳаҷми онҳо хеле калон мегардад. Аз маъхазҳои хаттӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ маълум мегардад, сокинони Осиёи Миёна ба кишти зироати ғалла, техникӣ, ангуру мева, алафу хошок машғул будаанд. Дар асрҳои III–IV милодӣ ҳам навъи махсуси шаробӣ ва ҳам хӯрокии ангур парвариш меёфт, аз рӯи таҷриба навъҳои серҳосили зироат, ки ба шароити маҳал мувофиқ буданд, пайдо мешуданд. Халқҳои кишварҳои ҳамсоя анвои гуногуни зироатро маҳз аз кишоварзони Осиёи Миёна ёд гирифтанд. Масалан хитоиҳо кишти юнучқа ва парвариши чормағзро аз халқҳои Осиёи Миёна ёд гирифтаанд. Баробари зироаткорӣ чорводорӣ, махсусан дар водиҳои байникӯҳӣ хеле тараққӣ карда буд.

### Бинокорӣ ва ҳунармандӣ

Давраи Кушониён замони рушд ва пешравии бинокорӣ ва ҳунармандӣ маҳсуб меёбад. Азбаски яке аз манбаъҳои асосии омӯзиши таърихи ин давраи халқи тоҷик маводи бостоншиносӣ мебошад, академик Б. Ғафуров вобаста ба натиҷаҳои дар ин самт ба даст омада намудҳои иморату иншооти замони кушониро ба 7 гурӯҳ ҷудо мекунад: 1) қасрҳо, 2) маъбадҳо, 3) биноҳои истиқоматӣ, 4) корхонаҳо, 5) анборҳо, 6) қалъаҳо, 7) иншооти обёрӣ. Ҳамзамон таъкид мекунад, ки ин иморату иншоот дар алоҳидагӣ не, балки пайваста бо ҳам ва дигар намудҳои бино сохта мешуданд. Вазифа ва мақсади бино намудани баъзе иморату иншоотро имрӯз ба пуррагӣ маълум намудан мушкил аст. Онҳоро асосан вобаста ба масоҳат, бузургӣ ва ҳашамату зебоӣ ба гуруҳҳо ҷудо менамоянд. Одатан биноҳои ҷамъиятӣ, қасру кохи ҳокимон хеле ба тарзи муҳташам, дар баландӣ сохта мешуданд ва дар атрофи худ деворҳои мустаҳкам доштанд. Ин гуна иморатҳо дорои толорҳои васеъ ва шифти баланд буданд ва бо муҷассамаву

ҳайкалҳо ва нақшу нигори гуногун ороиш дода мешуданд. Аксарияти биноҳои он давра дорои деворҳои хеле ғафс буданд.

Шумораи ибодатгоҳҳо низ хеле зиёд аст, вобаста ба маҳалли ҷойгиршавӣ онҳо бузург ва хурд буданд, ба тарзи махсус ороиш меёфтанд. Масалан, миёнҷои маъбади буддоии Ҳайратон (наздикии Тирмизи имрӯза) хеле танг буда, дорои ороишоти аҷоибе мебошад.

Албатта, иморатҳои қишри поёнии ҷомеа, манзилгоҳҳои хурди зироаткорӣ он қадар боҳашамат ва баланд набуданд. Бисёрии онҳо дар шакли хоначаҳои гилӣ, ду-ду ё се-се ба ҳам пайваст ва дар атрофи ҳавличаҳои хурд сохта шудаанд.

Дар шаҳрҳо ва марказҳои калон иморатҳо бо санъати ниҳоят баланди бинокорӣ сохта шудаанд. Аз тарҳи биноҳо, ҷойгиршавии онҳо маълум мешавад, ки асосан онҳо дар асоси нақшаи ягонаи биносозӣ бунёд шудаанд, гарчанде ин нақшаҳо дар ҳар маҳал гуногун мебошанд. Хонаҳои муҳимми ташрифотӣ пайи ҳам дар як қатор, ба мисли айвон - дар паси он даҳлез - дар паси даҳлез толор ва гирдогирди бино долон ва пайваста ба он хонаҳои гуногуни хоҷагию маишӣ сохта шудаанд. Мавҷуд будани нақшаву усули умумии биносозӣ ва ҷой доштани осори гуногуни хос аз он шаҳодат медиҳад, ки усули махсуси меъмории бохтарӣ, ки реша аз фарҳанги аҷдодии токушонӣ дорад, ташаккул ёфтааст. Гуногунии сохту сифати биноҳо ишора ба нобаробарии қишрҳои ҷомеаи онвақта мебошад.

Яке аз самтҳои ниҳоят рушдёфтаи меъморӣ ин бунёди қалъаҳои гуногун мебошад, ки дар ин муҳандисони осиёимиёнагӣ комёбиҳои зиёд ба даст овардаанд. Истифодаи усулҳои гуногун, аз ҷумла деворҳои ниҳоят мустаҳками қалъаҳо, ки онҳоро бурҷҳои овеза, садди мураккаби таги дарвоза ва тиркашҳои сершумор боз ҳам қавитар мекарданд, санъати қалъасозии муҳандисони минтақаро ба дараҷаи аввал ва беҳтарин бардошта буданд. Намунаи беҳтарини ин санъат қалъаҳои азими Қаҳқаҳа ва Ямчун дар Помири Ғарбӣ мебошанд, ки дар сари роҳи асосӣ сохта шуданду силсилаи бузурги истеҳкомии ба ҳам пайвастро ташкил медоданд.

Самти дигари ҷолиб ин истифодаи масолеҳи бинокорӣ буд. Асосан барои девор пахса ва хишти хом истифода мешуд, ки

андозаи паҳлуҳои он аз 32 то 44 см-ро ташкил медод. Дар минтақаҳои кӯҳӣ аз санг ва тахтасангҳо истифода мекарданд. Махсусан, дар Бохтар, ки тарзу усулҳои бинокории эллинӣ идома меёфт, дар сохтмони қисмҳои асосии бино ва ороиши он сангро бисёр истифода мекарданд. Пойсутунҳои сангии гирд, ки онро пойсутунҳои муқаррарӣ ҳам меноманд ва пойсутунҳои дорои нақши мураккаби гуногуншакли «антиқӣ»; танаҳои сангини сутунҳо, бошаҳои бағоят зебову шинами сангин, ки ба бошаҳои навъи коринфӣ монанд буданд, таҳкурсии сангини сутунҳои чортароши сангин, ки нимаи он дар мағзи девор мебошад, сохта мешуданд. Дар як бошае, ки дар Шаҳринав ёфт шуд, сурати инсон ва грифонҳо[66] ҳаст. Сутунҳо ва болорҳои чӯбӣ низ истифода мешуданд. Боми биноҳо низ бо истифодаи масолеҳи гуногун, пеш аз ҳама сафолпораҳо пӯшонида мешуд. Ду усули бомпӯшӣ - усули сутун бар болор ва усули бесутуни гунбазӣ, ки асосан болои биноҳои начандон калонро мепӯшониданд, истифода мегардид.

Ҳунармандӣ ҳам дар замони Кушониён хеле тараққӣ карда буд. Ёфт шудани ашёи сершумори фарҳанги моддӣ ва дӯкону устохонаҳои бисёр дар шаҳрҳои калон ва ҳам дар деҳаҳои хурд ишора ба ҳамин мекунанд. Пеш аз ҳама ҳунари кулолгарӣ хеле ривоҷ ёфта буд, кулолгарон чанд хел кӯраву хумдон доштанд ва дар онҳо ҳайкалчаҳои сафолӣ, навъу намуди гуногуни зарфҳо пухта мешуданд. Сифати зарфҳо, хусусан зарфҳои хӯрокхӯрӣ ва ҷомҳо бағоят баланданд. Хусусан ҷомҳое, ки аз сағонаи Тӯпхона (дар Ҳисор) ба даст омадаанд, ниҳоят нозуку нафис буда, ба дараҷаи олӣ сайқал дода шудаанд. Зарфҳои пурнақшу нигори гуногун барои зиёфат, ки дастаи онҳо дар шаклу намуди пурпечутоби зебо сохта шудааст.

Баробари асбобу зарфҳои сафолӣ ашёи филизии рӯзгор ва зинат низ, ба мисли зарфи биринҷӣ, шамъдон, оина, дастпона, гӯшвора, ангуштарини гуногун қариб дар ҳама маҳалҳо истеҳсол карда мешуданд. Қолабҳои рехтагарие ба даст омаданд, ки бо воситаи онҳо ин асбобу ашё сохта мешуданд. Осори ҳунари

[66] Грифон – мавҷудоти афсонавие, ки сар, чангол ва қаноти уқоб ва бадани шерро дорад. Грифон муҳофизи замину само (шеру уқоб) мебошад ва бори нахуст дар афсонаву ривоятҳои Шарқи Қадим, аз ҷумла дар байни ориёиҳо- скифҳо пайдо шудааст.

шишарезӣ ҳам ҷолиб мебошад. Бостоншиносон шаддаҳои гуногун, ба мисли шаддаҳои нақшини дурахшон, ки ба сад ранг тобиш доранд, шаддаи нақшине, ки дар он тасвири одам ҳаст, шаддаи дуқабатаи зарандуд, ки дар мағзи он андак зарвараќи ниҳоят тунук монда, баъд бо шишаи нафиси шаффоф рӯкаш кардаанд, пайдо намуданд.

Аслиҳасозӣ низ хеле пеш рафта буд, махсусан камони махсуси аз панҷ қисм иборат буда, ки бо пулакчаҳо аз устухон ё шох хотамкорӣ шуда хеле маъмулу машҳур буд. Чунин камонҳо баъдтар аз Осиёи Миёна ба Эрони сосонӣ паҳн шуданд, аз ин рӯ ин камони кушонӣ - сосонӣ аст, на камони соф сосонӣ. Асосан ин шакли камон дар Осиёи Миёна пайдо шуд ва баъд дар байни сарматҳо ва аз онҳо ба кишварҳои ғарбӣ то худи Шотландия паҳн гардид. Тири ин камон аз чӯб ё аз най ва пайкони он аз оҳан буду чанд намуд дошт. Намуди маъмултарини он пайкони оҳанине буд, ки се қирраи барҷаста дошт. Ханҷар ва шамшер низ аз ҷумлаи яроқи асосӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар аввали солшумории милодӣ асосан дар Осиёи Миёна шамшерҳои дарози (то 1,2 м) калони дудамаи оҳанин, ки дастаи онҳо дарози миёнхамида буду гулӯбанд надошт, истифода мешуданд. Намудҳои дигари аслиҳа - найза, табарзин, фалахмон низ маъмул буданд. Албатта, барои истеҳсоли зарфу силоҳ ва дигар асбоби филизӣ ашёи хом зарур буд, ки истихроҷи он дар замони Кушониён хеле зиёд гардид. Пеш аз ҳама истихроҷи тилло рушд ёфт ва зарробхонаҳои Кушониёнро бо тилло асосан конҳои Осиёи Миёна таъмин мекарданд. Қисми дигари тиллоро аз Афғонистон, Ҳиндустон ва бо роҳи тиҷорат аз дигар мамлакатҳо мегирифтанд.

### Савдои дохилӣ ва хориҷӣ

Гуногунӣ ва бисёрии сиккаҳо, -менависад муаллифи «Тоҷикон», - яке аз хусусиятҳои хоси давраи Кушониён мебошад. Дар баробари сиккаҳои тиллоӣ зиёд будани тангаҳои мисӣ далели рушди тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Сарчашмаҳои таърихӣ доир ба равобити тиҷоратии Кушониён бо кишварҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама бо Рим ва Хитой хабар медиҳанд. Яке аз маҳсулоти асосии содиршаванда ба кишварҳои ғарбӣ, махсусан ба Рим оҳан ва маснуоти оҳанӣ буд.

Маълум аст, ки тоҷирони Бохтар ба яке аз марказҳои калонтарини тиҷорат - шаҳри Искандарияи Миср мерафтанд ва тоҷирони он ҷо ба Осиёи Миёна меомаданд. Бозёфти тангаҳо ва маснуоти римӣ аз ҳудуди Осиёи Миёна гувоҳи рушди робитаи тиҷоратӣ мебошад. Робитаи тиҷоратӣ бо Хитой низ хеле равнақ гирифта буд. Роҳи бузурги абрешим, ки тавассути Осиёи Миёна мегузашт ба ин боз бештар мусоидат менамуд. Тибқи маълумоти маъхазҳо дар миёнаи асри I пеш аз милод портҳо парчами абрешимӣ доштанд. Дигар маснуот, ба мисли оинаҳои биринҷӣ, ашёи локӣ аз Хитой оврда мешуданд ва ба он ҷо молҳои зиёдеро аз Осиёи Миёна мебурданд. Дар «Маҳабҳарата» омадааст: аз кишвари Бахлӣ, яъне Бохтар «кампалҳои пашмини хуштарҳу хушранги нарму мулоим», матои гуногун, пӯсти гӯсфанд, аслиҳа ва сангҳои қиматбаҳо овардаанд; «шакоиҳо» (сакоиҳо), «тукҳарҳо» (тахорҳо), «канкиҳо» (канғуйҳо) аспҳоеро инъом кардаанд, ки «метавонистаанд роҳи дуру дарозеро тай намоянд».

Кушониён бо қабилаҳои сарматҳои назди Урал ва соҳилҳои Волга ҳам робитаи зичи савдоӣ доштаанд. Суғдиён дар тиҷорати байни Осиёи Миёна ва Хитой нақши ниҳоят муҳим доштанд. Доир ба ин катибаҳои ба забони суғдии асри IV пеш аз милод, ки аз Дунхуан (Туркистони Шарқӣ) ёфт шуданд, маълумоти фаровон медиҳанд. Дар як катиба омадааст, ки дар Друан, Дунхуан 100 нафар самарқандии озод, яъне асилзода ҳастанд. Вале бо баъзе таҳқиқоти охир шумораи суғдиҳо (бо ғуломон ва аҳли хонаводаашон) дар ин шаҳр на кам аз ҳазор нафар буд.

## 6. МАДАНИЯТ ВА ДИНИ ОСИЁИ МИЁНАИ КУШОНӢ

### Осори хаттӣ

Академик Б. Ғафуров таъкид менамояд, ки замони давлатдории Кушониён на танҳо пешравӣ ва дигаргунӣ дар ҳаётии иҷтимоию иқтисодӣ ба миён омад, инчунин дар самти фарҳанги маънавии сокинони Осиёи Миёна из таҳаввулоти ҷиддӣ рӯй дод. Ин давраи таърихӣ замони ҳодисаҳои ниҳоят мураккабу аксаран мухталиф, давраи омезиши тамоилу ҳодисаҳои гуногун буд.

Сокинони Осиёи Миёна ҳанӯз дар асрҳои IV-II пеш аз милод дар асоси хати оромӣ хатҳои маҳаллии худро ба вуҷуд оварда

буданд. Б. Ғафуров дар заминаи таҳлили асарҳои муҳаққиқон ва натиҷаҳои ҳафриёти бостоншиносӣ доир ба осори хатти суғдӣ, бохтарию кушонӣ ва макони бозёфти онҳо ба таври муфасссал маълумот медиҳад. Агар яке аз қадимтарин осори хаттии суғдӣ катибаи рӯи тангаҳои ибтидои давраи мо бошад, пас аз он «Номаҳои қадимии суғдӣ» меистанд. Осори дуюм бо аломатҳо алоҳидаву хоно навишта шудааст ва ба ҳамдигар пайваст нест, аз ин рӯ, аз хати оромӣ он қадар фарқ надорад. Аммо, ба андешаи В.А.Лившитс, ин осор ба он далолат мекунад, ки ҳамон вақт «меъёрҳои асосии забони хаттии суғдӣ ташаккул ёфтаанд ва ҳеҷ набошад, то асри X пойдор монданд». Санаи мураттабсозии номаҳоро В.Б.Ҳеннинг ба солҳои 312-313-уми милодӣ мансуб медонад.

Номаҳо сарчашмаи хуби таърихӣ мебошанд, аз онҳо доир ба рӯзгор, корубори одамон, ҳамлаи хуннҳо, айёми пуризтироби маҳаллаҳои суғдиён, тарсу ваҳм, қаҳру ғазаб ва дигар хабарро бардоштан мумкин аст. Махсусан, номаҳои суғдидухтар Меванча ба модараш ба Самарқанд дар байни муҳаққиқони соҳа хеле машҳур аст.

Доир ба осрои хаттӣ аз ҳудуди Бохтар низ бозёфтҳои нодир ба даст омадаанд. Ҷанубтар аз Қундузи имрӯза аз мавзеи Сурхкӯтал чанд навиштаҷоте ёфт шуд, ки бо намуди кушонии алифбои юнонӣ иҷро гардидааст. Азбаски забони навиштаҷот кадом як забони номаълуми шарқиэронӣ будааст, дар пурра хондани он мушкилот ба миён омад. Олимони зиёд, махсусан А.Марик, Э.Бенвенист, В.Ҳеннинг, И.Гершевич, Я. Ҳарматта, Ҷ.Ҳумбах ва дигарон дар кушодани рамзи ин катиба заҳмати зиёд кашиданд. Барои ҳамин то имрӯз тарҷумаи мукаммали ин катиба ба даст наомадааст ва муҳаққиқон дар шарҳи муҳимтарин нуктаҳои матн ҳамфикр нестанд. Танҳо маълум шуд, ки забони навиштаҷот забони бохтарӣ мебошад.

Забони бохтарӣ аз рӯи сохти грамматикии худ нисбат ба дигар забонҳои шарқиэронӣ аз забони аслии қадимӣ хеле пеш рафта буд. Забоншиносон муайян намуданд, ки дар катибаи Сурхкӯтал ва катибаҳои ҳиндии давраи Кушониён баъзе калимаҳои шеваи сакоии забони кушонӣ маҳфуз мондаанд. Кушониён дар Бохтар бо аҳолии бумӣ омехта шуда, дар нутқи хаттии худ баробари дигар забонҳо калимаҳои забони бохтариро

низ истифода мекардаанд. Барои ҳамин дар рӯи тангаҳои кушонӣ бо ҳамин хат ва бо ҳамин забони бохтарӣ навиштаанд. Дар давраи Канишка гарчанде аз ҳуруфоти юнонӣ истифода мешуд, аммо шумораи ками ҳарфҳои юнонӣ истифода шуда, ҳарфҳои бохтарӣ илова мегардид. Аломати ҳуруфоти кушонӣ - бохтарӣ аксаран қиррадору чоркунҷа буданд.

Ҳамин тавр пас аз забонҳои суғдӣ, портӣ (паҳлавӣ) ва хоразмӣ илм аз забони бохтарӣ ҳам воқиф гардид ва катибаи Сурхкӯтал аввалин осори хаттии забони бохтарӣ мебошад. Дар ин катибаҳо бархилофи катибаҳои сосонӣ мадҳу сано ҷой надорад, воқеаҳо бо тартиб нақл шуда, сабаби онҳо низ нишон дода шудааст. Аз рӯи мазмун онҳо ба солномаи воқеаҳо ва намунаи матни расмӣ монанд мебошанд.

Аз ҳудуди Осиёи Миёна низ катибаҳои зиёди бохтарӣ ёфт шуданд, вале онҳо ҳаҷман он қадар калон нестанд. Аз ҷумла, аз Душанбе хум, ки як калима дорад, аз Даштиҷум зангӯлачаи биринҷии дорои хате бо 17 аломат, аз дайри Қаротеппаи Тирмиз чанд сафолпора бо навиштаҷот ёфт шуданд. Навиштаҷоти бохтарӣ аз димнаи Дилбарҷини соҳили чапи Амударё низ ёфт гардидааст, ки ба асрҳои III-IV дахл дорад.

**Ақоиди мазҳабӣ**

Роҷеъ ба ақоиди динии замони Кушониён, академик Б. Ғафуров таъкид менамояд, ки ин масъала ниҳоят мураккаб ва печдарпеч аст. Вале аниқ он аст, ки шумораи асосии аҳолии Осиёи Миёна оини зардуштиро мепарастиданд. Аммо зардуштияи суғдиён хусусияти хоси худро дошт. Дар осори суғдии ба даст омада номи худоҳои зиёди қадимтарини эронӣ оварда шудааст, ки дар байни онҳо ҷойи аз ҳама баландтарро олиҳа Нана ишғол менамояд. Эҳтимол, дар Осиёи Миёна парастиши Нана бо парастиши Анаҳито пайваст буд. Суғдиён маъбадҳое доштанд, ки онро «вағн» ва парасторони онро «вағнпатҳо» мегуфтанд.

Доир ба зардуштияи бохтарӣ бештар аз тангаҳо маълумот ба даст омадааст. Дар рӯи тангаҳо номи бисёр худоҳо ба шакли хоси бохтарӣ навишта шудаанд: Оромоздо - Ҳурмузд, Миҳро - Митра, Мао - Маҳо (худои Моҳ), Фарро - Фарна (худои фаровонӣ, бахти шоҳ, тақдир), Орлагно-Вэрэтрағна (худои ғалаба), Нана - Нанаи

(худои ҳосил). Баробари он худоҳое низ ҳастанд, ки танҳо номи бохтарӣ доранд, ба мисли Охшо ё Оахшо. Ин ном аз калимаи эронии қадим «вахшу» реша дорад, аммо забоншиносон онро ба тарзи гуногун, ба мисли «гапи гуфта», «рӯҳ», «оби ҷорӣ» шарҳ медиҳанд. Маъхазҳои ҳиндӣ «вахшу» гуфта Амударёро дар назар доранд, юнониён онро «Оксус» номиданд, дар катибае «Вахш худои яккаву ягона» омадааст. Абурайҳони Берунӣ менависад, ки «Вахш номи малакест нозири дарё, аз ҷумла, рӯди Ҷайҳун» ва хоразмиён «вахшҳангом» ном иде доранд.

Доир ба оин ва маъбадҳои зардуштии Бохтар ҳафриёти бостоншиносони фаронсавӣ дар Сурхкӯтал маълумоти хуб медиҳад. Бостоншиносон дар ин ҷо маъбаде пайдо карданд, ки дар болои теппа, дар рӯи суфаи баланде, ки аз хишт бардошта, атрофашро бо тахтасангу тиргакҳои сангин устувор карда буданд, ҷой гирифтааст. Маъбад росткунҷа (35х27м) буда, девори пеши он назар ба девори ақибаш васеътар аст, дар миёнҷо хонаи чоркунҷа ва дар паҳлу ва пешгаҳ долон ва аз тарафи пеш се дарвоза дорад. Дар маркази хонаи мобайнӣ як суфаи чоркунҷаи сангини дар чор гӯшааш сутундошта ҷой гирифта, девори хона бо сутунҳои чортарош ороиш ёфтааст.

Барои муҳофизати маъбад атрофи он бо девори мустаҳками дорои бурҷҳои росткунҷа ба мисли қалъа иҳота гардидааст. Дар атрофи маъбади асосӣ чанд маъбади хурдтар низ бино ёфтааст, ки ғайр аз андоза аз маъбади асосӣ фарқе надоранд. Дар болои суфаи аз хишти сохта оташдони пури хокистари тоза ба назар мерасад. Бостоншиноси фаронсавӣ Д.Шлюмберже маъбади Сурхкӯталро «куништи шоҳони кушонӣ» номидааст. Ноҳия ва деҳае, ки дар наздикии ин маъбад имрӯз ҷой дорад номи Бағлонро соҳиб аст, ки реша аз калимаи «Бағолағго» яъне «меҳроб»-ро дорад.

Аммо, оини зардуштӣ дар Осиёи Миёна мазҳаби ягона набуд. Дар давраи Кушониён оини дигари паҳншуда ин дини буддоӣ буд. Гарчанде ки паҳншавии ин дин дар Осиёи Миёна хеле пештар, шояд дар давраи Ҳахоманишиҳо оғоз ёфта бошад, вале тибқи маълумоти сарчашмаҳо ва ҳафриёти бостоншиносӣ ин падида хеле баъдтар ба вуқӯъ омадааст. Бо маълумоти мавҷуда ин дин ба Осиёи Миёна аз чанд самт паҳн гардидааст, ки ду роҳи он имрӯз

комилан аниқ аст: аз самти ғарб ба Марв (ба ноҳияҳои шарқии Порт) ва аз самти шарқ ба Тирмиз (ба Бохтар) ворид шудааст.

Дини буддоӣ ба тарафи шарқ маҳз тавассути Осиёи Миёна паҳн шудааст. Дар маъхазҳои сейлонӣ ва хитоӣ доир ба рафтани воизони ин дин аз давлатҳои Осиёи Миёна, махсусан Порт хабарҳои зиёде мавҷуданд. Аз ҷумла, хабаре ҷой дорад, ки соли 148 ба Лаоян ҳакиме бо номи Ан-Ши-гао омада, матнҳои дини буддоиро ба забони хитоӣ тарҷума кардааст, ки ӯ аз кишвари Ан - яъне Порт будааст. Бо шарофати ҳамин ҳаким ва шогирдонаш Хитой бо дини буддоӣ шинос мегардад. Азбаски Ан-Ши-гао олими забардаст буд ба хитоиҳо дар бораи рушди илми халқҳои Осиёи Миёна маълумоти фаровон медиҳад.

Доир ба дини буддоӣ дар Бохтар маълумоти бештаре ҳаст. Яке аз воизони машҳури ин дин Гҳошак зодаи Тахористон будааст. Воизони дини буддоӣ то ба Чоч расида, дар ҳама ҷо маъбадҳо месохтаанд. Мактаби буддоии Вайбҳашика бештар дар Осиёи Миёна интишор гардида будааст. Осори маъбадҳои буддоӣ, ки хеле боҳашамат сохта мешуданд аз бисёр мавзеъҳои Осиёи Миёна ёфт шуданд. Аз ҳама бештар чунин маъбадҳо дар Тирмиз ва атрофи он кашф гардиданд. Осори маъбадҳо ва ашёи марбут ба дини буддоӣ, далолат менамоянд, ки буддоия дар байни бохтариёни қадим хеле васеъ паҳн шуда буд.

Дар давлати Кушониён ғайр аз ин дини ҳиндуя, насронӣ ва монавия низ паҳн гашата буданд. Доир ба дини ҳиндуя истифодаи тасвири Шива дар тангаҳои шоҳони кушонӣ далолат мекунанд. Дини насронӣ бошад ба Осиёи Миёна дар асрҳои II-III милодӣ ворид мегардад, ки доир ба ин маъхазҳои суриёнӣ, арманӣ ва инчунин Абурайҳони Берунӣ маълумот медиҳанд.

Пайравони мазҳаби монавия дар Осиёи Миёна зиёдтар буданд. Асосгузори ин мазҳаб Монӣ (216-277) ном ашрофзода буд. Шоҳони сосонӣ дар аввал ба паҳншавии мазҳаби нав мусоидат намуданд, вале баъдтар ӯро ба зиндон андохтанд ва пайравонашро мавриди таъқиби сахт қарор доданд. Таълимоти Монӣ омехта буд, аз як тараф, унсурҳои асосии зардуштия ва аз тарафи дигар, баъзе хусусиятҳои дини насронӣ ва ба андозае дини буддоиро дар бар мегирифт. Асоси онро ду мабдаъ - Равшанӣ (некӣ) ва Торикӣ (бадӣ) ва муборизаи онҳо ташкил медод. Монавия

натанҳо дар ҳудуди давлати Сосониён, балки берун аз он, аз ҷумла дар Осиёи Миёна зуд паҳн гардид. Дар ибтидо пайравони ин мазҳаб аъёну ашрофи Осиёи Миёна будан, вале баъдан оммаи васеи аҳолиро низ фаро гирифт. Аз ин ҷо ин мазҳаб ба Туркистони Шарқӣ ва Хитой паҳн шуд. Монавияи Осиёи Миёна бештар унсурҳои дини буддоиро қабул намуда, пайравони он дар тарғиби дини худ моҳирони санъати тасвириро истифода менамуданд. Аз ҳамин ҷо дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва фарҳангҳои қадима номи Монӣ рамзи рассоми моҳир аст.

Ҳафриёти бостоншиносӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна гӯристонҳои зиёди замони Кушониёнро кашф намуданд. Ин бозёфтҳо доир ба гуногунии маросими дафни халқҳои тобеи Кушониён маълумоти фаровон медиҳанд. Пеш аз ҳама гуногунии гӯрҳо ва маросими дафн нишонаи бисёрмазҳабӣ низ мебошанд. Аксарияти гӯрҳо хокианд ва сағонаҳои аз хишти хом сохта шуда низ вомехӯранд. Ҳангоми ковишҳо аз лаҳади аксарияти гӯрҳо ашёҳои гуногун, зарфҳои хушсифати кулолӣ, танга, дар қабрҳои занона асбобҳои зебу зинат, ороишии аз тилло, нуқра, оҳан, биринҷӣ, сангу шиша сохташуда пайдо гардиданд. Шумораи зиёди гӯрҳои давраи кушонӣ аз Тӯпхонаи Ҳисор ошкор шуданд. Дар Душанбе мурдаҳое ёфт шуданд, ки дар тобутҳои сангин ва дар хумҳо дафн гардидаанд. Дар димнаи Кӯҳнақалъа (водии Вахш) мурдаҳоро дар дахмаҳо мегӯрониданд. Умуман, аз асри II пеш аз милод Хоразм ва баъд дар дигар ноҳияҳои Осиёи Миёна оссуарийҳо - устухондонҳои сафолӣ ва сангин маъмул мегарданд.

Қабристони димнаи Теппаи Шоҳ, ки дар поёноби Кофарниҳон ёфт шуд, асосан ба зардуштиён мутааллиқ мебошад. Аз ин ҷо низ ашёю зарфҳои гуногун, асбобҳои зебу зинат, танга, порчаи матоъ ва ғайра ёфт шуданд. Қабристони Теппаи Шоҳ, ки қадимтарин гӯрҳои Бохтар мебошанд, ба асри I пеш аз милод ва асрҳои III-IV милодӣ рост меоянд. Ғайр аз ин хоктеппаҳои баланд-қурғонҳои зиёд ёфт шуданд, ки ба аҳолии кӯчманчӣ ва ё нимкӯчманчӣ мансубият доранд.

## Санъат

Академик Б. Ғафуров дар ин бахш ривоҷу равнақи санъати давраи Кушониёнро ба таври муфассал баррасӣ карда, онро

давраи авҷи инкишофи санъати қадимии Осиёи Миёна номидааст. Санъати ин давра дар шаклҳои гуногун, пеш аз ҳама санъати монументалӣ (рассомӣ, муҷассамасозӣ), намудҳои хурдтари он (ҳайкалчасозӣ аз сафолот), санъати амалӣ (заргарӣ ва ғ.) таҷассум мегардад. Санъат нишондиҳандаи заковату фазилати устоёни Осиёи Миёна буда, ифшокунандаи муносибат ва робита бо кишварҳои ҳамсоя мебошад. Осори таърихии санъати ин давраи Осиёи Миёна дорои аҳаммияти ҷаҳонӣ ва ҳамчун ифодакунандаи назари нав ба ҷанбаҳои фарҳанги бадеии мардуми Шарқ мебошад. Яке аз машҳуртарин санъати ин давра «санъати Қандаҳор ё гандҳарӣ»-и муҷассамасозӣ ва нақшу образҳои барҷастаи бадеӣ мебошад. Санъати гандҳарӣ таркиби ҳайратангези анъанаҳои санъати маҳаллӣ ва эллинӣ-румӣ буда, дар шимолу ғарби Ҳиндустон, Афғонистони имрӯза ва ҷануби Осиёи Миёна паҳн гардида буд. Дар таҳқиқу омӯзиши таърихи ин санъат олимони зиёди шинохта, аз қабили А.Фуше, бунёдгузори таҳқиқи ин соҳа Д.Маршалл, Б.Роулэнд, А.А.Кумарасвами, И.Лохвизен де Леев, Г. Инголт ва Д.Шлюмберже нақши бориз гузоштаанд. Махсусан, хулосаи Д.Шлюмберже хеле ҷолиб аст, ки дар заминаи таҳқиқоти бостоншиносӣ исрор мекунад, ки дар ташаккули санъати қандаҳорӣ «унсури юнону эронӣ», аз ҷумла, юнону бохтарӣ нақши бузург дорад.

Таҳқиқоти бостоншиносии Осиёи Миёна низ доир ба мавҷудияти санъати хоси бохтарӣ маводи фаровон додаанд. Дар Холчиён ва Ҳайратон намунаи олии санъати Бохтари замони Кушон ёфт гардиданд. Дар Суғду Порту Хоразм ҳам мактабҳои бадеии хоси худ мавҷуд буданд.

# БОБИ ПАНҶУМ
# СОХТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ОСИЁИ МИЁНАИ ҚАДИМ

## 1. ИСТОРИОГРАФИЯИ МАСЪАЛАҲОИ ФОРМАТСИЯИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ҒУЛОМДОРИИ ОСИЁИ МИЁНАИ ҚАДИМ

Дар ин зербоб академик Б. Ғафуров асосан ба масъалаҳои назариявӣ, пеш аз ҳама таърихи омӯзиши марҳалаҳои таърихии мамлакатҳои Шарқ, нақши онҳо дар таърихи башарият бештар таваҷҷуҳ намудааст. Азбаски идеологияи ҳукмрони замони таълифи китоб талаб менамуд, ки пажуҳиши таърих ва масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ маҳз дар пояи идеологияи марксистӣ анҷом ёбанд, академик Б. Ғафуров низ дар ҳамин равиш ва мувофиқ ба ҳамин талабот назари худро иншо намудааст.

Аввалан, Б. Ғафуров назари олимони кишварҳои Ғарб, ба истилоҳ олимони буржуазиро ба таърихи давлатҳои Шарқ ва нақшу мақоми онҳо зери тозёнаи танқид гирифта, онро беасос ва ғайриилмӣ меномад. Таъкид мешавад, ки муаррихони ба истилоҳ буржуазӣ манзараи ҳақиқии таърихиро таҳриф намуда, иддао мекунанд, ки халқҳои Шарқ аз ибтидо қафомонда буда, дар Шарқ ягон вақт рушд ва пешравӣ набуд. Аз давраҳои таъсиси аввалин давлатҳои Миср ва Байнаннаҳрайн то рӯзҳои мо дар Шарқ муносибатҳои феодалӣ вуҷуд доштанд. Аммо назари олимони шӯравӣ ба ин масъала комилан дигар аст, таъкид менамояд Б. Ғафуров ва барои тақвият суханони олими шинохта академик С.Ф.Олденбургро меорад: «Мо халқҳо ва мамлакатҳоро ба халқу мамлакатҳои Шарқу Ғарб, халқу мамлакатҳои ба ҳамдигар муқобил ва ҳар якеро ба тарзи худ омӯхташаванда ҷудо намекунем, зеро Шарқ бо ҳуқуқи баробар бо Ғарб ба Иттифоқи мо дохил шуд ва мо Ғарбро бо кадом методологияи марксистӣ меомӯхта бошем, Шарқро ҳам бо ҳамон методология таҳқиқ мекунем».

Масъалаи дигари мавриди баҳси олимони хориҷӣ ва шӯравӣ ин масъалаи ҷой доштан ва ё надоштани форматсияҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар Шарқ, тақсимоти ҷомеа ба синфҳо ва муборизаи

синфӣ буд. Академик Б. Ғафуров, ки худ дар пояи идеологияи марксистӣ меистод, мавқеи мактаби марксистии шӯравиро ҷонибдорӣ менамояд. Солҳои 30-юми асри гузашта шарқшиноси шинохта В.В.Струве[67] ба чунин хулосае омад, ки давлатҳои Шарқи Қадим ҷамъиятҳои навъи ниҳоят соддатарини ғуломдорӣ буданд. Ин нуқтаи назари ӯро як гурӯҳ олимони шинохта комилан рад намуданд, вале гурӯҳи дигар онро ҷонибдорӣ намуданд. Пас аз ӯ С.П.Толстов[68] ба масъалаҳои пайдоиш ва тараққии феодализм таваҷҷуҳ намуда, дар маърӯзааш оид ба генезиси феодализм дар ҷамъиятҳои кӯчманчии чорводор бисёр нуктаҳоро асоснок намуд. Муҳимтарин нуктаи он робитаи зич доштани кӯчманчиён ва зироаткорони муқимӣ мебошад.

Аммо, хулоса ва пешниҳоди С.П. Толстовро на ҳамаи олимон қабул намуданд. Аз ҷумла, олими шинохта А.Н.Бернштам[69] соли 1933 пешниҳод кард, ки қисми зиёди Осиё, аз ҷумла Осиёи Миёна ҳам ҷомеаи ғуломдориро аз сар нагузаронида, аз коммунизми ибтидоӣ, яъне ҷамоаи ибтидоӣ ба ҷамъияти феодалӣ гузаштанд. Пас аз ду сол М. Е. Массон даъво намуд, ки пас аз асри VIII милодӣ дар Осиёи Миёна аллакай «заволи муносибатҳои кӯҳнаи феодалӣ» сар шуд. Аммо новобаста ба гуногунии андешаҳо тадриҷан дар саҳифаҳои нашрияҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ ақидаи халқҳои Осиёи Миёна давраи ғуломдориро аз сар гузарондаанд, мавқеъ пайдо менамояд.

Бостоншинос С.П. Толстов соли 1938 боз ба ин масъала баргашта, бори нахуст ба шакли муфассал сохти ғуломдории Осиёи Миёнаро тасвир менамояд. Муҳтавои андешаҳои ин олимро метавон дар чанд нукта баён намуд: аъёну ашрофи суғдӣ дар арафи ҳуҷуми арабҳо баъзе хосияти ҷомеаи ғуломдориро ифода мекарданд ва онҳо асосан ба дастаи низомиён ва ё мусаллаҳ такя

---

[67] Струве Василий Василевич (1889-1965)-шарқшинос-марксисти шинохтаи шӯравӣ, асосгузори мактаби шӯравии муаррихон-муҳаққиқони Шарқи Қадим, академик.

[68] Толстов Сергей Павлович (1907-1976) – муаррих, мардумшинос, бостоншиноси шӯравӣ, муҳаққиқи таърихи халкҳои Осиёи Миёна, кашшофи тамаддуни Хоразми Қадим.

[69] Бернштам Александр Натанович (1910-1956) – бостоншинос ва шарқшиноси шинохтаи шӯравӣ, доктори илмҳои таърих, профессор, муҳаққиқи осори аҳди бостони Ҳафтрӯд, Тяншон, Помир ва Фарғона.

менамуданд; тамаддуни қадими воҳаҳои Осиёи Миёна симои хоси «шаҳрӣ» дошт; кӯчманчиёну зироаткорон бо ҳамдигар робитаи зич доштанд; ғуломдорӣ ҳам дар байни аҳолии муқимӣ ва ҳам кӯчманчӣ маъмул буд, меҳнати ғуломон, махсусан дар сохтмони шабакаи обёрӣ ба таври васеъ истифода мегардид.

Аз ин нуктаҳо на ҳамаш мавриди эътирофи олимон қарор гирифт, масхусан андешаи истифодаи васеи меҳнати ғуломон дар сохтмони шабакаҳои обёрӣ. Б. Ғафуров бо таҳлили васеи сарчашмаҳо ва мадракҳои бостоншиносӣ на чандон дуруст будани ин нуктаро исбот намуда, иштироки васеи одамони озодро дар сохтмонҳои иншоотҳои гуногуни обёрӣ исбот менамояд. Аз тарафи дигар, мартабаи каналкобон дар Шарқи Қадим ниҳоят баланд буд.

Кашфиёти бостоншиносӣ ва пажуҳишҳои муаррихони шӯравии солҳои 40 - 60-ум ақидаи дар таърихи Осиёи Миёна инкишоф ёфтани сохти ғуломдориро аниқ ва амиқ намуда, масъалаҳои таърихи сиёсӣ, рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, муомилоти пулӣ, фарҳанг ва дигар ҷиҳатҳои ин сохтро муфассал таҳқиқ намуданд. Баробари ин хусусияти сохти ғуломдории Осиёи Миёнаро муайян намуда, марҳалаҳои асоси тараққиёти онро муқаррар намуданд. Ҳамин тавр дар илми шӯравӣ ақидаи дар Осиёи Миёнаи қадим ҳукмрон будани сохти ғуломдорӣ пойдор гардид.

Воқеан таҳқиқи маҷмӯи маводҳои мавҷудаи таърихӣ на танҳо мавҷуд будани сохти ғулмдорӣ дар Осиёи Мёна, балки дорои хусусиятҳои хос будани онро низ тасдиқ менамоянд. Академик Б. Ғафуров таъкид менамояд, ки ин масъала ҳанӯз дар нашри якуми «Таърихи халқи тоҷик» (Москва, 1949) ва нашрҳои минбаъдаи он, ҷилди якуми асари дастаҷамъонаи «Таърихи халқи тоҷик» (Москва, 1963) ба таври муфассал шарҳи худро ёфта буданд. Баъзе хусусиятҳои усулии сохти ҷамъиятии Осиёи Миёнаи қадим дар ин китобҳо таъкидан баён шуда, бо мадраки таърихии иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳои ҳамҷавори Шарқ муқоиса гардиданд.

Ҳанӯз солҳои 20-30-юми асри гузашта дар илми шӯравӣ атрофи масъалаи «тарзи осиёии истеҳсолот» мубоҳисаи калон оғоз ёфт, ки баъдан солҳои 60-уми ҳамон аср боз авҷ гирифт ва доир ба он китобу маҷмӯаҳои зиёде ҳам чоп шуд. Дар бисёр ҳолатҳо муаллифон суханони асосгузорони марксизм К.Маркс ва Ф.Энгелс, баъзан В.И.

Ленинро ба асос гирифта, мавҷуд будани чунин тарзи истеҳсолотро тасдиқ менамоянд.

Аммо, мубоҳисаҳои охирон нишон доданд, ки сохти ғуломдорӣ гӯё чунон ҷамъияте бошад, ки дар он аксарияти истеҳсолкунандагон бевосита бояд ғуломон бошанд, ки ин ақида мутлақо беасос ва бепоя аст. Таърих аз ин гуна ҷомеаҳо хабар надорад, ғуломон бахши камтари аҳолиро ташкил медоданд ва авзои онҳо ниҳоят гуногун буд.

## 2. ТАСАВВУРОТИ ҲОЗИРАЗАМОН ДАР БОРАИ СОХТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ОСИЁИ МИЁНАИ ҚАДИМ

### Тақсимоти иҷтимоӣ ва молумулкӣ

Дар ин зербоб академик Б. Ғафуров дар заминаи таҳлили дастовардҳои илми замони худ доир ба сохти иҷтимоию иқтисодии Осиёи Миёнаи давраи қадим маълумот медиҳад. Таҳлили олим дар такя ба идеологияи ҳукмрони давр ва мавқеи илми ҷомеашиносии замон ба вуқуъ омадааст. Барои ҳамин масъалаи пайдоиши нобаробарӣ, тафриқаи ҷомеа ба синфҳои дорою нодор дар ин таҳлил мақоми асосиро соҳиб мебошанд.

Тибқи маълумоти мадракҳои бостоншиносӣ ва пажуҳишҳои илмӣ тақсимоти молумулкӣ ва аввалин нишонаҳои тафриқаи ҷамоаи Осиёи Миёна ҳанӯз дар охири ҳазораи III ва аввали ҳазораи II пеш аз милод дар ҳудуди имрӯзаи Туркманистони Ҷанубӣ ба вуқуъ омадааст. Доир ба ин пеш аз ҳама ковишҳои қабристонҳои ҳамон давра маълумот медиҳанд. Аз ҷумла, дар Теппаи Ҳисори Эрони имрӯза, ки ба ҳамин давраи таърихӣ тааллуқ дорад, қабрҳои ниҳоят бойи сардорон ёфт шудааст. Дар қабристонҳои ҳудуди имрӯзаи Туркманистони Ҷанубӣ чунин гӯрҳо ёфт нашуда бошанд ҳам, гӯрҳое ҳастанд, ки аз қабрҳои муқаррарӣ комилан фарқ мекунанд. Дар Олтинтеппа қабри хонуме, ки бо ангуштарини тилло ва шаддаи зебо дафн шудааст, дарёфт шуд. Ин бозёфтҳо ва ҳамзамон паҳн шудани мӯҳр, пайдо кардани хазинаҳо низ аз инкишофи тақсимоти молумулкӣ ва иҷтимоӣ далолат мекунанд. Илова бар ин сохтмони қасру коху маъбад барин биноҳо аз мавҷудияти ҷамоае шаҳодат медиҳад, ки аллакай ба табақаҳо (синфҳо) тақсим шудааст.

Сабаби пеш аз ҳама дар ҳудуди имрӯзаи Туркманистони Ҷанубӣ пештар аз дигар манотиқ ба миён омадани ин падида дар он аст, ки дар ин минтақа барои зироати обии қадимӣ шароити аз ҳама муфид нисбат ба дигар мавзеъҳо фароҳам омада буд ва, аз тарафи дигар ин макон бо дигар тамаддунҳои шаҳрии Шарқ робитаи муносиб дошт.

Рушди ҷомеаи нобаробар дар ҳудуди Туркманистони Ҷанубӣ аз ибтидо ба шакли муназзам тараққӣ мекард, вале дар миёна ва нимаи дуюми ҳазораи II пеш аз милод рӯ ба таназзул ниҳод. Вале, тибқи маводи мавҷуда дар ҷамеа тақсимоти калони иҷтимоӣ ва молумулкӣ вуҷуд дошт. Ин андешаро мавҷудияти диз ё дижҳо - манзилҳои мустаҳками аркдор, ки охири ҳазораи II ва аввали ҳазораи I пеш аз милод на танҳо дар Туркманистон, балки дар Бохтар низ маълум буданд, тақвият мебахшад.

Марҳалаи нави рушди ҷамоаи нобаробар ба нимаи аввали ҳазораи I пеш аз милод рост меояд ва ин раванд тамоми ҳудуди Осиёи Миёнаро фаро мегирад. Доир ба таркиби ҷамоаи онвақта маълумоти хубро ба мо қисмҳои қадимтарини «Авесто» манзур менамояд. Дар ин китоби муқаддас зикр шудааст, ки ки сарват – боигарӣ ин пеш аз ҳама, чорво аст, таҳамтан Хумо соҳиби «галаҳои хуб» буд, «ҳавлиҳое» ҳастанд, ки «аз чорво бой будаанд» ва ба паямбар Зардушт шахсе даҳ модиёни тойчадор ва як шутурро инъом карданӣ шудааст. Ҳамин гуна маълумотро мо аз сарчашмаҳои дигари давраи қадим, пеш аз ҳама муаллифони юнонӣ пайдо мекунем. Дар ин маъхазҳо доир ба одамони «наҷиб» ва «доро», соҳиби ғулом хабарҳо зикр ёфтаанд. Доир ба ғуломӣ овардани аҳолии шаҳрҳои тасхиршуда ва ё исёнгар, ба мисли сокинони шаҳри Баркаи юнонӣ ва ғуломи хусусӣ доштани шахсони алоҳида низ муаллифони қадим навиштаанд. Муаллифи Юнони Қадим Арриан менависад, ки Ҳуриён ном шахс тавонистааст муддати ду моҳ тамоми лашкари мақдуниёнро бо хӯрока таъмин кунад. Плутарх дар бораи як портии машҳур, ки Крассро шикаст дода буд, менависад, ки одаме буд хеле сарватманд, шуҳратёр, ки бидуни ҳазор шутур тӯшаи роҳ, дусад ароба канизак ва ҳазорон паҳлавону аз он бештар сарбозон, даҳ ҳазор ғулом ба сафар намебаромадааст. Бо гуфтаи мусофирон ва

сайёҳон ҳавлиҳои бой ва сарватманд дар мулки Даван низ кам набудаанд.

### Таркиби ҷамъияти Осиёи Миёна дар охири ҳазораи I пеш аз милод ва ибтидои ҳазораи I милодӣ

Масъалаи муҳимми дигари таърихи ин давра муайян намудани таркиби ҷомеаи кушонии Осиёи Миёна мебошад. Академик Б. Ғафуров дар заминаи таҳлили бахшҳои боло ва дигар мадракҳои таърихӣ ба шакли мухтасар манзараи умумии раванди иҷтимоӣ дар асри VII пеш аз милод то асрҳои III-IV милодии Осиёи Миёнаро тасвир менамояд. Пеш аз ҳама маводи сиккашиносӣ доир ба таркиби ҷомеа, унвонҳо, вазифаву мансабҳо ба мо маълумоти хуб манзур менамоянд. Дар тангаҳои юнонубохтарӣ, кушонӣ унвонҳои юнонӣ ё шарқиэронии сардори давлат- *«волӣ», «шоҳ», «шаҳаншоҳ»* сабт гардидаанд. Дар як мӯҳри ҳиндӣ бо хатти кушонӣ номи шахсе бо унвони - *«вазурк фрамалар»* омадааст, Сосониён сардори маъмуриятро *«вазург фрамадар»* мегуфтаанд, ки баробар ба сарвазир буд. Вале дар Осиёи Миёна маънои ин унвон шояд дигар буд, зеро дар матнҳои аввали асримиёнагии суғдӣ *«фрамандар»*- фармондор «маъмури хоҷагии дарбор» буд. Мумкин дар дар замони Кушониён унвони мазкур яке аз мансабҳо олии давлатӣ будааст.

Дар муҳрҳое, ки имрӯз дар Эрмитажи давлатӣ ва Осорхонаи Британия маҳфузанд унвони *«ҳазорахт»* сабт шудааст, дар Сосониён он ба шакли *«ҳазорпат»* истифода мешуд. Азбаски, санаи ин муҳрҳо ва ҷойи истеҳсоли онҳо аниқ нест, вале онро метавон ба сифати далели иловагӣ оид ба мавҷуд будани идораи мукаммали давлатӣ дар Бохтар истифода намуд. Дар катибаи машҳури Сурхкӯтал унвони Ноқанзоқ ҳамчун *«каралраг»* омадааст, ки ба унвони сосонии «канаранг», яъне марзбон монанд аст. Сосониён волии вилояти шарқии худро чунин меномиданд. Ин унвон баъдтар дар Осиёи Миёна низ паҳн шуд, дар ибтидои асрҳои миёна оли Самарқанд чунин унвон доштанд.

Дар як муҳри дигари маҳфуз дар Эрмитажи давлатӣ калимаи *«асбаропат»* зикр шудааст, ки аз забони форсии миёна буда, аз ду қисм *«асбар»* (савор) ва *«пат»* (соҳиб) иборат аст. Дар катибаҳои ҳиндӣ ва гавҳарҳои кушонӣ унвони *«харбалан»* омадааст, ки дар

ин ҷо ҳарду калима унвонро ифода менамоянд ва маънии *«сардори саворон»*-ро доранд. Ҳамзамон, дар катибаҳои ҳиндӣ унвони *«сатрап»* ва *«сатрапи аъзам»* низ омадааст.

Таҳқиқи таърихи Порт нишон медиҳад, ки идораи маъмурӣ - вилоятӣ ва маҳаллӣ хеле маъмул буду тамоми қишрҳои ҷомеаро идора мекард. Ҷомеа аз ду қутб – ашрофон, соҳиби ҳокимияту сарват ва истеҳсолкунандагон иборат буд. Аммо, дар бораи таркиби қишри истеҳсолкунандагони Осиёи Миёна маълумоти аниқ мавҷуд нест. Маълумоти маъхазҳо дар бораи созандагони қасрҳо, қалъаву истеҳкомҳо ва дар устохонаҳои шаҳр кӣ кор мекард, аҳолии деҳот аз киҳо иборат буд, он қадар муфассал нест. Албатта, дар ҷомеаи Осиёи Миёна ғуломон ҳам буданду аҳолии мазлуму мутеъ ҳам. Б. Ғафуров таъкид менамояд, ки доир ба ғуломон маълумоти муфассал дар ҷилди якуми «Таърихи халқи тоҷик» (Москва, 1963) оварда шудааст.

Аз ҳамаи сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки барои ифодаи ғуломон ҳиндуаврупоён ҳанӯз дар давраи биринҷӣ истилоҳе доштанд. Дар давраи авестоӣ низ ғуломону одамони мутеъ мавҷуд буданд. Доир ба ғуломони Суғду Порт, Бохтар ва Фарғона дар сарчашмаҳо маълумоти бештар дида мешавад. Дар осори суғдӣ, пеш аз ҳама «Номаҳои қадимаи суғдӣ» тоифаҳои гуногуни ғуломон *«вандак»* («банда», «ғулом»), *«дайя»* («чӯрӣ»), *«нипак»* (ғуломи ба ивази пули қарзгирифта) ва *«ванак»* (ғулом дар натиҷаи асорат) зикр гардидаанд. Дар айбномаи сосонӣ (асри V) ду тоифаи ғуломон - «бандак» (умуман ғулом) ва *«анашҳрак»* (шахси асир афтода), дар катибаи рӯи устухондони Туқалъаи Хоразм истилоҳи «хуноник» (аз «хун»-асири ғариб) омадааст. Аммо, новобаста аз мавҷуд будани тоифаи гуногуни ғуломон ва истифода дар истеҳсолот онҳо мақоми баланд надоштанд.

Хусусияти дигари ҷамъияти ин давра дар он зоҳир меёбад, ки мисли дигар давлатҳои Шарқ дар Осиёи Миёна ҷамоат мақоми ниҳоят баланд дошт. Зеро таҳкурсии ҷамъияти қадимро ҳамон ҷамоатҳои хонаводагии падаршоҳӣ ва ҷамоатҳои ҳамсоягӣ ташкил медоданд, яъне ин ташкилоти одамони озоду ғуломдорони баробарҳуқуқ буд. Ибтидои асрҳои миёна дар Суғд, шояд аз ин ҳам пештар *«наф»* – ҷамоат аз *«озоткорон»* - ашроф, *«ҳавокорон»* - савдогарон ва *«корикорон»* - деҳқонони озоди ҷамоату

ҳунармандон иборат буд. Дар «Авесто» низ аз ҷиҳати иҷтимоӣ муқобилгузории одамон ба назар мерасад, шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ болоро *«озод»* меномиданд.

Ҳамин тавр, ҷамъияти онвақтаи Осиёи Миёнаро ҷамъияти ғуломдорӣ номидан мумкин аст, аммо инро бояд ба назар гирифт, ки дар аҳди қадим нақши пешбарандаро дар истеҳсолот, махсусан хоҷагии кишоварзӣ аҳли ҷамоат иҷро мекард. Маҳз, ҳамин хусусияти ҷамоатӣ доштани соҳаи кишоварзӣ раванди гузариш аз хоҷагии натуралӣ ба хоҷагии молиро суст кард.

Дар фаслҳои пешин мо, -менависад Б. Ғафуров,- таъкид намудем, ки ҳаёти шаҳрӣ дар Осиёи Миёна хеле барвақт оғоз ёфта буд ва бо бисёр кишварҳои дуру наздик робитаи тиҷоратӣ дошт, вале новобаста аз ин хоҷагии натуралӣ мисли давраи пешин мақоми асосиро соҳиб буд. Дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва даштии Осиёи Миёна ҳоло ҳунармандӣ пурра аз кишоварзӣ ҷудо нагардида буд. Ҳамзамон, муддати хеле тӯлонӣ сокинони муқимии Осиёи Миёна дар ҳамзистӣ ва робита бо қавму тоифаҳои кӯчманчӣ зиндагӣ мекарданд ва ин як хусусияти хоси рушди таърихии минтақа мебошад.

Ҳамзамон академик Б. Ғафуров таъкид менамояд, ки ҳама ноҳияҳои Осиёи Миёна баробар рушд наёфта буданд. Агар воҳаҳои Суғд, Хоразм, Бохтар (Тахористон), Фарғона ва Хуросон аз ҷиҳати иқтисодӣ ноҳияҳои пешқадам буданд, вале доманакӯҳи Помир, Бадахшон, минтақаи Кӯҳистон андаке қафомонда ва ноҳияҳои Ҳафтрӯд, назди Арал, соҳили Каспий ва ноҳияҳои Қазоқистони имрӯза гӯшаҳои хеле қафомондаи дурдаст ҳисоб мешуданд. Ноҳияҳои Чоч ва Истаравшан як навъ минтақаи миёнарав ё буферӣ буданд. Дар байни чорводорони даштҳо ва дар хоҷагиҳои маҳдуди кӯҳистон сохти авлодӣ муддати тӯлонӣ боқӣ монд.

Умуман, таҳлили боло нишон медиҳад, ки дар Осиёи Миёна муносибатҳои ғуломдорӣ ба мисли олами антиқа рушд наёфтанд. Дар Осиёи Миёна, ки оммаи асосии истеҳсолкунандаи он аҳли озоди ҷамоат буд, зиддиятҳои табақавӣ маҳз дар байни ашроф ва камбағалони озоди ҷамоат ҷой дошт. Тадриҷан дар ҳамин давра ба ҷои робитаҳои авлодӣ беш аз пеш робитаҳои маҳаллӣ мустаҳкам мешуданд, ҷамоатҳои деҳот ба иттифоқҳои ноҳиявӣ табдил мефтанд, оғози раванди ташаккули халқиятҳо ба назар мерасад.

# ФАСЛИ СЕЮМ
# ПАЙДОИШИ МУНОСИБАТҲОИ ФЕОДАЛӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА

*Фасли сеюми китоби «Тоҷикон», ки аз ду боб иборат аст, таърихи асрҳои IV-VII халқи тоҷик ва минтақаро дар бар мегирад. Академик Б. Ғафуров дар ин фасл доир ба пайдоиши муносибатҳои феодалӣ дар Осиёи Миёна, тоифа ва ҳалқиятҳои ориётабори минтақа дар асрҳои IV-VI милодӣ, ташкилёбии шоҳаншоҳии Сосониён, омадани Кидориён, Хиёниён ва Ҳайтолиён, ташкилёбии давлати Ҳайтолиён, масъалаҳои таърихи сиёсӣ ва этникӣ, Хоқонии турк ва нуфузи он дар Осиёи Миёна, муборизаи Сосониёну Ҳайтолиён ва Ҳайтолиёну Хоқонии турк, шӯришҳои мардумӣ, парокандагии сиёсӣ дар Осиёи Миёна, Тахористон ва Суғд дар асрҳои VI-VII, мулкҳои Уструшан ва Фарғона, ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии он дар заминаи сарчашмаҳои муътамад ва дастовардҳои илми таъриху бостоншиносии шуравию ҷаҳонӣ маълумоти муфассал манзур менамояд.*

## БОБИ ЯКУМ
## ТОИФАҲО ВА ХАЛҚИЯТҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРҲОИ IV-VI МИЛОДӢ

### 1. ТАЪРИХИ СИЁСӢ

#### Давлати Сосониён

Дар ин боб академик Б. Ғафуров оид ба тоифаҳо ва халқиятҳои асрҳои IV-VI Осиёи Миёна маълумот дода, баёни масъаларо аз таърихи сиёсӣ, аниқтараш ба сари қудрат омадани сулолаи Сосониён оғоз менамояд. Дар ибтидои асри III милодӣ дар натиҷаи ҷангҳои дурудароз бо римиҳо ва низову муборизаҳои дохилӣ давлати Ашкониён (Порт) завол ёфт. Зиддияти синфӣ тезутунд шуда, ашрофи Форс бо муғони зардуштӣ ҳамдастӣ карда, дар ин мубориза мақоми намоёнро соҳиб шуданд.

Дар аввали соли 220 милодӣ ҳукмрони вилояти Истахр Ардашери I Бобакони Сосонӣ ҳокими тамоми Форс гардид. Соли 224 Ардашери I лашкари охирин намояндаи Ашкониёнро шикаст

дода, ҳокимиятро ба даст гирифт ва давлате таъсис дод, ки дар тамоми сарзамини Эрон вусъат пайдо кард.

Давлати Сосониён зиёда аз 400 сол вуҷуд дошт. Давраи Сосониён бо чунин ҷиҳатҳо бештар ҷолиби диққат аст: аввалан, рушди босуръати муносибатҳои феодалӣ, тақрибан аз асри IV милодӣ; сониян баланд шудани мақоми ҳокимияти марказӣ бархилофи қувваҳои марказгурези волию ҳокимони алоҳидаи баъзе ноҳияҳо; сеюм, болорави таъсири муғони зардуштӣ, дини давлатӣ шудани оини зардуштӣ. Ба Ардашери I чунин ҳикматро нисбат медиҳанд: «Тахт پояи меҳроб асту меҳроб پояи тахт».

Дар аҳди писар ва вориси Ардашер Шопури I (242-272) Сосониён лашкари римиҳоро торумор карда, дар як муҳориба императори Рим кушта ва дар муҳорибаи дигар императори Рим асир афтод. Давлати Сосониён дар аҳди Шопури II (309-379) хеле қувват гирифта, дар шарқу ғарб дар чандин муҳорибаҳо ғолиб омад. Шоҳаншоҳ Яздигурди I (399-420) бошад кӯшид, ки ба насрониён такя карда, ҳуқуқи ашроф ва муғони зардуштиро маҳдуд намояд.

Давлати Сосониён дар аҳди Хусрави I Анӯшервон (531–579) ба авҷи иқтидори худ расид. Хусрави I ҳатто Ямани Арабистонро тасхир намуд ва чанд ислоҳоти ҳарбӣ низ гузаронд, ки онҳо муносибатҳои феодалиро мустаҳкам ва ба инкишофи минбаъдаи он мусоидат намуданд. Ислоҳоти андоз, ҳарбӣ ва маъмурии Хусрави I дорои аҳаммияти калон буд ва боиси пурқувватшавии ҳокимияти марказӣ гардид.

Давлати Сосониён дар миёнаҳои асри V ноҳияҳои Осиёи Миёнаро аз даст медиҳад ва ин минтақа ба дасти кӯчманчиён мегузарад. Вале каме баъдтар онҳо муваффақ мешаванд, ки ноҳияҳои Туркманистони Ҷанубии имрӯзаро аз нав ба тасарруфи худ дароранд. Давлати Сосониён соли 651 дар натиҷаи ҳуҷуми арабҳо аз байн рафт.

### Кидориён

Академик Б. Ғафуров дар баррасии масъалаи Кидориён ба маъхазҳои дасти аввал ба монанди солномаи Бэй-ши[70] ва дигар

[70] Бэй-ши (хитоӣ) – «Таърихи шимол» ё «Таърихи сулолаҳои шимолӣ», ки солҳои 386-581-ро фаро мегирад, муаллифаш Ли Ян-шоу мебошад.

муаллифон такя намуда, ба хулосае меояд, ки Кидориён тақрибан дар солҳои 412-437 Тахористон ва Қандаҳорро тасарруф карда буданд.

Дар маъхазҳои ғарб (Приски Понӣ[71]) гуфта мешавад, ки гуннҳое, ки онҳоро кидориён меноманд, соли 456 ва минбаъд зидди Сосониён мубориза бурдаанд, иловатан ӯ менависад, ки шоҳаншоҳи сосонӣ зидди гунну кидориён меҷангид.

Дар асоси маъхазҳои чинӣ академик Б. Ғафуров хулоса мебарорад, ки Кидориён хеши Кушониён ва ҳатто як ҷузъи Кушониён буданд, вале ҳамзамон баён медорад, ки ин иддаоро дигар маъхазҳо тасдиқ намекунанд. Масъалаи муносибати Кидориёни ба Ҳиндустон рафта ва он Кидориёне, ки ба қавли Приск, зидди Сосониён ҷангидаанд, равшан нест. Дар илми таърих чанд фарзия пешниҳод шудааст, ки мувофиқи яке аз онҳо Кидориёну Хиёниён қариб як тоифаанд ва азбаски Хиёниён ба ном тобеи шоҳи Кидориён буданд, бинобар ин онҳоро ҳам Кидориён меномиданд. Маълумоте ҳаст, ки Кидориён ҳанӯз соли 477 аз Гандҳара ба Хитой ҳайати сафорат фиристодаанд.

### Хиёниён

Роҷеъ ба баромади нажодии Хиёниён академик Б. Ғафуров дар асоси ақидаи И. Маркварт пешниҳод менамояд, ки Хиёниён бо Кушониён як мебошанд. Таърихи сиёсии Хиёниёнро баррасӣ карда, аллома менависад, ки соли 359 дар асоси муоҳада Хиёниён дар ҳайати лашкари Шопури II дар қарибии шаҳри Сурия – Умеда дар ҷанг иштирок доштаанд.

Дар охири солҳои 60-ум ва миёнаи солҳои 70-ум Шопури II ду бор бар зидди Кушониён, ки пойтахти онҳо Балх буд, лашкар кашидааст. Тафсилоти ин муҳорибаҳоро муаррихи арманӣ Фавст Бузанд[72] ба қалам додааст. Дар ин ҷо зери номи Кушониён – Кидориён, Хиёниён ё худ, эҳтимол, ҳар дуи онҳо дар назар дошта шудааст.

[71] Приски Понӣ (ба юнонӣ Πρίσκος Πανίτης) – муаррих, дипломат ва нависандаи охири давраи антиқӣ (асри V), муаллифи асари «Таърихи Рум ва фаъолияти Аттила дар ҳашт китоб».
[72] Фавст Бузанд ё Фавстос Бузанд (Фауст Византийский) – муаррихи армании асри IV, муаллифи «Таърихи Арманистон», иборат аз шаш китоб.

Бояд қайд кард, ки дар маъхазҳо Хиёниёну Кидориён байни худ омехта мешаванд. Аммо байни Хиёниёни ба минтақа нав омада ва Кушониёни аз қадим маълум алоқае ҳаст. Дар аҳди Яздигурди II (солҳои 438–457) зидди кӯчманчиёни шимол ҷанг идома дошт. Иштирокчӣ ва ҳамасри ин ҷанг муаррихи арман Егише Вардапет[73] хабар медиҳад, ки шоҳи Сосониён «ногаҳон ба кишвари Хиёниён тохт, ки онҳоро Кушониён ҳам мегӯянд ва ду сол ҳарб зад, вале натавонист онҳоро ба итоат дарорад». Хуллас, менависад, академик Б. Ғафуров, ду маъхазе, ки бо ҳам мутлақо вобаста нестанд, Хиёниёнро бо Кушониён алоқаманд кардаанд.

**Ҳайтолиён**

Оид ба масъалаи мазкур академик Б. Ғафуров менависад, ки дар як маъхази арманӣ, ки ба соли 450 нисбат дорад, «кишвари Ҳайтолиён» зикр шудааст. Давлати Ҳайтолиён дар солҳои 50-уми асри V ба дараҷае қувват гирифт, ки ба дигар мамлакатҳо, аз ҷумла соли 456 ба Хитой сафорат мефиристод.

Дар аҳди Пирӯз (солҳои 459–484) мубoризаи Сосониён бо Ҳайтолиён ба авҷи худ расид. Пирӯз зидди Ҳайтолиён се бор ҷангидааст. Дар набарди охирини зидди Ҳайтолиён Пирӯз ба хандақе, ки махсус дар сари роҳ канда шуда буд, афтиду кушта шуд. Ин воқеа на фақат дар сарчашмаҳои арабӣ, балки инчунин дар сарчашмаҳои суриёнӣ, византӣ ва арманӣ ҳам тасвир шудааст. Давлати Сосониён дар охирҳои асри V ба Ҳайтолиён боҷ медод.

Ҳайтолиён байни солҳои 467–470 ва 480 Суғдро ишғол карда, соли 479 ноҳияи Турфон, солҳои 490–497 Урумчӣ, байни солҳои 497 ва 509 Қарошарáро забт карданд.

Ҳайтолиён дар сарзамини густурдае давлат ба вуҷуд оварданд, ки қаламрави он аз қаламрави давлати Кушониён ҳам калонтар буд, аммо заифу ноустувор. Сарфи назар аз ин Ҳайтолиён дар таърих, хусусан дар этногенези халқҳои Хуросони Бузург ва Ҳиндустон нақши муҳим бозиданд.

---

[73] Егише Вардапет (410-475) – муаррихи арманӣ, муаллифи китоби «Доир ба Вардан ва ҷанги арманҳо», як бахши китоби ӯ «Муброизаи дини насронӣ бо таълимоти зардуштия дар асри панҷ дар Арманистон» ном дорад.

## 2. МАСЪАЛАҲОИ ТАЪРИХИ ЭТНИКӢ. МУБОРИЗАИ СИНФӢ

### Масъалаи пайдоиши Хиёниён ва Ҳайтолиён

Академик Б. Ғафуров дар ин бахши «Тоҷикон» назарияи нодурусти бархе аз муаллифони Ғарбро, ки «хиёниён, ки худ гунн ҳастанд» ё тамоми кӯчманчиёни Осиёи Миёна сарфи назар аз номи аслии онҳо, «гуннҳо» ё «гуннҳои сафед» мегуфтанд, бо далелҳои илмӣ рад кардааст.

Масалан, ӯ менависад, ки баъзе муҳаққиқони имрӯза Хиёниёнро бо «хиёаона» ном тоифае, ки дар «Авесто» зикр шудааст, алоқаманд мекунанд ва ҳатто бо номи сакоиёни теғахӯд алоқаманд мекунанд ва дар ҳамин асос ба хулосае меоянд, ки решаи нажодии онҳо ба яке аз қабилаҳои сакоӣ мерасанд.

Барои тақвияти фикри худ муаллифи «Тоҷикон» аз забони Аммиан Марселлин меорад, ки писари сарвари Хиёниён «ҷавоне буд хеле болотар ва зеботар аз ҳамсолони худ». Азбаски худи ҳамин муаллиф афти гуннҳоро «безеб» ва намуди онҳоро «бадҳайбату дилнокаш» гуфтааст, мо метавонем пайрави он муҳаққиқоне бошем, ки ин тавр мегӯянд – ин ҷавон аз Хиёниён аст ва модоме нависандаи Ғарб ҳусни ӯро таъриф карда бошад, пас вай ба гуннҳо қаробате надоштааст.

Хуллас, ҳаминро аниқ гуфтан мумкин, ки хиёниён, пеш аз ҳама, қабилаҳои эронитабори Осиёи Миёна буданд.

Дар бораи пайдоиш ва шароити этникии Ҳайтолиён академик Бобоҷон Ғафуров такя ба маълумоти маъхазҳои таърихӣ намуда, аз забони Прокопий Кесарский, ки Ҳайтолиёнро «гуннҳои сафед» номидааст, менависад, ки гарчанде Ҳайтолиён аз тоифаи гуннҳоянд, вале бо он гуннҳое, ки мо медонем, ҳеҷ иртиботу муносибате надоранд, зеро кишвари онҳо ҳамҳудуди гуннҳо намебошад ва онҳо дар қарибии гуннҳо сокин нестанд... онҳо мисли дигар тоифаи гуннҳо кӯчманчигӣ намекунанд ва аз даврахои қадим дар заминҳои ҳосилхез ба тарзи муқимӣ сукунат доранд. Дар байни тамоми гуннҳо онҳо ягона тоифае мебошанд, ки пӯсти баданашон сафед аст ва симои зебои дилкаш доранд ва мисли дигар гуннҳо ваҳшиёна зиндагӣ намекунанд ва дар итоати як подшоҳ мебошанд, давлати қонунӣ доранд ва дар муносибати байни худ ва ҳамсоягони худ беҳтар аз румиёну форсҳо адолатро риоя менамоянд.

Ба ҳамин тариқ, Прокопий Кесарский Ҳайтолиёнро аз гуннҳо аниқ ҷудо мекунад.

Дар сарчашмаҳои хитоӣ оид ба пайдоиши ҳайтолиён чандин ақида вуҷуд дорад ва байни онҳо мувофиқате нест. Маълумоти маъхазҳои хитоиро метавон чунин қисмат кард: а) Ҳайтолиён яке аз тоифаҳои йуҷиҳо; б) ҳайтолиён шохаи қабилаҳои гогюйҳои турк; в) Ҳайтолиён аз қабилаҳои чеши (Турфон); г) Ҳайтолиён авлоди Канғуй.

Олимони Аврупои Ғарбӣ асосан ақидаҳои гуногуни маъхазҳои хитоиро дар назар дошта, дар бораи нисбати нажодии Ҳайтолиён назарияҳои бисёре матраҳ кардаанд. Баъзеи онҳо Ҳайтолиёнро авлоди йуҷиҳо мегӯянд, ба ақидаи иддае Ҳайтолиён аз гуннҳо пайдо шуда будаанд, севумиҳо мегӯянд, ки Ҳайтолиён қабилаҳои қадимии турк ё муғул мебошанд; мувофиқи ақидае Ҳайтолиён аз тоифаи мардумони эронитаборанд. Ба қавли баъзе муҳаққиқон Ҳайтолиён Хиёниён нестанд, балки тамоман як тоифаи дигаранд, дигарон бошанд, мегӯянд, ки Ҳайтолиёну Хиёниён як тоифаанд ва худ Ҳайтолиён табақаи ҳукмрони Хиёниён мебошанд.

Дар сарчашмаҳои гуногун Ҳайтолиён, ғайр аз номи «гуннҳои сафед», боз номҳои бисёре доранд. Дар маъхазҳои суриёнӣ номи онҳо *абдол* ё *эпталит*, дар маъхазҳои юнонизабон *абдел* ё *эфталит*, дар маъхазҳои арманӣ *ҳаптал, идал* ва *тетал*; дар забони миёнаи форсӣ *ефтол* ва *ҳефтол*, дар забони арабӣ *ҳайтал* ва *яфтал*; дар забони форсии тоҷикӣ *ҳетал* ва *ҳайтал*, дар маъхазҳои хитоӣ *е-да* ва *е-диен* оварда шудааст. Ғайр аз ин бояд гуфт, ки дар маъхазҳои паҳлавию зардуштӣ онҳоро Хиёниён, дар ҳиндӣ хуно номидаанду маъхазҳои арабӣ онҳоро бо туркҳо ва маъхазҳои арманӣ бо Кушониён омехта кардаанд.

Тибқи ахбори А. Балъамӣ ҳайтал гуфта, дар Бухоро зӯрмардро гӯянд. Дар забони шарқиэронии Хутану сакоӣ калимаи ба ин монанд маънои «ҷасуру диловар»-ро дорад.

Аз хатти рӯйи сиккаҳои Ҳайтолиён муайян мешавад, ки онҳо худро хион мегуфтаанд, пас онҳо яке аз шохаҳои Хиёниён будаанд. Аз рӯи хатти тангаҳо маълум шуд, ки забони расмии онҳо бохтарӣ буда, дар рӯи сиккаҳо, бешак, унвонҳои бохтарӣ сабт гардидаанд.

Инчунин дар масъалаи ба ду тақсим будани Ҳайтолиён низ таваққуф кардан лозим: сафедхиёниён ва сурххиёниён. Ба ақидаи шореҳи «Баҳман-Яшт», номи сурххиёниён аз сурх будани кулоҳ,

зиреҳу ҷавшан ва дирафши онҳо бармеояд. Дар маъхазҳои ҳиндӣ ҳам, ба сурх (ё худ тира) хуноён ва сафедхуноён ишорат ҳаст (дар маъхазҳои ҳиндӣ хуно ин номи Ҳайтолиён аст).

Академик Б. Ғафуров доир ба масъалаи мазкур ба хулосае меояд, ки дақиқ маълум нест, ки онҳо ду тоифа буданду дар як иттиҳоди қабила дохил мешуданд ё худ дар дохили як қабилаи том як навъ табақае буданд, ки аз ҷиҳати этноантропологӣ фарқ доштанд. Ҷолиби диққат аст, ки дар суратҳои рӯи девори Афросиёб, омадани ҳайати сафорат тасвир шудаасту ду сафир, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати ранги рӯи худ фарқ мекунанд, яке «сурхрӯй», дигаре «сафедрӯй» ва мумкин аст ин суратро далели мавҷудияти «сурххиёниён» ва «сафедхиёниён» ҳисоб кунем.

Ҳуруфоти Ҳайтолиён идомаи бевоситаи ҳуруфоти кушонӣ (бохтарӣ) буда, вале нисбат ба ҳуруфоти Кушониён андак моилтар навишта мешавад. Аммо аз ин осори ниҳоят кам боқӣ мондааст. Баъзе забоншиносон забони он матнҳоро сакоӣ ва баъзеи дигар бохтарӣ мегӯянд. Забони Ҳайтолиён забони шарқиэронӣ буд.

Дар масъалаи сарзамини пайдоиши Ҳайтолиён муҳаққиқон, гоҳ ин ва гоҳ он маълумоти маъхазҳои хитоиро ба эътибор гирифта, онро гоҳ дар Олтой, гоҳ дар Туркистони Шарқӣ ва гоҳ дар ягон мавзеи дигар ҷой медиҳанд. Назарияи аз Бадахшон будани Ҳайтолиён наву тоза аст. А.Н.Бернштам ба ду маркази пайдоиши онҳо ба мавзеи миёна ва поёни Сирдарё, аз як тараф ва аз тарафи дигар, ба болооби ҳавзаи Амударё ишорат кардааст.

Нисбат ба масъалаи этникии Ҳайтолиён мавриди зикр аст, ки онҳо дар асоси қабилаҳои шарқиэронии Осиёи Миёна ба вуҷуд омада буданд.

### Ҷамъияти ҳайтолиён

Роҷеъ ба ҷамъияти Ҳайтолиён академик Б. Ғафуров дар аососи ахбори Прокопий Кесарский менависад, ки Ҳайтолиён аз қадим муқимӣ буда, «ба як подшоҳ итоат мекунанд» ва «давлати қонунӣ» доранд. Менандр аз номи ҳайати сафорати туркҳо ривоят мекунад, ки Ҳайтолиён «мардумони шаҳрианд»; ба қавли вай туркҳо Ҳайтолиёнро шикаст дода, ҳокими шаҳрҳои онҳо шудаанд. Ба ҳамин тариқ, муаллифони Ғарб, эҳтимол, барои ҳамин Ҳайтолиёнро мардумони шаҳрӣ мегуфтаанд, ки онҳо соҳиби

шаҳрҳо буданд ва аъёну ашрофи онҳо дар шаҳрҳо маскун мешуданд.

Ҷамъияти Ҳайтолиён аз ҷиҳати молу мулк равшану аниқ тақсим шуда буд. Аз рӯи маъхазҳо маълум мешавад, ки ҷамъияти Ҳайтолиён ҷамъияти табақотӣ буда, аз ҷиҳати молу мулк ба табақаҳо тақсим мегардид.

Мувофиқи хабари маъхазҳо Ҳайтолиён худои оташро мепарастидаанд. Ҳар саҳар онҳо аз хаймаи худ баромада, намоз мехондаанд. Эҳтимол, онҳо офтобро ҳам парастиш мекарданд. Вале дар ҷамъияти Ҳайтолиён дину ойини халқҳое, ки онҳоро мутеъ менамудаанд, масалан, дини буддоӣ, тадриҷан густариш меёфт. Мадраке ҳаст, ки дар байни Ҳайтолиён дини насронӣ ҳам маъмул будааст.

## Неҳзати Маздак

Ҳаракати Маздак яке аз таълимоти нахустини иҷтимоӣ дар ҷаҳон эътироф шуда, дар «Тоҷикон» низ он инъикоси худро ёфтааст. Аз ҷумла, муаллифи он қайд менамояд, ки дар давраи ҳукмронии шоҳаншоҳ Кайқубод бар зидди муносибатҳои феодалӣ неҳзати мардумӣ бо сарварии Маздак сар мезанад. Асосгузори он Зардушт ибни Хурроӣ ном шахсе буда, Маздак шогирд ва пайрави ӯ будааст.

Таълимоти маздакия ташвиқ мекард, ки ҳама одамон ҳуқуқи баробар доранд ва нобаробарии иҷтимоиро барҳам додан лозим аст. Маздак ва пайравони вай тарғиб мекардаанд, ки худо неъмати оламро барои ҳамин офарид, ки мардум онро байни худ аз рӯи инсоф тақсим кунанд, вале мардум дар ин кор ноинсофӣ карданд.

Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» аз номи Маздак гуфтааст:

*Ҳамегуфт: ҳар к-ӯ тавонгар бувад,*
*Тиҳидаст бо ӯ баробар бувад.*
*Набояд, ки бошад касе барфузуд,*
*Тавонгар бувад тору дарвеш пуд.*
*Ҷаҳон рост бояд, ки бошад ба чиз,*
*Фузунӣ ҳаром асту нохуб низ.*

Аммо, Табарӣ менависад, ки мардуми авом аз ин фурсат истифода карда, ба Маздак ва пайравонаш ҳамроҳ шуд ва бо онҳо

ваҳдат намуд, Берунӣ бошад таъкид менамояд, ки «мардуми мутааддид пайрави ӯ шуданд».

Тарғиби Маздак муваффақияти чашмгире пайдо кард. Неҳзати маздакиён дар пойтахти Эрон боиси он шуд, ки бисёрии сарватмандон ба кишварҳои ҳамсоя фирор карданд.

Кайқубод аз тарси ҷон ва бо роҳи суст кардани мавқеи ҳокимони маҳаллӣ ва аъёну ашроф ҳокимияти марказиро пурқувват карданӣ шуда, худро пайрави таълимоти Маздак эълон намуд. Ӯ барои ҳамин зидди неҳзати маздакиён набаромад, ки умед дошт, онро ба роҳи барояш муфид равона мекунад, яъне дар муборизаи зидди аъёну ашроф ва рӯҳониён, ки бо онҳо якҷоя буданд, воситае пайдо кунанд.

Аъёну ашроф соли 496 Кайқубодро аз тахт сарнагун карда, ба зиндон андохтанд ва ба тахт бародари ӯро шинонданд, ки мақсаду мароми аъёну ашрофро ба амал барорад. Вале ба Кайқубод муяссар шуд, ки аз зиндон фирор намояд ва соли 499 Кайқубоди I боз ҳокимияташро барқарор намуда, аъёну ашрофро, ки зидди вай буданд, ҷазои сахт диҳад.

Дар солҳои 528 ва 529 Кайқубод аввал Маздак, баъд роҳбарони неҳзатро ба қатл расонд. Дар саросари мамлакат куштори ваҳшиёнаи маздакиён оғоз шуд.

Таълимоти Маздак ба табақаҳои нодори ҷамъият таъсири бузург расонд ва дар Осиёи Миёна низ густариш ёфт. Баъди шикасти неҳзат Хисрави Анӯшервон (солҳои 531-579), ки душмани ашаддии ин таълимот буд, ислоҳот гузаронда, муносибатҳои феодалиро хеле мустаҳкам кард.

# БОБИ ДУЮМ
# ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР АСРИ VI – ИБТИДОИ АСРИ VIII

## 1. ВОҚЕАҲОИ АСОСИИ ТАЪРИХИ СИЁСӢ. МУБОРИЗАИ СИНФӢ

### Хоқонии турк ва нуфузи ҳокимияти он дар Осиёи Миёна

Дар боби дуюми ин фасли асари худ академик Б. Ғафуров оид ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Осиёи Миёна дар асри VI – ибтидои асри VIII сухан мекунад. Яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи сиёсии давраи мазкур воридшавии туркҳо ба минтақа мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки дар асри VI хеле дур аз ҳудуди Осиёи Миёна дар Олтой зери унвони «Хоқонии турк» (солҳои 551-744) иттиҳоди давлатие пайдо шуд, ки баъдан дар таърихи Осиёи Миёна нақш бозид.

Ҳокими туркҳо Бумон нахуст теле ном қабилаеро мутеъ сохта, қувват гирифта, баъд зидди иттиҳоди қабилаҳои жожҳо, ки то ин дам бар туркҳо ҳукмронӣ мекарданд, ба ҷанг даромад ва дар Муғулистону Олтой давлати нерумандро таъсис дод. Соли 555 туркҳо ба соҳилҳои баҳри Арал расиданд. Дастаҳои пешгарди лашкари туркҳо ба сарҳади Эрон ва дар ғарб то соҳилҳои баҳри Сиёҳ омаданд. Империяи кӯчманчиёни турк аз Корея то соҳилҳои баҳри Сиёҳ масоҳати азимеро фаро гирифт. Аммо дар хоқонат ҷангҳои байниҳамдигарӣ авҷ гирифтанд ва дар ибтидои асри VII (солҳои 600–603) хоқонӣ ба ду қисм – ба Хоқонии Шарқӣ ва ба Хоқонии Ғарбӣ тақсим шуд, ки Осиёи Миёна дар ҳайати Хоқонии Ғарбӣ монд.

Соли 744 арабҳо ҳукмронии сиёсии туркҳоро дар Осиёи Миёна аз байн бурданд.

### Туркҳо ва Ҳайтолиён

Академик Б. Ғафуров дар бораи муносиботи туркҳо бо Ҳайтолиён низ назари худро пешниҳод намуда, менависад, ки замоне туркҳо ба Осиёи Миёна сар даровարданд, Ҳайтолиён дар байни ду рақиб – Хоқонати турк ва Сосониён монданд. Давлати Сосониён маҳз дар ҳамин давра, яъне дар аҳди Хусрави

Анӯшервон (солҳои 531–579) комилан ташаккул ёфта, иқтидори он хеле афзуд ва ба Ҳайтолиён дигар боҷ ҳам намедод.

Шоҳаншоҳи Сосонӣ Хусрави Анӯшервон бо туркҳо гуфтушунид менамуд. Мақсад аз он таъсиси иттифоқе буд, ки мебоист давлати Ҳайтолиёнро барҳам медод. Ин воқеаҳоро Ҳаким Фирдавсӣ чунин тасвир менамояд:

*Зи Балху зи Шукнону Омӯю Зам,*
*Силеҳу сипаҳ хосту ганҷу дирам.*
*Зи Хатлону аз Тирмизу Висагирд,*
*Зи ҳар сӯ сипаҳ андаровард гирд.*

Бо ҳамин туркҳо Ҳайтолиёнро дар байни солҳои 663 ва 567 шикаст доданд ва давлати Ҳайтолиён мавҷудияти худро қатъ кард. Ҷануби Осиёи Миёна дар ҳайати Сосониён ва ноҳияҳои шимолӣ дар ихтиёри туркҳо қарор гирифт. Байни онҳо сарҳади муайян набуд ва баъзе маҳалҳои мобайнӣ маҷбур мешуданд, ки якбора ба ду тараф боҷ диҳанд.

## Низои туркҳо ва Сосониён.
## Иқтисодиёт ва сиёсат

Дар ин зербоб академик Б. Ғафуров оид ба низои Хоқонати турк ва шоҳаншоҳии Сосониён, масъалаҳои иқтисодӣ ва сиёсии он замон сухан меронад. Масалан, ӯ менависад, ки баъди барҳам додани давлати Ҳайтолиён байни ин иттиҳод низоъ бархест, ки сабаби он на хусусияти сиёсӣ, балки зиддияти манфиатҳои иқтисодии тарафҳо буд. Сабаби асосӣ назорати Роҳи абрешим ва тиҷорат, хусусан савдои абрешиму шоҳӣ буд.

Суғдиён, ки худ шоҳибофӣ мекарданду бо абрешимфурӯшон бевосита робита доштанд, дар барори савдои Осиёи Миёнаву Византия беш аз ҳама манфиатдор буданд. Роҳи асосии тиҷорат аз Эрон мегузашт. Барои ҳалли масъала туркҳо ба Эрон сафоратро бо сардории Монияҳ фиристонданд, ки ҳеҷ коре карда натавонист. Шоҳи Сосонӣ баён дошт, ки ба Эрон омадани туркҳо мувофиқи мақсад нест, бинобар ҳамин тамоми пешниҳоди ҳайати сафоратро рад кард.

Хоқон ба назди шоҳи Сосонӣ боз сафорате фиристод ва ба ҳайати он фақат туркҳоро дохил кард. Аз тамоми ҳайати сафорат фақат якчанд нафар баргашт, боқӣ дар Эрон заҳр дода кушта шуданд. Ҳамаи ин муносибати туркҳо ва Эронро тезутунд кард.

Ба ин сабаб ҳукумати хоқон хост, ки бо рақиби Сосониён – империяи Византия робитаи сиёсӣ барқарор кунад. Сардори ҳайати сафорате, ки бояд ба Византия мерафт, боз Монияҳ таъин шуд. Сафорат қад-қади соҳили шимолии баҳри Хазар ба Византия омада, муоҳидаи ҳарбие баст, ки муқобили Сосониён буд.

Соли 588 туркҳо бо сардории Совашоҳ ба ҳудуди давлати Сосониён ҳуҷум оварданд. Зидди онҳо сарлашкари Сосониён Баҳроми Чӯбина баромада, дар муҳорибае туркҳоро шикаст дод. Гарчанде Сосониён дар чандин муҳорибаҳо ғолиб омада бошанд ҳам, туркҳо дере нагузашта аз он ҷойҳо дастаҳои лашкари форсҳоро дур ронданд.

## Муносибати хоқони турк ва ҳокимони маҳаллӣ. Синтези Осиёи Миёнаву турк

Дар қисмати мазкур академик Б. Ғафуров дар бораи муносибатҳои ҳокимони туркҳо бо маъмурияти маҳаллӣ сухан мекунад. Сиёсати туркҳо, ки Осиёи Миёнаро ишғол карда буданд, дар ибтидо аз сиёсати Ҳайтолиён фарқе надошт, яъне онҳо ба ҳокимони маҳаллӣ андоз муқаррар карда, сулолаҳои ҳокимро боқӣ монданд ва қоидаву қонунҳое, ки дар ин ё он маҳал вуҷуд доштанд, тағйир наёфтанд. Вале тадриҷан вазъият дигар мешавад. Туркҳо дар Осиёи Миёна тартиби идораи маъмуриро аз худ намуда, ба ҳокимони фаъоли Осиёи Миёна табдил меёфтанд. Аъёну ашрофи турк беш аз пеш дар ҳокимияти маъмурӣ худро мустаҳкам намуда, соли 605 волии ноҳияи Чочро кушта, ба ҷои вай Дола ном туркро шинонданд.

Дар аҳди Туншаху ном хоқон, ки дар хоқонии ғарбии турк ҳукмронӣ мекард, соли 618 ислоҳоте эълон гардид, ки мувофиқи он хоқони мазкур тамоми ҳокимони маҳаллиро волиёни худ хонда, ба ҳамаи онҳо унвонҳои лозимро дод. Туркҳо ба воҳаҳо сар дароварда, қисми онҳо муқимӣ шуда, қисми онҳо шуғли чорводорӣ пеша карданд.

## Неҳзати Абрӯӣ

Неҳзати Абрӯйиро дар «Тоҷикон» муаллиф асосан дар асоси ривояти Наршахӣ овардааст, ки роҷеъ ба таърихи бунёди шаҳри Бухоро сухан рафтааст. Бино ба ахбори ин маъхаз чун мардум зиёд

шуд, якеро амир таъин карданд, ки номи ӯ Абрӯй буд ва ҳанӯз ин шаҳр набуд. Тибқи ахбори Наршахӣ Абрӯй рӯз то рӯз тавоно шуда, роҳи зулмро пеш гирифт ва мардум аз ҷабр ба ҳар тараф рафтанд, аз ҷумла маҷбур мешаванд, ки деҳқонони Бухоро ба назди подшоҳи турк раванд, ки номи ӯ Қаро Ҷурин буд. Ва онро аз ҷиҳати бузургӣ «Биёғу» лақаб дода буданд. Онҳо аз Биёғу дод хостанд. Биёғу писари худ, ки Шери Кишвар ном дошт, ба лашкари азим ба он ҷониб фиристод. Чун Шери Кишвар ба Бухоро омад, Абруйро дар Байканд бигрифту дар ҷуволи бузурге андохт, то бимурд. Ба Шер Бухоро хуш омад. Ба наздики падар номае фиристод ва ин вилоятро талабид ва дастуре хост то ба Бухоро бошад. Аз Биёғу ҷавоб омад, ки «он вилоятро ба ту бахшидам». Шери Кишвар кас фиристод ба Ҳамукат то он мардумонро, ки аз Бухоро фирорӣ шуда буданд, бо занону фарзандон боз ба Бухоро оварданд. Қавми гурехта боз ба Бухоро омаданд ва дар миёни онҳо деҳқони бузурге буд, ки ӯро Бухорхудот номиданд. Дар оянда ҳокимони Бухоро бо ин ном ёд мешуданд ва ин силсила дар Бухоро то омадани арабҳо ҳукмрон буд.

## 2. ТАХОРИСТОН ДАР АСРИ VI –ИБТИДОИ АСРИ VIII

### Маълумоти сарчашмаҳо дар бораи вазъияти Тахористон дар асри VI – ибтидои асри VIII

Дар ин бахши «Тоҷикон» дар ибтидо муаллиф роҷеъ ба топонимикаи «Тахористон» сухан ронда, зикр кардааст, ки номи он бори аввал дар як асари тарҷумавии соли 383 зикр мешавад. Маъхазҳои хитоӣ бошад ин мамлакатро «Тухоло» номидаанд. Тахористон аз ҷиҳати масоҳат ба Бохтари Қадим шабоҳат дошт.

Доир ба таърихи сиёсии Тахористон Сон Юн ном сайёҳи чинӣ, ки соли 519 ба Вахон омада буд, маълумот дода, менависад, ки сарулибоси мардум ниҳоят базебу шинам ва аксари он аз чарм мебошанд.

Сон Юн дар бораи кишвари Ҳайтолиён менависад, ки ин сарзамини обод асту аз пеши ҳар як хона ҷӯйборе гузашта, тамоми сарзаминро шодоб менамояд. Либоси мардуми одӣ аз пӯст аст, вале дороён либосҳои ҷолиб дӯхта, мепӯшанд. Солномаи Оли

Суйшу, ки ба ибтидои асри VII марбут аст, низ оид ба Тахористон ривоят мекунад.

Сайёҳи асри VII Союан-сзан дар бораи бисёр мулкҳои Тахористон хабар медиҳад. Ба қавли ӯ дар Вахон андак гандуму лӯбиё мекоранд. Либоси мардум пашмӣ будааст.

Дар тасвири Шуғнон гуфта мешавад, ки дар ин ҷо гандум, лӯбиё ва ҳатто камтар шолӣ мекоранд. Либоси шуғнониён аз чарм ва пашм будааст. Хатти ин ҷо ба хати тахориён монанд бошад ҳам, вале забони шуғнониён аз онҳо фарқ доштааст. Сюан-сзан пойтахти Тахористон По-хо (Балх) ва дигар ноҳияҳоеро, ки дар соҳили чапи Тахористон ҷой доштанд тасвир мекунад.

Мувофиқи мадраки таърихи Тан – маъхази нимаи дувуми асри VII ва аввали асри VIII тахориён ҳамроҳи Ҳайтолиён зиндагӣ мекарданд ва ҳаёти муқимӣ ба сар мебурданд.

Хой Чао ном дарвеши буддоӣ, ки соли 726 ба Осиёи Миёна омада будааст, дар бораи Тахористон маълумот медиҳад, ки мамлакатро арабҳо забт намуданд. Подшоҳ аз онҳо гурехта, дар Бадахшон паноҳ бурдааст. Забони мардум аз забони дигар мамлакатҳо фарқи калон дорад. Барои сарулибос пашмина ва газворҳои пахтагиро истифода мебаранд. Дар ин сарзамин шумораи шутуру гӯсфанд, хачиру асп ва масоҳати пахтазору токзор зиёд аст. Хӯроки маъмули мардум аз хамир мебошад. Мардон сару ришу мӯйлаби худро метарошанд, занон баръакс, мӯйҳои дароз доранд.

Дар Хатлон як қисми мардум ба забони тахорӣ, қисми дигар ба туркӣ ва боз як қисм ба шеваи маҳаллӣ сухан мекарданд. Дар Хатлон мардум ба чорводорӣ, зироаткорию боғдорӣ машғул буда, сарулибоси мардум аз газвори пашмину пахтагин буда, бисёриҳо пӯстин мепӯшанд. Сару рӯйи мардон тарошида, занон кокулдароз мебошанд.

Дар Вахон подшоҳ заиф асту ба арабҳо дастнигар ва ҳар сол ба онҳо боҷ медиҳад. Забони мардум аз забони мардуми ноҳияҳои ҳамсоя фарқ дорад. Фақат нони танӯрӣ ва хӯроки хамирӣ мехӯранд.

Сайёҳ инчунин дар бораи Шуғнон хабар медиҳад, ки малики Шуғнон ба шоҳи Вахон тобеъ аст. Иқлими мамлакат бениҳоят хунук буда, аҳолӣ ба зироаткорию чорводорӣ ва боғпарварӣ шуғл дорад.

Шоҳ ва аъёну ашроф либосҳои пахтагин доранд, пӯстин мепӯшанд; мардуми одӣ аз пӯст либос медӯзанд ва гоҳо чакман мепӯшанд. Забони онҳо аз забони мардуми атроф фарқ дорад. Дар Шуғнон ойини буддоӣ расм нест.

**Таърихи сиёсӣ**

Дар ин бахш академик Б. Ғафуров қайд менамояд, ки таърихи мулкҳои он давраи ҳайати Тахористонро маъхазҳо беандоза мухтасар баён мекунанд.

Яке аз мулкҳои пуриқтидори Тахористон Хатлон буда, дар ин минтақа, ба ҳар ҳол дар ҳудуди асрҳои VII–VIII, хонадони маҳаллие ҳукм меронд ва яке аз намояндагони он шоҳи Хатлон буд, ки номашро Табарӣ ас-Сабол гуфтааст. Шояд ин шакли арабишудаи ҳамон номи туркиест, ки дар дигар маъхазҳо Шаболо омадааст. Хой Чао, ки дар аҳди ас-Сабол ба Осиёи Миёна сафар карда буд, менависад, ки шоҳи Хатлон аслан аз туркҳо буд. Ас-Сабол аз охири асри VII то ибтидои солҳои 30-юми асри VIII Хатлонро идора мекард. Маъхазҳои араб ӯро малик меноманд.

Шояд, вай аслан турк ё туркшуда бошад ҳам, намояндагони он унвони эронӣ – «Хатлоншоҳ» ё «Шери Хатлон»-ро доштанд, дар маъхазҳои арабӣ онҳо одатан малик номида мешаванд ва мутеи ҳокимони умумитахористонӣ буданд. Маъхазҳои аввали асри VIII хабар медиҳанд, ки подшоҳи Хатлон 50 ҳазор лашкар гирд оварда метавонад.

Наметавон гуфт, ки Тахористон умуман давлати мутамарказ буд, зеро дар сари ҳар як мулк ё ҳоким ё малике менишаст ва аниқтараш Тахористонро иттиҳоди давлатҳои қариб соҳибихтиёр номидан дурусттар мебуд. Аз дараҷаи соҳибихтиёрии онҳо ҳамин низ шаҳодат медиҳад, ки онҳо ҳам ба мамлакатҳои ҳамсоя ва ҳам ба мамлакатҳои дуртарин ҳайати сафорат мефиристоданд.

Дар бораи сохти дохилии ин давлатҳо ягон маълумот нест. Дар қиёси Суғд тахмин кардан мумкин, ки дар Тахористон ҳам идораи мукаммали маъмурӣ вуҷуд дошт. Масалан, дар катибаи суғдии Афросиёб унвони сафири Чағониён «дабирпат» (дабири котибон) навишта шудааст.

## Обёрӣ. Хоҷагии қишлоқ

Дар ин зербоб оид ба шабакаҳои обёрӣ ва хоҷагии деҳоти Тахористон маълумот дода шудааст. Академик Б. Ғафуров менависад, ки мувофиқи ахбори маъхазҳои хаттӣ ва бостоншиносӣ мардуми Тахористон машғули зироаткорӣ ва чорводорӣ буда, дар водиҳо шабакаи мукаммали обёрӣ буда, зироати лалмиро низ парвариш мекарданд. Ҳафриёти бостоншиносӣ имкон доданд тасаввур шавад, ки дар таҳияи шабакаи обёрӣ чӣ қадар меҳнати зиёд сарф мешудааст.

Бостоншинос Т.И.Зеймал чор канали магистралии дар даврахои қадим ва асрҳои миёна кофташударо, ки аз Вахш об мегирифтанд, кашф намуд. Яке аз ин каналҳо канали Кофир буд, ки боқимондаи ин канал дар соҳили чапи Вахш, 2,5 км ғарбтари шаҳраки ҳозираи Леваканд (собиқ Калининобод) дарёфт шуд. Масофаи ин канал хеле тӯлонӣ буда, аз Вахш оғоз меёфт ва аз он ҷо таг-таги теппаҳои канории водӣ то ба ҷануб тоб мехӯрд. Қад – қади канал то имрӯз зиёда аз 16 осори бостонӣ пайдо гардид, ки калонтарини онҳо димнаи Чоргултеппа, андаке дуртар аз он дайри буддоии Аҷинатеппа маҳсуб меёбанд. Баландии девораҳои канал 1,5-2 м, бари маҷроаш то 6 м, дар баъзе мавзеъ баландии дарғот то 8 м, бари таҳкурсии он то 50 м ва бари маҷрои канал 13-15 м буд. Ин канал ба ҷануб ҷорӣ шуда, замини бисёр маҳалҳоро шодоб менамуду то ба атрофи ноҳияи Қумсангир (ҳоло Ҷайҳун) мерасид ва ба ҳамин тариқ, қисми асосии водии Вахшро бурида мегузашт.

Ду хусусияти канали мазкурро метавон махсус таъкид намуд: якум, канал аз ҷойҳои болотари доманаи теппаҳо мегузашт ва нисбат ба сатҳи водӣ баландтар меистоду имкон медод, ки оби канал бо ҷӯйборҳо ба тарафи дилхоҳи худаш ҷорӣ шавад ва, дуюм муҳандисони қадим роҳи каналро чунон муайян кардаанд, ки баъди чандин аср бо истифода аз техникаи муосир дар замони шӯравӣ қариб дар ҳамин маҷро канали нав сохта шуд.

Киштукор бо асбобу афзори ниҳоят одӣ анҷом дода мешуд. Заминро бо омочи позадор меронданд, дигар аслиҳаи зироаткорӣ белу каланд буд. Гандумро дар дастос ва ҳованҳо орд мекарданд.

Аҳолӣ дар даштҳо ғалла ва лӯбиё мекориданд. Махсус таъкид карда мешавад, ки сифати пахтаи ин ҷо хеле хуб аст. Дар ин сарзамин токзор бисёр буд, як миқдор шолӣ ҳам корида мешуд.

Мадракоти бостоншиносӣ маълумоти маъхазҳои хаттиро тасдиқ менамоянд. Бисёр будани ҳовану дастос далолат мекунад, ки вазни қиёсии кишти ғалла хеле зиёд буд. Дар натиҷаи ҳафриёт донаҳои гандум, арзан, мош, донакҳои шафтолу, зардолу, олу, ангур, тухми харбуза, тарбуз, пӯстлохи чормағз, писта, бодом ва ғӯза ба даст омадаст.

Аспҳои Тахористон хеле машҳур буда, чанд зоти асп парвариш карда мешуд. Ғайр аз асп шутур, гову гӯсфанд ва бузҳо ҳам парвариш мешуданд, ки ахбори зиёди сарчашмаҳо оид ба сару либоси пашмӣ ва қолинҳои пашмӣ далели ин аст.

## Ҳунармандӣ ва тиҷорат

Дар ин бахши «Тоҷикон» академик Б. Ғафуров оид ба ҳунармандӣ ва тиҷорат дар Тахористон сухан ронда, зикр менамояд, ки дар минтақаи мазкур истихроҷи маъдан ва сангҳои қиматбаҳо хеле ривоҷ ёфта буд. Аз рӯи хабари сайёҳон дар ин сарзамин сангҳои қиматбаҳо, пеш аз ҳама, лаъли машҳури Бадахшон, инчунин лоҷуворд ва дигар хел сангҳои нимақиматбаҳо ва қиматбаҳо истихроҷ мешуданд. Инчунин намак ҳҳам истеҳсол мегардид ва аз намаксанг низ баъзе асбобу анҷом месохтанд ва тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар маслаки халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла, Ҳайтолиён намак, чун як чизи рамзӣ эътибори баланд дошт.

Дар ин сарзамин аз тилло сар карда, то оҳан маъдани гуногун истихроҷ мешуд. Дар он айём дар ҳунармандӣ силоҳсозӣ мақоми муҳим дошт ва истеҳсоли он хеле равнақу ривоҷ ёфта буд. Аз маъхазҳои хаттӣ воқиф мешавем, ки дар асрҳои V–VII аҳли Тахористон бо камон, найза, жӯпин, гурз ва шамшер мусаллаҳ будаанд. Пайкари сарбозонро зиреҳи баландсифати бофта муҳофизат мекардааст.

Дар маишати аъёну ашроф ҷому қадаҳҳои тиллоию нуқра бисёр истифода мешуд. Шакли ин ҷому қадаҳҳо бағоят нафису нозук буда, баъзеи онҳо пояи дарозу борики пурнақшу нигори серпечутоб ё таги суфтаву сайқалии хурде доштанд ва танаи худи он ҷому қадаҳҳо пур аз раххои амудӣ мебошад, лаби онҳоро бошад, ҳошияву лаблӯлаҳои мудаввар зинат медод. Шакли баъзеи онҳо ниҳоят мураккаб мешуду нақшҳои кандакории зиёде дошт.

Дар гардани одамоне, ки дар рӯи девори Балаликтеппа тасвир шудаанд, шаддаҳое менамоянд, ки аз тангаҳо таркиб ёфтаанд, дар дасти онҳо дастпона ва дар ангуштон ангуштаринҳо ба назар мерасанд. Дар гӯши одамони рӯи сурати девори Балаликтеппа ва дар гӯши аъёну ашрофи Аҷинатеппа гӯшвораҳои мураккаб ҳаст. Заргарони Тахористон дар нимаи дувуми асри VII «аз ақиқи сӯхта ё аз корнелиан ба шакли дарахт ду қандил сохтаанд, ки баландии ҳар яки онҳо қариб 1 м буд».

Дар Тахористон шишагарӣ низ хеле равнақ дошт, ки маҳз шишагарони Осиёи Миёна ба чиниҳо тайёр кардани шишаи рангаро омӯзонида буданд. Масалан, солномаи чинӣ хабар медиҳад, ки соли 424 аз кишвари йуҷиҳои кабир, яъне аз Тахористон ба Чин тоҷирону ҳунармандон омаданд. Онҳо гуфтанд, ки «аз санг шиша сохта метавонанд ва барои ин аз кӯҳ маъдан оварданд ва дар пойтахт онро гудохтанд. Баъди гудохтани он маъдан шишае пайдо шуд, ки аз шишаи мамлакатҳои ғарб хеле беҳтар буд». Дар солномаи хитоӣ навиштаанд, ки хитоиён санъати шишагариро аз устоёни Осиёи Миёна омӯхтанд ва «шишае, ки онҳо тайёр карданд, рахшону шаффоф буд, бинандаро дар ҳайрат мегузошт ва ҳама онро худоофарид мегуфтанд».

Ҳунари бофандагӣ ҳам ба дараҷаи камолот расида буд. Маъхазҳои хаттӣ газворҳои пашмию пахтагӣ ва сарулибоси аъёну ашрофро зикр кардаанд, ки хеле мураккаб дӯхта мешуданд. Аз Хатлон шоҳии хушсифати гуногунранг меовардаанд. Дастгоҳҳои бофандагӣ низ буданд, ки ба воситаи онҳо газворҳои пашмину пахтагин мебофтанд. Дар Балаликтеппа (наздикии Тирмизи имрӯза) се хел матоъ - газвори пашмини рах-рах (раххои зарду сурх), газвори пашмини гулдор (гулаш кабуди тагаш зард) ва газвори шоҳӣ (ранги кабуд ё сабз) ёфт шуд, ки бе ягон шак онҳо дар худи Тахористон истеҳсол карда мешуданд. Ҳамзамон бозёфтҳои бостоншиносӣ далолат мекунанд, ки кирмакдорӣ ва шоҳибофӣ дар ибтидои асрҳои миёна дар Осиёи Миёна хеле ривоҷ ёфта буд.

Аз рӯи суратҳои девори Балаликтеппа аён аст, ки ашрофзодагони тахорӣ сару либоси бодабдабаи гуногунранги хушдӯхт мепӯшиданд. Гули матоъ, ки бағоят кам такрор мешавад, баъзан тамоми вусъати матоъро фаро мегирад. Дар байни ин гулҳо гулҳои муқаррарии ҳандасӣ, гулҳои наботӣ (себаргаву

сербарга) ва ғайра ҳастанд. Баъзан тамоми рӯи матоъро тасвири рамзии моҳӣ, шохи оҳу ва ғайра пӯшидааст. Ҷолиб ин аст, ки сарулибоси хизматгорони дар ин ҷо тасвирёфта аз матои якранги бегул дӯхта шудааст.

Ҳамин тавр, ҳунари бофандагӣ ба авҷи тараққиёт расида, беҳтарин намунаҳои маҳсулоти он ба дараҷаи асари ҳақиқии ҳунар расида буд ва зиёда аз ин, дар ҳунари дӯзандагӣ ҳам комёбиҳои беназир ба назар мерасанд.

Аз дигар касбҳо, пеш аз ҳама, кулолиро метавон ном бурд, ки сафололоти зиёде истеҳсол карда мешуд. Инчунин дигар касбҳо – чармгарӣ, дуредгарӣ, устухонтарошӣ, дорусозӣ ва ғайра низ рушд ёфта буданд.

Аз вусъати бениҳояти тиҷорат ҳамин чиз шаҳодат медиҳад, ки тоҷирони тахорӣ ба кишварҳои дуртарин рафтуомад мекарданд. Аз Хатлони Тахористон аспҳои хушзот, аз Бадахшон сангҳои қиматбаҳо ва навъҳои дору ҳам ба фӯрӯш мерафт. Аз Тахористон навъҳои гуногуни доруворӣ, ба мисли ҳаббҳое буданд, ки дар намуди ин ё он мева аз маъҷунҳои гуногун тайёр карда мешуданд, инчунин гиёҳҳои доруӣ ва малҳамҳое ба фурӯш мерафтанд, ки ба назари аҷнабиён «аҷоиб» менамуданд. Доруворие бо номи «*citragandha*» бисёр ба фурӯш мерафт, ки аз чанд моддаи хушбӯй тайёр карда мешуд. Мубодилаи тиҷории байни Тахористон ва дигар мулкҳои Осиёи Миёна низ хеле равнақ ёфта буд.

### Бинокорӣ. Меъморӣ

Масъалаи дигаре, ки академик Б. Ғафуров ба он таваҷҷуҳ намудааст, ин сатҳи рушди бинокорию меъморӣ дар Тахористон мебошад. Дар қаламрави Тахористон бостоншиносон дар бисёр шаҳрҳо, қасрҳои деҳқонон[74] ва ибодатгоҳҳо ҳафриёт гузаронида, дар Тирмиз, қасрҳои Балаликтеппа, Зангтеппа, димнаи Кофирқалъа бозёфтҳо ба даст омаданд.

Кофирқалъа дар ибтидои асрҳои миёна маркази водии Вахш буда, ин димнаи чоркунҷа, ки дар ноҳияи Колхозобод (ҳозира ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ) мебошад, иборат аз шаҳристонест, ки пур аз дунгию пуштаҳо мебошад ва дар таги онҳо харобаи

---

[74] Деҳқон – дар аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёна соҳиби заминҳои зиёд ва ашроф.

иморатҳо ниҳон аст. Осори суратҳои рӯи девор ва нақшҳои рӯи сафол кашф гардидаанд.

Шаҳри дигар димнаи Қалъаи Кофарниҳон мебошад, ки дар 80 км ҷанубу ғарбии шаҳри Душанбе ва 0,8 км шимолтари деҳаи Эсамбой воқеъ гардидааст. Димна аз ду қисм иборат аст. Як қисми он аркест, ки аз манзилгоҳҳо бо хандақ ҷудо мебошад. Тарҳи худи манзилгоҳ чоркунҷаи тӯлонӣ буда, дар ҷануб танг шуда меравад. Ба туфайли ҳафриёт дар қисми ҷанубии шаҳристон маҷмуаи калони иморатҳои бошукӯҳ кашф шудааст. Ин қалъа дар давраи Кушониён сохта шуда, дар ҳамон давраҳо яке аз марказҳои калони Кушониён буда, дар аввалҳои асрҳои миёна ҳам вуҷуд доштааст.

Намунаи дигари ёдгории меъмории Тахористон Балаликтеппа мебошад. Дар қатори хонаҳои ташрифот инчунин хонаҳои истиқоматӣ, ошхонаҳо ва ғайра кашф гардиданд, ки нодиртарин бозёфт - катибаи буддоии рӯи пӯсти дарахт дастрас гардид. Дар наздикии Балаликтеппа димна ва қасри Зангтеппа, ки атрофашро девори мустаҳкаме иҳота мекард, ёфт шуд.

Намунаи иморати ибодат Аҷинатеппа ном маъбади буддоист, ки дар асрҳои VII ва аввали VIII сохта шуда, дар водии Вахш 12 км шарқтари Қурғонтеппа (ҳозира Бохтар) ҷой дорад. Дар долонҳо, дар тоқчаҳо ҳайкалҳои калони Буддо ёфт шуда, девору шифти хонаҳо ҳам аз расмҳои Буддо ва суратҳои дар мавзӯи дини буддоӣ кашидашуда зиёд аст. Дар яке аз долонҳо дар болои суфае Буддои хуфтаи дувоздаҳметра ёфт шуд, ки дар ҳолати нирвана мебошад.

Шумораи зиёди ҳайкалҳои Буддо ва суратҳои бисёри он, худи сохти маъбад равшану возеҳ исбот мекунад, ки Аҷинатеппа дайри буддоист ва мувофиқи тамоми маҷмӯи мадракот, аз ҷумла, маълумоти тангаҳо, ба асри VII ва аввали асри VIII нисбат дорад. Ёдгорӣ аз ду қисм «дайр» ва «маъбад» иборат аст

Ҳам иморати Қалъаи Кофарниҳон ва ҳам маъбади буддоии Кофирқалъа тарҳи муайяни мутамарказ доранд ва ин ҳолат чунин ақидаро рад мекунад, ки гӯё иморатҳои динии тоисломӣ ин гуна тарҳ надоштаанд. Қалъаи Кофарниҳон ва Кофирқалъа ин даъворо бори дигар тасдиқ карданд, ки тамоми ҷузъиёти сохти меъмории мақбараҳои давраи исломии Осиёи Миёна - ҳам композитсияи меъмории он, ҳам сохту услуби он, ҳам зинату ороиши он дар давраҳои тоисломӣ ташаккул ёфта буданд. Тарҳи зоҳиран доирашакл ва дохилан чоркунҷаи мақбараҳо гӯё бо василаҳои

меъморӣ тасаввуроти ҳиндуэронии аз чор унсур иборат будани оламро таҷассум менамоянд.

## Санъати тасвирӣ

Дар бахши мазкур академик Б. Ғафуров роҷеъ ба санъати тасвирии Тахористон маълумот дода, зикр менамояд, ки санъати рассомӣ дар ёдгориҳои Балаликтеппа, Аҷинатеппа ва Қалъаи Кофарниҳон муфассал инъикос шудааст. Масалан, дар яке аз хонаҳои чоркунҷаи Балаликтеппа дар сатҳи девори кабудранги сиёҳча як силсила расмҳо кашида шудаанд. Расм тасвири зиёфатест, ки дар он занону мардон иштирок доранд ва онҳо дар рӯи қолинчаҳо нишастаанд ё якпаҳлӯ дароз кашидаанд. Ҳар як шахси дар расм тасвиршуда ба тарафи шахси дар паҳлӯяш нишаста андак тоб хӯрда нигоҳ мекунад. Дар паси нишастагон хизматгорон менамоянд, ки онҳо нисбат ба нишастагон қариб ду баробар хурдтар кашида шудаанд. Ин расм тасвири зиёфати муқаррарии аъёну ашроф аст ва ин гуна зиёфатҳо дар байни ашрофи он давра хеле маъмул буд. Тасвирҳои Балаликтеппа хеле моҳирона анҷом дода шудааст. Рангубори равшану гӯёи расм пур аз нишоту тараби зиндагӣ мебошад. Дар расм баъзе унсурҳои шартӣ низ ба назар мерасанд, масалан, рӯ ба кадом тараф будани нишастагон бо ҳамдигар кам мувофиқат дорад, дар ваҷоҳати нишастагон аломати феълу хӯи онҳо дида намешавад, симои онҳо ягон эҳсосеро ифода наменамояд. Дар расм ҷиҳатҳои умқӣ ва ҳаҷмии манзара инъикос наёфтааст. Дар айни замон ҳар як ҷузъиёти сарулибос, ҳар як асбобу анҷоми нишастагон хеле боҳавсала, аниқу дақиқ кашида шудааст.

Кашфиёти Балаликтеппа ба таври баҳснопазир нишон дод, ки равияҳои эҷодии шарқиэронӣ аст. Маҳз санъати Балаликтеппа қадимтарин намунаи санъати тасвирии Осиёи Миёна мебошад. Сабку услубе, ки дар ҳунари Балаликтеппа ташаккул ёфт, дар ҳунари Панҷакент, Варахша ва дигар осори асри VII ва миёнаи асри VIII минбаъд ба камол расид.

Тасвирҳои Аҷинатеппаро аз рӯи сужа ба се тақсим кардан мумкин аст: тасвирҳои Буддо ва ниёгони вай, ашхоси дунявӣ ва нақшу нигор.

Дар Қалъаи Кофарниҳон расму суратҳо кашф гардида, дар як расм сурати ду зан ҳаст, ки яке дар даст гул ва дигаре шамъи

шамшодӣ дорад. Либоси онҳо аз куртаи дароз ва ҷомаи пешкушоде иборат аст, ки то пошнаи пои онҳо мерасад. Баъди занҳо расми хурди марде менамояд, ки дар камар шоф дорад ва дузону нишастааст. Дар пеши ин мард расми марди дигар ба назар мерасад, ки рост истодааст ва зоҳиран ба габр мемонаду як китф ва дасташ луч мебошад. Ин мард ба дасти росташ шохчаи хамидаи гулеро ба сари синааш зер карда истодааст. Пеш аз ин мард боз расми хурди ду марди дигар ҳаст, ки рӯбарӯи ҳамдигар нишастаанд ва яке аз онҳо дар даст ҷоми тилло дорад.

Ёдгории Қалъаи Кофарниҳон маҳз мардумони маҳаллии тахористонӣ, сарулибоси онҳо, чизу чораи онҳоро инъикос менамояд. Ин чиз ҳам аз аҳаммият холӣ нест, ки сурати хушобурангу назаррабои Қалъаи Кофарниҳон бо санъату маҳорати олидараҷаи бадеӣ кашида шудааст. Услубан ин сурат ба силсилаи суратҳои аҷоибу беамсоли Балаликтеппа андаке шабоҳат дорад, вале айнан мисли онҳо нестанд. Шояд сабаб ҳамин бошад, ки тасвирҳои Қалъаи Кофарниҳон хеле баъдтар эҷод шудаанд, бинобар ин дар байни ҳунари Балаликтеппа ва Аҷинатеппа мақоми алоҳидаи мобайниро ишғол мекунад.

**Ҳайкалтарошӣ, кандакории чӯб ва дигар намудҳои санъат**

Масъалаи дигаре, ки дар «Тоҷикон» зикр шудааст, ин равнақи ҳайкалтарошӣ, кандакории чӯб ва дигар намудҳои ҳунар мебошад. Дар Аҷинатеппа як силсила муҷассамаҳои буддоӣ ба даст омаданд. Тамоми ҳайкалҳои буддоӣ аз гил буда, аз дарун қафасаи чӯбин надоранд. Қисмҳои калони ҳайкал аз гил сохта шуда, ҷузъиёти он бо қолаб тайёр карда мешуд. Сари ҳайкалҳои андозаашон хурд ва миёна бо қолаб сохта, аз нӯги по то фарқи сари ҳайкалҳо ранг дода мешуд. Сарулибоси Буддоро сурх, дасту пояшро сафед ва мӯяшро кабуд ё сиёҳ мекарданд.

Калонтарин ҳайкали ин маҷмӯа ҳайкали Буддо дар ҳолати нирвана аст. Ба андозаи ҳайкал ҳамин далолат мекунад, ки дарозии кафи пои он 1,7–1,9 м мебошад. Худи ҳайкал аслан 12 м будааст[75].

---

[75] Ҳайкали Буддо ҳоло дар Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши

Ҳайкалҳои Қалъаи Кофарниҳон ҳам хеле мароқангез мебошанд. Беҳтарини онҳо аз ҷиҳати нафосат, ҳатто аз ҳайкалҳои Аҷинатеппа болотар буда, яке аз хусусиятҳои ин ҳайкалҳо ҳамин аст, ки онҳо рангоранг мебошанд.

Дар Балаликтеппа ва дар Ҷумалактеппа (вилояти Сурхондарё) чӯбҳои кандакорӣ боқӣ мондаанд. Дар онҳо гулбаргҳои зебое тасвир шудаанд. Ғайр аз ин қисмҳои арақаи аҷоибе ёфт шуд, ки онро як навъи махсуси нақш ба равоқҳои ҷудогона тақсим кардааст ва дар мобайни ҳар як равоқи пурнақши гулбарг сурати аз миён болои одам тасвир ёфтааст.

Дар Қалъаи Кофарниҳон низ чӯби кандакоришуда ба даст омадааст. Инчунин зиёда аз панҷоҳ пораҳои лавҳаҳои кандакоришудаи чӯбин ва қисмҳои чӯбини иморат ёфт шуданд, ки муҳимтарини он пораҳо лавҳаи чӯбини кандакории думетра аст. Дар ин лавҳа ду товус тасвир шудааст, ки рӯ ба ҳамдигар думҳои худро бо шукӯҳи тамом ҷилва дода, рафта истодаанд ва дар минқори худ гул доранд. Нақши маъмули дигар лавҳаҳо расми пурпечутоби навдаи ток, расми хӯшаҳои ангур, барги ток ва печакҳои навдаи ток мебошад.

Дар Тахористон инчунин ҳунари рақс ва мусиқӣ ривоҷ ёфта буд. Шикастапораҳои асбобҳои мусиқӣ – косаи чӯбини тор, дастаи ғижжак ва ғайра аз Балаликтеппа ёфт шуданд.

**Дин**

Дар зербоби мазкур академик Б. Ғафуров оид ба масъалаҳои эътиқод, дин ва расму русуми мардуми Тахористон баҳс менамояд. Аз ҷумла оварда шудааст, ки мардуми Тахористон дар асрҳои V–VII чанд динро мепарастиданд, аммо аксарияти аҳолӣ мисли давраҳои қадим зардуштӣ буданд. Аз ҷониби бостоншиносон низ оташдони муқаддас ёфт шудааст.

Дини дигар буддоӣ буд, ки ҳафриёти Аҷинатеппа ва Кофирқалъа ин ахбори маъхазҳои хаттиро пурра тасдиқ кард. Дар Зангтеппа -катибаҳои буддоии рӯи пӯсти дарахт ёфт шудаанд. Ин катибаҳо бо хати марказиосиёгии браҳмӣ навишта шуда, забонаш санскрити омехта мебошад. Ин катиба чандин маҷмӯаи матнҳои

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва нусхаи ба асл баробари он дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба намоиш гузошта шудааст.

буддоӣ буда, яке аз онҳо «Виная» мебошад ва он қоидаву қонунҳои рафтору кирдори роҳибону роҳибаҳо ва дигар эътиқодмандони қаторист, ки пайрави дини буддоӣ шудаанд. Боқимондаҳои ин гуна дастнависҳо аз Кофирқалъа ҳам ёфт шудааст.

Ҳамаи ин маълумот далолат мекунад, ки дар Тахористон дини буддоӣ хеле интишор дошт. Дигар ойине, ки дар Осиёи Миёна ва аз ҷумла, дар Тахористон реша давонда буд, дини монавия мебошад. Дар ибтидои асри VIII қароргоҳи пешвои ин мазҳаб дар Тахористон буд. Насрония, аниқтараш, тариқати несторианин он низ дар Осиёи Миёна пайравони зиёд дошт.

Умуман, дар асри VI ва ибтидои асри VIII дар Тахористон чандин дин баробар вуҷуд дошт ва ҳар яки он барои ба худ ҷалб намудани мардум мубориза мебурд, ба ҳамдигар таъсир мерасонд ва аксар вақт бо ҳамдигар омезиш меёфтанд.

## 3. СУҒД ДАР АСРҲОИ VI-VII

### Тавсифоти умумӣ

Дар ин қисмати «Тоҷикон» оид ба топонимика ва ҷуғрофиёи таърихии Суғд маълумот дода мешавад. Академик Б. Ғафуров менависад, ки номи «Суғд» дар маъхазҳои гуногунзабон дар муддати мадид дучор мешавад. Муҳаққиқи машҳур В. Томашек тахмине пеш ниҳод, ки калимаи *«сугд»* аз калимаи умумиэроние бармеояд ва маънояш *«рахшидан», «дурахшидан»* ва *«сӯхтан»* аст. Дар фарҳангҳои тоҷикию форсӣ калимаи мазкур тамоман дигар хел шарҳ дода мешавад: «шибарзамин, ё худ пастие, ки дар он ҷо об кӯл мешавад». Дар забони ҳозираи тоҷик «суғд» гуфта ҷоеро мегӯянд, ки шибарзамину ботлоқ, ҷои киштбоби шодоб бошад, вале, ин тафсир баъдтар пайдо шудааст.

Аз маъхазҳо мо воқиф мешавем,- таъкид менамояд академик Б. Ғафуров, ки Суғд ба ду маъно: ба маънои танг ва ба маънои васеъ истифода мешуд. Суғд ба маънои васеъ тамоми водии Зарафшон (баъзан ноҳияҳои болотарини онро истисно мекарданд) ва водии Қашқадарё мебошад. Дар айни ҳол, тасаввуроте низ маъмул буд, ки Суғд танҳо ноҳияи Самарқанд мебошад.

Муаррихони асрҳои миёна дар бораи «Суғди Самарқанд» бисёр сухан рондаанд. Инчунин «Суғди Бухоро» ном мафҳуме ҳам буд.

### Сюан-сзан ва Хой Чао дар бораи Суғд

Дар ин зербахши «Тоҷикон» академик Б. Ғафуров ахбори сайёҳони чинӣ Сюан-сзан[76] ва Хой Чаоро[77] роҷеъ ба Суғд таҳлил намудааст. Масалан, Сюан-сзан менависад, ки Самокиён ё Самосзан (Самарқанд) – мулкест, ки аз шарқ ба ғарб тӯл кашидааст. Дар ин мулк аз дигар мамлакатҳои хориҷа молу сарвати ниҳоят пурқимат ворид мегардад. Заминаш ҳосилхез асту ҳосили фаровон медиҳад. Долу дарахт нағз месабзад, гулу мева ниҳоят зиёд аст. Дар ин кишвар аспҳои хушзот ҳастанд. Мардуми ин кишвар нисбат ба мардуми кишварҳои дигар дар санъату ҳунар ва тиҷорат пешқадам мебошанд. Иқлимаш нарму муътадил аст. Аҳолӣ серғайрату пухтакор, нотарсу далер мебошад. Ин кишвар дар мобайни кишварҳои «барбарӣ» ҷой гирифтааст. Тамоми халқҳои ҳамсоя дар хушахлоқӣ ва накӯкорӣ аз суғдиён ибрат мегиранд. Подшоҳ каси ҷасуру бебок аст ва ҳама ноҳияҳои атроф ба вай итоат доранд. Дар ихтиёри шоҳ лашкари сершумор, аз ҷумла, сарбозони савора ҳаст.

Сюан-сзан аз мулкҳои Мимокия ё Мимохэ (Маймурғ), Сзебудан (Кабудон), Сюйшуаннисзя (Кушония), Бухэ (Бухоро), Сзешуанна (Кеш) ёдовар шуда, Хой Чао (соли 726) бошад «кишвари Ху»-ро тасвир намуда, ба ҳайати он Ан (Бухоро), Сао (Иштихон), Ши (Кеш), Ши-ло - Ми (Маймурғ) ва Кан (Самарқанд)-ро дохил кардааст. Хой Чао Суғдро тобеи арабҳо тасвир намуда, зикр менамояд, ки ин ҷо шутур, хачир, гӯсфанд ва асп парвариш карда, пахта мекоранд. Либоси мардум пахтагин аст, шалвор ва ҷомаҳои онҳо бошад пашмин мебошад. Мардон

---

[76] Сюан-сзан (602-664) – рӯҳонии буддоии хитоӣ, олим, файласуф, сайёҳ, тарҷумони дарбори сулолаи Тан, ки 17 сол дар Ҳиндустон таълимоти буддоиро омӯхтааст. Ҳамчун сайёҳ ҳангоми сафар ба мулкҳои ғарбӣ аз кишварҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Тошканд,Самарқанд, Термиз, Балх низ дидан намудааст.

[77] Хой Чао (700-780) – рӯҳонии буддоӣ, сайёҳ, дар Куриё таваллуд шуда, солҳои 723-729 ба сайёҳати Ҳиндустон баромада, сипас ба Хитой баргаштааст. Доир ба кишварҳои Осиёи Миёна пас аз Сюан-сзан маълумоти муфассал медиҳад.

дастори сафед мебанданд ва ришу мӯйсари худро тоза метарошанд. Забони онҳо аз забони мардуми кишварҳои ҳамсоя фарқ дорад. Дар шаш мулк дини зардуштиро мепарастанд, дини Буддо расм нест, фақат дар Самарқанд як дайри буддоӣ ҳасту он як роҳиб дорад.

## Таърихи сиёсӣ

Академик Б. Ғафуров оид ба таърихи сиёсии Суғд сухан карда, менависад, ки дар ибтидои асри VII, мувофиқи хабари солномаи таърихӣ дар Суғди Самарқанд хонадони маҳаллие ҳукмрон буд, ки ба ниёгони йуҷӣ нисбат дошт, ё худро аз йуҷиҳо медонист.

Дар он давраҳо ба Суғди Самарқанд Маймурғ, Иштихон ва Кушония, сарҳадди шарқии воҳаи Бухоро, Насаф барин ҳашт мулк тобеъ буданд. Қариб тамоми мулкҳои водии Зарафшон (ғайр аз қисми ғарбии он) ва инчунин водии Қашқадарё (Насаф) дар зери тасарруфи малики Суғди Самарқанд буд. Амалан маълум нест, ки ин иттиҳод кай ба вуҷуд омад, чӣ хусусият дошт ва дараҷаи итоати мулкҳои алоҳида ба ҳукумати марказӣ чӣ гуна буд.

Ба гумон аст, ки ҳайат ва ҳудуди ҷуғрофии ин иттиҳод бетағйир монда бошад. Эҳтимол, дар ин ё он давраи мавҷудияти вай воҳаи Бухоро, ё худ қисми зиёди онро дар бар мегирифт. Инро аз чунин хабари Масъудӣ фаҳмидан мумкин, ки девори атрофи воҳаи Бухороро дар қадим яке аз подшоҳони Суғд сохта будааст.

Дарсиккаҳо унвони ҳокимони тамоми Суғд – *ихшид* зикр шудааст. Дар баробари подшоҳи умумии Суғд маликҳои маҳаллӣ ҳам вуҷуд доштанд. Малики Кеш, ки тобеи Самарқанд буд, *«ихрид»* ном унвони меросӣ дошт. Яъне дар баробари мулкҳои калон мулкҳои хурд ҳам бисёр буданду баъзеи онҳо сикка ҳам зарб мезад.

Дар маъхазҳои хитоӣ мулки Бухоро *Ан, Нэуми,* инчунин *Бухо (Pou-ho)* номида мешуд ва унвони малики он *чжаоу* буд. Насаби маликҳои Бухоро ва Самарқанд як буд. Бо маълумоти маъхазҳои хитоӣ Оли Бухоро «аз насл ба насл бист пушт ҳукмронӣ мекунад», яъне чанд аср ҳукмронӣ кардааст. Тибқи катибаҳои рӯи тангаҳо ба суғдӣ *«шоҳ Асвар»* навишта шудааст, ки онҳо ба асрҳои IV-V нисбат дошта, номи шоҳ эронист ва маънояш «аспсавор» аст.

Яке аз мулкҳои мустақил ва муҳимми Суғд Панҷакент буд, ки он замон мулки Панҷ мегуфтанд. Ба ҳайати он дар ибтидои асри VIII ғайр аз худи Панҷакент болооби Зарафшон ҳам дохил мешуд. Мувофиқи ҳуҷҷатҳои суғдии Кӯҳи Муғ Моҳиён (ба маънои «Маҳтобӣ»), Паргор (яъне «Замини болои кӯҳ» - Фалғари ҳозира), Кштут (Киштути ҳозира), Мартушкат (Мастчоҳи ҳозира) ба он дохил мешуданд. Бисёр аз деҳаҳои болооби Зарафшон то ҳол бо номи пештараи худ, ба мисли Мадм ва Қум, Заровадк (ҳоло Зеробод), Эскотар («Замини болоӣ», ҳоло Искодар), Хшиканд (ҳоло Хушекат), Варз («Баланд», Варзи Манор), Курут, Фатмив (ҳоло Фатмев), Пахут (Похути ҳозира), Эртмаут (Фалмоути ҳозира), Шавкат («Шаҳри сиёҳ», Шватки ҳозира) боқӣ мондаанд. Водии Яғноб ҳам ба мулки Панҷакент дохил мешуд. Аз афти кор, дигар ноҳияҳои Пэтаман (Бутамони асри миёна), яъне дар ин маврид ноҳияҳои кӯҳҳои Ҳисор ва Зарафшон ҳам ба мулки Панҷакент тобеъ буданд. Аз ҷумла,дар ҳуҷҷатҳои Муғ деҳаи ҳозираи Анзоб низ зикр ёфтааст.

Муҳаққиқон муайян намуданд, ки мулки Панҷро оли маҳаллие идора мекард ва дар чоряки якуми асри VIII дар давраи ҳамлаи арабҳо мақоми ин мулк бо роҳбарии ҳокими он Диваштак (Деваштич) хеле боло меравад. Баробари мулкҳои калон баъзе мулкҳои хурд дар Суғд нуфузи баланд доштанд ва ҳатто танга сикка мезаданд.

Вилоятҳои Суғд бо дигар вилоятҳои Осиёи Миёна робитаҳои дипломатӣ дошта, ҳайати сафорат мефиристоданд ва аз дигар вилоятҳо ҳайати сафорат қабул мекарданд. Дар деворнигораи Афросиёб омадани яке аз чунин ҳайатҳои сафорат ва маросими дар Самарқанд қабул шудани онҳо инъикос ёфтааст. Ба забони суғдӣ дар поёни ин деворнигора навишта шудааст: «Вақте шоҳ Вархуман (зодаи) Унаш назди вай (яъне сафир) омад ва (сафир) лаб кушод: «Манам дапирпати[78] Чағониён, номам Бӯкарзод. Аз шоҳи Чағониён Тӯронтош омадам, ба Самарқанд назди шоҳ барои изҳори ҳурмат ва инак, пеши шоҳ истодаам бо эҳтиром».

Аз бойгонии суғдии Муғ маълум мешавад, ки мулки Панҷ бо бисёр вилоятҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла бо Чоч, Истаравшан,

[78] Дапирпат – сардори дабирон

Фарғона муносибати дипломатӣ дошт. Инчунин дар бораи алоқаи байналмилалии Суғд низ ҳуҷҷатҳои ин бойгонӣ маълумот медиҳанд.

### Обёрӣ. Хоҷагии қишлоқ

Дар ин бахши асари Бобоҷон Ғафуров роҷеъ ба шабакаҳои обёрӣ ва хоҷагии деҳоти Суғд маълумот дода мешавад. Масалан, қайд карда шудааст, ки вилояти Самарқанд ба дараҷае ободу шодоб, ба дараҷае сердолу дарахти пуру фаровонҳосил буд, ки аввалин волиёни араб онро «равзату-л-амир ал-муъминин», яъне «боғи халифа» номида буданд.

Ҳафриёти бостоншиносӣ се канали асосии обёрии заминҳои атрофи Самарқандро ёфтанд, ки хеле пеш аз истилои арабҳо сохта шуда, аз маҳалли Варағсар («Сари дарғот») оғоз меёфтанд. Канали Норпай ҳудуди Кушония ва Шопурком воҳаи Бухороро шодоб менамуд.

Зироат дар Суғд асосан обӣ буд, вале ин он маъноро надорад, ки зироати лалмӣ набуд, баръакс, заминҳои лалмӣ ҳам кор фармуда мешуданд. Иқлими минтақа нарм, барои кишти ҳамагуна ғалла мувофиқ буда, мардум дар боғдорӣ ва обчакорӣ моҳир буданд. Ҳуҷҷатҳои қалъаи Муғ шаҳодат медиҳанд, ки дар ноҳияи Зарафшони Боло зироати асосӣ ғалла ва ангур будааст. Дар баробари токзорҳо бисёр боғҳо ҳам буданд.

Дар солномаҳои таърихӣ маълумоти зиёде ҳаст, ки дар Суғди Самарқанд шароби ангур бисёр буд. Хабар дода мешавад, ки дар ҳавлиҳои бойҳо захираҳои зиёди он солҳо нигоҳ дошта мешуд. Дар Панҷакент чархуште ёфт шуд, ки барои истеҳсоли шароб истифода мегардид. Дар ҳуҷҷатҳои суғдии Муғ унвони «боғбон» зикр ёфтааст, аз Суғди Самарқанд шафтолуе меоварданд, ки аҷнабиёнро дар ҳайрат мегузоштааст, зеро «ҳар яки он мисли тухми мурғобӣ калон буду ранги онҳо тиллоӣ метофт ва онро «заршафтолу меномиданд».

Дар Суғд чорводорӣ низ равнақ дошта, аспҳои хушзоти Самарқанд ба аспҳои Фарғона монанд буданд. Аз ҷумла, солҳои 624, 724, 726, 727, 744, 750 аз Самарқанд, Бухоро, Кеш ва Маймурғ ба Хитой барои фурӯш галаи аспҳои хушзоти суғдиро бурда буданд. Гӯсфандони Самарқанд, ки дунбаи бениҳоят калон

доштанд, дар мамолики гирду атроф маълум буданд. Дар Суғд кирмакпарварӣ низ равнақ ёфта буд.

### Ҳунармандӣ ва тиҷорат

Дар бахши мазкури «Тоҷикон» оид ба ҳунармандӣ ва тиҷорати суғдиён маълумот дода мешавад. Дар кӯҳҳои Суғд маъдани тилло, мис ва навшодир истихроҷ мешуд. Аз Самарқанд, Маймурғ, Кеш ба дарбори дигар мамлакатҳо чун инъом сангҳои қиматбаҳо ва ашёи аз сангҳои қиматбаҳо сохташуда мебурданд.

Ҳунари оҳангарӣ, хусусан дар Панҷакенти Қадим рушд ёфта буд. Оҳангарон аслиҳа, белу табару дос ва масолеҳи бинокорию дуредгарӣ - мех, кашак, тиргак, ҳалқа ва ғайраро истеҳсол мекарданд. Ашёи оҳанини рӯзгор: кордҳои гуногуни оҳанӣ, сагаки оҳанию биринҷии тасмаҳо, пулакчаҳои гуногун, қайчӣ, калид, шамъдонҳои гуногуни биринҷию оҳанӣ, ҷиҳози зебу зинат ва ғайраро ном бурдан мумкин аст.

Зиреҳу ҷавшани суғдиён дар шарқу ғарб маъруф буд. Соли 718 суғдиён чун тухфа ба Хитой зиреҳ оварданд. Силоҳсозони Хитой дар асоси ҳамин зиреҳи суғдиён зиреҳсозиро ёд гирифтанд ва дере нагузашта дар лашкари хитоиён чунин зиреҳҳо пайдо шуданд.

Дар расмҳои рӯи девор бисёр ашёи заргарӣ: табақҳо, қадаҳҳо, ҷомҳо ва ғайра тасвир шудаанд. Ба туфайли ҳафриёт бисёр ашёи заргарӣ: гӯшвораҳои тиллоии оличанови ақиқсанги фирӯзачашми марвориднигин, ангуштаринҳои нигинашон аз сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо ва шаддаҳои мухталифи рангинкамони рахшону пурнур ёфт шуданд, ки мисли шабнами саҳарии рӯи барги гул партав меафканад.

Дар Суғд ҳунари бофандагӣ хеле ривоҷ ёфта буд. Ба ин бозёфтҳои бостоншиносӣ ва хабарҳои маъхазҳои хаттӣ далел аст. Дар Қалъаи Муғ қариб 150 намунаи матоъ ёфт шуд. Бофти тамоми матоъҳои пахтагин одии муқаррарии катонӣ буд, ки барои тайёр шудани онҳо дастгоҳҳои махсусро истифода мекарданд. Яке аз қисмҳои дастгоҳи бофандагӣ - шонаи он аз Қалъаи Муғ ёфт шудааст.

Дар расмҳои рӯидеворӣи Панҷакенти Қадим матоъҳое тасвир шудаанд, ки нақши онҳо аз суратҳои шерфил ва парранда иборат

буда, гирдогирди онҳоро шаддаҳои марворид гирифтааст. Либоси ашхоси суратҳои Афросиёб ҳам аз газворҳои пурнақшу нигор дӯхта шудааст.

Суғдиён чармгариро нағз медонистанд. Ғайр аз ин, ҳунарҳои устухонтарошӣ, наҷҷорию дуредгарӣ, кулолӣ ва ғайра хеле тараққӣ карда буд.

Ривоҷи ҳунармандӣ боиси равнақи ҳам савдои дохилӣ ва ҳам савдои хориҷӣ гардид. Тибқи ахбори маъхазҳо суғдиён дар тиҷорат моҳир буда, таълими писарон аз панҷсолагӣ сар шуда, аввал савод меомӯхтанд, баъди ба синни балоғат расидан ба онҳо тиҷоратро ёд медоданд. Ҷавонони 20-сола барои тиҷорат ба мамлакатҳои хориҷа мерафтанд. Бисёр молҳои суғдӣ, аз сангҳои қиматбаҳову ашёи он сар карда, то матоъ ва газворҳои ҷолиб ба хориҷи мамлакат фурӯхта мешуданд.

Савдои хориҷӣ бо роҳҳои бисёр ба мамлакатҳои Шарқ ва Ғарб, сокинони даштҳои шимол бурда мешуд. Робитаҳои тиҷоратии Осиёи Миёна ва Византия, ки хеле равнақ доштанд, ба воситаи Эрон ва қисми асосии он ба воситаи Кавкази Шимолӣ анҷом меёфтанд. Ба Суғд аз Византия шоҳӣ меоварданд ва дар ин ҷо аз рӯи намунаҳои он шоҳиҳои аҷоиб мебофтанд ва боз ба ғарб бурда мефурӯхтанд. Тибқи «роҳи абрешимӣ»-и Кавкази Шимолӣ на фақат шоҳиворӣ, балки бисёр дигар молҳо кашонда мешуд. Дар ин бобат табақи византӣ, ки аз атрофи Кун-гур ёфт шуд, ҷолиб мебошад, дар он мӯҳри устои византӣ ва бо хатти суғдии бухороӣ номи шоҳи Бухоро канда шудааст. Бисёр молҳои суғдӣ - аз сангҳои қиматбаҳову ашёи он сар карда, то матову газворҳои аҷоиб ба Осиёи Марказӣ ва ба Хитой бурда фурӯхта мешуд.

Хуллас, ҳаҷми савдои берунӣ хеле калон буд. Дар баробари он савдои дохилӣ ҳам ривоҷ меёбад. Дар ин бора хеле бисёр сикка зада шудани тангаҳои мисин, алалхусус, тангаҳои биринҷӣ шаҳодат медиҳад.

### Мустамликадории Суғдиён

Нақши Суғд ва суғдиён дар рушди тамаддуни минтақа ва берун аз он хеле бориз мебошад ва аз ин рӯ академик Б. Ғафуров дар шоҳасари худ ба ин мавзӯи муҳим, пеш аз ҳама мустамликадории онҳо дар Роҳи бузурги абрешим таваҷҷуҳи

махсус зоҳир намудааст. Муҳаққиқи шинохта, таъкид менамояд, ки мустамликадории суғдиён дар ин давра, аз як тараф, ба ҳаёти тиҷоратию иқтисодӣ ва аз дигар тараф, ба равандҳои умумии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёси дохили ҷомеаи суғдиён вобаста буд. Маъхазҳои хаттӣ, осори бозёфтшудаи бостоншиносӣ ва осори катибаҳои суғдию номҳои маҳаллу мавзеъҳо то ба худи Хитой аз нақши барҷастаи суғдиён маълумоти зиёдеро ба мо мерасонанд.

Яке аз самтҳои мустамликадории суғдиён Ҳафтрӯд буд. Дар миёнаҳои асри VII Сюан-сзан Ҳафтрӯдро кишвари Су-ли, яъне Суғд номидааст. Дар асри XI Маҳмуди Кошғарӣ ин ноҳияро Суғдак зикр карда, менависад, ки мардуми сокини Баласоғун аз он Суғде омадаанд, ки байни Бухоро ва Самарқанд ҷой дорад, вале либосу кирдори онҳо туркӣ шудааст. Дар асрҳои X-XI дар топонимияи Ҳафтруд бисёр номҳо суғдӣ буданд.

Муҳаққиқон дар заминаи маъхазҳои хаттӣ ва мадракҳои бостоншиносӣ муайян намуданд, ки Ҳафтрӯдро мустамлика кардани суғдиён ду марҳала дошт – марҳалаи аввал дар асрҳои III-V (ё IV) ва марҳалаи дуюм аз асри VII ва зимнан марҳалаи дувум боз чанд давраҳо дошт, ки ба истилои арабҳо ва тохтутозҳои Сосониён алоқаманд мебошад. Ҳафриёти археологӣ нишон дод, ки дар водии Чу осори ҳаёти мутараққии муқимӣ аз асрҳои V–VI пайдо шудааст, ки ин низ бешубҳа, хизмати суғдиён аст. Зеро маҳз онҳо дар шаҳрҳо косибӣ ва тиҷорат мекарданд ва бо киштукор машғул буданд. Кӯчманчиён тадриҷан маҳз дар зери таъсири онҳо ба ҳаёти муқимӣ мегузаштанд ва дар шаҳрҳо маскан мегирифтанд.

Олими шинохта Э.Г.Пуллейблэнк, ки бевосита ба таҳқиқи ин мавзуъ машғул буд, тавсиф мекунад, ки суғдиён на фақат савдогарони кордон, балки ҳунарманду косибони гулдаст низ буданд, динҳои навро тарғиб мекарданд, қад-қади роҳҳои тиҷоратии Осиёи Марказӣ ва ҳам дар ноҳияҳои дурдасти Хитой ва байни кӯчманчиён дар дашту саҳроҳо саёҳат мекарданду маскун мешуданд. Дар илм аллакай дақиқ муайян шудааст, ки таъсири фарҳангии суғдиён ба туркҳо хеле зиёд мебошад. Ҳамин муҳаққик бо далелҳо исбот менамояд, ки нақши суғдиён ба ӯйғурҳо низ хеле калон будааст.

Баъди ишғоли Осиёи Миёна аз тарафи туркҳо муносибати байни онҳо ва суғдиён боз наздиктар шуд. Дар боргоҳи Хоқонии

туркони шарқӣ, дар Муғулистони ҳозира шумораи зиёди суғдиён зиндагонӣ мекарданд ва дар бисёр мулкҳо ва ноҳияҳо намояндагони онҳо ҳукмронӣ мекарданд. Аз ҷумла, зери роҳбарии Кан Ян-тян ном самарқандӣ дар чоряки дуюми асри VII суғдиён маконеро дар Лоб Нор обод карда, чанд деҳаву шаҳр бунёд карданд. Дар маҳалҳои суғднишини ноҳияи Дунхуан (миёнаҳои асри VIII) тибқи ба рӯйхатгирӣ шумораи самарқандиҳо аз ҳама зиёдтар будааст. Гарчанде шумораи зодагони Бухоро, Тошканд, Сао (ду Сао буд - яке Кабудон ва дигаре Истаравшан), Тахористон, Кушония, Маймурғ ва Кеш низ кам набуданд.

Ҳамин тариқ, тоҷирон, ҳунарманду косибон, рӯҳониёну воизон, сарбозу лашкаркашони Суғд дар таърихи Осиёи Марказӣ (аз Тибет то Муғулистон) нақши басо муҳим гузоштаанд. Дар Туркистони Шарқӣ бошад осори катибаҳои суғдӣ шаҳодат медиҳанд, ки суғдиён дар таърихи ин кишвар мақоми бузург доранд ва таъсири онҳо ба фарҳанг ва ҳунари ин сарзамин ниҳоят калон аст.

**Кашфи Қалъаи кӯҳи Муғ ва ҳафриёти Панҷакенти қадим**

Дар таҳқиқи давраҳои аввали таърихи асримиёнагии Суғд кашфиёти бостоншиносӣ нақши муҳимме дорад. Махсусан бозёфтҳое, ки аз Қалъаи кӯҳи Муғ ва аз Панҷакенти Қадим ба даст омадаанд, ниҳоят диққатҷалбкунанда мебошанд. Барои ҳамин, академик Б. Ғафуров дар китоби худ доир ба ёдгории мазкур ба таври алоҳида ва хеле муфассал ибрози андеша кардааст.

Ёдгории Қалъаи кӯҳи Муғ баҳори соли 1932 аз ҷониби Ҷӯраалӣ ном чӯпон кашф гардид, ки вай дар ин мавзеъ як сабад ва дар он як варақ коғази абрешимӣ ёфт, ки ба кадом як хати ҳанӯз номаълум навишта шуда буд. Соли 1933 расми дастнависро ба эроншиноси номии шуравӣ А.А.Фрейман фиристоданд. Вай муқаррар кард, ки хат ба забони суғдӣ ва бо ҳуруфоти суғдӣ навишта шудааст. Бозёфти Ҷураалӣ кашфиёти бузурги илмӣ гардид, зеро осори катибаи суғдиён хеле пеш ёфт шуда бошад ҳам, аз ҳудуди худи Суғд набуд, балки аз Туркистони Шарқӣ ёфт шуд. Соли 1932 катибаи суғдӣ маҳз дар хоки худи Суғд ёфт шуд.

Бо дастгирии Ҳукумати ҶШС Тоҷикистон ва Пойгоҳи тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ тобистони соли

1933 дар Қалъаи кӯҳи Муғ ҳафриёти бостоншиносӣ оғоз гардид. Моҳи июл зиёда аз бист ҳуҷҷат ва чанд ашёи моддӣ ба даст омад. Ҳафриёт тирамоҳи соли 1933 низ идома ёфт ва 21 дастхат ёфт шуд. Дар рафти ҳафриёти минбаъда на фақат ҳуҷҷат, балки бисёр ашёи фарҳанги моддӣ низ ба даст омад ва номгӯи онҳо ба 400 расид. Дар рафти ҳафриёт маълум шуд, ки ҳуҷҷатҳо (шумораи онҳо аз 80 гузашт ва 74-тои он суғдӣ буд) дар баландии 50-70 м аз фарш, дар таги шикастапораҳои фурӯрафтаи шифт хобидаанд. Ба шарофати меҳнати пурмашаққати А.А.Фрейман кушодани рамзи дастхатҳои суғдӣ оғоз ёфт ва ин корро шогирдони вай анҷом доданд. Махсусан, дар ин самт А.И.Василев, М.Н.Боголюбов, В.А.Лившитс, О.И.Смирнова И.Ю. Крачковский, В.А. Крачковская ва каме баъдтар Л.Воронина корҳои шоистае ба анҷом расониданд.

Маводи ба даст омада имкон дод, ки санаи бунёди Қалъаи Муғ ва давраи истеҳсоли ашёи он аниқ муайян карда шавад. Аз ҷумла, дар як ҳуҷҷат номи «Дивасти» (ба суғдӣ «Диваштич» - «Диваштак»)-ро хонданд ва ин ном дар маъхазҳои роҷеъ ба Осиёи Миёнаро истило кардани арабҳо борҳо зикр шудааст. Маҳз боқимондаҳои бойгонии Диваштак ҳокими суғдиён буд, ба дасти бостоншиносон афтодааст. Санаи мактуб аниқ низ карда шуд ва он соли садуми ҳиҷрӣ, яъне тақрибан солҳои 718-719 будааст. Бозёфт ва хондани ҳуҷҷатҳо тантанаи илм ва бостоншиносон буд, ки илми ҷаҳониро бо маълумоти бесобиқа ғанӣ кард.

Ҳамаи ин диққати олимонро ба ҳавзаи болооби Зарафшон кашид. Он вақт дар Тоҷикистони шуравӣ муассисаҳои бостоншиносӣ вуҷуд надоштанд, вале олимони алоҳидаи ба таърихи қадима шавқ дошта буданд. Яке аз онҳо В.Р.Чейлитко буд, ки солҳои 1934-1937 ҳавзаи болооби Зарафшонро таҳқиқ карда, дар Панҷакенти Қадим андак ҳафриёт гузаронд. Маҳз В.Р.Чейлитко аҳамияти димнаи Панҷакенти Қадимро муайян ваояндаи онро дуруст пешгӯӣ кард, ки ба туфайли таҳқиқоти ин димна як шаҳри калон падид меояд, ки пеш аз истилои арабҳо вуҷуд дошт.

Омӯзиши илмии Панҷакенти Қадим пас аз 10 сол оғоз ёфт. Соли 1946 экспедитсияи илмӣ бо роҳбарии А. Ю. Якубовский бо як гурӯҳ олимон ба Панҷакент омад. А. Ю. Якубовский димнаро бодиққат омӯхт ва бо маълумоти В. Р. Чейлитко шинос шуда, ба

хулосае омад, ки дар ин маҳал ҳафриёти калон ташкил намудан зарур аст. Вай масъалаи таҳқиқи Панҷакенти Қадимро аз гӯшаву канору тангкӯчаҳои сарбастаи кишваршиносӣ берун бароварда, ба шоҳроҳи илми шуравӣ ҳидоят намуд. А.Ю.Якубовский то вопасин лаҳза (соли 1953) роҳбари ҳафриёти Панҷакент буд, баъд аз ӯ ба ҳафриёт М.М.Дяконов (то соли 1954) ва А.М.Беленитский (солҳои 1954-1979) роҳбари ҳафриёт буданд.

Панҷакенти Қадим шаҳри ҳақиқӣ буд ва харобаҳои он 60 км шарқтари Самарқанд, дар канори Панҷакенти имрӯза ҷой гирифтааст. Вусъати шаҳристон 19 га ва масофаи гирдогирдаш 1750 м буда, девори шаҳристон фақат дар шимол ва шарқ рост аст, дар ҷануб ва ғарб бошад, ба пастию баландии маҳал мувофиқ шуда, шакли пастубаланд дорад. Дар тарафи ғарбии шаҳристон бошишгоҳи ҳоким – арк ҷой дорад, ки замоне бо деворҳои қалъа як истеҳкоми томро ташкил медод. Арк дар болои теппаи 30-метра воқеъ буда, аз шаҳристон бо сойе ҷудо аст. Дар тарафи шарқӣ ва ҷанубу шарқии шаҳристон ҳавлиҳои наздишаҳрӣ ҷой дошт, ки он гӯё ибтидои работҳои шаҳрҳои давраи мутараққии асрҳои миёна буд. Дар ҷануби шаҳристон чанд теппачаҳо ҳаст, баъди ҳафриёт маълум шуд, ки онҳо новусҳои зардуштӣ будаанд. Шаҳристон дорои кӯчаҳои бисёр, ки бари онҳо 3–5 м буда, онҳо гоҳ баробар мераванд ва гоҳ ба ҳам пайваста мешаванд. Дар ду тарафи кӯча маҳаллаҳои сершумор, дӯкону устохонаҳои бисёр ҷой дошт.

Тамоми вусъати шаҳр пур аз иморатҳои ду ва сеошёна буд, ки онҳо маҳаллаҳои калонро ташкил медоданд ва ба ҳамдигар зич ҷой гирифта буданд. Дар рафти ҳафриёт дар бораи бинокорӣ, ҳунари меъморӣ ва дигар намудҳои ҳунармандӣ маводи зиёде ба даст омадааст.

Дар натиҷаи ҳафриёт зиёда аз сад иморатҳои серхонаи панҷакентиҳои қадим кашф гардидаанд, сеяки ин иморатҳо, яъне на фақат хонаи аъёну ашроф, балки қариб ҳамаи хонаҳои шаҳриёни доро толорҳои бошукӯҳе доранд, ки бо нақшу нигор ва муҷассамаҳо зиннат ёфтанд. Дар Панҷакенти Қадим санъати монументалӣ ниҳоят маъмул будааст, на фақат маъбад ва қасри шоҳ, балки даҳҳо хонаҳои аҳолии одии шаҳр он қадар осори рассомию ҳайкалтарошӣ доштаанд, ки ҳар яки онҳоро осорхонаи санъат гӯем ҳам меарзад.

Арки ҳоким иборат аз бурҷи марказӣ, ки ба майдончаи пеши он пайваста мебошад ва инчунин чанд иморати поёнӣ дорад, ки рӯ ба шаҳристон сохта шудаанд. Дар ҳамин ҷо якчанд иморатҳои калони ташрифотӣ, аз ҷумла, толорҳои бузург ёфт шуданд, ки суфаҳои бисёр доранд. Миёнҷои иморат толори азимест (10x12,5), ки нишемангоҳи чуқуре дорад. Шикастапораҳои чӯбии таҳкурсии тахт ҳам ёфт шуд ва девори тамоми хонаҳо пур аз расму суратҳои олиҷаноб мебошад, ки онҳо аз сӯхтор сахт зарар дидаанд. Ин харобаҳои қасри Диваштич мебошад.

Ҳафриёт қабати болоии шаҳристонро пурра ошкор намуд, ки ба асрҳои VII-VIII марбут аст ва ин давраи авҷи тараққиёти шаҳр буд, ки истилои арабҳо онро қатъ намуд. Дар баъзе ҷойҳои шаҳр осори сӯхтори азиме менамояд, ки, эҳтимол, соли 722 ва ё худ андак сонитар (солҳои 738/39) ба вуқӯъ омадааст. Шаҳр тақрибан солҳои 738-740 боз барқарор мегардад, вале баъдтар дар солҳои 70-уми асри VIII, эҳтимол, ба муносибати шӯриши Муқаннаъ арабҳо Панҷакентро боз хароб карданд ва ин дафъа зиндагӣ дар шаҳристону работ дигар эҳё наёфт.

**Самарқанд, Варахша ва дигар бошишгоҳҳои шаҳрӣ**

Академик Б. Ғафуров дар ин бахши «Тоҷикон» доир ба Самарқанд, Варахша ва шаҳру шаҳракҳои Суғд, ки дар натиҷаи ҳафриёти бостоншиносӣ боқимондаҳои онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, маълумоти муфассал медиҳад. Пеш аз ҳама, қайд менамояд, ки маркази Суғд шаҳри Самарқанд буд, ки боқимондаҳои он аз димнаи Афросиёб дарёфт гардидаанд. Масоҳати ин ёдгорӣ 219 гектарро ташкил медиҳад ва он аз ҷониби олимон ва бостоншиносон Н.И. Веселовский, В.В. Бартолд, В.Л.Вяткин, А.И. Тереножкин, В.А.Шишкин ва Я.Г.Ғуломов омӯхта шудааст.

Ба ақидаи В.А.Лившитс, номи аслии суғдии Афросиёб «Паршавоп», яъне «Бар оби сиёҳ» ё «Канори дарёи сиёҳ» буда, он дар забони тоҷикӣ Порсиёб ва асрҳои минбаъда шакли «Афросиёб»-ро гирифтааст. Мутаассифона ҳоло ҳам бисёр масъалаҳои таърихи асрҳои VI–VIII Самарқанд комилан равшан нагардидаанд. Вале, маълумоти мавҷуда нишон медиҳад, ки маҳз ҳамин давра замони рушди Самарқанд будааст.

Дар қисми шимолии шаҳр арк ва дар қисми ҷанубии он шаҳристон ҷой дошт. Шаҳр ду қатор девор дошт ва дар самти ҷанубӣ масоҳаташ хеле вусъат ёфта буд ва дар шимол бошад то ба ҷариҳои соҳили дарёи Сиёб мерасид, дарозии деворҳои атрофи он 2 км-ро ташкил медод. Байни қатори деворҳо 8-10 метр масофа буд, вале девори дарунӣ хеле мустаҳкам ва бурҷҳои он мисли катакҳои шоҳмот ҷой гирифта буданд. Девори дуқатора маркази шаҳр ва маҳалҳои ҳанӯз дар асрҳои IV–V сохтаро муҳофизат менамуд. Дар асрҳои VI– VII, баъд аз сохта шудани девор низ масоҳати шаҳр боз ҳам васеъ гардида, ба яке аз шаҳрҳои дорои истеҳкоми мустаҳкам табдил ёфт. Махсусан, дарвозаҳои шаҳр ба тарзи хеле ҷолиб ва барои мудофиа мувофиқ, бо долону роҳҳои пинҳонӣ ва бурҷҳои баланд бино ёфта буданд.

Академик Б. Ғафуров қайд менамояд, ки солҳои 1965–1968 ва баъд аз он дар мобайни димнаи Афросиёб маҷмӯаи азими меъморӣ – қасри ҳоким кашф гардид, ки майдонаш зиёда аз 1 гектар буд. Толори калонтарини он чоркунҷаи андозааш 11х11 м буд ва аз тарафи шарқ даромадгоҳ дошт. Шифти толор ба сутунҳо такя мекунад, таг-таги девор суфаи васеъ тӯл кашида, рӯбарӯи даромад суфа хеле пеш мебарояд ва дар он ҷо тахти ҳоким меистодааст. Деворҳои худи толор, долонҳои беруни он ва деворҳои дигар хонаҳои ҳамшафати он саросар аз расму тасвир пур буданд. Аз толори дигар асбоби ашёи чӯбини кандакорӣ ва ҳайкалчаҳои чӯбини нимсӯхтаи раққосаҳо ёфт шуданд.

Яке аз калонтарин марказҳои Суғди Бухоро димнаи Варахша маҳсуб меёфт, ки солҳои 1938-1939 ва 1949-1954 аз тарафи бостоншинос В.А.Шишкин таҳқиқ гардидааст. Қисми асоси димна дар баландии теппае ҷой гирифтааст, ҳудудаш 9 гектарро ташкил медиҳад ва  баландии он дар асл 30 метр будааст. Дар ғарбтари арк қасри бухорхудотҳо воқеъ буд, ки иморату бинои зиёди хурду калон дошту ҳамаи онҳо ба саломхонаи бузурге мепайваст. Деворҳои қаср пур аз нақшунигори аҷоиб ва расму суратҳои пурмазмун буданд. Ҳавлиҳои шаҳриён дар қисмҳои шимолӣ, шарқӣ ва ғарбии Варахша ҷой доштанд.

Аз дигар шаҳрҳои воҳаи Бухоро Пайкандро метавон ном бурд, ки масоҳати он 20 гектар буду ҳам қалъа ва арк дошт. Инчунин, Кофирқалъа, Тали Барзу ва дигар ёдгориҳои таърихии

Суғди Самарқанд дарёфт шудаанд. Дар саргаҳи Зарафшон низ зиёда аз 50 осори давраҳои аввали асрҳои миёна, ба мисли Гардани Ҳисор ва дар Суғди Ҷанубӣ, ноҳияи Қашқадарё чандин шаҳрҳои калон ёфт шуданд.

**Бинокорӣ**

Масъалаи рушди бинокорӣ ва сохтмони иморатҳоро академик Б. Ғафуров дар бобҳои қаблии асари худ вобаста ба дигар масъалаҳо, махсусан омӯзиши осори шаҳрҳо ва маъбаду кӯшкҳо то андозае тасвир намудааст. Дар ин бахш асосан, муҳаққиқ ба масолеҳи сохтмон, корҳои муҳандисӣ тавақуф менамояд. Таъкид менамояд, ки дар аввалҳои асрҳои миёна дар Суғд масолеҳи асосии деворзанӣ похса ва хиштҳои калони хом буда, хишти пухта хеле кам истифода мешуд. Барои такяи болору забарравҳо асосан сутунҳои чӯбинро кор мефармуданд. Чӯб дар бомпӯшӣ ҳам масолеҳи асосӣ буд.

Деворҳоро ба дараҷае ғафс мекарданд, ки ҳоҷат ба таҳкурсӣ ҳам намемонд. Фақат дар якчанд ҷой таҳкурсӣ ёфт шудааст. Масалан, дар Варахша дар таги сутунҳо аз хишти хому пухта пойсутуни чуқуре сохтаанд, маъбади Панҷакент ҳам таҳкурсӣ дошт. Фарши хонаҳо асосан гиландова буда, баъзан онҳоро аз хишти хом ва ҳатто аз хишти пухта ҳам мекарданд. Дар кӯҳистон фарши хонаро аз санг месохтанд.

Дар ибтидои асрҳои миёна асосан чор навъи девор маъмул буд - похсагӣ, хиштӣ, похсагии хиштӣ ва хиштии похсагин. Бари деворҳо аз 1 то 1,6 метр буд. Хонаҳо бо даҳлезу долонҳое пайваст мешуданд, ки болои онҳо бо чанд усул пӯшида мешуд. Токҳоро аз хишти хом мебардоштанд. Дарҳоро аз тахта месохтанд, баъзан дарҳоро дуқабата ҳам мекарданд ва сохти ин дарҳо муддати дароз бетағйир мондааст ва онҳоро, ҳатто ҳозир ҳам, дар баъзе иморатҳои тоинқилобии тоҷикон дидан мумкин аст. Асосан, дари ду забонакдор, ки забонакҳои он дар хонаҳои тагдарию болодарӣ ҷой гирифта, тоб мехӯранд. Дар Помир ва водии Қаротегин баъзе хонаҳо ҳозир ҳам бо чунин тарз сохта мешаванд.

Боми хонаҳо низ ба тарзи гуногун рӯпӯш карда мешуд, аз ҷумла, хонаҳои хурди чоркунҷаро одатан ба шакли гумбаз, хонаҳои калонтарро ба тарзи боми муқаррарии сутундор мепӯшонданд.

## Санъати тасвирӣ

Оид ба санъати Суғд сухан ронда, академик Б. Ғафуров менависад, ки осори санъати тасвирии Суғд аз Панҷакенти Қадим, Варахша ва Афросиёби Самарқанд ба даст омадааст. Дар Панҷакенти Қадим зиёда аз 60 хонаи дорои деворнигора ёфт шуд. Ин шумора гувоҳи он аст, ки одати ороиши деворҳои хона дар байни суғдиён то чи андоза маъмул будааст. Мутаассифона, то ба рӯзҳои мо аз он санъати бузурги ороиш ва деворнигораҳо фақат пораҳои ҷудогона расидаанд. Санъати тасвирии Панҷакенти Қадим диқати бисёр муҳаққиқонро ба худ кашидааст. Бори аввал доир ба ин санъати олӣ олимон А.Ю.Якубовский, М.М.Дяконов, А.М.Беленитский мақолаҳои илмӣ навишта, аҳаммияти умумитаърихӣ ва арзишмандии онҳоро таъкид намудаанд.

Баъзе деворнигораҳои Панҷакенти Қадим хеле калон буда, 100 метри мураббаъ масоҳат доранд. Сюжети расмҳо хеле гуногун аст. Беш аз ҳама тасвири кадом як достони қадимае ба назар мерасад. Муҳаққиқи Панҷакенти Қадим А.М.Беленитский манзараи як деворнигораро чунин тасвир менамояд: «Манзара аз ҳашт лавҳа ва ё худ саҳна иборат буда, қаҳрамони асосии онҳо ҳамон як паҳлавони самандсавор аст. Дар саҳнаи аввал паҳлавони самандсавор дар сари як даста саворони зиреҳпӯш истодааст, ки, аз афти кор, дар азми сафар мебошанд. Дар лавҳаи дувум паҳлавони самандсавор каманд ба душмани худ меандозад, ки вай ҳам савор аст. Дар лавҳаи севум паҳлавони аспсавор бо аждаҳо ҷанг карда истодааст. Дар лавҳаи дигар боз худи ҳамон паҳлавон тасвир шудааст, ки пешопеши дастаи сарбозон меравад ва зимнан мурдаи аждаҳо дар таги пойи саворон хобидааст. Дар лавҳаи панҷум паҳлавон бо душмане муҳориба дорад, ки он ҳам савор асту дар гирду атрофаш дигар ҳамсафонаш бо тӯдаи девон задухӯрд мекунанд. Ниҳоят, дар лавҳаи охирин паҳлавони аспсавор бо дигар сарбози аспсавор муҳориба дорад». Ба андешаи ҳамин олим, манзараҳои ин деворнигора ба достони Рустами «Шоҳнома»-и ҳаким Фирдавсӣ шабоҳат дорад.

Дар замонҳои қадим занони Осиёи Миёна низ дар муҳорибаҳо фаъолона иштирок мекарданд ва ривояти корномаҳои аҷоиби Таҳминаву Заррина барин занони шуҷоъ асоси достону ривоятҳои шарқиэронӣ шудаанд ва минбаъд дар дигар осори

санъат низ тасвир ёфтаанд. Порае аз ин ривоятҳо дар «Шоҳнома» низ тасвир ёфтааст.

Бисёр суратҳо дар мавзӯи дин ва маросимоти динӣ ҳастанд. Яке аз онҳо лавҳаи сӯги навҷавони марҳум – қаҳрамони афсонаҳои маҳаллӣ Сиёвуш аст. Инчунин сурати олиҳае аст, ки муҳаққиқон онро сурати Нана мегӯянд. Дар тангаҳои маликҳои Панҷакенти Қадим номи ин олиҳа ба назар мерасад ва ин далолат мекунад, ки хонадони ҳукмрони Панҷакент ба ин олиҳа ибодат доштааст. Парастиши ҷисмҳои осмонӣ ҳам дар суратҳои рӯидеварии Панҷакент акс ёфтааст. Бисёр деворнигораҳои ин шаҳри қадима мавзӯҳои гуногуни фолклорӣ ва масалҳо оид ба ҳайвонотро инъикос менамоянд. Чанд тарз ё усули нигориши девор мавҷуд будааст, аммо аксари онҳо бо латофату заковату назокати худ касро моту маҳбут мекунанд. Рассомон моҳирона, бисёр сужаву мундариҷаҳо аз ҳаёт, манзараи ҷангу муҳорибаҳо, лавҳаҳои базму зиёфат, нардбозӣ, гӯштингирӣ ва ғайраро тасвир кардаанд. Хусусан, касро расми духтараки уднавоз мафтун мекунад - қиёфаи пурандеша, чашмони хумор ва ангуштони нозуки вай, ки рӯи торҳо ҷавлон мезананд, дар ҳақиқат, таъсири фавқулодае доранд.

Дар Варахша низ суратҳои рӯидевории басо ҷолиб ва пурмаъно ёфт шуданд. Масалан, дар толори сурхи қасри Варахша лавҳае ба назар мерасад ва он бо як мазмуну мундариҷа бандубаст шуда, филсавороне, ки аз ҳамдигар дар фосилаи баробар ҷой гирифтаанд, тасвир ёфтаанд. Дар ҳамин лавҳа махлуқоти гуногуни бадҳайбат (монанди шерони сурхранг) ва ё мурғони сафедболи фӯлодминқори шерчангол аз чор тараф ба филҳо ҳамла мекунанд. Аксарияти хонаҳо бо лавҳаҳои гуногун ва тасвирҳои ҷолиб ороиш ёфтаанд.

Каме болотар дар бораи Афросиёб ва хонаҳои ороиш ёфтаи он сухан ронда шуд. Дар ин ҷо низ хонаи калоне ошкор гардид, ки суратҳои олиҷаноб дорад. Дар яке аз деворҳо сурати равоқе ҳаст, ки дар болои он мардону занони бисёре нишастаанд. Деворнигорае мазмунан ба об алоқа дорад, ки бо кашидани мавҷҳои кабуд ва рӯ-рӯи он гаштани одамону паррандагон ва шино кардани моҳиён тасвир ёфтааст.

Расмҳои рӯидеворин Суғд на фақат чун осори давраи худ аҳаммият доранд, инчунин ин суратҳо энсиклопедияи ҳаёт ва афкори суғдиён низ мебошанд. Ҳунар ва санъати пешрафтаи Суғд

ба мулкҳои дигар, махсусан кишварҳои шарқӣ таъсири ниҳоят ҷиддӣ расонидааст. Як олими итолиёвӣ М.Буссали маҳз масъалаи ба санъати кишварҳои шарқӣ ва умуман тамоми Осиёи Марказӣ таъсири расонидани санъати Суғдро муфассал таҳқиқ намудааст.

## Ҳайкалтарошӣ.
## Санъати мусиқӣ ва рақсӣ

Дар масъалаи мазкур академик Б. Ғафуров қайд менамояд, ки дар санъати Суғд ҳайкалтарошӣ мақоми муҳим дошт ва масолеҳи он гил, гаҷ ва чӯб буд.

Дар Панҷакент ҳайкали азими гилӣ ёфт шудааст, ки замоне айвони маъбадро оро медод. Дар ин айвон панеле ёфт шуд, ки қариб 8 м дарозӣ дошт. Мазмуни нақши ин панел тасвири фантастикии манзараи дарё мебошад. Дар яке аз деворҳо дар мобайн махлуқи одамсимое нақш ёфтааст, ки аз об баромада истодааст. Тамоми моҳиён ва махлуқоти ғароиб ба тарафи ҳамин махлуқи одамсимо шино мекунанд. Олими шинохта А.М.Беленитский ин лавҳаро таҷассуми дарёи Зарафшон, ки ба юнонӣ *«Политимет»* (*«Пурэъзоз»*) ва суғдӣ *«Номиқ»* (*«номдор»*) мебошад, номидааст.

Дар Панҷакент инчунин ҳайкалҳои хушнамои чӯбӣ ҳам вуҷуд доштанд. Ин ҳайкали раққосаҳо мебошад, ки ба андозаи 3/4 қисми танаи одамӣ сохта шудаанд. Ҳайкалҳои раққосаҳои Панҷакент чунон тасвир ёфтааст, ки пироҳани ҳарири шерозаҳояш зардӯзии гулобӣ, шалворҳои бекасаби нилранг ва кафшҳои қирмизии кемухтӣ ба қомати расову дилбари онҳо чунон қоиму шинам меафтад, ки бинанда аз ҳусни онҳо дар ҳайрат мемонад. Чунин рақсҳоро «гирдбоди гашти духтар» меномиданд. Раққосаҳои Чоч, Қумод, Кеш, Маймурғ, махсусан, раққосаҳои Самарқанд ниҳоят машҳур буданд.

Мардуми Суғд ва ноҳияҳои атрофи он на фақат дар ҳунари рақс, инчунин дар ҳунари мусиқӣ ҳам шуҳрат доштанд. Номи даҳҳо асбобҳои мусиқӣ то ба мо расидаанд, ки дар Бухоро маъмул буданд. Бисёр навою оҳангу мақомҳои гӯшнавоз эҷод гардида, баъзеи онҳоро яккахону якканавозон ва баъзеи онҳоро дастаи навозандагону ҳофизон иҷро мекарданд. Театри лӯхтак дар асри VII маҳз аз Осиёи Миёна ба Хитой рафтааст.

## Хати суғдӣ ва адабиёти он

Суғдиён дорои хати худ буданд ва хати онҳо аз хати оромӣ реша гирифта буд. Соли 1965 дар арки Панҷакент бостоншинос А.Исҳоқов бори нахуст дар таърих алифбои суғдиро пайдо кард. Дар танаи хуме ҳарфҳо ва машқи хат сабт шуда буд. Алифбо 28 ҳарф дорад, ки он тамоми ҳарфҳои алифбои оромист ва ҳатто он ҳарфҳое низ ҳастанд, ки амалан истифода намешуданд. Хатти суғдӣ дар ноҳияҳои гуногуни Осиёи Миёна ҳар хел буд, масалан, хатти суғдии Самарқанд фарқ дошт.

Осори хатти суғдӣ, пеш аз ҳама, дар Туркистони Шарқӣ ёфт шуд. Ин осор бо ҳуруфоти суриёнӣ, монӣ ва боз ба ҳуруфоти навъи севуме навишта шудаанд, ки он айнан мисли ҳуруфоти уйғурӣ набошад ҳам, ба он андак шабоҳат дорад[79]. Дар баъзе матнҳо тақвим (солшуморӣ) оварда шудааст, ки ба тақвими суғдии дар «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ зикршуда хеле айният дорад. Ҳамаи ин матнҳо бо як забон иншо шудаанд. Маводи зиндаи забони яғнобӣ имкон дод, ки ин матнҳо хонда шавад. Зеро аксари фонди луғавии он ба лексикаи суғдӣ тааллуқ дорад. Дар ноҳияи дурдасту мушкилгузари водии Яғноб боқӣ мондани ин шохаи забони суғдӣ дар таҳқиқи осори хати суғдӣ мададе бебаҳое расонд.

Бозёфти алифбои суғдӣ аз Панҷакент, осори машқи хати суғдӣ, паҳлавӣ ва арабӣ аз Марв нишонаи мавҷуд будани мактабҳо-дабиристонҳо мебошад. Мактаби хеле пешрафтаи хаттотони суғдӣ мавҷуд будааст. Дар поёни аксари ҳуҷҷатҳо бо супориши кӣ ва аз тарафи кӣ иҷро шудани номаҳои Қалъаи Муғ навишта шудааст. Аз ҷумла, номи хаттотон Аспанаки Девгон, Рамтиш писари Вғашфарн зикр шудааст.

Дар ҳақиқат, суғдиён соҳиби адабиёти бойи динӣ ва дунявӣ буданд. Сайёҳони хитоӣ доир ба адабиёт ва ҳунари навиштории суғдиён ва мазмуну мундариҷаи хеле бойи баъзе аз онҳо хабарҳои зиёд медиҳанд.

Сарчашмаҳои асримиёнагии маҳаллӣ низ доир ба ҷаҳони маънавӣ ва адабии суғдиён, ривояту афсонаҳои зиёди дар байни мардум паҳншуда, достонҳои қаҳрамонию созандагӣ, махсусан дар бораи Рустам ва аспи ӯ Рахш, Сиёвуш ва амсоли онҳо

[79] Хатти уйғурӣ дар заминаи хатти суғдӣ сохта шудааст.

маълумот медиҳанд. Суғдиёни Самарқанд ва Панҷакент бештар Сиёвушро мепарастиданд.

Ба туфайли ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ мукотибаи расмии суғдиён, ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, мактубҳои муқаррарӣ, мукотибаи хоҷагӣ ва ғ. дастраси мо шуданд.

**Ақоиди мазҳабӣ**

Масъалаи дигаре, ки академик Б. Ғафуров дар «Тоҷикон» ба он диққат додааст, ин эътиқод ва дини суғдиён мебошад. Ӯ менависад, ки дар бораи ақоиди мазҳабии сокинони Суғд дар маъхазҳои гуногуни суғдӣ, хитоӣ, арабӣ ва тоҷикию форсӣ маълумот ба назар мерасад. Вале муқоисаи ин маълумот кори ниҳоят душвор аст, ба ин сабаб дар бораи низоми динии суғдиён то ба ҳол ягон асари мукаммале таълиф нашудааст. Сюан-сзан қайд кардааст, ки дар Самарқанд малик ва мардум ба Буддо имон надоранд ва оташ мепарастанд. Абурайҳони Берунӣ низ дар «Осору-л-боқия» оид ба расму одоти зардуштиёни Суғд маълумот медиҳад. Аз ҷумла, таъкид менамояд, ки рӯзи бистуҳаштуми моҳи аввал «зардуштиёни Бухороро идест, ки «Ромиши оғом» меноманд ва ҳангоми ҷашни он дар оташкадаи наздики қаряи Ромиш ҷамъ мешаванд. Ва ин ид назди онон азизтарини идҳост. Ба андешаи муҳаққиқон ин иди соли нав аст. Инчунин Берунӣ дар бораи дигар расму русуми суғдиён, ки бисёрии онҳо дар оташкадаҳо мегузарад, ба мисли рӯзи поси хотири гузаштагон хабар медиҳад.

Дар Суғд ақидаҳои қадимии халқӣ низ паҳн буданд. Дар яке аз маъхазҳо омадааст, ки дар Самарқанд писари Сиёвуш оташкадае бино карда, ба он ҷо матни «Авесто»-ро, ки дар лавҳаҳои тилло (ё зарандуд) навишта шуда буд, гузошт. Наршахӣ ҳам аз оташкадаҳои Ромитану Бухоро дарак медиҳад ва сухан на дар бораи асари афсонавӣ, балки дар бораи асари мушаххаси таърихӣ меравад. Баъзе маъхазҳои хитоӣ оид ба бутхонаҳо низ маълумот додаанд. Наршахӣ ҳам аз Пайканд сухан ронда, менависад, ки арабҳо дар буткадаи он буте ёфтаанд, ки аз нуқра буда, 4 ҳазор дирам вазн доштааст, вале мувофиқи ривояти дигар, ин бут тиллоӣ буду 50 ҳазор мисқол вазн дошт. Ҳамин тавр, бархе аз муҳаққиқон ба хулосае омаданд, ки буткадаҳо ҷудо аз оташкадаҳо вуҷуд доштанд.

Доир ба оину мазҳаби паҳншудаи суғдиён новусҳо (устодонҳо) ё оссуарийҳо низ маълумот медиҳанд, ки дар бораи ёфт шудани онҳо аз Панҷакент, Варахша, Самарқанд ва атрофи он каме болотар сухан рафт. Аз дигар минтақаҳои Суғд ва мулкҳои ҳамҷавори он низ чунин устухондонҳо ёфт шуданд. Истилоҳи оссуарий (устухондон)-ро муаррих Н.И. Веселовский соли 1900 дар илм ворид намуда буд.

Дар заминаи пажуҳиши олимон ва маълумоти дар «Авесто» омада, ифшо мегардад, ки ҷасади зардуштиро ба ҷое бояд бурд, ки он дахма ном дорад ва дар ин дахма сагҳо ва паррандаҳое ҳастанд, ки устухонро аз гӯшт тоза мекунанд. Баъди ин устухонҳоро ҷамъ карда, ба ҷои махсусе мебурданд, ки он ҷоро устодон ё астодан ва дар маъхазҳои арабӣ новус мегуфтанд. Дар сарчашмаҳои форсӣ-тоҷикӣ, ба вижа асарҳои Табарӣ ва Наршахӣ низ доир ба тарзи гӯр кардани мурдаҳо ва устухондонҳо маълумоти зиёд аст. Дар дахмаҳо ғайр аз оссуарийҳо, инчунин зарфҳои сафолӣ, тангаҳои мисӣ ва асбоби зинату ороиш ҳам монда мешуд.

Каме болотар дар бораи маросими сӯгвории суғдиён маълумот дода шуд, аммо илова бояд кард, ки ин маросим дар «Шоҳнома» ва санъати тасвирии суғдиён низ инъикос ёфтааст. Асосан ин хилофи қонуну қоидаҳои динии асосии суғдиён, яъне зардуштия мебошад. Аз ин рӯ ҷой доштани чунин маросим нишонаи дар заминаи анъанаҳои хеле ҳам ҳам қадимтар пайдо шудани он мебошад.

Аммо, бояд гуфт, ки зардуштияи Осиёи Миёна ба зардуштияи Эрон айнан монанд нест. Агар дар Эрон зардуштия ба дини давлатӣ табдил ёфта, соҳиби ақоиди мустаҳкаму аниқ гардида, ташкилоти мураккаби пешвою роҳбарони он таъсис ёфта, ба корҳои давлатӣ, алалхусус, дар самти идеология таъсири зӯр дошта бошад, дар Осиёи Миёна баръакси он буд. Дар ин ҷо зардуштия ақоиди аниқу мустаҳкам ба вуҷуд наовард, ба дини давлатӣ табдил наёфт, зеро давлати ягона набуд ва пешвои роҳбарони он ҳам ба як ташкилоти тавонои мустаҳкам муттаҳид шуда натавонистанд. Ҳатто, зардуштия то андозае ба динҳои дигари маҳаллӣ, аз ҷумла парастиши оташ омехта шуд.

Таҳқиқоти солҳои охири забоншиносон хеле маълумоти муфид дод. Дар никоҳхати Қалъаи Муғ қасаме зикр мешавад, ки

ба номи Баг ва Митра ном худоҳо дода шудааст. Олимон ин далелро ба тарзи гуногун шарҳ медиҳанд, вале ҳақ ба ҷониби В.А.Лившитс аст,ки дар натиҷаи муқоиса ва таҳлили матнҳои суғдии Қалъаи Муғ ва дигар санадҳо хулоса менамояд, ки Баг ин номи Аҳура Маздо мебошад, зеро суғдиён одате доштанд, ки худоро «Баг Аҳура Маздо» мегуфтанд.

Дар қатори дини маҳаллӣ, ки онро ҳозир баъзан дини маздоия ҳам меноманд, дар Суғд дигар динҳо низ паҳн шуда буданд. Дар ин давра буддоия эътибори казоӣ надошт ва онро дигар динҳо танг карда буданд. Буддоия пайравони бисёр ҳам надошт, вале сарфи назар аз ин, аҳаммияти буддоия ва дигар динҳои ҳиндуён дар ҳаёти Суғд кам набуд. Мувофиқи баъзе ривоятҳо, насрония низ хеле густариш ёфта буд. Дар ибтидои асри VI дар Самарқанд епископи насронии равияи несторӣ менишаст, дар асри VIII бошад, ҷои ӯро митрополит гирифт. Дигар дин, ки онро монавия меномиданд, низ хеле реша давонда буд.

## 4. ДИГАР НОҲИЯҲОИ ОСИЁИ МИЁНА

### Уструшан

Дар ин бахш оид ба ҳудуди ҷуғрофии Уструшан, аҳолӣ, забон ва урфу одати он маълумот дода шудааст. Аз ҷумла, омадааст, ки Уструшан ҳудуде, ки ин ноҳия дар асрҳои VI–VIII дошт, аниқ маълум аст ва маркази он ҳавзаи Истаравшану Шаҳристон буд. Дар ҷануб ноҳияи болооби Зарафшонро дар бар мегирифт ва то ба ёнаҳои шимолии қаторкӯҳи Ҳисор тӯл мекашид. Дар шимол ҳудуди ноҳия Сирдарё буд, дар шарқ бошад, сарҳади ноҳия мулкҳои Хуҷанд (тахминан), дар шимолу ғарб бошад, мулкҳои Самарқанд ҳудуди ноҳия дониста мешуд. Дар бораи номи ноҳия ҳаминро гуфтан лозим, ки хониши хитоии он аз талаффузи аслии он хеле дур аст. Ҳатто ҷуғрофидонҳои асримиёнагии арабу форс ҳам номи ноҳияро ҳар яке ба тарзи худ навиштаанд ва ин ҳолат боиси даъвоҳои беасосу нодуруст гардид ва баъзе олимони ҳозиразамон иддао доранд, ки Усрушан навиштан дурусттар мебошад. Вале ин гуна олимон ба назар намегирифтанд, ки ҳам дар навишти хитоии ном ҳарфи «т» ҳаст ва дар талаффузи имрӯзаи

тоҷикӣ ҳам ноҳия «Истравшан» («Истаравшан») аст, яъне «т» дорад.

Ниҳоят ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ ҳам қатъиян исбот карданд, ки дар ибтидои асрҳои миёна вилоят Уструшана ном дошт, вале сонитар ҳарфи «т» соқит гардид. Ҳокимони Уструшана соҳиби унвони *«афшин»* буданд. Боқимондаҳои қароргоҳи афшинҳои Уструшана андак дуртар аз шаҳраки имрӯзаи Шаҳристон воқеъ буд. Дар дар соҳили ғарбии сойи Шаҳристон, дар ҷои баланд димнаи Қалъаи Қаҳқаҳа ҷой дорад, ки деворҳои он нағз боқӣ мондаанд ва ҳудудаш баробар ба 5 га аст. Қасри афшинҳо дорои толорҳои калони барҳаво, ибодатхонаҳо, хонаҳои хоб, ошхона, нонвойхона, қӯрхона, суфаҳои калону хурд мебошад. Девори толорҳо ва долонҳо саросар бо нақшу нигори назаррабо ва лавҳаҳои чӯбии кандакоришуда пӯшида шуда буданд. Ин қаср дар натиҷаи сӯхтор вайрон мегардад, вале осори боқимонда аз санъати баланди Уструшани давраҳои қадим шаҳодат медиҳад.

Дар ҳафриёти солҳои баъд аз ин макон боз осори зиёди дигаре дастрас гардид, махсусан бештар аз 200 пораҳои чӯбҳои кандакорӣ ёфт шуд. Аз ҷумла, ҳайкалчаҳои одамону парандагон ва варақаву лавҳаҳо, арақаи аҷоиби таги равоқ, ки дар он расми одамон сабт гардидааст. Як пештоқ (тимпан) низ ёфт шуд, ки ҳамто надорад. Дар ин пештоқ ривояти қадими эронии муборизаи бадию некӣ дар образҳои шоҳзода Фаридун, Коваи оҳангар ва шоҳ Заҳҳоки одамхӯри мордаркитф таҷассум ёфтааст. Ин пештоқ ва умуман, тамоми осори санъати Шаҳристон барои таҳқиқи фарҳанги бадеӣ, асотир ва зисту зиндагонии Осиёи Миёнаи аввалҳои асрҳои миёна аҳаммияти ниҳоят калон дорад. Ёдгориҳои дигар, ба мисли Чилҳуҷра, қалъаи Қаҳқаҳаи II низ осори нодир мебошанд.

Забони уструшаниҳо яке аз лаҳҷаҳои забони суғдӣ будааст. Маводи бостоншиносии ба даст омада шаҳодат медиҳанд, ки дар ибтидои асрҳои миёна Уструшан маданияти баланде дошт ва бисёр падидаҳои ин маданият ба маданияти Суғд хеле наздик ва баъзан айнан ба он монанд буд.

## Фарғона

Академик Б. Ғафуров ҷуғрофияи таърихии Фарғонаро дар асараш таҳлил намуда, дар ибтидо топонимикаи онро шарҳ медиҳад. Ӯ ба хулосае меояд, ки дар маъхазҳои хориҷӣ Фарғона дар асрҳои VI-VII *Фейхан, Бохан, Паханна* номида шудааст. Дар асоси ин транскрипсия ва номи суғдии Фарғона гуфтан мумкин аст, ки дар қадим он *Фар[о]гона* ё *Фрагона* талаффуз карда мешуд.

Маъхазҳои чинӣ қайд менамоянд, ки замини Фарғона пурфайзу серҳосили пуроб асту аз гулу мева саршор мебошад. Аспу говҳои Фарғона шуҳрати зиёд доранд, аспу хачиру гӯсфанди зиёд дошт ва аҳолӣ, инчунин пахта корида, либосро аз пӯст, пашм ва пахта медӯхтанд.

Ҳокимони Фарғона унвони маҳаллӣ доштанд, ки он *«ихшид»* ё *«ихшад»* будааст. То давраи истилои араб Фарғона сарзамини тавоное буд ва дар ҳаёти сиёсии Осиёи Миёна мақоми муҳим дошт. Яке аз сабабҳои ин иқтидори ҳарбии он буд, ки ба пойгоҳи мустаҳками иқтисодӣ такя мекард. Дар Фарғона ҳам зироаткорӣ ва ҳам чорводорӣ хеле равнақу ривоҷ дошта, маҳорати косибони Фарғона ҳам ба дараҷаи баланд расида буд. Баробари ин ҳама, савдои хориҷӣ басо вусъат ёфта, ба мамлакатҳои ҳамсоя аспҳои хушзот, доруворӣ, рангубор, маснуоти шишагии нилранг ва ғайра ба фурӯш мерафт.

Аз ҳудуди Фарғона осори зиёди бостоншиносӣ пайд карда шудааст, ки доир ба таърихи ин минтақа дар ибтидои асрҳои миёна маълумоти фаровон медиҳанд. Яке аз онҳо харобаҳои Косон аст, ки аз шаҳр ва қалъа иборат мебошад. Қалъа ба қалъаи Қаҳқаҳаи Шаҳристон хеле монанд буда, ҳанӯз дар давраи Кушониён мавҷуд будааст.

Маркази Исфара Қалъаи Боло буд, ки дар соҳили дарё, 4 км болотар аз шаҳри имрӯзаи Исфара ҷой дошта, баландии қалъа 11-12 м, андозааш 16х65 метр буд. Маълум шуд, ки ин қалъа дар асрҳои VI–VII дар болои кадом як иморати пештара сохта шудааст. Дар Исфара ғайр аз ин дизҳо, яъне қалъаҳои кӯҳӣ, ба мисли Қалъаи Кофир дар соҳили чапи дарёи Исфара, қалъачаҳои қарибии деҳаҳои Сурх ва Ворух низ будаанд.

Аҳолии Фарғонаи қадим аслан мардуми шарқиэронӣ буда, забони махсуси фарғонагӣ вуҷуд дошт, ки ба гурӯҳи забонҳои шарқиэронӣ мансуб мебошад.

## 5. СОХТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ. ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ФЕОДАЛӢ

Дар ин қисмати асари худ академик Б. Ғафуров қайд менамояд, ки сарчашмаҳои хаттӣ он қадар маълумоти воқеӣ намедиҳанд, ки сохти иҷтимоию иқтисодии асрҳои V–VIII Осиёи Миёна, алалхусус, рафти инкишофи он ба таври муфассал таҳқиқ ёбанд. Барои ҳамин муҳаққиқ дар баррасии масъалаи мазкур бисёртар ба ҳуҷҷатҳои суғдии Қалъаи Муғ ва дигар ҳуҷҷатҳои суғдизабон ва ҳуҷҷатҳои хоразмӣ такя менамояд.

Масалан, тибқи як ҳуҷҷати Қалъаи Муғ тамоми ҷамъият, аз се табақа – ашроф, тоҷирон ва коркунон, яъне зироаткорон ва косибон иборат буд. Илова бар ин чанд тоифаи ғуломон низ вуҷуд дошт.

*Деҳқонон* ба ҷумлаи синфи ҳукмрон *озодҳо* дохил мешуданд. Дар ибтидои асрҳои миёна *деҳқон* заминдори калоне буд, ки ба як вилояти калон, ба як ноҳия ё худ ба як маҳаллае ҳукмронӣ мекард. Дар маъхазҳо онҳо *«деҳқонони акбар»* ё худ танҳо *«деҳқон»* номида шудаанд. Доираи ҳукми ин қабил деҳқонон, алалхусус барои ҳамин ҳам хеле васеъ буд, ки онҳо дар ихтиёри худ дастаҳои сершумори ҳарбӣ доштанд.

Ҳам аз ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ ва ҳам аз маъхазҳои арабӣ чунин бармеояд, ки дар байни синфи ҳукмрон дараҷаи мураккаби тобеият вуҷуд дошт. Баландтарин нуқтаи ин дараҷот *ихшид* буд. Деҳқонҳо либоси махсус ва камари заррин доштанд.

Дар асоси ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ оид ба низоми маъмурии Суғд хулоса карда мешавад, ки ба ҳайати маъмурияти марказии мулкҳои калони Осиёи Миёна *тудун* ном яке аз мансабҳои олитарин, ки эҳтимол, сардори маъмурияти шаҳрвандӣ буд, инчунин *тархон* дохил мешуд. Боз як мансаби олӣ *«наздикон», «ёрдамчӣ»* будааст. Мақоми *дапирпат* (саркотиб, сардори дабирон) низ хеле баланд будааст. Коргузори хоҷагии дарбор – *фрамандор* ба дахлу харҷи маҳсулоти зироат, маснуоти косибон ва масолеҳи

ҷанг мутасаддӣ буд, вай фармон мебаровард, ки фалон чиз фалон қадар ба фалон кас дода шавад, молу ашёро ба рӯихат мегирифт ва харҷи онро қайд мекард. Ғайр аз инҳо соҳибони мансаби *«мири соқӣ», «мири шифо», «мири охур»* ва *«мири чорбоғ»* вазифаҳои махсусро иҷро мекарданд. Инчунин мансаби ҷаллод ва амлокдорон ҳам буданд. Идораи лашкар низ вазифаи муҳим дониста мешуд.

Дар баробари маъмурияти марказӣ маъмурияти маҳаллӣ ҳам вуҷуд дошт. Маъмурияти маҳаллӣ сардорони деҳа ва заминҳои атрофи он, ки онҳоро *«деҳхудо»* гуфтаанд, *«арбобони деҳа», «арспона»* ва *«соҳиб»*-ро дар бар мегирифт.

Шаҳрҳо маркази косибию тиҷорат, маркази маданияти баланд буданд. Ба деҳоти он давраҳо сохтмони қалъаҳое хос буданд, ки баъзан дар наздикии шаҳрҳо бунёд мешуданд. Дар ин қалъаҳо, шаҳристонҳо ва аркҳо аъёну ашроф зиндагӣ мекарданд. Сохти шаҳр ва бисёр будани қалъаҳо, хусусияти санъат ва анъанаҳои «тарзи зиндагии баҳодурона», дар ихтиёри аъёну ашроф мавҷуд будани дастаҳои ҳарбӣ, парокандагии сиёсӣ ва аломатҳои тобеият далолат менамоянд, ки низоми феодалӣ аллакай падид омада буд.

# ФАСЛИ ЧОРУМ
# ОСИЁИ МИЁНА ДАР ДАВРАИ ТАРАҚҚИЁТ ВА УСТУВОРШАВИИ СОХТИ ФЕОДАЛӢ

*Фасли чоруми «Тоҷикон», ки аз панҷ боб иборат аст, таърихи асрҳои VII-XV, яъне давраи рушд ва устуворшавии муносибатҳои феодалӣ, шикасти давлати Сосониён, истило шудани Хуросону Мовароуннаҳр аз тарафи арабҳо, мубориза қаҳрамононаи сокинони минтақа ба муқобили истилогарон, шӯришҳои пайдарпайи халқӣ ва ниҳоят суст шудани Хилофати араб ва болоравии хонадонҳои маҳаллӣ, ташкили нахустин давлатҳои тоҷикии Тоҳириён, Саффориён ва Сомониёнро дар бар мегирад. Дар бобҳои алоҳида таърихи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар давраи рушди ҷомеаи феодалӣ тасвир ёфтааст.*

## БОБИ ЯКУМ
## ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ҲАЙАТИ ХИЛОФАТИ АРАБ

### 1. АЗ ПО АФТОДАНИ ДАВЛАТИ СОСОНИЁН

#### Арабистон дар арафаи ислом

Дар ин боб академик Б.Ғафуров дар бораи вазъи Арабистон дар арафаи пайдоиши дини ислом ва ҳуҷуми арабҳо ба Эрон ба таври мухтасар маълумот дода, аз парокандагии сиёсии Мовароуннаҳр, ишғоли он аз ҷониби арабҳо ва аз муборизаи суғдиён, бохтариёну тахориён ва дигар халқҳои Осиёи Миёна бар зидди ишғолгарони араб сухан мегӯяд.

Сатҳи рушди ичтимоию иқтисодии Арабистон дар нимаи дуюми асри VI ва ибтидои асри VII яксон набуд. Агар дар сарзамини Яман ва баъзе дигар вилоятҳои ин кишвар дар нимаи дуюми асри VI ва ибтидои асри VII зироаткорӣ ва зиндагии шаҳрӣ равнақ ёфта бошад, дашту саҳроҳои паҳновари он макони сукунати кӯчманчиёни бадавӣ буд, ки уштур сарвати асосии онҳо маҳсуб меёфт. Новобаста аз қавӣ будани ташкилоти тоифавии авлодӣ дар байни арабҳо, муносибатҳои феодалӣ тадриҷан ба зуҳур омад ва дар фосилаи мадиде аз қабилаҳои пароканда ва иттифоқи қабилаҳо

давлати ягона таъсис ёфт. Дар оғози асри VII низоми нави динӣ бо номи ислом пайдо гардид. Дар қисмати ҷанубу ғарбии Арабистон, ки арабҳо зиндагии муқимӣ доштанд, иқтисод ва фарҳанги пешрафта ба назар мерасид. Дар Арабистони Шимолӣ (Ҳиҷоз, Макка ва Мадина) низоми ғуломдорӣ ташаккул меёфт. Дар Арабистони дарунӣ, ки кӯчманчиёни араб (бадавиҳо) сукунат доштанд, ҷамъияти падаршоҳӣ бо оҳистагӣ аз миён мерафт.

Сабаб ва шароити таърихии пайдоиши дини ислом ва бо суръати баланд аз тарафи арабҳо тасарруф шудани кишварҳои зиёд ва сохтори ҷомеаи онвақтаи арабҳо солҳои тӯлонӣ мавриди таҳлил ва баҳси олимон қарор дорад. Манбаъҳо доир ба сохти иҷтимоии Арабистони тоисломӣ хеле зиёданд, вале баъзе аз онҳо, хусусан таърихнигории асримиёнагӣ бештар ба баёни воқеаҳои сулолавӣ ва «муқаддас» таваҷҷуҳ намуда, ҳамеша ҳодисаҳои воқеиро бо афсона ва мавзӯъҳои фолклорӣ омехта менамоянд. Чунин тарзи баён ҳалли масъалаҳои дар боло зикршударо боз ҳам мушкилтар мегардонад. Мавқеи исломшиносии буржуазӣ, ки далелу мадракаҳои зиёд доир ба ин давра ҷамъ намудааст, низ доир ба сабабҳои пайдоиши ислом қобили қабул нест.

Дар таърихшиносии шуравӣ доир ба таърихи тоисломӣ ду нуқтаи назар ҷой дорад. Нуқтаи аввал он аст, ки дар Арабистони ҷанубӣ ҷамъияти ғуломдорӣ ҳанӯз дар асри VI вуҷуд дошт, дар Арабистони Шимолӣ, Ҳиҷоз, Макка ва Мадина, ки роҳи асосии корвонгузар буданд, ташаккули тартиботи ғуломдорӣ дар охири асри VI ва аввали асри VII ба вуқӯъ меояд. Дар Арабистони дарунӣ, яъне дар байни бадавиҳо, кӯчманчиёни чорводор дар ҳамин вақт вайроншавии сохти ҷамоаи падаршоҳӣ оғоз меёбад.

Ҳамин тавр, дар Арабистон тартиботи ғуломдорӣ то ба дараҷаи ҷамоаи ҳукмрон нарасида буд. Давраи гузариш аз ҷамоаи ибтидоӣ ба ҷомеаи ғуломдорӣ ба замони пайдоиши дини ягона рост омад. Баъди ишғоли кишварҳои дигар ва густариши дини ислом, муносибатҳои феодалӣ рушд карда бошанд ҳам, нишонаҳои ҷамъияти ғуломдорӣ муддати тӯлонӣ боқӣ монданд.

Тибқи нуқтаи назари дуюм дар Арабистон ҳанӯз ҳанӯз пеш аз пайдоиши ислом муносибатҳои феодалӣ ташаккул ёфта буданд, аз ин рӯ, ислом аз аввали пайдоиши худ дини табақаҳои болонишини ҷомеаи феодалӣ ба шумор мерафт.

Новобаста аз гуногунандешӣ дар ин масъала, ҷамъияти хилофати охири асри VII дар баробари маҳфуз мондани тартиботи ғуломдорӣ, ба дараҷаи хеле зиёд феодалӣ гардида буд ва истилои Осиёи Миёна, шарқи Хуросон ва Мовароуннаҳр аз тарафи ашрофи ҳарбии феодалӣ, ки унсурҳои тарзи зиндагии бодиянишинро ҳам давом медод, ба амал оварда мешуд.

**Пайдоиши ислом. Шикасти давлати Сосонӣ**

Академик Б. Ғафуров дар ин бахш доир ба пайдоиши дини ислом, оғози лашкаркашии арабҳо ба муқобили Сосониён андеша ронда, таъкид менамояд, ки Муҳаммад пайғамбар, бунёдгузори дини ислом аз калонтарин маркази Арабистон - шаҳри Макка буд. Аммо ӯ дар зодгоҳи худ муваффақ нашуд ва соли 622 бо пайравонаш ба Мадина ҳиҷрат кард. Солшумории мусулмонии ҳиҷрӣ аз ҳамин сана ибтидо мегирад. Пайғамбар пас аз ба итоати худ даровардани сокинони Мадина тавонист дар як муддат аҳолии Макка ва баъдан қабилаҳои дигари арабро ба дини худ дарорад. Дини нав ислом ном гирифт, ки маъниаш «таслим ва итоат» мебошад.

Пас аз вафоти Муҳаммад (соли 632) Абӯбакр (632–634) халифа интихоб гардид. Дар давраи халифа Умар (634 - 644) қабилаҳои араб пурра мусулмон гардиданд. Дар натиҷа давлати ягонаи динии марказиятноки араб бо лашкари сершумор ва ҷангӣ ташаккул ёфт. Ин омилҳо боиси оғози лашкаркашиҳо ва ғасби ҳудуди давлатҳои дуру наздик гардид. Аъёну ашрофи араб тарафдори истило ва талаву тороҷи сарватҳои мамолики бегона буданд, сарбозонро соҳиб шудан ба қисме аз ғаниматҳои ҷангӣ ба сӯи корзор мекашид. Арабҳо дар як вақт ба муқобили Рум (Византия) ва Эрони сосонӣ лашкар кашиданд.

Охирин подшоҳи Сосонӣ Яздигурди III (632–651) пеши роҳи лашкари арабро гирифта натавонист. Пирӯзии арабҳо бар лашкари Сосониён дар ҷангҳои Қодисия (2 декабри соли 636) ва Наҳованд (соли 642) оғози заволи шоҳаншоҳии Сосониён буд. Дар зарфи 10 сол арабҳо хоки Эронро истило намуда, ба Рум зарбаҳои сахт заданд. Фаластин, Миср, Сурия ва Ироқро ишғол карданд.

Яздигурди III муддати 10 сол фирорӣ буд, аз як шаҳр ба шаҳри дигар паноҳ меҷуст ва кӯшиши бархезонидани аҳолӣ ба муқобили арабҳо мекард. Вале ин кӯшишҳои ӯ ягон натиҷае

набахшиданд. Соли 651 Яздигурди III аз таъқиби дастаҳои араб гурехта, ба Марв расид. Хост дар ин ҷо паноҳгоҳе пайдо кунад, вале бо хиёнати дастнишондаи худ – волии Марв кушта шуд. Тибқи як ривоят қотил осиёбонест, ки подшоҳи гуреза ба хонаи ӯ паноҳ бурданӣ буд. Ҳамин сол арабҳо Марвро пурра ишғол намуданд.

Сабабҳои асосии шикасти давлати Сосониҳо аз арабҳо ин аҳволи бади иқтисодии кишвар баъд аз ҷангҳои тӯлонӣ бо Ҳайтолиён, туркҳо ва румиҳо буд, ки онҳоро аз иқтидори пешинаи сиёсӣ ва низомӣ маҳрум намуд. Сокинони қаламрави давлати Сосониён, ки асосан иборат аз кишоварзон ва ҳунармандон буданд, бо додани андозҳо, маҷбуриятҳо ва хироҷҳои бешумор вазъи иқтисодиашон табоҳ шуда, нисбат ба ҳукумат норизо гардида, барои сабук гардидани вазъи тоқатфарсои зиндагиашон ба таблиғоти арабҳо дар бораи баробарии ҳамаи мусулмонон умед баста, ба дини онҳо гароиш намуданд.

## 2. АЗ ТАРАФИ АРАБҲО ЗАБТ КАРДА ШУДАНИ МОВАРОУННАҲР (давраи аввал)

### Парокандагии сиёсии Мовароуннаҳр дар миёнаҳои асри VII

Авзои сиёсии Мовароуннаҳрро дар арафаи истилои арабҳо таҳлил намуда, Б.Ғафуров менависад, ки баъд аз ишғоли сарзамини Эрони имрӯза ва Хуросон арабҳо мақсади ишғоли Мовароуннаҳрро низ дар назди хеш гузошта буданд. Дар ин давр Мовароуннаҳрро вазъи нобасомони сиёсӣ фаро гирифта буд ва ин сарзамин ба мулкҳои хурд, мисли Бухоро, Самарқанд, Фарғона, Панҷ (Панҷакат), Уструшан, Чағониён (Аҳорун ва Шумон), Вашгирд, Кумед, Қубодиён, Хатлон (Ҳулбук ва Мунк), Рашт, Карон, Бадахшон (Вахон, Шуғнон ва Рӯшон) қисмат шуда буд.

Аз ҷумла, дар водии Фарғона Уструшан (Истаравшан) бо пойтахти худ – Бунҷикат, дар саргаҳи Зарафшон бо воҳа ва доманаҳои қаторкӯҳи Туркистон ва Зарафшон мулки Буттом, дар шимоли он мулкҳои Масчоҳ ва Парғар (Фалғари имрӯза), дар қисмати ғарбӣ шаҳри Панҷ – Панҷакенти ҳозира, дар ноҳияи Ҳисор мулки Чағониён сар то сари водии дарёи Сурхон (Чағонруд)

ва қисмати ғарбии водии Ҳисорро бо шаҳри бузурги худ - Чағониён (наздикии Деҳнав), дар шарқтари Чағониён–Аҳорун ва Шумон; дар байни дарёи Кофарниҳон ва Вахш – Вашгирд бо пойтахти худ Вашгирд (Файзобод), дар саргаҳи Кофарниҳон (дарёи Ромит) ва Вахш мулки Кумед, дар водии Вахш мулки Вахш, дар поёноби дарёҳои Вахш ва Кофарниҳон мулки Қубодиён, дар байни Панҷ ва Вахш Хатлон бо пойтахти худ - Ҳулбук ва шаҳри Мунк (Балҷувон),дар ноҳияи Ғарм мулки Рошт бо пойтахти худ шаҳри Рошт (Ғарм) ва мулки Дарвоз бо пойтахти худ – Қуррон, дар вилояти кӯҳистони Бадахшон мулкҳои Вахон, Шуғнон ва Рӯшон мавҷуд буданд.

Ҳокими ҳар як мулк худашро мустақил ҳисоб мекард ва унвони махсус дошт. Набудани иттиҳод ва ягонагӣ дар байни ҳокимони Мовароуннаҳр кори муттаҳид намудани сокинони Осиёи Миёнаро барои муқовимат ба арабҳо душвор кард.

**Ба сарҳади Осиёи Миёна расидани лашкари араб. Ҳамлаҳои нахустин ба Мовароуннаҳр**

Истилои Осиёи Миёна аз тарафи арабҳо даҳ сол пас аз муҳорибаи Наҳованд (642) ва се сол пас аз кушта шудани охирин шоҳи Сосониён Яздигурди III ва ишғоли шаҳри Марв шуруъ гардид. Нахустин ҳуҷумҳои арабҳо ба Мовароуннаҳр аз ҳамла ба Маймурғ, воқеъ дар Суғд соли 654 ва ба Чағониён соли 667 оғоз гардид. Арабҳо баробари ишғоли заминҳои нав баҳри таҳкими пойгоҳи иҷтимоии худ ба Хуросону Мовароуннаҳр аз Басра ва Куфа 50 ҳазор хонаводаи арабро низ кӯчониданд.

Бо маълумоти сарчашмаҳо, аз ҷумла Наршахӣ арабҳо борҳо аз Амударё гузашта ба мулкҳои Мовароуннаҳр ҳуҷум овардаанд. Масалан, малики Бухоро ҳар бор ба ивази хироҷу туҳфаҳои зиёд мулки худро ҳимоя намуд. Охири соли 673 ва аввали соли 674 волии араб дар Хуросон Убайдуллоҳ ибни Зиёд ба Мовароуннаҳр ҳуҷум карда, Рометан ва атрофи Бухороро ишғол намуд. Аммо ба муқобилияти сахти сипоҳи муштараки бухориҳою туркҳо дучор омада, ба бастани сулҳ маҷбур шуд. Мувофиқи қарордоди сулҳ Убайдуллоҳ 4 ҳазор камонкаши моҳири маҳаллиро ба ғуломӣ бурд.

Соли 676 волии нави Хуросон Саид ибни Усмон бо лашкари зиёд Амудаёро гузашта, ба Бухоро ҳуҷум кард. Маликаи Бухоро

бо додани сесад ҳазор дирҳам ва ба гарав гузоштани иддае аз ҷавонони ашрофи Бухоро бо арабҳо созиш намуд. Саид ибни Усмон тасмим гирифт шаҳри ободи дигари Мовароуннаҳр - Самарқандро ишғол намояд. Як моҳ суғдиён бо арабҳо мардона ҷангиданд ва Саид ба ҷуз сулҳ бастан чораи дигар наёфт. Аз ин ҷо низ ӯ бо ғанимати зиёд ва ғуломон баргашт.

Наршахӣ ва Балозурӣ менависанд, ки ҷавонони суғдии ба ғуломи гирифтаи Саид рӯзе исён бардоштанд ва ӯро куштанд ва хештанро низ ба куштан доданд. Табарӣ доир ба муқовимати сахти аҳолии воҳаҳои куҳистони Мовароуннаҳр ба арабҳо маълумот дода, чандин воқеаҳо аҷоибро нақл мекунад. Аз ҷумла, доир ба малики Хатлон Сабол ва корномаи ӯ нақли муфассалеро овардааст. Бародарзодаи Сабол хиёнат намуда, арабҳоро ба тарафи Хатлон меорад, аммо дар ин ҷо шабонгаҳ малик шабохунзада арабҳоро шикаст медиҳад ва бародарзодаашро асир мегирад ва ба куштан медиҳад.

Баъд аз ин тохтутозҳо арабҳо муддати панҷ сол ба Мовароуннаҳр ҳуҷум накарданд. Дар замони волии Хуросон будани Салм ибни Зиёд, ки аз ҷониби халифа Язид ибни Муовия (680-683) таъин шуда буд, арабҳо боз ба Мовароуннаҳр ҳамла оварданд. Сокинони Самарқанд ва Бухоро аз арабҳо шикаст хӯрда, маҷбур шуданд ба ивази пардохти молу пул аз асорат раҳоӣ ёбанд. Дар ин лашкаркашӣ арабҳо то ба Хуҷанд расиданд, вале дар инҷо зарбаи сахт хӯрданд.

Ҳамин тавр, то замони волии Хуросон таъин шудани Қутайба ибни Муслим (705) ҳама ҳуҷуми арабҳо ба Мовароуннаҳр номуназзам буд ва хусусияти ғоратгарона дошт. Онҳо асосан вилоятҳои ишғол кардаи худро тороҷ намуда, ба харобазор табдил медоданд ва сипас ба Марв бармегаштанд.

## Муборизаи суғдиён, тахористониҳо ва дигар халқҳои Осиёи Миёна бар зидди истилогарон

Академик Б.Ғафуров менависад, ки истилои қатъии Мовароуннаҳр аз тарафи арабҳо баъди волии Хуросон таъин шудани Қутайба ибни Муслим дар соли 705 оғоз ёфт. Қутайба аз парокандагии сиёсӣ ва ихтилофи дохилии ҳокимони вилоятҳои

алоҳидаи Мовароуннаҳр истифода намуда, тавонист дар муддати на чандон дароз ин кишварро ишғол намояд.

Дар аввал Қутайба соли 705 бо қувваи зиёд ба Балх ҳаракат намуда, маҳалҳоеро, ки аз арабҳо рӯ гардонида буданд, ба худ тобеъ намуд. Аз ҷумла, Шумон ва атрофи онро низ ишғол намуд. Сипас, соли 706 Қутайба ба Пайканд, ки яке аз ободтарин шаҳрҳои Мовароуннаҳр буд ва чун шаҳри бозаргонон шуҳрат дошт, ҳуҷум кард. Бино ба ахбори сарчашмаҳои таърихӣ муборизаи пайкандиён бо арабҳо ба ривояте 50 рӯз ва ба ривояти дигаре 10 моҳ идома дошта, билохира бо ғалабаи Қутайба анҷом меёбад. Аммо, пайкандиён ҳамоно пас аз рафтани Қутайба шӯриш бардошта, дастаи арабҳои дар шаҳр истодаро ба қатл расониданд. Қутайба Пайкандро дубора ишғол карда, онро тамоман ба харобазор мубаддал гардонд, ҳамаи мардонро кушта, занону кӯдаконро ба ғуломӣ дод. Арабҳо дар ин ҷо ҳамон қадар сарват ба даст даровардaнд, ки то ин вақт дар ҳеҷ ҷо ин андоза ғанимат насиби онҳо нагардида буд.

Баъди фоҷеаи Пайканд ҳокимони баъзе вилоятҳои Суғд бо туркон мувофиқа карда, дар наздикии Рометан лашкари бузурге гирд оварда, бо Қутайба ҷангиданд. Қутайба аз ин набард бо мушкилӣ берун омада, бо талафоти зиёд ба Марв баргашт.

Соли 708 Қутайба бо лашкари неруманд боз ба тарафи Мовароуннаҳр лашкар кашида, Рометанро ишғол карда ва то наздикии Бухоро расид. Аммо ин бор низ ба муқовимати сахт дучор шуда, ба Хуросон пас гашт.

Соли 709 Қутайба Амударёро убур карда, бо лашкари сершуморе ба ҷониби Бухоро рафт. Дар ин лашкаркашӣ Қутайба аз тадбире истифода кард ва ихшиди Суғд Тархунро тавассути ҷосусони худ бовар кунонид, ки туркон ҳадафи ишғоли Бухороро доранд. Бо ин тадбир иттиҳоди байни суғдиён ва туркҳо аз байн рафт ва арабҳо Бухороро ишғол карданд.

Соли 710 Қутайба ба Шумон лашкар кашид. Сокинони Шумон талаби арабҳоро рад намуда, ба мубориза бархестанд. Дар ин ҷанг ҳокими Шумон кушта шуд, Қутайба шаҳрро ғорат карда, ба ҷониби Насаф ва Кеш рафт.

## Мудофиаи Самарқанд

Мудофиаи Самарқандро академик Б.Ғафуров яке аз саҳифаҳои дурахшони муборизаи аҷдоди тоҷикон ба муқобили арабҳо меҳисобад. Баъд аз бо ихшиди Суғд, Тархун сулҳ бастани Қутайба, онҳо уҳдадор буданд, ки ба арабҳо хироҷ диҳанд. Қутайба барои ҷамъоварии хироҷи Суғд бародараш Абдурраҳмонро ба Самарқанд фиристод. Сокинони Суғд ва ашрофи Самарқанд ба ин кор норизоӣ намуда, Тархунро аз тахт сарнагун намуда, ба ҷои ӯ соли 710 Ғуракро ихшид интихоб карданд.

Қутайба ба осонӣ таслим нашудани суғдиёнро пешбинӣ карда, ҳокимони Бухорову Хоразмро ба тарафи худ ҷалб кард ва бо кӯмаки лашкари онҳо ба Самарқанд ҳуҷум кард ва ҳадафи ҳуҷуми худро риёкорона қасоси марги ихшиди Суғд Тархун, ки аз норизоии суғдиён дар ҳабс ба худкушӣ даст зада буд, эълон кард.

Шаҳриёни Самарқанд бо сарварии Ғурак як моҳи комил ба аҷнабиён муқовимат карданд. Ба далели бартарии неруҳои душман онҳо аз шоҳи Чочу ихшиди Фарғона кӯмак хостанд ва ба онҳо навиштанд: «Агар арабон бар мо зафар ёбанд, бо шумо низ чунон кунанд, ки бо мо мекунанд».

Шоҳи Чочу ихшиди Фарғона аз ин бимнок шуда, дастаҳои мунтахаби ашрофи низомии маҳаллии вилоятҳои худро ба ҷониби Самарқанд фиристоданд. Аммо арабҳо аз ҳаракати ин дастаҳо ба ҷониби Самарқанд огоҳ шуда, бар зидди онҳо размандагони худро фиристоданд, ки дар натиҷа ин неруи ёрирасон шикаст хӯрд.

Пас аз ин Қутайба лашкари худро бо манҷаниқҳо барои шикастани деворҳои муҳофизатии Самарқанд ва сангборон намудани сокинони он ба ин шаҳр равона кард.

Дар муҳосираи Самарқанд хоразмиҳо ва бухориҳо ширкати фаъол карда, ба арабҳо кӯмак расониданд. Ҳокими Самарқанд Ғурак Қутайбаро сарзаниш кард, ки «ба кӯмаки бародаронам ва аҳли хонадонам аз мардуми Аҷам бо ман ҷанг мекунӣ, арабонро сӯи ман фирист». Шӯриши самарқандиён бераҳмона пахш карда шуд ва шаҳри Самарқанд 7 октябри соли 712 ба арабҳо таслим гардид. Дар натиҷа паймони сулҳ дар сахтарин шароит барои шаҳри Самарқанд баста шуд. Суғдиён илова ба пул ва хироҷи солона, маҷбур буданд теъдоди муайяни ғулом дар ихтиёри аъроб қарор

диҳанд, ганҷинаи маъбадҳо ва ороишоти биноҳои худро бибахшанд, масоҷид бисозанд, сипоҳиёни худро аз шаҳр хориҷ кунанд, шаҳрро тарк намоянд, ба воруди лашкари араб мамониат накунанд ва Самарқандро дар ихтиёрашон гузоранд.

Бо вуҷуди пирӯзӣ дар Самарқанд, Қутайба тирамоҳи ҳар сол аз хавфи мардуми озодихоҳи суғдӣ лашкари худро аз Амударё гузаронида, дар Марв ва дигар шаҳрҳои Хуросон ҷойгир мекард ва баҳорон боз ба Мовароуннаҳр ҳамла меовард.

### Иттифоқи Суғд, Чоч, Фарғона ва туркон

Муаллифи «Тоҷикон» таъкид менамояд, ки дар солҳои 712–713 ҳокимони Суғд, Чочу Фарғона ва хоқони турк бар зидди арабҳо кӯшиши ташкили иттиҳоди ягонаро намуданд. Қутайба тасмим гирифт, ки нахуст ба фарғониҳо, чочиҳо ва туркҳо зарба занад. Дар ин ҷангҳо Қутайба пирӯз шуда бошад ҳам, вале муқовимати чочиҳо ва фарғониҳоро комилан шикаста натавонист. Соли 714 Қутайба Чочро ба қароргоҳи асосии худ табдил дода, соли 715 ба Фарғона ҳуҷум карда, ҳокими онро шикаст дод.

Соли 715 баъди ба сари тахт нишастани халифаи араб Сулаймон, ки бо Қутайба мухолифат дошт, сар аз фармони халифа берун меорад, вале дар як ҷанг бо қабилаҳои дигари араб дар Фарғона кушта мешавад.

Пас аз марги Қутайба талошҳои ташкили иттиҳод миёни ҳокимони Мовароуннаҳр идома меёбад.

Сабабҳои асосии муваффақияти арабҳо дар набардҳои Мовароуннаҳр ин парокандагии сиёсии кишвар, зиддиятҳои байни туркҳои бодиянишин ва сокинони бумии он, инчунин бартарии ҳарбии арабҳо ба шумор меравад.

## 3. АЗ ТАРАФИ АРАБҲО ЗАБТ КАРДА ШУДАНИ МОВАРОУННАҲР (давраи дуюм)

### Аҳволи халқҳои Осиёи Миёна

Академик Б.Ғафуров таҳлили аҳволи мардуми Осиёи Миёнаро аз он сар мекунад, ки баъд аз пирӯзии арабҳо дар Мовароуннаҳр лашкари бешумори онҳо дар шаҳрҳои ин сарзамин ҷойгузин шуд, ки такягоҳи асосии арабҳо ба ҳисоб мерафт.

Ҳукмронии арабҳо бори сангинеро ба дӯши аҳолии маҳаллӣ гузошт. Арабҳо кишварро ғорат ва аҳолиро ба қабули дини нав маҷбур мекарданд ва бо он ҳама сарвате, ки ҳангоми ишғоли шаҳрҳои Мовароуннаҳр ба даст оварда буданд, қонеъ нашуда, аз аҳолӣ андозҳои зиёд меситониданд.

Ашрофи араб ва лашкари он дар вилоятҳои Мовароуннаҳр соҳиби беҳтарин заминҳои ҳосилхез гардида, нисфе аз ҳавлиҳои аҳолиро мусодира карда, манзил гузиданд. Мусодираи нисфе аз ҳавлиҳои мардум баҳонае барои назорати мардум аз риоя кардани аркони ислом аз тарафи арабҳо буд.

То ишғоли Мовароуннаҳр аз ҷониби арабҳо дар ин сарзамин дину ойинҳои зардуштӣ, насронӣ, буддоӣ ва монӣ вуҷуд доштанд, ки пайравони ин динҳо дар шароити мусолиматомез бо ҳам зиндагӣ мекарданд. Арабҳо дар кишварҳои ишғолкардаашон, аз ҷумла дар Мовароуннаҳр сиёсати ба расмият даровардани дини исломро ҷорӣ намуда, дигар динҳоро куфр эълон карданд. Мардумони дини исломро қабулкарда аз имтиёзҳо бархӯрдор шуданд. Дар оғоз ҳар касе, ки дини исломро мепазируфт, барояш пул медоданд. Ононе, ки ин динро пайравӣ наменамуданд, ҷизя месупориданд. Ин тадбирҳо барои густариши дини ислом дар Осиёи Миёна мусоидат кард.

### Муборизаи суғдиён, фарғониҳо ва туркон дар солҳои 720-722

Олими шинохта Б. Ғафуров ба раванди муборизаи ватандӯстонаи аҷдоди тоҷикон ва дигар қавму қабоили минтақа бар зидди арабҳо таваҷҷуҳи бештар намудааст. Ӯ менависад, ки соли 720 дар Суғд оташи мубориза бар зидди арабҳо дубора фурӯзон гардид. Дар роҳи ба даст овардани пирӯзӣ суғдиён барои аз нав барқарор кардани иттиҳод бо фарғониҳо ва туркҳо талошҳо карданд. Хоқони турк сипоҳе ба кӯмаки суғдиён фиристод, ки майдони набардро барои арабҳо танг карданд. Фармондори навтаъини Хуросон Саиди Ҳарашӣ бо шӯришиён музокира анҷом дод ва дар натиҷа иддае аз аъёну ашроф, ки дар миёни онҳо Ғурак низ буд на танҳо ба шӯришиён хиёнат карданд, инчунин якҷо бо арабон зидди онҳо ҷангиданд.

Аксари шӯришгарон тасмим гирифтанд, ки ба арабҳо таслим нашаванд ва ба маҳалҳои амн паноҳ баранд. Яке аз чунин маҳалҳои амн водии Фарғона буд. Ҳокими Фарғона Алутар ба суғдиён ваъдаи кӯмак намуданро дод, аммо ба ваъдааш вафо накарда, бо арабон ба музокира нишаст. Пас аз ин суғдиён аз маконҳои бумии худ ба дарвозаи водии Фарғона - шаҳри дурафтодаи Хуҷанд барои наҷот аз интиқоми арабҳо омаданд. Арабҳо онҳоро то ин шаҳр низ таъқиб карданд. Сокинони Хуҷанд ҳамбастагии худро ба суғдиён иброз доштанд, ки ба хотири он аз ҷониби аъроб муҷозот шуданд. Аз ҷумла, сарлашкари араб фармуд, ки заминдорони ин ҷо ба гардани худ муҳри сурбӣ овехта гарданд ва касеро, ки итоат намекард, ба қатл маҳкум менамуданд.

Дар ин гирудор аз Чин бозаргонони суғдӣ, ки чаҳорсад кас буданд, бо корвони тиҷоратии худ ба ин мантақа расиданд. Арабҳо амволи ин корвонро тороҷ карда, миёни худ тақсим намуданд.

Ба гурӯҳи дигари шӯришгарони Суғд Деваштич сарварӣ мекард. Деваштич ва ҳаводоронаш ба ҷониби водии Фарғона нарафтанд ва тасмим гирифтанд, ки барои идомаи мубориза бо арабҳо аз Панҷакент ба болооби Зарафшон, ба минтақаи мушкилгузари кӯҳистон бираванд. Деваштич ният дошт ҳамроҳони худро аз тариқи ағбаи Шаҳристон ба Хуҷанду Фарғона расонад. Деваштич барои мубориза бо аъроб вориди тамосҳои дипломатӣ бо ҳокими Чоч ва ҳатто хоқони турк гардид. Ин ахбор дар асноди кӯҳи Муғ, ки марбут ба ҳокими Панҷакент Деваштич, ки ихшиди Суғд низ буд, зикр ёфтааст. Деваштич сафири худ Фатуфарнро ба назди ҳокими Чоч барои музокира ва ташкил намудани ҷабҳаи муштарак бар зидди арабҳо мефиристад. Аммо ин кор ба Деваштич муяссар намегардад.

Арабҳо Деваштичро то қалъаи кӯҳи Муғ, ки барои муқовимат интихоб карда буд, таъқиб карданд. Муҳосираи тӯлонӣ, мушкилоти таъмини сокинони диж бо маводи хӯрока, инчунин рӯҳафтодагии муҳофизони он Деваштичро маҷбур ба музокира барои таслим шудан кард. Баъди таслим шудан арабҳо Деваштичро ваҳшиёна қатл карда, сарашро ба амири Ироқ ба Бағдод фиристоданд.

Бо фурӯ нишондани оташи наҳзати истиқлолхоҳии суғдиён, аз ҷумла Деваштич дар солҳои бистуми садаи ҳаштум муборизаҳо дар Мовароуннаҳр барои раҳоӣ аз асорати арабҳо қатъ нагардид ва шуълаи он оташ гоҳе дар Самарқанд, гоҳе дар Фарғона, гоҳе дар Хатлон ва дигар манотиқи ин сарзамин забона мезад.

### Муборизаи Хатлонзамин бар зидди истилогарон

Мардуми далер ва озодихоҳи Хатлон, - менависад академик Б. Ғафуров, - ба истилогарони араб муқобилати сахт нишон доданд. Арабҳо соли 725 ба ҷониби Хатлон лашкар кашиданд. Лашкарро амири Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ фармондеҳӣ кард. Дар нахустин набард лашкари арабро хатлониён шикаст доданд ва Асад ибни Абдуллоҳ бо аскарони зиндамондааш ба Балх фирор кард. Сокинони Балх ин пораи шеъри таъномезро барои арабон суруданд:

*Аз Хутталон омадия,*
*Ба рӯ табоҳ омадия,*
*Обор боз омадия,*
*Хушку низор омадия.*

Ин шикаст боис шуд, ки арабҳо дар муддати даҳ сол ишғоли Хатлонро ба гӯшаи хотир наоварданд. Соли 737 амири Хуросон Асад ибни Абдуллоҳи Қасрӣ ба Хатлон лашкар кашид, вале дар ин ҷо ба иттиҳоди неруманди лашкари суғдиён, Чоч, Хуттал ва туркон дучор омад. Набарди нахустин бо Чағонхудот рух дод, ки ҷонибдорӣ аз арабҳо мекард. Дар ин набард Чағонхудот кушта шуд ва шӯришиён пирӯз гаштанд. Аммо дар набарди Хористон хокими Хатлон Бадри Тархон бо сарбозонаш ба муҳосира афтоданд ва маҷбур шуданд бо арабҳо музокираи сулҳ намоянд. Арабҳо ваъдаи зинда мондани Бадри Тархонро доданд. Аммо чуноне ки Деваштичро аҳдшиканона қатл намуданд, Бадри Тархонро низ бо фиреб куштанд ва Хатлонро ба тасарруфи худ даровараданд.

Аммо муборизаи зидди арабҳо хомӯш нагардид, соли 728 ва баъдан солҳои 736–737 аҳолии Тахористон ва Суғд бо ҳимояи қӯшуни хоқони турк бар зидди истлогарони араб сар бардоштанд. Аҳволи арабҳо, хусусан, дар соли 737 хеле вазнин гардид.

Вазъи нобасомони Хуросону Мовароуннаҳр халифаи арабро маҷбур кард, ки дар муддати кӯтоҳ чанд амири Хуросонро яке аз

паси дигар иваз намояд. Соли 738 Наср ибни Сайёр амири Хуросон ва Мовароуннаҳр таъин шуд ва дар байни солҳои 738-739 се маротиба ба Мовароуннаҳр ҳуҷум оварда, исёнҳои сокинони Самарқанду Чочро фурӯ нишонд. Наср ибни Сайёр барои муътадил кардани вазъи Мовароуннаҳр роҳҳои бо ашрофи маҳаллӣ созиш карданро меҷуст. Дар ин байн ӯ духтари бухорхудотро ба занӣ гирифта, бо ашрофи Мовароуннаҳр робитаи хешутаборӣ барқарор намуд.

Бо вуҷуди ин Мовароуннаҳр яке аз сарзаминҳои ноороми ишғолнамудаи хилофати араб ба ҳисоб мерафт.

## Оқибати ба хилофати араб ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна

Академик Б. Ғафуров оқибати истило шудани Осиёи Миёнаро аз тарафи арабҳо ба риштаи таҳлил кашида таъкид менамояд, ки дар инъикоси ин масъала набояд ба ифроту тафрит роҳ дод. Воқеан маъмурони сосонӣ, аъёну ашрофи динӣ ва ғайридинии маҳаллӣ дар Эрон ва Осиёи Миёна ба мардуми одӣ аз ҳад зиёд зулм мекарданд. Аз ин рӯ, оммаи халқ дар аввал ҳукуматдоронро дар мубориза зидди арабҳо чандон дастгирӣ накард. Ин ҳолат дар давраи аввали истило ба ҳаракати босуръати арабҳо дар сарзамини Эрон ва Хуросон мусоидат намуд. Аммо, бешубҳа аз тарафи арабҳо истило шудани Осиёи Миёна, ҷанги ғосибона буда, ба сари мардумони маҳаллӣ мусибат ва маҳрумияти фаровон оварда, мардумро дучори зулму тааддии золимона гардонид.

Сокинони Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри VII ба зери ҳукмронии бераҳмонаи арабҳо афтоданд. Истилогарон сиёсати ғорату тороҷ ва ҷабру зулмро пеша карданд, ки дар натиҷа дар бисёре аз маҳалҳои Осиёи Миёна сокинони он ба муқобили арабҳо сар бардошта, мубориза намуданд. Фишори арабҳо торафт зиёдтар мешуд ва сиёсати табақаи ҳокими хилофат нисбат ба халқҳои мутеъ боз ҳам золимонатар мегардид.

Раванди этногенӣ, забонӣ ва мадании кишварҳои ишғол намудаи хилофат пурихтилоф ва мураккаб буд. Забони арабӣ дар саросари қаламрави хилофат мавқеи асосиро касб карда, ба забони ягонаи муошират мубаддал мегардад. Халқҳои ба ҳайати

Хилофати араб воридшуда, махсусан дар Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ иҷборан забону фарҳанги худро аз даст дода араб шуданд. Дар он минтақаҳое, ки мардум забони худро ҳифз карда тавонистанд низ зӯран дини исломро ҷорӣ карда, забони арабиро низ чун забони «муқаддас» паҳн менамуданд. Забони арабӣ чун забони лотинӣ дар Аврупои Ғарбӣ дар дохили хилофат эътибори забони умумии илмиро пайдо намуд. Асарҳо оид ба тиб, рисолаҳои ҳисоб, нуҷум ва дигар илмҳо аз ҷониби ғайриарабон ба забони арабӣ офарида мешуданд. Фарҳанги халқҳои хилофат ё худ чи навъе ки баъзан истилоҳи комилан нодурустеро ба кор бурда, фарҳанги мусулмонӣ ё фарҳанги арабӣ мегӯянд, натиҷаи омезиши комёбиҳои эҷодии бисёр халқҳо, аз ҷумла халқҳои Осиёи Миёна мебошад.

Дар натиҷаи ин омезиш (синтез) фарҳанги халқҳои хилофат дар асрҳои IX–XII аз фарҳанги ҳамзамони аврупоӣ чандин мартаба баландтар буд. Хизмати дигари таърихии халқҳое, ки ба ҳайати хилофат дохил буданд, эҳё ва паҳн намудани бисёр суннатҳои қадима, хусусан, анъанаҳои илми табиатшиносӣ ва фалсафа барои наслҳои ояндаи инсоният мебошад. Маҳз бо кӯшиш ва фаъолияти донишмандони он замон аврупоиҳо бо комёбию дастовардҳои мардуми Шарқ шинос шуданд. Аз ҷумла, осори илмии донишмандони тоҷик, аз қабили Форобӣ, Берунӣ, Ибни Сино ва бисёр дигарон ба ганҷинаи илму фарҳанги на фақат хилофат, балки тамоми инсоният саҳми пурарзише гардиданд.

Ғайр аз ин, ба хилофат ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба суръат ёфтани тараққиёти феодализм, поин омадани сатҳи парокандагӣ, густариши робитаи байни халқҳои гуногун ва ба вуҷуд омадани давлатҳои маҳаллӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон сабаб гардид.

## 4. НАҚШИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР МУБОРИЗАИ БАЙНИ УМАВИҲО ВА АББОСИЁН

### Гурӯҳҳои мухталиф дар хилофат

Академик Б. Ғафуров ба масъалаи нақш ва мақоми халқҳои Моварооуннаҳру Хуросон дар ҳаёти сиёсию фарҳангии хилофат низ диққати ҷиддӣ медиҳад. Ӯ менависад, ки Умавиҳо усули идориеро пеш гирифтанд, ки табақаи ашрофи маҳаллӣ ба куллӣ аз ҳуқуқҳои

сиёсӣ маҳрум шуда, ба нафъи халифа ва пешвоёни қабилаҳои араб ирсол шудани андозу молиёт ба зарари онҳо тамом мешуд. Аз ин рӯ, рӯҳияи мухолифат бо хилофат на танҳо дар Осиёи Миёна, инчунин дар дигар кишварҳои ишғол шуда рӯз то рӯз нерумандтар мегардад.

Ду гурӯҳ хилофати Умавиҳоро ғайриқонунӣ мепиндоштанд. Гурӯҳи аввал хориҷиҳо буданд, ки аз баланд шудани мақоми ашрофи араб дар хилофат норизо буданд. Онҳо дар дохили ҷамоаи мусулмонон тарафдори баробарии ҳамаи қишрҳо буданд. Аз ин рӯ, доираи васеи аҳолии ғайриараб ин гурӯҳро ҷонибдорӣ мекард.

Гурӯҳи дигар аҳли шиа, ҷонибдорони Алӣ буданд. Ин гурӯҳ хилофатро меросӣ ҳисобида, танҳо хонаводаи Алиро ворисони асосии хилофат медонистанд. Иловатан аз соли 718 сар карда, намояндагони хонаводаи Аббос (амаки Муҳаммад) бар зидди Умавиҳо таблиғот бурда, даъво мекарданд, ки хилофат аз Бани Ҳошим, яъне хонадони пайғамбар аст.

Норизоӣ нисбат ба Умавиҳо дар солҳои чилуми асри VIII, дар замони халифа Марвони дуюм (744-750) дар саросари хилофат бештар гардид. Ин норизоӣ то ҳадде пеш рафт, ки ҳатто сарбозони хосаи дарбори халифа исён бардоштанд.

Бо истифода аз ин фурсат, яке аз намояндагони хонадони Аббосӣ Имом Иброҳим роҳбарии корҳои таблиғотиро бар зидди Умавиҳо ба даст гирифт. Аббосиён тамоми мушкилоти ба сари сокинони хилофат омадаро аз намояндагони Умавӣ дониста, дар мубориза худ бар зидди онҳо ба ашрофи Мовароуннаҳру Хуросон такя мекарданд. Дар нимаи дуюми солҳои чилуми асри VIII дар Хуросон Абумуслим сарварии муборизаро бар зидди Умавиҳо ва ба ҷонибдории Аббосиҳо ба зиммаи худ гирифт.

**Нехзати Абумуслим**

Абумуслим, -менависад академик Б. Ғафуров, - ки аслан аз оилаи барзгар баромадааст, дар наздикии шаҳри Марв ба худ қароргоҳ интихоб намуда, 9 июли соли 747 парчами сиёҳро, ки рамзи хонаводаи Аббосӣ буд, барафрошта, мардумро ошкоро бар зидди Умавиҳо ба мубориза даъват намуд. Ин даъвати Абумуслим на танҳо дар миёни халқҳои тобеи хилофат, инчунин дар байни арабҳо низ ҷонибдор пайдо намуд. Диноварӣ тасвир менамояд, ки «Мардуми Ҳирот, Фушанҷ, Марворруд, Толиқон, Марв, Нисо,

Абевард, Тӯс, Нишопур, Сарахс, Балх, Чағониён, Тахористон, Хатлон, Кеш ва Насаф бо ачала ба назди Абӯмуслим ҳаракат мекарданд. Ҳамаи онҳо ба аломати ҳамрайъӣ либоси худро ранги сиёҳ заданд, инчунин нимаи гурзҳои чӯбиашонро сиёҳ карданд».

Амири умавии Хуросон Наср ибни Сайёр тамоми кӯшишҳоро дар фурӯ нишонидани неҳзати Абумуслим сарф кард, аммо натича надод. Дар оғози соли 748 Наср ибни Сайёр мачбур шуд пойтахти Хуросон, шаҳри Марвро тарк гӯяд ва ба тарафи Нишопур равад. Абумуслим ӯро дар ин роҳ таъқиб карда, зарбаи ҳалокатбор ба лашкари Умавиҳо зад. Ин муҳориба дар оянда тақдири хилофати Умавиро ҳал кард. Гарчанде халифа Марвон кӯшиш намуд, ки бо истифода аз тамоми нерӯи дар ихтиёраш буда, ин неҳзатро фурӯ нишонад ва Имом Иброҳими Аббосро дар назди мардум ба қатл расонид, вале он хилофати Умавиро начот дода натавонист.

Он сипоҳе, ки Абумуслим дар вилоятҳои шарқӣ ташкил дода буд, соли 750 неруҳои охирини Умавиҳоро шикаст дода, намояндагони хонадони Аббосиро ба сари хилофат оварданд.

Аббосиён ваъдаҳои ба халқ ва шӯришгарон додаи худро, чуноне ки интизор мерафт, ичро накарданд. Бо вучуди ин ки Абумуслим бо душманони хоричӣ ва дохилии Аббосиён мубориза мекард, Аббосиён ба ӯ эътимод намекарданд, аз неруи чонибдорони Абумуслим дар хавф буданд, зеро тарс доштанд, ки ӯ рӯзе ба тахти хилофат даъво хоҳад кард. Ин буд, ки соли 755 халифаи Аббосӣ Мансур (754-775) Абумуслимро ба назди худ даъват карда, хоинона ӯро ба қатл расонид.

## Шӯриши Сумбоди Муғ ва неҳзати Муқаннаъ

Муаллифи «Точикон» ду шӯриши бузурги мардумии зиддиарабҳоро ба таври ниҳоят муфассал тасвир намуда, таъкид менамояд, ки дар замони хилофати Аббосиён аҳволи мардум на танҳо беҳ нашуд, балки назар ба аҳди Умавиҳо бадтар гардид. Ин боиси афзудани норизоиҳо ва исёнҳои халқӣ гардид. Яке аз бузургтарин шӯришҳо, исёни Сумбоди Муғ дар соли 755 буд, ки Хуросон ва Табаристонро фаро гирифт. Баҳонаи ин шӯриш қасоси хуни Абумуслимро гирифтан буд. Ба ин шӯриш табақаҳои мухталифи чомеа, аз чумла зардуштиён ва хуррамдиниҳо (пайравони ойини Маздак) низ ҳамроҳ шуданд. Аббосиён бо

мушкилоти зиёд ин шӯришро пахш карданд ва пешвои он Сумбод дар Рай ба қатл расида, ҳамсар ва фарзандони ӯ ба ғуломӣ фурӯхта шуданд. Пас аз мағлубият тарафдорони Сумбод тавассути тариқати муслимия ба таври пинҳонӣ фаъолияти худро идома дода, чунин мепиндоштанд, ки Абумуслим кушта нашудааст ва боз хоҳад омад ва дар ҷаҳон одилона ҳукмронӣ хоҳад кард.

Шӯриши Сумбод ҳанӯз тамоман фурӯ нанишаста буд, ки дар гирду атрофи Ҳирот бо сарварии Устод Сис бар зидди Аббосиён исёни нав ба вуҷуд омад.

Афзудани қашшоқӣ миёни мардум ва хонавайрон шудани онҳо боис шуд то дар замони хилофати Маҳдӣ (755-785) ҷунбиши бузурги халқӣ бар зидди Аббосиён дар Мовароуннаҳр рух диҳад, ки сарварии онро Муқаннаъ ба уҳда дошт. Муқаннаъ асл аз Марв буд ва бино ба ахбори сарчашмаҳои таърихӣ аз фармондеҳони Абумуслим ба ҳангоми муборизаҳояш дар Хуросон ба зидди Умавиҳо маҳсуб мешуд. Амири Хуросонии Аббосиҳо аз фаъолиятҳо Муқаннаъ, ки таблиғоти ғояҳои маздакияро мекард, огоҳ шуда, ӯро дастгир намуда, ба Бағдод фиристод. Муқаннаъ аз маҳбаси Бағдод фирор карда, ба Марв омад ва соли 776 мардумро ба муборизаи зидди аҷнабиён даъват кард. Ҷонибдорони Муқаннаъ дар Насафу Кеш хеле зиёд гардиданд. Муқаннаъ ба Суғд омад ва сафи тарафдоронаш рӯз аз рӯз меафзуд. Сабаби асосии мавриди эътирофи мардум қарор гирифтани таълимоти Муқаннаъ ин бартараф намудани нобаробариҳои иҷтимоӣ буд. Шӯриши Муқаннаъ ба як наҳзати саросарӣ табдил ёфт ва тамоми Мовароуннаҳрро фаро гирифт. Ин наҳзат бо номи наҳзати Сапедҷомагон низ маъруф аст. Онҳо дар муқобили либоси сиёҳи Аббосиён либоси сапед ба тан карданд.

Соли 776 дар наздикии деҳи Наршахи Бухоро байни лашкари арабҳо ва тарафдорони Муқаннаъ набарди сахт сурат гирифт, вале шӯришиён шикаст хӯрда, 700 нафар аз тарафдорони Муқаннаъ сари худро дар роҳи озодӣ қурбон карданд. Агар дар марҳалаи аввал баъзе гурӯҳҳои ашрофи Суғд аз неҳзати Муқаннаъ пуштибонӣ карда бошанд, пас дар марҳалаи дуюм онҳо аз тарси вусъати ҷунбиши мардумӣ ба тарафи хилофат гузаштанд.

Қувваҳои асосии Сапедҷомагон дар кӯҳи Санам, ки дар наздикии Кеш буд, ҷамъ омада буданд. Сарлашкари араб Муоз

ибни Муслим бештар аз ду сол бар зидди Муқаннаъ мубориза бурд. Тобистони соли 780 лашкари арабҳо қалъаеро, ки Муқаннаъ дар он ҷо буд, ишғол намуданд. Муқаннаъ ба арабҳо таслим нашуда, худашро ба отош андохт. Пас аз марги ӯ тӯли чандин сол шӯришҳои ҷудогонаи Сапедҷомагон дар маҳалҳои мухталифи Осиёи Миёна ба вуҷуд омад.

Солҳое, ки сокинони Мовароуннаҳр дар роҳи озодии худ мубориза мекарданд, Хилофати араб аз нерумандтарин давлатҳои он замон ба ҳисоб мерафт. Муборизаи тӯлонии Муқаннаъ бо чунин давлати муқтадир намунаи дурахшони ин муборизаҳост.

Шӯришҳои мардумӣ дар давраи хилофати Аббосӣ аз исёнҳои замони Умавӣ фарқ дошт. Дар давраи Умавиҳо ин шӯришҳо асосан бар зидди аҷнабиён равона шуда буд ва ба он ашрофи маҳаллӣ роҳбарӣ мекарданд. Аммо дар давраи хилофати Аббосиён оммаи халқ на танҳо бар зидди Аббосиён, инчунин бар зидди ҳомиёни онҳо-аъёну ашрофи маҳаллӣ низ мубориза мекарданд.

# БОБИ ДУЮМ
# АНҶОМИ РАВАНДИ ТАШАККУЛИ ХАЛҚИ ТОҶИК ВА СОЗМОНИ ДАВЛАТИИ Ӯ. ДАВЛАТИ ТОҲИРИЁН, САФФОРИЁН ВА СОМОНИЁН (АСРҲОИ IX–X)

## 1. ТАЪРИХИ СИЁСИИ АСРҲОИ IX–X

### Қувват гирифтани ашрофи феодалии маҳаллӣ

Дар ин боб академик Б.Ғафуров дар бораи қувват гирифтани ашрофи маҳаллӣ дар Хуросон, ҳаракати шуубия ҳамчун заминаи ғоявии таъсиси давлатҳои миллии эрониён, хонадони Бармакиён ва нақшу ҷойгоҳи онҳо дар сиёсат ва давлатдории хилофат, давлатҳои Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён маълумот медиҳад.

Баъди сипарӣ гаштани ду аср аз ҳукумати арабҳо дар Эрон ва Хуросони Бузург қудрати сиёсӣ ва ҳарбии хилофат ба тадриҷ рӯ ба инқироз овард. Ошӯбҳои мунтазами мардумӣ ва исёнҳои мухталифи баъзе волиёну сипоҳдорон дар гӯшаву канори хилофат иқтидори ҳукумати марказиро заифтар мекарданд. Ҳанӯз аз оғози таъсиси хилофати араб ва солҳои нахустини густариши ислом дар қаламрави давлати Сосонӣ эрониён ба ҳайси мушовирони ҳарбӣ, муҳосибон ва коргузорони бахшҳои гуногуни давлатии хилофат ба кор ҷалб шуда буданд. Аммо дар оғоз аксари онҳо нақши калидӣ дар идораи давлат надоштанд ва танҳо корҳои дастуршударо иҷро мекарданд. Бо гузашти ду аср нақши мардумони эронӣ дар умури сиёсӣ, ҳарбӣ ва фарҳангии хилофат афзуда, то баландтарин мансабҳои ҳарбӣ ва маъмурии давлат расид. Дар умум, маҳз мардуми Хуросони Бузург хилофати Умавиёнро барҳам дода, Аббосиёнро ба ҷои онҳо соҳиби ҳукумат карданд ва дар давлати онҳо мансабҳои муҳимтарини ҳарбию маъмуриро дар ихтиёр гирифтанд. Дар чунин вазъ хулафои Аббосӣ чорае ҷуз ин надоштанд, ки дар идораи қаламрави васеи хилофат қудратро бо намояндагони ин мардум тақсим намоянд.

Кӯшишҳои истиқлолталабии мардумони ғайриараб пас аз сад соли пирӯзии арабҳо оғоз гардид. Дар муқобили ҳукумату зулми мардумони биёбонӣ ва бартариҷӯиҳои рӯзафзуни арабҳо ҳаракати фарҳангии шуубия сар зад, ки бештар дар миёни рӯшанфикрон паҳн гардид.

Арабҳо тамоми муваффақиятҳои ҷомеаи исломиро ба худ нисбат дода, халқҳои ғайриарабро таҳқир мекарданд. Ин ҳаракат изҳори эътироз ва хостаҳои мардуми ғайриараб дар чаҳорчӯби муқарраротӣ исломӣ буд. Андешаҳои шуубӣ ҳанӯз дар замони Умавиён зуҳур карда буд, аммо бештар пинҳонӣ фаъолият дошт. Худи дастгоҳи хилофати Аббосӣ ҳам, ки нисбат ба арабҳо дида, таваҷҷуҳи бештар ба мардуми ғайриараб дошт, барои густариши ин ҳаракат мусоидат намуд. Ин ҳаракат то асри XI давом кард ва нишони огоҳӣ ва ҳамбастагии мардумони эронинажод дар баробари арабҳо буд, ки минбаъд барои даъвоҳои сиёсиву қудратхоҳии сулолаҳои маҳаллӣ мусоидат кард.

Аз вақти ҳукмронии халифа Мансур (754-775) ва ворисони ӯ халифа Маҳдӣ (775-785) ва Ҳорунаррашид (786-809) вилоятҳои гуногуни Мовароуннаҳрро асосан намояндагони ашрофи феодалии маҳаллӣ, дар навбати аввал, вазирони насли Бармакиҳо ва Сомониён идора мекарданд. Бармакиён хонадони маъруфи ашрофи Балх буданд. Онҳо нигаҳбононии маъбади Навбаҳорро дар шаҳри Балх бар уҳда доштаанд.

Намояндагони алоҳидаи хонадони Бармакиён дар қиёми Абумуслим ҳам ширкат варзида, пас аз қудратёбии Аббосиён ба корҳои идорӣ ҷалб шуданд. Соли 803 халифа Ҳорунаррашид аз афзудани обрӯву нуфузи ин хонадон ба ҳарос афтода, ҳама намояндагони онро ба қатл мерасонад.

Аммо ин фоҷеа ҳам натавонист қудрати ашрофи маҳаллии Хуросонро бикоҳад ва монеи истиқлоли онҳо шавад.

**Тоҳириён (821–873)**

Бобоҷон Ғафуров менависад, ки каме пас аз поёни фоҷеавии хонадони Бармакӣ силсилаҳои дигари эронитабор ба корҳои идорӣ ҷалб гардиданд. Ибтидои ҷалб гардидани ду сулолаи тоҷикӣ ба корҳои идории хилофат аз шӯриши Рофеъ Ибни Лайс оғоз мегардад. Рофеъ яке аз салашкарони араб буда, соли 806 дар Самарқанд даст ба шӯриш мезанад ва аҳолии маҳаллӣ, ки аз андозҳои беҳадди Аббосиён ба дод омада буданд, ба ин шӯриш ҳамроҳ гаштанд. Шӯриш Бухоро, Фарғона, Истаравшан, Чоч ва дигар музофотро низ фаро гирифт. Барои фурӯ нишонидани ин ошӯб дастгоҳи хилофат ба ашрофи маҳаллӣ, аз ҷумла Тоҳир ибни

Ҳусайн ва фарзандони Асад ибни Сомон мурочиат кард. Дар воқеъ нақши ин ду хонадон дар ором сохтани авзоъ хеле бузург буд.

Пас аз фавти халифа Ҳорун миёни писаронаш Амин ва Маъмун барои хилофат низоъ сар зад, ки ба ҷанги бузурге мубаддал гардид. Барои ба қудрат расидани халифа Маъмун (813-833) нақши мардуми Хуросон бо сарварии сарлашкар Тоҳир ибни Ҳусайн муҳим буд.

Тоҳириён аввалин хонадоне буданд, ки баъд аз густариши ислом давлати миллии тоҷиконро таъсис доданд. Онҳо аз табақаи деҳқонон ё деҳхудоён бархоста, бар ивази имтиёзҳои худ ба ҷамъоварии андоз ва умури молӣ машғул буданд. Асосгузори ин хонадон Тоҳир ибни Ҳусайн (821–823) буд. Ӯ соли 811 фармондеҳи сипоҳи Маъмун таъин гардид. Тоҳир дар ҷараёни набарди тахтхоҳонаи Маъмун ва бародараш Амин бар лашкари Алӣ ибни Исо пирӯз шуда, соли 813 шаҳри Бағдодро ишғол кард. Тоҳир ба поси хотири ин хидматаш дар мулкҳои Ироқ, Форс, Аҳвоз, Ҳиҷоз ва Яман нозири девонҳо ва масъули ҷамъоварии хироҷ таъин гардид.

Соли 821 дар шароити шиддати ҷунбиши мардумӣ дар Систон, Кирмон ва дигар ҷойҳо Тоҳир амири Хуросон таъин шуд. Тоҳир дар сиёсати дохилӣ ва таъину озод кардани коргузорони маҳаллӣ мустақил буд. Тоҳир соли 822 номи халифаро аз хутба ва сикка хориҷ кард, аммо як рӯз пас аз ин ҳодиса Тоҳир ибни Ҳусайн аз ҷониби ҷосусони халифа кушта шуд. Халифа писари Тоҳир Талҳаро ба ҷои падар амири Хуросон (822-828) таъин намуд.

Пас аз Талҳа, дар замони Абдуллоҳ ибни Тоҳир (828–844) давлати Тоҳириён ба авҷи қудрат расид. Ӯ пойтахтро аз Марв ба Нишопур интиқол дод; бо пахши шӯришҳои хавориҷ истиқрори сулҳу амниятро дар Хуросон таъмин кард; барои танзими низоми молиёт ва таъмини пешрафти иқтисодӣ ислоҳот анҷом дод; бунёди боғу иншооти обёриро афзуд; барои мардуми ниёзманд моҳона, хӯроку пӯшок муқаррар кард. Барои танзими низоми обёрӣ ва ҳалли масъалаҳои марбут ба он дастур таҳия кард, ки садсолаҳо мавриди истифода қарор дошт. Абдуллоҳи Тоҳир барои ҳимояи кишоварзон кормандони хироҷро вазифадор кард, ки ба ситаму бедодӣ хотима диҳанд.

Дар он замон ба навиштаи муаррихи тоҷик Гардезӣ миёни кишоварзон барои корезҳо хусуматҳо сурат мегирифт, бо

супориши Абдуллоҳи Тоҳир фақеҳон китобе таълиф карданд, ки барои ҳалли ин гуна мушкилиҳо дар асрҳои минбаъда ҳам хидмат кард. Баъди ба сари қудрат омадани Муътасим муносибати Тоҳириён ва Аббосиён каме сард шуд, вале дар охир халифа қудрати Абдуллоҳро дар мулкҳои шарқӣ пазируфт. Абдуллоҳ бо нишони садоқат ба Аббосиён дар саркӯбии Афшин ва исёни Мозёр саҳм гузошт.

Абдуллоҳи Тоҳир дар шаҳри Нишопур китобхонаи бузурге таъсис дод, ки донишмандон ва дигар хоҳишмандон аз он истифода мекарданд. Олимони зиёде аз тарафи Тоҳириён ба Нишопур даъват шуда, дар ин шаҳр мезистанд ва аз ёрии амирони Тоҳирӣ бархурдор мегаштанд.

Дар замони Тоҳириён ниҳоди марказии мақомоти ҳокимияти олӣ аз девонҳо (барид, мазолим, хироҷ) иборат буд. Дар ин давра шаҳрҳои Нишопур, Марв, Ҳирот ва Балх ба маркази фарҳангу тиҷорат табдил ёфтанд. Зарробхонаҳои Тоҳириён дар шаҳри Бухоро, Буст, Балх, Сиҷистон, Самарқанд, Шош, Нишопур ва Ҳирот амал мекарданд. Тоҳириён вобаста ба таҷрибаи ҳарбиашон аз шеваҳои гуногуни пешбурди ҷанг, ғофилгир кардани душман, бастани роҳи озуқа ва ғ. истифода мебурданд.

Сипоҳи Тоҳириён аз қисмҳои низомии доимӣ ва дастаҳои иловагӣ (хоразмиён) иборат буд. Дар сипоҳдорӣ аз тарҳи тоҷикии қалб, маймана ва майсара кор мегирифтанд. Дар миёни сипоҳиён тирандозону найзадорон нақши асосӣ доштанд. Сипоҳиёни ҷилаврез зиреҳпӯш буданд.

Давлати Тоҳириён дар замони Тоҳири II (844–862) ва наберааш Муҳаммад (862-873) таназзул ёфт. Тоҳири II (844-862) кӯшиш мекард, ки шеваи кори падарашро идома диҳад, вале замони ҳукмронии ӯ вазъият дар Систон буғранҷ шуд, шӯриши айёрон сар зад ва амалан Систон аз тобеияти ҳукумати Тоҳириён хориҷ гашт. Охирин намояндаи Тоҳириён Муҳаммад ибни Тоҳир (862–873) дар умури давлатдорӣ шоистагии падару бобояшро надошт ва машғул ба айшу ишрат буд. Дар охири давраи ҳукмронии Тоҳириён танҳо пойтахт - Нишопур дар ихтиёри онҳо қарор дошт. Тоҳириён бо меросӣ кардани ҳукумат нақши халифаро дар таъину озод кардани амирон коҳиш доданд. Сиёсати мудорои онҳо барои пешрафти таҷрибаи давлатдории тоҷикон

таъсир гузошт. Тоҳириён собит намуданд, ки халқҳои маҳаллӣ метавонанд анъанаи давлатдории суннатии худро дар қаламрави хилофат аз нав эҳё намоянд.

### Саффориён (873-903)

Академик Б. Ғафуров нақши бузурги Саффориёнро дар рушди фарҳанги маҳаллӣ, пеш аз ҳама тоҷикӣ хеле барҷаста номидааст. Дар солҳои 60-уми асри IX халифаҳои Аббосӣ қудрати собиқи худро аз даст доданд. Дар бисёр минтақаву вилоятҳои канории хилофат шӯришу исёнҳо сар заданд. Худи халифаҳо ба бозичаи дасти сипоҳиёну дарбориён табдил ёфта, дигар тавони хомӯш кардани ошӯбҳоро надоштанд. Хусусан, дар ин айём Систон ба маркази исёнҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ табдил шуда буд. Ҳолати ногувори мардум, зиёдаравиҳои ҳокимон дар ситонидани андозҳо ва зулму истибдоди мунтазам аз сабабҳои асосии ошӯбҳои мардум дар ин сарзамин буданд. Дар чунин ҳол хориҷиён, аз норозигии мардум хуб истифода карда, такягоҳи худро дар ин сарзамин қавитар мекарданд. Ҳар вақт ки масъулони хилофат барои ҷамъоварии андоз меомаданд, фурсате буд барои ба мубориза хезонидани аҳолӣ.

Дар ҳамин давр сарсилсилаи Саффориён - Лайс ба мисгарӣ машғул буд (ва бо забони арабӣ ин шуғлро саффор меноманд). Ӯ чаҳор писар дошт, ки дар замони нобасомониҳои миёнаи асри IX ҳамагӣ ба разму сипоҳ машғул буданд. Аз миёни писарони ӯ Тоҳир ва Алӣ дар хидмати дигар саркардаҳои ҳарбии он рӯз ва Яъқубу Амр ба айёрӣ ё ба таъбири дигар ба ситонидани дороиҳои сарватмандон ва тақсим намудани он миёни бебизоатон машғул буданд.

Халифаи Бағдод барои фурӯ нишонидани ошӯби хориҷиён дар Хуросону Систон Солеҳ ибни Насрро фиристод. Ӯ бо шикаст додани хориҷиён ва сомон бахшидани авзои минтақа дар чашми ҳукуматдорон ва миёни мардум маҳбубият пайдо кард. Яъқуб дар ин муддат қисме аз дастаҳои ғозиёнро ба худ моил карда, баъди ишғоли Буст ва Заранҷ бинобар ихтилофи айёрони систонӣ дар набарди зидди Солеҳ бародараш Тоҳирро аз даст дод (858). Фавҷ - дастаҳои ихтиёрии мардумӣ буданд, ки бо мақсади дафъи фитнаи хавориҷ ва хотима додани бедодгарии ҳокимони маҳаллӣ ташкил

ёфта буданд. Дар муборизаи дохилӣ Яъқуб ғолиб омада, соли 861ҳокими Систон гардид.

То соли 868 Кобул, Синд, Мукрон, Ҳирот, Пушанг, Кирмон, Шероз ва Форс ба қаламрави мулкҳои Яъқуб ҳамроҳ карда шуданд. Соли 871 халифа Муътамид (870–892) Яъқубро волии Систон, Кобул ва Тахористон таъин намуд.

Халифаи Аббосӣ аз густариши сарзаминҳои зери итоати Яъқуби Лайс дар Хуросон хушнуд набуд, вале чорае надошт. Соли 873 бошад, Яъқуби Лайс ба қувваи ҳарбии Тоҳириён шикаст дода, маркази Хуросон Нишопурро забт кард ва охирин дудмони Тоҳириён - Муҳаммад ибни Тоҳир ва аҳли хонаводаашро зиндонӣ намуда, ба ҳукумати Тоҳириён хотима гузошт.

Ҳамин тавр, соли 874 халифа идоракунии тамоми хоки Хуросонро ба ихтиёри Яъқуб вогузор намуд. Яъқуб то охири ҳаёти худ ҳамчун як нафар марди ҷангии сода ва шикастанафс боқӣ монд, либоси одии ресмонӣ мепӯшид, ба палос ва қолин аҳаммият надода, ба замин менишаст ва дар вақти истироҳат сарашро ба ҷои болишт ба рӯи сипари худ гузошта мехобид. Дар айни ҳол вай бо мароми ҷунбишҳои халқии Осиёи Миёна ягон наздикие надошт.

Дар байни лашкариёни ӯ интизоми сахт ҳукмфармо буд. Худи ӯ намунаи диловарии ҳайратангезеро нишон дода, аз сарбозон ва сардорон низ инро бо қатъият талаб мекард. Яке аз қисмҳои асосии лашкари ӯро сарбозони «фидоӣ» ташкил мекарданд, ки гоҳо онҳоро бо оҳанги кароҳатомез «айёр» ҳам (ба маънии «қаллоб» ва «роҳзан») мегуфтанд.

Муваффақиятҳои Яъқуб ибни Лайс аҳволи вазнини меҳнаткашонро, ки ӯ бо ёрдами онҳо ба ин дараҷа расида буд, заррае тағйир надод. Яъқуб ғолибан ба заминдорони хурд ва миёнаи феодалӣ такя менамуд. Ӯ дар вилоятҳои забткардаи худ тартиб ва қоидаи мавҷударо бо ҳамон ҳолати пештара боқӣ гузошт, ҳатто микдори молиётро, ки бар дӯши барзгарон бори гароне буд, кам накард.

Яъқуб соли 876 ба Бағдод лашкар кашид, вале то он ҷо нарасида, 100 км дуртар дар мавзеи Дору-л-Акул аз тарафи қувваи ҳарбии халифа ба шикасти сахт дучор гардид. Муҳаммад ибни Тоҳир баъди ин набард аз асорат озод шуда, волии Хуросон ва

атрофи он гардид. Яъқуб то замони фавташ (879) ҳокимияти худро танҳо дар баъзе мулкҳои ҷануби Эрон ҳифз кард. Лашкариёни ӯ бародараш Амр ибни Лайсро ба тахт нишонданд.

Амр ибни Лайс (879–900) дар баробари ишғол кардани ҷои бародари худ фавран ба халифа муроҷиат намуда, итоати худро ба маркази хилофат изҳор кард. Ин буд, ки аз тарафи халифа мансаби қоиммақоми Хуросон ва идора кардани як миқдор вилоятҳои шарқии Эрон ба ӯ супорида шуд. Лекин дар амал Амр ҳам мисли Тоҳириён истиқлолияти худро аз хилофат нигоҳ медошт. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо вай як шахси дар идора кардан соҳибтадбиру доно ва лашкаркаши тавоно буд.

Саффориён вақти худро бештар ба лашкаркашӣ ва танзими умури сипоҳ сарф карда, воқеан барои ташкили созмонҳои марказии дарбор фурсат надоштанд. Дар умури кишвардорӣ Саффориён бештар ба хонадонҳои асили эронитабор такя мекарданд. Дар замони Саффориён чанд девон (расоил, арз) фаъолият дошт. Дар замони Амр барои танзими низоми пардохти андоз баъзе чораҳо андешида шуданд. Дар ин давра мардум мувофиқи даромади худ андоз месупориданд, хазинаи давлат аз ҳисоби андози замин, даромади мулкҳои Саффориён ғанӣ мегардид.

### Таъсиси давлати Сомониён

Масъалаи таъсиси давлати Сомониёнро дар заминаи сарчашмаҳои зиёд ва пажуҳишҳои илмӣ тавсиф намуда, муаллифи «Тоҷикон» баррасиро аз сарсилсилаи Оли Сомон оғоз менамояд. Сомон – сарсилсилаи хонадони Сомониён, асл аз Балх ва ба ривояте аз Самарқанд ё Тирмиз ва ё Фарғона буда, насаби онҳо ба Баҳроми Чӯбин ва аз ӯ ба сулолаи сипаҳсолорони машҳури Ашконӣ – Меҳрониён мерасад.

Бино ба ахбори сарчашмаҳои хаттӣ Сомон баъди пазируфтани ислом, ба назди Асад ибни Абдуллоҳ, ки аз соли 727 то 737 бо фосила дар Хуросон фармондори халифа буд, меравад ва бо ӯ паймони дӯстӣ баста, мақоми хосса пайдо мекунад ва ба эҳтироми ӯ писари навзоди худро Асад ном мениҳад. Асад чаҳор писар дошт: Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс.

Соли 806 ҳокими Самарқанд Рофеъ ибни Лайс бар зидди фармондори Хуросон Алӣ ибни Исо исён бардошт, ки ин шӯриш

аксари шаҳрҳои марказии Мовароуннаҳрро фаро гирифт. Ҳокими Хуросон Маъмун, писари халифаи Аббосӣ Ҳорунаррашид лашкареро бо фармондеҳии Ҳарсама ибни Аъян бар зидди Рофеъ ибни Лайс мефиристад, ки дар шумори сипаҳсолоронаш Асад ибни Сомон низ буд. Баъд аз ин Сомониён ба корҳои идории хилофат дар вилоятҳои Мовароуннаҳру Хуросон ҷалб шуда, дар замони хилофати Маъмун (813-833) писарони Асад: Нӯҳ дар Самарқанд, Аҳмад дар Фарғона, Яҳё дар Чочу Усрушана ва Илёс дар Ҳирот ҳоким таъин гардиданд. Дар ин давра Нӯҳ чун писари калонии Асад ва сарсилсилаи хонадони Сомонӣ нуфузи бештар дошт ва бародаронаш дар ҳалли масоили вилоятдорӣ бо ӯ машварат мекарданд.

Академик Б.Ғафуров баъди таҳқиқи сиккаҳои ин замон ба чунин хулоса мерасад, ки дар ибтидо писарони Асад худро на ҳамчун ҳокимони алоҳида, балки узви як хонадон ҳисобида, Нӯҳро сарвари худ медонистанд. Ба ин сабаб сиккаҳои нахустини мисии Сомониён ба номи Нӯҳ зада шудаанд. «Бинобар ин,- менависад Б.Ғафуров,-чунин хулоса боварибахш аст, ки набераҳои Сомон аз қадамҳои аввал дар сар фикри ваҳдати хонадонро парварида, онро яке аз шартҳои таъсиси сулолаи муқтадир медонистаанд».

Баъди вафоти Нӯҳ (842) ҳукумати Самарқанд ба ихтиёри Аҳмад ибни Асад (842–865) гузашт, ки ин сардори силсилаи Сомониён марди ботадбир буд. Ӯ дар замони зиндагиаш ҳукумати Самарқандро ба писараш Наср супорид ва баъд аз вафоти Аҳмад дар соли 864 Наср чун сарсилсилаи Сомониён пазируфта шуд.

Дар давраи ҳукумати Наср ибни Аҳмад (865–875) вазъи сиёсии Бухоро бар асари рақобати Саффориёну Сомониён ва низоъҳои дохилӣ мураккаб шуд. Наср Исмоилро соли 874 ҳокими Бухоро таъин кард. 9 июни соли 874 дар хутбаи Бухоро ба ҷои номи Яъқуб ибни Лайс исми Наср ибни Аҳмад хонда мешавад.

Дар ин давра Исмоил хироҷи солонаи Бухороро (500 ҳазор дирҳам) барои бартараф кардани мушкилоти дохилӣ ва ташкили сипоҳ харҷ карда, онро ба Самарқанд ба Наср нафиристод. Аз ин сабаб дар байни бародарон ихтилоф ба вуҷуд омада, Наср дар иттиҳод бо бародарони дигараш Абулашъас (ҳокими Фарғона) ва Абуюсуф Яъқуб (ҳокими Чоч) 12 декабри соли 885 бар зидди Исмоил лашкар кашид. Дар ибтидо Исмоил аз набарди зидди

бародаронаш ҳазар карда, ба самти Фороб ҳаракат кард. Сипас Исмоил иттифоқчии худ Рофеъ ибни Ҳарсамаро ба ёрӣ даъват карда, бо мақсади аз Бухоро дур кардани Наср ба самти Самарқанд лашкар кашид. Наср дар Тавовис ба сипоҳи Исмоил ва Рофеъ монеа шуда, онҳо иҷборан тариқи биёбон ба сӯи Самарқанд роҳ пеш гирифтанд. Дар ин сафар аксари сипоҳиёни Рофеъ бо сабаби кам будани озуқа талаф шуда, идомаи мубориза барои Исмоил мушкил гардид. Соли 886 бо талоши Рофеъ бародарон Наср ва Исмоил дар Кармина бо ҳам аҳдномаи сулҳ бастанд. Мувофиқи аҳдномаи мазкур Исмоил аз мансаби амирии Бухоро барканор шуда, бародараш Исҳоқ ибни Аҳмад ҷойгузини ӯ гардид; Исмоил масъули омили хироҷи Бухоро гардид, вале дар харҷи пули девон ихтиёр надошт; номи Исмоил аз хутба хориҷ шуд.

Мувофиқи маълумоти маъхазҳои таърихӣ баъди аҳдномаи сулҳ Исҳоқ ба ном амири Бухоро буд, лекин ҳамаи ваколатҳои ҳукумат дар ихтиёри Исмоил қарор доштанд. Исмоил дар идома низ аз пардохти хироҷи Бухоро саркашӣ карда, ба зуҳури ихтилофи хонаводагии Сомониён замина гузошт. Наср ба кафили сулҳ Рофеъ муроҷиат намуда, ҷиҳати иҷроиши аҳднома ёрӣ хост. Рофеъ дар ин боб ба Исмоил нома навишт, аммо дар ҳалли қазия комёб нашуд. Наср аз ҳалли осоиштаи қазия навмед шуда, бори дуюм ба муқобили Исмоил лашкар кашид. Дар набард Исмоил бар лашкари Наср ғолиб омада, ба хотири эҳтироми ҳуқуқи бародари калонии худ ҳукумати Сомониёнро ба ихтиёри ӯ вогузор кард.

Баъд аз фавти Наср (892) тоҷу тахти мамлакат ба ихтиёри Исмоил гузашта, маркази давлати Сомониён аз Самарқанд ба Бухоро кӯчонида шуд. Соли 893 халифа Муътазид (892–902) маншури ҳукумати Мовароуннаҳрро ба номи Исмоил навишт. Ҳамзамон Исмоил ба муқобили қарлуқҳо лашкар кашида, шаҳри Тирозро ишғол кард. Дар натиҷаи ин лашкаркашӣ истихроҷи конҳои Шалҷӣ ба ихтиёри Сомониён гузашта, тохтутози туркон муваққатан ба Мовароуннаҳр қатъ гардид. Дар охири соли 893 Исмоил ба Уструшана ҳуҷум карда, баъди сарнагун намудани Сайр ибни Абдуллоҳ ба ҳукумати афшинҳо хотима гузошт.

Исмоил дар давраи муборизаҳои сиёсии Тоҳириёну Саффориён ба таври мустақим ва ғайримустақим ба корҳои дохилии Хуросон даxолат мекард: соли 885 бо сипоҳи чорҳазораи

худ ба ёрии Рофеъ ибни Ҳарсама шитофта, дар иттиҳод Марвро аз итоати ҳокими дастнишондаи Саффориён озод карданд. Баъди кушта шудани Рофеъ аз дасти Амр ибни Лайс (28.11.897) муносибати Сомониён ва Саффориён барои тасаллут бар Хуросону Хоразм шиддат ёфт.

Соли 898 халифа ба таври расмӣ маншури ҳукумати Мовароуннаҳрро ба Амр ибни Лайс дода, тибқи мактуби махфии дигар Исмоилро ба муборизаи зидди Саффориён таҳрик намуд. Халифа бо ин кор Амрро ба муқобили Исмоил барангезонида, мехост бо ин восита ҳар дуро заиф сохта, нақши хилофатро дар ин сарзаминҳо пурзӯр гардонад

Амр баъди дарёфти маншур ба зиддии Исмоил лашкар кашид. Исмоил дар охири соли 898 тариқи гузаргоҳи Замм аз Амударё убур карда, сипоҳи Амрро шикаст дод. 19 марти соли 900 Исмоил дар набарди дувум ба сипоҳи Сафорриён ғолиб омад ва Амр ба дасти ӯ асир афтод. 11 июни соли 901 халифа маншури вилояти Хуросонро ба Исмоил фиристод.

Исмоил солҳои 902–906 чанд бор тохтутози туркҳоро ба Мовароуннаҳр бартараф ва мардумро аз мушкилоти таъмири девори Бухоро раҳо карда, эълон дошт, ки «то вақте ки зиндаам, бораи Бухоро манам».

Исмоили Сомонӣ аз муборизаи оммаи халқ барои истиқлолият истифода бурда, нахустин бор пас аз истилои араб сарзамини дар натиҷаи задухӯрдҳои дохилӣ парешонгардидаро ба ҳам муттаҳид намуд ва давлати бузурги мустақиле ба вуҷуд овард. Вай дар баробари барҳам додани ҳукумати Саффориён ҳокимияти худро на танҳо дар Мовароуннаҳр ва Хуросон мустаҳкам кард, балки ба як қатор вилоятҳои шарқӣ ва шимолии Эрон соҳиб гардида, истиқлолияти ҳақиқии давлати ташкилкардаи худро нисбат ба Хилофати Араб таъмин намуд.

Дар аҳди Исмоил ҳудуди ҷуғрофиёии таърихии давлати Сомониён густариш ёфта, марзаш дар шимол то водии дарёи Талас, дар ҷануб то Систон, дар шарқ то марзҳои шарқи Туркистону Синд ва дар ғарб то минтақаҳои маркази Эрон тӯл мекашид. Талошҳои Исмоил барои таъмини амнияти дохилӣ ва хориҷии мамлакат натиҷаи мусбат доданд ва ӯ бо ташкили

дастгоҳи идории муташаккил ва сипоҳи доимӣ пояҳои давлатдории Сосониёнро устувор кард.

## Сохти давлатӣ ва ташкили дастгоҳи идораи он

Асосгузори давлати Сомониён Исмоили Сомонӣ таъмини истиқлолияти давлатӣ ва шукуфоии онро дар таъсиси ҳукумати мутамарказ медид. Баарои амалӣ шудани ин ҳадаф ӯ як қатор тадбирҳо андешид. Роҳбари давлати Сомониён амир буд. Дар замони Сомониён ниҳоди марказии мақомоти ҳокимияти олӣ аз дарбор ва девонҳо (вазир, рисолат, ишроф, муҳтасиб, барид, қозӣ, сипоҳ, шурта, истиф, вақф, об) иборат буд. Дар аҳди Сомониён ташкили девонҳо зери назари вазири бузург (Ҳоҷибу-л-ҳуҷҷоб ё Ҳоҷиби бузург) қарор дошт. Ба қавли Наршахӣ, дар замони ҳукумати Насри II (914-943) дар майдони Регистони Бухоро барои кори девонҳо 10 бино бунёд гардид. Ҳукумати мулк ва минтақаҳои алоҳида дар ихтиёри намояндагони хонадони маҳаллӣ ё ашрофи маҳаллӣ қарор дошт. Қароргоҳи волӣ ё сипаҳсолори Хуросон дар Нишопур буд. Дар тӯли давлатдории Сомониён муборизаи ҳокимияти марказӣ бар зидди неруҳои марказгурез қатъ нагардид. Ин боис шуд, ки намояндагони хонадони Сомонӣ бо вуҷуди муборизаҳои шадид, ки барои таҳкими ҳокимияти марказӣ мебурданд, барояшон муяссар нагардид, ки дар ҳамаи маҳалҳо усули давлати мутамарказро ҷорӣ намоянд. Масалан, мулкҳои зертобеи Сомониён, аз қабили Систон, Ғарҷистон, Гузгон, Ғазна, Хутталон (хонадони Баниҷуриён), Чағониён, Исфиҷоб, Хоразм ва ғ. мунтазам ба хазинаи марказӣ хироҷ намедоданд.

Сипоҳи Сомониён аз лашкари доимӣ (ғуломони турк), иловагӣ (навкарони ҳокимони маҳаллӣ) ва дастаҳои кироя (қабилаҳои бодиянишини турк) иборат буд. Фармондеҳони сипоҳ, ки аксар турк буданд, гоҳе худашон бар зидди ҳокимияти марказӣ сар бардошта, вилоятҳои худро мустақил эълон мекарданд.

## Низоъҳои байнихудии феодалӣ ва суст шудани давлати Сомониён. Истилои Қарахониён

Бобоҷон Ғафуров қайд менамояд, ки баъд аз вафоти Исмоили Сомонӣ (907) дар аввалҳои ҳукумати Аҳмад ибни Исмоил (907-914) дар чанде вилоятҳо, аз ҷумла Самарқанд, Рай ва Систон исён

сар зад. Бо мушкилии зиёд ин исёнҳо фурӯ нишонда шуд. Дар замони Аҳмад ибни Исмоил (907–914) Гургон, Табаристон, Рай, Қазвин ва Зинҷон ба қаламрави Сомониён ҳамроҳ шуданд. Аҳмад ибни Исмоил ҳангоми шикор аз ҷониби ғуломони турк кушта шуд. Вориси ӯ Насри II (914–943) дар синни хурдсолиаш ба қудрат расида, зимоми давлат ба ихтиёри вазирон Муҳаммади Ҷайҳонӣ ва Абулфазли Балъамӣ гузашт. Дар замони Насри II бо пахши исёни Исҳоқ (914–915) ва писаронаш Мансур (дар Нишопур), Илёс (дар Фарғона 922), сарлашкар Ҳусайн ибни Алии Марвазӣ (918) ва деҳқонзода Аҳмад ибни Саҳл (919) қудрати ҳукумати марказии Сомониён устувор гардид.

Дар бораи исёни Ҳусайн ибни Алии Марвазӣ академик Б.Ғафуров менависад, ки ин сарлашкар дар Ҳирот ва баъдан дар Нишопур даст ба исён зада, сарвари наҳзати қарматияи Хуросон гардид. Ин наҳзат аз ҷониби Аҳмад ибни Саҳл шикаст хӯрд ва пешвои он Ҳусайн ибни Алии Марвазӣ асир афтода, дар Бухоро зиндонӣ шуда, баъди чанде вафот кард. Баъд аз марги Ҳусайн ибни Алии Марвазӣ дар Мовароуннаҳр ба ҳаракати қарматия Муҳаммад ибни Аҳмади Нахшабӣ роҳбарӣ карда, бо истеъдоди баланди мубаллиғие, ки дошт амалдорони олимақоми дарбори Сомониёнрро ба мазҳаби қарматия моил кард. Нахшабӣ аз тариқи ин ашхос ба ҳузури Насри дуюми Сомонӣ роҳ ёфт. Дар охири ҳукумати Насри II ҳаракати қарматия неру гирифт ва ҳатто худи Насри II низ моили ин ҳаракат гардида, ба Нахшабӣ ризоят дод то дар ивази дар зиндони Бухоро вафот кардани Ҳусайн ибни Алии Марвазӣ, ки фиристодаи махфии Фотимиён буд, ба халифаи Миср 119 ҳазор динор диҳад. Ин амалҳо боиси норизоии рӯҳониён ва фармондеҳони турки сипоҳ гардид ва ин гурӯҳ хостанд даст ба сӯиқасди Насри II зананд. Аммо писари Насри II Нӯҳ аз ин сӯиқасд огоҳ шуда, ин гурӯҳро ба ҷазои аъмолашон расонд. Нӯҳ дар замони зинда будани падараш ба тахт нишаст.

Аз замони Нӯҳ ибни Наср (943-954) бо сабаби норасоии маблағ дар хазина, афзоиши ҳаҷми андозҳо ва норозигии сипоҳиён таназзули қудрати Сомониён оғоз гардид. Ҳамзамон дар ин давра рақобати Бувайҳиён ва Сомониён дар Ҳамадон, Кирмону Рай шиддат ёфт. Дар ин фурсат амаки Нӯҳ Иброҳим ибни Аҳмад бо пуштибонии Абӯалии Чағонӣ ва горди дарбор ҳукуматро дар

пойтахт тасарруф кард. Нӯҳ бо кӯшиши бисёр ҳукумати худро барқарор кард, вале дар пахши исёни Абӯалии Чағонӣ муваффақ нагардид. Ӯ Абӯалиро ҳокими Чағониён, баъдан тамоми Хуросон (952) таъин кард ва бад-ин васила дар ҷомеа амният таъмин гардид.

Абдумалики I (954–961) бо пуштибонии вазир Балъамӣ ва созиш бо сипаҳсолор Алптегин муваққатан оромиро дар мамлакат таъмин кард. Баъди фавти Абдумалики I муборизаи тӯлонии Мансури I (961–976) ва Алптегин боиси заъфи қудрати ҳукумати Сомониён гардид. Дар чунин ҳолат дахолати хони Туркистон ба мулкҳои шарқии Сомониён оғоз шуд; ҳокимони Табаристону Гургон аз итоат сарпечӣ карданд; дар Ғур бо роҳбарии Абуалии Тӯлакӣ исён сар зад. Мансури I дар солҳои охири ҳукуматаш вазъи мулкҳои ғарбӣ ва марказиро ором кард, вале хатари туркҳо дар шарқ боқӣ монд.

Дар замони Нӯҳи II (976–997) амири Хуросон Абӯалии Симҷурӣ бо хони Туркистон – Буғрохон барои тақсими мулки Сомониён иттиҳод бастанд. Соли 992 шаҳрҳои Самарқанду Бухороро ишғол карда, ба ҷои Нӯҳи II амакаш Абдулазизро ба тахт нишонд. Баъди фавти ногаҳонии Буғрохон Нӯҳи II дубора ҳукуматашро барқарор карда, бо пуштибонии Сабуктегин, ҳокимони зиёрӣ, Ғурҷистон, Ҷузҷон қувваҳои муттаҳидаи Абӯалии Симҷӯрӣ ва Фоиқро торумор намуд. Дар замони Мансури II (997–999) ва Абдумалики II (999) бар асари муборизаҳои дохилӣ ва рақобати сипаҳсолорон мулкҳои шимолу ғарбии Сомониён ба ихтиёри Қарахониён ва Хуросон ба тасарруфи Ғазнавиён гузаштанд. Тирамоҳи соли 999 Бухоро бори дуюм аз ҷониби Қарахониён тасарруф гашт ва ҳукумати Сомониён хотима ёфт. Охирин намояндаи Сомониён Мунтасири Сомонӣ барои барқарор кардани давлати Сомониён зиёда аз чор сол мубориза бурд, аммо талошҳои ӯ соли 1005 бебарор хотима ёфтанд.

Муҳаққиқон доир ба сабабҳои аз байн рафтани давлати Сомониён фикру мулоҳизаҳои гуногуни хешро баён доштаанд. Дар маҷмуъ сабабҳои таназзул ва дар охир фурӯпошии давлати Сомониён чунин буданд: пас аз даргузашти Исмоили Сомонӣ низоъ ва даргириҳои дохилию хонаводагӣ аз байн нарафтанд; на ҳамаи музофоти қаламрави давлат ба марказ итоат менамуд ва баъзе минтақаҳо танҳо расман дар итоати Сомониён буданд; дар

сипоҳ намояндагони қавмҳои бегона, аз ҷумла туркон ҷалб гардиданд ва бештари вазифаҳои баланди сиёсӣ ва низомиро ҳам туркҳо соҳибӣ карда, дар ҳолати зарурӣ ба Сомониён итоат намекарданд; ситаму ҷафои коргузорони маҳаллӣ нисбат ба кишоварзону ҳунармандон ва дигар табақаҳои иҷтимоӣ тадриҷан афзоиш ёфта, намояндагони хонадони ҳукмрон аз зиндагии воқеии аҳолӣ бехабар гардиданд ва дар охир аҳолии Бухоро ва дигар шаҳрҳои Варорӯд нисбат ба сарнавишти Сомониён бетарафӣ нишон доданд. Ин буд, ки Сомониён ба ҳуҷуми бегонагон муқовимат карда натавониста, аз майдони сиёсат ва кишвардорӣ берун рафтанд.

## 2. ХОҶАГӢ, МАДАНИЯТИ МОДДӢ. МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

### Хоҷагии қишлоқ

Дар аҳди Сомониён, - менависад Б.Ғафуров, - зироати обӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон равнақ ёфта, шабакаи зиёди наҳрҳо, каналҳо ва иншооти обёрӣ самараи зироатро ниҳоят афзун гардонданд.

Чун дар асрҳои IX-X давлатҳои мутамарказ таъсис ёфтанд, ба ҳамин сабаб барои сохтмони иншоотҳои бузурги обёрӣ имконият фароҳам омад ва чунин имконият пеш аз оғози истилои арабҳо вуҷуд надошт, зеро Осиёи Миёна ба бисёр мулкҳои алоҳида ва ниҳоят хурд тақсим шуда буд.

Дар Осиёи Миёна ду дарё – Амударё ва Сирдарё барои обёрии заминҳои зироатӣ бевосита истифода намешуданд ва обро асосан аз шохобҳои онҳо мегирифтанд. Қисми асосии заминҳои зироати обӣ дар водиҳои шохобҳои шимолии Амударё ва дарёи Панҷ (Сурхоб, Кофарниҳон, Вахш ва ғайра) ҷойгир буданд.

Дар ҳавзаи Сирдарё дар ин давра ободтарин мавзеъ водии дарёҳои Элок (Оҳангарон) ва Парак (Чоргиз) ба ҳисоб мерафт. Дар сарзамини Мовароуннаҳр дигар ягон маҳалле набуд, ки шаҳру деҳот дар як масоҳати хурд ин қадар зич ҷой гирифта бошанд. Дар нимаи аввали асри IX дар ин ҷо канали бузурге сохта шуд.

Аз шабакаи обёрии ҳавзаи Мурғоб низ дар ин давр хеле муассир истифода мекарданд, ки шумораи коркунони ин шабака гӯё ба 10 ҳазор нафар мерасид.

Заминҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон ба воситаи каналҳое обёрӣ мешуданд, ки оби онҳо аз дарё гирифта мешуд ва ин каналҳо ба таври маъмулӣ сохта мешуданд. Дигар тарзҳои обёрии заминҳои зироатӣ, ки корез ном дошт, низ мавҷуд буд. Агар сатҳи замин ба кандани канали муқаррарӣ имкон надиҳад, дар он сурат корез месохтанд. Инчунин агар замин дар ҷои баланд ҷой гирифта бошад, обро ба он ҷо ба воситаи чиғир мебароварданд ва чархи чиғирро бо ёрии шутур мегардониданд. Дар маҳалҳои доманакӯҳ сойҳоро баста, дарғот месохтанд ва оби баҳоронро ҷамъ карда, тобистон истифода менамудаанд.

**Истеҳсоли маъдан ва кӯҳкорӣ**

Дар асри Х истеҳсоли маъдан равнақ ёфта буд. Дар Фарғона оҳан, қалъагӣ, нуқра, симоб, мис, сурб, мум, сангпахта, фирӯза, навшодир ва ғайра истеҳсол мекарданд. Дар қарибии Хуҷанд аз мавзеи Қарамазор нуқраи зиёде мегирифтанд ва ин кон бо номи Кӯҳи Сим машҳур буд.

Дар ин давр дар Мовароуннаҳр дар амалиётҳои ҳарбӣ нафт бисёр истифода мешуд. Масалан, ҳангоми муҳосираи қалъа ба даруни он зарфҳои оташгирифтаи нафт партофта, онро оташ мезаданд. Дар ноҳияҳои болооби Зарафшон оҳан, тилло, нуқра, зок ва дар Дарвоз, Рушон ва Шуғнон тилло, нуқра лаъл, лоҷуворд истеҳсол менамуданд.

Вобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ ва ҳаҷм ва навъи истеҳсоли маъдан конҳои хурд ва ё конҳои калон сохта мешуд. Баъзан конҳо чунон калон мешуданд, ки - менависад Б. Ғафуров, - ҳозир ҳам касро дар ҳайрат мегузоранд. Дар шумори чунин конҳои бузург Кони Мансур ва Кони Гут буданд.

Барои истихроҷи маъдан чоҳҳои амиқи рост ё моил кофта, аз ин чоҳ нақб канда мешуд, ки он то мавқеи ҷойгиршавии маъдан рафта мерасид.

Барои сарфаи меҳнат ва осонии кор кӯҳкорон фақат ҳамон хокеро берун мепартофтанд, ки пеши маъданро гирифта бошад, то барои пеш рафтан имконият пайдо шавад. Ба ин сабаб тамоми чоҳу нақбҳои конҳои қадим печдарпеч мебошанд, ки аз баъзе ҷойҳои нақб фақат хазида гузаштан мумкин аст. Кӯҳкорон бо ҳавсалаи тамом конҳоро канда, маъдани онро истихроҷ мекарданд. Маъдани кандашуда аз кон ба воситаи сабад ё халтаи

чармӣ берун кашида мешуд. Дар ҷойҳои фарози баромади кон зинаҳо месохтанд.

Сатҳи илм дар шинохти кони маъдан пешрафта буд. Инро дар муқоисаи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва осори кураҳои маъдангудозӣ, таҳлили дажғолу филизоти тайёр метавон муайян кард.

## Истеҳсоли шиша ва сафолот

Маснуоти шишагӣ аз шишаи беранг сохта мешуданд, вале маснуоти шишагие низ месохтанд, ки гуногунранг буданд. Шишаи рангаро барои дигар ороишҳо низ истифода мебурданд.

Дар асрҳои IX-X шишагарони Мовароуннаҳр бо усули дамидан истеҳсол намудани зарфҳо ошноии комил доштанд ва онро бо тамоми нозукиҳояш кор мефармуданд. Шишагарон усули дамиданро барои ороиши зарфҳо низ татбиқ менамуданд. Дар ин сурат зарфҳо чунон дамида мешуд, ки нақши рӯи қолаб айнан ба рӯи зарф мегузашт.

Якрангии шакли зарфҳо, - менависад Б. Ғафуров,- набудан ё ниҳоят кам ва арзон будани ороиши зарфҳо, ба нудрат истифода шудани нақшкӯбии ҳар як зарф аз он далолат менамоянд, ки дар асрҳои IX-X истеҳсоли зарфҳои шишагии рӯзгор шакли оммавӣ дошт ва барои оммаи васеъ истеҳсол мешуд.

Дар асрҳои IX-X дар Мовароуннаҳр шишаи тиреза истеҳсол карда, дар биноҳо истифода мебурданд.

Истеҳсоли сафолот дар асрҳои IX-X дар Мовароуннаҳр мукаммал ва муфассал таҳқиқ шудааст. Дар рафти ҳафриёти бостоншиносӣ гузару маҳаллаҳои махсуси кулолон, чандин навъи даму кӯраву ва хумдонҳо ёфт шуданд. Инчунин чанд дӯкони кулолон кашф гардид, ки дар он васоили кулолӣ, масолеҳи кулолӣ ва ҳатто зарфҳои ношикаста боқӣ мондаанд. Комилан метавон тасаввур кард, ки - менависад Б. Ғафуров, - кулолони асрҳои IX-X аз аввал то охир, яъне аз таҳияи лой то сохтани зарфҳо чи гуна усулҳоро ба кор мебурданд.

Зарфҳои сафолии асрҳои IX-X гуногун буда, аз хумҳои калон то пиёлаву табақчаҳо сохта мешуданд. Комёбии назарраси ҳунари кулолии он давр истеҳсоли зарфҳои сирдор буд, ки талабот ба чунин зарфҳо бештар гардида, хеле зиёд истеҳсол мешуданд.

Дар асрҳои IX-X зарфҳои нақшини сирдор шаклҳои гуногун доштанд. Тайёр кардани ин гуна зарфҳо маҳорати баландро тақозо дошт. Чунин зарфҳо дар чархи кулолӣ сохта шуда, баъди хушконидан ба рӯи он ангоб мемолиданд, то нақше дар он бикашанд. Аксаран нақши ин гуна зарфҳо нақши одии ислимӣ – яъне тасвири печдарпечи шаклҳои ҳандасӣ ва наботӣ аст, вале тасвири парандагону ҳайвонот низ ба назар мерасад.

Дар асрҳои IX-X ангоби сафед, сурх ва сиёҳро истифода мебурданд.

Яке аз роҳҳои ороиши зарфҳои рӯзгор катиба навиштан буд. Катибаҳоро пиромуни пиёлаву коса, табақ ё худ дар мобайн менавиштанд. Катибаҳо дар рӯи кӯзаву кӯзачаҳо ва чароғи сиёҳ ҳам навишта мешуд.

Сафоли асрҳои IX-X аз он шаҳодат медиҳад, ки дар он давра самараи меҳнат зиёд гашта, бисёр тарзу усулҳои кор азхуд шуда, таркибу сифати сир такмил ёфта, дар нақшу нигори зарф низ пешрафтҳо сурат гирифта, миқдори истеҳсоли зарфҳои сафолӣ афзудааст.

**Дигар намудҳои касбу ҳунар**

Ҳунарҳои бофандагӣ, зардӯзӣ, нақшу нигори матоъ ва ғ. низ инкишоф ёфта, анвои матоъҳо сершумор ва сифати онҳо хеле баланд буд. Дар Бухоро (занданачӣ), Самарқанд (матоъҳои симгун, зарбофт), Хуҷанд, Кеш ва ғ. матоъҳои гуногун истеҳсол мешуданд. Матоъ ва колинҳои коргоҳи бофандагии «Байту-т-тироз»-и Бухоро ба шаҳрҳои дигар интиқол дода мешуданд.

Матоъ аз абрешим, пахта ва катон бофта мешуд. Дар ин давр Мовароуннаҳр макони бисёр навъҳои матоъҳои босифат буд ва бофандагон истеҳсоли баъзе намудҳои матоъҳои хориҷиро низ ба роҳ монда буданд.

Дар байни навъҳои маҳаллии матоъ навъи пахтагии ведарӣ мақоми махсус дошт. Номи ин матоъ аз Ведар ном деҳае гирифта шудааст, ки дар қарибии Самарқанд воқеъ буд. Ин гуна матоъ дар дигар маҳалҳои Мовароуннаҳр ҳам бисёр бофта мешуд. Талабот ба ин матоъ на фақат дар ин ҷой ниҳоят зиёд буд, берун аз Мовароуннаҳр низ бозори он ривоҷ дошт.

Баъзе пораҳои хурди матои асрҳои IX-X Мовароуннаҳр то ба рӯзҳои мо омада расидаанд. Дар қабрҳои асримиёнагии Миср дар байни матоъҳои қадимӣ чанд пора катони марвӣ боқӣ мондааст, ки дар асри IX бофта шудаанд.

Дар ин асрҳо маҳсулоти филизӣ ҳам маъмул гашта буданд. Як қисми он барои таъмини талаботи мардуми маҳаллӣ истифода шуда, қисми дигари он ба фурӯш мерафт. Аз ҷумла, чунин маҳсулоти филизӣ фонусҳои мисини Бухоро, зарфҳои қалъагии Рабинҷон, дегҳои мисини Самарқанд, қайчиву сӯзанҳои Шош, аслиҳаи Фарғонаву Исфиҷоб ва ғайра дар манобеи таърихӣ зикр шудаанд. Силоҳи истеҳсолшуда дар Фарғона ба дараҷае шуҳрат дошт, ки ба бисёр кишварҳо, аз ҷумла ба Бағдод бурда мешуд.

Дар ин муддат ягона шаҳре, ки тамоми қаламрави хилофоти арабро бо коғаз таъмин мекард, - менависад Б.Ғафуров, - Самарқанди нимаи дуюми асри VIII ва аввали асри X буд. Дар коргоҳҳои ин шаҳр коғази латтагӣ тавлид мешуд, ки онро коғази самарқандӣ ва баъзан хуросонӣ меномиданд.

Чармгарӣ ва истеҳсоли маснуоти пашмӣ низ равнақу ривоҷи тамом дошт ва аз чарму пашм маснуоти зиёде истеҳсол мегардид.

## Бинокорӣ ва меъморӣ

Дар асрҳои IX-X кӯшку қасрҳо, сарою дӯконҳо, масҷиду мадрасаҳову мақбараҳои зиёде сохта шудаанд. Бинокорон аз гил, пахса, хишти хом ва чӯб истифода менамуданд. Аз чӯб барои сутуну болорҳо барои меъмории асри IX-X кор мегирифтанд. Хишти пухта камтар истифода мешуд. Дар мавзеъҳои кӯҳӣ масолеҳи асосии бинокорӣ санг буд.

Дар ҳунари меъмории замони Сомониён, хусусан дар бинокории монументалӣ, усули ороиши хиштчинии «нақшин» маъмул гардид. Лавҳаҳои гачкорӣ нақши ҳандасию наботӣ доштанд.

Дар ин давра биноҳои муҳташам ба вуҷуд омаданд, ки аз хишти пухта сохта шуданд ва ин комёбии муҳим дар меъмории замон буд.

Аз ҷумлаи биноҳои муҳташами асрҳои IX-X оромгоҳҳои шахсони маъруф мебошанд. Оромгоҳи Исмоили Сомонӣ дар Бухоро, Арабато дар Тим, мақбараи Мирсаидбаҳром дар Кармина

ва Оқ-Остонабобо дар наздикии Узун аз ҷумлаи осори меъмории ин давр ба шумор меравад.

Дар шумори ёдгории барҷастаи меъмории ин давра оромгоҳи Хоҷа Нахшрон, Чилдухтарон, Шери Кабир низ шомил мебошанд.

Оромгоҳи Исмоили Сомонӣ осори беназиру беҳамтои ҳунари меъмории асримиёнагии Мовароуннаҳр мебошад. Ин мақбара мураккабсохт набуда, як иншооти мукаабшакли болояш бо гунбаз пӯшида мебошад, ки дар охири асри IX ва аввали X бино шудааст. Мақбараи Арабато мувофиқи катибаи девори мақбара соли 977 – 78 сохта шуда, бинои мукаабшакли гунбазпӯш аст, вале фақат аз як тараф даромадгоҳ дорад ва тарафи даромадгоҳ бо пештоқи баланди муҳташам зинат дода шудааст, ки баландии он аз девор баланд буда, ҳатто, қисми зиёди гунбазро паноҳ кардааст.

Дар муддати кӯтоҳ ҷустуҷӯи ҷиддии афкори меъморӣ боиси пайдоиши шакли нави мақбара гардид, ки онро мақбараи пештоқии гунбазӣ меноманд.

Кандакорӣ дар чӯб низ ҷолиби диққат буда, аз намунаҳои он метавон меҳроби масҷиди Искодар, сарсутунҳои Сангистон ва сутунҳои болооби Зарафшонро ном бурд. Меҳроби Искодар осори нодири санъат буда, бе ягон мех ва ё ширеш сохта шуда, саросар кандакорӣ дошта ва кандакорӣ аз ҳошияҳои катибаи куфӣ, нақши калон-калони занҷира ва резанақши ислимӣ иборат мебошад. Сутунҳои деҳаҳои Курут, Фатмев, Оббурдон ва сарсутунҳои Сангистон ҳам хеле назаррабо мебошанд. Ин сутунҳо низ мувофиқи анъанаи қадимии санъати суғдӣ оро дода шуда, дар онҳо унсурҳои нав низ ба назар мерасад.

## Тиҷорат ва муомилоти пул

Бузургтарин шаҳрҳои Мовароуннаҳр дар асрҳои IX-X марказҳои тиҷорати дохили вилоятҳо, байни вилоятҳо ва баъзеи онҳо маркази тиҷорати байни кишварҳо буданд. Тиҷорат на фақат дар чунин марказҳои савдою ҳунармандӣ ривоҷ дошт, инчунин дар бисёр деҳаҳо, ба хусус дар ҷое ки ин ё он касбу ҳунар рушд ёфта буд, рӯй ба тараққӣ ниҳод.

Сиккаҳои тилло (динорҳо) дар давраи Сомониён хеле бисёр бароварда мешуд, вале микдори бештари онҳоро берун аз ҳудуди Осиёи Миёна сикка мезаданд. Сиккахонаҳои Осиёи Миёна гоҳ-гоҳ

динор мебароварданд. Як ҷиҳати ин масъала ҷолиби диққат аст, ки мувофиқи хабари маъхазҳои таърихӣ ин динорҳо мисли танга донадона кор фармуда намешуданд, балки фақат арзиши вазни онҳо ба назар гирифта мешуд.

Воситаи асосии муомилоти пулӣ дар Осиёи Миёна дар асрҳои IX-X дирамҳое буданд, ки дар маъхазҳо дирамҳои хоразмӣ, мусайябӣ. муҳаммадӣ ё ғитрифӣ зикр шудаанд.

Дирҳами исмоилӣ ҳамчун воҳиди асосии пул дар саросари қаламрави Сомониён – Мовароуннаҳр, Хуросон ва қисман Эрон дар гардиш буд. Дирҳами исмоилӣ дар қиёс бо сиккаҳои ғитрифӣ, мусайябӣ ва муҳаммадӣ аз нуқраи холис (92–100%), бо навиштаҷоти номи халифа ва амири Сомонӣ, ҳамчунин солу макони барориши он зарб зада мешуданд. Дар асри даҳум муомилоти дирҳамҳои исмоилӣ тавассути Роҳи бузурги абрешим дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ паҳн шуда, чандин дафинаи сиккаҳои Сомониён дар Русия, Украина, Белоруссия, Полша, Шветсия, Финляндия, Норвегия, Олмон, Англия, Ирландия ва Исландия пайдо шуданд. Дар таркиби дафинаҳои Аврупо дирҳамҳои Хуттал ва Рашт низ ҳастанд, ки саҳми тоҷирони ин минтақаро дар савдои байналмилалӣ нишон медиҳанд.

Дар савдои чакана пули сиёҳ ё худ фулус ба кор мерафт. Миқдори муайяни фулус бо як сиккаи нуқра баробар карда мешуд, вале ин миқдор дар ҳар ҷо ҳар хел буд.

Дар ин давра равобити тиҷоратии Мовароуннаҳр бо Шарқу Ғарб, бо мамлакатҳои шарқи Наздик, бо кӯчманчиёни шимолу шарқ равнақ дошт. Анвои моли тиҷорат, ки аз Мовароуннаҳр содир мешуд, низ хеле зиёд шуд. Бештар молҳое ба фурӯш мерафт, ки барои истифодаи мардум ва эҳтиёҷи ҳамарӯзаашон зарур буданд. Роҳи корвонгузар аз шарқи Наздик ва Хитой аз Мовароуннаҳр мегузашт. Ин роҳ аз кишварҳои соҳили баҳри Миёназамин оғоз шуда, аз Бағдод, Ҳамадон, Нишопур, Марв, Омул гузашта, ба Бухоро меомад ва аз ин ҷо идома ёфта, аз Самарқанд гузашта, Тироз, Балосоғун, Суйоб ва соҳили ҷанубии Иссиққӯлро паймуда, ба Муғулистон ва аз он ҷо ба Хитой ворид мешуд.

### Бухоро – маркази давлати Сомониён

Рушди тиҷорат дар қаламрави Сомониён боиси ободӣ ва равнақи шаҳрҳо, аз ҷумла пойтахти давлати Сомониён-Бухоро

гардид. Ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии шаҳр беш аз беш дар шаҳристони Бухоро гирд меомад, - менигорад Б.Ғафуров ва идома медиҳад, ки дар он ҷо бозору гузарҳои нав ба нав бунёд мегардиданд, дӯконҳои нав, корвонсаройҳои зиёд сохта мешуданд. Наршахӣ хабар медиҳад, ки ҳанӯз дар аҳди Тоҳириён дар Бухоро коргоҳи калони бофандагӣ вуҷуд дошт ва аз эҳтимол дур нест, ки дар ин ҷо ғуломон низ кор фамуда мешуданд. Моли ин корхона ба шаҳрҳои маркази хилофоти араб ва ба дуртарин шаҳрҳои шарқи Наздик ба фурӯш мерафт. Дар ҳудуди шаҳристони пештара сармоядорон ҳавлиҳои боҳашамат бино карда, бисёр биноҳои нав сохта шуданд, ки дар онҳо вазоратҳо ҷойгир буданд. Дар миёнаҳои асри IX Бухоро хеле васеъ шуда, солҳои 849-850 атрофи онро бо девори нав иҳота карданд, ки 11 дарвоза дошт.

Ба маркази ҳаёти сиёсии давлати Сомониён табдил ёфтани Регистони Бухоро, дар шимоли шаҳр бино шудани қасри амир ва биноҳои сершумори девонҳо намуди шаҳрро дигаргун карда буд.

Дар маркази шаҳр гирд омадани ҳаёти иқтисодӣ мусоидат намуд, ки Бухоро ба шаҳри асри миёна мубаддал шавад. Дар шаҳр маҳаллаҳои махсуси косибон пайдо шуданд, ки дар ин ҷойҳо ҳам мол истеҳсол мегардиду ҳам дар ҳамон ҷо ба фурӯш мерафт. Ба ҳамин сабаб дар асри X тамоми маркази Бухоро ба як бозори калоне мубаддал шуда буд ва намуди шаҳр ҳам хеле дигаргун гардид.

### Созмони инъомоти феодалӣ ва заминдории шартӣ

Дар ин асрҳо соҳиби асосии обу замин давлат ва заминдорони калон буданд. Вобаста ба ҳамин замин ба заминҳои давлатӣ, феодалӣ, мулкӣ ва вақф тақсим мешуд.

Дар аҳди Сомониён заминдории шартӣ низ вуҷуд дошт, ки бар ивази хизмате инъом меёфт, ки бо номи иқтоъ дар манобеи таърихӣ зикр шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқоти таърихию нумизматӣ 18 инъоме кашф гардид, ки барои хизмат дода шудааст. Дар зимн Б. Ғафуров менависад, ки ягон инъоме ба назар нарасид, ки ба хизматчӣ ё худ сарбози қаторӣ дода шуда бошад. Аммо мушаххас аст, ки, ки дар асри IX инъомҳои хеле зиёд ва пурарзиш (деҳаҳо, шаҳрҳо, вилоятҳои том) фақат ба намояндагони хонадони Сомонӣ дода мешуд.

Инъомоти асрҳои IX-X ба инъомгиранда ҳуқуқ медод, ки ба тамоми даромади мулки инъомшуда ва ё ба як қисми он даромад соҳиб шавад, вале инъом якумрӣ ва меросӣ набуд. Инъомгирандагон аксар соҳибвазифа буданд, ё ҳукумати вилоят ва ё шаҳрро ба уҳда дошта, дар ҳалли масъалаҳои дохилии вилоят ва ё шаҳр имтиёз доштанд. Онҳо ҳуқуқ доштанд, ки дар сиккаҳо номи худро нависанд. Ин ҳолат вазъеро ба миён овард, ки муносиботи ҳукумати марказӣ бо соҳибони мулкҳои инъомшуда мухталиф буд. Бояд зикр кард, ки дар ҳудуди давлати Сомониён вилоятҳои инъомшуда аксар вақт ба мулкҳои мустақил табдил меёфтанд. Масалан, Наср ибни Аҳмад ба бародараш Исмоил ҳуқуқ дод, ки як бахше аз хироҷи вилояти Бухороро гирад, аммо Исмоил хост тамоми хироҷи Бухороро бигирад, ки дар натиҷа миёни бародарон ихтилоф афтод. Волии ин гуна вилоятҳо худро бо он унвонҳо ном мебурданд, ки сардорони оли Сомониён доштанд.

Дар давлати Сомониён ошкоро ду тамоюли мухолифи ҳам вуҷуд дошт: аз як тараф навъҳои иқтоъ бештар мешуд ва аз тарафи дигар ҳукумати марказӣ бо додани маош мехост пеши роҳи ривоҷи инъомро бигирад.

Хуллас, дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии давлати Сомониён созмони инъомот-иқтоъ мавқеи намоён дошт. Ҳатто вилоятҳои марказӣ ва асосии давлат, мисли Самарқанд, Бухоро, Шош, Фарғона ва ғайра дар давраҳои гуногун ба ин ва ё он намоядаи давлат инъом гардида, аксар вақт ба мулкҳои мустақилу саркаши дохили давлати Сомониён табдил меёфтанд.

### Рентаи феодалӣ, ҳаёти деҳқонон ва неҳзатҳои халқӣ

Дар аҳди Тоҳириён ва Сомониён «тамғазании» деҳқонон, ки онҳоро чун ғулом муаррифӣ мекард, қатъ гардид. Дар аҳди Сомониён маҷбурият бо номи бегорӣ кам гардида, кишоварзон барои пешгирӣ аз ҳамлаи кӯчманчиён деворҳои атрофи Бухороро таъмир намекарданд ва девори нав намесохтанд.

Бештар шудани теъдоди иқтоъ заҳмати деҳқононро хеле зиёд кард. Давлат миқдори муайяни хироҷро дар вақташ ҷамъоварӣ мекард ва ҳатто дар як сол аз ҳисоби соли оянда ду бор ҳам хироҷ мегирифтанд. Дар асрҳои IX-X ривоҷи пуравҷи муносибатҳои пулию молӣ боиси вусъат ёфтани рентаи замин низ гардид.

Дар Мовароуннаҳр рентаи замин ба шакли омехта рӯёнда мешуд. Хироҷ ба намуди маҳсулот, бегорӣ ва бо пул пардохт

мегардид ва беш аз ҳама ба намуди маҳсулот рӯёнда мешуд. Бино ба ахбори маъхазҳои асрҳои IX-X микдори хироҷро фақат бо пул ифода кардаанд.

Пойтахти Сомониён Бухоро яке аз марказҳои калонтарини ҳунармандӣ ва тиҷорат буд. Вилояти Бухоро низ дар муомилоти пулию молӣ фаъолона ширкат мекард ва дар бисёр деҳаҳои атрофи Бухоро истеҳсоли мол ривоҷу равнақ дошт. Истеҳсоли мол дар тамоми ноҳияҳои Осиёи Миёна баробар тараққӣ накард, вале дар ҳама ҷойҳо муносибатҳои пулию молӣ ба як дараҷа равнақ ёфта буд. Дар аксари вилоятҳо, бахусус вилоятҳои аз марказ дур барои ривоҷу хироҷи пулакӣ ягон заминаи воқеӣ вуҷуд надошт. Бинобар ин дар вилоятҳои гуногуни Мовароуннаҳр хироҷ бо намудҳои гуногун гирифта мешуд.

Дар асрҳои IX-X истеҳсолкунандагон ба ду гурӯҳ- деҳқонони ҷамоатӣ ва иҷоракор тақсим мешуданд. Аммо оҳиста-оҳиста фарқ байни онҳо ноаён мегардид, зеро на фақат деҳқонони безамин, инчунин деҳқонони камзамин ҳам заминро иҷора гирифта, чоряккор мешуданд.

Зиддияти асосии дохили давлати Сомониён аз нобаробарии иҷтимоии ду синф – аз як тараф, деҳқону косибон, аз тарафи дигар, табақаи ҳукумрони ҷомеа ба миён омада буд.

Аксар вақт, - менависад Б. Ғафуров,-муборизаи синфӣ, ки бо баҳонаи иқтисодӣ (масалан, зиёд шудани хироҷ ва ғайра) сар мезад, ба худ пардае мепӯшид, ки он задухӯрди байни дини расмӣ ва бидъатҳоро ифода менамуд ва гуфтан лозим, ки мазлумон, асосан, зери байрақи ҳамин гуна бидъатҳо ба по мехезанд. Ин гуна шӯришҳо дар Бухоро, Систон, Чағониён ва ғайра ба амал омада буданд.

Падид омадани қарматия ин як намуди эътирози мардум буд. Дар ибтидо қарматия бисёр мазҳабу фирқаҳои тоисломиро фаро мегирифт ва дар асрҳои IX-X дар Мовароуннаҳр бисёр наҳзатҳои халқӣ ба фирқаи қарматия мепайвастанд ва қарматияро василаи муборизаи зидди зулми иҷтимоӣ медонистанд.

### Анҷоми ташаккули халқи тоҷик

Дар ҳамон даврае, ки ҳокимият дар Мовароуннаҳру Хуросон дар дасти Сомониён буд, - менависад Б.Ғафуров, - раванди ташаккули халқи тоҷик анҷом ёфт. Дар шароити нави истиқлоли давлатӣ бисёр анъанаҳои мадании пештара боз таҷдид гардида,

сарватҳои нави маънавӣ, аз ҷумла, назми классикӣ, ки дар тамоми ҷаҳон эътироф гардидааст, ба вуҷуд омад.

Раванди ташаккули халқи тоҷик ҳанӯз хеле пеш аз ишғоли арабҳо оғоз ёфта буд ва ривоҷи муносиботи иқтисодӣ ва фарҳангӣ миёни вилоят ва шаҳрҳои Мовароуннаҳр, рушди шаҳрҳо боиси афзоиши майли муттаҳидшавии сокинони муқимии ин сарзамин гардид.

Равандҳои этникие, ки аз давраҳои қадим дар Осиёи Миёна ҷараён дошт, боиси ташаккули халқиятҳои алоҳидае ба монанди суғдиён, фарғониён, тахориён (бохтариён) гардида буд, ки ҳар яки он соҳиби маданияти худ буд. Вале чунин иддао ғалат мебуд, ки маданияти ин халқҳо ҳар яке тамоман мустақилу махсус буду бо ҳамдигар муносибате надошт, дар айни ҳол, онҳоро як чизи том номидан ҳам мумкин не, зеро ҳар яки онҳо дар худ аз маданияти калоне, ки хоси тамоми Осиёи Миёна буд, қисмеро таҷассум менамуд.

Мардуми асосӣ, яъне таҳҷоии Осиёи Миёна ба як нажод – ба нажоди мовароуннаҳрӣ, ё худ ба нажоди помиру фарғонӣ мансуб мебошад. Ин яке аз калонтарин шохаҳои нажоди аврупоӣ буда, онро антропологҳои шуравӣ Л.В.Ошанин, А.И.Ярхо ва дигарон кашф намуда, хусусиятҳои онро муқаррар намудаанд. Ин шакли антропологӣ чунин нишонаву аломатҳо дорад: тарҳи рӯй паҳн набуда, балки каме ба пеш барҷаҳида аст ва хеле сермӯй мебошад. Устухони рухсораҳо аён нест ва худи рӯй ҳам рафидашакл намебошад, андозаи бинӣ на калону на хурд, теғдори хуштарҳ (минқоршакл). Ранги чашмҳо асосан сиёҳ, вале дигар рангҳо ҳам ҳаст (мӯйҳо ҳам асосан сиёҳ). Агар ба тарҳи косахонаи сар аз боло назар кунем, гирда менамояд, аз ин ҷост, ки нажодро «брахитсефалҳо» (яъне «каллакулӯлаҳо») меноманд. Намояндагони ин нажод асосан миёнақад (166-167 см) мебошанд. Ба нажоди мовароуннаҳрӣ асосан тоҷикон (тозатарин намуди зоҳирии нажоди онҳо дар симои тоҷикони кӯҳистон ва ноҳияҳои даромадгоҳи Помир боқӣ мондааст) мансуб мебошанд.

Дар Мовароуннаҳру Хуросон дар ибтидои давраи истилои арабҳо забонҳои шарқиэронии суғдӣ, фарғонӣ, хоразмӣ, ҳайтолӣ паҳн шуда буданд. Забони портӣ, ки ба доираи забонҳои ғарбиэронӣ

мансуб аст, дар аввалҳои асрҳои V-VI дар хоки имрӯзаи Туркманистони Ҷанубӣ ва Хуросон барҳам хӯрда буд.

Навиштаҷоти форсӣ (аниқтараш форсии миёна)-и асрҳои VII-VIII, ки дар қарибии Марв ёфт шуд, равшан далолат мекунад, ки дар ин давра дар ин ҷойҳо бо забони форсӣ (тоҷикӣ, ки онро «забони форсии дарӣ» ё худ «забони форсӣ» ҳам номидаанд) ҳарф мезаданд.

Забони форсӣ аз Марв, Балх ва дигар марказҳои маъмурӣ, иқтисодӣ ва мадании Хуросони Шимолӣ ба тамоми Мовароуннаҳр интишор ёфта, ботадриҷ ҷои забонҳои шарқии эронии Осиёи Миёна – суғдӣ, тахорӣ (бохтарӣ)-ро гирифт.

Эҳтимол меравад, ки дар асрҳои IX-X қисми асосии мардуми шаҳрҳои калони Мовароуннаҳр (Самарқанд, Бухоро ва ғайра) ба забони форсӣ сухан мекарданд.

Дар асри X дар Бухоро адабиёти мукаммали форсизабон вуҷуд дошт. Вале дар деҳот, дар ҷойҳои дур аз шаҳру роҳҳои калон, дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ҳанӯз бо забони суғдӣ муошират мекарданд. Академик Б.Ғафуров аз қавли ҷуғрофиёдони араб Муқаддасӣ менависад, ки дар охирҳои асри X дар рустакҳои Бухоро (дар деҳаҳои тобеи Бухоро) ба забони суғдӣ гап мезаданд: «Суғдиён худ забон доранд, забони рустакҳои Бухоро низ тобеи он аст; худи забон хеле лаҳҷаҳо дорад. Вале ҳама ягдигарро мефаҳманд, он ҷо имоми аъзам Муҳаммад ибни Фозилро дидам, ки ба суғдӣ бисёр ҳарф мезад».

Мувофиқи ривояти сайёҳони асри X ва маъхазҳои хаттии ҳамон давраҳо забони форсӣ, яъне забони тоҷикӣ ба чанд лаҳҷа тақсим мешуд ва мардуми ҳар як ноҳия ва ҳатто шаҳрҳои калон, мисли Самарқанд, Ҳирот, Нишопур, Марв, Балх ва ғайра бо лаҳҷаи худ сухан мекарданд.

Ба забони тоҷикӣ дар асрҳои IX-X адабиёти бой ба вуҷуд оварда шуда, ба забони адабии тоҷик лаҳҷаҳои Хуросону Мовароуннаҳр асос гардидаанд. Забони адабии тоҷик низ ташаккул ёфта, бо он забон шоҳасарҳои оламшумули адабиёти тоҷику форс офарида шудаанд.

Хуллас, дар асрҳои IX-X дар Мовароуннаҳру Хуросон умумияти азими этномадание ташаккул ёфт, ки он тақрибан пурра ба ҳайати давлати Тоҳириён, Саффориён ва бахусус Сомониён

дохил мешуданд. Ин умумияти этникӣ тоҷикон буданд. Академик Б. Ғафуров баррасии масъаларо ҷамъбаст намуда, хулоса менамояд, ки дар нимаи аввали асри XI истилоҳи «тоҷик» номи он халқе гардид, ки дар Осиёи Миёна ва Хуросон ташаккул ёфт. Доир ба маънии истилоҳи «тоҷик» олими шинохта андешаи муҳаққиқони соҳаро таҳлил намуда, пешниҳоди А.М. Манделштамро, ки истилоҳи «тоҷик» аз вожаи «тоҷ» реша дорад, ҷонибдорӣ менамояд.

### Оид ба масъалаи пайдоиш ва инкишофи забони адабиёти классикии тоҷик

Академик Б.Ғафуров масъалаи пайдоиш ва инкишофи адабиёти тоҷикро дар ин аҳд таҳлил намуда, менависад, ки асри X ва асрҳои минбаъда аз давраҳои нашъунамои адабиёти классикии тоҷику форс ҳисоб меёбад. Осори адабиёти бадеӣ, асарҳои таърихӣ ва илмӣ, ки дар ин давр ба вуҷуд омаданд, дар ҳаёти фарҳангии мардуми Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрони Ғарбӣ, Ҳиндустони Шимолӣ ва бисёр мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Миёна нақши муҳим бозидаанд. Тавассути тарҷумаи русӣ ва забонҳои Аврупои Ғарбӣ имрӯз ёдгориҳои адабиёти классикии тоҷику форс сарвати маънавии бисёр халқҳои ҷаҳон гардидаанд ва ба ганҷинаи умумии дурдонаҳои қиматбаҳое, ки инсоният андӯхтааст, дохил шудаанд.

Истилои сарзамини ориётаборҳо аз тарафи арабҳо ва мусулмонкунонии аҳолии мамлакатҳои забтшуда (асрҳои VII-VIII ва давраҳои баъдина), - менависад Б.Ғафуров,- пайваста бо нест кардани осори хаттии қадим ва алифбои мардуми гуногуни эронизабон – алифбои паҳлавӣ дар Эрон, суғдӣ ва хоразмӣ дар Мовароуннаҳр, бохтарӣ дар Бохтари таърихӣ (Тахористон) ва ба ивази онҳо зӯран ҷорӣ кардани забон ва алифбои арабӣ ба вуқӯъ меомад. Агарчи дар ноҳияҳои ҷудогонаи ин сарзамин, -таъкид менамояд муаллиф,- масалан, дар вилоятҳои назди Баҳри Каспӣ, Осиёи Миёна (Хоразм, Суғд) ва Туркистони Шарқӣ хатҳои паҳлавӣ, хоразмӣ, суғдӣ, монӣ, насронӣ дар давоми якчанд асри баъд аз истилои арабҳо то дараҷае нигоҳ дошта шуда бошанд ҳам, баробари тадриҷан ба дини ислом гузаштани аҳолӣ имконияти нигоҳ доштан ва инкишоф додани онҳо заиф мегардад. Асарҳое,

ки бо алифбои ғайриарабӣ навишта мешуданд, бо як худи шакли зоҳириашон дар шуури мусулмонон ба ақидаҳои динии қадимаи хилофи ислом алоқа пайдо намуда, бераҳмона несту нобуд карда мешуданд.

Забони арабӣ – забони табақаи болои хилофат ва дини ҳукмрони он чун аслиҳаи мутамарказонии ҳокимият ва ҳукмронии идеологии истилогарони араб хизмат мекард. Соли 700-701 забони арабӣ забони давлатӣ эълон гардида, ба тадриҷ коргузорӣ ва мукотибаи расмии вилоятҳои таҳти тасарруфи хилофат ба ҳамин забон гузаронида мешавад. Аз соли 742 донистани забон ва хати арабӣ барои маъмурияти Хуросон ва ҳамчунин Мовароуннаҳр, ки таҳти идораи ҳукумати хилофат қарор гирифта буд, ҳатмӣ ва маҷбурӣ гардид. Минбаъд натанҳо мукотибаю коргузорӣ, балки рисолаҳои илмӣ ва асарҳои сершумори бадеӣ низ ба забони арабӣ навишта мешуданд. Бо маълумоти Саолабӣ дар давраи Сомониён зиёда аз 119 шоир ба забони арабӣ шеър мегуфтанд. Аммо, бо ин ҳама забони арабӣ натавонист забонҳои зиндаи эронии аҳолиро комилан аз байн барад. Оммаи васеи аҳолии шаҳру деҳкадаҳои Мовароуннаҳр, Хуросон, Систон, Эрони Ғарбӣ ба забони модарии худ сӯҳбат мекарданд, ба ин забон суруд ва достонҳои қаҳрамонӣ эҷод менамуданд ва забони арабӣ барои онҳо ҳамеша бегона монд.

Ба андешаи академик Б.Ғафуров дар ҳаёти таърихию маданӣ ва адабии халқҳои Эрон ва Осиёи Миёна нақши муҳимро забоне бозидааст, ки дар сарчашмаҳо бо номи «забони порсӣ» ё «забони форсӣ» оварда мешавад. Бо ин забон эҷоди адабиёти шифоҳӣ бе шакку шубҳа, ҳеҷ гоҳ (ҳатто дар замони истилои арабҳо ҳам) қатъ нашудааст.

Шароити ба майдони васеи ҳаёти сиёсӣ ва маънавӣ баромадани забони форсӣ ва бо хатти арабӣ таҷассум кардани он, пеш аз ҳама, дар Мовароуннаҳр, Хуросон, Систон пайдо шуда буд. Маҳз дар ҳамин ҷойҳо аввалин давлатдориҳои мустақили Тоҳириён (821-873), Саффориён (873-903), Сомониён (875-999) ба вуҷуд омадаанд ва аъёну ашрофи маҳаллӣ ва доираҳои тарафдори онҳо забони модарии худ, забони аҳолии маҳаллӣ - забони форсиро ба сифати забони давлатӣ ва адабӣ пешниҳод карда, бо ҳамин роҳ истиқлоли сиёсӣ ва мадании худро дар назди Хилофати араб таъкид ва таъйид менамуданд. Аз ин рӯ, табиист, ки аввалин

кӯшишҳои сабти хаттии ин забон ба воситаи алифбои арабӣ дар сарзамини Мовароуннаҳр, Хуросон ва Систон ба вуқӯъ пайвастааст.

Дар ҳамаи сарчашмаҳо забони ин адабиёт «форсӣ», «порсӣ», «порсии дарӣ» номида мешавад. Таъсир ва шӯҳрати адабиёти хаттии форсӣ дар асрҳои миёна чунон бузург буд, ки вай на танҳо дар мамлакатҳое, ки забони форсӣ барои аҳолии онҳо забони модарӣ ҳисоб мешуд (Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрони Ғарбӣ), балки дар кишварҳои берун аз ҳудуди онҳо Озарбойҷон, Осиёи Хурд, Курдистон, Афғонистон, Ҳиндустони Шимолӣ, Туркистони Шарқӣ низ эҷод мешуд. Забони форсӣ на фақат барои мардуми тоҷик ва форс, инчунин барои халқҳои гуногуни ин нуқоти Шарқ курдҳо, афғонҳо, ҳиндуҳо, мардуми туркзабони Озарбойҷон, Осиёи Хурд ва Мовароуннаҳр дар ибтидои асрҳои миёна (ва аксаран баъдтар ҳам) забони асосӣ ва забони аслии (ва ҳатто ягонаи) адабиёти хаттӣ ба шумор мерафт.

Дар хулосаи ин мавзуъ академик Б.Ғафуров менависад, ки ҳар гоҳ ки сухан аз таърихи қадимтарин марҳалаҳои инкишофи ин забон равад, забони адабиёти классикии тоҷику форсро аз давраҳои гузаштаи тараққиёти он, ки дар ёдгориҳои хаттии форсии қадим ва миёна таҷассум ёфтааст, набояд ҷудо кард. Ин забон дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомадааст ва ба вуҷуд омада ҳам наметавонист. Таърихи он на ин ки аз давраи истилои араб, балки аз асари IV пеш аз мелод шуруъ мегардад, ки ин далелро ёдгориҳои хаттӣ тасдиқ менамоянд.

## 2. ИЛМ ВА АДАБИЁТИ ХАЛҚИ ТОҶИК (АСРҲОИ IX – X)

### Тараққиёти адабиёти бадеӣ

Давраи Сомониён давраи пайдоиши адабиёти классикии тоҷику форс ба шумор меравад. Дар айни замон, -таъкид мекунад Б.Ғафуров, - ин ифодаро чунин бояд фаҳмид, ки замони Сомониён, аслан, на давраи ба вуҷуд омадани адабиёти нави тоҷику форс, балки фақат давраи расман эътироф гардидан, ба шакли хаттӣ зуҳур ёфтан ва нашъунамои ин адабиёт мебошад. Дар замони

Сомониён дар баробари рушди адабиёт ба забони тоҷикӣ, адабиёти арабизабон низ равнақ ёфт.

Хеле вақт пеш аз барпо гардидани давлати Сомониён, - менависад Б. Ғафуров, - тоҷикон бо забони модарии худ асарҳои бадеӣ эҷод мекарданд. Чунин амри воқеӣ, ки дар тамоми давраи ҳукмронии арабҳо анъанаҳои адабии қабл аз ислом аз байн нарафтанд ва халқ образҳои бадеӣ ва сюжетҳои бостониро маҳфуз дошт, яке аз далелҳои нисбат ба асри IX хеле қадимтар будани таърихи адабиёти тоҷик мебошад.

Асосгузори эътирофшудаи назми классикии тоҷику форс устод Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар Рӯдакӣ мебошад, ки ҳанӯз дар ҷавонӣ чун навозанда ва ҳофизи халқ шуҳрат ёфта буд. Рӯдакӣ дар деҳаи Панҷрӯд таваллуд шуда, дар дарбори Насри дуи Сомонӣ шуҳратёр гашт. Аз осори Рӯдакӣ то замони мо танҳо бештар аз як ҳазор байт омада расидааст. Ҳамин шеърҳои боқимонда низ ба маҳорати баланди шоирии ӯ, ки дар тамоми жанрҳои назми он давра, монанди марсия, қитъа, рубоӣ, ғазал, маснавӣ  зоҳир гардидааст, метавонанд гувоҳӣ диҳанд.

Шеърҳои устод Рӯдакӣ сармашқи шоирони минбаъдаи тоҷик гардид ва ӯ ба таври ҳаққонӣ ҳамчун асосгузори назми классикӣ шинохта шудааст, назме, ки дар асрҳои X-XV дар миёни тоҷикон ва форсҳо интишор ёфта, Фирдавсӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз ва Ҷомӣ барин симоҳои бузургро ба арсаи эҷод овард. Классикони ин назм Рӯдакиро устоди худ дониста, ӯро ҳамеша бо муҳаббат ва эҳтироми тамом ёд кардаанд.

Абулҳасан Шаҳиди Балхӣ дар деҳаи Ҷаҳидонаки Балх таваллуд ёфтааст. Дар бораи ҳаёти ӯ маълумоти ниҳоят кам мавҷуд аст. Аз сарчашмаҳо фақат ҳаминро метавон донист, ки Шаҳид яке аз беҳтарин шоирони дарбори Насри II ибни Аҳмади Сомонӣ ва наздиктарин шогирди Рӯдакӣ ба шумор меравад.

Абушакури Балхӣ дар соли 915 таваллуд ёфтааст. Дар аҳди салтанати Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ (943-954) ӯро ба дарбор даъват карданд ва бештар рубоӣ сароидааст.

Робиаи Балхӣ нахустин шоираи ба мо маълуми даризабон аст. Дар чанде аз тазкираҳо шеърҳои ошиқонаи пурэҳсос ва ҳунармандонаи вай зикр ёфтаанд. Қиссаи ишқи фоҷеабори Робеа бо ғуломи ҷавон хеле маъруф аст.

Абумансур Муҳаммад ибни Аҳмади Дақиқӣ (вафоташ тақрибан с.977). Ҷои таваллуди ин шоир ҳанӯз маълум набуда, баъзе ӯро аз Тӯс (дар Хуросон) баъзе аз Самарқанд ва ё Бухоро медонанд, дар ҳар сурат вай тамоми умри худро дар Мовароуннаҳр ба сар бурдааст. Дақиқӣ фаъолияти хешро дар дарбори ҳокими вилояти Чағониён, ки дар он замон яке аз ободтарин маҳалҳои давлати Сомониён ба шумор мерафт, сар кард. Шуҳрати Дақиқӣ то дараҷае расид, ки дар як муддати кӯтоҳ ба Бухоро – ба дарбори Сомониён даъват карда шуд. Амир Нӯҳи II Сомонӣ (976-977) ба Дақиқӣ фармуд, ки «Шоҳнома»-ро ба риштаи назм кашад. Вале умри шоир барои анҷом додани ин вазифа кифоя накард. Соли 977 ӯ аз тарафи ғуломаш кушта шуд.

Ҳазор байти Дақиқиро, ки дар он мубoризаи байни Гуштосп (Виштосп) ва Арҷосп тасвир ёфта буд, Фирдавсӣ ба «Шоҳнома» ворид кард

Бузургтарин шоири он замон Абулқосим Фирдавсӣ байни солҳои 934 ва ё 941 дар деҳаи Бож, наздикии Тӯс таваллуд ёфта, дар синни 35-солагӣ, пас аз он ки ба Бухоро ва дигар ҷойҳо сафар карда, бар иловаи «Шоҳномаи Абумансурӣ» дар бораи гузаштаи халқҳои Эрон маълумоти муфассал ҷамъ овард, ба танзими ҳамосаи худ «Шоҳнома» пардохт. Манбаи асосии ин шоҳасарро силсилаи гуфтори сакоию суғдӣ дар бораи Рустами баҳодур, ки беш аз сеяки достонро дар бар мегирад, инчунин афсонаҳои суғдиву хоразмӣ дар бораи Сиёвуш ва афсонаи бохтарӣ дар бораи Исфандиёр ташкил медиҳанд. Бахши асотирии фасли аввали достон, ки бо афсонаҳои дар Авесто ишорат ёфта мушобеҳ мебошанд, низ аз манбаъҳои осиёимиёнагӣ баромадаанд ва ривоятҳои оид ба давраи сосонӣ (қисмати хурди достон) асосан аз маъхазҳои хаттӣ ва аз адабиёти паҳлавӣ иқтибос шудаанд.

Дар ин вақт давлати Сомониён ҳанӯз дар авҷи иқтидори худ буд. Фирдавсӣ,- менависад академик Б.Ғафуров,- дар асоси нишон додани гузаштаи пур аз қаҳрамонии халқ бедор намудани ҳисси ватандӯстии онро вазифаи асосии достонҳои худ медонист. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз ҷиҳати арзиши бадеии худ дар радифи барҷастатарин асарҳои ҳамосии адабиёти ҷаҳон қарор гирифтааст.

## Илму фан

Комёбиҳои илму фанни давраи Сомониёнро омӯхта, академик Б.Ғафуров ба ин назар аст, ки он камтар аз муваффақиятҳои адабиёти ин давр набуд. Аммо фарқ дар ин буд, ки асарҳои илмӣ ба забони арабӣ таълиф меёфтанд, зеро забони арабӣ дар байни мамлакатҳои шарқи исломӣ дар ин давр ва баъдҳо нақши забони илмии байналмилалиро иҷро мекард.

Олимони ин давра дар ҳар як соҳаи илму фан ниҳоят зиёданд ва академик Б.Ғафуров бо зикри номи барҷастатарини онҳо иктифо кардааст.

Ибни Қутайба (828-829) ҳам дар соҳаи таърих ва ҳам дар соҳаи адабиётшиносӣ яке аз мумтозони замони худ буд. «Китоб-ул-маориф» ном асари доир ба таърихи ӯ аҳаммияти ниҳоят калон дорад.

Абумуашшар Ҷаъфар ибни Муҳаммади Балхӣ аз маъруфтарин мунаҷҷимон ва олимони асри IX ба шумор меравад. Вай аввалҳо ба ҷамъ овардани ҳодисаҳо шуғл баст. Пас аз расидан ба синни 47-солагӣ дар Бағдод ба омӯхтани риёзиёт шурӯъ намуд, сипас ба илми нуҷум гузашт ва дар ин соҳа қариб 40 асар эҷод кард. Абумуашшар тақрибан сад сол умр дида, соли 886 вафот намуд.

Абӯбакри Наршахӣ (вафоташ с.959) яке аз муаррихони машҳури давраи Сомониён аст. Китоби «Таърихи Бухоро», ки аз тарафи ӯ ба забони арабӣ таълиф ёфта, онро дар соли 1128 Абунасри Қубавӣ ба тоҷикии форсӣ тарҷума кардааст, аз беҳтарин сарчашмаҳои таърихӣ доир ба ҳаёти вилоятҳои ҷудогонаи Мовароуннаҳр, хусусан Бухоро мебошад.

Абӯнасри Форобӣ (тақрибан 870-950) дар овони ҷавонӣ ба мақсади давом додани таҳсил ба Димишқ ва сипас, ба Бағдод сафар намуд ва қисми зиёди умри худро дар он ҷо гузаронид. Ҳамаи асарҳои ӯ ба забони арабӣ таълиф шудаанд. Хизмати арзандаи Форобӣ дар он аст, ки ӯ мероси Арасту ва дигар файласуфони Юнони қадимро омӯхта, онҳоро ба халқҳои Шарқи Наздик шиносонид.

Абӯалӣ ибни Сино соли 980 дар деҳаи Афшанаи Бухоро дар оилаи амалдори яке аз девонҳои давлати Сомонӣ таваллуд ёфт. Ҳанӯз дар синни ҳаждаҳсолагӣ ҳамаи илмҳои замона, аз ҷумла тибро аз бар кард. Ягон соҳаи фанне набуд, ки ин энсиклопедисти тоҷик дар асрҳои X-XI онро наомӯхта бошад.

Китоби ӯ «Ал-қонун фи-т-тиб» беҳтарин асар дар илми тиб буда, дар давоми шаш аср (аз асри XI то миёнаҳои асри XVII) ҳамчун дастур барои табибон ва китоби дарсӣ барои мактабҳои тиббии тамоми Аврупо хизмат кардааст, ба ин далел «ал-Қонун» дар Аврупо чандин маротиба ба забони лотинӣ ва дигар забонҳо нашр гардидааст.

Тараққиёти маданияти асри IX-X-ро ҷамъбаст намуда, Б. Ғафуров менависад -дар тамоми соҳаҳои илму фан ва адабиёт комёбиҳои муҳим ба даст овардани халқи тоҷик ва дигар халқҳои эронинажоди Мовароуннаҳр ва Хуросонро бояд таъкид намуд. Шароити фароҳамомадаи таърихӣ: барпо кардани давлати худ ва аз зулму ситами Хилофати араб озод намудани мамлакат, муттаҳид гардидани халқи тоҷик ва ташаккули забони адабии ӯ; марказият ёфтани идораи давлат, ниҳоят, робитаи васеи хоҷагӣ ва мадании халқҳои Осиёи Миёна бо тамоми кишварҳои Шарқи Наздик барои ба даст омадани ин комёбиҳо мусоидат кард.

# БОБИ СЕЮМ
# ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР АСРИ XI – ИБТИДОИ АСРИ XIII. ДАВЛАТҲОИ ҒАЗНАВИЁН, ҚАРАХОНИЁН, ҒУРИЁН ВА ХОРАЗМШОҲИЁН

## 1.ТАЪРИХИ СИЁСӢ

### Муборизаи бесамари Абӯиброҳими Мунтасир барои аз нав барқарор намудани ҳокимияти Сомониён

Дар фасли чаҳоруми боби сеюм, муаллифи «Тоҷикон» оид ба таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар асри XI – ибтидои асри XIII сухан ронда, дар ибтидо роҷеъ ба таърихи сиёсии Осиёи Миёна дар давраи мазкур маълумот медиҳад. Аз ҷумла, академик Б. Ғафуров менависад, ки дар солҳои аввали асри XI, намояндаи охирони сулолаи Сомониён Абӯиброҳим Исмоил ибни Нӯҳ ба хотири барқарор намудани давлати Сомониён бар зидди Қарохониён мубориза бурда, аз Ӯзген, ки дар он ҷо маҳбуси Қарохониҳо буд, ба Хоразм фирор намуд ва лашкар ҷамъ карда, ба сӯи Бухоро ҳаракат кард ва ҳокими Қарохониро ронда, шаҳрро соҳиб шуд. Аммо Қарахониён қувваҳои асосии худро бар зидди ӯ равона намуданд ва Мунтасир ба онҳо муқобилат карда натавонист ва бе ҳеҷ муҳориба Бухороро ба дасти душман гузошта, ба тарафи Хуросон ҳаракат кард.

Дар соли 1003 Мунтасир ба Мовароуннаҳр баргашта, дубора бар зидди Қарохониҳо сар бардошт. Дар аввал амалиёти Мунтасир хеле муваффақиятнок давом намуда, лашкари Насри Илокхонро торумор карда, 18 нафар сарлашкарони қарохониро асир гирифт. Дар муборизаи минбаъда Мунтасир қувваи ҳарбии дар Бухоро гузоштаи Насрро шикаст дод. Дар натиҷаи ин муваффақияти Мунтасир дар як қатор маҳалҳои Мовароуннаҳр ҳаракати аз нав барқароркунии ҳокимияти Сомониён сар шуд.

Бо вуҷуди ин муваффақияти ҳарбӣ Мунтасир мавқеи худро дар Мовароуннаҳр мустаҳкам карда натавонист ва ниҳоят дар ибтидои соли 1005 ба дасти яке аз роҳбарони қабилаҳои бодиянишин кушта шуд.

Мунтасир ягона намояндаи сулолаи Сомониён буд, ки барои дубора барқарор намудани ҳокимияти ин хонадон дар Мовароуннаҳр мубориза бурдааст.

**Халқи тоҷик дар давраи салтанати Ғазнавиён**

Дар зербоби мазкур академик Б. Ғафуров оид ба шаклгирии давлати Ғазнавиён маълумот дода, дар мавриди Сабуктегин ҳамчун асосгузори сулолаи Ғазнавиён менависад, ки ӯ соли 997 вафот мекунад. Маҳмуди Ғазнавӣ, ки писари калонӣ буд, вориси қонунӣ ҳисоб мешуд, аммо Сабуктегин писари хурдӣ Исмоилро валиаҳд эълон намуд. Ба ин тариқ, пас аз вафоти ӯ Исмоил ба тахт нишаст. Аммо ҳукмронии ӯ зиёда аз 7 моҳ давом накард. Маҳмуд бо қувваи лашкар ба Ғазнин равон шуд ва Исмоилро шикаст дода, салтанатро ба дасти худ гирифт.

Вақте ки дар соли 999 давлати Сомониён аз тарафи шимол ба ҳуҷуми Қарохониҳо дучор гардид, Маҳмуд ҳам аз тарафи ҷануб ба муқобили Сомониён бархоста, тамоми Хуросонро ба таҳти тасарруфи худ даровард.

Аз тарафи халифаи Бағдод шинохта шудани салтанати Маҳмуд ва ба ӯ дода шудани лақабҳои ифтихорӣ ҳокимияти ӯро хеле мустаҳкам намуд. Дар соли 1002 Маҳмуд Систон ва соли 1008 дар ноҳияи Балх Қарахониёнро шикаст дода, мавқеи худро дар тамоми Хуросон мустаҳкам намуд.

Султон Маҳмуди Ғазнавӣ аз соли 1002 то соли 1026 беш аз 15 маротиба ба Ҳиндустон лашкар кашид. Мақсади ӯ таҳти шиори дурӯғи «ғазовот» фақат ғорат кардани Ҳиндустон ва ба даст даровардани сарватҳои ин сарзамин буд. Ҳамаи ин лашкаркашиҳои Маҳмуди Ғазнавӣ барои халқи Ҳиндустон харобӣ ва бадбахтиҳои аз ҳад зиёде овард. Ӯ аҳолиро тороҷ, ёдгориҳои гаронбаҳои таърихиро несту нобуд менамуд.

Солҳои 1010–1011 Султон Маҳмуд ба сарзамини Ғур ҳуҷум оварда, ба ивази додани талафоти зиёд як қисмати онро ишғол кард. Ӯ дар соли 1017 Хоразмро забт кард ва онро низ ба давлати худ ҳамроҳ намуд. Инчунин дар соли 1024 Балх, Чағониён, Қубодиён, Хатлон ва соли 1029 Райро ишғол кард. Бо ҳамин, вилоятҳои зиёд ба давлати Ғазнавиён дохил гардиданд.

Султон Маҳмуд марди хеле хасис буда, дар лашкаркашӣ ва ҷангҳои ғоратгарона мақсади асосии худро бо шиори ғазовот – ҷанги муқаддаси ислом мепӯшонид, ки ба туфайли ин аз тарафи халифа ҳимоят медид, аммо дар роҳи тараққиёти хоҷагии қишлоқ ягон коре накард. Ҳатто дар қаҳтии вазнини соли 1011 Маҳмуди Ғазнавӣ, ки барои аз гуруснагӣ ва марг халос кардани аҳолии Хуросон тамоми васила ва имкониятро дошт, коре накард.

**Салҷуқиҳо ва суқути давлати Ғазнавиён**

Дар қисмати мазкур вазъи сиёсии Ғазнавиён баъди марги Маҳмуд ва муносиботи онҳо бо Салҷуқиён сухан меравад. Академик Ғафуров менависад, ки як гурӯҳ амалдорони олимақоми дарбори ғазнавӣ тибқи васияти султон Маҳмуд писари хурдии ӯ - Муҳаммадро ба тахт нишонданд. Вале писари бузурги вай - Масъуд аз ин ҳол бохабар шуда, ба муқобили Муҳаммад сар бардошт. Масъуд ба чашмони Муҳаммад мил кашида, ӯро бо фарзандонаш дар қалъае ҳабс кард ва салтанатро ба дасти худ гирифт.

Масъуд нисбат ба Қарохониҳо ҳамон сиёсати падари худро давом медод ва кӯшиш менамуд, ки ҳама вақт бо онҳо муносибати дӯстонаи ҳамсоягӣ дошта бошад. Аммо дар Осиёи Миёна қувваи нав дар симои Салҷуқиён падид омад.

Султон Маҳмуд дар вақташ ба як гурӯҳи Салҷуқиҳо барои маскан намудан дар шимоли Хуросон рухсат дода буд. Баҳорони соли 1040 дар наздикии Дандонакон (Тошработи ҳозира) муҳорибаи ҳалкунанда ба вуқӯъ пайваст. Дар натиҷаи ин муҳориба салтанати Ғазнавиҳо дар Хуросон ба таври доимӣ хотима ёфт. Дар баробари тамом шудани ҳарбу зарб сардори Салҷуқиҳо - Туғрал дар майдони ҷанг тахте ороста бар он нишаст ва худро ҳокими кулли Хуросон эълон намуд.

Масъуд ба қароре омад, ки бояд ҳар чӣ зудтар ба Ҳиндустон рафта, дар он ҷо лашкари пурқувват ҷамъ намояд, аммо пеш аз сафар кардан ӯ амр дод, то бародараш Муҳаммадро аз ҳабс бароранд. Тарафдорони Муҳаммад бо ҳам забон як карда, ба Масъуд ҳуҷум намуданд ва ӯро ба ҳабс гирифта, Муҳаммадро ба султонӣ бардоштанд. Масъуд соли 1041 ба дасти одамони Муҳаммад кушта шуд.

Мавдуд – писари султон Масъуд дар баробари шунидани қатли падараш моҳи апрели ҳамон сол ба Ғазнин омада, худро султон эълон намуд. Пас дар ҷанги назди Динур (Фатҳобод) қувваи ҳарбии Муҳаммадро шикаст дода, ӯро бо ҳамаи фарзандонаш ба қатл расонид.

Аммо Салҷуқиҳо қувваи ин султони ғазнавиро ҳам торумор карданд. Ниҳоят Мавдуд солҳои 1049–1050 бо қувваи зиёде ба Хуросон ҳаракат намуд, аммо дар роҳ касал шуда, ба Ғазнин баргашт ва вафот кард.

Соли 1059 Салҷуқиҳо Балхро забт намуда, баъд аз ин давлати Ғазнавиён ба таназзулёбии худ сар кард ва оқибат аз ҷониби Ғуриён барҳам дода шуд.

**Давлати Ғуриҳо**

Дар ин зербоб академик Бобоҷон Ғафуров дар бораи сарзамини кӯҳистони тоҷикнишин Ғур маълумот дода менависад, ки дар охири асри X вилоятҳои ҷудогонаи ба сари худ мустақили мамлакати Ғурро подшоҳчаҳо (маликҳо) идора мекарданд. Ин подшоҳчаҳо бештар ҳамчун пешвои қабила ва тоифаҳо буда, фақат аҳёнан якчанд қабилаҳоро ба таҳти фармони худ медароварданд. Ғуриҳо дар айни замон таомули кӯҳнаеро риоя мекарданд: дар сари ҳар вилоят ду пешво, яъне ҳоким ва сипаҳсолор меистоданд, ки ҳукуматро байни худ баробар тақсим карда буданд.

Муносибатҳои феодалӣ дар ин ҷо нисбат ба Мовароуннаҳр ва Хуросон қадре дертар роҳ ёфтанд. Дар зарфи асрҳои X–XI дар ин мамлакат муносибатҳои нимпатриархалӣ ва нимфеодалӣ ҳукмфармоӣ мекарданд. Ҳокимони вилоятҳои ҷудогона тадриҷан ба феодал табдил ёфта, дар ҳар як вилоят ба худ унвони махсус мегирифтанд. Онҳоро дар вилояти Мандеш «малик» ё худ «меҳтар» (баъдҳо, ғуршоҳ), дар вилояти Тамрон ва Тамазон «варанда», дар Вармишон «вармишпат» меномиданд.

Дини ислом дар мамлакати Ғур ҳам ба мисли дигар вилоятҳои кӯҳистони тоҷик хеле суст ҷорӣ гардид. Ба хулафои араб муяссар нашуд, ки ин мамлакатро ба таҳти тасарруфи худ дароваранд. Аҳолии озодидӯсти он муддати дароз ақидаҳои

қадимаи мазҳабии худро нигаҳ дошта, ҳатто то миёнаҳои асри XI баъзе қабилаҳо дини исломро комилан қабул накарда буданд.

Охири асри XI дар Ғур айёми барқароршавии муносибатҳои феодалӣ буд. Дар нимаи дуюми асри XI ва нимаи аввали асри XII доираи ҳокимияти маликҳои вилояти Мандеш хеле вусъат пайдо намуда, ба тамоми Ғур паҳн гардид. Дар миёнаҳои асри XII давлати феодалии Ғуриҳо таъсис ёфт.

Ғиёсиддин Муҳаммади Ғурӣ дар яке аз ҷангҳо охирин хонадони ғазнавӣ, ҳокими Лоҳур - Хисравмаликро асир карда, ба пойтахти давлати Ғур - Фирӯзкӯҳ фиристод. Бо ҳамин салтанати Ғазнавиён тамоман аз миён бардошта шуд. Ғуриҳо ҳокимияти Ғазнавиёнро барҳам дода, ҳукмрони давлати бузурге гардиданд, ки дере нагузашта ҳудуди он дар натиҷаи футуҳоти минбаъда хеле вусъат пайдо намуд. Маркази ин давлат ҳамоно Ғур буд.

Солҳои 1152–1206 дурахшонтарин давраи таърихи мамлакати Ғуриҳо ҳисоб мешавад.

### Салҷуқиҳо ва Низомулмулк

Дар бахши мазкур академик Б. Ғафуров менависад, ки натиҷаи ҷанги Дандонакон боиси тамоман ба Хуросон соҳиб шудани Салҷуқиён гардид. Туғралбеки Салҷуқӣ (1040–1063) дар як муддати кӯтоҳ Эрони кунуниро низ ишғол намуда, соли 1055 пойтахти хилофати Аббосӣ шаҳри Бағдодро ба дасти худ даровард ва салтанати давлати салҷуқиро расман эълон кард.

Пас аз вафоти Туғрал бародарзодаи ӯ Алпарслон (1063– 1072) ба тахт нишаста, хоки давлати салҷуқиро хеле вусъат дод. Алпарслон баъзе ҷойҳои Мовароуннаҳрро ба худ тобеъ кард. Вай инчунин императори Рум - Романи IV Диогенро мағлуб намуд.

Дар вақти ҳукмронии Ҷалолиддини Маликшоҳ (1072–1092) ҳудуди давлати салҷуқӣ ба дараҷае тавсеа ёфт, ки аз соҳилҳои баҳри Миёназамин сар карда, то сарҳади давлати императории Чин қариб тамоми мамлакатҳои исломии Осиё дар таҳти тасарруфи он қарор гирифтанд.

Дараҷаи маданияти Салҷуқиёни бодиянишин нисбат ба савияи мадании тоҷикон хеле паст буд. Ин вазъият сабаб шуд, ки дар умури идораи ҳукумати Салҷуқиён мардони сиёсии форсу тоҷик нақши муҳимме бозанд.

Бузургтарин арбоби давлатии аҳди салҷуқӣ Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқ буд, ки дар Хуросон таваллуд ёфта, тақрибан 30 сол (1063–1092) дар замони ҳукмронии Алпарслон ва Маликшоҳ хидмати вазириро адо кардааст. Ӯ дар дарбори ин подшоҳон, алалхусус Маликшоҳ, обрӯй ва нуфузи бениҳоят баланд пайдо намуда, лақаби «Низомулмулк»-ро гирифтааст. Ӯ дар корҳои мамлакатдорӣ комилан ба таҷрибаи давраи Сомониён такя мекард ва барои эҳё намудани анъанаҳои мадании он давра кӯшишҳои зиёде ба харҷ медод.

Бештар бо ташаббус ва фаъолияти Низомулмулк усули идораи давлати салҷуқӣ ба тартиб андохта шуд. Лекин вазъияти оммаи меҳнаткаш дар замони Низомулмулк низ ҳамоно бад буд. Низомулмулк барои ташкил намудани мактабҳои олии динӣ – мадрасаҳо кӯшиши зиёде кард. Дар бисёр шаҳрҳо мактабҳо таъсис ёфта, ба шарафи ташкилкунандаи худ унвони «Низомия»-ро гирифтанд.

Баъзе муаррихон Низомулмулкро берун аз ҳад ситоиш намуда, ҳамчун муборизи беҳбудии халқ ба қалам медиҳанд. Албатта, ӯ ҳеҷ гоҳ чунин шахс набуд. Агар баъзе тадбирҳои пешбиникардаи вай худсариҳои сардорони ҳарбӣ ва феодалонро маҳдуд намуда ва худи ӯ барои ба вуҷуд овардани мадрасаҳо ғамхорӣ карда бошад ҳам, пас ҳамаи инҳо фақат барои мустаҳкам гардидани иқтидори Салҷуқиҳо, барои ҳарчи бештар пур шудани хазинаи давлат хидмат мекарданд.

## Неҳзати исмоилия

Дар бахши мазкур академик Бобоҷон Ғафуров оид ба мазҳаби исмоилия маълумот дода, қайд менамояд, ки он тақрибан муддати чорсад сол дар таърихи Осиёи Миёна ва Эрон нақши калон бозидааст.

Дар асрҳои X–XI исмоилия дар саросари Шарқи Миёна, хусусан дар Осиёи Миёна ва Эрон паҳн гардид. Исмоилиҳо аз фалсафаи Юнон истифода бурда, низоми томи таълимоти ратсионалиро инкишоф медиҳанд ва ба ин васила зиёиён, бисёр мутафаккирон ва ходимони барҷастаи давлатӣ тарафдорони ин ҷараёни дини ислом гардиданд.

Дар охири асри XI исмоилиҳои Осиёи Миёна ва Эрон Ҳасан ибни Саббоҳро сардори худ интихоб намуданд. Исмоилиҳо дар ноҳияи Қазвин давлатчаи худро таъсис карда, қалъаи Аламутро пойтахт қарор доданд. Онҳо як қатор қалъаҳои ишғолкардаи худро ба такягоҳи мустаҳкам табдил дода, ташкилоти махфии бар зидди ҳокимони салҷуқӣ нигаронидашударо барпо карданд. Фидоиёни ин ташкилот ба чусту чолокӣ ва ҷасорат ном бароварда буданд. Одамони мансуб ба аъёну ашроф аз ханҷари фидоии исмоилӣ чунон метарсиданд, ки ҳамеша аз таги ҷома зиреҳ пӯшида мегаштанд.

Моҳи октябри соли 1092 вазири Салҷуқиён Низомулмулк ба дасти исмоилиён кушта шуд. Исмоилиҳо баъдтар султон Санҷарро ҳам ба дараҷае тарсонида монданд, ки ӯ фикри ба қалъаҳои исмоилӣ ҳуҷум карданро тамоман аз сари худ дур кард.

Ҷиҳатҳои пешқадам ва пешрави ғоявии исмоилии асрҳои X-XI-ро бояд таърихан мушаххас, дар заминаи воқеияти беамони давр муайян кард. Мардонагии воизони исмоилӣ шоистаи таҳсин аст. Онҳо «дониши» худро, аз ҷумла, илмҳои ақлӣ ва дақиқро ба таъқиботи ваҳшатангез нигоҳ накарда, таблиғ ва интишор менамуданд. Нақши исмоилияи асрҳои IX–XI дар бобати нигоҳ доштани анъанаи афкори озод бағоят калон аст.

**Қарохониён**

Академик Б. Ғафуров оид ба масъалаи мазкур иброз менамояд, ки таърихи Осиёи Миёнаи замони Қарохониён ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудааст. Пайдоиши худи сулола маълум нест, номи дар илм қабулшудаи он – Қарохониён ё Илокҳо шартӣ буда, муаррихони асри XI аз ду унвони маъруф: қарохон ва илок гирифтаанд. Зоҳиран, ҳастии асосии давлати Қарохониёнро қабилаҳои туркии яғмо ва чигилӣ ташкил мекарданд, ки дар ному лақабҳои давраи зуҳури қарохонӣ бештар дучор меоянд. Аввалҳо лақаби аз ҳама олӣ Арслонхон («арслон» – шер – нишони қабилавии чигилӣ) ва Буғрохон («буғро» – шутурнишони қабилавии яғмо) ҳисоб мешуд. Тахминан аз миёнаҳои асри X ислом дини давлатии Қарохониён гардид. Дар вақти оғози истилои Осиёи Миёна мақоми асосиро дар байни Қарохониён Алӣ ва Ҳасани Буғрохон ишғол мекарданд. Ҳасани Буғрохон соли 992

ба юриши Мовароуннаҳр сардорӣ карда, сипас, Наср ибни Алӣ ин вилоятро комилан тасарруф намуда буд. Ин ду хонадон, яке авлоди Алӣ («Алиён») ва дигаре авлоди Ҳасан («Ҳасаниён»), ҳанӯз дар охири асри X нуфуз ва иқтидори зиёде пайдо намуда, мулкҳои калонеро соҳибӣ мекарданд. Соли 999 Қарахониён давлати Сомониёнро аз байн бурда, нақши асосиро дар ҳаёти сиёсии Осиёи Миёна ба дасти худ гирифтанд.

### Қарохониён ва қарахитоиҳо

Дар қисмати мазкури «Тоҷикон» оид ба муносиботи Қарахониён ва Қарахитоиҳо ва нақши онҳо дар минтақа маълумот дода мешавад. Академик Б. Ғафуров иброз медорад, ки дар аввали чоряки дуюми асри XII мардуми сершумори кидонӣ Ҳафтрудро бо шаҳри Баласоғун ишғол намуда, империяи бузурги худро, ки то шимоли шарқии дарёи Енисей рафта мерасид, таъсис карданд. Сипас, онҳо тамоми мулкҳои боқимондаи Қарохониёни шарқиро тасарруф карда, ба Қарохониёни ғарбӣ, яъне мовароуннаҳрӣ таҳдид намуданд. Дар осори муаллифони мусулмон ин мардум номи қарахитоиро гирифтааст.

9 сентябри соли 1141 дар дашти Катвони назди Самарқанд Қарахониён лашкари муттаҳидаи салҷуқиву қарохониро тамоман торумор карда, Бухоро ва тамоми Мовароуннаҳри марказиро забт намуданд. Қарахитоиҳо сулолаи Қарохониёнро аз байн набурданд, балки ба вассали худ табдил доданд.

### Хоразм ва давлати Салҷуқӣ

Дар ин бахш академик Б. Ғафуров оид ба муносибати Хоразм ва Салҷуқиён ибрози назар намудааст. Ӯ менависад, ки ғалабаи Қарахитоиҳо дар соли 1141 Салҷуқиёнро хеле заиф гардонд ва ин боиси он гардид, ки маркази нави сиёсӣ – Хоразм сар бардорад.

Сарсулолаи хонадони хоразмшоҳӣ Ануштегин ҳанӯз дар замони Маликшоҳи Салҷуқӣ ба воситаи хидмат ва лаёқате, ки аз худ нишон дода буд, ҳокими Хоразм таъин гардид. Баъд аз вафоти Ануштегин ҳукмронии Хоразм ба тариқи мерос ба писари ӯ - Қутбиддин Муҳаммад (1097–1127) расид. Қутбиддин Муҳаммад лақаби «Хоразмшоҳ»-ро гирифта, дар тамоми давраи ҳукмронии худ аз фармонбардортарин ҳокимони султон Санҷар ҳисоб мешуд.

Баъд аз сари ӯ ҳукумати Хоразм ба писараш - Отсиз (1127–1156) гузашт, ки ин шахсро мумкин аст асосгузори ҳақиқии давлати бузурги Хоразмшоҳӣ номид.

Отсиз се маротиба (1138, 1141 – 1142 ва 1147 – 1148) бар зидди султон Санҷар сар бардошт, аммо муваффақ нашуд. Дар соли 1153 туркони ғуз ба муқобили султон Санҷар шӯриш бардоштанд. Султон Санҷар барои саркӯбии ғузҳо лашкар кашид, лекин шикаст хӯрда, худ ба дасти онҳо асир афтод, аммо пас аз се соли асорат, дар соли 1156 халосӣ ёфта, ба пойтахти худ - шаҳри Марв омада, дере нагузашта пас аз як сол вафот кард ва бо ин сурати зоҳирии давлати марказият пайдокардаи салҷуқӣ низ аз миён рафт.

Ин вазъият барои таҳкими истиқлолияти Хоразм хеле мадад расонид. Писар ва ворисси Отсиз Эларслон (1156–1172) аз ин фурсат истифода бурда, ба муборизаи байни қӯшуни қабилаи туркии қарлуқ ва хонҳои қарохонии Мовароуннаҳр, ки итоати Қарахитоиҳоро қабул карда буданд, мудохила намуд. Эларслон дар ин мубориза қарлуқҳоро ҳимоя кард.

Писари бузурги Эларслон - Алоуддини Текеш (1172–1200) ҳукмронии Хоразмро ба дасти худ гирифта, андаке мавқеашро мустаҳкам намуда, фавран бар зидди Қарахитоиҳо сар бардошт.

Дар моҳи июни соли 1187 Нишопур ва соли 1193 Марв ва моҳи марти соли 1194 Ҳамадонро ишғол кард. Аббосиён ба зудӣ огоҳ шуданд, ки хоразмшоҳ барои хилофати араб аз султони салҷуқӣ хавфноктар аст. Дар моҳи июни соли 1196 дар байни аскарони Хоразмшоҳ ва қувваҳои ҳарбии халифа муҳорибаи сахт руй дода, бо ғалабаи Хоразмиён анҷом ёфт. Аммо халифа ба мағлубияти худ нигоҳ накарда, аз Текеш талаб намуд, ки қӯшуни худро аз навоҳии ғарбии Эрон берун бурда, ба Хоразм ақиб нишинад. Текеш дар ҷавоб ба халифа чунин изҳор кард, ки воридоти мамлакатҳои ишғолкардааш ба таъминоти қувваи бузурги ҳарбии вай кифоят намекунанд, аз ин сабаб халифа бояд илова бар ин мамлакатҳо боз баъзе вилоятҳоро ба ихтиёри ӯ супорад. Ба ин ҳам қаноат накарда Текеш аз халифа талаб кард, ки дар Бағдод хутбаро ба номи ӯ хонанд. Муборизаи байни халифа ва Хоразмшоҳ хеле тӯл кашид.

Пас аз марги Текеш писари ӯ - Муҳаммад (1200–1220) ба тахти хоразмшоҳӣ нишаст. Дар соли 1203 султон Муҳаммад Хуросонро тамоман ба даст даровард.

## Шӯриши Санҷар. Истилои давлати қарохонӣ аз тарафи Муҳаммади Хоразмшоҳ

Дар зербоби мазкур академик Б. Ғафуров оид ба шӯриши Санҷар ва барҳам задани давлати карахониён аз ҷониби Муҳаммади Хоразмшоҳ маълумот медиҳад. Вай менависад, ки ҳанӯз дар нимаи аввали асри XII дар Бухоро хонаводаи олинасаб – намояндагони рӯҳониёни дараҷаи олии ислом, ки унвони «Садри ҷаҳон»-ро гирифта буданд, нуфузи калоне пайдо намуданд. Ғайр аз миқдори зиёди заминҳои вақф, ба дасти рӯҳониён гузаштани даромади муассисаҳои тиҷоратӣ, бозор, андози заминҳои зироатии гирду атрофи шаҳр, ҳамчунин молиёти пешаварон ва тоҷирон сарвати садрҳоро хеле афзуд.

Албатта, ҳамаи ин беадолатӣ ва ғоратгариҳо ҳисси нафрат ва адовати оммаи васеъро нисбат ба садрҳо ба вуҷуд наёварда натавонист. Дар соли 1206 аҳолии Бухоро бо роҳбарии Санҷар ном устои сипарсоз бар зидди ҳукумати садрҳо қиём намуданд. Қувваи асосии шӯриши Санҷарро пешаварони шаҳр ташкил мекарданд.

Дар чунин вазъият Муҳаммади Хоразмшоҳ, ки барои аз Қарахитоиҳо гирифтани Мовароуннаҳр фурсат меҷуст, воқеаи Бухороро барои иҷрои нақшаҳои худ мавқеи мусоид дарёфта, бо қувваи бузурги ҳарбӣ ба сӯи Бухоро ҳаракат намуда, соли 1207 шаҳрро забт кард. Садрҳои Бухоро ҳокимияти худро аз нав барқарор карда, мутеи Муҳаммади Хоразмшоҳ гардиданд.

Муҳаммади Хоразмшоҳ аз ин ҷиҳат ҳам Мовароуннаҳрро ба осонӣ фатҳ намуд, ки аҳолии ин сарзамин умедвор буданд, пас аз ронда шудани Қарахитоиҳои «бутпараст» ва истиқрор ёфтани ҳокимияти Хоразмшоҳиёни ҳамдин вазъияти онҳо беҳтар хоҳад гардид. Ин умедвории халқро султон Муҳаммад дар роҳи расидан ба мақсади худ хеле хуб истифода намуд. Ҳангоме ки ӯ дар соли 1207 Бухороро ишғол кард, зоҳиран, ба аскарони худ фармон дод, ки ба аҳолӣ ҳеҷ гуна ҷавру зулм накунанд. Ҳатто роҳбари шӯришиён - Малик Санҷар, ки бар зидди садрҳо ва гӯрхони қарахитоӣ баромада буд, низ дар аввал саломат монда, фақат пас аз чанд вақт ба дарёи Ому ғарқ карда шуд.

Ӯ Фарғонаро низ ишғол намуда, дар соли 1213 дар Ӯзганд - пойтахти калонтарин мулки Қарохониён ва дар Самарқанд – пойтахти давлати қарохонӣ сикка ба номи Муҳаммади

Хоразмшоҳ зада шуд, ки ин маънии тамоман аз байн рафтани сулолаи Қарохониёнро дошт.

Дар айни замон Муҳаммади Хоразмшоҳ Эрон ва Афғонистонро ба таҳти тасарруфи худ даровapp, аз халифа талаб намуд, ки умури идораи Бағдодро ҳам ба ихтиёри ӯ вогузорад.

## 3. ХОҶАГӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

### Иқтоъ ва заминдории шартӣ дар асрҳои XI–XII

Оид ба масъалаи хоҷагидорӣ ва муносиботи иҷтимоию иқтисодии Осиёи Миёна маълумот дода, академик Б. Ғафуров қайд менамояд, ки дар асрҳои XI–XII иқтоъ ва иқтоъдорӣ, яъне ба тариқи хизматона инъом карда шудани заминҳои кишт хеле ривоҷ ёфт, вале ин усул барои давлатҳои Ғазнавиён, Қарохониён, Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён якранг ва яксон набуд. Ҳангоми аз нуқтаи назари муайяни таърихӣ таҳқиқ намудани мавқеи иқтоъ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҳар яке аз ин чор давлат инро ҳам бояд дар назар дошт, ки ҳукмронон ва арбобони давлатии дурбин ва оқибатандеши онвақта ба таназзули иқтисодӣ ва сиёсии ҳокимияти марказӣ оварда расонидани ривоҷи иқтоъро ба хубӣ мефаҳмиданд.

Мувофиқи шаҳодати Низомулмулк, Сомониён ва Ғазнавиён иқтоъ намедоданд, балки ба ҳар яке дар як сол чор бор аз хазина ба тариқи нақдина маош медоданд. Ва онҳо ҳамеша аз ин қонеъ ва хушнуд буданд. Дар аҳди Ғазнавиён бахшишҳои феодалӣ, ҳатто дар айни авҷи нашъати ин салтанат камтар аз аҳди ҳукмронии Сомониён буд, ҳукумати марказӣ аз тақсими иқтоъ худдорӣ карданро мақсади асосӣ қарор дода, дар роҳи иҷрои ин маром ба имконоти иқтисодии худ такя мекард.

Аммо вазъият дар аҳди Салҷуқиён тамоман дигар буд. Ҳукмронони салҷуқӣ ба аъёну ашроф ва соҳибмансабон инъомҳои бузург ва ба қувваҳои аскарӣ бахшишҳои зиёде ато мекарданд.

Аҳволи барзгарон дар заминҳои иқтоъшуда як хел набошад ҳам, вале умуман вазнин буд. Барзгарон бо ихтиёри худ аз як ҷо ба ҷои дигар рафта наметавонистанд. Баъзе сарчашмаҳо дар бораи меҳнати маҷбурии онон маълумот медиҳанд.

Ҳамин тариқ, аз сарчашмаҳои таърихӣ зулму ҷабри оммаи халқ ошкоро дар пеши назар намоён мегардад.

## Моликияти замин ва деҳқонон

Оид ба масъалаи моликияти замин ва вазъи деҳқонон академик Б. Ғафуров зикр намудааст, ки яке аз равандҳои хоси иҷтимоии давраи мазкур ин тағйир ёфтани ҳайати заминдорони калону миёна мебошад. То истилои араб соҳибони асосии замин деҳқонон буданд. Вале пас аз истилои араб деҳқонон ба муфлисӣ рӯ ниҳоданд. Дар навбати аввал, албатта, деҳқонони камбизоат ва миёнаҳол, ки дар натиҷаи андозҳои аз ҳад зиёд ва сӯиистифодаи амалдорон хонахароб мешуданд, ба ин ҳолат афтоданд. Баъзе моликони хурд ба моликони калон ихтиёран супурдани заминҳои худро афзалтар медонистанд. Истилогарон ва аъёну ашрофи наздики онҳо ин гуна заминҳоро бо майли тамом мехариданд. Деҳқонон аз зулму фишор маҷбур мешуданд, ки замини меросиашонро ҳам фурӯшанд. Мусодира ва зӯран ғасб кардани мулки деҳқонон низ воқеъ мегардид.

Бо вуҷуди ин, дар асри XI деҳқонон ҳанӯз табақаи пуриқтидореро ташкил менамуданд. Деҳқонони калон ноҳия ва вилоятҳои тамомро соҳибӣ мекарданд. Баъзе аз ин қабил деҳқонон бо хоҳиши тамом ба тарафи истилогарони қарохонӣ гузаштанд ва дар вақтҳои аввал на фақат мулк, балки то андозае мавқеи сиёсии худро ҳам нигоҳ доштанд.

Дар давлатҳои Қарохониён, Ғазнавиён ва Салҷуқиён раванди аз тарафи аҳли ин сулолаҳо, ашрофу асилзодаҳо ва саркардаҳои ҳарбӣ харида гирифтани заминҳои мулкӣ бо суръати тамом давом намуд. Дар сарчашмаҳо мулкдорони ниҳоят калоне, ки аз байни аъёну ашрофи нав баромада буданд, зикр шудаанд. Онҳо ба имтиёзҳои зиёде соҳиб гардида, аксар вақт аз заминҳои худ андоз намедоданд.

Ҳамин тариқа, заминҳои мулкии деҳқонони баъзе вилоятҳо бо роҳҳои гуногун ба дасти сулолаҳо ва феодалони нав мегузашт. Дар ин вилоятҳо деҳқонон дар арафаи истилои муғул дигар ҳамчун табақаи асосии заминдорон мавҷудияти худро қатъ карданд.

Падидаи мавриди савдо қарор гирифтани заминҳои мулкӣ, бешубҳа, натиҷаи аз тарафи арабҳо, сипас, Қарохониён ва Салҷуқиён истило шудани Осиёи Миёна, таъсиси давлатҳои нав, тағйири ҳайати табақаи болои феодалӣ ва дигар ҳодисаҳое мебошанд, ки маҳз хариду фурӯши заминҳои мулкӣ сабабгори асосии ҳамчун табақаи мустақил ва асосии мулкдор аз байн рафтани қисми деҳқонон ва ба вуҷуд омадани ҳайати нави мулкдорон гардид.

**Шаҳрҳои Осиёи Миёна дар асрҳои XI–XII**

Дар қисмати мазкури «Тоҷикон» муаллиф оид ба вазъи рушди шаҳру шаҳрдории давраи мазкур сухан меронад. Ӯ менависад, ки рушди шаҳрҳо, истеҳсолоти молӣ ва тиҷорати пулӣ аз муҳимтарин аломатҳои давраи мазкур буда, шаҳрҳо калонтар ва аҳолии онҳо зиёдтар мегардид. Масалан, маркази ҳаёти шаҳри Самарқанд ҳаволии он ба ҳисоб мерафт, ки дар он ҷо маҳалҳои сершумори тоҷирону пешаварон воқеъ гардида буданд. Аъёну ашроф, рӯҳониён, савдогарони доро ва дигар табақаҳои давлатманд низ дар ҳамин ҷо маскан доштанд.

Истеҳкомоти Бухоро низ аз нав сохта, масоҳати шаҳр васеътар карда шуд. Бисёр иморатҳои нави мӯҳташам бино ёфтанд. Тирмизи асрҳои XI–XII нисбат ба замони Сомониён хеле доман паҳн кард. Дар асри XI истеҳкомоти шаҳр қавитар гардида, қалъаи он бо хишти пухта рӯкаш карда шуд.

Тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва тадриҷан аз хоҷагии деҳот ҷудо шудани касбу ҳунар сабабгори асосии равнақи босуръат ва дар баъзе мавридҳо хеле пуравҷи ҳаёти шаҳрҳо гардидааст.

**Касбу ҳунар дар асрҳои XI–XII**

Академик Б. Ғафуров масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки маркази асосии касбу ҳунар ва тиҷорат шаҳр буд. Касбу ҳунари шаҳрии онвақта аксаран ба тавассути маълумот ва мадракҳои бостоншиносӣ омӯхта шудааст. Бостоншиносон, беш аз ҳама, доир ба тавлиди маснуоти кулолӣ ва шишагӣ маълумот ба даст овардаанд.

Дар истеҳсоли зарфҳои «сари дастархон» мавқеи калонро косаву табақҳои бесир, вале пурнақшу нигор ишғол менамуданд, ки ин ҳам ҷиҳати хоси пешаи кулолии онвақта мебошад. Дар вақти минокорӣ зарфҳо мисли пештара бо хатҳои ҳандасӣ, нақшҳои наботӣ, тасвири мавҷудоти зинда (хусусан парандагон) ороиш ёфтаанд.

Тимсоли дурахшони ривоҷи касбу ҳунар давраи мазкур маснуоти шишагист. Дар ин давра махсусан шишаи тиреза хеле маъмул ва мустаъмал буд. Дар бисёр маҳалҳо, аз ҷумла, дар харобаҳои шаҳристони қадимаи Марв, Хоразм, Фарғона ва ғайра осори ин навъ шишаолот дарёфт гардидааст. Шишаҳои онвақта аксаран беранг буда, қабл аз ҳама, ба мақсадҳои амалӣ дар тиреза истифода мешуданд. Гоҳо шишаҳои ҳамвори рангин низ дучор меоянд, ки яқинан барои ороиш ба кор мерафтанд. Дар сохтани зарфҳои шишагӣ баробари шишаҳои беранг ва ё андаке зардчаранг шишаҳои рангин: сабз, кабуд, нилобӣ ва қаҳвагӣ ҳам ба кор бурда мешуданд.

Дар касбу ҳунари давраи зикршуда мавқеи намоёнро истеҳсоли олоти фулӯзӣ ишғол менамуд. Масалан, маҳаллаи оҳангарон дар Тирмиз беш аз 5 гектар масоҳат доштааст. Дар баробари сохтани асбобҳои рӯзгор, олоти истеҳсолот ва аслиҳаҷот миқдори зиёди маснуоти нафиси ҳунарӣ–дегча, қаламдон, чароғ ва ғайра, ки бо катибаҳо ва тасвироти гуногун ороиш ёфтаанд, низ тайёр карда мешуданд.

Дар ин давра истихроҷи маъдан давом намуда, конҳои сершумор дар айни истифода буданд.

**Муомилоти пул**

Масъалаи дигаре, ки академик Б. Ғафуров ба он таваҷҷуҳ намудааст, ин муомилоти пулӣ буда, қайд менамояд, ки рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, беш аз пеш ҷудо шудани касбу ҳунар аз хоҷагии деҳот ва инкишофи минбаъдаи истеҳсолоти молӣ боиси ривоҷи доду гирифт дар дохили давлатҳои Осиёи Миёна ва бо кишварҳои ҳамҷавор гардид.

Муаллиф менависад, ки муомилоти пулии онвақтаро метавон бо ду хусусияти асосии он тавсиф намуд: яке ин аст, ки аҳамияти пули тилло дар ин давра нисбат ба замони гузашта хеле меафзояд. Дуруст аст, ки ин пулро мисли пештара бо баркаш қабул

мекунанд. Вале нақши он ҳамчун воситаи муомилот афзунтар мегардад. Пули тилло дар аксари шаҳрҳои Осиёи Миёна бароварда мешавад ва он ба бозор роҳ меёбад, ки пеш ин тавр набуд. Дигар хусусияти сиккаҳои онвақтаи Осиёи Миёна бо ҳодисае, ки «бӯҳрони пули нуқра» ном гирифтааст, алоқаманд мебошад. Аз асри XI дар давлатҳои шарқ нақши пули нуқра рӯ ба поин мениҳад ва дар баъзе мавридҳо вазни он кам мешавад. Ҳудуди гардиши онҳо танг шуда, ҳамчун пули камарзиш фақат дар дохили давлате, ки онҳоро баровардааст, гардиш мекунанд.

Ҷараёни таназзули пули нуқра дар ҳар давлат ба таври гуногун сурат мегирифт. Масалан, дар давлати Ғазнавиён ин ҳолат нисбатан сусттар ба амал меомад. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва писари ӯ - Масъуд аз Ҳиндустон чунон сарвате ба ғорат бурда буданд, ки чанд муддат қурби пули нуқраро нигоҳ дошта тавонист.

Дар сиккаи онҳо 70–76% нуқраи холис мавҷуд буда, дирҳамҳои пуриёре, ки 95% нуқра доштанд, ҳанӯз роиҷ буданд. Аммо дар худи ҳамин вақт дирҳамҳои қарохонии зарби навоҳии ҷануби Осиёи Миёна ҳамагӣ дорои қариб 20% нуқра буданд.

## 3. МАДАНИЯТИ АСРИ XI-ИБТИДОИ АСРИ XIII

### Бинокорӣ, меъморӣ ва ҳунари амалӣ

Дар қисмати мазкури «Тоҷикон» оид ба маданияти модии халқи тоҷик дар давраи мазкур сухан меравад. Академик Б. Ғафуров менависад, ки аз давраи мазкур миқдори зиёди осори меъмории мӯҳташам то замони мо омада расидааст. Дар сохтмони бошукӯҳи ин давра хишти пухта нисбат ба пештара мавқеи калонеро ишғол менамояд.

Намунаи хеле ҷолиби чунин сохтмон Қалъаи Болои ноҳияи Исфараи Тоҷикистон мебошад. Дар ин давра сохтмони қасрҳо хеле вусъат ёфт. Қасрҳои ҳокимони Хатлон, Тирмиз ва амирони ғазнавӣ, ки аз тарафи бостоншиносон дар Ҳулбук, Тирмиз, Ғазна ва Лашкари Бозор кашф шудаанд, дар ин бора гувоҳӣ медиҳанд.

Осори динию парастишӣ, аз қабили масҷид, манора, хусусан мақбараҳо нисбатан бештар боқӣ мондаанд. Мақбараҳои онвақтаи ашхоси динӣ ва омӣ ё тамоман аз хишти пухта ва ё аз

омехтаи хиштҳои пухтаву хом бино ёфтаанд. Мақбараҳо гунбазнок буда, дар доштанд ва гоҳо бедар ҳам мешуданд.

Дар ин давра ҳунари амалӣ ҳам ба пояи баланди тараққӣ ва такомули худ мерасад. Намунаҳои ҳаккокии рӯи гаҷ, чӯб ва мармар, инчунин сафолҳои кандакоришуда хеле олӣ ва бошукӯҳанд. Устоҳои гулдаст дар сохтани нақшҳои ҳандасию наботӣ ва тасвири асотирии ҳайвонот ҳунарнамоии ҳайратангезе кардаанд.

Дар сабк ва тариқи ороишоти сохтмонҳои бошукӯҳи ин замон анъанаи давраҳои гузашта давом ва инкишоф ёфта, дар айни вақт навоварии устоҳои бинокор низ ба назар мерасад. Омезиши анъана ва навпардозӣ дар зебу зинат ва ороиши ёдгориҳои меъморӣ ҷиҳатҳои ба худ хос ва такрорнашавандае бахшидааст.

**Илму адаби тоҷик дар асри XI– аввали асри XIII**

Масъалаи мазкурро таҳқиқ намуда, академик Б. Ғафуров менависад, ки тағйироти сиёсии охирҳои асри X, яъне аз байн рафтани давлати Сомонӣ, рушди илм ва фарҳанг, пешрафти забони форсии тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик дар натиҷаи ҷангҳои пай дар пай ва задухӯрдҳои дохилӣ то як дараҷа боздошта шуд.

Дар он замон адабиёти тоҷик асосан дар пойтахти давлати Ғазнавӣ рушд ёфт. Яке аз шоирони намоён Абулқосим Ҳасан ибни Аҳмад Унсурии Балхӣ мебошад, ки дар солҳои 60-уми асри X таваллуд ёфта, соли 1039 вафот намудааст. Унсурӣ дар аксарияти лашкаркашиҳои султон Маҳмуд иштирок намуда, қисми асосии қасидаҳои худро ба васфи ғалабаҳои султон бахшидааст. Муосиронаш ӯро чун устоди забардасти сухан бисёр таъриф ва таҳсин кардаанд. Ба қалами ӯ чанд маснавии ошиқона, аз ҷумла, маснавии «Вомиқ ва Узро» тааллуқ доранд. Унсурӣ сабки баёни мураккаб ва пуристиораи қасидаи мадҳияро ба адабиёти форсу тоҷик татбиқ намуд.

Абулҳасан Алии Фаррухӣ ва Абӯнаҷм Аҳмади Манучеҳрӣ низ аз намоёнтарин шоирони дарбори ғазнавӣ буданд.

Намояндагони дигари барҷастаи илми ин давра Абӯалӣ ибни Сино буд ва Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунӣ (973–1051) мебошанд. Берунӣ тамоми умри худро барои азхуд кардани дониш сарф намуда, ғайр аз ҷашнҳои Наврӯз (иди соли нав, 21 март) ва

Меҳргон (иди ҳосилғундорӣ, 21 сентябр) дигар ҳама вақт машғули корҳои илмӣ будааст.

Дар нимаи аввали асри XI таърихнависӣ ҳам тараққӣ кард. Абӯнасри Утбӣ ба забони арабӣ «Таърихи Яминӣ» ва Абӯсаиди Гардезӣ ба забони форсии тоҷикӣ «Зайн-ул-ахбор» ном асарҳо навиштаанд. Бузургтарин муаррихи Ғазнавиён Абулфазли Байҳақӣ (995–1077) буда, асари ӯ бо номи «Таърихи Масъудӣ» ё худ «Таърихи Байҳақӣ» машҳур аст.

Дар давлати Қарохониҳо илму фан ва адабиёт хеле ақиб меравад, аммо ба ин нигоҳ накарда, дар Мовароуннаҳр ҳам баъзе шоирони боистеъдод, монанди Амъақи Бухороӣ (вафоташ соли 1149), Сӯзании Самарқандӣ (вафоташ соли 1173), Рашидии Самарқандӣ ва ғайра ба камол расиданд. Вале ин шоирон аз ҷиҳати аҳамияти эҷодиёти худ бо гузаштагонашон баробар шуда наметавонистанд.

Ҳаёт ва фаъолияти адабии чунин намояндагони маъруфи адабиёти тоҷик, монанди Асадии Тӯсӣ, Носири Хусрав, Умари Хайём, Фахриддини Гургонӣ, Авҳадиддини Анварӣ, Масъуди Саъди Салмон, Муиззӣ, Собири Тирмизӣ ва ғайра дар ҳамин давра ҷараён ёфтааст. Албатта, эҷодиёти ин адибон аз ҷиҳати мазмуни ғоявӣ ба як дараҷа набуда, балки дорои тафриқаҳои куллӣ мебошанд. Дар байни шоирони номбурда хусусан Носири Хисрав, Умари Хайём ва Фахриддини Гургонӣ, ки дар осори онҳо тамоили халқӣ ва тараққихоҳӣ бартарӣ пайдо кардааст, мақоми барҷастае доранд.

Дар баробари пешрафти назм дар адабиёти классикии форсу тоҷик беҳтарин намунаҳои асарҳои насрӣ низ ба вуҷуд меоянд. Чунончи, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашидаддини Ватвот, «Синдбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ ва «Мақомоти Ҳамидӣ»-и Ҳамидаддини Балхӣ аз ҳамин қабил асарҳо ба шумор мераванд.

## Паҳн шудани тасаввуф ва роҳ ёфтани он ба адабиёти форсу тоҷик

Ба назари академик Бобоҷон Ғафуров, яке аз муҳимтарин хусусиятҳои ин давра ба адабиёти форсу тоҷик роҳ ёфтани ғояҳои

тасаввуф мебошад. Тасаввуф дар заминаи дини ислом нумӯъ карда, аз Қуръон, ҳадис ва дигар унсурҳои он баҳра бурд.

Бо таъсири рӯҳониён ва феодалон як шакли нави тасаввуф пайдо мешавад, ки аҳли он мардумро фақат ба зӯҳду тақво, итоаткорӣ ва риояи шариат даъват мекарданд.

Шайхони сӯфия, пирони тариқат тадриҷан эътибори хеле зиёд ва қувваи бузурги сиёсӣ пайдо карда, ба хидмати худ садҳо муридони фармонбардорро ҷалб менамоянд.

Дар асрҳои миёна тасаввуф дорои ду ҷараёни зидди якдигар – феодалӣ ва халқӣ буд. Ҷараёни халқии тасаввуф бо доираи ҳунармандони шаҳр алоқаманд гардида, эътирози оммаро бар алайҳи зулму ситами феодалон ифода менамуд. Аҳли тасаввуф дар баробари тарки дунё кардан ва даст кашидан аз нозу неъмат, ки шарти асосии аксари тариқатҳои равияи тахайюлии ғайрифаъол ва аз лузумоти давраи аввали аз шайх сабақ гирифтани мурид ба шумор мерафт, ғояи муҳаббат ба инсонро таблиғ карда, дар роҳи ҳосили мақсади худ аз муборизаи мусаллаҳона низ худдорӣ намекарданд. Албатта, аз ин чунин барнамеояд, ки ҳамаи сӯфиёни дар даст силоҳ ба муқобили феодалон ва истилогарони аҷнабӣ сар бардошта, гӯё аз тасаввуфи риёзатии «аслӣ» тамоман қатъи алоқа карда бошанд.

Дар бисёр давраҳои таърих баъзе ҷараёнҳои тасаввуфие, ки алоқаи худро аз доираи ҳунармандон ва табақаҳои поини ҷамъиятии шаҳр наканда буданд, бо вуҷуди маҳдудиятҳои таърихии худ равияҳои нисбатан пешрави ҳаёти ҷамъиятии давраҳои муайяни таърихиро ташкил медоданд. Фаъолияти аксари адибон ва мутафаккирони гузашта, аз қабили Бобо Кӯҳӣ, Ансории Ҳиротӣ, Санойӣ, Фаридаддини Аттор, Низомии Ганҷавӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ бо тасаввуф робитаи қавӣ дошт.

Идеологияи сӯфия дар ҳаёти ҷамъиятии Осиёи Миёна ба дараҷае васеъ паҳн гардида буд, ки ҷараёни иртиҷоии феодалии тасаввуф тадриҷан, алалхусус дар охирҳои асри миёна, дар қатори ҷараёни дини ҳанафияи ислом мавқеи дуюмин ҷараёни асосиро ишғол кард.

Дар ин давра Муҳаммади Ғазолӣ ва бародари ӯ - Аҳмади Ғазолӣ, ки назарияи махсуси тасаввуфи ишқи ирфониро ба миён

гузоштааст, инчунин шоирони баргузидаи мутасаввиф - Абдуллоҳи Ансорӣ (1006-1077), Абулмаҷди Саноӣ (1050-1131), Фаридаддини Аттор (1142-1220) ба майдон омаданд.

Дар инкишофи ғояҳои инсониятпарваронаи ин давр шоири бузурги форсу тоҷик Низомии Ганҷавӣ нақши калон бозид. Ӯ офаринандаи асари безаволи «Хамса» аст, ки даҳҳо шоирон ба забонҳои форсӣ, ӯзбекӣ, туркӣ, озарӣ ва ғайра онро пайравӣ кардаанд.

Дар давраи мазкур ба ҷои «сабки хуросонӣ» услуби нави адабие, ки бо номи «сабки ироқӣ» машҳур аст, зуҳур намуд. Агар баёни содда ва ба забони гуфтугӯ наздик хусусияти асосии сабки хуросонӣ бошад, барои сабки ироқӣ суханбозиҳои печ дар печ ва ташбеҳу истиораҳои мураккаб хос аст.

# БОБИ ЧОРУМ
# ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ДАВЛАТИ ЧИНГИЗИЁН

## 1. ИСТИЛОИ МУҒУЛ. ХОҶАГИИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ЗАМОНИ ҲУКМРОНИИ МУҒУЛҲО

### Ҳуҷуми ӯрдуи Чингизхон ба Осиёи Миёна

Дар фасли чоруми ин боб академик Б. Ғафуров дар бораи вазъи сиёсии Осиёи Миёна дар арафаи истилои муғул, ҳуҷуми муғулҳо ба Осиёи Миёна, муборизаи аҳолӣ бар зидди истилогарони муғул, фатҳи шаҳрҳои Осиёи Миёна аз ҷониби муғулҳо, ҳаёти хоҷагӣ пас аз истилои муғул, сиёсати дохилии ҳокимони муғул, қисман барқарор шудани ҳаёти шаҳр ва вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии халқҳои Осиёи Миёна дар ин давр маълумот медиҳад.

Дар арафаи ҳуҷуми муғул Осиёи Миёна зери тасарруфи ҳокимони Хоразмшоҳӣ қарор дошт. Давлати Хоразмшоҳиҳо ғайр аз Хоразму Мовароуннаҳру Хуросон ва қисмати зиёди Эронро дар бар мегирифт ва онро Муҳаммад Хоразмшоҳ идора мекард. Ҳокимияти марказӣ ноустовор буда, амирони маҳаллӣ дар аксар маврид аз иҷрои фармонҳои Хоразмшоҳ саркашӣ карда, кӯшиш менамуданд, ки шаҳру вилоятҳои худро мустақилона идора кунанд. Аз сабаби он ки Хоразмшоҳ ва амирони ӯ ба мардум ҷабру зулм раво дида, аз аҳолӣ андозҳои зиёд меситониданд, онҳо ҳокимияти Хоразмшоҳиёнро пуштибонӣ намекарданд. Дар байни хонаводаи Муҳаммади Хоразмшоҳ низ низову кашмакашӣ вуҷуд дошт. Аз ҷумла, модари Муҳаммади Хоразмшоҳ - Турконхотун бо писари худ мухолифати ошкоро намуда, амру фармонҳои ӯро бекор карда, онҳоро беэътибор мешуморид ва мувофиқи хости худ фармони нав содир мекард. Дар мамлакат дуҳокимиятӣ ба амал омада буд. Муҳаммади Хоразмшоҳ ҳудуди мамлакатро байни фарзандонаш ба чор мулкҳои алоҳида тақсим намуд, ки дар вазъияти сиёсии ба амал омада хатои нобахшидание буд ва раванди заволи давлатро тезонид.

Ҳангоми дар чунин вазъияти душвор қарор доштани давлати Хоразмшоҳиҳо муғулҳои истилогар бо сардории Чингизхон ба ин сарзамин лашкар кашиданд.

Машғулияти асосии муғулҳои бодиянишин асосан чорводорӣ буд. Онҳо ба шикор низ завқи зиёд доштанд. Муғулҳо баъдтар мавқеи худро оҳиста-оҳиста мустаҳкам намуда, қабилаҳои ҳамсояро зери итоати худ даровcovered даранд. Онҳо лашкари боинтизом ва чусту чолоке ташкил намуданд, ки дастабандии сипоҳиён аз рӯи низоми даҳаӣ анҷом ёфта буд. Хурдтарин воҳиди сипоҳро даҳ нафар низомиён ва дастаи нисбат ба даҳнафара болотарро низомиёни саднафара ташкил мекарданд. Дастаи низомиёни ҳазорнафара ва даҳҳазор нафара низ доштанд. Дар сипоҳи Чингизхон аз тарси ҳукми қатл барои гуноҳи ночиз интизоми оҳанин вуҷуд дошт.

Чингизхон пас аз муттаҳид гардонидани қабилаҳои турку муғул ва ғолибият бар душманони худ бо мақсади васеъ гардонидани ҳудуди давлати кӯчии худ бар зидди вилоят ва кишварҳои ҳамҷавори Муғулистон як қатор амаллиёти ғоратгаронаро анҷом дод. Муғулҳо Уйғуристон ва ҳудудҳои Хитои Шимолиро бо шаҳри Пекин забт намуданд. Солҳои 1218-1219 лашкари муғул бо сарварии Ҷебе бидуни муқовимати шадид Ҳафтрӯд ва Туркистони Шарқиро ба худ тобеъ намуда, ба ҳудуди давлати Хоразмшоҳиён наздик шуд.

Пас аз лашкаркашиҳо ба кишварҳои мухталиф ва ишғоли онҳо муғулон барои идораи ин минтақаҳо аз намояндагони аҳолии маҳаллӣ, махсусан мусулмонҳо, истифода менамуданд, зеро муғулҳо, ки кӯчманчӣ буданд, дараҷаи тараққиёти фарҳанги онҳо дар зинаи паст қарор дошт, барои идораи кишварҳои тобеи худ таҷриба надоштанд.

То ҳуҷум ба ҳудуди давлати Хоразмшоҳиҳо байни муғулҳо ва хоразмшоҳиҳо робитаи тиҷоратӣ ва рафту омади сафирон вуҷуд дошт. Тоҷирони зиёди сарватманд, ки тиҷорати байни Осиёи Миёна ва Муғулистонро дар дасти худ нигоҳ медоштанд, ва бо ҳамроҳии уйғурҳо дар сохтори идории дохилии Муғулистон аз мушовирони асосии Чингизхон ба шумор мерафтанд, ба воситаи онҳо Чингизхон аз вазъи дохилии давлати Хоразмшоҳиҳо доимо маълумот ба даст меовард.

Чингизхон барои таҳкими робитаи кишварҳо соли 1218 ба Хоразм корвони калони тиҷоратӣ фиристод. Корвон аз 500 шутури пур аз тилло, нуқра, абрешими хитоӣ, матоъҳои мухталиф ва амволи дигари қимматбаҳо иборат буд. Бо ин корвон 450

тоҷири мусулмон ва қариб 100 нафар муғулон аз зумраи наздикони Чингизхон шомил буданд. Гумоштагони Хоразмшоҳ ҳамаи ин одамонро ба қатл расонида, тамоми молҳои онҳоро азхуд карданд.

Чингизхон пас аз воқеаи Утрор аз Муҳаммади Хоразмшоҳ талаб намуд, ки гунаҳкори ин воқеа ҳокими Утрорро ба ӯ супорида, товони амволи корвони торочшударо баргардонад. Аммо бо амри Муҳаммад Хоразмшоҳ сафири Чингизхон ба қатл расонида шуд. Ин амали Муҳаммад Хоразмшоҳ ҳуҷуми Чингизхонро ба Осиёи Миёна тезонид.

Чингизхон барои ба Осиёи Миёна лашкар кашидан омодагии ҷиддӣ дида, то оғози амалиёт ба воситаи тоҷирони Осиёи Миёна дар бораи неруҳои ҳарбии ин минтақа маълумоти зарурӣ ба даст овард. Аз ин хотир ҳуҷуми Чингизхон ба Осиёи Миёна ҳаракати бенизом ва худсаронаи кӯчманчиёни муғул набуда, ҳуҷуме буд, ки бар асоси нақшаҳои муайян сурат гирифт.

Давлати Хоразмшоҳиён ҳангоми ҳуҷуми муғул ба мудофиа омода набуд. Муҳаммад Хоразмшоҳ барои дифои ҳар як шаҳр дастаи ҳарбии ҷудогона муайян намуда, бо ин рафтори бемулоҳизаи худ лашкари сершумори худро ба қисмҳо ҷудо намуда, мутамарказии лашкарро аз байн бурд. Ин ба истилогарони муғул имконият фароҳам овард, ки дастаҳои лашкари Хоразмшоҳиёнро дар алоҳидагӣ бо осонӣ мағлуб сохта, шаҳру вилоятҳои онро ишғол намояд. Дар ин айём Муҳаммади Хоразмшоҳ дар зарфи як сол аз аҳолӣ се маротиба андоз ҷамъ намуд, ки боиси эътирозу норозигии онҳо гардид.

Чингизхон моҳи сентябри соли 1219 ҳамроҳи чор писари худ Уқтой, Чағатой, Ҷучӣ ва Тулуй ва сарлашкарони дигар бо сипоҳи сершумори муғул ба Утрор омада, сипоҳиёни худро ба се гурӯҳ тақсим кард: ба Уқтой ва Чағатой дастур дод, ки Утрорро муҳосира намоянд; гурӯҳи дигарро бо сардории Ҷучӣ барои ишғоли шаҳрҳои соҳили Сир ба шаҳри Ҷанд равона кард; худи ӯ бо ҳамроҳии Тулуй бо неруҳои асосӣ, ба тарафи Бухоро ҳаракат намуд.

Муғулҳо Утроро ба муҳосира гирифтанд, вале сокинони шаҳр ба муқобили муғулҳо муқовимати сахт нишон доданд. Гурӯҳе, ки бо сардории Ҷучӣ барои ишғоли шаҳрҳои соҳили Сир равон шуда

буд, нахуст ба шаҳри Сағноқ, ки тобеи Ҷанд буд, омада, онро ба муҳосира гирифта, муддати ҳафт рӯз аз субҳ то шом ба куштору ғорати мардум машғул шуданд. Рӯзи ҳаштум ба онҳо муяссар гардид, ки шаҳрро ишғол намуда, ҳамаро ба қатл расонданд. Пас аз ин муғулҳо шаҳрҳои Узганд, Борчинлиғкант ва Ашносро ғорат ва забт карда, ба сӯи шаҳри Ҷанд раҳсипор шуданд. Аҳолии Ҷанд ба муғулҳо муқовимати сахт нишон дод. Оқибат муғулҳо Ҷандро забт намуда, аҳолии онро ба саҳро бароварда, дар муддати нуҳ шабонарӯз шаҳрро ғорат карданд. Пас онҳо ба сӯи Банокат ҳаракат карда, лашкариёни Банокатро шикаст дода, аҳолиро ғорат намуданд.

Дар ибтидои соли 1220 Чингизхон бо лашкари асосии худ ба ҷониби Бухоро, ки яке аз шаҳрҳои қадими тоҷикнишин буд, раҳсипор шуд. Аҳолии Бухоро бар зидди муғулҳо муқобилияти сахт нишон доданд. Муҳосираи шаҳр дар назди девори қалъа се шабонарӯз беист давом кард. Муғулони истилогар пас аз ишғоли Бухоро шаҳриёни зиёди бегуноҳро қатл карда, қисмеро ба асирӣ гирифтанд. Муҳаммади Хоразмшоҳ хабари ба дасти муғулҳо гузаштани Бухороро шунида, аз тарс Мовароуннаҳрро тарк кард ва ба соҳили чапи дарёи Ому гузашт.

Пас аз забти Бухоро лашкари муғул ба сӯи шаҳри бузург ва маъруфи тоҷикон, Самарқанд ҳаракат кард. Муҳаммад Хоразмшоҳ ба шаҳри Самарқанд таваҷҷуҳи махсус дода, истеҳкомоти онро аз нав таъмир карда, барои мудофиаи он 110 ҳазор лашкарро сафарбар намуд. Чингизхон ба наздикии Самарқанд расида, шаҳрро ба муҳосира гирифт. Дифоиёни Самарқанд рӯзи сеюми муҳосира аз қароргоҳи худ берун баромада, ба душман ҳамла оварда, чанде аз сипоҳиёни муғулро нобуд сохтанд. Билохира ба муғулҳо муяссар гардид, ки дифоиёни шаҳрро ба иҳота гиранд ва як қисми онҳоро ба ҳалокат расонанд. Тибқи ахбори сарчашмаҳои хаттӣ шумораи ба қатлрасидагони Самарқанд аз 50 ҳазор то 70 ҳазор нафарро ташкил мекард. Ин вазъият ба сипоҳиён ва мардумони боқимонда таъсири ногувор гузошт. Аъёну ашроф ва рӯҳониёни риёкор аз ин ҳолат истифода намуда, бе маслиҳати аҳолӣ қозӣ ва шайху-л-исломро ба назди Чингизхон фиристоданд ва қарор доданд, ки шаҳрро ба ӯ таслим намоянд. Субҳи рӯзи дигар онҳо хоинона дарвозаи шаҳрро

кушоданд ва лашкари муғул вориди шаҳр гашта, ба қатли ом ва ғорат даст зад. Онҳо дар муддати ду рӯз шаҳрро ба хок яксон намуда, ба ҷуз аз хиёнаткорон ва касони ба паноҳи муғулҳо омада ба ҳеҷ кас раҳм накарданд ва мардумро азобу шиканҷаи зиёд доданд. Муғулон қалъаи Самарқандро ба даст оварданд ва мубориозони Самарқанд дар масҷиди ҷомеъ паноҳ бурда, душманро наздик шудан намемонданд. Муғулҳо масҷидро оташ заданд, вале дифоиён сӯхта, мурданро аз таслим шудан авлотар донистанд. Дар ин набард зиёда аз нисфи аҳолии Самарқанд талаф гардид.

Барои писарон, ҳамсарон ва амирони Чингизхон 30 ҳазор косибону ҳунармандонро ҷудо карда, боз ҳамин қадар мардонро барои пешдифои лашкари муғул, ки онро ҳашарӣ мегуфтанд, сафарбар намуданд.

Самарқанд қабл аз ҳуҷуми муғулҳо шаҳри бузург ва сабзу хуррам буд. Тибқи ахбори роҳиби хитоӣ Чан-Чун, ки пас аз тахриби Самарқанд аз он ҷо гузар намуда буд, дар шаҳр 25 ҳазор хонавода боқӣ монда будааст, ки он чоряки аҳолии пештараро ташкил мекард. Пас аз ишғоли Самарқанд аз ҷониби муғулҳо Муҳаммади Хоразмшоҳ ба Табаристон фирор намуда, дар яке аз ҷазираҳои ҷануби баҳри Хазар пинҳон шуд ва барои мубориза бар зидди муғулҳо чорае наандешид.

### Мудофиаи қаҳрамононаи Хуҷанд. Темурмалик

Муғулҳои истилогар пас аз ишғоли шаҳрҳои воқеъ дар соҳили дарёи Сир бо лашкари панҷҳазорнафара ба сӯи шаҳри бостонии тоҷикон Хуҷанд ҳаракат намуд. Он замон ҳокими Хуҷанд марди далеру шуҷоъ ва ҷасуру нотарс Темурмалик буд. Ӯ дар миёни дарёи Сир, дар ҷазирае, ки барои мудофиа хеле муносиб буд, қалъаи баландеро сохт.

Лашкари сершумори муғул ба Хуҷанд омада, шаҳрро ба муҳосира гирифт, вале онро ба даст оварда натавонист. Хуҷандиён дар қалъа паноҳ бурданд. Муғулҳо барои фатҳи қалъа кӯшиши зиёд намуданд, вале аҳолии Хуҷанд бо сарварии Темурмалик ба душман муқовимати шадид нишон доданд. Азбаски қувваҳо нобаробар буданд, Темурмалик дигар имкон надошт, ки муборизаро дар шаҳр давом диҳад ва бо ҳамроҳии ҳазор нафар лашкари ҷасури худ ба қалъаи дар ҷазираи байни ду шохоби дарёи Сир воқеъбуда, рафтанд

ва аз он ҷо мубориזаро бар зидди истилогарони муғул идома доданд. Ин ҷазира аз соҳили дарё дар масофаи дуртар воқеъ буд ва тиру сангҳои манҷаниқ ба он ҷо намерасид. Муғулҳо бо ҳар роҳ мехостанд ба қалъаи ин ҷазира даст ёбанд. Бо ин мақсад асирони ҳарбиро маҷбур карданд, ки аз кӯҳ санг кашонда, сад бисозанд.

Темурмалик дувоздаҳ завраќи сарпӯшида дошт, ки барои бетаъсир кардани тири душман рӯи онҳоро бо намади тар пӯшида, бо гил ва сирко андова намуда, даричаҳо гузошт. Ин амали Темурмалик завраќҳоро аз тири душман ва оташи нафт эмин нигоҳ медошт. Сипоҳиёни Темурмалик бомдод ва шабона ба ҳар ҷонибе шаш завраќ равон карда, бо душман қаҳрамонона меҷангиданд. Ҳангоме ки хӯроки муҳофизон кам монд ва корашон мушкил гардид, дигар илоҷи дар ин қалъа истодан набуд. Темурмалик барои ҷони лашкарони боқимондаашро аз марг раҳо додан, шабона онҳоро ба киштиҳо савор намуда, худаш бо гурӯҳе аз мардони диловар дар завраќ нишаста бо машъалҳои фурӯзон монанди барқ бар об равон гаштанд.

Муғулҳо аз ин кори Темурмалик хабар ёфта, аз ду дарафи дарё ӯро таъқиб мекарданд. Дар ҳар куҷое, ки Темурмалик дастаҳои муғулҳоро мушоҳида мекард, дарҳол завраќро ба он ҷониб ронда, ба сӯи онҳо тир кушода, сафи ононро кам мекард. Муғулҳо хостанд, ки пеши роҳи киштиҳоро бо занҷир банданд, вале Темурмалики ҷасур онро бо табар пора намуда, пеш мерафт. Темурмалик бо лашкари муғул, ки аз ду тарафи соҳил ӯро тақиб мекарданд, ҷангида то Ҷанд расид. Муғулҳо киштиҳоро ба якдигар васл намуда, пули мутаҳаррик ба вуҷуд оварданд ва бо ин восита пеши роҳи киштиҳои Темурмаликро баста, камон ва манҷаниқҳоро барои тирпарронӣ омода намуданд. Темурмалик аз ин кори душман огоҳ гардида, аз об берун омад ва бо лашкари худ савора равон шуд. Муғулон аз дунболи Темурмалик мерафтанд. Дар ин ҷанги ду қувваи нобаробар, тақрибан, ҳамаи сарбозони Темурмалик ҳалок гардиданд ва ба Темурмалик муяссар шуд, ки бо дастаи хурде аз марг раҳо ёфта, худро ба Хоразм бирасонад. Дар он ҷо бақияи лашкари торуморгаштаи Хоразмшоҳ ҷамъ омада буд. Темурмалик мардони ҷангии Хоразмро муттаҳид намуда, бар зидди муғулони истилогар дубора амалиёти низомиро оғоз кард. Ба Темурмалик муяссар гардид, ки яке аз шаҳрҳои

поёноби дарёи Сир – Ёркандро аз дасти муғулон берун орад, вале аз сабаби набудани ҳамдигаргарфаҳмӣ байни ӯ ва сарлашкарони Хоразмшоҳ Темурмалик муборизаи худро давом дода натавонист ва ба Хоразм баргашт. Дар Хоразм ба султон Ҷалолуддин пайваст ва ҳамроҳи ӯ дар бисёр муҳорибаҳои сангин бар зидди муғулҳо иштирок намуда, қаҳрамониҳо нишон дод.

**Футуҳоти минбаъдаи Чингизхон дар Осиёи Миёна**

Муғулҳои истилогар пас аз тасхири Бухорову Самарқанд ва Хуҷанд шаҳри Тирмизро ба харобазор табдил дода, аз дарёи Ому гузаштанд ва соли 1221 яке аз шаҳрҳои қадимаи тоҷикон Балхро тасарруф намуданд. Муғулон Балхро то ҳадде хароб намуда буданд, ки солҳои зиёд дар ҳолати мудҳиш қарор дошт.

Дар ҳамин вақт писарони Чингизхон – Чағатой, Уқтой ва Ҷуҷӣ бо лашкари садҳазорнафара шаҳри Урганҷро, ки пойтахти давлати Хоразмшоҳиҳо ба шумор мерафт, ба муҳосира гирифтанд. Аҳолии Урганҷ муддати шаш моҳ ба душман муқовимати шадид нишон дод. Вале муғулҳо бо душвории зиёд шаҳрро забт карда, пешаварон, кӯдакон ва занонро ба асирӣ гирифта, дигар ҳамаро ба қатл расониданд. Ғосибони аҷнабӣ аз муқовимати аҳолии Урганҷ чунон ба хашму ғазаб омада буданд, ки садди дарёи Омуро хароб намуда, шаҳрро ба хок яксон карданд, то аз он осоре боқӣ намонад. Пас аз тахриби шаҳри Урганҷ ёдгориҳои зиёди бебаҳои фарҳангӣ ва китобхонаҳо, ки дар онҳо ҳазорҳо нусхаҳои асарҳои нодир гирд оварда шуда буд, ба нобудӣ рафт.

Пас аз он истилогарони муғул амалиёти ҳарбиву ғоратгарони худро дар ҳудуди Хуросон идома доданд. Писари Чингизхон – Тулуй зимистони соли 1221 ба шаҳри қадимаи Марв ҳуҷум карда, онро ба харобазор табдил дод. Муғулҳо аҳолии шаҳрро ба саҳро бароварда, чорсад нафар ҳунармандонро аз байни онҳо ҷудо намуда, кӯдакон ва духтарону писаронро ба асирӣ гирифта, боқимондаро ба қатл расонданд.

Аз навоҳии тоҷикнишин танҳо Бадахшон ва баъзе вилоятҳои кӯҳистонии Тоҷикистони Шарқӣ, инчунин чанде аз маҳалҳои Ғур, ки қалъаҳои мустаҳкам доштанд, аз ҳуҷуми муғулҳо эмин монданд.

Яке аз муаррихони араб Ибни Асир (1160-1244), ки шоҳиди бевоситаи ваҳшонияти ғайриинсонии муғулҳо буд, навиштааст, ки муғулҳо ба касе раҳм намекарданд, занон, мардон ва кӯдаконро мекуштанд, шиками занони ҳомиларо пора карда, кӯдакони ҳанӯз таваллуднашударо сар мезаданд. Шаҳре набуд, ки аз дасти онҳо саломат монда бошад. Онҳо ҳама ҷоро вайрон карда, ҳама чизро тороҷ мекарданд ва месӯзонданд.

Истилои муғул ба сари халқҳои Осиёи Миёна мусибатҳои зиёд овард. Дар натиҷаи он аҳолии заҳматкаш қатли ом гардида, шаҳру вилоятҳо ба харобазор табдил ёфта, корҳои кишоварзӣ рӯ ба таназзул ниҳоданд.

**Ҳаёти хоҷагӣ пас аз истилои муғул**

Чингизхон қабл аз вафоташ (1227) империяи бузурги ташкилкардаашро байни писаронаш тақсим намуд. Мовароуннаҳр ба мулки Чағатой дохил мешуд, вале амалан онро хони бузург Уқтой идора карда, қисми даромади онро ба Чағатой ва хонаводаи ӯ медод.

Муғулҳои истилогар кишварҳои забткардаашонро идора карда наметавонистанд ва Уқтой идораи Мовароуннаҳрро ба дасти тоҷири бузург Маҳмуди Ялавоч супорид, ки ӯ аз Хуҷанд онро идора мекард ва лашкари дар Мовароуннаҳр будаи муғулҳо низ дар ихтиёри ӯ буд.

Истилои муғул ба ҳаётти хоҷгии мамлакат зарбаи сахт расонд. Аҳолиро аз як тараф муғулони истилогар аз ҷониби дигар ҳокимини маҳаллии ҷонибдорони муғул бераҳмона истисмор мекарданд. Ба дӯши барзгарону пешаварон бар замми хироҷҳои ҳарсола боз уҳдадориву вазифаҳои зиёд бор мекарданд. Тиҷорат ва муомилоти пулӣ ба ҳолати ниҳоят вазнин дучор шуда буд.

**Шӯриши Маҳмуди Торобӣ**

Вазъи носолими мамлакат норозигии аҳолиро ба вуҷуд овард ва дар байни кишоварзону пешаварон ҷунбишҳои зидди аҷнабӣ ва маҳаллӣ сар зад. Яке аз чунин шӯришҳо соли 1238 дар Бухоро бо роҳбарии пешавари бухороӣ Маҳмуд ба амал омад, ки он бо номи «шӯриши Маҳмуди Торобӣ» машҳур аст. Маҳмуд элакбофи деҳаи Тороб буд. Ӯ дар Тороб ва гирду атрофи он мардумро бар зидди

ғосибони муғул ва тарафдорони онҳо ба мубориза даъват кард. Ҳукуматдорони Бухоро хостанд, ки Маҳмудро ба Бухоро даъват намуда, бо роҳи фиреб дастгир намоянд ва шӯришро бе роҳбар кунанд. Дар яке аз теппаҳои наздикии шаҳри Бухоро тарафдорони сершумори Маҳмуд ҷамъ омаданд ва ӯ мардумро ба муборизаи мусаллаҳона даъват намуд. Ӯ қасри пешвои қиёми халқӣ - Малик Санҷарро, ки соли 1206 сохта шуда буд, қароргоҳи худ интихоб намуда, ба иҷрои нақшаҳояш сар кард.

Дар наздикии шаҳри Бухоро байни шӯришгарон ва лашкари муғул задухӯрди сахте ба амал омад, ки дар натиҷа лашкари муғул мағлуб гардида, то Кармина ақибнишинӣ карданд, вале дар наздикии Кармина Маҳмуди Торобӣ ва яке аз дӯстонаш Шамсиддини Маҳбубӣ, ки роҳбари боистеъдоди шӯришиён буд, кушта шуданд. Шӯришиён бе роҳбар монда, пас аз чанд рӯз мағлуб гардиданд ва аҳолии Бухоро ва сокинони атрофи он аз ҷониби истилогарон мавриди қатлу ғорат қарор гирифтанд.

Шӯриши Маҳмуди Торобӣ на танҳо бар зидди истилогарони муғул, инчунин бар зидди ҳокимони маҳаллие, ки ҷонибдорони муғулҳо буданд, низ равона шуда буд.

### Сиёсати дохилии Мангуқоон ва ҳокимияти тоҷир - Масъудбек

Пас аз истилои муғул дар байни хонҳои муғул ва аъёну ашрофи маҳаллӣ нисбат ба аҳолии муқимии ноҳияҳои забтшуда ду тамоюли ба ҳам зид пайдо шуд. Ифодакунандагони тамоюли аввал ҷонибдори он буданд, ки мардумро ҳар чӣ бештар талаву тороҷ кунанд ва андеша намекарданд, ки дар натиҷа худи онҳо аз даромадҳои бе ҳадду ҳисоб маҳрум мешаванд.

Ифодакунандагони тамоюли дигар, ки қисмати ками қоонҳо ва ашрофи бодиянишини муғулро ташкил мекарданд, ҷонибдори таъсиси ҳокимияти пуриқтидори марказӣ буда, кӯшиш менамуданд, ки аз ғорату хонавайрон намудани аҳолии муқимӣ даст кашида, киштзорҳоро аз харобшавӣ пешгирӣ намоянд ва мақсади асосии онҳо бештар ва бо самараи зиёд истисмор кардани аҳолии меҳнаткаш буд.

Яке аз ҷонибдорони тамоюли дуюм Мангуқоон ва ҳокими тоҷир Масъудбек – писари Маҳмуди Ялавоч буд. Мангуқоон соли

1251 ба сари ҳокимият омад. Ӯ фармону ярлиқҳои аз ҷониби ҳокимони пешина содиршударо беэътибор дониста, хироҷу андозҳои пештараи миёншиканро бекор кард. Ӯ иҷозат намедод, ки ашхоси ҷудогона бесабаб ба шаҳру деҳот рафта, аз аҳолӣ амволи гуногун талаб намояд. Тадбирҳои ҷорикардаи Манкуқоон аз он иборат буданд, ки миқдор ва ҳаҷми хироҷ муайян гардида, аҳолӣ аз ситонидани андозҳои худсарона ва номаҳдуд ҳимоя карда шавад ва барои нашъунамои ҳаёти шаҳрҳо ва тиҷорат роҳи монеа эҷод нашавад. Яке аз иҷрокунандагони ин сиёсати Мангуқоон Масъудбек буд, ки аз Уйғуристон то Хоразмро идора мекард.

## Ислоҳоти пулии Масъудбек. Қисман баркарор шудани ҳаёти шаҳр ва тиҷорат

Масъудбек соли 1271 ислоҳоти пулӣ гузаронид. Ҳадафи асосии ислоҳоти пулии Масъудбек аз он иборат буд, ки дар аксари шаҳру вилоятҳои Осиёи Миёна ба зарби мунтазами сиккаи нуқраи аз ҷиҳати вазну иёр дар ҳама ҷо баробар гузашта шавад. Сарфи назар аз маҳалли баровард шуданашон ин сиккаҳо дар муомилоти умумидавлатӣ эътибор доштанд, ки ин дар тиҷорати пулӣ инқилобе ба шумор мерафт. Ин аз ғалабаи нави тамоюли дуюм гувоҳӣ медиҳад. Ислоҳоти пулӣ барои тавсеаи истеҳсолот ва барқарор гардидану тараққӣ ёфтани ҳаёти шаҳрҳо мусоидат намуд.

## Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XIV

Яке аз ҳокимони муғул, ки ҳаёти худро пурра ба Мовароуннаҳр алоқаманд карда буд, Кабакхон ба шумор мерафт. Ӯ ҳарчанд исломро қабул накарда, бутпараст монда бошад ҳам, баъзан барои пешгирии таъқиботи аҳолии муқимӣ аз ҷониби ашрофи бодиянишин кӯшиш ба харҷ медод. Кабакхон қароргоҳи худро ба Мовароуннаҳр овард ва дар наздикии Нахшаб (Насаф) барои худ қасре сохт. Баъдҳо дар атрофи он шаҳре ба вуҷуд омад, ки бо номи Қаршӣ машҳур шуд, зеро дар забони муғулӣ қасрро «қаршӣ» меномиданд. Яке аз корҳои намоёни Кабакхон дар он буд, ки ӯ чун аввалин ҳокими муғулии Мовароуннаҳр соли 1321 аз номи худ сикка зада буд, ки он сиккаҳо дар саросари кишвар гардиш доштанд. Сиккаи калони нуқраи 8 грамм вазндошта, динор ном дошт ва бо шаш тангаи хурд, ки дирам меномиданд,

баробар буд. Солҳои аввал дар зарбхонаҳои Бухоро ва Самарқанд сиккаҳои нав бо номи Кабакхон бароварда шуданд.

Пас аз вафоти Кабакхон бародари ӯ Тармаширин тахтро ишғол намуд. Тармаширин дар Мовароуннаҳр сиёсатеро пеш гирифт, ки он ошкоро ба таври умум ба мусулмонон ва ба таври хос ба сокинони Мовароуннаҳр муносиб буд. Ӯ дини исломро мазҳаби расмии давлати Чағатоиён эълон кард. Ин рафтори Тармаширин бар хилофи хоҳиши ашрофи низомӣ-кӯчии муғул буд ва онҳо ба ӯ душманона муносибат мекарданд. Оқибат Тармаширин ба қатл расонда шуд.

Дар шаҳру вилоятҳо низоъҳо сар заданд, ки онҳо барои гузаронидани тадбироти пешраванда мамониат мекарданд. Дар солҳои 40-уми асри XIV Қазонхон усули сиёсии Кабакхону Тармаширинро пеш гирифта, барои аз нав барқарор намудани ҳокимияти хонӣ кӯшишҳои зиёд намуд, вале соли 1346 дар ҷанг ҳалок шуд. Ҷои ӯро Қазаған ишғол намуд, ки ҷонибдори урфу одатҳои зиндагии бодиявӣ буда, бештар ба ҳуҷумҳои ғоратгарона машғул мешуд. Писари ӯ Абдуллоҳ аз соли 1358 кӯшиш намуд, ки сиёсати ифодакунандаи табақаи болои аҳолии муқимиро ҷорӣ намояд, вале аз мамлакат ронда шуд. Дар охири солҳои 50-уми асри XIV давлати чағатоӣ, тақрибан ба сӣ мулки ҷудогона тақсим гардид.

## 2. МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ЗАМОНИ МУҒУЛҲО

### Категорияҳои моликияти замин. Суюрғол

Дар замони истилои муғул тибқи вақфномаҳои солҳои 1299 ва 1326-1333 навъҳои зерини замин вуҷуд доштанд: заминҳои вақфӣ, милк (мулки хос), мамлакаи инҷу ва мамлакаи девон. Ба шумори заминҳои вақф заминҳои корам, осиёб, каналҳо, иншооти гуногуни обёрӣ, устохонаҳои ҳунарӣ, дӯконҳо, корвонсаройҳо ва дигар амволи манқул ва ғайриманқул дохил мешуданд, ки аз ҷониби давлат ва шахсони дигар ба манфиати муассисаҳои динӣ (масҷид, мадрасаҳо, хонаҳо, қабрҳои ашхоси маъруф) ва муассисаҳои хайрия васият карда шуда буданд. Як қисми даромади вақф барои нигоҳдории муассисаҳои дар боло зикршуда ва қисми дигари он ба манфиати

муътақидони онҳо ва рӯҳониёни мусулмон сарф мешуд. Вақфҳо дар ихтиёри намояндагони рӯҳониён буданд. Теъдоди заминҳои вақфии Осиёи Миёна дар замони муғулҳо зиёдтар гардид.

Дар феҳристи расмии фақеҳон ҳам мулки деҳқон ва ҳам мулки заминдор «замини милк» номида шудааст. Дар замонҳои баъди муғулҳо низ ин ду навъи милк вуҷуд доштанд. Дар давлати Ҳулокуиҳо заминҳое, ки ба сардори давлат, аҳли хонадон ва тобеони ӯ тааллуқ доштанд, замини инҷу номида мешуд. Ин навъи заминҳоро метавонистанд ба тариқи хизматона тақдим кунанд, ба вақф диҳанд, туҳфа намоянд, бифурӯшанд ва ғайра. Заминҳои инҷу аз андоз озод буданд.

Замини девон замини давлатӣ ба шумор мерафт. Дар Осиёи Миёна дар замони ҳукмронии муғулҳо аз рӯи ҳаққи моликият чор навъи замин вуҷуд дошт: 1) замини давлатӣ, 2) милки заминдорони калон (феодалӣ) ва инҷу, 3) замини вақф ва 4) милки деҳқон.

Дар замони ҳукмронии муғулҳо дар Осиёи Миёна усули подошҳои феодалӣ хеле зиёд равнақ ёфта буд. Онро бо истилоҳи арабӣ иқтоъ ё ба истилоҳи муғулӣ суюрғол меномиданд. Суюрғол мумкин буд ҳаҷмаш хурд ё калон бошад. Дар вақтҳои аввал сарлашкарон бештар соҳиби суюрғол гашта, ба сарбозони қаторӣ ба ивази хизмат мол ё пул медоданд. Баъдтар ба сарбозони муғул мулкҳои васеъ ба таври суюрғол инъом мегардид.

## Категорияҳои деҳқонон.
## Масъалаи сохти крепостной. Ғуломӣ

Категорияи деҳқонон дар замони муғулҳо гуногунтаркиб буд. Қисме аз онҳо соҳиби моликияти хусусӣ ва имтиёзҳо буда, нисбат ба дигарон андози камтар месупориданд. Аксарияти деҳқонон заминро ба иҷора мегирифтанд, ё ин ки дар замини доро ҳамчун барзгари кироя кор мекарданд.

Дар вақфномаи соли 1326 категорияи дигари деҳқонон бо номи «кадевар» зикр гаштааст, ки онҳо ба парвариши боғоти милк машғул мешуданд. Аз маълумоти ин санад бармеояд, ки ба киштукори заминҳои вақф ғуломон, ки аз тарафи вақфдиҳандагон озод карда, ба замин нишонда шуда буданд, низ машғул буданд.

Дар замони ҳукмронии муғулҳо деҳқононро ба замин побанд намуда, намегузоштанд, ки онҳо аз ҷое ба ҷои дигар кӯчанд. Сабабҳои асосии ба заминҳо побанд намудани деҳқонон ин буд, ки дар натиҷаи қатлу ғорати истилогарони муғул миқдори аҳолӣ ва замини зироат хеле кам шуд ва илова бар он аз ҷабри зулму истибдоди истилогарон деҳқонон ба ҳар тараф фирор намуданд ва аксари заминҳо нокишта монд. Аз ин хотир хонҳои муғул аз рӯи манфиати давлат ва феодалон сиёсати ба замин баста мондани деҳқононро ҷорӣ намуданд, зеро онҳо адокунандаи андозу хироҷ ба шумор мерафтанд.

**Аҳволи пешаварон**

Дар давраи ҳуҷуми муғул дар Осиёи Миёна ду гурӯҳи пешаварони шаҳр вуҷуд доштанд: як гурӯҳ ҳаёти ғуломона ба сар мебурданд, маҳсулоти бавуҷудовардаи онҳоро дигарон соҳиб шуда, ба ивазаш ҳар рӯз ба онҳо хӯрок медоданд; гурӯҳи дигари пешаварони шаҳр, ки озод ё ғулом буданашон маълум нест, бо ихтиёри худ кор карда, аз даромади касбашон андоз месупориданд.

Аксари пешаварон ба вазъияти ғуломӣ дучор буданд. Корхонаҳои ҳунармандии вуҷуддошта ба ҳокимони муғул тааллуқ доштанд ва пешаварон дар он ҷо ҳамчун ғулом кор мекарданд. Гурӯҳи нисбатан озоди пешаварон ва тоҷироне низ буданд, ки ба хазинаи ҳукумати марказӣ андоз месупориданд. Пешаварон дар азнавзозии шаҳрҳо, эҳёи истеҳсолоти молӣ ва таъсиси коргоҳу устохонаҳои ҳунармандӣ ҳиссаи муносиб мегузоштанд.

## 3. МАДАНИЯТИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ЗАМОНИ МУҒУЛҲО

**Меъморӣ. Касбҳои амалӣ. Санъат**

Дар миёнаҳои асри XIII ва асри XIV дар мамлакат фаъолияти бинокорӣ нисбатан суръат гирифт. Маблағи сохтмонро ашрофи рӯҳонӣ ва баъзан намояндагони ҷудогонаи табақаи ҳукмрони муғул мепардохтанд. Дар санъати меъмории ин давра бештар аз анъанаҳои миллӣ истифода менамуданд. Дар ин давра бештар ба сохтани мақбараҳо, мадрасаҳо ва кушкҳо таваҷҷуҳ мекарданд. Аз

мақбараҳои маъруфи ин давра мақбараи Сайфиддини Бохарзӣ дар Бухоро, мақбараҳои Начмиддин ва Тӯрабекхоним дар Урганчи қадим, мақбарааи Муҳаммад Башоро дар Панчакент ва ғайраро номбар кардан мумкин аст. Дар нақшу нигори биноҳо гулкориҳои рӯи гил ва мино ба таври фаровон истифода мешуд. Дар ороиши биноҳо аз сафоли сирдори нақшин ба таври васеъ кор мегирифтанд. Гачкориҳо гоҳе бо нақшбандии бисёр зебо пӯшида мешуд. Ҳунари хаттотӣ ва наққошӣ ба дарачаи баланд расида буд.

**Илму адаби точик дар асри XIII – миёнаҳои асри XIV**

Истилои муғул ба рушди илму адабиёт зарбаи сахт расонд. Дар ин давра дар маҳалҳое, ки таҳти тасарруфи муғулҳо қарор нагирифта буданд, рушди адабиёт ба назар намерасид. Танҳо дар охири асри XIV ва ибтидои асри XV марказҳои адабӣ аз нав ба Мовароуннаҳру Хуросон кӯчиданд.

Аз бузургтарин намояндагони назми форсӣ-точикии асри XIII Чалолиддини Балхии Румӣ, Саъдии Шерозӣ ва Амир Хусрави Деҳлавиро метавон ном гирифт.

Чалолиддини Балхии Румӣ (1207-1272) аз шаҳри Балх буда, аз бузургтарин олимон ва шоирони мутасаввиф аст. Аз асарҳои маъруфи ӯ девони ғазалиёт ва «Маснавии маънавӣ» ба шумор меравад. «Маснавии маънавӣ» аз 26 ҳазор байт иборат буда, асосҳои фалсафаи тасаввуфро дар бар гирифтааст.

Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ (тақрибан 1219-1292) қариб 30-40 соли умри худро дар мусофират гузаронида, соли 1256 ба Шероз меояд ва ба таълифи асарҳои худ мепардозад. Эчодиёти Саъдӣ ба таъсири назми қадимаи точик ташаккул ёфтааст. Ба қалами Саъдӣ асарҳои «Гулистон», «Бӯстон» ва силсилаи ғазалиёт тааллуқ доранд. Ӯ дар насри бадеӣ низ маҳорати баланд дошт. Дар адабиёт усули панду насиҳатро чорӣ карда, дар асарҳояш ақидаҳои инсониятпарваронаву ғояҳои ватандӯстиро таблиғ намудааст.

Амир Хусрави Деҳлавӣ (1253-1325) дар шимоли Ҳиндустон таваллуд ёфтааст. Падараш аз шаҳри Кеш буда, ҳангоми ҳучуми муғул ба Ҳиндустон фирор намудааст. Ба қалами ӯ девони ашъор, асари «Хамса», достонҳои «Қирону-с-саъдайн», «Мифтоҳу-л-футӯҳ», «Нуҳ сипеҳр», «Хизрхон ва Дувалронӣ» мансуб аст.

Яке аз донишмандони дигари илму адаби ин давр Муҳаммад ибни Қайси Розӣ мебошад, ки доир ба арӯз асари «Ал-муъҷам фӣ маойири ашъор-ил-Аҷам»-ро навиштааст.

Дар ин давра таърихнависӣ ривоҷ ёфта, як қатор муаррихон асарҳои муҳимми таърихӣ офаридаанд. Муҳимтарин асарҳои таърихии ин давр «Таърихи ҷаҳонкушо»-и Алоуддин Атомалики Ҷувайнӣ ва «Ҷомеъу-т-таворих»-и Рашидаддини Фазлуллоҳ ба шумор меравconfigure. Илова ба маълумоти академик Б. Ғафуров гуфтан мумкин аст, ки ба ҷуз ин ду асари таърихӣ дар ин давра боз асарҳои дигари муҳимме ба мисли «Табақоти Носирӣ»-и Минҳоҷиддини Ҷузҷонӣ, «Сирати Ҷалолуддини Менкубарнӣ»-и Шиҳобуддини Насавӣ, «Мулҳақоту-с-Суроҳ»-и Ҷамол Қаршӣ, «Таърихи Банокатӣ»-и Фахруддини Банокатӣ, «Таърихи Сиистон»-и муаллифи гумном, «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ, «Таърихномаи Ҳирот»-и Сайфии Ҳиравӣ ва ғайра офарида шудаанд.

# БОБИ ПАНҶУМ
# ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ДАВЛАТИ ТЕМУР ВА ТЕМУРИЁН

## 1. ТАЪРИХИ СИЁСӢ. ҶУНБИШҲОИ ХАЛҚӢ

### Темур ва аввалин қадамҳои ӯ дар роҳи ба даст овардани ҳокимият

Дар ин боб академик Б. Ғафуров вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросонро дар нимаи дуюми асри XIV, ба сари ҳокимияти Мовароуннаҳр омадани Темурланг, лашкаркашиҳои ӯ ба кишварҳои дуру наздик, замони ҳукмронии ворисони Темур дар асри XV, ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик дар асрҳои XIV- XV ва дигар масъалаҳои таърихии Осиёи Миёнаро дар ин давра инъикос кардааст.

Хонҳои муғул дар замони ҳукмронии худ дар Осиёи Миёна тадриҷан дини исломро қабул карда, сиёсати марказият додани ҳокимиятдории хониро пеш гирифтанд. Аммо ин гуна сиёсат норозигии пешвоёни қабилаҳои муғул ва туркро ба вуҷуд оварда, боиси сар задани муборизаҳои байни хонҳо гардид. Аз ҷумла, дар нимаи аввали асри XIV дар Мовароуннаҳр дар натиҷаи мунокишаҳои ҳокимони маҳаллӣ ҳокимияти хонӣ заиф гардида, пешвоёни қабилаҳо нуфузи калон пайдо карданд. Дар байни хонҳо ва ҳокимони маҳаллӣ барои васеъ намудани ҳудуди мулкҳои худ пайваста ҷангу хунрезӣ идома меёфт. Гурӯҳҳои алоҳидае низ пайдо шуда буданд, ки бо мақсади ба даст овардани ҳокимият ва молу сарват ба ҳар гуна ҷиноятҳо даст мезаданд. Яке аз чунин сардорони гурӯҳ Темурланг буд, ки нимаи дуюми асри XIV дар Мовароуннаҳр ба муборизаҳои сиёсӣ даст зад. Ӯ писари яке аз ашрофони қабилаи барлос Тарағай буд. Темур дар аввал дар атрофи худ дастаи хурдеро ҷамъ оварда, ба дуздии моли мардум машғул шуд. Сипас, дар муборизаҳои сиёсии байни ҳокимон аз соли 1360 то соли 1370 гоҳ ба тарафи яке ва гоҳ ба тарафи дигаре гузашта мубориза мебурд. Аз ҷумла, соли 1361 ҳангоми ҳуҷуми хони Муғулистон Туғлуқтемур ба Мовароуннаҳр ба тарафи истилогарон гузашт. Темур хизмати Туғлуқтемурро қабул намуда, аз ҷониби ӯ ҳокими шаҳри Кеш таъин шуд. Каме дертар Темур бо ҳокими Балх амир Ҳусайн ҳамзабон шуда, ба Туғлуқтемур хиёнат

карда, бар зидди ӯ ба мубориза бархост. Аммо Темур ва Ҳусайн шикаст хӯрда, ба ҷониби Систон фирор карданд.

Соли 1364 Ҳусайн ва Темур лашкари муғулро шикаст дода, Мовароуннаҳрро дар тасарруфи худ даров静ардан. Аммо мардум ҳар ду амирро бад медид. Зеро хунхориву золимии Ҳусайн дар байни мардум маълум шуда буд.

Соли 1365 писари Туғлуқтемур Илёсхоҷа ба Мовароуннаҳр бар зидди Ҳусайн ва Темур лашкар кашид. Ҳусайн ва Темур лашкар гирд оварда, дар соҳили дарёи Чирчиқ ба муқобили ӯ ҷангиданд. Дар вақти мубориза борони сахт борид, ки аспҳо дар гил лағжида, меафтоданд. Аз ин рӯ, ин ҷанг дар таърих бо номи «Ҷанги гилӣ» ё «Ҷанги лой» машҳур гашт.

Дар ин ҷанг Темур ва Ҳусайн шикаст хӯрда, ба ҷониби Балх фирор намуданд. Лашкари муғул бошад, ба ҷониби Самарқанд ҳаракат карданд, аммо неруҳои ҳарбии шаҳр бо ҳамроҳии Ҳусайн ба Балх фирор карда буданд.

**Ҷунбиши сарбадорон**

Дар ҳамин вазъият яке аз шогирдони мадраса Мавлонозода дар масҷид мардумро ба мубориза бар зидди душман даъват кард. Аъён ва ашрофи шаҳри Самарқанд ӯро сардори муҳофизони шаҳр таъин карданд. 10 ҳазор нафар ҷавонони мусаллаҳ барои муҳофизати шаҳр пеши ӯ савганд ёд карданд. Дар ташкили мудофиаи шаҳр Мавлоно Хурдаки Бухороӣ ва Абӯбакр Калавии Наддоф низ саҳми калон гузоштанд.

Мавлонозода дар муддати се шабонарӯз нақшаи мудофиаи шаҳрро тартиб дода, қувваҳоро дар ҷойҳои зарурӣ гузошт. Аз ҷумла, дар наздикии дарвозаҳои шаҳр дидбонҳо гузоштанд. Шаҳрро ба қитъаҳо табдил дода, ба ғайр аз кӯчаи марказӣ, дигар ҳамаи дарвозаҳои шаҳрро бастанд. Дар ду тарафи кӯчаи марказӣ муҳофизони шаҳр ҷойгир шуда, дар охири он худи Мавлонозода бо садҳо тирандози моҳир қарор гирифт. Ба мардуми шаҳр низ дастур дода шуд, ки хоб накарда, вазифаҳои худро дар нуқтаҳои таъиншуда иҷро намоянд.

Аз шикаст хӯрдан ва фирори Ҳусайну Темур хони муғул Илёсхоҷа гумон кард, ки шаҳри Самарқанд бе муҳофиз мондааст. Бинобар ин, дастаҳои пешҷангии ӯ ба Самарқанд омада, вориди

кӯчаи асосии он шуданд. Дар ҳамин вақт муҳофизони шаҳр бо ишораи Мавлонозода ба лашкари муғул аз се тараф ҳуҷум карданд. Муҳофизон аз санг ва фалахмонҳо низ истифода намуданд. Лашкари муғул талафоти зиёд дода, маҷбур шуд ақиб нишинад. Рӯзи дигар лашкари муғул дубора ба шаҳр ҳуҷум карда, аз усулҳои ҷангии худ истифода намуданд. Аммо ин дафъа ҳам ба мақсадашон нарсиданд. Сипас, чанд муддат шаҳрро муҳосира намуданд, аммо дар ҳамин вақт дар байни онҳо бемории тоуни асп пайдо шуд. Аз ин сабаб онҳо гирду атрофи шаҳрро ғорат карда, пас гаштанд.

Ҳангоми расидани ин хабар ба Темур ӯ ба назди амир Ҳусайн рафта, дар хусуси ба даст овардани Самарқанд машварат карданд. Аммо дар асл аз мубориза бо мардуми Самарқанд метарсиданд. Чунки барои шикаст додани онҳо боварӣ надоштанд. Бинобар ин, ба хулосае омаданд, ки ба Самарқанд ҳуҷум накарда, онро ба воситаи макру ҳилла ба даст оранд. Аз ин рӯ, Темур ва Ҳусайн ба роҳбари муҳофизони шаҳр нома навишта, қайд карданд, ки идораи шаҳр ба ӯ тааллуқ дорад ва сокинони шаҳр ҷазо дода намешаванд. Ҳамчунин, ба роҳбари шӯришгарон ба воситаи ҷосусҳои худ тухфаҳо фиристоданд. Ҷосусони Темур ва Ҳусайн вазъияти шаҳрро омӯхта, кӯшиш карданд, ки дар байни мардум тафриқа андозанд. Сипас, аввали фасли баҳори соли 1366 Темур ва Ҳусайн бо лашкари худ ба Самарқанд рафта, ба Сарбадорон мактуб навиштанд, ки мазмуни мактубашон ин буд: «Мо ба шумо бовари куллӣ дорем ва бо шумо беҳтар аз дигар ҳукмронон рафтор хоҳем кард». Бо ин гуна рафторҳо Темур ва Ҳусайн ба боварии роҳбарони Сарбадорон даромаданд. Роҳбарони Сарбадорон ба лашкаргоҳи Темур ва Ҳусайн рафтанд. Ҳангоми расидан ба онҷо ҳамаашон дастгир гардида, кушта шуданд. Темур аз Ҳусайн хоҳиш кард, ки аз хуни роҳбари Сарбадорон Мавлонозода гузашт намояд. Бо ин хоҳиши Темур Мавлонозода ба қатл расонида нашуд. Ба ҳамин тариқ, ҷунбиши сарбадорони Самарқанд бераҳмона фурӯ нишонда шуда, амир Ҳусайн ва Темур дубора ҳукмрони ин шаҳр гардиданд.

Ҷунбиши солҳои 1365-1366, зоҳиран, на фақат Самарқанд, балки деҳаҳои атрофро низ фаро гирифта будааст. Лекин манбаъҳои таърихӣ дар ин бора хеле кам маълумот додаанд.

Ҳаракати сарбадорон дар дигар минтақаҳо пештар шуруъ гардида буд. Аз ҷумла, дар ғарби Хуросон солҳои 1337-1381 тақрибан дар зарфи ним аср давлати сарбадорон мавҷудияти худро нигоҳ дошт, солҳои 1350-1392 дар Мозандарон ва аз соли 1370 дар Гелон давлати сайидҳо ба вуҷуд омад. Ҷунбиши сарбадорони Самарқанд (1365-11366) ва Карминаро (1373) на ин ки дар ҷудоӣ, балки дар қаринаи ҳамаи ин ҳаракатҳо бояд дид, ки баъзе ғояҳои муайяни онҳо, албатта, ба шакли махфӣ, дар миёна ва чоряки севуми асри XIV ба Осиёи Миёна низ нуфуз кардаанд.

## Ба сари ҳокимияти Мовароуннаҳр омадани Темур ва футуҳоти минбаъдаи ӯ

Темур ва Ҳусайн пас аз ин шаҳри Самарқандро дубора ба даст оварданд, вале чанде нагузашта муносибати Темур ва Ҳусайн бо ҳам бад гардид. Темур, ки дар давраи ҳукмронии Ҳусайн ҳокими шаҳри Кеш ва Қаршӣ буд, барои ба даст овардани ҳокимият ба муқобили Ҳусайн ба таври махфӣ кор мебурд. Соли 1370 Темур бо Ҳусайн мухолифати ошкоро намуда, ба Балх ҳуҷум кард. Ҳусайн ба муборизаи Темур тоб наоварда, дастгир ва сипас ба қатл расонда шуд. Темур ба Самарқанд баргашта, амири тамоми Мовароуннаҳр гардид. Аммо, аз сабаби он ки вай аз авлоди Чингизхон набуд, унвони хониро қабул накарда, Суюрғотмишро, ки аз авлоди Чингизхон буд, хон эълон карда, аз номи ӯ ҳокимиятро идора мекард. Инчунин, Темур ҳамсари амир Ҳусайн Сароймулкхонум маъруф ба Бибихонумро, ки духтари Қазанхони чингизӣ буд, ба занӣ гирифт ва ба ин восита лақаби «кӯрагонӣ» (домод)-ро гирифт.

Темур дар аввали ба сари ҳокимият омадан аз қабилаҳои чағатой, хусусан барлосҳо дастаи боэътимод ташкил карда, ба онҳо ҳар гуна имтиёзҳо дод. Аз ҷумла, сарбозони ин гуна дастаҳо андоз намесупориданд, дар ҳар куҷое, ки мехостанд зиндагӣ мекарданд, ба ҳар куҷое, ки мехостанд бо рама ва галлаи худ озодона мерафтанд ва аз чарогоҳҳо ва заминҳои зироатӣ истифода мебурданд. Дастаҳои ҳарбии аз ин қабилаҳо ташкилшуда такягоҳи асосии ҳокимият ҳисоб шуда, ҳангоми лашкаркашиҳои Темур фаъолона иштирок мекарданд.

Дар замони ба сари қудрат расидани Темур ва пеш аз ин вазъи сиёсии Осиёи Миёна ноустувор буд. Бинобар ин, дар байни ҳокимони маҳаллӣ мудом ҷангу хунрезӣ идома меёфт. Темур ин вазъиятро дарк карда, ҳангоми ба сари ҳокимият омаданаш пеш аз ҳама бар зидди ҳокимоне, ки майли ҷудоихоҳӣ доштанд, мубориза бурд. Мардуми маҳаллӣ, тоҷирон, пешаварон ва ғайраҳо, ки аз низоъҳои дохилӣ хаста шуда буданд, барои ташкили давлати муттамарказ Темурро пуштибонӣ мекарданд. Темур ба рӯҳониён низ бисёр имтиёзҳои иқтисодӣ дода, онҳоро ба тарафи худ майл кунонид. Бисёр аз ҳокимони хурд бо мақсади ба даст овардани сарват лашкаркашиҳои ғоратгаронаи Темурро дастгирӣ намуда, ҳокимияти ӯро эътироф ва ба ӯ итоат менамуданд.

Темур нахуст ҳокимияти худро дар соҳилҳои поёнии дарёи Сир, ки дар он ҷо давлати Оқӯрда буд, мустаҳкам намуд.Сипас, соли 1372 бори аввал ба Хоразм лашкар кашид. Пас аз ин ӯ боз 4 маротибаи дигар ба Хоразм лашкар кашид. Дар дафаъи охирини ҳуҷуми Темур ба Хоразм, ки соли 1388 рух дод, пойтахти он Урганҷ пурра хароб гардида, мардумаш ба Самарқанд муҳоҷир карда шуд. Бо фармони Темур дар ҷойи шаҳри Урганҷ ҷав кишт карданд. Соли 1391 Темур ба дубора барқарор кардани Урганҷ иҷозат дод.

Темур аз соли 1388 бар зидди Тӯхтамишхон муборизаро сар кард. Соли 1392 ба Қафқоз ҳуҷум кард ва Арманистону Гурҷистонро ғорат ва ба тасарруфи худ даровард. Соли 1395 Тӯхтамишхонро шикаст дода, лашкари ӯро таъқибкунон то давлати Рус дохил гардид. Темур пойтахти Олтинӯрда шаҳри Саройро, ки дар соҳили дарёи Волга воқеъ буд, ғасб карда, ба давлати хонии Олтинӯрда хотима гузошт.

Дар баробари ин муборизаҳо Темур ғасбкориҳои худро дар самти Хуросону Эрон низ оғоз карда буд. Ӯ аввалин маротиба соли 1381 бо баҳонаи мубориза бар зидди ҳокими Ҳирот дигар шаҳру қалъаҳои Хуросонро низ ишғол кард. Аз ҷумла, ӯ ҳангоми гузаштан аз оби Омӯ нахуст шаҳри Пушангро тасхир карда, ба дигар қалъаҳо рӯ овард. Темур Ҳирот ва дигар шаҳру қалъаҳои Хуросонро гирифта, ба Самарқанд баргашт.

Соли 1383 дар Сабзавор бар зидди ҳукмронии Темур шӯриш бардоштанд. Темур ба он ҷо лашкар кашида, шӯришро пахш кард

ва ба мардум ҷазоҳои сангин раво дид. Аз ҷумла, бо фармони Темур одамонро зинда дар байни хиштпораҳо гузошта, аз болояшон оҳак ва гил рехта, деворҳои баланд сохтанд.

Темур ба ҳангоми лашкаркашӣ ба қатли ом даст мезад. Масалан, соли 1387 дар Исфаҳон 70 ҳазор нафарро ба қатл расонда, аз сари буридаи онҳо манораҳо сохт. Соли 1398 ҳангоми ҳуҷум ба Ҳиндустон 100 ҳазор асирро ба қатл расонд. Соли 1401 Димишқро оташ зад ва дар рӯзи иди Қурбон дар Бағдод 90 ҳазор нафарро ба қатл расонд. Ин гуна кушторҳои ваҳшиёнаро Темур ба он хотир анҷом медод, ки чашми мардум аз ӯ тарсида, сар набароранд. Дар баробари ин Темур ба ҳар куҷое, ки лашкар мекашид, молу сарвати он ҷоро ғорат мекард.

Темур барои таъсиси як империи бузург муваффақ шуд. Ҳудуди давлати ӯ на танҳо Мовароуннаҳру Хуросон, балки Хоразм, соҳилҳои баҳри Хазар (Каспӣ), Ҳиндустон, Ироқ, ноҳияҳои ҷанубии Қафқоз ва як қатор кишварҳои Осиёи Ғарбиро фаро мегирифт.

Темур бо ин гуна ҳудудҳои паҳновари худ қаноат накарда, Чинро низ дар тасарруфи худ даровардани буд. Бо ин мақсад соли 1405 аз Самарқанд бо лашкари зиёд ба ҷониби Чин ҳаракат кард, аммо ҳангоми расидан ба Хоразм бемор шуда, вафот кард ва лашкараш аз ин сафар ба қафо баргашт.

## Муборизаи сулолавии Темуриён

Темур ҳангоми зинда буданаш давлати бузурги таъсисдодаашро дар байни писаронаш Ҷаҳонгир, Умаршайх, Мироншоҳ, Шоҳрух ва набераҳояш Муҳаммадсултон, Пирмуҳаммад, Иброҳим ва Улуғбек тақсим намуда буд. Аммо чун Темур даргузашт, пас аз чанд рӯз инерияи ташкилкардаи ӯ ба саҳнаи муборизаҳои хунини сулолавӣ табдил ёфта, ҳар кадом аз ворисони ӯ худро мустақил эълон кард. Темур пеш аз марги худ Пирмуҳаммад-писари Ҷаҳонгирро вориси тоҷу тахт таъин кард, аммо баъди вафоти ӯ набераи дигараш Халилсултон-писари Мироншоҳ, ки ҳокими Тошканд буд, лашкар ҷамъ намуда, пеш аз Пирумҳаммад ба Самарқанд омада, онро соҳиб шуд. Пирмуҳаммад бошад, чанд маротиба бо Халилсултон барои ба даст овардани Самарқанд мубориза бурд, вале ба ин муваффақ

нашуда, соли 1406 ба қатл расонда шуд. Дар ҳамин гуна вазъият намояндагони як қатор сулолаҳои турку муғул, ки Темур онҳоро аз ҳукмронӣ маҳрум карда буд, сар бадоштанд. Масалан, дар ғарб ва шимоли ғарбии Эрон намояндагони сулолаи туркманони қарақуйюнлу, дар Туркистон амир Худодод ва шайх Нуриддин ошӯб бардоштанд. Худодод бо лашкари муттаҳидкардааш, ки бештар аз муғулон ва қалмиқҳо иборат буд, ба Мовароуннаҳр ҳуҷум карда, Самарқандро дар тасарруфи худ даровarda, Халилсултонро асир гирифт. Писари Темур Шоҳрух, ки ҳокими Ҳирот буд, аз ин воқеа огоҳ шуда, ба Самарқанд лашкар кашид. Ӯ лашкари Худододро шикаст дода, Самарқандро озод кард ва ба воситаи ҷосусе Худододро ба қатл расонд. Аммо Шоҳрух Халилсултонро барои идораи давлат иҷозат надод, балки ӯро ҳокими Рай таъин карда, Самарқанд ва Мовароуннаҳрро соли 1409 ба ихтиёри писараш Улуғбек супурд. Худи Шоҳрух бошад, ба ҷониби Эрон лашкар кашид.

Шоҳрух дар ибтидои ҳукмронии худ писарони бародаронаш Ҷаҳонгир, Умаршайх ва Мироншоҳро аз ҳокимият дур кард. Ба ҷойи онҳо писаронаш Иброҳимсултонро соли 1414 ҳокими Шероз ва Суюрғотмишро соли 1418 ҳокими Кобул, Ғазнин ва Қандаҳор таъин кард.

Бо вуҷуди муборизаҳои Шоҳрух бар зидди ҳокимони саркаш, намояндагони сулолаи туркмани қарақуйюнлу баъди марги Темур қувват гирифта, сарзамини пеш аз ҳуҷуми Темур аз даст додаашонро дубора гирифта, ҳудуди заминҳои худро вусъат доданд. Шоҳрух ҳарчанд се маротиба бар зидди онҳо лашкар кашид, аммо натавонист онҳоро пурра шикаст диҳад. Бинобар ин, бо онҳо сулҳ баста, идораи Озарбойҷонро соли 1436 ба яке аз намояндагони ин сулола Ҷаҳоншоҳ дод.

Дар замони ҳукмронии Шоҳрух (1405-1447) давлати Темур як қисми заминҳояшро аз даст дод, аммо то як андоза қудрати пешинаашро нигоҳ медошт.

### Ҳукумронии Улуғбек

Дар давраи салтанати Шоҳрух давлати Темур ба ду қисм ҷудо шуда буд. Қисмати аввал давлати худи Шоҳрух, ки марказаш Ҳирот ва дуюм давлати Улуғбек, ки марказаш Самарқанд буд.

Ҳангоми ба тахт нишастани Улуғбек, ки понздаҳсола буд, ҳокимият бо дасти яке аз сарлашкарони Темур Шоҳмалик идора мешуд. Соли 1410 сарлашкари дигари Темур ҳокими Туркистон бо лашкари зиёд ба Самарқанд ҳуҷум кард. Улуғбек ба ин лашкар муқовимат карда натавониста, фирор намуд. Шоҳрух аз ин воқеа огоҳ шуда, ба Самарқанд омад ва ҳокими Туркистонро шикаст дод. Бо хоҳиши Улуғбек соли 1411 ӯ аз ҷониби падараш амалан ҳукмрони Мовароуннаҳр гардид. Аммо дар ин ҳолат ҳам Шоҳрух ҳокимияти олиро идора мекард. Улуғбек соле як ё ду бор ба Ҳирот рафта, аз натиҷаи корҳояш ба Шоҳрух ҳисобот медод.

Соли 1414 Улуғбек ба муқобили ҳокими Фарғона Аҳмад лашкар кашида, онро шикаст дода, қаламравашро ба ҳокимияти худ ҳамроҳ кард. Баъдан ӯ Кошғарро ҳам гирифт. Аммо рақибони асосии Улуғбек ӯзбекони қувватгирифта ва Муғулистон буданд, ки вайро ба ташвиш меандохтанд. Дар ибтидо Улуғбек муваффақ гашт, ки гумоштаҳои худро ба ин қавму мулкҳо ҳоким намояд, аммо минбаъд онҳо аз итоати Улуғбек сар печиданд.

Бо вуҷуди ин, соли 1425 Улуғбек дар ноҳияи Иссиқкӯл ва наҳри Или амирони Муғулистонро шикаст дод. Пас аз ду сол лашкари Улуғбек дар мубориза бар зидди ӯзбекҳои бодиянишин шикаст хӯрда, ин қабила мамлакатро ғорат намуданд. Шоҳрух баъди шунидани ин воқеа ба Самарқанд омада, ӯзбекони бодиянишинро торумор кард ва ба гунаҳкорони асосии ҳукумати Улуғбек ҷазо дода, худи Улуғбекро аз ҳокимият дур кард. Аммо боз ҳокимиятро дубора ба ӯ дод. Аз ин пас Улуғбек дар лашкаркашиҳо роҳбарӣ намекард. Дастаҳое, ки ба муқобили бодиянишинон равон менамуд, чандон муваффақ намешуданд. Бинобар ин, ӯзбекони бодиянишин қисмати муҳимми Хоразмро ишғол карда, чанд бор ба Мовароуннаҳр ва музофотҳои шимолии Эрон ҳуҷум намуданд.

Дар замони ҳукмронии Улуғбек дар Мовароуннаҳр як дараҷа ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ беҳтар шуд. Улуғбек бисёр аз донишмандонро ба Самарқанд даъват кард. Яке аз муҳимтарин дасотвардҳои ӯ ин бунёди расадхона мебошад, ки дар он ҷо бо иштироки худи Улуғбек ҷадвали нави нуҷумӣ тартиб дода шуд. Ҳамчунин, бо амри Улуғбек дар Самарқанд, Бухоро,

Кеш ва Ғиждувон бисёр биноҳои бузургу муҳташам сохта шуданд, ки мадрасаи регистони Самарқанд аз ҷумлаи онҳо мебошад.

Дар Ҳирот бошад, Шоҳрух қонунҳои шариати исломро ҷиддитар риоя мекард. Аз ин сабаб аз мардум низ иҷрои аҳкоми шариат талаб карда мешуд. Бо вуҷуди ин, дар он ҷо илму фарҳанг то дараҷае инкишоф ёфт. Писари Шоҳруҳ Бойсунқур китобхонаи бузурге сохта, дар он ҷо донишмандонро даъват намуд. Дар ин китобхона асарҳои пешин китобат мегардид, аз ҷумла «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар ин китобхона таҳия шуд.

**Қатли Улуғбек. Низоъҳои феодалӣ**

Соли 1447 Шоҳрух вафот кард ва писараш Улуғбек муддате дар Ҳирот қарор гирифт. Дар ҳамин вақт ӯзбекҳои бодиянишин ба Самарқанд ҳуҷум карда, шаҳрро дар муҳосира гирифтанд. Улуғбек барои мубориза бар зидди ӯзбекҳо ба Самарқанд рафт ва дар асной роҳ ба дастаҳои душман дучор шуд ва лашкараш талафоти калон дод, ки ин боиси пастшавии эътибори ӯ гардид. Боварии мардум аз ҳукумат коҳиш ёфт. Бо истифода аз ин фурсат писари Улуғбек Абдулатиф бо мақсади ба даст овардани ҳокимият бо таблиғу ташвиқи рӯҳониён ба муқобили падари худ исён бардошт. Улуғбек шикаст хӯрд ва моҳи октябри соли 1449 бо фармони писараш ба қатл расонда шуд. Аммо Абдуллатиф низ дер ҳумронӣ карда натавонист ва пас аз шаш моҳ дар натиҷаи сӯиқасд кушта шуд. Чунин мунокишаҳои байнихудии амирони темурӣ ба қабилаҳои бодиянишин имконият дод, ки мавқеи худро дар Мовароуннаҳр боз ҳам мустаҳкам намоянд.

Пас аз ин гуна воқеаҳо ба Абусаид, ки аз авлодони Мироншоҳ буд, муяссар гардид, ки бо кӯмаки сардори қабилаҳои бодиянишин Абдулхайрхон ҳокимияти хешро дар Мовароуннаҳр барқарор намояд. Дар замони ҳукмронии ӯ (1451-1469) таассуби динӣ ривоҷ ёфта, илму адаб коҳиш ёфт ва Мовароуннаҳр ҳамчун мамлакати пешқадами Шарқ аҳамияти худро аз даст дод.

Дар ҳамин давра дар Хуросон низ барои тоҷу тахт мубориза мерафт. Абусаид низ яке аз иштирокчиёни ин муборизаҳо буд. Ба ӯ муяссар гашт, ки Ҳиротро гирифта, сарзамини паҳновареро аз Тиёншон то Бағдод ва аз дашти қирғиз то дарёи Ҳинд дар таҳти

тасарруфи худ дарорад. Аммо ин мулкҳо ба ном ба ҳайати ҳукумати ӯ дохил мешуданд.

Мовароуннаҳр аз соли 1469 ба дасти фарзандони султон Абусаид гузашт ва Хуросон ба ихтиёри авлоди Умаршайх қарор гирифт. Бузургтарин намояндаи ин хонадон Султон Ҳусайн ибни Мансур ибни Бойқаро буд, ки дар Ҳирот ҳокимияти худро барқарор намуда, муддати чил сол салтанат кард.

## 2. ХОҶАГӢ. МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДӢ

### Вазъи умумии хоҷагӣ ва истисмори деҳқонон

Дар замони ҳукмронии Темуриён вазъияти хоҷагӣ нисбат ба замони муғулҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон беҳтар гардид. Ҳарчанд Темур зимни лашкаркашиҳояш бисёр шаҳрҳоро хароб ва мардуми зиёдро ба қатл расонида бошад ҳам, барои барқарор намудани низоми обёрии вайронкардаи муғулҳо ва васеъ гардонидани заминҳои кишт дар чанде аз вилоятҳои ҳокимияти худ тадбирҳо андешид. Аз ҷумла, дар Марв дар водии дарёи Мурғоб корҳои зиёди обёрӣ анҷом дода, фармуд, ки саркардаҳои ҳарбӣ ва шахсони олимансаб аз Мурғоб канал бароранд. Дар манбаъҳои таърихи 20 адади он тасдиқи худро ёфтанд, ки бо номи саркардаҳо ва мансабдорони аҳди темурӣ ном гирифтаанд.

Дар замони Темур ва Темуриён андози асосии замин хироҷ буд. Он ба ду шакл: якум ба тариқи мол, яъне ҳиссае аз маҳсулот ва дуюм аз рӯйи масоҳати замин ба тариқи пул ситонида мешуд. Аммо хироҷ асосан ба шакли мол рӯёнда шуда, ҳаҷми муайян дошт. Амалдорон барои барзиёд ситонидани андозҳо ҷазо дода мешуданд ва баъзан вақтҳо андози барзиёд ситонидаашонро ба соҳибонашон бармегардонданд.

Тибқи ахбори сарчашмаҳо дар ҳолатҳои лашкаркашӣ ва ё низоъҳои байнихудӣ дар як сол чанд бор андоз меситониданд ва ё меъёри андозро зиёд мекарданд. Ғайр аз хироҷи воридоти замин дар асри XV андозҳои дигари иловагӣ низ вуҷуд доштанд. Маоши бисёр аз мансабдорон аз ҳамин гуна андозҳо пардохт мешуд.

Дигар аз андози замони Темуриён андози «саршумор» буд. Ин навъи андозро муғулҳо ҳангоми ишғоли Осиёи Миёна ҷорӣ

карда буданд, ки сарикасӣ ном дошт. Ғайр аз ин, андози «дудӣ» низ вуҷуд дошт, ки бо сабаби дуд андохтан ситонида мешуд.

Дар баробари инҳо ба зиммаи аҳолӣ як қатор уҳдадориҳои дигар гузошта шуда буд. Мушкилтарини он андози «почта» – «улоғ» буд, ки ҳар як нафар уҳдадор буд ба қосид асп диҳад ва андоз «пешкаш» намояд, ки туҳфа ба ҳисоб мерафт ва барои ин гуна уҳдадориҳо ҳадде муқаррар карда нашуда буд.

Дар замони Темуриён барзгаронро дар сохтмон ва таъмири ҳисору қалъа, кофтан ва тоза кардани каналу корезҳо ва ғайра кор мефармуданд. Ин шакли маҷбурият «бегорӣ» номида мешуд ва барои аҳли меҳнат бори вазнин буд. Зеро онҳо аз кори асосиашон мемонданд.

Истисмори оммаи халқ аз тарафи табақаи ҳоким ба ҳадди ниҳоӣ расида буд. Бо вуҷуди ин, Темур ва баъзе Темуриён дар сиёсати молиётии худ меъёрҳои муайяншударо риоя мекарданд ва пеши роҳи худсарии соҳибмансабонро мегирифтанд. Ин барои тараққиёти хоҷагии деҳқонон шароити мусоид фароҳам наоварда бошад ҳам, ба ҳар ҳол онро аз харобии тамом нигоҳ дошт.

Бояд қайд кард, ки худи аҳолии шаҳру деҳот дар мавридҳои худсарӣ ва андозгириҳои ғайриқонунии маъмурони хироҷ ба муқобили ҳокимият эътироз менамуданд ё баъзан оммаи деҳқонон ба вилоятҳои дигар мекӯчиданд. Аз ин сабаб ҳукумат маҷбур мешуд, ки андозҳои аз меъёр зиёдаро бекор кунад.

Дар бораи заминдории ҷамоатӣ дар давраи Темуриён маълумот нест, вале ҳамаи аъзои ҷамоат нисбат ба замини он ҳуқуқи баробар доштанд. Бинобар ин, ҳангоми хариду фурӯш, бахшиш ба вақф ва ғ. ягон қитъаи заминҷро ҷудо кардан мумкин набуд. Ҳатто ба токзор ҳам ҳуқуқи умумӣ вуҷуд дошт. Шудгору кишт ва зироатпарварӣ ба таври ҷудогона сурат мегирифт. Ҳар як узви ҷамоат дар ин кор ҳиссаи худро мегузошт, вале дар байни аъзои ҷамоат бо ҳудуди муайяне ҷудо шудани қитъаи замин маълум нест. Ин заминҳо ба ҷамоат «ба таври абадӣ» тааллуқ доштанд, ки ин амри воқеӣ имтиёзи деҳқони ҷамоатиро нисбат ба деҳқони иҷоранишин нишон медиҳад. Деҳқони чамоатӣ бошад, оидоти заминро на фақат ба давлат, балки ба соҳибони вақф ва шахсони ҷудогонаи заминдор низ мепардохтанд. Яъне, он вакт

заминдории ҷамоатӣ ба навъҳои гуногуни замин: заминҳои давлатӣ, вақф ва милкҳои феодалӣ дахл мекард. Бинобар он, деҳқони ҷамоатиро фақат ба заминҳои давлатӣ алоқаманд кардан нашояд.

Қисми зиёди деҳқононро иҷоранишинони саҳмкор ташкил медоданд. Муҳлати иҷора набояд аз се сол мегузашт. Зарурати иваз кардани замини иҷора боиси беш аз пеш афзудани фоидаи заминдорони иҷорагузор гардида буд.

**Категорияҳои моликияти феодалон ба замин. Суюрғол дар асри XV**

Дар асри XV захираи заминҳои вақф зиёд гардид. Темур ва Темуриён аз ҳисоби амволи вақф фаъолияти бинокориро вусъат дода, дар бисёр шаҳрҳои Осиёи Миёна ва Эрон мадрасаву масҷид, мақбараву хонақоҳ ва ғайраҳо сохтанд.

Амволи вақф дар ихтиёри мутаваллӣ буд. Аксар вақт вақфгузорон худ ва авлодашонро мутаваллӣ таъин мекарданд. Ҳамчунин, идораи махсусе низ буд, ки идораи вақфро назорат менамуд ва ин муассиса роҳбар низ дошт. Дабирхонаи роҳбар ё садр аз сарвати вақф молҳои махсус мегирифт ва онро барои маоши кормандонаш масраф мекард. Амволи вақф аз назорати садр танҳо бо фармони махсуси подшоҳ озод шуда метавонист. Ҳам садр ва ҳам кормандони ӯ саъй мекарданд, ки аз оидоти вақф ҳиссаи бештаре ба даст оранд. Барои ин муборизаҳои тезутунде сурат мегирифт. Бо сабаби сӯиистифода аз мансаб баъзе садрҳоро аз вазифа мегирифтанд.

Дигар намуди андозу молиёт аз ҳамаи заминҳои вақф ба фоидаи хазинаи давлат ситонида мешуд. Аммо дар баъзан ҳолатҳо аз баъзе заминҳои вақф бо супориши махсуси подшоҳ андоз ситонида намешуд. Дар замони Темур ин гуна озодкуниҳо бисёр анҷом меёфт.

Дар замони Темуриён захираи заминҳои давлатӣ аз дигар намуди заминҳо бештар буд. Аммо дар натиҷаи инъоми замин аз ҷониби амирони Темурӣ, ҳиссаи ками он ба хазинаи давлат дохил мешуд. Суюрғоли асри XV ягона ва дар шакли мустақим набуд. Дар ин давра навъҳои гуногуни подош вуҷуд дошт, ки онҳоро низ суюрғол мегуфтанд. Аз намудҳои маъмули суюрғол милки хосаи аъзои хонадони салтанатӣ ба шумор мерафт. Онҳо дар шаҳру

вилоятҳои бузурги ҳамчун инъом бадастовардаи худ амалан соҳибихтиёри комил буданд. Ин навъи инъомҳоро баъзан мансабдорони калон низ соҳиб мешуданд ва дар шаҳру вилоятҳо ба таври худ ҳукмфармоӣ мекарданд. Ҳамзамон ин гуна суюрғолҳо хусусиятҳои меросӣ гирифта буданд. Бинобар ин, онҳоро суюрғолҳои «абадӣ» низ мегуфтанд.

Ғайр аз ин, суюрғолҳои хурд низ вуҷуд доштанд. Ҳуқуқи ин гуна заминдорҳо маҳдуд буд. Дар замони Темур сипаҳсолорон ва сардорони дастаҳо, ки корнамоиҳои хубе мекарданд, ба ин гуна инъомҳо мушарраф мешуданд. Ҳаҷми ин гуна суюрғолҳо метавонист аз як вилояти калон то як деҳаи хурде бошад, яъне ҳаҷми ин гуна суюрғол гуногун буд. Рӯҳониён низ метавонистанд ба ин гуна суюрғол соҳиб шаванд.

Заминҳои милк дар давраи Темуриён бисёр буданд. Онҳо ба ашроф ва табақаи рӯҳониён тааллуқ доштанд. Масалан, ба ихтиёри Хоҷа Аҳрор, ки яке аз амлокдорони давр буд, 1300 қитъаи замин дар вилоятҳои мухталифи Осиёи Миёна қарор дошт. Аз оидоти заминҳои милк фақат як ҳиссааш ба давлат тааллуқ мегирифт. Аммо дар асри XV бештари заминҳои милки ашроф ва рӯҳоният аз пардохти як ҳиссаи оидот ба хазинаи ҳукумати марказӣ озод шуданд.

### Тиҷорат

Дар асри XV касбу ҳунар ва тиҷорати пулии дохилӣ ба дараҷаи баланди тараққиёт расида буд. Ҳаҷми умумии истеҳсоли мол ва ҳам вазни хоси истеҳсоли молҳои сермасраф зиёд гардид. Табақаҳои васеи ҷамъиятӣ, шоҳ ва қисман аҳолии деҳот, хусусан аҳолии деҳаҳои назди шаҳрҳо ба муносибатҳои молию пулӣ гузаштанд.

Тиҷорати пулӣ дар доираи истеъмоли умум ва василаи сиккаҳои мисӣ ба вуқӯъ пайваст. Ислоҳоти пулие, ки Улуғбек дар соли 1428 анҷом дод, аз ин ҷиҳат аҳаммияти калон дошт. Мақсади асосии ин ислоҳот фароҳам овардани шароити мусоид барои савдои чаканаи молҳои сермасраф буд. Аз ин ислоҳот аз ҳама бештар сокинони одии шаҳр ва аҳолии деҳот фоида медиданд. Мазмун ва моҳияти он аз он иборат буд, ки дар соли 1428 ҳамаи сиккаҳои миссии пастқурби пешина аз эътибор соқит шуда,

дорандагони он метавонистанд ин пулҳояшонро дар муддати муайян ба сиккаҳои нави нисбатан баландқурб иваз намоянд. Сиккаҳои нав аз соли 1428 сар карда, дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Тошканд, Шоҳрухия, Андиҷон, Қаршӣ ва Тирмиз зарб зада мешуданд. Шакли ягонаи пулҳо бисёр мушкилотро дар соҳаи тиҷорат аз байн бурда, пеши роҳи сӯиистеъмол ва қалобиро гирифт. Ҷорӣ шудани ислоҳот ва муваффақияти он барои инкишофи минбаъдаи тиҷорати молҳои сермасраф шароити мусоид фароҳам овард. Аммо дар охири асри XV гардиши умумидавлатии сиккаҳои миссӣ бенизом гардид. Зеро ҳокимони маҳаллӣ бо мақсади ба даст овардани фоидаҳои бештар сиккаҳои худро баровaрданд, ки дар натиҷа найрангу каллобӣ сар зад.

Дар асри XV тиҷорати байналхалқӣ ривоҷ ёфт. Темур ва Темуриён барои равнақи тиҷорати байналхалқӣ кӯшишҳои зиёд мекарданд. Ҳатто Темур ба подшоҳони Фаронса ва Англия мактуб навишта, қайд намуда буд, ки тоҷиронро пуштибонӣ кунанд. Дар ин давра ба бозорҳои Осиёи Миёна бисёр молҳои хориҷӣ ворид мешуд ва дар навбати худ аз Осиёи Миёна ба дигар кишварҳо низ молу ашёи беш содир мегардид.

### Шаҳр ва касбу ҳунар

Дар асри XV коргоҳҳои умумии косибону ҳунармандон устувор гардида, аҳаммияти хоса пайдо карданд. Дар вақти ҷашнороии Темур ва Темуриён ҳар як коргоҳи косибон метавонист бо ихтиёри худ ширкат кунад.

## 3. МАДАНИЯТ

### Бинокорӣ ва меъморӣ

Дар ин замон бинокориву меъморӣ як дараҷа рушд карда буд. Темур ва ворисони ӯ сохтмони биноҳоро беш аз пеш вусъат медоданд. Феодалони калон ин амали онҳоро дида, ба онҳо тақлид мекарданд. Хусусан, дар Самарқанд ва Ҳирот, ки пойтахтҳои давлати Темуриён буданд, бинокорӣ ва меъморӣ ба дараҷаи баланд расида буд. Дар дигар шаҳрҳо низ иншоотҳои нав сохта шуданд. Аммо аз қасрҳои сохташудаи он давра теъдоди каме боқӣ мондааст. Яке аз ёдгориҳои барҷомондаи он давра қисми пештоқи

Оқсарои Шаҳрисабз мебошад, ки бо фармони Темур бино ёфта буд.

Темур, ворисони ӯ ва дарбориёнаш боғҳои қасрдори берунишаҳрӣ месохтанд. Ин боғҳо бо растаҳои сабзу гулгаштҳои хуррам ба қитъаҳои муттаносиб тақсим гардида, дар онҳо гулу буттаҳо ва дарахтони сара бо завқу салиқаи баланд шинонида мешуд. Ҳамчунин, дар байни ин боғҳо кӯшкҳо бино меёфтанд. Сохтмони ин гуна бино ҳам дар боғҳои замони Темурланг ва ҳам даро боғҳои замони ворисони ӯ ба мушоҳида мерасид.

Биноҳои ҷамъиятӣ низ дар ин давра сохта мешуданд. Яке аз чунин осори меъмории шаҳрвандӣ бинои бозор дар Самарқанд мебошад, ки бо фармони Темур сохта шуд. Ин бозори хиёбонии тоқу равоқдор ва панҷаракоришуда буд. Дар бораи ин бозор сафири испанӣ Ру Гонселос де Клавихо, ки соли 1404 дар Самарқанд қарор дошт, дар асараш маълумот додааст.

Писари Темур Шоҳрух низ дар замони ҳукмронии худ дар Ҳирот ба монанди бозори Самарқанд бозор сохт. Ин бозор дар ду тарафи хиёбони Чорсӯ воқеъ гардида буд ва биноҳои дӯконҳо аз ду қабат иборат буда, болои хиёбонро саросар гунбазҳои панҷарадор мепӯшонд.

Масҷиду мадраса ва мақбараҳои аз он замон то замони мо боқимонда дар бораи комёбиҳои муҳандисӣ, лоиҳакашӣ, бинособзӣ ороишгарии меъморони асри XV тасаввуроти пурра ба вуҷуд меорад. Маълум гардидааст, ки дар аввалҳо сохтмони биноҳо ва гунбазҳои онҳо бо усули собиқ анҷом меёфт. Баъдҳо усули нав пайдо шуд, ки аз муҳимтарин муваффақиятҳои бинокорони онвақта маҳсуб меёфт. Дар ин давра василаҳои ороишӣ хеле гуногун ва мукаммал буданд. Тасвирҳои нафиси наботӣ ва ҳандасӣ, интихоби рангҳои асил, тарҳи ҷолиби луоби нилгун, ки дар замини дурахшони он тахайюлоти беинтиҳои мусаввир нақшҳои зебое меофарад, аз хусусиятҳои барҷастаи хотамкории он замон ба шумор меравад. Барои ороиши деворҳои дарунӣ усули кундал, ки аз омезиши андудаи тилло бо ягон хел ранг (бештар ранги кабуд) иборат аст, истифода мешуд.

Намоёнтарин ёдгориҳои бинокории дигари замони Темуриён масҷиди Бибихонум, мақбараҳои Шоҳизинда, Рухобод, Қутби Чаҳордаҳум, Гӯри Мир ва ғайраҳо ба Шумор мераванд. Яке аз

беҳтарин ёдгориҳои Улуғбек мадрасаи ӯ мебошад. Ин мадраса дар Регистони Самарқанд воқеъ аст.

### Санъати наққошӣ ва минётур

Дар замони Темур ва Темуриён санъати наққошӣ низ рушд кард. Деворҳои иморатҳои бошукӯҳ бештар бо тасвирҳо зиннат меёфтанд. Сюжети онҳоро манзараҳои ҷангу муҳосираи шаҳрҳо, базму зиёфат, русуми пазироӣ ва саҳнаҳои муқаррарии зиндагӣ ташкил менамуданд.

### Илму адаб дар нимаи дуюми асрҳои XIV-XV

Дар асрҳои XIV-XV илму адабиёт низ тараққӣ кард. Яке аз маъруфтарин олимони замони Темур Саъдуддин Масъуд ибни Умари Тафтазонӣ мебошад. Ӯ то охири умр дар Ғиждувон, Ҷом, Хоразм, Туркистон, Самарқанд, Ҳирот ва Сарахс ба дарсгӯӣ машғул шуда, асарҳои зиёде офаридааст.

Муаррихи барҷастаи он давра Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ мебошад. Ӯ соли 1488 дар Димишқ таваллуд шуда, ҳангоми ҳуҷуми Темур ба Димишқ соли 1401 дар қатори асирон ба Самарқанд оварда мешавад. Ибни Арабшоҳ асарҳои зиёде навиштааст, аммо маъруфтарин асари таърихии ӯ «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» мебошад. Муаррихи дигари замони Темур Низомиддини Шомӣ аст, ки таърихи Темурро дар асараш «Зафарнома» то соли 1404 инъикос намудааст. Ин асар аз аввалин асарҳои таърихӣ ҷиҳати навиштани таърихи Темур ба ҳисоб меравад. Худи Низомиддини Шомӣ аз соли 1401 то соли 1404 дар хизмати Темур қарор дошт ва бисёре аз воқеаҳои инъикоскардаашро бо чашми худ дидааст.

Шарафуддин Алии Яздӣ (вафоташ 1454) аз таърихнависони дарбори Темуриён буд. Алии Яздӣ соли 1425 таърихи Темур ва ворисони ӯро дар асараш «Зафарнома» тасвир кардааст. Таърихнависи дигар Мирхонд низ дар давраи ҳукмронии ворисони Темур зиндагӣ ва фаъолият кардааст. Асари таърихие бо номи «Равазту-с-сафо» навиштааст, ки таърихи инсониятро аз замони пайдоиши одам то давраи худаш фаро мегирад.

Дар ин давра адабиёти бадеӣ низ инкишоф ёфт. Яке аз намояндагони маъруфи асрҳои XIV-XV Шамсуддин Муҳаммад

Ҳофизи Шерозӣ (ваф 1389) мебошад. Ҳофиз дар аёми кӯдакӣ хеле барвақт аз падар ятим монд. Модараш, ки имконияти хонондани фарзандашро надошт, ӯро ба тарбияи шахсе гузошт. Лекин Ҳофиз ба зудӣ хонаводаи ин шахсро тарк намуда, ба нонвое шогирд шуд. Ғайр аз ин, ӯ муддате дар мадраса таҳсил кард ва баъдан зидагии даревешона ба сар бурд. Мудом ба илму дониш машғул гардида, ҳамчун шоир шуҳрат пайдо кард. Шеърҳои ӯ ҳанӯз дар аёми зинда буданаш дар байни халқ паҳн шуда, қисмеашон ба фолклор дохил шуд. Ӯ то имрӯз дар Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон аз маҳбубтарин ва машҳуртарин шоирон ба шумор меравад. Ҳофиз дар таърихи адабиёти тоҷик нақши бузург гузоштааст. Аз ҷумла, навъи лирика, яъне ғазалро ба дараҷаи олии такомул расонида, ба он мазмуни тоза ворид кард. Муосирони Ҳофиз мазмуни тасаввуфии ашъори ӯро ба назар гирифта, ӯро дар вақти зинда буданаш «Лисону-л-ғайб» номиданд. Гёте ишорати Ҳофизро ҳамчун ифодаи эътирози зидди зӯҳду риё дарк намуда, дар «Девони ғарбию шарқӣ»-и худ китоби махсуси шеърҳояшро бо унвони «Ҳофизнома» ба шоири бузурги форсу тоҷик бахшид.

Дигар аз шоирони маъруфи ин давра Камоли Хуҷандӣ мебошад. Ӯ дар Хуҷанд таваллуд шуда, давраи наврасияшро дар он ҷо гузаронидааст. Сипас, барои таҳсил ба Самарқанд омада, баъдан ба Табрез рафт ва дар дарбори ҳокими он ҷо қарор гирифт. Вақте ки хони Олтинӯрда Тӯхтамишхон Табрезро забт кард, Камол ба асирӣ афтода, ба пойтахти Олтинӯрда шаҳри Сарой бурда шуд. Ӯ пас аз чанд соли маҳбусӣ ба Табрез баргашта, тахминан соли 1400 вафот кард.

Ғазалҳои Камоли Хуҷандӣ хеле равон ва хушоҳанг буда, мавзӯъҳои гуногунро дар бар мегирад.

Шоири дигари ин замон, ки шеърҳояш ба шеърҳои Ҳофизу Камол монандӣ дорад, Носири Бухороӣ мебошад.

Илму адаб дар аҳди салтанати Улуғбек низ равнақ ёфт. Ӯ барҷастатарин намояндагони афкори илми нуҷум ва ҳандасаи замонро ба Самарқанд даъват кард. Улуғбек соли 1428 сохтмони бинои расадхонаи бузургеро ба итмом расонда, онро бо асбобу олоти мукаммал муҷаҳҳаз сохт. Ин расадхона дар тараққиёти илми нуҷуми он давра нақши бағоят муҳимме бозид.

Дар ин вақт Самарқанд ва Ҳирот ба марказҳои бузурги маданияти Шарқ табдил ёфта буданд. Ҳирот дар замони Шоҳрух ба пешравӣ оғоз карда, дар нимаи дуюми асри XV, яъне дар айёми ҳукмронии султон Ҳусайн Бойқаро (1469-1506) яке аз марказҳоии илму маданият ҳисоб меёфт. Дар ин ҷо аз тамоми гӯшаву канорҳои Мовароуннаҳру Эрон ходимони илму ҳунар ҷамъ омаданд.

Бузургтарин намояндаи адабиёти ин давра Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) мебошад. Ҷомӣ дар деҳаи Ҷоми наздики Нишопур ба дунё омада, дар Ҳирот таҳсил намуда, дар ҳамин ҷо фаъолияти илмиву адабияшро оғоз кардааст. Ӯ аз сермаҳсултарин шоири адабиёти миёнаи асри XV тоҷик мебошад. Асоситарин асари манзуми Ҷомӣ «Ҳафт авранг» мебошад, ки аз ҳафт достони бузург иборат аст.

# ФАСЛИ ПАНҶУМ[80]
# ТОҶИКОН ДАР ОХИРҲОИ АСРИ МИЁНА

*Фасли панҷуми «Тоҷикон»-и академик Б. Ғафуров аз се боб иборат буда, ба инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асрҳои XVI – миёнаҳои асри XIX бахшида шудааст. Олими шинохта ҳаёти сиёсӣ, иҷтимою иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар давраи ҳукмронии хонадонҳои Шайбониён (1500-1601), Ҷониён (Аштархониҳо, 1601-1785), аморати Бухоро (1785-1920) ва хонии Хӯқанд (1709-1876) то истилои русҳо (миёна асри XIX) дар заминаи маводи муътамади таърихӣ, пеш аз ҳама осори хаттӣ ва пажуҳишҳои олимони хориҷию ватанӣ мӯшикофона мавриди таҳлилу ташхис қарор додааст.*

## БОБИ ЯКУМ
## ҲАЁТИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ДАВЛАТИ ШАЙБОНИЁН (АСРИ XVI)

### 1. ТАЪРИХИ СИЁСӢ, ИСТИЛОИ ДАВЛАТИ ТЕМУРИЁН

#### Сиёсати дохилии Шайбонихон

Дар ин боб академик А.Ғафуров дар бораи ҳуҷуми ӯзбекҳои бодиянишин, ки дар таърих бо номи Шайбониён шиносоӣ шудаанд, ба Мовароуннаҳру Хуросон ва ишғоли ин сарзаминҳо сухан карда, масоили сиёсати дохилии давлати Шайбониён, муборизаи Шайбониён бо намояндаи хонадони темурӣ Заҳируддин Бобур, вазъи Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XVI, низоъҳои дохилӣ, ба сари қудрат омадани Абдуллоҳхони Шайбонӣ ва «ҷамъ кардани мулки хоса», муносиботи иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла роҷеъ ба моликият ва истифодаи замин, касбу ҳунар, тиҷорати дохилӣ, муомилоти пулӣ, тиҷорати хориҷӣ, муносиботи дипломатӣ ва инчунин маданияти моддӣ ва маънавиро баррасӣ кардааст.

Дар ибтидои асри XVI қабилаҳои бодиянишини Дашти Қипчоқ зери сарварии Муҳаммад Шайбонихон бо истифода аз

[80] Аз ин ҷо китоби дуюм оғоз меёбад, ки муаллиф онро “Тоҷикон. Охирҳои асри миёна ва давра нав” ном гузоштааст.

низоъҳои дохилӣ ва хонаводагии намояндагони хонадони темурӣ ба Мовароуннаҳр ҳуҷум ва онро ишғол карда, сарзамини Хуросонро низ соҳиб шуда, давлати Шайбониёнро таъсис доданд. Ин қабилаҳо дар Мовароуннаҳр баъдан бо номи ягонаи ӯзбек муттаҳид гардиданд.

Шайбонихон аз хонадони Чингиз буда, бобои ӯ Абулхайрхон дар нимаи аввали асри XV иттиҳоди бузурги қабилавиро дар сарзамине аз поёноби дарёи Сир то Сибир, ки дар манобеи таърихӣ бо номи Дашти Қипчоқ маъруф аст, ташкил намуд. Ин иттиҳоди ташкилнамудаи Абдулхайрхон бе пояи иқтисодӣ буд ва баъд аз вафоти ӯ аз миён рафт. Шайбонихон хост, ки ин иттиҳоди ташкилнамудаи бобояшро дубора барқарор кунад. Муборизаи Шайбонихон барои ба даст овардани ҳокимият дар ин сарзамин барор нагирифт. Ӯ дар ин мубориза борҳо аз ёрию дастгирии Темуриён баҳраманд гардида буд.

Шайбонихон ва бародараш Маҳмуд султон баъд аз саргардониҳои зиёде ба Мовароуннаҳр паноҳ меёбанд. Дар муддати ду соли зиндагӣ дар Бухоро Шайбонихон неруи ҷангии худро қавӣ намуда, дубора барои ба даст овардани ҳокимияти аз дастрафтааш ба Дашти Қипчоқ ҳамла меорад ва дар натиҷаи муборизаҳои шадид ҳокимиятро дар он ҷо ба даст меорад.

Сарвати зиёд, низоми устувори идораи давлат дар Мовароуннаҳр ва дар баробари ин авзои парокандаи сиёсии ин сарзамин андешаи ба даст овардани ин кишварро ба Шайбонихон талқин менамояд. Барои саҳроиёни Дашти Қипчоқ ҷанг василаи ягонаи ба даст овардани эҳтиёҷоти рӯзгор ба ҳисоб мерафт. Бо ғорату тороҷ ин қабилаҳо ончиро, ки дар зиндагии саҳроияшон мавҷуд набуд, пайдо менамуданд.

Воқеан парокандагии сиёсию иқтисодӣ, таҷзияталабии ҳокимони вилоятҳои мухталиф ва шиддат ёфтани ихтилофоти дохилӣ давлати Темуриёнро хеле заиф намуд. Бодиянишинон ин мушкилоти давлати Темуриёнро ба хубӣ эҳсос намуда, дар ҳар лаҳзаи муносиб ноҳияҳои сарҳадии Мовароуннаҳрро ғорату тороҷ мекарданд. Аммо дар ибтидои садаи XVI ба ишғоли комили он иқдом намуданд.

Дар ҳамин солҳо душмани ашаддии Темуриён, бодиянишинони қисмати шимолии Мовароуннаҳр–муғулҳо

Тошкандро маркази худ қарор дода, ҳар доим ба ноҳияҳои марказӣ ҳамла намуда, аҳолиро тороҷ мекарданд. Темуриён Шайбонихонро ба муқобили ин душмани худ истифода карданӣ шуданд, вале ӯ аксар вақт хилофи ваъдаи худ амал карда, ба мулкҳои ҳар ду тараф ҳуҷумҳои ғоратгарона менамуд. Оқибат Шайбонихон аз ҳамқавмони худ лашкари бузурге ташкил дода, бо муғулҳо муоҳида баста, ба истилои Мовароуннаҳр шурӯъ намуд.

Соли 1500 Шайбонихон бо кӯмаки ҳокими Тошканд Маҳмудхони муғул, ки 5000 сарбозро дар ихтиёраш гузошта буд, ба ҷониби Самарқанд лашкар кашид ва шаҳрро ба муҳосира гирифт. Аъёну ашрофи Самарқанд бо эҳос намудани хатари бузурге сокинони шаҳрро ба муҳофизати он бархезониданд. Ин замон буд, ки ҳокими Бухоро Муҳаммад Боқӣ тархон бо 10 ҳазор лашкар тасмим гирифт ба самарқандиёни муҳосирашуда ёрӣ намояд. Аммо Шайбонихон даст аз муҳосираи Самарқанд бардошт ва ба пешвози онҳо рафта, дар наздикии қалъаи Дабусия ба Муҳаммад Боқӣ тархон  шикаст дод. Ин пирӯзӣ боис шуд то Шайбонихон ба ҷониби пойтахти дуюми Мовароуннаҳр - шаҳри Бухоро лашкар кашад ва шаҳрро дар муҳосира гирифта, онро бе ҷанг ба даст оварад.

Таслим намудани Бухоро ба Шайбонихон аз ҷониби рӯҳониён ва аъёну ашрофи шаҳр ба рӯҳияи муҳофизони Самарқанд зарбаи ҷонгудозе зад. Иловатан ин замон буд, ки миёни ҳокими Самарқанд султон Алӣ мирзо ва ҳокими собиқи темурии қалъаи Утрор Муҳаммад Мазид тархон, ки баъди забти Утрор аз ҷониби муғулон ба Самарқанд паноҳ бурда буд ва тамоми қудрати идорӣ дар дасташ қарор дошт, низоъ ба амал омад. Низоъҳои дохилӣ ва қасд ба ҷони ҳамдигар кардани аъёну ашрофи Самарқанд хотима надошт. Миёни султон Алӣ мирзо аз як тараф ва Бобуру пири силсилаи нақшбандияи Мовароуннаҳр – Хоҷа Қутбуддин Муҳаммади Яҳё – писари Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор аз тарафи дигар ихтилофи шадиде ба миён омад. Султон Алӣ мирзо аз он ҳарос дошт, ки бо он таваҷҷуҳе, ки Хоҷа Қутбуддин Муҳаммади Яҳё ба Бобур дорад, имкони он шояд фароҳам шавад, ки Бобур ба тахти Самарқанд бинишинад.

Шайбонихон аз ин мухолифати сарварони ҳукумати Самарқанд хабар ёфта, замонро мувофиқ дид ва ба ҷониби

Самарқанд лашкар кашид. Султон Алӣ мирзо аз тарси рафтани ҳукумат ба дасти душманони дохилиаш, ба сарнавишти шаҳр ва шаҳриёни Самарқанд хиёнат карда, пинҳонӣ тавассути нома ба Шайбонихон аз таслими шаҳр  хабар медиҳад. Хоҷа Яҳё аз хиёнати султон Алӣ хабардор шуда, роҳбарии ҳимояти шаҳрро ба ихтиёри худ мегирад. Аммо мардуми ноумед ва парешони Самарқанд ба даъвати Хоҷа Яҳё барои дифои шаҳр берабтӣ нишон медиҳанд ва аъёну ашрофи шаҳр бо туҳфаҳои фаровон ба назди Шайбонихон мераванд. Ҳамин тавр, соли 1500 шаҳри Самарқанд бе набард ба Шайбонихон таслим мешавад.

Бобур баъд аз он ки Самарқандро тарк гуфт, ба Ҳисор омад. Тирамоҳи соли 1500 ӯ бо теъдоде аз тарафдоронаш аз тариқи кӯҳҳои Фон ва Киштут ба тарафи шаҳри Самарқанд рафт. Бобур бовар дошт, ки сокинони шаҳр дар мубориза бар зидди ӯзбекон кӯмакаш хоҳанд кард. Ин пешбинии Бобур дуруст баромад ва сокинони шаҳри Самарқанд ҳамроҳ бо Бобуру тарафдоронаш бар зидди Шайбонихон бархостанд. Кӯшишҳои Шайбонихон дар бораи нигаҳ доштани ҳокимият дар шаҳри Самарқанд бенатиҷа анҷом ёфт ва Бобур ба тахти Самарқанд нишаст. Бо вуҷуди ин, ки Бобур бо ҷонибдории шаҳриёни Самарқанд ва иддае аз рӯҳониён шаҳрро аз Шайбонихон пас гирифт, аммо бар асари талаву тороҷи лашкари Шайбониён Самарқанд дар ҳолати ниҳоят буҳронӣ қарор дошт. Бобур натавонист дар баробари ҳуҷуми дигари Шайбонихон, ки дар моҳи апрели 1501 дар мавзеи Сарипул сурат гирифт, аз ин шаҳр дифоъ кунад ва ба дохили шаҳр паноҳ бурд. Ба муборизони шаҳр силоҳ намерасид ва илова бар ин, дар шаҳри аз тарафи Шайбонихон муҳосирашуда гуруснагӣ ҳукмфармоӣ мекард. Гуруснагӣ то ҳадде расид, ки мардум гӯшти саг ва харро мехӯрданд. Бо дарназардошти рӯз ба рӯз мушкил шудани вазъ Бобур дар нимаи дуюми соли 1501 Самарқандро тарк кард. Шайбонихон ин бор ба тариқи ҳамешагӣ бар Самарқанд пирӯз шуд.

Ба Шайбонихон беш аз ҳама сокинони шаҳри Қарокӯл муқовимат карданд. Қарокӯл шаҳре дар наздикии Бухорост. Баъди забти ин шаҳр Шайбонихон онро ба писари амакаш Суюнҷхоҷа – Ҳамза султон ба доруғагӣ дод. Ҳамза султон он қадр ситам ба ҷони мардум раво дид, ки қишрҳои гуногуни ҷомеаи Қарокӯл соли

1501 даст ба исён заданд, ки дар маркази онҳо мардумони бебизоат қарор доштанд. Ҳамза султон фирор кард ва ҳокимият ба дасти мардуми исёнгар гузашт. Аз ин исёни Қарокӯл Шайбонихон ба ҳарос афтод ва Ҳамза султонро аз ҳокимияти он ҷо барканор кард ва ба ин васила хост то исёнкунандагонро ором созад. Аммо ин иқдоми Шайбонихон мардуми Қарокӯлро ором накард ва он исён давом ёфт. Мардуми Қароқӯл лашкари тозавориди ӯзбекон бо сарварии Бубай султонро, ки Шайбонихон ба ивази Ҳамза султон ба Қароқул таъин карда буд, торумор намуданд ва худи Бубай султон ба асорат афтод.

Бо дарназардошти ин гуна сурат гирифтани воқеа Шайбонихон, ки дар Бухоро буд, барои пахши ин исён худ иқдом кард. Лашкари ӯ бо сарварии Ҷонибек султон ва писараш Муҳаммад Темур ба Қароқул омаданд. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо 10 ҳазор аз мардумони Қарокӯл ба мубориза бархостанд ва баъди муқовимати чаҳормоҳа ба Шайбонихон муяссар шуд, ки вориди ин шаҳр гардад. Ғосибон мардуми исёнгари Қарокӯлро, ки аксар ба қалъаи он паноҳ бурда буданд, аз дами теғ гузарониданд. Шайбонихон дастур дод то аз чаҳорсад сари буридаи мардуми Қарокӯл дар назди бозори аспи он шаҳр манора созанд.

Пас аз ишғоли аксари шаҳрҳои Мовароуннаҳр Муҳаммад Шайбонихон барои забти яке аз вилоятҳои он – Ҳисор лашкар кашид. Тасхири Ҳисор аз чанд ҷиҳат барои Шайбонихон муҳим буд. Нахуст ин, ки ин сарзамин миёни минтақаҳои Мовароуннаҳр аз шумори ободтаринҳо ба ҳисоб мерафт ва талоши Шайбониён дар забткориҳои Мовароуннаҳр ин пеш аз ҳама ба даст овардани сарзамини ҳосилхез ва сарсабзу ободу буд. Дигар ин ки бо тасарруфи водии Ҳисор Шайбониён барои худ дарвозаеро ба ҷониби Хатлону Рашт ва Бадахшону шимоли Хуросон боз мекарданд. Дар моҳҳои март – апрели соли 1504 амалиёти тасарруфи Ҳисор аз ҷониби Шайбониён муваффақона анҷом пазируфт. Бар асари набардҳо миёни Темуриён ва Шайбониён шаҳри Ҳисор дар ибтидои садаи шонздаҳ комилан хароб гардид.

Баъди ишғоли шаҳру вилоятҳои Мовароуннаҳр Шайбонихон ба сарҳади Хуросон наздик шуд. Шайбонихон дар назди худ мақсад гузошт, ки Хуросон ва пойтахти дигари Темуриён – шаҳри

Ҳиротро ба даст оварад. Бо ин сабаб соли 1507 милодӣ Шайбонихон ба ҷониби Ҳирот лашкар кашид. 7 майи соли 1507 сипоҳи темуриёни Хуросон аз ҷониби лашкари Шайбонихон шикаст ёфт. Баъди ин ҳодиса Бадеуззамон ва Музаффар Ҳусайн–писарони султон Ҳусайн Бойқаро, ки баъди вафоти падар якҷоя дар Хуросон ҳокимият меронданд, яке ба ҷониби Қандаҳор ва дигаре ба тарафи Астаробод фирор карданд. Амирони фирорӣ корҳои идорӣ ва дифоии шаҳрро ба шайхулисломи Ҳирот қозӣ Ихтиёруддин вогузор карданд. Шайбонихон, ки ин замон дар Бодғис буд, бо номае ба шайхулислом қозӣ Ихтиёруддин муроҷиат намуд, то шаҳрро таслими ӯ намоянд. Сайидон, қозиён, ашроф ва обрӯмандони Ҳирот 20 майи 1507 дар мадрасаи Шайхулислом барои машварат ҷамъ омаданд ва тасмим гирифтанд, ки шаҳрро ба Шайбонихон таслим кунанд. 27 майи соли 1507 дар масҷиди ҷомеи Ҳирот ба номи Шайбонихон хутба хонда шуд.

Шайбонихон дар тамоми шаҳрҳои ғасбшуда бо усулҳои мухталиф, бахусус ба зӯр дороиҳои ҳокимони шикастхӯрда ва ақрабои онҳоро мерабуд. Ҳамин корро дар Самарқанд кард ва Ҳирот низ дучори ин бадбахтӣ гардид. Илова бар ғасби дороиҳои сулолаи темурӣ, Шайбонихон ба ҷониби амволи намояндагони илму фарҳанг, шоирон ва адибон низ дастдарозӣ мекард. Ӯ мепиндошт, ки ин қишри ҷомеаи Ҳирот аз хонадони темурӣ туҳфаҳову амволи фаровоне гирифтаанд ва сарватманд гардидаанд.

Соли 1508 Шайбонихон аз Самарқанд бори дигар ба тарафи Ҳирот лашкар кашид ва хонадони темуриро аз ҳокимияти Хуросон дур кард. Ҳамзамон қисмате аз лашкари Шайбонихон ба тарафи Кирмон рафтанд ва ба қатлу ғорати мардуми Кирмон пардохтанд. Ин ҷо буд, ки дастур дод то котибонаш унвонии шоҳи Эрон – Исмоили Сафавӣ номаи таҳқиромезе нависанд ва ба ӯ ирсол намоянд. Шайбонихон дар ин нома аз Исмоили Сафавӣ хостааст, то ба ҳангоми намоз дар масҷидҳо ба исми ӯ хутба хонда ва сикка ба номаш дар зарробхонаҳо зада шавад.

Бо истилои Ҳирот аз тарафи Шайбониён давлати Темуриён завол ёфт ва ба сари ҳокимият дар Мовароуннаҳру Хуросон сулолаи нав – Шайбониён омад.

Дар як муддати кӯтоҳ шаҳру вилоятҳои Мовароуннаҳр тобеи

Шайбонихон гаштанд. Баъди тасарруфи Мовароуннаҳр Шайбонихон пойтахти худ шаҳри Самарқандро интихоб карда, шаҳру вилоятҳои забткардаи худро ба хешу ақрабо ва амирони номии худ тақсим намуд. Масалан, Бухороро ба Убайдуллоҳхон – писари бародараш Маҳмуд султон, Тошканд ва вилояти онро ба ду амакаш Кучкунчӣ султон ва Суюнҷхоҷа ва вилояти Ҳисорро ба писарони Суюнҷхоҷа – Ҳамза султон ва Маҳдӣ султон ба доруғагӣ дод.

Сиёсати дохилии Шайбонихон пас аз истилои Мовароуннаҳр комилан ба манфиати табақаи ҳукмрон хидмат мекард. Акнун ба таркиби ин табақа ашрофи тоифаҳои бодиянишини ӯзбек низ дохил шуданд.

Соли 1507 Шайбонихон ислоҳоти пулӣ гузаронид. Мақсад аз гузаронидани ин ислоҳот ба тарафи худ ҷалб кардани табақаҳои ҳокими давлати истилокардаааш ба ҳисоб мерафт. Баробари касбу ҳунар муомилоти пулӣ аз муҳимтарин воситаҳои даромади давлатӣ ва соҳибмулкон ба шумор мерафт.

Дар ташкили низоми сиёсии давлат Шайбониён аз хусусиятҳое, ки ба низоми давлатдории тофеодалӣ хос буд, васеъ истифода карданд. Давлат моликияти шахсии хонадони Шайбонӣ, ки бо номи султонҳо зикр мешуданд, ба ҳисоб мерафт ва сарварии ин хонадонро хон ба зимма дошт. Пояҳои низоми давлати Шайбониён дар асоси анъанаҳои иттиҳоди саҳронишинон бунёд шуд.

Ба мураккабӣ ва печдарпечии дастгоҳи давлатии Шайбониён нигоҳ накарда, ҳукумати марказии хонӣ дар ин давлат заиф буд. Яке аз сабабҳои заиф будани давлат ин дар ҳифз кардани низоми идории мулкҳои ҷудогона, ки бо номи юрт ва улус ёд мешуд, зоҳир мегардид. Тамоми қаламрави ишғолшуда дар Мовароуннаҳрро Шайбониён миёни намояндагони хонадони худ ва қабилаҳои бонуфузи ӯзбек ба сифати юрт ва улус тақсим карда буданд ва ҳар ҳокими ин ва ё он вилоят худро дар идораи он комилҳуқуқ мепиндошт. Шайбонихон ба манзури баланд бурдани нақши ҳукумати марказии хонӣ дар Мовароуннаҳр чанд муддат пеш аз маргаш идораи вилояти Туркистонро аз Кучкунчихон, Бухороро аз Убайдуллоҳ султон ва вилояти Ҳисорро аз Ҳамза султон ва Маҳди султон рабуда, ба дасти хеш гирифта буд ва ба ин сабаб султонҳои мазкур дар муқобили ӯ қарор гирифтанд. Дар асари ин сиёсат миёни намояндагони хонадони Шайбонӣ низоъ ва

даргириҳо ба вуқӯъ омад, ки дар оянда боиси заиф шудан ва заволи давлати онҳо гардид.

Низоми давлатии идорӣ дар замони ҳукумати Шайбониён дар Мовароуннаҳр дар асоси сохтори қабилавию авлодӣ бунёд ёфта, ин усули идорӣ ҳама гуна кӯшишҳоеро дар барқарории низоми марказонидашудаи идории давлат рад мекард.

**Мубориза байни Шайбониён ва Бобур**

Дар Мовароуннаҳр баъд аз ишғоли Шайбониён чанд соле сулҳу осоиш ҳукмфармо гардид. Аммо соли 1510 бодиянишинони қазоқ дар наздикии Сирдарё ба Шайбониён зарбаи сахт заданд. Шоҳи Эрон Исмоили Сафавӣ моҳи октябри соли 1510 ба Хуросон лашкар кашид. Шайбонихон баъди шунидани лашкаркашии Исмоили Сафавӣ ба ҷониби Хуросон, аз Ҳирот ба Марв омад. Исмоили Сафавӣ баъди шикасти лашкари пешсафи Шайбонихон дар атрофи Марв, ин шаҳрро ба муҳосираи тӯлонӣ гирифт. Он гоҳ Исмоили Сафавӣ роҳи тадбирро пеш гирифт ва 30 ноябри соли 1510 вонамуд кард, ки гӯё ақибнишинӣ мекунад. Ҳудуди 3 километр дуртар аз Марв дар рустои Маҳмудӣ сипоҳи Сафавӣ таваққуф кард. 1 декабри ҳамон сол Шайбонихон бо сӣ ҳазор лашкар ба таъқиби шоҳи Эрон пардохт. 2 декабри соли 1510 сарбозони шоҳ Исмоил лашкари Шайбонихонро дар муҳосира гирифтанд. Дар натиҷаи ҷанг теъдоди зиёди сарбозон ва сарлашкарони Шайбонихон ба қатл расиданд. Шайбонихон бо 500 нафар аз наздиконаш маҷбур мешавад аз майдони ҷанг фирор намояд. Дар аснои фирор ӯ ба чаҳордеворие расид, ки роҳи бурунрафт надошт ва дар он ҷо зери пойи сарбозони фирории хеш афтид ва бар асари фишор бар пайкараш ҷон дод. Исмоил аз косахонаи сари Муҳаммад Шайбонихон барои худ ҷоми шароб сохт.

Заҳируддин Бобур дар Кобул хабари марги Шайбонихонро шунида, барои барқарор кардани ҳокимияти Темуриён дар Мовароуннаҳр кӯшиш намуд. Бо ризояти Исмоили Сафавӣ Бобур дар охири соли 1511 Амударёро убур карда, ба ҷониби Ҳисор лашкар кашид. Ҳокимони Ҳисор Ҳамза султон ва Маҳдӣ султон ва ҳамчунин писари Шайбонихон Муҳаммад Темур тамоми қувваро ба муқобили ӯ равона сохтанд. Дар ибтидои соли 1512 дар наздикии Пули Сангин, ки дар дарёи Вахш буд (назди Норак, ки

ҳоло зери обанбор мондааст), байни неруҳои Бобур ва Шайбониён задухӯрди шадиде ба амал омад. Дар натиҷа Шайбониён шикаст хӯрда, Ҳамза султон ва Маҳдӣ султон асир афтоданд ва лашкари парокандаи онҳо ба ҷониби Самарқанд фирор кард. Бобур баъди гирифтани кӯмак аз ҷониби Исмоили Сафавӣ ба тарафи Самарқанд рафт ва ҳамон сол Самарқандро бори сеюм ишғол кард. Сокинони шаҳрҳои Самарқанд ва Бухоро, ки тайи чанд сол аз зулму ҷабри Шайбониён азият мекашиданд, ин ғалабаи Бобурро бо хушнудӣ пазируфтанд. Аммо ҳукумати Бобур ба далели ҷонибдори Сафавиён буданаш ва ба мазҳаби шиа ҳусни таваҷҷуҳ доштанаш, дар миёни мардум устувор нагашт. Бо истифода аз ин мухолифати мазҳабии мардум бо Бобур баҳори соли 1512 Шайбониён бо сарварии Убайдуллоҳхон ва Муҳаммад Темур ба Бухоро ҳуҷум карданд, ки дар натиҷа лашкари Бобур дар назди Кӯли Малик шикаст хӯрда, худи ӯ ба Ҳисор ақибнишинӣ намуд.

Бобур барои ишғоли дубораи Самарқанд қувваи кофӣ надошт. Ӯ ба шоҳи Эрон – Исмоили Сафавӣ муроҷиат намуда, ёрии ҳарбӣ талабид. Исмоили Сафавӣ барои наҷоти Бобур ба ёрии ӯ сипоҳи калонеро фиристод.

Тирамоҳи соли 1512 лашкари Эрон бо сардории Наҷми Сонӣ вориди Мовароуннаҳр гашта, дар наздикии Насаф ба лашкари Бобур ҳамроҳ шуд. Баъди се рӯзи муҳосира Насаф таслим гардид ва ба дастури Наҷми Сонӣ қатли оми мардум сурат гирифт, ки 15 ҳазор аҳолӣ ба ҳалокат расид. Наҷми Сонӣ аз Насаф бидуни мамониат ба Самарқанд ворид шуд ва дар масҷиди ҷомеи он ба номи Исмоили Сафавӣ хутба хонд. Пас аз ин ба ҷониби Бухоро лашкар кашид ва Ғиждувонро ба муҳосира гирифт. Муҳосираи Ғиждувон чаҳор моҳ тӯл кашид, вале дар ин ҷо Шайбониён ба бобуриёну эрониҳо зарбаи сахт заданд, Наҷми Сонӣ кушта шуд. Бо ҳамин иттиҳоди Бобур ва Исмоили Сафавӣ аз байн рафт ва Бобур ба ҷониби Ҳисор фирор кард.

Бобур баъд аз шикасти сеюм дар Мовароуннаҳр ба Кобул омад ва то соли 1526 дар Кобулу Қандаҳор ҳукмронӣ карда, дар хаёли тасхири Ҳиндустон афтод. Ӯ ба он ҷониб лашкар кашид ва 20 апрели 1526 султон Иброҳими Лудиро дар Панипат шикаст дода, Агра, Деҳлӣ ва шимоли Ҳиндустонро аз рӯди Синд то Бангол ба тасарруфи худ даровrouta, давлати Бобуриёни Ҳиндро таъсис дод.

## Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XVI

Бо ишғоли шаҳрҳои калонтарини Мовароуннаҳр чун Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Фарғона, Хуҷанд, Ҳисор ва Ӯротеппа заминае барои ба даст овардани дигар вилоятҳои Мовароуннаҳр ба Шайбониён фароҳам омад. Аз ҷумла, Шайбонихон бо лашкараш барои ишғоли Хуҷанд равонаи он шаҳр гашт. Сокинони қалъаи Хуҷанд зери фармони шоҳзода Ҷаҳонгир бар зидди душман муқовимат карда натавонистанд. Баъд аз ишғоли Хуҷанд Шайбонихон қатли ом эълон кард, ки дар натиҷа мардуми зиёде кушта шуд ва шаҳрро оташ зад. Ишғоли Хуҷанд роҳи водии Фарғонаро боз кард ва соли 1504 онҳо Фарғонаро ишғол намуданд.

Тохтутози истилогаронаи Шайбониён ва ҳуҷумҳои ғоратгаронаи онҳо дар Мовароуннаҳр боиси офатҳои зиёд, ҳалокати одамон ва харобии бе ҳадду ҳисоби ин сарзамин гашт. Масалан, аз ҳодисаҳои фалокатбори ин давр, ки тасвири онро дар сарчашмаҳои таърихӣ мебинем, ин фоҷиаи қаҳтии Ҳисор дар соли 1512 аст. Баъди шикасти соли 1512 дар Бухоро Бобур ба ҷониби Ҳисор паноҳанда мешавад ва муддате дар қалъаи он ба сар мебарад. Шабе гурӯҳе аз сарбозони муғулии Бобур бар зидди ӯ шӯриш мебардоранд. Бобур наметавонад ба онҳо муқовимат кунад ва аз қалъаи Ҳисор пинҳонӣ ба ҷониби Қундуз фирор мекунад. Муғулҳои исёнгар ба ҷуз аз қалъаи Ҳисор тамоми навоҳии онро ғорат мекунанд.

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар бораи қаҳтие, ки бар асари ғорату тохтутозҳои Шайбониён мардуми Самарқанд дар зимистони 1512 ба он дучор шуда буданд, менависад: «Дар ин сол гаронӣ ва қаҳтӣ дар Самарқанд ба мартабае буд, ки халқ ба ҷуз қурси моҳу хур (хуршед) бар моида (гирд)-и фалаки мустадир (мудаввар) надидӣ ва гуруснагони фақир шабҳо аз хирмани Парвин ба хаёл хӯша чидӣ.

*Гуруснашикам бар намад дӯхт чашм,*
*Ки ҳамсояи гӯшт будаст пашм.*

Ҷангҳои бардавоми Шайбониён бо худ харобии низоми обёрӣ ва заминҳои корам, дуздӣ ва ғорат, боло рафтани андоз аз замин ва дигар маҷбуриятҳоро ҳамроҳ дошт. Ин низоъҳои дохилӣ ба пойин омадани сатҳи кишоварзию обёрӣ дар тамоми

минтақаҳои ҳосилхези Мовароуннаҳр сабабгор шуд. Ба қабилаҳои ӯзбек, ки дар ҳайати лашкари Шайбониён Мовароуннаҳрро ишғол карда буданд, тамаддуни кишоварзӣ бегона буд, бинобар ин бо ишғоли ин мамлакат фаъолияти иқтисодӣ ба маротиб кам шуда, воҳаҳои ҳосилхези он бе одам монданд.

Шайбонихон, ки бо қабилаҳои зиёд аз ба Мовароуннаҳр ҳуҷум карда буд, ба подоши ҷангҳо ва ғоратгариҳои онҳо мебоист ин қабилаҳоро дар минтақаҳои нав ҷой диҳад. Табиист, ки ҳар қабилаи таҷовузгар мехост қаламрави ободтарро дар ихтиёр дошта бошад. Ин қабилаҳо дар шаҳри Тошканд ва вилояти он, дар Бухоро, Самарқанд ва ноҳияҳои атрофи он, дар водии Фарғона ва Зарафшон, дар ноҳияҳои Қашқадарё ва Сурхондарё сукунат ихтиёр карданд. Теъдоди зиёде аз ин саҳронавардон ба соҳили чапи Амударё (қаламрави имрӯзаи шимоли Афғонистон) низ гузаштанд.

Қабилаҳои Шайбонӣ бо анъанаҳои қабилавии хеш ва низоми иқтисодии хоси худ дар Мовароуннаҳр бо мардуми кишоварз ва аз нигоҳи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ пешрафта дучор шуданд. Онҳо заминҳои ишғолкардаи зироатиро ба чарогоҳ табдил доданд. Табиист, ки ин раванд бо зӯрӣ ва фишор берун кардани мардуми кишоварзи муқимӣ аз заминҳо ва чарогоҳҳои онҳо, инчунин, ғасби рама ва галаҳои онҳо ҳамроҳ буд.

Дар натиҷаи таъқибу фишор қисми зиёди сокинони муқимии Мовароуннаҳр – тоҷикон, ки ҳазорсолаҳо дар ин сарзамин зиндагӣ мекарданд, шаҳрҳо ва водиҳои ҳосилхезро тарк гуфта, ба ҷониби шарқ, ба кӯҳистон муҳоҷират карданд. Ин муҳоҷират дар тӯли солҳои ҳокимияти Шайбониён дар ин сарзамин идома ёфт.

### Низоъҳои феодалон.
### Абдуллоҳи II ва «ҷамъ кардани мулкҳои хоса»

Академик Б. Ғафуров менависад, ки таърихи сиёсии ҳукумати Шайбониён дар Мовароуннаҳр ба се марҳала тақсим мешавад. Марҳалаи аввал аз ишғоли Мовароуннаҳр тавассути Шайбониён оғоз ёфта, то солҳои 40-уми асри XVI идома меёбад.

Марҳалаи дуюм аз марги Убайдуллоҳхон (1539) оғоз шуда, то ибтидои солҳои 80-уми асри XVI идома меёбад. Ин давраи ҷангҳои дохилӣ ва исёну шӯришҳо дар Мовароуннаҳр буд. Баъд аз

вафоти Убайдуллоҳхон ба сари ҳокимияти Мовароуннаҳр Абдуллоҳхони I (1539–1540)–писари Кучкунчихон меояд ва ба дуҳокимиятӣ дар Мовароуннаҳр оғоз мебахшад. Давлат дучори бухрони шадиди сиёсӣ гардида, раванди ба вилоятҳои алоҳида тақсим гаштани он оғоз меёбад. Ҳамин тавр, дар Бухоро Абдулазизхон (1540–1550) – писари Убайдуллоҳхон ва дар Самарқанд Абдулатиф (1540–1552) писари сеюми Кучкунчихон хон интихоб шуда, Самарқанд бартарии сиёсӣ аз Бухороро касб мекунад. Ин замон Бароқхон–писари Суюнчхоҷахон дар Тошканд ва писарони Ҷонибек–Пирмуҳаммадхон дар Балх ва Искандархон дар Миёнкол ва дар Ҳисор Темур Аҳмад султон ҳокими мустақил буданд.

Ба ҷангҳои дохилӣ ҳокими Тошканд Бароқхон, ки дар сарчашмаҳои таърихӣ бо номи Наврӯзаҳмадхон низ зикр шудааст, оғоз бахшид. Ӯ соли 1540 ба ҷониби Бухоро, ки дар он ҷо Абдулазиз–писари Убайдуллоҳхон ҳоким буд, лашкар кашида, шаҳрро ишғол кард. Абдулазиз ба ҷониби Балх фирор кард. Ғалабаи Бароқхон дар Бухороро Хоҷагони Ҷӯйборӣ дар шахси Хоҷа Ислом, ки нақши муҳимме дар корҳои сиёсӣ ва динии Мовароуннаҳр дошт, напазируфтанд. Дере нагузашта ба кӯмаки Хоҷа Ислом Абдулазиз дубора ба тахти Бухоро нишаст. Соли 1550 Абдулазиз вафот кард ва ба ҷойи ӯ Ёрмуҳаммад султон ҳокими Бухоро эълон гардид. Соли 1551 ҳокими Балх Пирмуҳаммадхон Бухороро ишғол намуд ва Ёрмуҳаммад ба Самарқанд паноҳ бурд. Ҳокими Самарқанд Абдулазиз ҳамроҳ бо Буроқхон ба Бухоро лашкар кашид.

Ҳамин тавр, дар солҳои чилуми асри XVI барои тахту тоҷ миёни хонҳо ва султонҳои шайбонӣ шадидтарин мубориза҃о оғоз шуд. Дар ин муборизаҳо писари ҳокими Миёнкол Искандархон – Абдуллоҳ султон низ ворид шуд ва ба дастгирӣ ва кӯмаки Хоҷа Ислом рақибони худро аз саҳнаи мубориза дур андохт. Соли 1557 ӯ Бухороро ишғол намуда, ба ишғоли мулкҳои дигар шурӯъ кард.

Соли 1561 Абдуллоҳ султон падари худ Искандархонро хон эълон кард. Аз соли 1561 шаҳри Бухоро дубора пойтахти давлати Шайбониён гардид. Бо вуҷуди ин ки хони асосӣ Искандархон буд, аммо ҳама корҳои низомӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар дасти писари ӯ Абдуллоҳ султон қарор дошт. Абдуллоҳи Шайбонӣ дар натиҷаи муборизаҳои шадид, тавонист вилоятҳои Мовароуннаҳро зери

фармони ҳукумати марказӣ оварад ва собитқадамона ба кори «ҷамъ кардани мулкҳои хоса» оғоз намуд. Соли 1573 Балх, соли 1574 Ҳисор, Ӯротеппа ва Хуҷанд, соли 1578 Самарқанд ва ниҳоят соли 1582 Тошкандро ба тахти тасарруфи худ даровард. Соли 1583, пас аз вафоти падар, Абдулло (бо номи Абдуллоҳхони II) ҳукмрони мамлакат эълон шуд. Ҳокимони Бадахшон иттифоқчии ҳокими Ҳисор буданд. Абдуллоҳ султон барои юриш ба сӯйи Бадахшон тайёрӣ медид. Дастовардҳои низомии ӯро фаҳмида, ҳокими ин мулк Шоҳрух мирзо тобеяти худро ба Абдуллоҳ султон изҳор намуд. Бо ҳамин мардуми Бадахшон аз ҷангу хунрезӣ ва ғоратгарӣ эмин монданд. Тобеияти Ҳисор ва Бадахшон ба Абдуллоҳ султон тобеияти Хатлонро низ таъмин намуд.

Соли 1584 Абдуллоҳхон ба ҷониби Тахористон ва Бадахшон лашкар кашида, Толиқон, Бағлон, Норин, Андароб ва қалъаи Зафарро ишғол кард. 1 июли соли 1584 қалъаи Кӯлоб таслим шуд ва тамоми муҳофизини он ба қатл расиданд. Дар натиҷаи юриши солҳои 1587 – 1588 ба Хуросон шаҳри Ҳирот ва вилояти он ба давлати Шайбониён ҳамроҳ карда шуд. Баъди ишғоли Ҳирот Абдуллоҳхон ҳамроҳи қисмати асосии сипоҳаш ба ғарб, ба ҷониби шаҳри дигари муҳимми Хуросон – Машҳад равона гардид. Аммо айёми ҳузури сипоҳи Абдуллоҳхон дар атрофи Машҳад дер давом накард. Ин замон буд, ки қабилаҳои Дашти Қипчоқ ба сарҳадоти шимолии давлати Шайбониён ҳуҷум оварданд ва Абдуллоҳхон бо хароб намудан ва вайронии атрофи пойтахти Хуросони Ғарбӣ иктифо намуда, маҷбур шуд ба Мовароуннаҳр баргардад.

Ҳамин тариқ, то соли 1593 қисмати зиёди Хуросон зери фармони ҳукумати Абдуллоҳхони Шайбонӣ гузашт.

## 2. МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

### Моликият ва истифодаи замин

Дар асри XVI асоси иқтисодро зироаткорӣ ва заминдорӣ ташкил медод. Замин бештар дар дасти давлат буд. Хон ё султон ба касе, ки мехост заминро инъом мекард. Бештари заминдорон аъзои сершумори хонадони Шайбониён буданд.

Дар Мовароуннаҳри асри XVI чунин навъи заминҳо мавҷуд буданд: заминҳои давлатӣ, ки бо номи мамлукаи подшоҳӣ ё

султонӣ зикр мегардиданд ва заминҳои хусусӣ, ки милки ҳурри холис, милки ушрӣ ва милкӣ номида мешуданд. Мамлукаи подшоҳӣ ва ё заминҳои давлатӣ зери назари вазорати молӣ, ки девони молӣ номида мешуд, қарор дошт. Дар асри XVI, дар замони ҳукмронии Шайбониён заминҳои подшоҳӣ аз тарафи аъзои хонадони хонӣ ва ашрофи қабилаҳои кӯчманчӣ идора мегардид. Ин заминҳо аз ҷониби кишоварзони саҳмкор бо шароити додани хироҷ ба хазина кишт мешуданд. Даромад аз заминҳои давлатӣ миёни ҳокимони шайбонӣ дар шакли маош, кӯмаки молӣ ва туҳфа тақсим шуда, давлат метавонист заминҳои подшоҳиро фурӯшад ва ё инъом кунад.

Заминҳое, ки ба хон тааллуқ доштанд, милки хос ва ё амлоки хос номида мешуданд. Ин навъ заминҳо аз майдонҳои ҳосилхез, чарогоҳҳои пуралаф ва мамнӯъгоҳҳое иборат буданд, ки вазъи ба худ хос дошта, даромади онҳо танҳо ба харҷи шахсии хон истифода мегардид.

Заминҳои хусусӣ, ки бо номи милк ёд мешуданд ба се навъ ҷудо мешуданд: милки ҳурри холис. Соҳибони чунин милкҳо аз пардохти андози давлатӣ озод буда, ҳамаи даромад дар дасти соҳиби замин буд.

Милки ушрӣ. Чунин навъи истифодабарӣ аз замин буд, ки аз даҳ як ҳиссаи оидоти он ба фоидаи давлат ва қисми боқимондааш ба нафъи соҳиби замин истифода мешуд.

Милкӣ. Ин навъи замин ба истеҳсолкунандаҳо– деҳқонон, косибон ва рӯҳониёни камбизоат марбут буд, ки худи онҳо дар ин заминҳо кор карда, ҳосил мегирифтанд. Вазъи деҳқонони соҳибмилк назар ба деҳқонони иҷоракор беҳтар буд. Инчунин, онҳо назар ба қисмати боқимондаи корандагони замин як дараҷа имтиёзҳо доштанд.

Дар асрҳои миёна намояндагони ашроф, ки ба вазифаҳои баланди давлатӣ таъин мегардиданд, ба хотири ҷонибдори ҳамеша будан ба давлат аз тарафи хон вилоятҳо ва минтақаҳоеро ба инъом мегирифтанд. Чунин мулкҳои инъомшуда дар асри XVI суюрғол меномиданд. Суюрғол аз падар ба писар ба мерос мерасид. Соҳибони суюрғол метавонистанд дар навбати худ як қисми мулки давлатиашонро ба аъёну ашроф тақсим кунанд. Инъомеро, ки барои хидматҳои ҳарбӣ дода мешуд, дар ин аср аксаран «танхо ва иқтоъ» (иқтаъ) меномиданд.

Дар асри XVI захираи заминҳои вақф аз ҳисоби заминҳои милк ва заминҳои милки ҳурри холис зиёдтар гардид. Миқдори зиёди масҷид, мадрасаву хонақоҳҳо дар ин давр сохта шуданд, ки онҳо бо заминҳои вақф таъмин мегардиданд. Замин ва амлоки вақф дар ихтиёри мутаваллӣ буд.

Аксар деҳқонон замини кам доштанд, вале заминдороне низ буданд, ки замини кишташон дар ҳудуди якчанд ноҳия ё вилоят ҷойгир буд. Яке аз заминдорони маъруфи он давр Хоҷагони Ҷӯйборӣ буданд, ки на танҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ, балки дар низоми сиёсии Шайбониён низ нуфузи зиёд доштанд.

Дар Осиёи Миёнаи асри XVI заминдории ҷамоавӣ (обшинагӣ) ва боқимондаҳои маҳками ҷамоа ҳанӯз давом мекард. Аҳволи деҳқони ҷамоа аз деҳқони иҷоранишин хеле кам тафовут дошт. Вале ӯро чунин як имтиёзе буд: ӯ метавонист аз ҳуқуқи як навъ «иҷораи доимӣ» истифода намояд ва «бемӯҳлат» ба кишти замин машғул шавад.

Дар шаҳрҳои Осиёи Миёна низ ҳамон категорияҳои моликияти замин, ки дар деҳот вуҷуд дошт, амал мекард. Чунон ки аз санадҳои расмии онвақта бармеояд, як ҳодисаи ҳам ба шаҳр ва ҳам ба деҳот хос беш аз пеш ба дасти аъзои хонадони салтанатӣ, аъёну ашроф ва рӯҳониёни олирутбаи феодалӣ ҷамъ шудани моликияти замин мебошад. Ҳам дар шаҳр ва ҳам дар деҳот ин ҳолат аз ҳисоби хонахароб шудани мулкдорони хурд ва ҳатто миёна ба вуқӯъ меомад. Баробари ин, дар шаҳрҳо ҳодисаи дигар – ба дасти феодалон даромадани дӯконҳои косибӣ, коргоҳҳои ҳунармандӣ ва манзилҳои иқоматӣ ба амал меомад.

### Касбу ҳунар, тиҷорати дохилӣ ва муомилоти пулӣ

Дар соҳаи истеҳсолоти ҳунармандӣ ва тиҷорати дохилии пулӣ дар давоми асри XVI тағйирот ва пешрафти муайяне ба амал омад. Ҳар як намуди моли тайёр ва ҳатто нимтайёр аз тарафи пешаварони ҷудогона таҳия мегардид. Дар сифати маҳсулот ҳам ягон тағйироти муҳим рӯй надод. Агар сифати баъзе навъҳои маснуоти кулолӣ ва ё касбҳои амалӣ пойин рафта бошад ҳам, дар айни замон коғази самарқандӣ ва бисёр маҳсулоти ҳунармандии Осиёи Миёна шуҳрати пешини худро нигоҳ дошт. Аммо назар ба нимаи дуюми асри XV як андоза камшавии ҳаҷми истеҳсоли молӣ ва тиҷорати пулӣ ба назар мерасид.

Ҳунармандон асосан, дар шаҳрҳо зиндагӣ мекарданд. Касбҳои маъруф дар шаҳрҳои ин замон иборат аз рехтагарӣ, силоҳсозӣ, сангтарошӣ, шишасозӣ, заргарӣ, коғазагарӣ, бофандагӣ, кордгарӣ, кулолӣ, оҳангарӣ, бинокорӣ, дӯзандагӣ ва ғайра буданд.

Коркарди маъданҳои serизаминӣ, истеҳсоли тилло, нуқра ва сангҳои қиматбаҳои конҳои бузург дар ихтиёри хонадони ҳоким қарор дошт. Аз конҳои хурдтари он ҳокимони маҳаллӣ истифода мекарданд, ки як қисме аз ҳисоби даромади онро ба хазинаи хонӣ, ки бо номи девони саркори хосса буд, месупориданд.

Истеҳсоли маснуоти бофандагӣ, ки аз ҳунарҳои қадимии мардуми Мовароуннаҳру Хуросон ба ҳисоб мерафт, низ аз равнақ намонд. Матоъҳои абрешимӣ, нимабрешимӣ, пахтагӣ ва коғазии Мовароуннаҳр бо сифати баланди худ фарқ мекарданд. Ҳунармандон на танҳо матоъҳои мухталиф истеҳсол мекарданд, балки ба дӯхтани либосҳо ва коркарди пӯсту чарм низ шуғл доштад.

Дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Ҳирот, Балх, Тошканд, Андиҷон, Хуҷанд, Ӯротеппа, Ахсикат, Марғелон, Ҳисор бозорҳо буданд. Дар шаҳрҳои калон дар як ҳафта ду рӯз бозор доир мешуд. Ҳунармандон маҳсулоти худро ба бозор барои фурӯш низ мебароварданд. Дар асри XVI дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро теъдоди зиёди бозорҳои махсуси оҳангарон, бофандагон, фурӯшандагони нах, намад, сабад, шамъ, инчунин, бозорҳои аспфурӯшон ва сабзавотфурӯшон фаъолият мекарданд. Дар чаҳорроҳаҳои кӯчаҳои бозорҳои Бухоро дар панҷ қатор равоқҳо сохта шуд. Ин равоқҳо бо номҳои Тоқи Саррофон, Тоқи Телпакфурӯшон, Тоқи Заргарон, Тоқи Тиргарон ва Тоқи Ордфурӯшон ёд мешуданд. Соли 1586 Абдуллоҳхони Шайбонӣ дар ин маҳалли Бухоро бозори бисёргунбазаи болопӯшидае барои тоҷирони мусофир сохт. Ин замон дар Бухоро корвонсаройҳои зиёде фаъолият мекарданд. Корвонсаройи Говкушон (1570), корвонсаройи назди масҷиди Лесак (1559–60), корвонсаройи Қулбобо Кӯкалтош дар Регистон, корвонсаройи назди пули Саррофон, корвонсаройи Абдуллоҳхон ва ғайра аз маъруфтарини онҳо буданд.

Дар муддати чандин аср роҳи бузурги корвонгард аз Мовароуннаҳр гузашта, Шарқу Ғарбро ба ҳам мепайваст. Дар

асри XVI кашфиёти бузурги ҷуғрофӣ ба амал омаданд ва ин роҳ аҳамияти байналмилалии худро гум кард ва Мовароуннаҳр аз роҳи асосии ҳаракати молҳои тиҷоратӣ дар канор монд. Ин ҳолат ба истеҳсолоти молҳои дохилӣ таъсир карда, боиси камшавии ҳаҷми маҳсулоти як қатор соҳаҳои касбу ҳунар гардид.

Дар охири асри XVI Абдуллоҳхони II барои беҳтар гардидани шароити тиҷорат як қатор тадбирҳо андешид. Вале, ин барои бартараф намудани тамоми оқибатҳои зараровари истилои Шайбониён ва ҷангҳо дохилӣ кифоят накард.

### Тиҷорати хориҷӣ. Муносибатҳои дипломатӣ

Дар асри XVI Мовароуннаҳр бо Ҳиндустон, Эрон, Чин, ва Русия муносибатҳои тиҷоратӣ ва дипломатӣ дошт.

Аз Мовароуннаҳр ба дигар кишварҳо асосан навъҳои мухталифи матоъҳо, мисли миткол, зандонӣ, коғази самарқандӣ аз навъҳои мириброҳимӣ ва султонӣ, қолинҳо, зарфҳои биринҷӣ ва мисӣ, силоҳ, асп ва меваи хушк содирот мешуданд.

Дар асри XVI муносибатҳои дипломатӣ бо Русия барқарор гардид. Ба Маскав сафирҳо, заминдорон, сармоядорони мовароуннаҳрӣ рафтуомад мекарданд. Дар баробари иҷрои супоришҳои дипломатӣ онҳо ба рушди савдо низ мадад мерасониданд. Сафирҳо ҳамроҳ бо корвонҳои калон ба роҳ баромада, ба Русия молҳои гуногун бурда ва аз он ҷо низ молҳои дар бозорҳои Мовароуннаҳр ба фурӯш мерафтаро харидорӣ мекарданд.

Робитаҳои доимии Мовароуннаҳр бо Русия аз миёнаҳои асри XVI баъд аз ҳамроҳшавии хонии Қазон (1552) ва Сибир (1582) ба ин кишвар равнақи бештар ёфтанд. Навъҳои гуногуни мол ба миқдори торафт зиёд аз Мовароуннаҳр ба Русия содир мешуд. Дар Русия матоъҳои гуногуни пахтагин ва шоҳивории Мовароуннаҳр шуҳрат доштанд. Аз Русия ба ин сарзамин матоъҳои пашмин, асбобҳои филизӣ, силоҳ ва дигар лавозимот ворид мекарданд. Маркази асосии тиҷорат байни Мовароуннаҳр ва Русия шаҳри Аштархон буд. Инчунин робитаҳои тиҷоратӣ бештар бо шаҳрҳои Сибир – Тоболск, Тюмен ва Тара барқарор буд. Барои шаҳрҳои Сибир молҳои Мовароуннаҳр ниҳоят ҳаётӣ буданд. Бинобар ин ба тоҷирони мовароуннаҳрӣ дар ин ҷо имтиёзҳо дода мешуд ва

тоҷирони Бухоро аз пардохти боҷи гумрукӣ озод буданд. Баъзе тоҷирони Мовароуннаҳр молҳои худро ба шаҳрҳои Самара, Қазон, Маскав ва ҳатто ба Архангелск мебурданд. Аз соли 1583 то соли 1600 ба Маскав панҷ сафорат аз Бухоро ва ду сафорат аз Хива бо корвонҳои пур аз мол рафта буданд.

Муносибати тиҷоратии Мовароуннаҳр бо Ҳиндустон низ идома ёфт. Новобаста ба ин ки Шайбониён Бобурро аз Мовароуннаҳр ронда буданд, соли 1528-29 Кучкунчихон ба дарбори ӯ, ба Ҳиндустон сафоратеро бо сарварии Амин мирзо фиристод ва Бобур ӯро хуш пазируфт. Ба сафири Шайбониён Бобур 70 ҳазор тангаи нуқра, шамшери қиматбаҳо ва кулоҳи зардӯзишуда туҳфа намуд. Дар замони ҳукумати Абдуллоҳхони Шайбонӣ ин робитаҳо густариши бештар ёфтанд ва пайдо кардани сиккаҳои ҳокимони Ҳиндустон ҳангоми ҳафриёт дар ҷануби Тоҷикистон далели ин гуфтаҳост.

Ба Ҳиндустон аз Мовароуннаҳр шоҳиворӣ, пӯсти хом, асп ва ғулом мебурданд. Бо вуҷуди ин ки муносиботи тиҷоратӣ бо Эрон дар асари мухолифатҳои мазҳабӣ коста шуда буд, аз Эрон ба Мовароуннаҳр парча, ғози пахта, катон, шоҳии алвон, аспи зотӣ содир карда, аз Мовароуннаҳр ба Эрон пӯсти хом, молҳои русӣ ва ғуломони гуногуннажод оварда мешуд.

## 3. МАСЪАЛАИ ЭТНОГЕНЕЗИ ХАЛҚИ ӮЗБЕК

Зербоби сеюми ин фаслро академик Б.Ғафуров ба масъалаи этногенези халқи ӯзбек бахшидааст. Муаллиф назари теъдоде аз муаллифонро баррасӣ карда, ба ин андеша аст, ки агарчанде ки халқҳои тоҷик ва ӯзбек дар замонҳои гуногун ташаккул ёфта ва забони ин халқҳо ба гурӯҳҳои мухталифи забонҳо тааллуқ дошта бошад ҳам, тақдири таърихии ин халқҳо пайвандҳои ногусастанӣ дорад.

Ба сарзамини Осиёи Миёна бештар ва ба таври оммавӣ сар даровардани қавму тоифаҳои туркзабон аз асри VI шурӯъ мешавад. Пас аз ин ҷараёни қаробат пайдо кардани ин тоифаву қавмҳо ба аҳолии қадимии Осиёи Миёна, махсусан тоҷикон ба вуқӯъ меояд. Дар зарфи чандин аср, пеш аз ҳама, табақаҳои камбизоати бодиянишинони турк ба тарзи зиндагии муқимӣ ва

зироаткорӣ мегузаранд. Омадани аҳолии туркзабон дар асрҳои X–XII боз ҳам зиёдтар гардида, тадриҷан ихтилот ва омезиши қавмҳои турк бо сокинони маҳаллӣ қувват мегирад. Дар асри XII дар Хоразм ду қавми асосӣ: тоҷикон (дар он вақт забони тоҷикӣ ба андозаи зиёд забони хоразмиро маҳдуд карда буд) ва туркон мезистанд. Футуҳоти муғулҳо ба харитаи этникии Осиёи Миёна боз дигаргуниҳои ҷиддӣ дохил намуд. Тоифаҳои муғулии манғит, ҷалоир, барлос ва ғ. пас аз сукунат ёфтан дар Осиёи Миёна, дере нагузашта, ҳама аз ҷиҳати забон турк шуданд, зеро тарзи зиндагии ҳам муғулҳо ва ҳам туркҳо бодиянишинӣ буд, ва табиист, ки муғулҳо ва туркҳо бо ҳам робитаи наздик доштанд.

Дар асрҳои XIV–XV ба таври оммавӣ турккунонии аҳолии муқимии шаҳру деҳот хусусан Хоразм, Ҳафтруд, воҳаи Тошканд ва Фарғона ба амал омад. Дар солҳои 50 ё 60-уми асри XIV аҳолии турку муғули Дашти Қипчоқ «ӯзбек» номида мешуданд ва пас аз он ки иттиҳодияи қабилаҳои бодиянишин бо роҳбарии Шайбонихон дар асрҳои XV - XVI ба Мовароуннаҳр ва Хуросон сар даровარданд, ин ном ба аҳолии туркзабони ин вилоятҳо нисбат ёфт, яъне халқи ӯзбек аз ҳамон вақт номи худро пайдо намуд. Мадракҳои антропологӣ нишон медиҳанд, қисми асосии халқи ӯзбек аз аҳолии маҳаллии аврупоисурати Осиёи Миёна, ки дар натиҷаи омезиш ёфтан бо қавмҳои типи нажодии ҷанубисибирӣ як андоза қиёфаи муғулӣ пайдо кардаанд, фароҳам омадааст.

## 4. МАДАНИЯТИ МОДДӢ ВА МАЪНАВӢ

### Бинокорӣ ва меъморӣ

Дар асри XVI бинокорӣ аз равнақ боз намонд. Сохтмонҳои биноҳои маъмурӣ, хоҷагӣ ва маданию маишӣ вусъат пайдо намуд. Дар ҳунари меъмории нимаи аввали асри XVI анъанаҳои асри XV идома дошт. Аммо барои меъмории тамоми давраи асри XVI ба андозаи бузург сохтани биноҳо хос набуд. Андозаи биноҳо ва шакли онҳо дар қиёс бо осори меъморие, ки дар асри XV бино меёфтанд, хурд буданд. Истифодаи хиштҳои кошиншуда, сафолпораҳои сирдор ва сафолпораҳои сӯхташудаи сурх ва зардранг дар сохтмон гуногунрангии ороишӣ биноҳоро ба вуҷуд оварданд. Дохили биноҳо

бо нақшу нигор ороиш ёфта, қисмати поёнии деворҳо бо лавҳаҳои гачин ва мармарин рӯйпӯш карда мешуд. Дарҳои биноҳо кандакорӣ мегардид. Тирезаҳои биноҳои ин давр бо панҷараҳои гачӣ, ки ороиши гуногун доштанд, пӯшида мешуданд.

Муҳимтарин хусусиёти ҳунари меъмории асри XVI бештар дар иморатҳои Бухоро таҷассум ёфтаанд. Зеро Бухоро пойтахти давлат буд, аз ин рӯ, бештар обод гашт ва дар ин аср бинокорӣ дар ин шаҳр марказонида шуд. Дар Бухоро девори нави шаҳр бино ёфт. Намунаи ҳунари зебои меъмории асри XVI дар ин шаҳр Масҷиди Калон, Мадрасаи Мири Араб, Масҷиди Баланд, Масҷиди Хоҷа Зайниддин, Кӯшмадраса, Мадрасаи Модарихон, Мадрасаи Абдуллоҳхон, маҷмааи Баҳоуддини Нақшбанд, маҷмаи Лаби Ҳавз, хонақоҳи Файзобод, тоқи Саррофон, тоқи Телпакфурӯшон ва тоқи Заргарон мебошанд.

Дар шаҳрҳои Самарқанд, Балх, Кармина, Тошканд, Хуҷанд, Ҳисор, Ӯротеппа ва дигар минтақаҳо низ осори меъморӣ, ба мисли бозорҳо, ҳаммомҳо, тиҷоратхонаҳо, мадрасаҳо, масҷидҳо ва қасрҳои боҳашмат сохта шуданд. Барои ривоҷи савдои хориҷӣ дар роҳҳои корвонгард пулҳо, сардобаҳо, корвонсаройҳо бино ёфтанд. Дар Ӯротеппа мадрасаи Абдуллатиф султон (Кӯкгунбаз), мақбараи Боботағо ва Саримазор намунаи осори меъмории ин давр мебошанд. Ҳисор дар асрҳои XV – XVI ба авҷи равнақи худ расида буд. Дар ин давра худуди он васеъ буда, ҷанубии Тоҷикистон ва Ӯзбекистони имрӯза, вилоятҳои шимолии Афғонистон (Балх, Шибирғон, Қундуз) ва Бадахшонро дар бар мегирифт. Биноҳои Қалъаи Ҳисор, мисли Мадрасаи Кӯҳна, мазори Маҳдуми Аъзам намунаи ҳунари баланди меъмории Ҳисори онвақта мебошанд.

Шаҳрҳо аз ҳисоби сохтани биноҳои гуногун обод мешуданд. Дар чорроҳаи баъзе хиёбонҳо бинои чорсӯ сохта, ба тӯли хиёбон тоқҳо ва корвонсаройҳо бино ёфта буданд. Дар беруни шаҳр чорбоғҳои пур аз меваю ангур ва дарахтони сарсабз бунёд мешуданд. Дар чорбоғҳои бузург қасру девонҳо сохта, ин биноҳои зеборо ҷӯйҳои оби равон ва фавворaҳо зеб медоданд.

Дар соҳаи кандакории рӯйи санг ва ҷӯб комёбиҳои устодони асри XVI назаррас буд. Беҳтарин намунаҳои кандакории рӯйи ҷӯб, ҳаккокӣ дар сақфи биноҳо, дару даричаҳо, сутуни айвонҳо,

панҷараҳои тобадонҳо ва мадрасаву масҷид, хонақову мақбараҳо мебошанд.

Дар асри XVI ороиши бадеии китобҳои дастнавис ба ҳукми анъана даромада, ба дараҷаи баланд расида буд. Султонҳо ва шахсиятҳои бомаърифат соҳиби китобхонаҳо буданд. Яке аз онҳо дар назди дарбори Абдулазизхон–писари Убайдуллоҳхони Шайбонӣ мавҷуд буд. Дар ин китобхона хаттотон ва мусаввирони маъруф кор карда, ба хушнависӣ ва нусхабардории осори таърихӣ ва адабӣ, девонҳои шоирон машғул буданд. Мусаввирон китобҳои хаттотишударо бо минётураҳои гуногун ороиш медоданд. Яке аз устодони хат дар ин китобхона Миралии Ҳиравӣ буд, ки барои такомули хатти настаълиқ кӯшиши зиёде ба харҷ дод. Дар ин китобхона ҳамчунин шогирдони Миралӣ - Хоҷа Маҳмуди Ҳиравӣ ва Саид Аҳмади Машҳадӣ низ фаъолият мекарданд. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо мудири ин китобхона мусаввири маъруф ва хаттоти машҳур Султон Мирак буд. Китобхонаи назди дарбори ҳокими Самарқандро чанд муддат шоир Абдурраҳмони Мушфиқӣ роҳбарӣ мекард.

Дар асри XVI мусаввирони Мовароуннаҳр дар эҷодиёти худ анъанаҳои наққоши маъруф Камолиддин Беҳзодро идома доданд. Мавзӯи минётурҳои ин мактаби ҳунарӣ асосан ба тавсифи табиат, шикор, маҷлиси зиёфат, мусобиқаи паҳлавонҳо, инчунин ба мавзӯи тарбиятӣ аз масалҳо ва достонҳо бахшида шуда буд. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, достонҳои Низоми Ганҷавӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ бо минётура ороиш ёфтаанд. Дар асри XVI мусаввирони Мовароуннаҳр бештар осори таърихиро бо минётураҳои худ ороиш медоданд, зеро ҳокимон ба рисолаҳои таърихӣ доир ба худашон ва авлодашон таваҷҷуҳи бештар доштанд. Аз ҷумла, асарҳои «Фатҳнома», «Таърихи Абулхайрхонӣ», «Таърихи гузида» бо минётураҳо ороиш ёфтаанд.

### Адабиёти бадеӣ ва таърихнигории тоҷик дар асри XVI

Вазъияти сиёсие, ки аз аввали асри XVI дар Мовароуннаҳр ва Хуросон ба вуҷуд омад, ба ҳаёти адабӣ ва илмӣ зарбаи сахт расонд. Ҳокимони аввали хонадони Шайбонӣ дар Мовароуннаҳр аз фарҳанг, адабиёт ва илм фарсахҳо дур ва чун ҳама

саҳронишинон бемаърифат буданд ва ҳеҷ таваҷҷуҳе ба тамаддун надошта, фикре ҳам дар бораи ба дарбор ҷалб кардани шоирону олимонро намекарданд. Ин буд, ки дар ибтидои асри XVI дар Мовароуннаҳру Хуросон марказҳои адабӣ вуҷуд надошт ва вохӯрии шоирон ва намояндагони фарҳангу илми шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Ҳирот, Балх ва ғайра бештар дар хонаи шахсони алоҳида, мадрасаҳо ва дар растаи косибон сурат мегирифт.

Ҳирот ҳамчун як маркази фарҳангӣ дар ибтидои асри XVI аҳаммияти худро аз даст дод. Намояндагони илму адабиёт ва ҳунар аз ин маркази фарҳангӣ ба ҳар тараф пароканда гардиданд. Агарчанде дар нимаи дуюми асри XVI шаҳри Бухоро ҳамчун маркази сиёсӣ ва маданӣ шинохта шуда, сол аз сол шумораи мадрасаҳо дар ин шаҳр зиёд мегардид, дар онҳо асосан улуми динӣ омӯзонида мешуд.

Муаллифи тазкираи «Музаккир-ул-аҳбоб» (асри XVI) Ҳасани Нисорӣ 250 нафар ходими илму адаби замонашро ном бурдааст, ки аксари онҳо дар таърихи халқи тоҷик мақоми хосе доштанд. Дар доираи адабии Бухоро шоирон: Афсарӣ, Равнақи Бадахшӣ, Касири Бухорӣ, Маҳрамӣ, Мирзо Сабрӣ, Фарҳодӣ, Фатҳуллоҳи Ғиждувонӣ, Сомони Бухорӣ, Мансури Табрезӣ ва дар доираи адабии Самарқанд бошад, Орифи Самарқандӣ, Ҳалвои Самарқандӣ, Лиқои Самарқандӣ, Яҳёи Самарқандӣ, Нодири Самарқандӣ, Фурӯғи Самарқандӣ, Ховари Самарқандӣ ва дигарон фаъолият мекарданд.

Шоир ва таърихнигор Зайниддин Маҳмуди Восифӣ аз зумраи шоирони номдори ин замон аст. Ӯ соли 1485 дар Ҳирот таваллуд ёфта, дар Бухоро, Самарқанд, Тошканд ва дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр умр ба сар бурд. Асари саргузаштии ӯ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ном дорад. Дар он муаллиф дар баробари баёни воқеаҳои замонаш, инчунин, симои шаҳрҳои он даврро ба таври барҷаста тасвир карда, русуму одоти мардумро муфассал навиштааст.

Шоир ва муаррихи номӣ Камолиддини Биноӣ ҳамзамони Восифист. Ӯ соли 1453 дар Ҳирот, дар хонадони ҳунарманди бинокор ба дунё омад. Вай дар овони ҷавонӣ ба шаҳрҳои Эрон сафар карда, соли 1495 ба Самарқанд меояд. Дар ин ҷо ӯ шоҳиди ҷангу низоъҳои байни ворисони салтанатталаби темурӣ гардид.

Баъд аз заволи давлати Темуриён Камолиддин Биноӣ ба дарбори Шайбонихон даъват мешавад. Ӯ дар дарбори Шайбонихон обрӯ ва нуфуз пайдо кард, ки Шайбонихон навиштани воқеаҳои лашкаркашии худро ба ӯ супоридааст. Биноӣ олим ва адиби пурмаҳсул аст. Ӯ муаллифи девони ашъор, маснавии «Беҳрӯзу Баҳром», рисолаҳои таърихии «Шайбонинома» ва «Футуҳоти хонӣ» буда, дар мусиқӣ «Нуҳранг» ва «Савтуннақш» барин оҳангҳо офарид.

Асари Биноӣ «Шайбонинома» аз таърихи зиндагӣ ва лашкаркашиҳои Муҳаммади Шайбонӣ ривоят карда, воқеаҳои таърихиро тақрибан то соли 1505 фаро мегирад. «Футуҳоти хонӣ» ин як шакли густурдатари «Шайбонинома» мебошад ва аз таърихи хонадони Шайбонӣ маълумот дода, бо воқеаҳои соли 1510 поён меёбад. Ин ду асар якдигарро пурра карда, сарчашмаҳои муҳимми таърихӣ ба ҳисоб меравaнд.

Соли 1507 Камолиддини Биноӣ дар лашкаркашии Шайбонихон ба Хуросон ва ишғоли Ҳирот дар рикоби ӯ қарор дошт. Баъд аз он ки дар соли 1510 Шайбонихон дар ҷанги Марв кушта мешавад, Камолиддини Биноӣ ба Мовароуннаҳр, ба Насаф (Қаршии имрӯза) меояд ва дар соли 1512 дар қатли оми ин шаҳр аз тарафи лашкаркаши Сафавиён Наҷми Сонӣ кушта мешавад.

Бадриддини Ҳилолӣ шоири маъруфи ғазалсарои нимаи аввали асри XVI буда, дар солҳои ҳафтодуми асри XV дар Астаробод ба дунё омадааст. Соли 1491 ба Ҳирот омада, ба донишандӯзӣ машғул мешавад. Ҳилолӣ дар ҳеҷ дарборе кор накард ва барои ҳеҷ кадоме аз ҳокимон мадҳия нанавишт.

Ҳилолӣ пеш аз ҳама бо девони ғазалиёташ маъруфи хоссу ом гардида, ба қалами ӯ инчунин се достон – «Лайлӣ ва Маҷнун», «Сифоту-л-ошиқин» ва «Шоҳу дарвеш» низ тааллуқ дорад.

Бадриддини Ҳилолӣ шоҳиди муборизаҳои шадиди Сафавиён ва Шайбониён барои Хуросон гашта буд. Ӯ ҳаҷвияе дар чаҳор мисраъ дар бораи Убайдуллоҳхони Шайбонӣ навишт, ки он чунин аст:

*То кай, Убайд аз пайи толон бошӣ,*
*Тороҷгари мулки Хуросон бошӣ.*
*Ғорат кунию моли мусалмон бибарӣ,*
*Кофар бошам, гар ту мусалмон бошӣ.*

Ин рубоӣ сабаб шуд, ки соли 1529 баъд аз он ки Ҳиротро Убайдуллоҳхон ишғол кард, фармон дод Ҳилолиро ба қатл расонанд.

Шоири дигари ин аср Мавлоно Абдурраҳмони Мушфиқӣ мебошад. Ӯ соли 1525 дар Бухоро ба дунё омада, соли 1588 дар ҳамин ҷо вафот кардааст. Мушфиқӣ дар давраи таҳсили мадраса ба шеъргӯйӣ пардохт ва илмҳои асосии замонашро азхуд намуд.

Мушфиқӣ ба дарбори Абдуллоҳхони II даъват мешавад ва ба дараҷаи маликушшуарой мерасад. Ӯ бисёр қасидаҳои мадҳӣ навиштааст, ки қисме аз онҳо барои омӯхтани таърихи Мовароуннаҳр дар асри XVI ҳамчун сарчашмаи таърихӣ хизмат мекунанд.

Дар аср XVI таърихнигорӣ ҳам дар байни илмҳои замон мавқеи хосро ишғол мекард. Яке аз муаррихони барҷастаи ин аср Хондамир буд. Соли 1475 ӯ дар Ҳирот таваллуд шуда, соли 1535 дар Деҳлӣ вафот кардааст. Хондамир асараш «Ҳабибу-с-сияр»-ро солҳои 1521–1524 навишта, дар он воқеаҳои таърихи умумӣ ва тарҷумаи ҳоли одамони машҳурро баён карда, шарҳи ҳодисаҳоро то соли 1510 расонидааст.

Дигар аз таърихнигорони маъруфи ибтидои асри XVI Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳони Хунҷӣ мебошад, ки аз таъқиби Исмоили Сафавӣ аз Исфаҳон ба Бухоро, ба дарбори Шайбонихон паноҳ бурд. Ӯ асареро бо номи «Меҳмонномаи Бухоро» дар соли 1509 навишт. Дар ин рисолаи таърихӣ муаллиф ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони ибтидои асри XVI инъикос кардааст.

Яке аз шоирон ва муаррихони барҷастаи ин давр Ҳофизи Таниш буд. Ӯ соли 1549 дар Бухоро таваллуд шуда, соли 1635 дар ҳамин шаҳр вафот мекунад. Мероси илмию адабии Ҳофизи Танишро асари таърихии ӯ «Шарафномаи шоҳӣ», ки бо номи «Абдуллоҳнома» низ маъруф аст, ду девони ғазалиёт, қасоид ва маснавӣ ташкил медиҳанд.

# БОБИ ДУЮМ
# ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ҲАЙАТИ ДАВЛАТИ ҶОНИЁН (АСРИ XVII - НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XVIII)

## 1.ТАЪРИХИ СИЁСӢ

### Низоъҳои байнихудии феодалон дар асри XVII

Дар фасли панҷуми боби дуюм академик Б. Ғафуров дар бораи низоъҳои байнихудии феодалон дар асри XVII, афзудани парокандагии феодалӣ, сиёсати дохилии Убайдуллоҳхон, муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҷунбишҳои халқӣ, тиҷорат, муомилоти пулӣ ва маданияти моддиву маънавӣ маълумот медиҳад.

Аз ҷумла, таъкид мешавад, ки соли 1598 пас аз вафоти Абдуллоҳхони II шайбонӣ писараш Абдулмуъмин ҷои ӯро ишғол намуд, вале худи ҳамон сол ӯ кушта гардид. Пас Пирмуҳаммадхони II тахтро соҳиб шуд ва дере нагузашта ӯ низ ба ҳалокат расид. Аз ин вазъи ногувори сиёсӣ истифода бурда, Сафавиён, хонҳои Хева ва қазоқҳо ба ҳудудҳои зери тасарруфи Шайбониҳо ҳамла оварданд. Шоҳи Сафавӣ Аббоси I қисмати зиёди Хуросон ва Балхро забт намуд. Хони қазоқҳо Таваккал Тошканд ва Самарқандро ишғол кард. Хоразм низ дубора истиқлолият ба даст овард.

Пас аз ишғоли Аштархон (Астрахан) аз ҷониби лашкари русҳо яке аз намояндагони табори Чингизхон Ёрмуҳаммадхон, ки бо писари худ Ҷонихон (Ҷонибек султон) дар он ҷо ҳокимият дошт, ба Бухоро фирор кард. Ҷонибек хоҳари Абдуллоҳхони шайбониро ба занӣ гирфта буд. Аз ин издивоҷ се писар таваллуд ёфт: Динмуҳаммадхон, Боқимуҳаммадхон ва Валимуҳаммадхон. Пас аз марги Пирмуҳаммадхони II умарои Бухоро пешниҳод намуданд, ки тахтро Ҷонибек султон ишғол намояд, вале ӯ рад намуда, ба ин вазифа писари калониаш Динмуҳаммадро тавсия дод. Динмуҳаммад дар ин вақт ҳокими Абевард буд ва ба ҳуҷуми лашкари Эрон дучор гардида, дар ҷанг кушта шуд. Ба ҷои ӯ бародараш Боқимуҳаммад (1599-1605) тахтро соҳиб шуд.

Ҳамин тариқ, соли 1599 ба сари ҳокимияти хонии Бухоро сулолаи нав Ҷониён (аз номи асосгузори сулола Ҷонибек султон)

омад, ки дар таърих бо номи Аштархониҳо низ маълуманд. Пойтахти он шаҳри Бухоро буд. Ҷониён ҳокимияти худро дар Балх дубора барқарор намуданд. Дар қаламрави ин давлат ду маркази сиёсӣ вуҷуд дошт. Яке Бухоро буд, ки хони бузург дар он ҷо зиндагӣ ва ҳукмронӣ менамуд. Дигаре шаҳри Балх, ки вориси тахт ва атоликҳо дар он ҷо зиндагӣ ва фармонравоӣ мекарданд. Вуҷуд доштани ду маркази сиёсӣ тадриҷан ба заифшавии қудрати ҳокимияти марказӣ оварда расонд, ки минбаъд ба тезу тундшавии даргириҳои дохилӣ ва парешонию ошуфтагии Бухорову Балх сабаб гардид.

Дар адабиёти таърихӣ ақидае вуҷуд дорад, ки Боқимуҳаммадхон аввалин ҳокими давлати Аштархониҳо буд. Вале маводи сиккашиносӣ ба он далолат менамояд, ки дар дар ин давра дар Бухоро, Самарқанд ва Тошканд бо номи Ҷонибек султон сиккаҳо зарб шудаанд. Аз ин маълум мегардад, ки амалан аввалин ҳокими Аштархониён Ҷонибек султон будааст.

Соли 1605 пас аз вафоти Боқимуҳаммадхон тахтро бародари ӯ Валимуҳаммадхон (1605-1611) соҳиб гашт. Ӯ ба маишат машғул шуда, ба корҳои давлат аҳаммият намедод. Аз ин сабаб ҳангоми дар дашти Қаршӣ ба шикор машғул буданаш, аъёну ашроф тахтро ба писари Динмуҳаммадхон - Имомқулихон (1611-1642) доданд ва Валимуҳаммадхон ба Эрон фирор намуд. Шоҳ Аббос ӯро бо лашкари зиёд ба Мовароуннаҳр фиристод, вале дар аввалин муҳориба Валимуҳаммад мағлуб гардида, кушта шуд. Имомқулихон бар зидди қабилаҳои бодиянишин мубориза бурда, Тошкандро забт кард ва ҳудудҳои давлатро васеътар намуд.

Баъди Имомқулихон бародари ӯ Надирмуҳаммадхон (1642-1645) ба тахт нишаст. Муносибати ӯ бо аъёну ашрофи мамлакат сард гардид ва онҳо сӯиқасд намуда, ба тахт писари ӯ Абдулазизхонро (1645-1680) шинонданд ва танҳо Балх зери тасарруфи Надирмуҳаммадхон монд. Писарони Надирмуҳаммадхон низ талоши ҳукумат карданд, ки дар натиҷа дар Балх низоъҳои хонаводагӣ сар зад. Надирмуҳаммадхон барои ёрӣ ба ҳокими сулолаи Темуриёни Ҳинд – Шоҳиҷаҳон муроҷиат намуд. Шоҳиҷаҳон писарони худ Аврангзеб ва Муродбахшро бо лашкари зиёд ба Балх фиристод. Истилогарон муддати ду сол аҳолии Балхро ба азобу шиканҷа дучор намуда, шаҳрро талаву тороҷ карданд. Абдулазизхон тавонист, ки лашкари Ҳиндро мағлуб созад.

Оқибат ҳукумат ба дасти бародари Абдулазизхон -

Субҳонқулихон (1680-1702) гузашт. Дар ин вақт тохтутозҳои хевагиҳо ба давлати Ҷониён авҷ гирифт ва онҳо хатто Самарқандро зери тасарруфи худ даровcovered. Дар замони ҳукмронии Субҳонқулихон мавқеи Маҳмудбий атолиқ, ки аз қабилаи қатаған буд, хеле мустаҳкам гардид. Субҳонқулихон дар мубориза бар зидди душманони худ борҳо аз кӯмаки Маҳмудбий истифода намуд. Субҳонқулихон ӯро ҳатто барои тасарруфи Бадахшон фиристод.

Маҳмуд ҳокими Балх гардида, худро мустақил ҳис мекард ва ҳатто ба Субҳонқулихон низ ҳурмат намегузошт. Субҳонқулихон аз ин дар хавф афтода, набераащ Муҳаммадмуқимсултонро ҳокими Балх таъин намуд.

Дар мамлакат ҷангҳои дохилӣ авҷ гирифтанд, ки барои пахш намудани онҳо сармояи зиёд лозим буд. Аз ин хотир Субҳонқулихон пешакӣ аз аҳолӣ ситонидани андози ҳафтсоларо талаб намуд, ки ин вазъи аҳолиро боз ҳам мушкилтар сохт.

### Афзудани парокандагии феодалӣ. Сиёсати дохилии Убайдуллоҳхон

Соли 1702 Субҳонқулихон вафот кард ва ҷои ӯ писараш Убайдуллоҳхон (1702-1711) соҳиби тахт гардид. Ҳангоми ҳукмронии Убайдуллоҳхон муборизаи байни ҳокимияти марказӣ ва феодалҳо тундтар гардид, парокандагии сиёсӣ бештар тақвият ёфт, ки он бо ҷангҳои дохилӣ алоқаманд буд. Ҳокимияти марказии хонӣ нотавон гашт. Дар кишвар низоми амлокӣ вуҷуд дошт, ки дар он тамоми кишвар тақрибан байни қабилаҳои бонуфуз ё аъзои хонаводаи хонӣ тақсим шуда буд ва он яке аз сабабҳои заифии давлат ба шумор мерафт. Убайдуллоҳхон кӯшиш намуд давлатро мутамарказ намояд, вале ин ба ӯ муяссар нашуд. Амирон ва пешвоёни қабилаҳои кӯчӣ, ки дорои сарват ва мулкҳои калони замин буданд, худро соҳибистиқлол меҳисобиданд ва ба нерӯи қабилаҳои худ такя намуда, ба ҳукумати марказӣ тобеъ намешуданд.

Табақаи ҳукмрон ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо шуда буданд: гурӯҳи якум, амирони исёнгари тоифаҳои бодиянишини ӯзбек ва гурӯҳи дуюм, маъмурон, феодалони заминдор, табақаҳои болоии тоҷирону косибон. Ҷангҳои байнихудӣ бештар ба гурӯҳи дуюм зарар мерасониданд, аз ин сабаб онҳо тарафдори қувват

гирифтани ҳокимияти марказӣ буданд. Аҳолии маҳаллӣ низ ҷонибдори ҳокимияти марказӣ ва зидди амирони саркаш буд. Худи Убайдуллоҳхон низ гурӯҳи дуюмро ҷонибдорӣ мекард ва саъй менамуд, ки аҳолии одиро ҷониби худ кашад.

Убайдуллоҳхон соли 1708 ислоҳоти пулӣ гузаронид. Сабаби гузаронидани чунин ислоҳот камбудии пули нақд дар хазина ва зиёд шудани хароҷоти Убайдуллоҳхон буд. Тамоми тангаҳои дар хазинаи хонӣ мавҷудбуда аз нав зарб зада шуданд. Аз ҳар як тангаи кӯҳна (35% нуқра) чор тангаи нав зарб карда шуд (9% нуқра). Убайдуллоҳхон бо ин роҳ мехост дороии хазинаи худро чор баробар афзун созад. Гардиши тангаҳои собиқ зарбшуда бо 35% тартиби нуқра низ иҷозат дода мешуд, ки қурби он бояд ба арзиши воқеии он мутобиқат медошт. Қурби тангаи нави дорои 9% таркиби нуқра бошад маҷбурӣ буда, мебоист чор баробар аз арзиши аслии он болотар мебуд. Кори савдо дар Бухоро қатъ гардид. Тоҷирон ва косибони шаҳр дӯкону корхонаҳояшонро баста, аз онҳо тамоми амволи худро берун кашиданд. Вазъи аҳолии бебизоат, танг гашта онҳо ошӯб бардоштанд. Шӯриши мардум саркӯб гардид. Ба таври умумӣ ислоҳот натиҷаи дилхоҳ надода, боиси норозигӣ ва муқовимати ҷонибдорони собиқи хон гардид.

Соли 1711 Убайдуллохон аз тарафи душманонаш кушта шуд ва тахтро бародари ӯ Абулфайзхон (1711-1747) соҳиб гашт. Дар замони ҳукумронии Абулфайзхон ҷангҳои дохилӣ боз ҳам бештар авҷ гирифтанд ва ҳокимияти марказӣ қатъиян заиф гашта, иқтидори худро аз даст дод. Дар кишвар худсарии феодалӣ ҳукмрон буд, тамоми гаронӣ бар дӯши халқи меҳнаткаш меистод. Аҳолӣ қашшоқ гардида, мамлакат ба ҳолати вазнин гирифтор шуда, фалаҷ гардид. Давлат ба мулкҳои хурди феодалие тақсим шуд, ки онҳо мустақилона амал мекарданд. Ҷанги дохилӣ ва парокандагии феодалӣ иқтисоди кишварро хароб сохт. Дар мамлакат нуфузи Муҳаммадҳакимбий атолиқи манғит зиёд гашта, қариб ҳамаи корҳои мамлакатдориро ба дасти худ гирифт. Аз бенизомиву ноустувории мамлакат истифода бурда, шоҳи Эрон Нодиршоҳ ҳукумати Ҷониёнро зери тасарруфи худ даровард.

Соли 1753 Раҳимбий – писари Муҳаммадҳакимбии манғит бо дастгирӣ ва ризояти ашроф ва рӯҳониён ба тахт менишинад ва дар Бухоро ҳукмронии сулолаи нав - манғитҳо оғоз меёбад. Аммо ба таври расмӣ сулолаи Ҷониён то соли 1785 мавҷудияти худро нигоҳ дошт.

## 2. МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

**Вазъи хоҷагӣ. Даромади замин. Андозҳои шаҳр**

Дар ин давра иқтидори иқтисодии мамлакат хеле заиф гардида, дар он ҷо амалан ду пойтахт вуҷуд дошт: Бухоро ва Балх. Мамлакатро асосан пешвоёни қабилаҳо идора карда, аҳолиро бераҳмона ғорат менамуданд. Шиддатёбии муборизаҳои дохилӣ, андозситонии аз ҳад зиёд аз аҳолӣ, ба ғорат рафтани корвонҳои тиҷоратӣ , поймол намудани заминҳои кишт ва ғайра ба таназзули амиқи иқтисодӣ оварда расонд. Ҳокимон барои ба даст овардани фоида аз меъёрҳои муқарарӣ бештар андоз меситониданд. Масалан, дар замони ҳукмронии Субҳонқулихон аз аҳолӣ андози ҳафтсоларо ситониданд, ки ин вазъи бе ин ҳам мушкили мардумро боз ҳам тоқатфарсо кард. Ба ҷуз аз оидотҳои муқарарӣ ба дӯши мардум боз боҷу хироҷҳои зиёди дигар бор мешуданд.

Андози даромад (молу ҷиҳот, хироҷ) аз дигар намудҳои замин низ боло рафтанд. Аз ҷумла, андоз аз заминҳои милк то дараҷае афзуд, ки агар соҳибонаш онро ба тавri муфт диҳад ҳам, касе онро намегирифт. Ин амалҳо деҳқононро хонахароб менамуданд.

Аҳолии шаҳр, махсусан ҳунармандону косибон низ ба ҷабру зулми ҳокимону ашроф дучор гашта буданд. Ба сари онҳо низ ҳар гуна боҷу андозҳои гуногун бор мешуд. Онҳоро маҷбур мекарданд, ки ба ҷуз супоридани андозу маҷбуриятҳои дигар барои хону амирон пешкашҳои гаронбаҳо фиристанд.

**Ба дасти феодалон ҷамъ шудани моликияти замин**

Дар ин давра аъёну ашрофи ҷудогона ва шайхони бонуфуз барои ба мулк ва сарватҳои замин соҳиб шудан кӯшиши зиёд намуданд. Махсусан, амирони тоифаҳои ӯзбек ба заминдорони калон табдил ёфтанд. Аз бузургтарин моликони замини ин давр Ялангтушбӣ, Оллоҳбердибӣ ва шайхони Ҷӯйборӣ ба шумор мерафтанд.

Сарлашкарон ва аъёну ашрофи дигар соҳиби суюрғол ва танхоҳ мешуданд. Роҳи дигари ба дасти ашрофи бонуфуз гузаштани замин ин хариди замин буд. Холӣ шудани хазина хонҳои Бухороро ба фурӯхтани замин водор мекард. Ба дасти феодалони калон гузаштани заминҳои хусусӣ ва инъомӣ, инчунин

истисмори зиёди кишоварзон боиси муфлисшавии деҳқонон гардид. Дар натиҷа қудрати иқтисодии ҳукумати марказӣ торафт заиф гашта, мавқеи амирон ва рӯҳониён беш аз пеш пурқувват мегардид.

## Ҷунбишҳои халқӣ

Истисмору тороҷи гӯшношуниди аҳолӣ аз ҷониби ҳокимону амирон, зулму беадолатии давлатдорон, муборизаҳои дохиливу ғорати бераҳмонаи аҳолии маҳаллӣ, сар задани қаҳтиву гуруснагӣ, афзоиши андозҳову маҷбуриятҳои иловагӣ норозигии мардумро афзун намуд ва онҳо дар гӯшаву канори мамлакат ошӯбу исён бардоштанд. Ҳокимони маҳаллӣ ба ҳокимияти марказӣ итоат намекарданд ва аз худсарии онҳо аҳолии муқимӣ, бахусус аҳолии тоҷик, дар азобу шиканҷа буд.

Тибқи маълумоти шоир Сайидои Насафӣ дар замони ҳукумронии Абдулазизхон дар деҳаи Даҳбеди наздики Самарқанд шӯриши халқии бузурге рух дод. Шиддат ва вусъати ин ҷунбиши мардумӣ ба дараҷае буд, ки барои саркӯб намудани он худи Абдулазизхон бо лашкари зиёд ба ин ҷо омада, шӯришро пахш намуд ва Даҳбедро оташ зада, харобу валангор намуд.

Шӯриши аз ҳама калонтарини халқӣ соли 1703 дар Ҳисор ба амал омад, ки ба саршавии он зиддиятҳои байни ду феодал сабаб гардид.

Пешвои юзҳои Самарқанд Муҳаммадраҳимбий аталиқ бо юзҳои Ҳисор муносибатҳои душманона дошт ва ӯ бо лашкари Бухоро ба муқобили Ӯткан ном ҳокими яке аз қалъаҳои Ҳисор ҷанг сар кард. Дар натиҷа лашкари Бухоро мағлуб гашта, ақибнишинӣ кард ва мардуми Ҳисор ба бедодгариҳои Ӯткан дучор гардид. Мардуми Ҳисор аз ночорӣ ба амирони Бухоро муроҷиат намуда, ёрӣ талабиданд. Амирон бо вакилони халқ муомилаи дурушт намуда, яке аз онҳо ба сари намояндаи халқ шамшер кашид. Вакилони халқ низ даст ба сангу калтак бурда, бар лашкари мусаллаҳи бухориҳо пирӯз шуданд. Дар ин шӯриш дар канори ҳунармандон ва тоҷирон аҳолии бенавои шаҳр низ иштирок намуданд. Дар ин маврид манфиати аҳолии муқимӣ ва аслии вилояти Ҳисор, яъне тоҷикон бо ӯзбекҳои қабилаи юз ба ҳам мувофиқ омаданд. Мардум барои қатъи ҷангҳои дохилӣ дар

қаламрави худ фаъолона ширкат намуда, қабилаи юз бо дарназардошти манфиатҳои худ ин шӯриши мардумиро бо хушӣ ҷонибдорӣ кард, ки он ба торумори бухориҳо хотима ёфт.

Соли 1708 дар Бухоро ҷунбиши мардумӣ ба вуқӯъ пайваст, ки он бо ислоҳоти пулии Убайдуллоҳхон алоқаманд буд. Ин ислоҳот манфиатҳои табақаҳои мухталифи ҷамъияти шаҳрӣ ва болонишинҳоро халалдор карда буд ва он боиси ин тазоҳурот гардид.

Соли 1714 дар Бухоро шӯриш ба амал омад, ки дар он аҳолӣ ба муҳофизати ҳокимият бархостанд. Иброҳим атолиқ бо сарварии гурӯҳи калони феодалҳо аз қабилаи кенегас мехостанд ба арк ворид шаванд ва табаддулоти дарборӣ намоянд. Аҳолии шаҳр сангар сохта, ба кенегасҳо муқовимати шадид нишон доданд. Ба шарофати пуштибонии халқ, хон тавонист душманро саркӯб намояд.

Ғайр аз ин шӯришҳо боз солҳои 1713-1714 дар Бухоро, соли 1713 дар Самарқанд, соли 1719 дар Балх, соли 1745 дар Миёнкол, соли 1746 дар Тошканд ошӯбҳо сарзаданд, ки сабаби асосии сар задани онҳо ҷабру зулм ва зӯроварию золимии табақаҳои ҳукмрон ба мардум буд.

### Касбу ҳунар, тиҷорат, муомилоти пулӣ

Ҷангҳои байниҳамдигарӣ дар кишвар барои рушди касбу ҳунар ва тиҷорат шароити номусоидро офарид. Баъзе шаҳрҳо ва вилоятҳо чунон ғорат шуданд, ки муддати тӯлонӣ натавонистанд ба худ оянд. Вале халқ истеъдод ва маҳорати худро аз даст надод. Тибқи маълумоти шоир Сайидои Насафӣ, ки дар «Шаҳрошӯб» ном асари худ меорад, дар асри XVII дар Бухоро беш аз 212 навъи ҳунармандӣ ва касбу косибӣ мавҷуд будааст. Молҳои нассоҷӣ яке аз ашёи асосии аз хонии Бухоро содиршаванда ба шумор мерафт. Дар шаҳри Бухоро навъҳои мухталиф ва намудҳои гуногуни матоъҳои пахтагӣ ва катонӣ, ба монанди зандонии гуногунранг, суфи хом, матоъҳои нақшдор, дастурхонҳо (суфраҳо), миёнбандҳо ва маҳсулоти дигар коркард мешуданд. Дар вилояти Балх ва тамоми шаҳрҳои он низ навъҳои мухталифи матоъҳо чун карбос, алоча, камка, бахмали рангҳои гуногун, қолинҳои ранга ва абрешимӣ коркард мешуд. Дар шаҳру вилоятҳои мамлакат

истеҳсоли аслиҳаҳо, коркарди чарм ва пӯст, коғаз, сохтани ашё ва маснуоти филизӣ равнақ ёфта буд. Касбу ҳунари амали дастӣ низ инкишоф меёфт. Касбу ҳунар ва тиҷорат аслан дар дасти аҳолии шаҳр қарор дошт.

Вазъи умумии гардиши пул ва сиёсати ҳукумат дар мавриди сикказанӣ ва гардиши тангаҳо ба тараққиёти ҳунармандӣ ва тиҷорат мусоидат намекард. Дар баробари душвориҳои мавҷуда ҳилаву найранги қурби сикка, ки ҳанӯз дар асри XVI чун бори гароне бар дӯши ҳунармандон ва тоҷирон афтода буд, акнун беқурбшавии бошиддати тангаҳои нуқрагӣ изофа гардид. Тангаҳо аз хӯлаи нуқра ва мис сикка зада мешуданд ва миқдори мисро ҳар чӣ бештар дар он меафзуданд. Хазина ҳар дафъа ҳангоми паст кардани маҳаки тангаҳо фоида ба даст меовард, аҳолӣ бошад, ҳар чӣ бештар дучори зарар мегардид. Чунин вазъият мубориза байни аҳолӣ ва ҳукуматро тезонид ва аҳолӣ барои «пули асил» аз мубориза даст намекашид, аммо миқдори нуқра аз 35% баланд набаромад. Дар асри XVII меъёрӣ истифодаи зарби пул ба таври фавқулода афзоиш ёфт, ки ин боиси боз ҳам муфлисшавии бештари ҳунармандон ва тоҷирон гардид.

Дар натиҷаи ҷангҳои байниҳамдигарии дохилӣ ва тохтутозҳои қабилаҳои кӯчиву ҳуҷумҳои лашкарҳои хориҷӣ вазъияти кишвар боз ҳам муташанниҷ гардид ва аҳолии осоишта шаҳрҳоро тарк намуда, ба вилоят ва шаҳрҳои дар нуқоти дурдасти кишвар қарордошта паноҳ ҷустанд. Бенавошавии ноҳияҳои марказии давлат ба рушди ин вилоятҳо мусоидат менамуд, зеро ҳунармандон аз марказҳои нисбатан бузурги тиҷоратӣ-ҳунармандӣ барои ҷустуҷӯи амният ва имкони заҳмат кашидан бо он ҷойҳо мерафтанд. Дар тамоми шаҳрҳо бозорҳо вуҷуд доштанд. Аҳолии шаҳру деҳот ба тиҷорати мухталиф машғул мешуданд. Робитаҳои тиҷоратӣ байни вилоятҳо ва шаҳрҳои кишвар мавҷуд буд. Дар қаламрави Бухоро шумораи хеле зиёди бозорҳои марказонидашуда, растаҳои тиҷоратӣ, коргоҳҳои ҳунармандӣ ва дуконҳои тиҷоратӣ мавҷуд буданд. Ҳар як касбу ҳунар дар ин ҷо бозори махсуси худро дошт. Ҳунармандӣ ва тиҷорат дар Балх ва шаҳрҳои калони он хеле рушд ёфт.

Дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII Осиёи Миёна бо Русия, Ҳиндустон, Эрон, Хитой ва дигар кишварҳо робитаҳои

тиҷоратӣ дошт. Махсусан муносибатҳои тиҷоратӣ бо Русия хеле вусъат ёфта буд, ки ба он қабл аз ҳама шоҳони рус манфиатдор буданд. Онҳо ба тоҷирони осиёимиёнагӣ иҷозат медоданд, ки дар тамоми шаҳрҳои ин мамлакат ба тиҷорат машғул шаванд. Ба онҳо имтиёзҳои зиёд дода, боҷҳои хеле кам меситониданд. Тоҷирони осиёимиёнагӣ дар Аштархон (Астрахан) ҷойҳои махсус ва меҳмонхонаҳо доштанд. Тоҷирони бухорӣ ба ғайр аз Астрахан дар Тоболск тиҷорат карда, Сибирро бо ашёи ҳунарҳои дастӣ аз кишвари хеш таъмин менамуданд. Бисёр тоҷирони рус ба Осиёи Миёна омада, дар ин ҷо муддати тӯлонӣ ба тиҷорат машғул мешуданд. Онҳо молҳои худро оварда, аз ин ҷо молҳои заруриро ба Русия мебурданд.

Осиёи Миёна бо Ҳиндустон низ робитаҳои тиҷоратиро вусъат дода буд. Аз Ҳиндустон ба хонии Бухоро асосан матоъҳои ҳиндӣ, амволи нақшину гулдор, шол, ҳарир, пироҳанҳои зардӯзӣ, сангҳои гаронбаҳо, сабикаҳои тиллоӣ ва нуқрагӣ, ашёи мухталифи аз тилло ва амволи дигар содир мешуданд. Ба Ҳиндустон аз Бухоро аспҳо, уштурҳо, сагҳои тозӣ, паррандагони шикорӣ, абрешим, чарми хом, зарфҳои булӯрин, меваҳои хушк ва ғайра мебурданд. Дар ин давра Осиёи Миёна бо Эрону Хитой низ робитаҳои тиҷоратиро барқарор намуда буд.

## 3. МАДАНИЯТИ МОДДӢ ВА МАЪНАВӢ. МЕЪМОРӢ ВА САНЪАТ

Сарфи назар аз парокандагии сиёсӣ ва рукуди ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар асрҳои XVII–XVIII ёдгориҳои зиёди меъморӣ бунёд шуда буданд. Хусусияти хоси осори меъмории ин давр дар он зоҳир мегардид, ки онҳо на аз ҷониби ҳокимияти марказӣ, балки аз маблағҳои ашрофи бонуфуз, ки мехостанд бо ин роҳ шуҳрати худро баланд бардошта, номашонро абадӣ созанд, бунёд мешуданд.

Аз ҷумла, яке аз ашхоси бонуфузи замон Ялангтушбий бо маблағи худ дар Регистони Самарқанд маҷмӯаи бузурги меъморӣ бунёд намуд. Меъмор Абулҷаббор бо амри Ялангтушбий дар муқобили мадрасаи Улуғбек, мадрасаи нав сохт, ки арки пеши онро тасвирҳои кошинкории шерҳои ба оҳуҳо ҳамлакунанда оро медоданд ва аз рӯ ин мадраса номи Шердорро гирифт.

Тарҳи мадрасаи Шердор танҳо дар хусусиятҳои асосӣ бо мадрасаи Улуғбек монанд аст, аммо дар ҷузъиёти банақшагирӣ ва ороишӣ дар ин ҷо чизҳои ба худ хос зиёданд. Дар мадрасаи Шердор масҷиди зимистона нест ва он аз ду дарсхонае, ки дар қисмати пеш ҷойгиранд ва дар ҷониби муқобил ду ҳуҷра барои устодон иборат аст. Дар ҷузъиёти тарҳи бино ва ороишоти он навиҳои зиёде мушоҳида мешаванд.

Чанде баъдтар солҳои 1646-1647 Ялангтушбий дар майдони Регистон боз як иморати дигар бино карда, дар ороиши он тиллои фаровон истифода бурд ва онро Тиллокорӣ ном ниҳоданд.

Дар асри XVII дар Бухоро бо маблағи ашрофи бонуфуз Нодир девонбегӣ маҷмааи меъмории олиҷанобе ба итмом расонида шуд. Яке аз қисматҳои муҳимми ин меъморӣ ҳавзи калон мебошад ва аз ин хотир он бо номи Лабиҳавз машҳур аст.

Ёдгории дигари муҳимми асри XVII мадрасаи Абдулазизхон дар Бухоро мебошад, ки дар муқобили мадрасаи Улуғбек сохта шудааст. Бо вуҷуди он ки ин ду мадраса умумияти зиёд доштанд, дар байни онҳо тафовут низ ба мушоҳида мерасад.

Илова ба навиштаи академик Б. Ғафуров гуфтан лозим аст, ки дар ин давра дар Балх, Помир ва вилоятҳои дигари тоҷикнишин низ як қатор ёдгориҳои меъморӣ қомат афрохта буданд. Дар асрҳои XVII-XVIII санъати мусаввирӣ ва хушнависӣ низ ба мушоҳида мерасид. Дар асри XVII санъати ороиши китобҳои дастнавис ва хаттотӣ ҳанӯз дар зинаи баланд меистод. Дар Самарқанд дар ин айём коғази хеле босифат сохта мешуд. Дар асри XVII ҳунари минётурии осиёимиёнагӣ инкишофи худро идома дод. Намунаҳои ингуна минётурҳо нусхаҳои хаттии ин даврро зинат медоданд. Аз ҷумла, дар асари «Зафарнома»-и Шарафиддини Яздӣ, ки соли 1628 дар Самарқанд китобат шуда буд, 12 минётур бо санъати баланде тасвир гаштааст. Дар минётури лашкаркашии Темур ба Ҳирот 23 андоми инсон ва 18 асп бо тафсили ҷузъиёт тасвир шудаанд. Дар минётури дигар саҳнаи базми Темур хеле зебову хушранг офарида шудааст.

Дар натиҷаи муташанниҷ гаштани вазъи минбаъдаи мамлакат аксари аҳолӣ, аз ҷумла ҳунармандони соҳаҳои мухталиф марказҳои фарҳангиро тарк намуданд, ки он муддате рушди меъморӣ ва санъатро боздошт.

## Адабиёти бадеии тоҷик ва солномаҳои таърихии асри XVII – ибтидои асри XVIII

Дар замони ҳукмронии Ҷониён ду маркази адабӣ вуҷуд дошт: Бухоро ва Балх. Иловатан ба ахбори Б. Ғафуров гуфтан лозим аст, маркази сеюми адабӣ низ дар Самарқанд фаъол буд. Замони ҳукмронии Субҳонқулихон аз сабаби вазъи ногувори сиёсӣ як қатор шоирони дарбор ватани худро тарк карда, ба Ҳиндустон муҳоҷират намуданд.

Дар ин давра адабиёти дарборӣ рӯ ба таназзул ниҳод, вале дар байни пешаварони шаҳр як гурӯҳ шоирони забардаст, ба мисли Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Муллообиди Мумтоз ва Миробид Сайидои Насафӣ ба камол расиданд, ки ашъори онҳо бештар ба табақаҳои истеҳсолкунанда бахшида шуда буданд.

Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ соли 1657 дар Самарқанд таваллуд ёфта, хешовандони ӯ аз зардӯзони моҳир буданд ва худи ӯ ҳам соҳиби ин касб гардид. Соли 1685 Фитрат ба Бухоро омада, ба мадраса дохил гардид. Ӯ соли 1658 дар мадрасаи Бухоро таҳсил кардааст. Аз муҳтоҷӣ хонаашро ба шахси давлатманде мефурӯшад ва он шахс ӯро фиреб дода, хонаи ӯро бо маблағи ночиз соҳибӣ мекунад. Шоир қасоси худро бо ҳаҷв гирифт ва ӯро дар тамоми шаҳр шарманда сохт. Фитрат дар оғози асри XVIII фавтидааст. Аз мероси ӯ то замони мо маснавии «Толиб ва Матлуб», як ҳаҷвия, чанд ғазал расида, девони ӯ ҳанӯз пайдо нашудааст.

Шоири бузурги дигари ин давр Миробид Сайидои Насафист, ки ҳамзамони Абдулазизхон, Субҳонқулихон ва Убайдуллоҳхон буд. Сайидо дар охири нимаи аввали асри XVII дар Насаф (ҳоло Қаршӣ) ба дунё омадааст. Ӯ дар аввали эҷодиёти худ бо мақсади пайдо кардани сарпараст бо баъзе намояндагони дарбор наздикӣ пайдо намуд, вале ҳангоми аз фисқу фуҷур ва разолати онҳо огоҳ гардидан, худро аз ин тоифа дур кард. Яке аз асарҳои муҳимми ӯ «Баҳориёт» («Ҳайвонотнома») аст, ки шоир дар тимсоли ҳайвонот симои намояндагони табақаҳои болоиро тасвир намудааст. Сайидо ошкоро ба ҳимояи халқи меҳнаткаш бархоста, орзуву омоли ҳунармандонро ифода кардааст ва сохти мавҷударо сахт зери танқид гирифтааст. Сайидо дар мавзӯъ ва шакли шеър навигариҳои зиёд оварда, дар ашъори худ доираи мавзӯъоти жанри анъанавиро хеле васеъ намуд. Ӯ дар қасиданависӣ маҳорати баланд дошта, мавзӯъҳои онро тағйир дод ва дар васфи

камбағалону ҳунармандон қасидаҳо офарид. Тавассути ӯ жанри «Шаҳрошӯб» равнақи тоза ёфт. Сайидо ба назм калимаҳои оммафаҳми гуфтугӯии модариашро дохил намуд, ки он ба забони адабии ҳозираи тоҷик бисёр наздик аст.

Дар ин давра баробари асарҳои адабӣ як зумра асраҳои таърихӣ низ офарида шуданд. Яке аз таърихнигорони машҳури асри XVII донишманди балхӣ Маҳмуд ибни Валӣ бо амри Надирмуҳаммадхон асари ҳафтҷилдаи энсиклопедии «Баҳру-л-асрор фӣ маноқиби-л-ахёр»-ро навишт, ки ҳар ҷилди он аз чор фасл иборат буда, қисмати таърихии он воқеаҳои давраи аз Чингизхон то Ҷониёнро дар бар мегирад. Ба қалами ин муаллиф боз як силсила асарҳои дигари ахлоқӣ-дидактикӣ ва девони ашъори иборат аз 50 ҳазор байт низ тааллуқ доранд. Ӯ ҳамаи асарҳояшро бо забони тоҷикӣ навишта аст.

Дар ин давра боз як қатор асарҳои дигари таърихӣ аз қабили «Таърихи Сайид Роқим»-и Фарҳоди Самарқандӣ, «Муҳиту-т-таворих»-и Муҳаммадамини Ярокчӣ, «Таърихи Муқимхонӣ»-и Муҳаммадюсуфи Муншӣ ва «Убайдуллонома»-и Муҳаммадамини Бухорӣ офарида шуданд, ки дар онҳо шарҳи воқеаҳои таърихии ин замон ба таври муфассал баён гардидаанд.

# БОБИ СЕЮМ
# ҲАЁТИ ТОҶИКОН ДАР АМОРАТИ БУХОРО ВА ДАВЛАТИ ХОНИИ ХӮҚАНД (АЗ МИЁНАҲОИ АСРИ XVIII ТО МИЁНАҲОИ АСРИ XIX)

## 1. ТАЪРИХИ СИЁСИИ АМОРАТИ БУХОРО ВА ДАВЛАТИ ХОНИИ ХӮҚАНД. ЭКСПАНСИЯИ БРИТАНИЯ ДАР ОСИЁИ МИЁНА

### Ҳуҷуми Нодиршоҳ ба Бухоро ва Хева

Дар ин зербоб академик Б. Ғафуров доир ба парокандагии сиёсии Осиёи Миёна, ҳуҷуми Нодиршоҳи афшор ба минтақа, оғози салтанати манғитиён, таърихи сиёсии аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд, кӯшишҳои воридшавии Британияи Кабир ба минтақаро дар миёнаҳои асри XVIII мавриди таҳлил қарор додааст. Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки дар Осиёи Миёна давлати ягонаи мутамарказ вуҷуд надошт ва ба замми он, дар натиҷаи ҷангҳои дохилӣ иқтисодиёти минтақа хеле хароб гардида буд. Намояндаи сулолаи Ҷониён - Абулфайзхон (1711–1747) бештар ба айшу нӯш машғул буд ва ба гуфтаи муаррих Мирзо Абдулазими Сомӣ «кори давлат рӯ ба инқироз ниҳод ва аҳкоми шариат аз доираи риоят маҳрум гардид. Ҳар кас тамаъи сардорӣ дошту ҳар фард ғарази раҳбарӣ...». Ин буд, ки дар Самарқанд мулки мустақиле ба вуҷуд омада буд, ки бо Бухоро рақобат мекард. Барои мустақилияти худро нигоҳ доштан ҳокими Самарқанд аз саҳронишинон кӯмак хост ва дар давоми ҳафт сол (1723–1730) онҳо водии Зарафшонро ба харобазор табдил доданд. Заминҳои кишт ва чарогоҳҳои мамлакат дар зери суми аспи бодиянишинон ба биёбон мубаддал шуд, қаҳтӣ ва гуруснагӣ ба миён омад ва сокинони Самарқанду Бухоро ба ҳар сӯ пароканда гардиданд.

Аз вазъият истифода намуда, табақаи ашрофи қабилаи манғит имтиёзи бештаре пайдо мекунад, ки ин боиси эътироз ва зиддияти шадиди аъёну ашрофи дигар қабилаҳо мегардад. Шоҳи Эрон Нодиршоҳи афшор аҳволи ноорому пурихтилофи дохилиро истифода намуда, соли 1740 аз роҳи Балх ва Чорҷӯй бо лашкари хеле хуб мусаллаҳу муташаккил ба Мовароуннаҳр дохил шуд.

Муҳаммадраҳимбии манғит, писари Муҳаммадҳаким атолиқ ба хизмати Нодиршоҳ рафт. Муҳаммадҳакимбий, ки аз ҷониби Абулфайзхон барои музокирот бо Надиршоҳ вазифадор гардида буд, низ бештар ба манфиати шоҳи Эрон хидмат менамуд. Бо амри Нодиршоҳ Муҳаммадҳаким ҳукмрони Бухоро, бародараш Муҳаммаддониёлбӣ ҳокими Кармина таъин шуданд ва бо ин Бухоро ба қаламрави шоҳи Эрон мубаддал гардид. Ҳамин сол Нодиршоҳ Хеваро низ ишғол намуд.

Муҳаммадраҳимбӣ пас аз вафоти падараш лашкари пурқувват ва бонизом ташкил дода, муқовимати амирони мухолифро пахш намуда, дар дарбори Абулфайзхон мавқеи асосиро соҳиб ва амалан ҳукмрони давлати хонӣ гардид.

Пас аз кушта шудани Нодиршоҳ дар соли 1747 қаламрави зери тасарруфи ӯ буда, зуд пароканда гардид. Яке аз сарлашкарони ӯ Аҳмадхон дар Қандаҳор қабилаҳои афғонро муттаҳид намуда, худро шоҳи Афғонистон эълон кард. Дар давоми солҳои 1750-1752 Аҳмадшоҳ ҳудуди зиёди тоҷикнишин, аз ҷумла Ҳирот, Балх, Андҳой, Маймана, Ахча, Шибирғон ва Қундузро низ ба тасарруфи худ даровард. Каме баъдтар Бадахшон ва дар асри XIX қисми зиёди заминҳои тоҷикон, ӯзбекҳо ва туркманҳои соҳили чапи дарёи Аму низ ба ҳайати Афғонистон ҳамроҳ карда шуданд. Дар натиҷа тоҷикони соҳили чапи Амударё аз ҳамқавмони соҳили рости худ ҷудо шуданд. Дар минтақаи ҳамроҳ карда афғонҳо заминдорону деҳқонони тоҷикро ронда, заминҳои онҳоро соҳибӣ намуда, қарияҳои нимҳарбӣ барпо намуданд.

**Оғози ҳукмронии Манғития**

Академик Б. Ғафуров таъкид менамояд, ки Муҳаммадраҳимбӣ соли 1747 Абулфайзхон ва ду писари ӯро ба қатл расонид ва бо дастгирии ашрофону рӯҳониён ба тахти хонии Бухоро нишаст. Ҳамин тавр, ӯ ба ҳукмронии сулолаи Манғитиён асос гузошт, ки то соли 1920 аморати Бухороро идора намуданд.

Муҳаммадраҳимбӣ аввалан бар зидди амалҳои худсаронаи сардорони қабилаҳои бодиянишин мубориза бурда, ҳамагуна муқовимати феодалони калонро ба ҳокимияти марказӣ пахш намуд.

Ба ҳар як вилояти тобеъ одамони худро ҳоким таъин намуда, вилоятҳои саркашро ба зӯрӣ мутеъ кард. Аз ҷумла, ду маротиба солҳои 1756– 1757 ба вилояти Ҳисор лашкар кашида, онро ба тасарруфи худ даровард ва амакаш Дониёлбиро ҳокими он ва вилоятҳои кӯҳистон таъин кард. Самарқандро ишғол намуда, ҳокимияти онро ба бародараш дод, Шаҳрисабз, Тошканд ва дигар вилоятҳоро низ бо ҳамин роҳ мутеъ сохт. Дар нимаи дуюми асри XVIII танҳо Ӯротеппа, ки шаҳрҳои Хуҷанд, Ҷиззах, қалъаҳои Зомин, Ём дар ҳайати он буданд, ҳамчун мулки мустақил боқӣ монд. Соли 1756 Муҳаммадраҳимбӣ худро хони Бухоро эълон намуд.

Пас аз вафоти Муҳаммадраҳимбӣ соли 1758 ҳокимият ба дасти Дониёлбӣ аталиқ (1758–1785) гузашт, аммо ӯ худро хон эълон накарда, Абулғозии набераи Абулфайзхонро ба тахт шинонд ва худ вазифаи аталиқиро гирифт. Дониёлбӣ асосан ба ҳарбиён ва рӯҳониёну шайхон такя менамуд, барои ҳамин дар давраи ӯ сарлашкарону ашрофони манғит ба тариқи танхоҳ соҳиби заминҳои зиёд гардиданд. Дар ин давра шумораи андозҳо ниҳоят бисёр шуданд. Ба гуфтаи Аҳмади Дониш шаклҳои нави андоз, ба мисли аминона, никоҳона, мӯҳрона, ҳаққи тарозу ва амсоли инҳо ҷорӣ гардиданд. Аҳволи оммаи мардум ниҳоят бад буд, борҳо дар шаҳру вилоятҳо, аз ҷумла дар худаи Бухоро шӯришҳои мардумӣ ба вуқуъ омаданд.

Аммо новобаста аз кӯшишҳои Дониёлбӣ ҳудуди давлати хонӣ бо суръат маҳдуд мегардид ва вилоятҳо, аз ҷумла Балх, Фарғона, Ҳисору Кӯлоб, Ӯротеппа амалан мустақил буданд. Дар Фарғона охирҳои асри XVII ҳокимиятро намояндагони қабилаи минг ба даст гирифта, хонии мустақили Хӯқандро ташкил доданд. Дар нимаи дуюми асри XVIII хонии Хева, ки низ давраи хеле сахти ҷангу ҷидолҳои дохилӣ ва гуруснагию вaборо аз сар гузаронд, бо кӯшиши Муҳаммадаминхони қунғурот то андозае ба ифоқа омад. Қунғуротҳо дар ин ҷо то соли 1920 ҳукмронӣ намуданд.

## 2. МУБОРИЗА ДАР РОҲИ МУСТАҲКАМ КАРДАНИ АМОРАТИ БУХОРО

Хокимияти марказӣ ва махсусан, нуфузи Дониёлбӣ дар натиҷаи ноормӣ ва норизоии сокинони аморат рӯз то рӯз суст

мегардид. Дониёлбӣ маҷбур шуд, ки соли 1785 тахтро ба писараш Шоҳмурод, ки ба тариқати сӯфия пайваста буд ва дар байни рӯҳониён нуфузи калон дошт, супорад. Шоҳмурод, пас аз вафоти падар бо либоси тавба дар кӯчаҳои Бухоро мегашт ва бахшиши гуноҳҳои падарро мепурсид. Ҳатто як миқдор сарвати аз падар мерос гирифтаи худро ба мардум тақсим ҳам намуд. Ӯ чунин вонамуд меард, ки ғайри хоҳиши худ ба тахт нишастааст, либоси одӣ мепӯшид ва кам ғизо мехӯрд ва ҳатто дар назди мардум қушбегӣ ва қозикалонро ба қатл расонид. Ҳамаи ин корҳоро ӯ бо мақсади сиёсӣ ва ба тараф худ кашидани аҳолии аморат мекард. Аз тарафи дигар ӯ маҷбур низ буд, зеро соли ба тахт нишастанаш аҳолии Бухоро шӯриши калоне бардоштанд ва дар рафти ин шӯриш беш аз ҳазор нафар одам кушта шуд. Шоҳмурод савганд ёд кард, ки аҳолии Бухоро аз ҷабру зулм ва андозҳои вазнин озод менамояд, ҳатто фармони ӯро дар рӯи санг сабт намуда, дар пештоқи масҷиди ҷомеи Бухоро гузоштанд. Табиист, ки амир ин ваъдаҳои худро иҷро накард. Вале, ба ҳар ҳол давраи ҳукмронии амир Шоҳмурод (1785–1800) давраи нисбатан устувор гардидани аморат ба шумор меравад. Ӯ лақаби «Амири Маъсум», яъне амири бегуноҳро гирифт, вале моддаи таърихи вафоташро «золим мурд» гуфтанд.

Амир Шоҳмурод чанд ислоҳоте низ гузаронд. Пеш аз ҳама, андозҳои шаръӣ - хироҷ ва закотро нигоҳ дошта, дигар шакли молиёт, боҷ ва ҷаримаҳоро аз байн бурд. Аммо, ҷизя – андози аз қавмҳои ғайримусулмон ситондашавандаро хеле зиёд кард, ба аскарон моҳона муқаррар намуд, заминҳои вақфи мусодирашударо баргардонд ва бо ин роҳ рӯҳониёни исломро ҳомии худ кард. Барои пешрафти иқтисодии аморат ислоҳоти пулии ӯ аҳаммияти ҷиддӣ дошт. Шоҳмурод шакли зоҳирӣ, ҳаҷм ва вазни сиккаҳоро тағйир дода, онҳоро аз нуқраи пуриёр зарб зад ва ҳар кас метавонист ба сиккахона нуқра оварда, ба ивазаш пул гирад, сиккаҳои кӯҳна аз гардиш бардошта шуд.

Амир бо мақсади баланд бардоштани ҳокимияти марказӣ ҳокимони ҳамаи вилоятҳоро сабукдӯш сохта, ҳокимони нав таъин намуд ва муқобилияти феодалони ҷудогонаро дарҳам шикаст. Ба ҳар як шаҳру деҳа қозӣ таъин намуда, низоми корҳои маҳкамаро то андозае ба тартиб овард.

Ин ислоҳот то андозае ба пешравии иқтисодиёт ва рушди тиҷорат мусоидат намуд. Воҳаҳои зироатии Зарафшон, ҳавзаи дарёи Ому ва қашқадарё аз нав рӯ ба сабзиш оварданд. Низоми обёрӣ ба тартиб омад, каналҳои нав канда шуданд ва онҳо моли давлат эълон гардиданд. Пешрафти иқтисодиёт, тиҷорат ва низоми обёрӣ раванди муқимишавии қабилаҳои кӯчиро тезонид.

Баробари ин дар давраи амир Шоҳмурод таассуби динӣ низ хеле ривоҷ гирифт, ӯ таҳти шиори «ҷиҳоди муқаддас бар зидди шиаҳо» чандин маротиба ба Хуросон лашкар кашида, шаҳру деҳаҳои онро ғорат намуд, як қисми аҳолии Хуросонро ҳамчун асир ба Бухоро овард, бозори ғуломфурӯширо хеле равнақ дод. Дар охири асри XVIII аз вазъияти дохилии Эрон истифода намуда, Марвро ишғол намуд. Вале чанде баъд бародари ӯ Умарбӣ, ки ҳокими Марв буд, кӯшиши ҷудошавӣ аз аморатро кард. Бо ин баҳона Шоҳмурод боз ба Марв лашкар кашида, сарбанди дарёи Мурғобро пурра вайрон намуд ва сокинони шаҳрро ба Самарқанду Бухоро кӯчонд. Ӯ якчанд маротиба ба Ӯротеппа лашкар кашида, аксари аҳолии қобили меҳнати Хуҷанд, Ӯротеппа, Хавос, Зомин ва Ёмро зӯран ба Самарқанд бурд. Маҳз бо қувваи ин одамон дар Самарқанд 24 масҷид ва дигар иморатҳои гуногун сохта шуданд.

### Аморати Бухоро дар нимаи аввали асри XIX

Дар давраи ҳукмронии амир Ҳайдар (1800- 1826) лашкари Бухоро ба Хева чанд зарбаи ҷиддӣ зада, хавфи ҳуҷуми онҳоро ба аморат бартараф намуд. Аммо баъдтар, аз сустии аморат истифода карда хевагиҳо ҳуҷум намуда, то назди деворҳои Бухоро омаданд. Мубоиризаи Бухоро бо хонии Хева ва Шаҳрисабз солҳои дароз идома ёфт. Дар самти шимол амир Ҳайдар тавонист ба Ӯротеппа ғолиб ояд, Ҷиззах ва саргаҳи Зарафшонро соҳиб шавад. Дар ҷанги муқобили Ҳисор низ ӯ то андозае муваффақ гардид, духтари ҳокимро ба занӣ гирифт ва бо ин восита ҷонибдори худ кард. Бо маълумоти маъхазҳо мулки Ҳисор хеле бой ва сераҳолӣ буд. Калонтарин маҳалҳои аҳолинишини он Деҳнав, Қаратоғ ва Регар маҳсуб меёфтанд.

Муаллифе доир ба вазъи сиёсии Осиёи Миёнаи ибтидои асри XIX навиштааст, ки минтақа миёни ҳокимони ҷудогона, ки

пуриқтидортарини онҳо подшоҳи Бухоро Мир Ҳайдар мебошад, тақсим гардидааст. Ҷои дуюмро аз ҷиҳати мақом амири Фарғона – Умархон, сеюм волии Ӯротеппа Маҳмудхон, пас аз онҳо Шаҳрисабз Ниёзалӣ ишғол менамуд. Аммо, ӯ исман табааи Бухоро маҳсуб меёфт, намегузошт, ки ба номи Мир Ҳайдар хутба хонда ва сикка зарб карда шавад. Пас аз инҳо ҳокимони Ҳисор, Қубодиён ва Қӯрғонтеппа меистанд ва дар соҳили чапи дарёи Ому мулки Хоразм воқеъ аст, ки ҳокими он Муҳаммад Раҳимхон мебошад. Дар Бадахшон Мирмуҳаммадшоҳ ҳукмронӣ мекунад, Шуғнон ҳам ҳокими худро дорад. Ин муаллиф таъкид менамояд, ки ҳамаи ин ҳокимон бо ҳам намесозанд ва доимо дар ҷангу ҷидоланд. Ҷунин буд вазъи сиёсии Осиёи Миёна дар чоряки аввали асри XIX.

Амир Ҳайдар натавонист сиёсати падарашро дар самти марказият додани давлат пеш барад, муқовимати феодалони маҳаллӣ дубора қувват гирифт. Бо сабаби лашкаркашиҳои зиёд харҷи хазина хеле зиёд гардида буд, молиёт ва андозҳои зиёд, ба мисли қӯшпулӣ, танобпулӣ, алафпулӣ, яксарӣ, чӯбпулӣ, миробона, кавсан дубора ҷорӣ гардиданд. Дар ибтидои солҳои бистум таназзули иқтисодӣ ва харобии саросари кишвар рух дод. Афзудани ҷабру зулм ва истибдод боиси сар задани ошӯбҳои нави халқӣ гардид. Шӯриши хитой-қипчоқҳо, ки дар водии Миёнкол сар зада, аз соли 1821 то соли 1825 давом намуд.

Пас аз вафоти амир Ҳайдар писараш Насрулло (1826–1860) ба тахт нишаст. Академик А.А. Семёнов менависад, ки амир Насрулло аз болои ҷасади ду бародари худ – ворисони қонунии салтанат Ҳусайн ва Умар гузашта, ба тахт нишаст ва дар давоми як моҳи пас аз ҷулуси худ рӯзе 50–100 касро ба қатл мерасонид. Барои ҳамин ӯро «амири қассоб» лақаб доданд. Давраи ҳукмронии дуру дарози амир Насрулло бо бадкирдорӣ, қатлу куштор, хиёнат, бешарафӣ ва ҳирсу ози гӯшношунида ном баровард.

Амир Насрулло бо Шаҳрисабз, Ӯротеппа, Хӯқанд ва Хева пайваста ҷанг мекард ва кӯшишҳояш дар бобати ба ҳайати аморати Бухоро баргардонидани вилоятҳои соҳили чапи дарёи Аму натиҷае наовард. Бо мақсади ҷазои ҳокимону мансбдорон ва ашрофони саркаш чораҳои ниҳоят бераҳмона пешбинӣ намуда,

Ҳаким қушбегиро ба қатл расонида, ба ин вазифа Абдусамади эрониро таъин кард ва ҳуқуқу ваколати ӯро ниҳоят маҳдуд намуд. Касе каме саркашӣ мекард, ҳамоно ба қатл расонида мешуд ва молу мулкаш мусодира мегардид.

Соли 1837 амир Насруллоҳ ислоҳоти ҳарбӣ гузаронида, ба ташкили лашкари муназзам сайъ кард. Асоси лашкари ӯро асирони рус, эрониҳо ва дигар қавмҳои бегона ташкил медоданд. Дастаи махсуси ҳашсаднафараи сарбозон ва дусадупанҷоҳнафараи тӯпчиёнро ташкил дода, либоси махсуси низомӣ ҷорӣ кард. Силоҳро барои лашкар аз тамоми қаламрави аморат ҷамъ намуда, ҷойи зисти алоҳида барои сарбозон бино намуд. Амир аз ин қисми ҳарбӣ, ки қувваи асосии зарбазанандаи лашкари Бухоро маҳсуб меёфт, дар вақти ҷанг ба таври васеъ истифода менамуд, вале дар замони осоишта аз он метарсид.

Пас аз вафоти амир Насрулло ҳокимият ба писари ягонааш Музаффар (1860–1885) гузашт. Доир ба амири нав А.А.Семёнов менависад, ки ӯ аз меҳри падар маҳрум буд ва амир Насрулло ҳеҷ намехост, ки Музаффар вориси тахт гардад, зеро ӯ мисли худаш бераҳму хунхор ва ниҳоят камақл буд. Дар замони ҳукмронии амир Музаффар Осиёи Миёна аз тарафи Россия забт гардид.

### Давлати хонии Хӯқанд дар нимаи аввали асри XIX

Академик Б. Ғафуров дар ин бахш доир ба вазъи хонии Хуқанд дар нимаи аввали асри XIX маълумот дода, таъкид менамояд, ки новобаста аз мавҷуд будани манбаъҳои муътамад, мадракҳои мустанад ва хотироти сайёҳон таърихи хонии Хӯқанд то ҳол ба дараҷаи зарурӣ омӯхта нашудааст.

Вилояти Фарғона дар асри XVIII бо мавқеи ҷуғрофии худ назар ба Бухоро, Хева ва Тошканд мақоми афзалиятнокеро соҳиб буд. Пеш аз ҳама, бисёр ҳодисоти харобиовар, аз ҷумла лашкаркашии Нодиршоҳ ба ин вилоят таъсире нарасонида буд. Барои ҳамин аҳолии вилоят хеле афзуда, иқтидори иқтисодии он баланд гардид. Чунин вазъият барои таъсиси давлати мустақил замина ва имконияти мусоид муҳайё намуд. Махсусан, дар давраи ҳукмронии Олимхон (1800–1810) бо мақсади баромадан аз тобеияти ашрофи ҳарбии феодалӣ дастаи махсуси низомӣ комилан аз тоҷикони кӯҳистон - дарвозиҳо, қаротегиниҳо ва шуғнониҳо

ташкил карда шуд. Олимхон дар бобати марказонидани давлат кӯшиши бисёре ба харҷ дода бошад ҳам, натавонист мухолифати доираҳои бонуфузи аъёну ашроф ва рӯҳониёнро пурра бартараф намояд. Вале муваффақ шуд, ки ҳудуди давлатро васеъ намояд. Ӯ Ӯротеппаро гирифта натавонист, вале дар охирҳои ҳукмрониаш Тошканд ва қабилаҳои қазоқи ҳамҷавори онро ба худ тобеъ сохт

Пас аз Олимхон бародараш Умархон (1810-– 1822) сиёсати ӯро идома дод. Маҳз дар давраи ӯ сохти маъмурии давлати мустақил ташаккул ёфт. Гарчанде ҷанг барои Ӯротеппа бебарор буд, аммо Умархон ба тарафи шимол лашкар кашида, шаҳри Туркистон ва масоҳати паҳновари даштҳои қазоқнишинро аз баҳри Арал то Ҳафтрӯд ишғол намуд. Сиёсати васеъ намудани ҳудуди хониро писари ӯ Муҳаммадалихон (1822–1842) идома дода, мулкҳои Дарвоз ва Қаротегинро тобеъ сохт, ҳатто муддате чанд ҳокими Кӯлоб низ ба ӯ итоат мекард.

Муҳаммадалихон ба мисли амири Бухоро Насруллоҳ як марди золим ва бетараҳҳуме буд. Ӯ ягон меъёреро риоят накарда, одамони гунаҳкору бегуноҳро ба қатл мерасонид, чун ишратпарасти фосиқ умр ба сар мебурд, айшу нӯш ва кайфу сафо шуғли доимии ӯ ба шумор мерафт. Амири Бухоро Насрулло соли 1842 Хӯқандро забт кард ва Муҳаммадалихонро бо аҳли хонаводааш ба қатл расонд. Аммо дере нагузашта Хӯқанд боз истиқлолияти худро соҳиб шуд ва Хуҷанду Тошкандро дубора ба даст овард.

## Нобудшавии аҳолӣ ва харобии хоҷагӣ дар натиҷаи ҷангҳои байни давлатҳои феодалӣ

Бобоҷон Ғафуров менависад, ки доир ба ҷангҳои пайвастаи байни давлатҳои минтақа дар бахшҳои боло то андозае маълумот дода шуд. Аз ҳама бештар байни аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд барои ба даст овардани Ӯротеппа ҷанг ба кукӯъ омадааст. Дар нимаи дуюми асри XVIII Ӯротеппа мулки калоне буд, ки ба ҳайати он, ғайр аз ҳавзаи Шаҳристону Ӯротеппа, Панҷакент, Ҷиззах, Зомин, Нов ва Хуҷанд низ дохил мешуданд, ва ин мулк аксар вақт соҳибихтиёр буд. Ӯротеппаро намояндаи қабилаи юзҳо идора мекард.

Дар ибтидои асри XIX мубориза байни Бухоро ва Хӯқанд барои мулки Ӯротеппа боз қувват гирифт. Аморати Бухоро Ҷиззах ва давлати хонии Хӯқанд Хуҷандро ба тасарруфи худ даровардaнд. Ҷангҳои беинтиҳо барои Ӯротеппа сар шуданд. То солҳои сиюми асри XIX хонии Хӯқанд дар талоши Ӯротеппа бештар нақш дошт. Агар амирони Бухоро ба Ӯротеппа даҳ маротиба лашкар кашида бошанд, хонҳои Хӯқанд беш аз бист маротиба ба ин мулк ҳуҷум кардаанд. Онҳо шаҳрро ишғол намуда, ҳокими онро қатл мекарданд, аммо пас аз рафтани лашкари асосии онҳо аҳолии Ӯротеппа (инчунин Хуҷанд) боз истиқлолияти худро дубора ба даст меоварданд. Солҳои 1841–1848 Ӯротеппа дар таҳти тасарруфи Бухоро қарор гирифта буд. Дар зарфи шашуним даҳсолаи асри XIX ба Ӯротеппа тақрибан панҷоҳ бор лашкар кашида шуда, бисту панҷ ҳоким иваз гардид. Дар ҳар як-якуним сол шаҳр ва атрофи он боз ва боз ба харобазор табдил меёфт. Дар як сарчашмаи хаттӣ омадааст, ки «ба ҷуз хоку санг ҳар он чӣ, ки ин вилояти пурбаракат дошт, рабуданд».

Шоираи ӯротеппагӣ Дилшод, ки шоҳиди яке аз мавридҳои истилои қӯшуни Хӯқанд қарор гирифтани Ӯротеппа будааст, менависад, ки ишғолгарон аввал деҳаҳоро ғорат карданд, боғҳо, пулҳо ва иморатҳои беруни шаҳрро оташ заданд. Пас аз шаш рӯзи муҳосира ва ҷангҳои кӯчагӣ ғосибон ба шаҳр зада даромаданд. Сарбозон, нӯкарон ва муқаррабони амир хона ба хона гашта, моли мардумро талаву тороҷ мекарданд, фосиқӣ ва беномусӣ менамуданд. Дар ҳар ҷо дорҳо сохта буданд. Аз субҳ то шом одамонро қатл мекарданд. Деҳаҳо тамом валангор гардида, киштзорҳо поймол ва сӯзонда мешуданд. Дар солҳои 1806–1807 худи шаҳр ҳам аз тарафи сарбозони Хӯқанд оташ дода шуд.

Вақте ки Ӯротеппа ба дасти амирҳои Бухоро медаромад, пулҳои хӯқандӣ арзиши худро гум менамуд ва савдогарон ин пулҳои беқадрро аз аҳолӣ муфт ҷамъоварӣ карда, ба Хӯқанд мебурданд ва онҳоро бо арзиши пурра барои хариди молҳо истифода мекарданд. Ҳар гоҳ ки Ӯротеппа ба дасти хонҳои Хӯқанд мегузашт, бо пулҳои бухороӣ ҳам айнан чунин ҳодиса рух медод

Байни аморати Бухоро ва Шаҳрисабз низ пайваста ҷанг ва задухӯрдҳо ба амал меомаданд. Қабилаҳои кенагас, кунғрод ва

минг, ки дар вилояти Шаҳрисабз зиндагонӣ мекарданд, пас аз ба сари ҳукумат омадани Манғитиён бештар ба фишор дучор гардиданд. Аз ин сабаб, онҳо ҳамроҳи тоҷикон ва дигар мардумони ин вилоят аз итоати ҳукумати Бухоро сар тофта, ҳокимон ва сардорони қабилаҳои худро пуштибонӣ намуданд. Аҳмади Дониш менависад, ки Насруллоҳхон ба ҳуҷуми Шаҳрисабз камар баст, вале қалъаи мустаҳками шаҳрро фатҳ кардан ба ӯ муяссар нагардид, бинобар ин сарбозони истилогар деҳаҳои атрофи онро ғорат ва хароб намуданд. Соли 1856 пас аз 32 бор ҳуҷум овардан, ниҳоят, амир Насрулло Шаҳрисабзро ба худ тобеъ намуд.

## 3. МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

### Қувваҳои истеҳсолкунанда

Дар ин зербоб академик Б. Ғафуров доир ба рушди муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, қувваҳои истеҳсолкунанда, заминдорӣ ва шаклҳои он, аҳволи сокинони одӣ, шӯришҳои мардумӣ аз миёнаи асри XVIII то миёнаи асри XIX ба тафсил маълумот медиҳад.

Аморати Бухоро яке аз калонтарин давлатҳои Осиёи Миёна буда, масоҳаташ 180 ҳазор километри мураббаъро ташкил медод. Аммо, маҳалҳои аморат аз ҷиҳати ҷойгиршавии аҳолӣ яксон набуданд: водиҳои Зарафшон ва Қашқадарё сернуфус ва Бухорои Шарқӣ нисбатан камаҳолӣ буд.Шумораи умумии аҳолиро бо сабаби набудани маълумоти аниқи оморӣ муқаррар намудан мушкил аст. Бо тахмини муҳаққиқони рус Е.Ф.Мейендорф ва Н.В.Хаников дар аморати Бухоро ду- дуюним миллион кас зиндагӣ мекард. Тибқи маълумоти дигари тахминӣ охири асри XIX аҳолии аморат якуним - ду миллион нафар буд. Қисмати асосии аҳолӣ аз тоҷикон ва ӯзбекон (маҷмӯан 80%) иборат буда, аз паси онҳо туркманҳо (10%), арабҳо, қазоқҳо, қирғизҳо ва дигарон меистоданд.

Дар ибтидои асри XIX 40% аҳолиро одамони кӯчманчӣ ва нимкӯчманчӣ ташкил медоданд, аммо дар охири аср шумораи кӯчманчиҳо камтар мегардад. Дар шаҳрҳо фақат даҳяки аҳолӣ,

ҳатто аз ин ҳам камтар зиндагонӣ мекарданд, яъне нуфузи деҳот назар ба шаҳр бартарии мутлақро соҳиб буд.

Дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX дар аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд корҳои зиёди обёрӣ анҷом дода шуданд. Муҳимтарин шабакаҳои обёрии водии Фарғона дар ҳамин вақт ба вуҷуд омаданд. Каналу ҷӯйборҳоро на фақат аз тарафи ҳукумат, балки аз ҷониби феодалони калон ҳам сохта мешуданд ва ҳангоми кандан ва тоза кардани каналҳои давлатӣ мардуми гирду атрофро маҷбуран ба ҳашар ҷалб менамуданд. Дар заминҳои обӣ усули киштгардони се-панҷқитъагӣ истифода мешуд. Олоти меҳнат хеле сода буда, асосан бо омоч шудгор мекарданд. Каланд яке аз муҳимтарин олоти меҳнат буд, инчунин якчанд навъи бел вуҷуд дошт.

Дар заминҳои обӣ ғалла, шолӣ кишт карда мешуд, боғу токпарварӣ низ хеле ривоҷ ёфта буд. Дар ноҳияи Хуҷанд 60% заминро киштзори ғалла (аз он нисфаш гандум, баъд чуворӣ ва шолӣ, камтар ҷав ва арзан) ташкил менамуд. Тақрибан 14% майдон аз боғу токзор иборат буд. Пахтаи ҷойдорӣ 11,5%, ришқа 6,4%, обчакорӣ 4,6% майдонро ишғол мекард. Дар маҳалҳои ба шаҳр наздик бештар боғдорӣ ва обчакорӣ равнақ меёфт. Дар баъзе ноҳияҳо мавқеи асосиро зироатҳои саноатӣ - пахта, тамоку, зағирпоя ва растаниҳои рангӣ ишғол менамуданд.

Чорводорӣ тақрибан дар тамоми вилоятҳои аморати Бухоро мавҷуд буд. Мардуми водӣ аз чорводорӣ дида бештар ба зироаткорӣ машғул буданд. Ба истиснои одамони давлатманд, ҳар як хоҷагӣ 1–2 сар чорво дошт, он ҳам аксаран аз гову барзагов ва хеле кам аз бузу гӯсфанд иборат буд. Дар хоҷагии тоҷикони кӯҳистон ва Помир чорводорӣ мавқеи дараҷаи аввалро ишғол менамуд. Чорводории тоифаҳои нимкӯчманчӣ ва кӯчманчӣ хусусияти дигар дошт. Рамаҳо ва ҳамроҳи онҳо аҳолӣ, ё худ як қисми он, гоҳо фақат чӯпонҳо аз як чарогоҳ ба чарогоҳи дигар мегузаштанд. Давраи дар чарогоҳ нигоҳ доштани чорво хеле мураккаб ва тӯлонӣ буд.

Аҳолии шаҳр дар баробари касбу ҳунар ва тиҷорат ба заминкорӣ ҳам машғул мешуд. Муҳаққиқон менависанд, ки самарқандиҳо ба саноат кам шуғл доранд, дар ин ҷо ҳамагӣ чанд

фабрикаи бофандагӣ ҳасту халос, машғулияти асосии аҳолӣ боғдорӣ, истеҳсоли абрешим ва пахта аст. Аҳолии деҳоти Бухоро мисли шаҳриён ба касби бофандагӣ машғуланд ва онҳо на дар биноИ махсус, балки дар хонаи худ кор мекунанд. Шаҳрҳои Бухоро, Тошканд, Қаршӣ, Самарқанд, Шаҳрисабз, Хӯқанд, Хуҷанд ва Ӯротеппа маркази касбу ҳунар ба шумор мерафтанд.

Бо ҳисоби О.А.Сухарева дар Бухоро 75-90 ҳазор кас, яъне бештар аз сеяки тамоми аҳолии шаҳрнишини аморат зиндагонӣ мекард. Бо мушоҳидаи Н.В.Хаников соли 1841 тоҷикон нуфуси асосии шаҳри Бухороро ташкил медоданд. Ба ҳисоби Е. Мейендорф соли 1820 тоҷикон аз чор се ҳиссаи теъдоди умумии аҳолии Бухоро буданд. Ин сайёҳ менависад, ки тоҷикон коргар ва меҳнатдӯстанд ва ба пешаҳои гуногун қобилияти зиёде доранд: онҳо ҳам тоҷир, ҳам ҳунарманд ва ҳам деҳқонанд, ҳаёти бодиянишинӣ барояшон ягон фараҳмандӣ намебахшад. Аксари онҳо хонда ва навишта метавонанд ва қисмати маданитари аҳолии Бухороро ташкил мекунанд.

Аксари аҳолии шаҳр аз косибону ҳунармандон иборат буд. Дар Бухоро тақрибан 10-15 ҳазор пешаварон мезистанд, ки бо хонаводаи худ қариб чоряки аҳолии шаҳрро ташкил медоданд. Касбу ҳунар ихтисосҳои зиёдеро фаро мегирифт. Қариб сад пешаи ҷудогона вуҷуд дошт, ки дар соҳаҳои алоҳидаи гирд омада буданд. Ҳар як соҳа дар навбати худ ба гурӯҳу навъҳои касб ҷудо мешуд.

Доир ба касбу ҳунарҳои мардуми Хуҷанд ва Ӯротеппаи асри XIX – ибтидои асри XX мадракҳои зиёд дастрас шудаанд.Дар шаҳри Хуҷанд, ки 20 ҳазор нафар аҳолӣ дошт, зиёда аз 100 навъи истеҳсолоти ҳунармандӣ вуҷуд дошт. Касби бофандагӣ равнақи бештаре пайдо карда буд ва Хуҷанд дар қатори Бухоро ва Хӯқанд яке аз муҳимтарин марказҳои истеҳсолоти бофандагии Осиёи Миёна ҳисоб меёфт. Дар шаҳри Ӯротеппа аз 1041 дӯкони косибон 187-тоаш дар деҳаҳои калон воқеъ гардида, ҳамаи боқимондааш дар шаҳр ҷой гирифта буд. Ин шаҳр бо истеҳсоли лавозимоти пашмӣ, корд ва устура (поку) шӯҳрат пайдо карда, маснуоти он на фақат эҳтиёҷоти дохилиро қонеъ мегардонид, балки ба берун ҳам содир карда мешуд.

Маводи хомро барои истеҳсолоти ҳунармандӣ аз хоҷагии

қишлоқ ва ҳам аз истихроҷи маъдан ба даст меоварданд. Бисёр филизот, аз ҷумла, оҳан, тилло, нуқра аз Россия кашонда мешуд. Дар Осиёи Миёна истихроҷи маъдан кам набуд, вале ба сабаби ҳанӯз дар ҳолати ибтидоӣ воқеъ гардидани тарзи истихроҷ ва хеле зиёд будани талабот эҳтиёҷи кишварро тамоман қонеъ намекард. Миқдори зиёди тилло дар Бухорои Шарқӣ бо усули заршӯӣ ҳосил карда мешуд. Дар кӯҳҳои Ҳисор, Помир (дар Ванҷ) ва дигар маҳалҳо маъдани оҳан, дар Кӯҳи Танг, кӯҳсори Фарғона ва Варзоб сурб (қӯрғошим) истихроҷ мекарданд. Дар Фарғона ҳамчунин кони нуқра мавҷуд буд. Дар ҳама ҷо намак ҳосил карда мешуд, онро ҳам ба шакли дурда ва ҳам ба шакли намаксанг (конҳои машҳури намаки рангини кӯҳҳои Ғузор, намаки кӯҳи Хоҷамӯъмини наздики Кӯлоб ва ғ.) ба даст меоварданд. Барои тайёр кардани борут аз шӯра (селитра) ва гӯгирд, ки дар маҳалҳои гуногун конҳои худро доштанд, истифода бурда мешуд. Дар кӯҳистони Бадахшон ва Фарғона ҳар гуна ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо, аз қабили лаълу ёқут, фирӯза, санги лоҷуворд ва амсоли инҳо ба даст оварда мешуданд.

Дар доираи ҷамоаи пешаварон чанд навъи ячейкаи ибтидоӣ вуҷуд дошт. Одитарини он ҳавзаи лифбофон буд, ки дар он мавқеи асосиро шакли ҷамоатӣ-хонаводагии ташкили истеҳсолот ишғол менамуд, аммо ҷамъият набуд. Дар дигар соҳаҳо усули дуузва (усто–шогирд) ё худ сеузваи ташкили кор (усто-халифа, усто шогирд) мавҷуд буд. Пайдоиши усули сеузва (аксаран дар истеҳсолоти бештар ривоҷёфта – бофандагӣ, кафшдӯзӣ, чӯянрезӣ) аз вусъати зиёди истеҳсолоти молӣ шаҳодат медод.

Дар солҳои 60-уми асри XIX вазъият ба куллӣ тағйир ёфт. Гурӯҳи соҳибони давлатманди коргоҳҳои ҳунармандӣ пайдо шуданд, ки сарвати зиёдеро ба дасти худ ҷамъ намуданд. Аммо, муносибатҳои иҷтимоӣ дар истеҳсолоти ҳунармандӣ ҳамоно феодалӣ буд. Косибону ҳунармандон дар низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии ин давра муқобили феодалон қарор гирифта буданд. Пешаварон дар шаҳрҳо гурӯҳ-гурӯҳ ҷойгир мешуданд, чунон ки аҳли ҳар касб бо ҳамкасбони худ дар як маҳалла сокин мегардид. Масалан, дар шаҳри Бухоро бофандагон ду маҳалро маскан намуда, оҳангарону челонгарон низ дар ду маҳалла ва

рехтагарон дар як маҳалла ҷой гирифта буданд. Дар шаҳри Хуҷанд бофандагон дар маҳаллаҳои Раззоқ ва Сари Баланди қисми шарқии Қалъаи Нав ва оҳангарон дар се маҳал иқомат мекарданд.

**Тиҷорат**

Шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд ва Қаршӣ, инчунин Шаҳрисабз ва дар Бухорои Шарқӣ Ҳисор ва Кӯлоб марказҳои асосии тиҷорати аморати Бухоро буданд. Дар хонии Хӯқанд калонтарин марказҳои тиҷорат Хӯқанд, Тошканд, Марғилон, Андиҷон, Намангон, Ӯш, Ӯротеппа ба шумор мерафтанд. Дар ин давра раванди аз саноат ҷудо шудани тиҷорат ҳоло ба анҷом нарасида буд: дӯкон дар як вақт вазифаҳои ҳам фурӯшгоҳ ва ҳам коргоҳи косибонро адо мекард.

Дар шаҳрҳо тиҷорат дар бозорҳои махсус сурат мегирифт. Бозор масоҳати калонеро ишғол менамуд. Бозорҳои асосии Тошканд, Хӯқанд, Ӯротеппа ва Хуҷанд пӯшида буданд.

Хусусияти хоси тарҳи шаҳрҳои Осиёи Миёна аз ин иборат буд, ки дар чорсӯи хиёбонҳои асосӣ марказҳои савдо воқеъ гардида, дар ин ҷо тими дарози гунбаздор сохта мешуд ва аз байни он кӯча мегузашт ва дар ду тарафи он андаруни тим дӯконҳо саф мекашиданд. Маркази савдои Самарқанд ва Шаҳрисабз ин гуна тим дошт; дар Бухоро панҷ тим мавҷуд буд, ки ин аз равнақи тиҷорати Бухоро ва ободии бозорҳои шаҳр гувоҳӣ медиҳад. Чунин иморатҳоро дар Самарқанду Шаҳрисабз «чорсӯ», дар Бухоро «тоқ» мегӯянд».

Дӯконҳо на он қадар калон буда, бо ҳам зич ҷой мегирифтанд, растаҳои бозор ҳар яке ба моли муайяне тахсис ёфта буд. Илова бар ин, корвонсаройҳои бисёре буданд. Дар корвонсарой тоҷирони мусофир ва маҳаллӣ иқомат мекарданд, дар ин ҷо анбор, дӯкон, устохона, саисхона ва ғайра мавҷуд буд. Як қисми корвонсаройҳо ба хонҳо тааллуқ доштанд, қисми дигар моли вақф ба шумор мерафт ва қисми боқимонда аз они шахсони ҷудогона буд. Дар Самарқанде, ки нуфусаш дар асри XIX аз Бухоро ду-дуюним баробар кам буду аҳолиаш тахминан ба сӣ ҳазор мерасид, бештар аз 2400 дӯкон мавҷуд буд.

Дар қария ва деҳкадаҳои калон ба истилоҳ «даври бозор» вуҷуд дошт. Масалан, дар Бухоро бозори Когон рӯзи сешанбе, бозори Баҳоуддин рӯзи чоршанбе, дар Самарқанд бозори Ҷамбой рӯзи якшанбе, бозори Меҳнат рӯзи душанбе барпо мегардид. Албатта, анвои молҳо ва хусусияти харидуфурӯш дар ин ҷо дигар буд. Дар қатори ин савдои дохилии шаҳру деҳот, ҳамчунин савдои нисбатан калони байни шаҳрҳо ва вилоятҳо амал мекард. Бисёр шаҳру вилоятҳо бо навъи муайяни маҳсулоти ҳунармандӣ ва молҳои фурӯшии худ шӯҳрат доштанд Масалан, Ҳисор бо ханҷар ва гӯсфанд, Ӯротеппа бо корд, Хуҷанд бо адрасу шоҳӣ, Қаршӣ бо алоча.

Калонтарин бозорҳои вилоятӣ маркази тиҷоратии давлатҳои хонии Осиёи Миёна ба шумор мерафтанд. Алалхусус, савдои байни аморати Бухоро, давлатҳои хонии Хӯқанд ва Хева ривоҷ ёфта буд. Моли бисёре аз кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Афғонистон, Ҳиндустон, Қошғар ва Эрон оварда мешуд. Дар иқтисодиёти давлатҳои хонӣ мақоми махсусро тиҷорат бо Россия ишғол менамуд. Маҳз шаҳрҳои калон муҳимтарин марказҳои тиҷорати хориҷӣ ҳисоб мешуданд.

Дар савдои калони хориҷӣ ҳокимон, хешу ақрабои онҳо, амалдорони олимақом ширкат менамуданд. Савдогарони сарватманд иттиҳодияи махсуси худро доштанд. Рӯйхати махсуси хонӣ буд, ки дар он номи савдогарони бадавлатро сабт мекарданд. Ин иттиҳодияро корвонбошӣ сарварӣ мекард, ки бо фармони амир тасдиқ мегардид. Савдогарони миёна ва хурд иттиҳодияи худро аз рӯи раставу бозорҳо ташкил дода буданд, ки ба он оқсақол сардорӣ мекард.

## Заминдории феодалӣ. Аҳволи оммаи халқ

Академик Б. Ғафуров дар ин бахш доир ба заминдории феодалӣ ва шаклҳои он, аҳволи деҳқонон ва шароити зиндагии онҳо маълумот дода, таъкид менамояд, ки асосан шакли заминдории феодалӣ дар охири асри XVIII-нимаи аввали асри XIX, новобаста аз баъзе тағйироти ҷузъӣ ба ҳамон шакли пештара боқӣ монда буд. Пеш аз ҳама, дар давраи мавриди зикр усули танхоҳ, яъне тариқи хизматона ба шахсони ҷудогона инъом намудани қитъаи замин, як ва ё якчанд деҳа ва ҳатто як вилояти

калон бештар рушд ёфт. Даромади танхоҳ комилан дар ихтиёри танхоҳдор буд, баъзан соҳиби танхоҳ ғайр аз молиёте, ки ба фоидаи худ ҷамъ мекард, маблағи муайяне аз хазинаи амир низ дарёфт менамуд.

Усули танхоҳ аз оғози ҳукмронии сулолаи Манғитиён хеле вусъат пайдо намуд. Минтақаҳои на чандон калон ҳамчун танхоҳ ба шахсони соҳибмансаб, аз ҷумла, ба сипоҳиён инъом мегардид. Миқдори танхоҳдорон дар чоряки аввали асри XIX фақат дар аморати Бухоро аз 12 то ба 36 ҳазор нафар расида буд. Агар писар мансаби падарро ишғол намояд, ба танхоҳи ӯ низ соҳиб мешуд, яъне тамоили меросӣ гардонидани танхоҳ низ вуҷуд дошт. Дар Бухорои Шарқӣ танхоҳ дорои хусусиятҳои хоси худ буд, пеш аз ҳама дар ин ҷо на замин, балки хоҷагиҳои деҳқонӣ ба танхоҳ дода мешуданд.

Шакли дигари заминдории дар давраи Манғитиён рушдёфта вақф буд. Ба ин бештар аз ҳама таассуби динии дар давраи амир Шоҳмурод қувват гирифта, мусоидат намуд. Дар заминҳои вақф кор кардан барои деҳқонон боз ҳам вазнинтар буд, зеро ба ивази меҳнати солона танҳо аз чор ва ё аз панҷ як ҳиссаи ҳосилро мегирифтанд.

Ҳаҷм ва миқдори андозҳо дар аморати Бухоро торафт меафзуд. Дар давраи ҳукмронии амир Музаффар (1860–1885) на фақат аз замини зироат, балки аз замини нокорам низ хироҷ ситонида мешуд. Аз боғу токзор, кишти юнучқа, полиз ва обчакорӣ андози «танобона» гирифта мешуд. Бисёр вақт ин андоз ба шакли пулӣ ҷамъоварӣ мегардид

Ҳосили фаровон боиси хушнудии деҳқон набуд, зеро бо зиёд шудани ҳосил ҳаҷми андоз ҳам меафзуд. Аз даҳ чор ҳиссаи ҳосил ҳамчун хироҷ ситонида мешуд, аз боқимондаи он ҳаққи имоми масҷид, саркор, мироб, оқсаққол ва мирзо гирифта мешуд. Дар ҳолати ба шакли пул ситонидани андозҳо нархи маҳсулотро амир муқаррар менамуд.

Аҳволи деҳқонони иҷоракор боз ҳам бадтар буд. Иҷорагири замин на фақат деҳқонони ҷудогона, балки як гурӯҳ деҳқонон ҳам буданд, ки заминро шарикона (пайкол) киштукор мекарданд. Ин тариқа ширкатҳо аз он сабаб ба вуҷуд омаданд, ки аксари

деҳқонон ҷуфти гов ва олоти кишоварзӣ надоштанд. Дар қатори деҳқонон, безамин мардикорон ҳам буданд, ки мавриди истисмори сахт қарор гирифта, музди ночизе ба даст меоварданд. Деҳқонон бисёр андозҳои иловагӣ, ба мисли «миробона» (барои обёрии замин), «алафпулӣ» (барои юнучқазор), «қӯшпулӣ» (барои ҷуфти гов), «яксарӣ» (барои ҳар сари чорво, аз қабили асп, хар ва барзагов), инчунин барои чидани ҳезум, гузаштан аз пул низ мепардохтанд.

Намуди дигари андоз ин закот буд, ки аслан мебоист аз чил як қисми чорворо ташкил медод. Дар миёнаҳои асри XIX закотро бештар ба шакли пул мегирифтанд. Закот асосан барои аҳолии кӯчманчӣ ва нимкӯчманчӣ вазнин буд. Дар хонии Хӯқанд ҷамъ овардани закот ба як маъракаи низомӣ табдил ёфта буд.

Баробари андозҳои гуногун деҳқонон инчунин маҷбуриятҳои гуногун, аз қабили ҳашарро низ адо менамуданд. Сохтан ва таъмир кардани каналҳо, иншоотҳо, роҳҳо, инчунин киштукор ва ниҳолшинонӣ дар заминҳои амир ё хон аз ҳамин қабил корҳо ба шумор мерафт. Дар хонии Хӯқанд муқаррар гардида буд, ки ҳар як деҳқон бояд се рӯз дар ҳашар ширкат намояд. Дар Қаротегин муддати ҳашар то 15 рӯз мекашид. Ҳашар ҳам як воситаи фоидаи иловагӣ ба даст овардани амалдорони амир гардида буд. Хироҷу молиётҳои иловагӣ ва маҷбуриятҳои гуногуни меҳнатӣ дар Бухорои Шарқӣ зиёдтар буд. Даромади солонаи замин, хироҷу молиёти ҷамъшуда ҳама барои афзудани сарвати мансабдорону ашрофон, таъмини дастгоҳи идораи давлат ва лашкар сарф мешуд.

### Муборизаи синфӣ

Бахши мазкур ба инъикоси ҳаракатҳои мардумӣ ва шӯришҳои халқӣ бахшида шудааст. Олими шинохта вобаста ба талаби замон онро дар шакли муборизаи синфӣ нишон дода, таъкид менамояд мушкилии зиндагӣ, молиёту андозҳои зиёд, ҷангу ҷидолҳои дохилӣ пайваста боиси норозигии аҳолӣ мегардид. Аз ин рӯ, аҳолии шаҳри Бухоро ва ноҳияҳои атрофи он борҳо ба муқобили амирони манғит шӯриш бардоштанд. Аз ҷумла, солҳои 1758 ва 1785 аҳолии шаҳр шӯриш бардошта, дар кӯчаҳои шаҳр сангарҳо сохтанд. Соли 1810 дар Бухоро қаҳтӣ рӯй дод, қиматию гуруснагӣ

оғоз ёфт, аммо амир ва атрофиёнаш тадбире наандешиданд. Он гоҳ шаҳриёни башӯромада майдони Регистонро соҳибӣ карданд ва амири ба ҳарос афтода, аз шаҳр фирор намуд. Исёни мардумӣ бо зӯрӣ фурӯ нишонда шуд. Чунин шӯру ошӯбҳои халқӣ солҳои 1819 ё 1820 низ ба вуқӯъ омаданд .

Яке аз ҷунбиши калони халқӣ соли 1821 дар Миёнкол, байни Самарқанд ва Бухоро аз тарафи хитойқипчоқҳо ба вуқӯъ омад. Баҳонаи шӯриш маъракаи дубора ба сарбозӣ гирифтани аҳолӣ буд. Тамоми қавму тоифаҳои ноҳияи байни Самарқанду Каттақӯрғон ба шӯришгарон ҳамроҳ шуда, маъмурони амирро ронда, Каттақӯрғон, Чалак, Янгиқӯрғон ва дигар шаҳру деҳаҳои атрофро соҳиб шуданд. Шӯришгарон ба тарафи Самарқанд ҳаракат намуданд, аммо амир Каттақӯрғонро гирифта, аҳолии онро аз дами теғ гузаронид. Шӯришгарон аз Хӯқанд, Шаҳрисабз ва дигар мулкҳои душмани амир Ҳайдар мадад хостанд. Хитойқипчоқҳо хостанд ба Бухоро зарба зананд, вале ба ин муваффақ нашуданд. Соли 1825 амир Ҳайдар маконҳои асосии муқовимати шӯришчиёнро ишғол намуд .

Соли 1840 хони Хӯқанд аз тарси ҳуҷуми қӯшунҳои Бухоро Хуҷандро дод ва ин боиси шӯриши халқӣ дар маркази хонӣ гардид. Ба шӯриш Хоҷа Қаландари мисгар сардорӣ мекард. Шӯришгарон манзилҳои амалдоронро ба хок яксон карда, сафирони Бухороро ронда, дарбори хонро иҳота намуданд. Ҳокимон бо макру фиреб ва душвориҳои зиёд ин шӯришро фурӯ нишонданд. Ҷунбишҳои халқӣ дар Хӯқанд соли 1842 вақти ҳуҷуми лашкари Бухоро низ ба амал омаданд .

Дар ибтидои солҳои 60-ум деҳқонони Шуғнон, Рушон ва Вахон шӯриш бардоштанд, ки ба он Шайхзодаи рӯшонӣ сардорӣ менамуд. Шӯришгарон нишемангоҳи мири Рӯшон Қалъаи Вомаро ба даст дароварда, қароргоҳи ҳокими Шуғнон Қалъаи Барпанҷро гирифтанд. Шӯриш танҳо пас аз омадни қувваи зиёди ҳарбӣ пахш гардид.

Шӯриши дигари тӯлонӣ дар Хоразм аз тарафи туркманҳо солҳои 1855–1867 ва шӯриши деҳқонони бенаво бо сардории Муҳаммад Фано солҳои 1858–1859 дар хонии Хева ба амал омад. Мавҷи пурвусъати шӯришҳои халқӣ гоҳо саросари Осиёи Миёнаро фаро мегирифт. Ҳаракатҳои халқии он давра, асосан, хусусияти

аграрӣ доштанд. Ҷунбишҳои ҳам деҳот ва ҳам шаҳр ба таври стихиявӣ ва ғайримуташаккил сар зада, хусусияти маҳаллӣ доштанд ва тамоми хоки давлати хониро фаро намегирифтанд.

## 4. МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИИ БАЙНИ ОСИЁИ МИЁНА ВА РОССИЯ. ТАҲҚИҚИ ОСИЁИ МИЁНА АЗ ТАРАФИ ОЛИМОНИ РУС

Дар зербоби мазкур академик Б. Ғафуров доир ба афзудании таваҷҷуҳи империяи Россия ба давлатҳои Осиёи Миёна, рушди муносибатҳои дипломатӣ, тиҷорат, омадани олимону муҳаққиқони рус ба ин минтақа ва ибтидои омӯзишии илмии Осёи Миёна ба таври муфассал маълумот медиҳад. Умуман, таъкид менамояд олим, аз даҳсолаҳои охири асри XVIII Осиёи Миёна аввалин бор дар сиёсати хориҷии ҳукумати Россия мавқеи ҷиддии мустақилро ишғол менамояд. Соли 1781 мутарҷим М. Бекчурин ба сифати сафири ҳукумати Россияи подшоҳӣ ба Бухоро фиристода шуд. Вазифаи асосии сафорат муайян кардани имконоти инкишофи тиҷорати Россияву Бухоро ва ба воситаи Россия кашондани молҳои Бухоро, инчунин ҳалли масъалаҳои сиёсӣ буд. Дар таркиби молҳои содиротии Осиёи Миёна нахи пахта, газворҳои нахӣ ва худи пахта бартарӣ дошт.

Дар нимаи аввали асри XIX таназзули хоҷагии феодалии крепостноӣ дар Россия шиддат ёфта, муносибатҳои капиталистӣ вусъат пайдо мекунанд. Коргоҳҳои хурди косибӣ беш аз пеш ҷои худро ба мануфактураҳои капиталистӣ ва сипас ба истеҳсолоти фабрикии сармоядорон медиҳанд. Саноати ба тараққӣ рӯниҳодаи Россия ба бозор эҳтиёҷ дошт. Маҳз ҳамин ва инчунин зарурати ба даст овардани ашёи хом сабабгори асосии вусъат ёфтани ҳаҷми робитаҳои иқтисодии Россия бо Осиёи Миёна буд. Ба ин ваҷҳ маҳдудиятҳои аз Россия ба кишварҳои Осиё содир кардани тилло, филизоти сиёҳ ва ранга, маснуоти филизӣ (ба истиснои аслиҳа) ва ғалла аз байн бардошта шуданд. Колоҳои Россия ҳатто ба Афғонистон, Қошғар ва соири ноҳияҳои машриқзамин низ роҳ ёфтанд.

Дар навбати худ Осиёи Миёна ҳам аз тиҷорат бо Россия хеле манфиатдор буд. Бисёр маҳсулоти муҳим, аз қабили чӯян, оҳан,

мис, маснуоти филизӣ, маҳз аз Россия ворид мегардид. Аз тангаи кисаи шаҳриён сар карда, то тӯп - ҳама аз филизоти рус сохта мешуд. Барои аҳолии Осиёи Миёна, махсусан, ворид намудани матоъ аҳаммияти калон дошт, аз ин рӯ, вай дар байни молҳои ба ин кишвар содиркунандаи Россия ҷои аввалро ишғол менамуд. Ба инкишофи тиҷорати Россияву Осиёи Миёна ҳар ду тараф ҳам манфиатдор буданд. Давлатҳои Осиёи Миёна хеле пештар аз ҳамроҳ шудан ба Россия таҳти нуфузи иқтисодии он қарор гирифта буданд.

Муносибатҳои самарабахши тиҷоратии аморати Бухоро, давлати хонии Хева ва Хӯқанд аз як тараф ва Россия, аз тарафи дигар, дар заминаи фаъолияти ҷиддии дипломатии ин кишварҳо беш аз пеш равнақ меёфт. Дар зарфи тамоми нимаи аввали асри XIX онҳо сафорат ва намояндагиҳои худро мубодила карда, ба ҳалли масъалаҳои аз назари ин ва ё он давлат хеле муҳим муваффақ мегардиданд.

Аммо, мавқеи душманонаи хонии Хева муддати чандин соли нимаи аввали асри XIX Петербургро ба ташвиш меандохт. Хева ба мақсади таҳти назорати худ қарор додани тиҷорати Россияву Осиёи Миёна аз мавқеи ҷуғрофии худ истифода мебурд. Мавзӯи гуфтушунидҳои дипломатӣ хеле бисёр буд. Пеш аз ҳама давлатҳои Осиёи Миёна барои кофтукови сарватҳои зеризаминӣ аз ҳукумати подшоҳӣ фиристодани муҳандисон ва маъданшиносонро хоҳиш менамуданд. Дар охири асри XVIII амалдорони соҳаи маъдан Т.Бурнашев ва А.Безносиков ба Бухоро, Д.Телятников ва А.Безносиков, баъдтар Т.Бурнашев ва М.Поспелов ба Тошканд омаданд.

Муносибати аморати Бухоро бештар бо Россия равнақ меёфт. Сафирони Бухоро – девонбегӣ Азимҷон Мӯъминҷонов (с. 1815 ва 1819) ва қӯрчибошӣ Мирзо Муҳаммадюсуф (с.1816) ба Петербург рафтанд. Миссияи дипломатии А.Ф.Негри (с. 1820–1821), ки ба ҳайати он табиатшинос Э.Эверсман, капитани штаби генералӣ Е.Мейендорф ва дигарон дохил буданд, ба аморат ташрифи ҷавобӣ карданд.

Мубодилаи намояндагони мухталиф дар байни Россия ва давлати хонии Хӯқанд низ хуб буд. Ба водии Фарғона сафар

кардани Ф.Назаров (с. 1813–1814) ва Н. Потанин (с. 1829–1830) дар таърихи ҳарду давлат нақши муҳим гузошт. Солҳои 1823–1829 сафирони хони Хӯқанд Муҳаммадалихон – Турсунхоҷа Найзаҳоҷинов ва Хоҷӣ Миркурбон Мамадқосимов аввал ба Омск ва сипас ба Петербург фиристода шуданд.

## Тавсеаталабии Британия дар Осиёи Миёна ва рақобати Англияву Россия

Инкишофи муносибатҳои мутақобилаи тиҷоративу сиёсии байни Россия ва давлатҳои Осиёи Миёна аз ибтидои асри XIX бо мудохилаи қувваи сеюм дучор омад. Империяи Британия мавқеи худро дар Ҳиндустон мустаҳкам намуда, бештар майли ба даст овардани мулкҳои шимолиро мекард. Мулкҳои мустамликавии Англия дар Осиё бо Бухоро, Хева ё Хӯқанд ҳамҳудуд набуданд, вале ҳукумати Лондон саъй мекард, ки Афғонистонро дар зери итоати худ нигаҳ дорад. Мавқеи ҷуғрофии Афғонистон ҳамеша диққати империяҳои калон, ба вижа Британияро ба сӯи худ мекашид. Дар зарфи тамоми асри XIX ва ибтидои асри XX ба мардуми далери Афғонистон лозим омад, ки баҳри истиқлолияти худ зидди асоратгарони англис муборизаи сахт барад.

Ҳукумат Британия дар орзуи вусъат додани мулкҳои мустамликавӣ ва ба даст овардани бозорҳои нав буд. Ба ин ният онҳо ба Осиёи Миёна ҳар гуна ҷосусонро мефиристоданд. Вазифаи ҷосусиро ҳам мусулмонони дар мактабҳои махсуси мулкҳои британии Ҳиндустон таҳсилдида ва ҳам англисҳои мақоми баланди идориро ишғолкарда, баҷо меоварданд. Масалан, солҳои 1812–1813 ба Осиёи Миёна аз байни мусалмонони ҳинду бо роҳбарии Мириззатулло гурӯҳи ҷосусон фиристода шуд ва нимаи аввали солҳои 20-ум фаъолияти миссияи В.Муркрофт ва Ҷ.Требек ба вуқӯъ пайваст, ки ҳадафи асосии он аморати Бухоро буд. Дар ибтидои солҳои 30-юм ҷосуси машҳури британӣ, Александр Борнс ба Осиёи Миёна омад ва ба таҳқиқи аморати Бухоро ва масъалаҳои ҳарбию тиҷоратӣ машғул шуд.

Таҳдиди Англия ва воридшавии молҳои саноатии англис ба Осиёи Миёна Россияро хавотир месохт. Барои ҳамин, моҳи декабри соли 1833 П. Демезон ва соли 1836 Я. Виткевич ба

аморати Бухоро фиристода шуданд. Дар ҳамин вақт, соли 1839 империяи Британия ба тахти салтанати Кобул шоҳи лӯхтакмонанд Шуҷоъулмулкро нишонда, қисмати муҳимми Афғонистонро ишғол намуд. Англисҳо ба Осиёи Миёна на фақат ҷосусони зиёдеро мефиристоданд, балки гузаргоҳу роҳҳои ҳудуди ин сарзаминро ҳаматарафа меомӯхтанд. Шаҳри Ҳирот ба маркази фаъолияти ҷосусии англисҳо табдил ёфт. Ҷосусони британӣ ба Хева, Бухоро, Хӯқанд ва нишемангоҳҳои мардуми кӯчманчӣ сар медароварданд. Ба Бухоро ҷосусони озмудаи англис Стоддарт ва баъдтар Конолли фиристода шуданд, ки мебоист дар хусуси амалиёти якҷояи зидди русҳо шартнома мебастанд. Аммо, амир Насруллоҳ соли 1842 онҳоро аввал ба зиндон андохт ва сипас ба қатл расонид.

Ҳукумати подшоҳии рус ба давлатҳои Осиё Миёна пайдарпай сафирони худро мефиристод. Ҳамзамон, сафирони Хева Отаниёз Хоҷараис муфтӣ ва аз паси ӯ Эшниёз Мамадниёзов, инчунин сафири Бухоро Муқимбек Саидов низ ба Россия рафтанд. Ҷавоб ба ин сафирони рус П.Никифоров, Г.Данилевский ва К.Бутенев бо ҳамроҳии шарқшинос Н.Хаников, табиатшинос А.Леман ба Осиёи Миёна фиристода шуданд.

Соли 1858 сафорати нави рус бо сардории Н.Игнатев ба Хева ва сипас ба Бухоро омад.

Дар солҳои 50-ум мустамликахоҳони британӣ дар мубориза бо Россия барои барқарор намудани ҳукмронии худ дар Осиёи Миёна аз давлати Туркияи усмонӣ ҳам истифода мебурданд. Доираҳои ҳукмрони Туркия низ дар замири дил орзуи дар тамоми «мамлакатҳои исломӣ», аз ҷумла дар Осиёи Миёна мустаҳкам кардани мавқеи худро доштанд. Англия ва Туркияи иғвододаи вай борҳо саъю кӯшиш намуданд, ки шиори «ғазовоти» иттиҳоди се давлати Осиёи Миёна – аморати Бухоро, давлатҳои хонии Хева ва Хӯқандро ба муқобили Россия амалӣ кунанд.

**Таҳқиқи илмии давлатҳои Осиёи Миёна**

Аз таҳлили дар боло оварда,- менависад Б. Ғафуров,- бармеояд, ки ҳукумати пошоҳии рус аз натиҷаҳои умумии музокироти дипломатӣ бо Бухоро, Хева ва Хӯқанд қонеъ набуд,

ҳамазмон кӯшиши истифодаи робитаҳои иқтисодӣ барои пурра ҷорӣ намудани нуфузи сиёсӣ барор накард. Вале муҳимтар он аст, ки мусофирати сафирон, намояндагиҳо, тоҷирон ва сайёҳони ҷудогонаи Россия ба Осиёи Миёна ба таҳқиқи муназзами илмии ин минтақа ибтидо гузошт. Аксари касоне, ки ба ин тарафҳо сафар мекарданд, одамони фозил ва донишманд буданд ва баъзеи онҳо забонҳои шарқро хуб медонистанд ва дар байнашон мутахассисони шинохтаи самти география ва геология, геодезия, астрономия, табиатшиносон, шарқшиносон ва забоншиносон буданд. Таълифоти ин гурӯҳ одамон ва аввалин экспедитсияҳои гуногуни баргузор гардида, дар зарфи камтар аз 50 соли асри XIX Осиёи Миёнаро аз сарзамини ношинос ба кишвари мавриди омӯзишу таҳқиқ табдил доданд.

Экспедитсияҳои нимаи аввали асри XIX дар таҳқиқи ҷуғрофии Осиёи Миёна аҳаммияти калонро молик буда, онҳо маводи комилан илмӣ медиҳанд. Дар вақти экспедитсияҳо, сафару сайёҳатҳо роҷеъ ба халқҳои Осиёи Миёна,  пеш аз ҳама тоҷикон, таърих ва маданияти онҳо мадракҳои фаровон ва гуногун ҷамъоварӣ шуданд. Таҳқиқи этнографии мардумони Осиёи Миёна маҳз дар нимаи аввали асри XIX шурӯъ гардид.

Омӯзиши забони халқҳои Осиёи Миёна ва таҳқиқи илмии онҳо низ дар ҳамин давра оғоз ёфт. Дар бахши забони тоҷикӣ чунин хидмати бузургро шарқшиноси намоёни рус В.В.Григорев адо кардааст.

Дар ҳисоботи сайёҳон ёдгориҳои ҷудогонаи санъати меъмории Осиёи Миёна бисёр зикр шуда ва ё мухтасаран тасвир ёфта, лавҳаи баъзе аз онҳо сабт гардидаанд, инчунин тавсифи биноҳои иқоматӣ оварда мешаванд. Аз ин қабил навиштаҷоти кӯтоҳ метавон маълумоти пурарзиш барои таърихи санъати меъмории Осиёи Миёна ба даст овард. Асари Н.В.Хаников «Тавсифи аморати Бухоро» (1843) аз беҳтарин таълифотест, доир ба ин давлат, таърих ва анъанаву суннатҳои он. Дар айни замон, сайёҳон аз ин сарзамин дастнависи асарҳои гуногуни таърихӣ ва адабии ба забонҳои арабӣ, тоҷикӣ ва дигар таълифёфтаро бо худ мебурданд, ки баъдтар чанде аз онҳо нашр ҳам гардид. Соли 1834 академик Х.Д.Френ барои кӯмак ба сайёҳони рус феҳристи

асарҳои муаллифони шарқро интишор намуд, ки дар ҷамъоварии дастнависҳои шарқӣ нақши муҳим бозид. Дар як вақт сиккаҳои гуногуни зарби Осиёи Миёна низ бурда мешуданд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи таърих ва фарҳанги Осиёи Миёна яке аз муҳимтарин равияҳои шарқшиносии рус гардид. Тавассути асарҳои шарқшиносони рус нахустин бор тарҳи давраҳои ҷудогонаи таърихи асримиёнагӣ ва нави Осиёи Миёна мураттаб гардид. Н.Я.Бичурин (Иакинф) дар омӯзиши таърихи бостони Осиёи Миёна саҳми бебаҳое гузошт. Умуман дар нимаи аввал ва миёнаҳои асри XIX як зумра донишмандони рус дар соҳаи таҳқиқи таърихи Осиёи Миёна корҳои пурарзише анҷом доданд.

* * *

Давраи мавриди омӯзиш, - таъкид менамояд Б.Ғафуров,- яке аз сахттарин марҳалаҳои таърихи халқи тоҷик мебошад. Зеро дар ҳамин давра байни давлатҳои гуногун тақсим шудани халқи тоҷик ба анҷом мерасад. Бо таъсиси давлати Афғонистон қисми зиёди тоҷикон, ки аслан дар хоки Афғонистони кунунӣ иқомат доранд, ба таври сунъӣ аз тоҷикони Осиёи Миёна ҷудо карда шуданд. Тоҷикони Осиёи Миёна бошад дар шаҳрҳои гуногуни аморати Бухоро ва давлати хонии Хӯқанд, дар водии Фарғона, воҳаи Бухоро, дар мулкҳои ниммустақили кӯҳистонии сарзамини Тоҷикистони ҳозира (Қаротегин, Дарвоз, Вахон, Шуғнон ва ғ.), миқдори ками онҳо дар шаҳрҳои хонии Хева ва хонии қазоқ (Авлиёато, Чимкент), дар Туркистон – дар давлати хоҷагони Қошғар (Қошғар, Хутан) сукунат доштанд. Дар шимоли Ҳиндустон ва Хуросони ба Эрони имрӯза гузашта низ бисёр маҳалҳои тоҷикнишин мавҷуд буданд. Ҳамин тариқ, дар миёнаҳои асри XIX вилоятҳое, ки тоҷикон маскун буданд, ба ҳар мамлакат ва давлатҳои хонӣ пароканда гардид.

Баробари он аз таҳлилу таҳқиқи дар боло оварда, маълум мешавад, ки ба сабаби сар задани бӯҳрони иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Осиёи Миёна шароити иҷтимоӣ боз ҳам бадтар шуд. Дар миёна ва чоряки сеюми асри XVIII бӯҳрон ба нуқтаи баланди худ расид. Ҳарчанд баъзе тадбирҳои марказиятдиҳӣ ва як андоза беҳтар кардани вазъи обёрӣ, ки дар ибтидо ва нимаи аввали асри XIX дар

аморати Бухоро, хониҳои Хӯқанд ва Хева ба амал омад, қадре шиддати ин бӯҳронро паст карда бошад ҳам, онро тамоман аз байн бурда наметавонист.

Дар асри XIX ба ҷунбиш даромадани соҳаҳои иқтисодиёт мушоҳида мешавад. Равнақи тиҷорат нишон медиҳад, ки дар низоми ҷамоаи феодалии Осиёи Миёнаи асри XIX истеҳсоли мол ва гардиши пул мавқеи калонеро ишғол менамуд. Дар айни замон қисми асосии аҳолии давлатҳои Осиёи Миёна, махсусан аҳолии деҳот ҳамоно дар шароити хоҷагии соф натуралӣ ва ё нимнатуралӣ зиндагӣ мекард. Дар чунин шароит давлатҳои хонӣ мавҷудияти худро ҳамчун давлати феодалӣ нигоҳ медоштанд.

## 5. МАДАНИЯТИ МОДДӢ ВА МАЪНАВӢ

Академик Б. Ғафуров дар зербоби мазкур ба шакли мухтасар доир ба фарҳанги моддӣ ва маънави халқҳои Осиёи Миёна, махсусан тоҷикон, вазъи бинокорӣ ва меъморӣ, ҳаёти илмию адабии минтақа маълумот медиҳад. Таъкид мешавад, ки албатта, нооромиҳои замона ва ҷангҳои феодалӣ, зулму ситами бераҳмона ва харобиҳои мамлакат рушди фарҳангро бозмедоштанд. Монеаи дигар ин тамоми ҷанбаҳои зиндагиро фаро гирифтани таассуби динӣ буд Аммо, новбаста ба мушкилоти ҷойдошта дар фарҳанги моддию маънавии минтақа баъзе дигаргуниҳо мушоҳида мешаванд.

### Бинокорӣ ва меъморӣ

Дар нимаи асри XVIII бинокориҳои азими Бухоро аз ҳаракат бозмонд, ҳатто дар лаҳзаҳое, ки аз охирҳои аср кори сохтмон дубора ба роҳ даромад, рушди он ҳамоно дар сатҳи паст буд. Намунаи хуби санъати меъмории ин давраи шаҳри Бухоро бинои мадрасаи халифа Ниёзқул (Чорманор) ва силсилаи иморати халифа Худойдод мебошад. Бо вуҷуди камхарҷии сохтмон ва соддагии сабки меъморӣ, сохт ва намуди онҳо бо манзараи табиати маҳалли воқеъгаштаи худ мувофиқати комил пайдо кардааст.

Дар Самарқанд якчанд биноҳои калон сохта ва ё сохтмони нимкорамондаи иморатҳои кӯҳна анҷом дода шуданд. Масалан,

дар миёна ва нимаи дувуми асри XIX дар таҳкурсии кӯҳна бинои масҷиди ҳазрати Хизр сохта, сипас борҳо таъмир ва такмил карда шуд. Биноҳое, ки аз охири асри XVIII то миёнаҳои асри XIX дар Хева ва баъзе дигар шаҳрҳои хонии Хева сохта шудаанд, аз ҷиҳати меъморию таърихӣ ҷолибтаранд. Дар ин ҷо қасрҳо, корвонсаройҳо, дарвозаҳои шаҳр, мадрасаву масҷидҳо, мақбара ва манораҳо бино ёфтанд.

Дар хонии Хӯқанд низ бинокорӣ вусъат пайдо кард ва дар шаҳрҳои гуногуни он иморатҳои мӯҳташам, ба мисли қасрҳо, корвонсаройҳо, ҳаммомҳо, қалъаву манораҳо, масҷиду мадраса ва мақбараҳо сохта шудаанд. Яке аз онҳо, қасри хон - бинои дуошёнаи хиштӣ дар маркази шаҳр, атрофаш бо боғҳову иморатҳои ба он тааллуқдошта ва деворҳои баланди гилӣ иҳота гардидааст, маҳсуб меёбад. Рӯи иморат бо кошинҳои гуногунранг зинат ёфта, дар ороиши он кандакории гаҷӣ истифода шудааст, вале бино шакли муназзам ва мӯҳташам надорад. Дар сохтмони он устоҳои сафолсози Андиҷон, Чуст, Конибодом, Намангон, Ӯротеппа, Риштон маҳорат нишон додаанд. Мақбараи Модарихон ва Дахмаи Шоҳон (Хӯқанд) тақлидкорона сохта шудаанд, рӯйкаши ин биноҳо аз ҳад зиёд рангоранг буда, дар онҳо таносуб риоя нашудааст.

Дар ҳамин давра дар Хуҷанд, Ӯротеппа, Ҳисор, Панҷакент ва дигар шаҳрҳо низ иморатҳои зиёд сохта шуданд. Масалан, масҷиди Чорбоғи Хуҷанд бо айвони баланд ва нақшунигори зебои сақфи даромадгоҳи худ аз ҳамин қабил ёдгориҳои меъморӣ ба шумор меравад. Вале дар байни бештар аз дусад масҷид ва бисту панҷ мадрасаи Хуҷанд фақат чандтои онҳо аз ҷиҳати меъморӣ мавриди таваҷҷӯҳ мебошанд. Аз ёдгориҳои меъмории Ӯротеппа бинои мадрасаи Рустамбек, ки мутаассифона бинои он боқӣ намондааст, қобили қайд аст. Намои кошинкории он бо суратҳои дар пештоқи иморат кашидашудаи ҳайвоноти асп ё палангмонанди ба муқобили якдигар ҳаракаткунанда зеби махсусе пайдо карда буд. Аз сохтмонҳои калони онвақтаи Ӯротеппа мадрасаи Намозгоҳ, айвони тиллокории пойгаҳи қароргоҳи ҳоким дар болои Муғтеппа, ҳаммом ва корвонсаройро, ки аз хишти пухта бино ёфта буданд, метавон зикр кард. Дар ҳамин давра биноҳои Регистони Ҳисор, Мадрасаи Нав, мадрасаи Миролим додхоҳи Панҷакент сохта шудаанд.

Дар бинокориҳои оммавӣ қатъи анъана ва таназзул мушоҳида намешавад. Баръакс, маҳз дар ҳамин давра навъҳои маҳаллии манзилҳои Осиёи Миёна комилан ташаккул меёбад. Зимнан дар тарҳ, ороиш ва масоҳат ду навъи бино–манзили одамони давлатманд ва манзили одамони бенаво аз ҳам тафовути ҷиддӣ пайдо мекунанд. Чор тарафи манзилгоҳ бо деворҳои баланд иҳота карда мешуд. Ҳавлӣ аз ду қисмат иборат буд: ҳавлии дарун ва ҳавлии берун. Гоҳо ҳавлии махсуси хоҷагӣ ва қитъаи боғ ҳам ҷудо карда мешуд. Ҳамчунин дарвозахона бо дари кандакоришуда низ ба қисми таркибии манзилгоҳ дохил мегардид. Аксаран дар пеши хонаҳо айвон месохтанд. Биноҳо на фақат якошёна, балки дуошёна ва гоҳо сеошёна ҳам буданд. Барои ороиши қисмати дохилии сохтмон тамоми навъҳои ҳунари амалии мардум, аз қабили кандакории чӯб, гаҷкорӣ, нақшу нигор ва ғ. истифода бурда мешуд, ки он бо ҷиҳози хона ҳамоҳангии том пайдо мекард. Аммо ин ҳама ба манзили одамони доро мутааллиқ буд.

Мардумшиносон А.К.Писарчик, В.Л.Воронина, Л.И.Ремпел ва П.Ш.Зоҳидов мактаби меъмории Хоразм, Бухоро ва Фарғонаро бо тамоми навъҳои маҳаллиаш, инчунин манзилҳои аз онҳо тамоман фарқкунандаи тоҷикони кӯҳистонро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Заргарон ва мисгарон низ осори бисёр нафиси ҳунарӣ офаридаанд. Асарҳои шоистаи таҳсини кандакорону ҳаккокон, бофандагону дӯзандагон, кулолон ва соири ҳунармандони забардаст аз он башорат медиҳанд, ки санъат ва ҳунари халқ дар ин давра ҳам мавҷудияти худро давом дода, комёбиҳои муҳимро ноил гардидааст.

## Ҳаёти илмӣ ва адабӣ

Маълум аст, ки дар мамлакати аз ҷиҳати иқтисодӣ хеле ақиб монда, нуфуз ва эътибори рӯҳониёни иртиҷоии ислом беҳад пурқувват мегардад. Дар чунин ҳолат оид ба тараққиёти ҳаёти илмӣ ҷои ҳарф задан ҳам нест. Барои ҳамин дар аморати Бухоро ва дигар хониҳо дар ин давра на фақат ягон қадар асарҳои муҳим ба вуҷуд наомаданд, балки омӯхтани дастовардҳои илми замонҳои гузашта низ комилан ба дараҷаи нестӣ расид.

Махсусан замони ҳукмронии амир Шоҳмурод ва ворисони ӯ дар ин бобат тиратарин давраҳост. Дар ин вақт фақат омӯхтани илми фиқҳ, тафсири китобҳои динӣ ва шарҳи китобҳои дарсии асримиёнагӣ хеле ривоҷ ёфт, муддати таҳсил дар мадраса ниҳоят дароз шуд. Ҳатто боистеъдодтарин фарзандони халқ аз донишҳои замон маҳрум мемонданд. Омӯхтани адабиёти бадеӣ, илми баён, хаттотӣ, риёзиёт, ҳайъат дар барномаи мадрасаҳо ворид набуданд.

Забони тоҷикӣ дар ин давра ҳамоно аҳаммияти аввалияи худро дар дастгоҳи давлатӣ нигоҳ дошта, монанди давраҳои пеш ҳам дар риштаи адабиёт ва ҳам дар корҳои идоравӣ мавқеи асосиро ишғол мекард. Дар мактабҳо таълиму тадрис ба забони тоҷикӣ ба амал меомад, вале дар мадрасаҳо қариб тамоми дарсҳо ба забони арабӣ мегузашт.

Мувофиқи девонҳои ҷудогонаи то замони мо расидаи шоирони он давр, адабиёти Мовароуннаҳр дар марҳалаи зикршуда ба таназзули сахт дучор омада буд. Охири асри XVIII – ибтидои асри XIX дар Хӯқанд то андозае аз нав зиндашваии ҳаёти адабӣ мушоҳида мегардад. Шоирони номии ин давра амир Умархон, Макнуна, Гулханӣ ва дигарон ба забони тоҷикӣ асарҳо эҷод мекарданд. Оҳангҳои иҷтимоӣ дар шеърҳои онвақта хеле заиф гардида, таъсири тасаввуфи ғайрифаъол қувват мегирад.

Дар миёнаи асри XVIII ҷараёни тозае ба зуҳур меояд, ки дар таърихи адабиёти тоҷик бо номи бедилизм машҳур аст. Намояндагони ин ҷараён дар Осиёи Миёна беш аз ҳама ба Бедил тақлид менамуданд. Шоир ва файласуф Мирзо Абдулқодири Бедил (1644–1721) яке аз охирин намояндагони барҷастаи адабиёти тоҷики асримиёнагии Ҳиндустон ба шумор меравад. Бедил дар асарҳои худ бар асоси назарияи ваҳдати вуҷуд бар зидди нифоқ ва адовати мазҳабии байни ҳиндуён ва мусулмонон баромада, ақидаҳои худро баъзан ошкоро ва гоҳо дар зери таъбирҳои тасаввуфӣ баён намудааст. Асарҳои Бедил бо сабки махсус навишта шудаанд. Ғояҳои ин шоир ва мутафаккири бузург назар ба дигар ҷойҳо бештар дар Осиёи Миёна, дар байни тоҷикон тарафдорони худро пайдо намуд. Дар байни пайравони Бедил одамоне ҳам буданд, ки баъдҳо, дар асри XIX ва ибтидои асри XX эҷодиёти худро то андозае ба ҳаёти иҷтимоии халқ наздиктар

намуда, ғояҳои нисбат ба он замон мутараққиро таблиғ мекарданд.

Равияи демократӣ ба назми ин давра низ роҳ пайдо намуда буд, ва Мирзо Муҳаммадсодиқи Муншӣ, ки дар эҷодиёташ оҳангҳои озод-фикрӣ ва танқиди зулму истибдод эҳсос мешавад, намояндаи ҳамин равия мебошад. Тамоюли танқиди сохти мавҷударо дар эҷодиёти баъзе шоирони дигари бухороӣ аз қабили Ирсии Ҳисорӣ, Хиҷлати Бухороӣ, Раҳими Самарқандӣ ва ғайра низ метавон мушоҳида намуд. Дар доираи адабии Хӯқанд мисли Гулханӣ, Муҷрим, Кошиф, Маъдан, Ҳозиқ ва Махмур шоироне буданд, ки бо мароми эҷодиашон аз дигар муосирони худ тафовут доштанд. Шоира Дилшод, ки асарҳояшро ба ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ офаридааст, нисбат ба ҷабру ситам ва бедодгариҳои ҳокимони феодалӣ ва мулозимони онҳо ҳисси нафрат ва эътироз баён менамояд.

Дар ин давра асарҳои таърихӣ асосан шакли воқеанигориро ба худ гирифта буданд. Лекин дар ҳар сурат як идда сарчашмаҳои таърихӣ ҳам ба вуҷуд омаданд, ки дар масъалаи омӯхтани ҳаёти асрҳои XVIII–XIX арзиши зиёде доранд. Масалан, асари Муҳаммадвафои Карминагӣ «Тӯҳфаи хонӣ» ё худ «Таърихи Раҳимхонӣ», китоби Муҳаммад Яъқуб «Гулшану-л-мулук», «Мунтахабу-т-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон, асари Мулло Аттор «Ҷаҳоннамо», «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Мулло Ниёз Муҳаммад ва «Таърихи муҳоҷирон»-и Дилшод бисёр арзишманд мебошанд. Доир ба таърихи аморати Бухоро ғайр аз асари Аҳмад Махдуми Дониш «Таърихчаи Бухоро» ҳамчунин таърихи Мулло Хумулӣ (охири асри XVIII - нимаи аввали асри XIX) қобили таваҷҷуҳ аст.

# ФАСЛИ ШАШУМ
# ТОҶИКОН ДАР ДАВРАИ БА РОССИЯ ҲАМРОҲ ШУДАНИ ОСИЁИ МИЁНА ВА ТАРАҚҚИЁТИ МУНОСИБАТҲОИ КАПИТАЛИСТӢ ДАР ИН САРЗАМИН

*Фасли шашуми «Тоҷикон» аз чор боб иборат буда, ба таҳлилу тавсифи ҳаводиси таърихии миёна ва нимаи дуюми асри XIX - ибтидои асри XX бахшида шудааст. Муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ, маводу мадраҳои дасти аввал ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, адабию фарҳангии халқи тоҷик ва минтақаи Осиёи Миёна, рафти истилои Осиёи Миёна аз ҷониби Россияи подшоҳӣ, рақобати давлатҳои абарқудрат, пеш аз ҳама империяҳои Россия ва Британияи Кабир дар минтақа, тақсимкунии иҷбории тоҷикон ва пароканда гардидани онҳо, иштироки тоҷикон дар ҳаракатҳои мардумӣ ва инқилобӣ ва дигар масоили таърихиро ба шакли муфассал мавриди таҳқиқ қарор додааст.*

## БОБИ ЯКУМ
## ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ДАВРАИ БА РОССИЯ ҲАМРОҲ ШУДАНИ ОСИЁИ МИЁНА

### 1. ОҒОЗИ БА РОССИЯ ҲАМРОҲ ШУДАНИ ОСИЁИ МИЁНА

#### Инкишофи минбаъдаи робитаҳои тиҷоратию сиёсии Россия бо давлатҳои Осиёи Миёна

Дар ин боб академик Б.Ғафуров дар бораи икишофи минбаъдаи робитаҳои тиҷоратию сиёсии Россия бо давлатҳои Осиёи Миёна, ҳуҷуми қӯшунҳои подшоҳӣ ба Осиёи Миёна, таъсисёбии генерал-губернатории Туркистон, муборизаи Англия ва Россия барои доираи нуфуз, вусъат ёфтани мулкҳои Россия дар Осиёи Миёна, ҳалли «масъалаи Помир», инчунин аҳаммияти таърихии ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба таври мухтасар маълумот додааст.

Дар охири солҳои чилум ва ибтидои солҳои панҷоҳуми асри XIX ҳукумати подшоҳии Россия зимни рақобат бо Шоҳигарии Британия хавфи ҷиддии аз даст рафтани бозори осиёимиёнагии

молҳои рус ва дар ҳудуди ҷанубии Россия устувор гардидани мавқеи ҳарифони хатарнокро эҳсос намуда, бо мақсади барқарор кардани ҳукмронии худ дар сарзамини Осиёи Миёна иқдомоти ҳарбӣ ба амал овард.

Аз ҷумла, соли 1847 қушуни ҳукумати подшоҳӣ ба соҳилҳои баҳри Арал расида, дар ин ҷо истеҳкоми Раимро бунёд кард. Гурӯҳи дигар, ки аз ҷониби Сибир ба Осиёи Миёна ҳаракат мекард, ба Ҳафтруд расид. Ҳамин тавр, қувваҳои ҳарбии ҳукумати подшоҳӣ аз ду тараф – аз Оренбург ва Омск ба Осиёи Миёна наздик шуданд. Ишғоли қалъаи Оқмачити Хӯқанд (истеҳкоми Перовский, Қизилӯрдаи ҳозира) соли 1853 таҳти фармондеҳии генерал-губернатори Оренбург В.А. Перовский дар роҳи ҳаракати минбаъдаи қушунҳои ҳукумати подшоҳӣ марҳалаи муҳимме гардид.

Ҳукумати подшоҳӣ дар баробари иқдомоти ҳарбӣ истифодаи василаҳои дипломатиро низ идома дода, соли 1858 ба аморати Бухоро ва хонии Хева бо сардории полковник Н.П. Игнатев сафорат фиристод. Ин намояндагӣ гарчанде ки дар аморати Бухоро ба баъзе муваффақиятҳо ноил гардида бошад ҳам, дар давлати хонии Хева ба натиҷае нарасид. Империяи Россия ба хулосае омад, ки барои расидан ба мақсадҳои сиёсӣ ва иқтисодии худ дар Осиёи Миёна бояд қувваҳои мусаллаҳро ба кор андозад. Ин ният боз аз он сабаб қувват мегирифт, ки пас аз бекор кардани ҳуқуқи крепостноӣ муносибатҳои капиталистӣ дар Россия инкишоф ёфта, корхонаҳои нави саноатӣ бунёд мегардиданд. Муҳимтарин соҳаи саноат – бофандагӣ, ки ба таъмини пахта вобаста буд, вусъат ёфта, ба даст овардани бозорҳои нави фурӯши мол ва манбаъҳои нави маводи хомро талаб мекард.

Илова бар ин, ҳукумати подшоҳӣ мақсад дошт, ки дар натиҷаи амалиёти фаъолонаи ҳарбӣ дар Осиёи Миёна ба ҳудуди мулкҳои шарқии Британия наздик шавад ва бо ин васила мавқеи худро дар Аврупо, ки пас аз шикаст дар ҷанги Қрим аз даст дода буд, мустаҳкам намояд.

Дар солҳои шастуми асри XIX, дар натиҷаи сар задании ҷанги дохилӣ дар Америка ба Европа овардани пахтаи амрикоӣ қатъ гардид. Аз ин рӯ, истилои Осиёи Миёна ҳамчун манбаи ашёи хоми пахта аҳаммияти махсус пайдо кард.

## Ҳуҷуми қушунҳои подшоҳӣ ба Осиёи Миёна

Соли 1864 ҳуҷуми қатъии қӯшунҳои подшоҳӣ ба Осиёи Марказӣ оғоз гардид. Дар моҳи сентябри соли 1864 Чимкент забт гардид, сипас лашкари подшоҳӣ ба тарафи Тошканд ҳаракат кард ва дар моҳи апрели соли 1865 ба ишғол намудани қалъаи Ниёзбек муваффақ гардид. Ин қалъа дар соҳили дарёи Чирчиқ бино ёфта, барои мудофиаи Тошканд нақши калон мебозид. Илова бар ин, саргаҳи оби дохили шаҳр низ дар наздикии ҳамин қалъа воқеъ буд. Дар натиҷаи ҳамлаи сахт ва ҷангҳои шадиди кӯчагӣ 15 июни соли 1865 яке аз калонтарин шаҳрҳои Осиёи Марказӣ суқут кард, вале расман ба Россия ҳамроҳ кардани Тошканд то тирамоҳи соли 1866 мавқуф гузошта шуд.

Ҷангҳои дохилии хонии Хӯқанд ва муносибатҳои душманонаи байни Хӯқанду Бухоро ба амалиёти муваффақи қушунҳои подшоҳӣ шароити мусоид фароҳам оварданд.

Дар миёнаҳои соли 1865 амир Музаффар ба водии Фарғона лашкар кашида, қӯшуни Хӯқандро, ки дар натиҷаи ҷангҳои тӯлонӣ бо дастаҳои ҳукумати подшоҳӣ хеле заиф гардида буд, ба осонӣ шикаст дод ва ҳукмрони собиқи Хӯқанд – Худоёрхонро ба тахти хонӣ нишонд. Амир Музаффар аз ин амалиёти бобарор рӯҳбаланд гардида, ба Тошканд ҳайати сафорат фиристод ва аз ҳукуматдорони рус талаб кард, ки фавран шаҳрро тарк намоянд.

Губернатори ҳарбии Туркистон М.Г. Черняев дар моҳҳои январу феврали соли 1866 чанд маротиба ба қалъаи Ҷиззах ҳуҷум овард, вале ба мақсад нарасид. Пас аз ин амалиёти нобарор М.Г. Черняев аз вазифа дур карда шуда, ба ҷои ӯ Д.И. Романовский таъин гардид.

Губернатори ҳарбии нав 8 майи соли 1866 дар муҳорибаи Эрҷар, дар роҳи Ҷиззах ва Хуҷанд қӯшуни амирро торумор намуд. Аммо фармондеҳи қӯшуни рус Д.И. Романовский пас аз ин шикасти артиши Музаффар ба сӯи Бухоро ҳаракат накарда, ишғоли Хуҷанд (24 майи соли 1866), Қалъаи Нов (28 майи соли 1866) ва истеҳкоми Ӯротеппаро (12 октябри соли 1866) афзалтар донист, чунки ин маҳалҳо дар саргаҳи роҳи водии Фарғона воқеъ гардида, аҳаммияти калони стратегии ҳарбӣ доштанд.

18 октябри соли 1866 қӯшуни подшоҳӣ пас аз муҳосираи чандвақта қалъаи Ҷиззахро тасарруф кард ва мавқеи худро дар

хоки аморати Бухоро устувор намуда, ба дуюмин шаҳри бузурги он шаҳри бостонии тоҷикон – Самарқанд таҳдид намуд.

## Таъсиси генерал-губернатории Туркистон ва пешравии минбаъдаи қушунҳои подшоҳӣ

Ҳукумати подшоҳӣ барои идора кардани қисмати ишғолшудаи Осиёи Миёна дар соли 1867 бо фаро гирифтани вилоятҳои Ҳафтрӯд ва Сирдарё генерал-губернатории Туркистонро таъсис дод, ки он заминҳои аз соли 1847 то он лаҳза аз мулкҳои хонигарии Хӯқанд ва аморати Бухоро забт намудаи русҳоро дарбар мегирифт ва марказаш шаҳри Тошканд буд. Маркази вилояти Сирдарё Тошканд ва маркази вилояти Ҳафтрӯд шаҳри Верний маҳсуб меёфт. Мувофиқи ин тақсимот мулкҳои Хуҷанд, Нов, Ӯротеппа, Ҷиззах ва ғайра ба ҳайати вилояти Сирдарё дохил мешуданд. Ҳудуди генерал-губернаторӣ ва миқдори вилоятҳои он минбаъд аз ҳисоби мулкҳои тозаишғоли артиши рус афзуданд.

Дар як вақт инчунин округи ҳарбии Туркистон низ ташкил ёфт. 14 июли соли 1867 аввалин генерал-губернатори Туркистон генерали подшоҳӣ К.П. Кауфман таъин гардид. Подшоҳи Россия Александри II дар асоси «Ярлиқи заррин»-и худ ба Кауфман ҳуқуқи васеъ дода буд. Вай ҳақ дошт, ки бо давлатҳои ҳамсоя музокироти дипломатӣ барпо намояд, ҷанг эълон кунад, сулҳ бандад. Яъне соҳиби ваколати номаҳдуде буд.

Дар аввали соли 1868 ҳукмрони Хӯқанд Худоёрхон ба ҳукумати подшоҳӣ созишномаи сулҳ баста, ба империяи Россия тобеъ гардидани худро эътироф намуд. Дар худи ҳамон сол (1868), пас аз тобеъ гардидани Хӯқанд аскарони рус таҳти фармондеҳии генерал Кауфман ба тарафи яке аз калонтарин ва қадимтарин шаҳри Осиёи Марказӣ – Самарқанд ҳаракат намуданд. Аскарони рус сарбозони амирро дар муддати кутоҳ торумор намуда, 2-юми майи соли 1868 ба Самарқанд ворид шуданд.

Таслим шудани Самарқанд дар байни сарбозон ва доираҳои ҳукмрони Бухоро парешонӣ ба амал овард. Кауфман роҳи маркази аморат – шаҳри Бухороро пеш гирифт ва охирин шаҳри калони дар сари роҳ буда - Каттақӯрғонро ишғол кард. Амир Музаффар охирин қувваҳои худро ҷамъ намуда дар баландии Зирабулоқ

мавқеъ гирифт. 2 июни соли1868 дар назди Зирабулоқ муҳорибаи сахттарин ва охирини байни Россияю Бухоро ба вуқӯъ омад. Вале мағлубият боз насиби сарбозони амир гардид. Амири Бухоро пас аз ин имконияти муқобилиятро тамоман аз даст дод ва бо таклифи сулҳ ба назди генерал Кауфман элчӣ фиристод ва худаш ба Бухоро рафта, дар интизори ҷавоб нишаст.

Ҳамин тариқ, дар зарфи солҳои 1864-1868 ду давлати Осиёи Марказӣ - хони Хӯқанд ва аморати Бухоро ба мағлубият дучор гардиданд. Аммо, ҳукумати подшоҳӣ ҳудуди ин ду давлатро ҳамоно ба Россия ҳамроҳ накард ва онҳо дар зоҳир ҳамчун давлати мустақил боқӣ монданд.

Генерал Кауфман таклифи амир Музаффарро доир ба сулҳ қабул намуд ва 23-юми июни соли 1868 сулҳнома имзо карда шуд, ки он дар таърих бо номи сулҳномаи Зирабулоқ маълум аст. Тибқи ин сулҳнома як қисми аморати Бухоро (Хуҷанд, Нов, Ӯротеппа, Ҷиззах, Самарқанд, Каттақӯрғон ва ғайра), ки қӯшунҳои рус забт карда буданд ба Россия гузашт. Бухоро аз ҳуқуқи бо ихтиёри худ муносибат кардан бо давлатҳои хориҷӣ маҳрум гардид. Амир Музаффар маҷбур шуд, ки ба Россия 500 ҳазор суми русӣ товони ҷанг диҳад. Тоҷирони рус метавонистанд дар тамоми қаламрави аморат озодона фаъолият намоянд. Аморати Бухоро ба вассали фармонбардори ҳукумати подшоҳӣ мубаддал гардид.

Баробари ба ихтиёри Россия гузаштани Самарқанд, ҳукуматдорони рус тасмим гирифтанд, ки мулкҳои болооби Зарафшонро, ки аҳолиаш тоҷикон буданд, ба Россия ҳамроҳ намоянд. Бо ин мақсад, баҳори соли 1870 бо сардории генерал Абрамов Эъзомияи (экспедитсия)-и Искандаркӯл ташкил карда шуд.

Эъзомия 25-уми апрели соли 1870 аз Самарқанд оғоз ёфт. Моҳи август шаҳри Панҷакент бе муҳорибаи ҷиддӣ ба ихтиёри артиши рус гузашт. Вале дар деҳаҳои Панҷрӯд, Даштӣ, Кулолӣ, Фалғар, Мастчоҳ ва ғайра ҷангҳои шадид ба амал омаданд. Дар ин амалиёт бисёр деҳаҳоро бо ҳукми Абрамов ба хок яксон намуданд.

Моҳи июли соли 1870 эъзомия амалиёти худро ба охир расонид. Аз ҳисоби мулкҳои ниммустақили қӯҳистони болооби Зарафшон «Туманҳои кӯҳистонӣ» ташкил ёфт ва он ба музоффоти Зарафшон (ҳукумати подшоҳӣ аз ҳисоби Самарқанд, Каттақӯрғон

ва дигар мулкҳои Зарафшони аз аморати Бухоро забт намудааш музофоти Зарафшонро ташкил намуда, генерал Абрамовро сардори он таъин намуд) ҳамроҳ карда шуд.

Дар эъзомияи Искандаркӯл як қатор олимон, аз ҷумла табиатшинос А.Ф. Федченко, геолог Д.К. Мишенков, нақшабардор (баъдтар арбоби намоёни ҳарбию сиёсӣ) Л.Н. Соболев ва дигарон дохил буданд. Бо ташаббуси ин донишмандон барои таҳқиқи захираҳои табиии болооби Зарафшон қадамҳои аввалин ва муҳимми илмӣ гузошта шуд.

### Муборизаи Англия ва Россия барои доираи нуфуз. Вусъати мулкҳои Россия дар Осиёи Миёна

Дастовардҳои ҳарбии Россияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна нақшаҳои империяи Британияро вайрон кард, аз ин рӯ, онҳо соли 1869 масъалаи таъсиси давлати «буфер» (бетараф) дар байни мустамликаҳои худ ва минтақаҳои таҳти тасарруфи Россияро ба миён гузошт. Чунин давлат бояд Афғонистон мебуд. Дарёи Аму сарҳади байни доираҳои нуфузи Англия ва Россия мегардид. Вале баъд аз гуфтушунидҳо маълум гардид, ки мақсади Англия комилан ба тасарруфи худ даровардани Афғонистон аст.

Соли 1873 Англия ва Россия ба мувофиқа омаданд, ки дар Хева протекторати Россия ва дар Афғонистон протекторати Англия барқарор мегардад. Пас аз ин артиши рус барои забти хонии Хева шуруъ намуд. 29 майи соли 1873 барои забти шаҳри Хева ҷангҳои сахт ба вуқӯъ омад. Хони Хева - Саид Муҳаммад Раҳими II аз тарс гурехта, бо ишораи таслим аз Кауфман сулҳ талабид. Муқобилони Муҳаммад Раҳими II бародари ӯ – Атоҷонтӯраро хон эълон намуданд. Аммо, К.П. Кауфман бо Атоҷон робита накарда, 2 июни соли 1873 Муҳаммад Раҳими II – ро ба пойтахт баргардонд.

12-уми августи соли 1873 байни Россияю Хева шартнома, ки аз 18 банд иборат ба имзо расид ва мувофиқи он Хева тобеи Россия гардида, ба хазинаи подшоҳӣ 2 млн. сӯм товони ҷанг супорид. Аз заминҳои хонигарии Хева мулкҳои соҳилҳои рости дарёи Ому ба ихтиёри Россия гузаштанд.

Ҳангоми ҳуҷуми лашкари рус ба муқобили хони Хева амири Бухоро Музаффар на танҳо ин амалиётро тарафдорӣ кард, балки

ба лашкари рус ёрии амалӣ расонд. Чунин рафтори нисбат ба Россия содиқонаи амир ба амалдорони ҳукумати подшоҳӣ хеле маъқул шуд, бинобар ин ҳукумати подшоҳӣ садоқати амирро ба инобат гирифта, ба ивази он мулкҳое, ки аз ҳисоби аморат ба ихтиёри Россия гузашта буданд, заминҳои Чорҷӯйро аз ихтиёри хони Хева гирифта, ба амири Бухоро дод.

Баъди тобеи Россияи подшоҳӣ гардидани хонигарии Хӯқанд аҳволи халқ боз ҳам бадтар шуд. Соли 1873 шӯриши калони мардумие оғоз ёфт, ки он то соли 1876 давом кард. Баҳонаи асосии шӯриш зиёд ситонидани закот аз чорво ба ҳисоб мерафт. Дар шӯриш тамоми сокинони хонӣ фаъолона иштирок доштанд. Ба муборизаи зидди Худоёрхон як гурӯҳ намояндагони аъёни ашрофи дарбор низ ҳамроҳ шуда, хонзода Насриддинро ба сари қудрат оварданд. Худоёрхон ба генерал-губернатории Туркистон фирор намуд.

Генерал-гебернатори Туркистон аз хони нав Насриддин иҷрои тамоми шартҳои шартномаҳои байни Россия ва Хуқандро талаб намуд. Аммо, амири нав дар такя ба аъёну ашроф ва рӯҳониён ҷавоби рад дод. Аммо, вақте лашари Хӯқанд 22 августи соли 1875 дар муҳорибаи Қалъаи Маҳрам шикаст хӯрд, оҷилан ҳама пешниҳоди Кауфманро қабул намуд.

22 сентябри соли 1875 ба давлати хонӣ карордоди нав пешниҳод карда шуд, ки тибқи шартҳои он Хӯқанд ба ғайр аз Россия бо ягон давлати бегона муносибат карда наметавонист. Илова бар ин, бекии Намангон ба ҳайати кишвари Туркистон ҳамроҳ карда шуд.

Бо ин дар хонии Хӯқанд оромӣ ба миён наомад, аъёну ашроф ва рӯҳониён аҳолиро ба «ҷиҳод» даъват мекарданд. Онҳо Насриддинро аз тахт фароварда, Пӯлодбекро хон эълон карданд. Дар ҳудуди Андиҷон ва Намангон байни сарбозони Хӯқанд ва низомиёни рус ҷангҳои шадид ба миён омад. Кауфман ба водии Фарғона қувваҳои иловагӣ фиристода, нуқтаҳои асосии шӯришро ба пуррагӣ пахш намуд. 19-уми феврали соли 1876 бо розигии подшоҳи Россия Александри II ва супориши генерал-губернатори Туркистон К.П. Кауфман хонии Хӯқанд барҳам дода шуда, қаламрави он ҳамчун вилояти Фарғона ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон ҳамроҳ карда шуд. Губернатори ҳарбии вилоят генерал Л.Н. Скобелев таъин гардид.

Ҳамин тавр, яке аз давлатҳои мустақили Осиёи Миёна аз байн рафт. Аммо, дар ин вақт амалиёти ҷангӣ дар ҷанубу шарқии Осиёи Миёна давом мекард. Амири Бухоро дар Қаршӣ ва Шаҳрисабз лашкари зиёдеро ҷамъ намуда, охири соли 1866 - аввали соли 1867 ба Бойсун ва Деҳнав ҳуҷум кард. Дар муқобили амир дастаҳои ихтиёрии мулкҳои ниммустақили Бухоро Шарқӣ бо сардории беки Ҳисор қарор гирифта буданд. Новобаста аз муқобилияти сахти мардуми маҳаллӣ сарбозони амир ҳисориҳоро ба ақибшинӣ маҷбур намуда, қалъаи Деҳнавро муҳосира намуданд. Пас аз ҷанги сахт қалъа таслим шуд, қисме аз муҳофизони он ба тарафи мулкҳои кӯҳистон фирор намуданд. Лашкари амир даст ба ғорат ва қатли оми даҳшатангез зад.

Беки Ҳисор Абдулкарим, ки ба Кӯлоб паноҳ бурда буд, бо амри беки он Сарахон ба амир Музаффар супорида шуд. Аммо, лашкари амир ҳаракатро ба самти шарқ идома медод. Сарахон аз хавфи бой додани мулкҳои поёноби Вахшу Кофарниҳон ба муқобили сарбозони амир баромад. Барои кӯмак ба ӯ беки нави Деҳнав Улуғбек низ шитофт.

Амир бо тайёрии ҷиддӣ лашкари худро бо сардории Яъқуббек ба муқобили онҳо фиристод ва қувваҳои амир ба зуддӣ аз Сурхондарё гузашта, тамоми сарзамини Ҳисорро ба харобазор табдил дода, сипас роҳи Балҷувон ва Кӯлобро пеш гирифтанд. Сарбозони амир ба касе амон надода, ҳатто аҳолии шаҳру деҳаҳои қишлоқҳои муқобилат накардаро ҳам несту нобуд мекарданд, боз аз мулкҳои истилошуда бо номи «амонпулӣ» хироҷ ҳам меситонданд. Ҳокими Ҳисор Абдулкарим бо тамоми хонаводааш ба қатл расонида шуд, Сарахон ба Афғонистон фирор кард.

Амир ҳокимони ҳамаи мулкҳои Бухорои Шарқиро иваз намуда, Яъқубекро ҳокими тамоми вилоят таъин кард. Пас аз ин амир барои тасарруфи Дарвозу Қаротегин омодагӣ гирифт, аммо Раҳимшо ҳокимияти Қаротегинро соҳиб шуда, аз нооромии дохилии Хӯқанд истифода карда, тобияти худро ба амири Бухоро эълон намуд. Ин зиддияти Хӯқанду Бухороро боз ҳам тезонид ва дар сарҳади Қаротегин чандин задухӯрдҳои сахт байн сарбозони ҳарду тараф ба амал омад. Зиддият танҳо бо дахолати ҳукумати подшоҳии рус ва генерал-губернатории Туркистон ҳалли худро ёфт.

Ин вазъиятро ҳокими Қаротегин Саид Муҳаммаддиншо

истифода намуда, кӯшиши мустақилона амал намуданро пеш гирифт. Аммо ин рафтор ба маъмурияти Туркистон писанд набуд. Барои ҳамин охири июл ва августи соли 1876 нахустин губернатори ҳарбии Фарғона генерал Скобелев бо як дастаи калон ба самти кӯҳдоманҳои Помир фиристода шуд. Дар ҳайати ин даста ғайр аз ҳарбиён, донишмандони ҷуғрофия, табиатшиносӣ ва нуҷум Л.Ф.Костенко, В.Ф.Ошанин, А.Р.Бонедорф ва дигарҳо низ дохил мешуданд.

Дар нимаи дуюми солҳои ҳафтодум амири Бухоро Қаротегинро тамоман ба қатори мулкҳои худ дохил намуд. Агар мулкҳои душворраси ғарбии кӯҳистони Помир, аз қабили Рӯшон, Шуғнон ва Вахон сарфи назар шавад, Дарвоз охирин мулки ниммустақили соҳили рости Панҷ буд, ки ба Бухоро ҳамроҳ карда шуд. Соли 1876 амир барои тобеъ намудани ин мулк бо сардории Худойназар додхо лашкар фиристода, бо тазйиқи сиёсӣ ва макру фиреб шоҳи Дарвоз Сироҷиддинхонро барои мулоқот бо амир ба Шаҳрисабз оварданд ва ба асорат гирифтанд.

Аммо мардуми Дарвоз муқовиматро идома дода ба лашкари амир зарбаҳои сахт заданд. Амир маҷбур шуд ба Бухорои Шарқӣ соли 1878 қувваҳои зиёди иловагӣ фиристонад ва онҳоро дар Кӯлоб, Балҷувон ва Қаротегину қалъаи Ғарм ҷойгир намояд.

Танҳо бо талафоти зиёд ва азобу машаққати беандоза лашкари амир муқовимати мардумро шикаста, ин мулкҳои кӯхистонро ба тасарруфи худ даровард ва Раҳмонқулибекро ҳоким таъин кард. Ба хотири пайваста дар зери тобеати худ нигоҳ доштани минтақа дар ихтиёри ҳоким дастаи 1300-1500 нафараи сарбозон гузошта мешуд.

### Ҳуҷуми кушунҳои подшоҳӣ ба Туркманистон

Пас аз анҷоми амалиёти ҳарбӣ дар қаламрави Бухорою Хӯқанд ва хонии Хева ҳукумати подшоҳии рус барои ба даст овардани қисмати ғарбии Осиёи Миёна ҳаракат намуд. Пеш аз ҳама мавриди таваҷҷуҳ ноҳияҳои паси баҳри Каспӣ, яъне ҳудуди Туркманистони имрӯза қарор гирифтанд. Моҳи марти соли 1874 ҳукумати подшоҳии рус «Низомномаи муваққатии идораи ҳарбии кишвари Мовароии Каспӣ»-ро тасдиқ намуд. Фаъолгардии ҳаракати ҷосусҳои англис дар минтақа русҳоро хавотир месохт.

Қувваҳои ҳарбии рус аз тарафи Ахалтегин ба минтақа ворид гардида, аввали моҳи майи соли 1877 Қизиларватро ишғол намуд. Аммо бо сабаби дурӣ аз қароргоҳи асосӣ ба зуддӣ ин маҳалро тарк намуданд. Тирамоҳи соли 1878 русҳо истеҳкоми Чатро дар соҳили Атрек бино карда, моҳи августи соли 1879 дубора Қизиларватро забт намуданд. Дар рафти ҷангҳои сахт барои маркази тегинҳо - қалъаи Кӯктеппа русҳо моҳи августи соли 1879 ба шикаст дучор омаданд.

Ин шикаст ҳукумати подшоҳии русро маҷбур намуд, ки баъзе тадбирҳои иловагӣ андешад ва фармондеҳии лашкарро дар ин минтақа ба зиммаи генерал М.Д. Скобелев гузорад. Дар натиҷа 12 январи соли 1881 пас аз ҷанги серӯза қалъаи Данглитеппа ва дар давоми ҳафта Кӯктеппа ба дасти русҳо гузашт. 18-уми январи ҳамин сол Ашқобод таслим шуд ва моҳи май ба ҷои шуъбаи ҳарбии Моварои Каспӣ вилояти Моварои Каспӣ ташкил карда шуд. Шикасти қабилаи калонтарин тегин ба рӯҳияи дигар қабилаҳои туркман таъсири ҷиддӣ расонд. Дар машварати умумии қабилаҳои туркман 1 январи соли 1884 дар Марв маслиҳат шуд, ки ҳамаи қабилаҳо ихтиёран ба тобеияти Россия мегузаранд. Ҳамроҳшавии ихтиёрии ҳамаи воҳаҳо ба ҳайати империяи Россия моҳи марти соли 1884 ба вуқуъ омад.

Дар ин вақт Афғонистон бо роҳбарии англисҳо даъвои ҳудуди туркманнишини Пандин намуда, сарбозони худро ба ин воҳа ворид намуд. Моҳи марти соли 1885 артиши рус афғонҳоро шикаст дода, ин нуқтаро низ соҳиб шуданд. 26-уми декабри соли 1897 вилояти Моварои Каспӣ (Закаспия) ба ихтиёри генерал – губернатори Туркистон гузашт.

### «Масъалаи Помир» ва ҳалли он

Муаллифи «Тоҷикон» таъкид менамояд, ки яке аз масъалаҳои вазнини мавриди баҳс байни ду империяи ҷаҳонӣ - Британияи Кабир ва Россия масъалаи Помир буд. Кӯҳистони Помир ба ду қисмати асосӣ ҷудо мешуд: яке Помири Ғарбӣ, ки мулкҳои тоҷикнишини Вахон, Шуғнон ва Рӯшонро дар бар мегирифт ва дигаре Помири Шарқӣ, ки тоифаҳои кӯчии қирғиз сукунат доштанд.

Асосан пас аз таъсиси вилояти Фарғона (1876) диққати асосии

ҳукумати подшоҳӣ барои ба даст овардани Моварои Каспӣ равона гардид. Аз ин вазъият амири Афғонистон Абдураҳмонхон истифода намуда, бо маслиҳати Британия соли 1883 мулкҳои Помири Ғарбӣ - Вахон, Шуғнон ва Рӯшонро ишғол карда, низоми бераҳмонаи қатли ом ҷорӣ намуд. Дар ҳамин вақт бо дастури англисҳо қӯшунҳои сарҳадии Хитой низ ба тарафи Помири Шарқӣ ҳаракат намуданд.

Вазъият дар Помири Ғарбӣ хеле ноором буд, тоҷикон бар зидди ғосибон сар бардошта, бо қатъияти тамом ба афғонҳо муқовимат мекарданд. Шумораи зиёди вахониҳо диёри худро тарк карда, ба Туркистони Шарқӣ кӯчиданӣ шуданд. Тирамоҳи соли 1883 аҳолии Шуғнон ба муқобили истибдоди афғонҳо шӯриш бардоштанд. Шӯриши тоҷикони Шуғнон амири Афғонистонро маҷбур кард, ки баъзе чораҳо андешад. Бо вуҷуди ин, бедодгариҳои ғосибон ҳамоно идома дошт. Аҳолии Помир ба ҳукумати подшоҳии Россия номаҳо ирсол дошта, аз истибдоди афғонҳо ва бедодгариҳои Хитои синӣ шикоят мекарданд.

Мудохилаи мусаллаҳонаи Афғонистону Хитой ба Помир 10 сол (1883-1893) идома кард ва дар ин муддат тоҷикон дар роҳи ҳифзи истиқлол ва ҳайсияти миллии худ далерона мубориза бурданд. Дар охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-ум Англия амалиёти ҷосусонаи худро дар Помир ва маҳалҳои ҳамсояи он вусъат бахшид. Англия мақсад дошт, ки тамоми Помирро ба тобеияти худ дарорад. Аз ҷумла, соли 1891 Англия вилояти кӯҳистонии мулкҳои Хунза ва Наҳори Комчутро, ки дар наздикии Помир воқеъ буданд, забт намуд.

Ҳукумати подшоҳӣ чунин вазъиятро ба эътибор гирифта, дар аввали солҳои 90-ум ба амалиёти ҷиддитар шуруъ намуд. Моҳи июли соли 1891 дастаи 120 нафараи казакҳо ва аскарон бо сардории полковник М. Ионов ба Помир фиристода шуд. Экспедитсияи Ионов масъалаи Помирро такон дод. Моҳи июни соли 1892 полковник Ионов бори дуюм бо қувваи зиёд ба сӯи Помир ҳаракат кард. Дар канори дарёи Оқсу дидбонгоҳи Помир (Мурғоби имрӯза) сохта шуд ва дар мавзеи Шоҷон 250 нафар казакҳову аскарон барои гузаронидани зимистон қарор гирифтанд.

Муносибат байни англисҳову русҳо дар масъалаи Помир хеле

тезутунд гардид. Русҳо талаб намуданд, ки қувваҳои ҳарбии Афғонистон аз Помири Ғарбӣ бароварда шаванд. Танҳо пас аз талошҳои тӯлонии дипломатии дутарафа соли 1893 намоянда англис Мортимер Дюранд ба Абдурраҳмонхони афғон пешниҳод намуд, ки аз даъвои Шуғнон, Рӯшон ва Вахон даст кашад.

Ҳамин тариқ, тибқи шартномаи Англияву Россия қисми шарқии водии Вахон, ки дар байни мулкҳои Россия ва Ҳиндустон вазифаи минтақаи бетарафро адо мекард, дар қаламрави Афғонистон монд. Илова бар ин, заминҳои дар соҳили чапи дарёи Панҷ воқеъгардидаи Дарвози Бухоро низ ба ихтиёри Афғонистон гузашт. Вале аз канораҳои рости дарё, аз мулкҳои Вахон, Шуғнон ва Рӯшон қӯшунҳои афғон бароварда шуданд. Ин шартнома пас аз мукотибаи иловагии дипломатӣ 27 феврал (11 март)-и соли 1894 ба расмият даромад. Баҳори соли 1895 комиссияи ягонаи англису рус сарҳади охирин қитъаи сарзамини Осиёи Миёнаро ба таври аниқ муайян намуд.

Ҳамин тавр, «масъалаи Помир» ба манфиати империяҳои ҷаҳонӣ ҳалли худро пайдо намуд. Дар ҳалли ин масъала ва умуман дигар масъалаҳои маъмурию ҳудудии Осиёи Миёна манфиат ва эҳтиёҷоти аҳолии маҳаллӣ, аз ҷумла тоҷикон ба эътибор гирифта нашуданд. Тоҷикони шимоли Тоҷикистон (Хуҷанд, Ӯротеппа, туманҳои кӯҳистони кишвари Зарафшон ва ғ.) ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон дохил мешуданд, оммаи асосии тоҷикон, ки дар қисмати ҷануби шарқи Осиёи Миёна сукунат доштанд, таҳти истибдоди аморати Бухоро қарор гирифтанд. Ҳукумати Петербург амирро ба хидматгори содиқи худ табдил дода, бисёр мулкҳои тоҷиконро, ки пештар ниммустақил буданд ва ё, аз қабили Қаротегин ва Дарвоз, ба қаламрави хони Хӯқанд дохил мешуданд, ба ихтиёри ӯ вогузошт. Мулкҳои Рӯшон, Шуғнон ва Вахони Помири Ғарбиро, сарфи назар аз эътироз ва норозигии сахти аҳолии маҳаллӣ, таҳти тобеияти амири Бухоро қарор гирифт.

Академик Б. Ғафуров бахши мазкурро ҷамъбаст намуда таъкид менамояд, ки дар таъини ҳудуди маъмурӣ риоя нашудани принсипҳои этнографӣ, ки оқибати ин қабил амалиёти мустамликадорӣ маҳсуб меёфт, ба инкишофи худшиносии миллии

халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон ва ҳамчун миллат ташаккул ёфтани онҳо монеъ гардид.

## 2. АҲАММИЯТИ ПРОГРЕСИВИЮ ТАЪРИХИИ БА РОССИЯ ҲАМРОҲ ШУДАНИ ОСИЁИ МИЁНА

Дар зербоби мазкур академик Б. Ғафуров оқибати ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёнаро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Таъкид мешавад, ки дар Осиёи Миёна то ин вақт асосан муносибатҳои патриархалии феодалӣ ҳукмфармо буда, давлатҳои минтақа аз ҷаҳони мутамаддин ҷудо буданд ва рушд наёфтани қувваҳои истеҳсолкунанда сабабгори асосии ақибмонии иқтисодӣ, сиёсӣ, маданӣ ва ҳарбии онҳо гардида буд. Россия назар ба Осиёи Миёна мамлакати пешқадам ва аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда ба шумор мерафт, ки дар он ҷо муносибатҳои капиталистӣ аллакай барқарор ва ҳукмрон гардида буданд.

Барои ҳамин тавассути ҳамроҳ шудан ба Россия Осиёи Миёна ба муомилаи молии ҷаҳонӣ кашида шуд. Тадриҷан дар ин сарзамин корхонаҳои саноатӣ, дар навбати аввал корхонаҳои пахтатозакунӣ ва равғанкашӣ ба вуҷуд омаданд. Қисми зиёди коргарони ин корхонаҳои саноатиро аҳолии маҳаллӣ ташкил медоданд. Ҳаёти мадании Осиёи Миёна ба ҷунбиш даромад, дар шаҳрҳои калон китобхона, театр, осорхонаҳо кушода шуда, матбуоти маҳаллӣ пайдо шуд. Умуман, ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба Россия объективонаву таърихан аҳаммияти прогрессивӣ дошт. Пеш аз ҳама, ба ҳайати Россия дохил шудани Осиёи Миёна ба низоъҳои дохилӣ ва ҷангҳои пайваста хотима гузошт, дар ноҳияҳои ба тобеияти Россия гузашта ғуломдорӣ ва ғуломфурӯшӣ барҳам дода шуд.

Аммо фаромӯш набояд кард, ки халқҳои ин сарзамин ба зулму истибдоди дутарафаи истисморкунандагони маҳаллӣ ва амалдорони ҳукумати подшоҳӣ гирифтор гардиданд.

# БОБИ ДУЮМ
# АҲВОЛИ ХАЛҚИ ТОҶИК ВА МУБОРИЗАИ ОН БАР ЗИДДИ АМОРАТИ БУХОРО ВА ҲУКУМАТИ ПОДШОҲӢ (НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX)

## 1. СИЁСАТИ МУСТАМЛИКАДОРИИ ҲУКУМАТИ ПОДШОҲӢ

### Ду марҳалаи сиёсати иқтисодии ҳукумати мутлақа дар Осиёи Миёна. Роҳ ёфтани муносибатҳои капиталистӣ

Академик Бобоҷон Ғафуров дар ин боб вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии аҳолии Осиёи Миёнаро ба риштаи таҳлил кашида, ҳамзамон муборизаи халқи тоҷик ба муқобили мустамликадорони рус ва ҳокимони маҳаллиро мавриди таҳлил қарор додааст.

Сиёсати иқтисодии дар Осиёи Миёна ҷорикардаи ҳукумати подшоҳии Россияро ба ду марҳала ҷудо кардан мумкин аст: марҳалаи якум аз аввали забти минтақа то солҳои 90-ум ва марҳалаи дуюм аз замони барқарор гардидани давраи империалистии капитализм, яъне аз охири солҳои 90-ум то соли 1917.

Хусусияти марҳалаи аввал дар он ифода меёбад, ки дар ин давра таъсири сармояи Россияи подшоҳӣ ба истеҳсолоти Осиёи Миёна ҳанӯз чандон чашмрас набуд. Он аксаран бо миёнаравии савдогарони маҳаллӣ ба хариду фурӯши маҳсулот маҳдуд мегардид. Дар марҳалаи дуюм бошад, дахолати фаъолонаи сармоядорони рус ба раванди истеҳсолоти Осиёи Миёна, бо назардошти васеъ шудани имкониятҳои Россия дар минтақа бештар гардид.

Агарчанде дар баъзе мавзеъҳои Осиёи Миёна муносибатҳои сармоядорӣ пас аз ин рӯ ба инкишоф оварда бошанд ҳам, аммо он боиси тавлиди саноати вазнин ва ҳатто бофандагӣ дар минтақа нагардид. Зеро дар ин кор таъсири иттиҳоди соҳибкорони рус ва дигар доираҳои манфиатдор ба назар мерасид. Дар ин давра Осиёи Миёна мебоист ба манбаи моли хоми кишоварзии давлати соҳибмустамлика табдил меёфт.

Сармоядорони рус ба ташкили плантатсияҳои пахта, аз ҷумла дар Фарғона («Хутори Андреев»), Тошканду Самарқанд сар

карданд. Аммо аз сабаби истифодаи техникаи ақибмонда ва истисмори қувваи кории мардикорони рӯзбайъ (музддиҳӣ аз рӯи кори ҳаррӯза) чандон муваффақ нашуданд. Аз ин рӯ, онҳо роҳи истифодаи пахтачаллобони маҳаллиро пеш гирифтанд. Барои ҳамин дар соҳаи пахтакорӣ амалан ҳамон муносибатҳои кӯҳнаи нимфеодалӣ нигоҳ дошта шуд.

Аз миёнаи солҳои 70-умаи асри XIX масъалаи нақшаи сохтмони роҳи оҳан, ки Осиёи Миёнаро бо Россия бояд мепайваст, аҳаммияти махсус пайдо намуд. Татбиқи ин нақша дар миёни сармоядорони рус баҳсҳои гуногунро ба бор овард. Дар шароити бӯҳрони доимии молиявӣ ҳукумати подшоҳӣ ба сохтмони ин гуна иншооти калон қудрат надошт. Аз тарафи дигар, кашидани хатти ҳозиразамони роҳи оҳан дар рафти ишғоли ҳудуди Туркманистони имрӯза барои таъмини лашкар амри зарурӣ гардид. Шохаи аввали ин роҳ аз соҳили баҳри Каспӣ, аз Красноводск оғоз ёфта, бояд то Аҳлтегин мерасид. Баъдан, соли 1885 роҳи оҳан то Ашқобод, соли 1888 то Самарқанд ва соли 1898 то Тошканд кашида мешуд. Хати роҳи оҳан инчунин тамоми ноҳияҳои пахтакори Фарғона ва ҳудудҳои шимолии Тоҷикистони имрӯзаро фаро мегирифт. Аз ин сабаб дар шимолии Тоҷикистон то андозае муносибатҳои сармоядорӣ инкишоф ёфтанд.

Барои таъмини эҳтиёҷи ин кишвари беканор як хатти роҳи оҳан кам буд. Аз ин сабаб дар ибтидои асри XX, аниқтараш давоми солҳои 1900 - 1906 сохтмони хатти нави роҳи оҳани Тошканд – Оренбург, сохта ба истифода дода шуд.

Роҳи оҳан барои сармоядорони рус имкон дод, ки ҳарчи бештар захираҳои табиӣ ва қувваи арзони кории аҳолии маҳаллиро истисмор намоянд.Инчунин дар зарфи якчанд даҳсола мубодилаи мол байни Россия ва Осиёи Миёна тавассути роҳи оҳан бештар аз 10 маротиба афзоиш меёфт. Дар шароити аморати Бухоро кашонидани молҳои русӣ на дар ҳама бекигариҳо мушоҳида мешуд. Он асосан дар шаҳри Бухоро бештар хариду фурӯш мешуд.

Аз солҳои 70-уми асри XIX сар карда ҳукумати подшоҳӣ бо нияти ба вуҷуд овардани такягоҳи миллӣ ба миқёси васеъ дар Осиёи Миёна сиёсати муҳоҷиркуниро пеш гирифт. Асосан муҳоҷиркунӣ ба

қаламрави генерал- губернатории Туркистон сурат гирифт. То соли 1910 дар ин ҷо 124 маҳаллаи руснишин пайдо шуд, ки он 70 ҳазор аҳолиро дар бар мегирифт. Азбаски ҳукумати Россияи подшоҳӣ оид ба вазъи хоҷагии Осиёи Миёна кам ғамхорӣ менамуд, дар чунин шароит аҳволи муҳоҷирон хело бад буд.

Ҳукумати подшоҳӣ дар гӯшаву канорҳои империяи худ тартиботи асорати патриархалию феодалӣ, бесаводию нодонии мардумро қасдан нигоҳ медошт. Бисёр заминҳои ҳосилхез ба ихтиёри қисми дорои муҳоҷирон дода шуда, аҳолии маҳаллӣ ба заминҳои камҳосилу корношоям ронда мешуданд. Ин ноадолатӣ боиси алангаи низои миллӣ мегардид.

Генерал - губернатории Туркистон ба панҷ вилоят - Сирдарё, Фарғона, Самарқанд, Ҳафтрӯд (Семиречйе) ва Моварои Каспӣ (Закаспий) тақсим мешуд. Вилоят ба уездҳо ва уезд ба приставҳо ва вулусҳо ҷудо мешуданд. Дар интихоби маъмурони сохторҳои зикршуда низ адолат набуд. Манфиатҳои аҳолии поёни ҷамъият умуман ба инобат гирифта намешуд. Барои ба даст овардани мансабе интихобшавандагон ба ришвахорӣ даст мезаданд.

Аз ҷониби ҳукуматдорони кишвари Туркистон дар баробари ба тарафи худ моил кунонидани ашрофи маҳаллие, ки ба хизмати ҳукумати подшоҳӣ гузашта буд, барои заиф гардонидани мавқеи иқтисодии ашрофи кӯҳнаи феодалӣ низ чораҳо пешбинӣ шуданд. Қисми зиёди заминҳои вақф ва хусусӣ аз сабаби набудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда (аз ҷумла вақфномаҳо) аз соҳибонашон гирифта, давлатӣ кунонида шуданд. Аз чунин ранг гирифтани кор як қисми рӯҳониён ва ашрофи феодалӣ зарари ҷиддӣ диданд.

Шароити кории онҳое, ки дар кархонаҳои хурди фабрикамонанд кор мекарданд низ хеле бад буд. Рӯзи корӣ аз 12 то 16 соат тӯл мекашид, маош хеле паст буд, аз 40 то 60 тин дар як рӯзро ташкил медод. Дар заводҳои пахта одитарин воситаҳои муҳофизати саломатӣ, ҳатто ҳавотозакунакҳои одӣ набуданд, бисёр коргарон дучори бемориҳои гуногун мешуданд.

### Аҳволи косибон

Азбаски дар солҳои аввали баъди ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна теъдоди сарбозони ҳукумати подшоҳӣ дар ин ҷо зиёд

шуд ва ниёз ба маҳсулоти косибии маҳаллӣ афзуд, ин соҳа ба андозае ривоҷ ёфт. Тадриҷан баъзе хусусиятҳои муносибатҳои сармоядорӣ низ ба соҳа роҳ ёфтанд. Истеҳсолот беш аз пеш ба худ сурати истеҳсолоти молиро мегирифт. Ин падидаро дар марказҳои калони косибӣ, аз ҷумла шаҳри Бухоро, бештар мушоҳида намудан мумкин буд.

Вобаста ба имкониятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, табиӣ, фарҳангӣ косибӣ дар ҳар як маҳалли кишвар ба худ хусусиятҳои хосро мегирифт. Масалан, дар Ҳисор асосан намаду моҳут (матои пашмии паташ суфтаву ҳамвор), алоча, шолу арғамчин, лавозимоти оҳанӣ, пӯстак тайёр мекарданд. Ноҳияҳои ғарбии Ҳисор дар алочабофӣ, карсонтарошӣ (табақи чӯбини калон), сабадбофӣ, хӯрҷиндӯзӣ, ҷуроббофӣ ном бароварда буд. Шофу шамшеру кордҳои ҳунармандони Қаротоғ шӯҳрати баланд дошт. Дар Душанбею водии Кофарниҳон чармгарӣ ривоҷ ёфт.

Дар Хуҷанд касби бофандагӣ басо маъмул буд ва беҳуда нест, ки дар ин ҷо карбосбофон, шустагарон, абрбандҳо, шоҳибофон, пиллакашон ва ғайра маҳалли алоҳидаи худро доштанд. Дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа (Истаравшани ҳозира) гузарҳои махсуси кордсозон, дегрезон, кулолон, заргарон ва ғайра мавҷуд буданд.

Дар бекии Кӯлоб низ бофандагӣ, кирмакдорӣ, дар Мӯъминобод чармгарию мӯзадӯзӣ, лаҷомсозӣ, дар Дарвоз карбосбофӣ, дар Бухоро чармгарӣ ривоҷ дошт.

Душанбе дар ин давра аз ҷиҳати ривоҷу равнақи тиҷорату саноат авлавият пайдо намуд. Шояд яке аз сабабҳои ба бошишгоҳи тобистонаи худ қарор додани Душанбе аз ҷониби беки Ҳисор низ дар ҳамин бошад. Дар ин ҷо низ бисёр бофандагон, оҳангарон, зингарон ва чармгарони моҳир буданд.

Ҳунармандон бештар анъанаҳои гузаштагонро идома медоданд. Коргоҳу дӯконҳои косибони маҳаллӣ асосан бо қувваи даст фаъол буданд, яъне ягон хел техника дар раванди кор мушоҳида намешуд. Аз ин сабаб арзиши маҳсулоти онҳо аз маҳсулоти истеҳсолии фабрикаҳо боло мерафт. Дар баробари ин ҳукуматдорон ба косибон хироҷу андози бешумор мебастанд, ки ин ҳам арзиши моли онҳоро баланд мебардошт.

Бо ворид шудани маҳсулоти истеҳсолии корхонаҳои Россия ба бозорҳои шаҳрҳои Осиёи Миёна аҳволи косибон вазнинтар мегардид. Зеро маҳсулоти гуногун ба монандӣ читҳои гулдор, чойнику пиёла, косаву табақҳои чинӣ, маснуоти мисин, сӯзан, собун, карасин, чарчинворӣ ва ғайра, бо нархи арзон ва теъдоди зиёд воридшуда, бозори маҳсулоти дастии косибони маҳаллиро танг намуд.

## 2. ВАЗЪИЯТИ ОММАИ ХАЛҚ ДАР КИШВАРИ ТУРКИСТОН ВА АМОРАТИ БУХОРО

Муаллифи «Тоҷикон» таҳлили масъаларо аз он оғоз намудааст, ки баробари ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна усули хоҷагидории асримиёнагӣ торафт вайрон шуда, дар дохили феодализм муносибатҳои капиталистӣ бештар қувват мегирифт. Аз солҳои 80-ум дар шаҳрҳо нахустин корхонаҳои саноатӣ ба вуҷуд омаданд. Аз ҷумла, дар Хуҷанд фабрикаҳои на чандон калони коркарди ашё кушода шуданд, ки онҳоро ҳам соҳибкорони рус ва ҳам бойҳои маҳаллӣ таъсис медоданд. Соли 1870 фабрикаи пиллакашӣ, соли 1873 дар деҳаи Деҳмой заводи хурди шаробкашӣ кушода шуданд. Дар Ӯротеппа заводҳои шиша, чарм, меваю шаробкашӣ ва солҳои 1891-92 аввалин заводҳои пахта ба кор даромаданд. Теъдоди корхонаҳо дар Хуҷанд ва атрофи он минбаъд низ афзуда, то соли 1895 дар Хуҷанд аллакай 16 корхонаи саноатии заводмонанд кор мекарданд, ки 125 коргар доштанд.

Шароити зисти аҳолӣ дар аморати Бухоро, ки қисми зиёди тоҷикони Осиёи Миёна дар он ҷо зиндагӣ мекарданд, назар ба кишвари Туркистон хеле бадтар буд. Дар ин ҷо усули куҳнаи идоракунӣ бе ҳеҷ тағийрот боқӣ монда буд. Аксарияти мансабдорони аморат, шуруъ аз амир, бекҳо (дар аморат 27 бекигарӣ вуҷуд дошт), қозӣ, раис, муфтӣ ва ғайра, аслан манфиати доираи ҳукмрон ва фоидаҳои шахсии худро нисбат ба мардум афзалтар медонистанд.

Вазъ дар Бухорои Шарқӣ боз ҳам ташвишовартар буд. Аморати Бухоро ба ин мавзеи тобеъи худ чун мустамлика муносибат менамуд. Табақаҳои ашрофи қадимаи ин ҷо, сипоҳ ва

нӯкарҳо (аскари як дастаи низомӣ), рӯҳониён, заминдорони калон ва бойҳо ба такягоҳи аморат табдил ёфтанд. Мансабҳои олитаринро дар ин ҷо фақат ба ӯҳдаи сипоҳиёни дарбори амир вогузор мегардид. Амир ба ивази маош ба чунин сипоҳиён андози як деҳаро мебахшид. Ин гуна сипоҳиёнро танхоҳхӯр низ меномиданд.

Танхоҳдор бештари вақт болои деҳқонон кулфатҳои зиёд меовард. Масалан, замини деҳқонро мусодира мекард ва ё духтари ӯро ба тариқи маҷбурӣ мегирифт ва ғайра. Дар ҳар амали худ ӯ мустақил буд ва касе ӯро назорат намекард.

Мансабу вазифаҳои баланд дар аморат ошкоро хариду фурӯш мешуданд, қобилияту истеъдод ва ҷаҳонбинии шахс ҳангоми таъин намудан ба мансаб умуман ба эътибор гирифта намешуд. Албатта, чунин тартибот ба маъмурони амир маъқул ва мувофиқи табъ буд. Дар як муддати кӯтоҳ метавонистанд сарвати зиёде ҷамъоварӣ намоянд. Соли 1917 амир хост барои амалдорон вобаста ба вазифаашон маоши муайян муқаррар намояд ва андозҳои худсаронаро барҳам диҳад, вале мавҷи эътироз ва норизоӣ дар байни мансабдорон ба вуҷуд омад ва ӯ маҷбур шуд аз чунин ният даст кашад.

Ғорату истисмори мардум, алалхусус дар Бухорои Шарқӣ ҳадду ҳудуд надошт. Худсариҳои ҳокимон, андозҳои бемаврид ва зиёд, маҷбуриятҳои бисёри ба нафъи ҳокимон бо номи «бегор», поймол шудани дигар ҳуқуқҳои сокинон шаҳодати ин гуфтаҳост.

Барои равшан тасвир намудани тарзи ситонидани хироҷ дар бекии Қӯрғонтеппа академик Б. Ғафуров аз шоҳиди воқеа муҳандиси рус Гаевский иқтибос меоварад. Ӯ менависад: «Одатан, ҳамин ки деҳқон ҳосилро даравида дар хирманҷо кӯфта, зери назорати нозир онро тӯб мекунад, амалдори дигар, яъне доруға омада онро мӯҳр мекунад. Тарзи мӯҳргузорӣ чунин аст: доруға дар болои пораҳои кулӯх мӯҳр монда, он кулӯхпораҳоро дар болои тӯби гандум ба тартиби муайян мечинад. Пас аз ин дигар хирманро посбонӣ намекунанд, зеро агар ба тӯби гандум андак даст расад, ҷои кулӯхпораҳо дигар шуда, дуздӣ ошкор мешавад.

Пас аз мӯҳр кардани ҳосил онро амлокдор омада мебинад ва тахминан бо назардид ва як газ чӯб муайян мекунад, ки дар

хирман чанд ботман ҳосил ҳаст. Дар ин хел мавридҳо одатан деҳқон доду вой мебардорад ва аслашро гирем, дар ин сурат мувофиқи қонун ҳосилро баркашида санҷидан даркор, вале ин корро дар ҳеҷ куҷо намекунанд. Баъзан чун шоҳидони холис оқсаққол, ё амини деҳро чеғ мезананд, вале одатан худи амлокдор дафтарчаашро мебарораду ба доду войи деҳқон нигоҳ накарда менависад, ки «фалонӣ фалон қадар ҳосил гирифтааст».

Дар асоси ин баъдан деҳқонро фиреб дода аз нархи бозор 10-15 фоиз пастар ҳосилро нархгузорӣ мекарданду мувофиқи қоидаи амир ҳафтяк ё панҷяки ҳосил гуфта, сеяк ва ҳатто нисфи онро кашида мегирифтанд. Баъзан мардум аз талхии рӯзгор ба кӯҳистон кӯчида мерафтанд. Аз ҷумла, 16 ноябри 1887 сардори уезди Самарқанд ба губернатори ҳарбии вилояти Самарқанд навишта буд, ки мардуми Кӯлобу Дарвозу Қаротегин «аз муомилаи ноодилонаву сахт ва зулму асорати доимии ҳукуматдорони Бухоро ба танг омада шӯриш карданд». Вай навишта буд, ки мардуми ин ҷойҳо «дар маҷлиси умумии худ қарор додаанд, ки илоҷе ёфта, аз Бухоро ҷудо шудан даркор».

Бо вуҷуди ин, ҳукуматдорон нафарони зиёдеро бо ҷурми ёғию саркаш, шӯрандоз, муқобили шариату тартиботи амирӣ маҳкум намуда, бо ҷазоҳои сахтарин гирифтор мекарданд. Дар аморати Бухоро тарзҳои ваҳшиёнаи қатлу куштор, ба мисли овехтан, буридани гулӯи маҳкум ва ба воситаи ресмон ва ғарғара азобу шиканҷа додаву ба қатл расонидан, ба тарзи фаровон истифода мешуд.

## 3. ҲАРАКАТҲОИ ХАЛҚӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА ВА ДАР ОНҲО ИШТИРОК КАРДАНИ ТОҶИКОН

Дар ҳудуди кишвари Туркистон ва қаламрави аморати Бухоро пайи ҳам шӯру ошӯбҳои халқӣ ба амал меомаданд. Дар ин ҳаракатҳо тоҷикон дар баробари дигар халқҳои Осиёи Миёна фаъолона иштирок доштанд.

Сабаби асосии шӯришҳое, ки дар тамоми бекигариҳои Бухоро ба вуқӯъ мепайваст, ҳамоно зулму истибдоди доираҳои ҳукмрон, аз ҷумла андозҳои зиёд ва худсариҳои харобиовари ашрофони

маҳаллӣ буд. Баъзан рӯҳониёну феодалони аз вазифа ва ё имтиёз маҳрум гардида, ошӯбҳои халқиро моҳирона низ истифода мекарданд.

Шӯриши соли 1898 дар Андиҷон, ки бо номи шӯриши «Дукчӣ Эшон» низ машҳур буд, маҳз ҳамин гуна шӯриши иртиҷоӣ буд. Академик Бобоҷон Ғафуров дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ назари он муаррихоне, ки ин шӯришро халқӣ унвон намудаанд иштибоҳ дониста, таъкид менамояд, ки дар асл шӯриши зиддихалқӣ буд. Пеш аз ҳама, иштирокчиёни асосии онро муридҳо - пайравони ашаддии тасаввуф буданд. Зеро, пас аз ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна пешвоёни тасаввуф он нуфузе, ки дар идораи мамлакат ва ба аҳолӣ доштанд, аз даст доданд. Дар ин шӯриш баъзе мансабдорони собиқ низ иштирок доштаанд. Ғайр аз ин Дукчӣ Эшон бо султони Туркия низ алоқа дошт ва ҷосусони султон бевосита дар балво иштирок ҳам карданд. Аммо, сокинони водии Фарғона Дукчӣ Эшонро дастгирӣ накарданд. Мақсади балво барқарор кардани ҳокимияти хон буд.

Аз ин рӯ, балвои Дукчӣ Эшонро дар соли 1898 ҳаргиз ҳаракати халқӣ, ҳаракати миллии озодихоҳӣ гуфтан мумкин нест. Ин балво, ки мақсад аз он барқарор кардани ҳукумати хон, барқарор кардани имтиёзи аркони дину феодалҳо буд, кишварро ба қафо, ба асрҳои миёна мекашид ва аз ин рӯ ҳаракати сирф иртиҷоӣ буд.

### Ошӯбҳои халқӣ дар бекии Балҷувон

Солҳои 70-уми асри XIX, -менависад Б. Ғафуров,- яке аз бекигариҳое, ки он ҷо тез-тез ошӯбҳои халқӣ ба вуқӯъ мепайвастанд ин Балҷувон буд. Аз ҷумла, шӯриши соли 1870 бо иштироки ду ҳазор деҳқонон ва шӯриши соли 1874 гувоҳи ин гуфтаҳост. Сабаби шӯришҳо ҳамоно зулму истисмори ҳокимони маҳаллӣ буд. Ҳарду шӯриш характери стихиявӣ (бенизом) доштанд. Дар шӯриши аввал мардум тавонистанд қалъаи мирнишинро гиранд ва беки Балҷувон Абдулкаримбек ба Ҳисор гурезад. Аммо баъди чанде молу мулки онро байни худ тақсим карда, хона ба хона пароканда шуданд. Дар шӯриши соли 1874 бошад аз нодонии сиёсии шӯришгарон истифода бурда, фиреб

доданд, ки ба амир арз намоянд ва ҷавоби аризаро мунтазир бошанд. Дар ин мобайн амалдорони амири Бухоро 7 нафар сардори шӯришро дастгир намуда, ба зиндон партофтанд ва бо ҳамин шӯриш анҷом ёфт.

Чунин ошӯбҳои бенизом моҳи марти соли 1871 дар Ғузор ва 11 марти соли 1871 дар атрофи Қаршӣ низ ба вуқуъ омаданд. Сардори округи Зарафшон ба генерал-губернатори Туркистон навишта буд, ки сабаби ошӯби Ғузор гуруснагӣ аст.

### Ошӯбҳо дар дигар маҳалҳои Осиёи Миёна

Болоравии зулму истибдод сабаби авҷ гирифтани шӯру ошӯбҳои гуногун ҳам дар қаламрави Туркистон ва ҳам дар аморати Бухоро гардид. Шӯришҳои соли 1872 дар Хуҷанд, соли 1873 дар Пашӣ ном деҳаи Ӯротеппа, соли 1875 дар маркази Ӯротеппа, соли 1880 боз дар Хуҷанду Ӯротеппа ва ғайра, нишони эътирози мардум ба ноадолатиҳои рӯзгор буд. Ҳамаи ин шӯришҳо пахш карда шуда, сарварони онҳо Раҳмонқулҳоҷӣ, Тиллоҳоҷӣ, Миркомилбой ва дигарон ба ҳабс гирифта шуданд.

Мавҷи чунин ноорomиҳо давоми солҳои 1885-86 қариб тамоми маҳалҳои тоҷикнишинро фаро гирифт. Деҳқонони вилояти Шӯробод (ҳоло Шамсиддин Шоҳин), Мӯъминобод, Кӯлоб, Ҳисор, Балҷувон ва Деҳнав ба шӯриш хестанд. Кӯҳистониёни Деҳпаркент бо сабаби ноадолатиҳо дар вақти рӯёнидани андоз моҳи октябри соли 1885 эътироз намуданд. Барои тафтиши ҷанҷол аз Бухоро амалдори амир омада, намояндагони ошӯбгаронро ба дурӯғгӯӣ муттаҳам намуда, зиндонӣ намуд. Як сол пас 10 октябри соли 1886 боз ошӯб такрор шуд ва ин дафъа ба ошӯбгарон баъзе хоҷаҳо, бойҳо, оқсақолҳо ҳам ҳамроҳ шуданд.

Ибтидои солҳои 80-уми асри XIX дар вилояти Кӯлоб хушксолии вазнин ба миён омад. Соли 1885 нисбатан сербориш шуд ва деҳқонон баъди чандин сол камтар ҳосил ба даст оварданд. Аз ин истифода намуда амлокдорон андози чандсоларо ба дӯши мардум бор карданд. Ғайр аз ин миқдори андоз ҳам зиёд карда шуд. Одамонеро, ки барои шикоят ба Кӯлоб фиристода шуданд, ба зиндон партофтанд. Ин боиси шӯриши калони халқӣ дар Муъминобод гардид. Намояндагони беки Кӯлобро, ки барои

андозғундорӣ омада буданд, деҳқонон дошта заданд. Деҳқонон аз беки Балҷувон кӯмак ва сарпаноҳ хостанд, аммо ӯ инро қабул накард. Моҳи декабри соли 1885 ошӯб ба авҷи аълои худ расид, деҳқонон напурсида ғалларо ба хонаҳои худ бурда, аз додани андоз сар кашиданд ва бо умед ба назди амир одам фиристоданд. Ҳокими Кӯлоб бошад аз амир илтимос кард, ки барои пахши ошӯб аскар диҳад. Дар охир ошӯб пахш гардид, вале амир ҳокими Кӯлоб Муҳаммадназирбекро аз кор гирифт.

Дар миёнаҳои соли 1880 ва 1886 дар бекии Ҳисор низ деҳқонону косибон, соли 1886 бошад дар Қаротоғ косибони бофанда, худи ҳамон сол мардумони ноҳияҳои соҳили дарёи Яхсу, соли 1887 деҳқонони дараи Ромит шӯриш бардоштанд. Аҳолии Ромит силоҳ ба даст зидди зулми феодалӣ бархоста, бо як андоза содадилӣ ба ҳукумати подшоҳӣ аз ин зулму асорат шикоят карданд. Ҳамзамон давоми солҳои 80-уми асри XIX дар Деҳнав чунин шӯриши калони халқӣ сар зад.

Ҳамаи ин шӯришу ошӯбҳо барои ҳаракати азиме, ки соли 1885 тамоми бекиҳои Балҷувону Кӯлобро фаро гирифт, гӯё замина тайёр карданд ва ин шӯриш дар адабиёти таърихӣ бо номи сардори он ҳамчун «Шӯриши Восеъ»[81] маълум аст.

Мардуми ба дод омадаи Ховалингу атрофи он зери сарварии Восеъ ном марди деҳқон ва ҷувозкаш ҷамъ омада, ҳавлии амлокдори Ховалинг (он замон ба бекии Балҷувон дохил мешуд) ва чанд нафар бою муллоҳоро ба хок яксон карданд. Ҳамин тавр, дар атрофи Восеъ торафт ошӯбгарон зиёд мешуданд. Восеъ ва атрофиёнаш дар ибтидо хостанд тариқи гуфтушунид ҳоким теъдоди андозҳоро кам кунад. Бо ин мақсад намояндагони худро ба ҳузури беки Балҷувон – Мирзоакрам фиристод, вале ин натиҷае надод.

Гарчанде ба Восеъ муясар шуд, ки ду маротиба қалъаи Балҷувонро фатҳ кунад, аммо аз сабаби маҳдуд будани фаҳмиши сиёсиашон оқибат шикаст хӯрданд. Хатои калони шӯришгарон ҳамин шуд, ки барои паҳн гардидани шӯриш ба дигар маҳалҳои

[81] Дар заминаи ҳуҷҷатҳои нави бойгонии баъдтар ба даст овардаи муаррихи тоҷик Ҳ. Пирумшоев муайян шуд, ки санаи рух додани шӯриш соли 1888 будааст.

вилояти Кӯлоб, ҳамчунин ба Ҳисору Қӯрғонтеппа ҳеҷ тадбире наандешиданд.

Беки Балҷувон бо ёрии сарбозони аз Ҳисор омада тавонист шӯришро пахш намояд. Чанде аз ҳамсангарони Восеъ қатл ва бо ҷазоҳои гуногун маҳкум шуданд. Бо ҳиллаю найранг Восеъ низ дастгир шуд ва дар ҳузури амир Музаффар дар Шаҳрисабз дар тоқи нимвайронаи Оқсарой ба дор кашида шуд.

Қатли сарвари шӯриш Восеъ деҳқонони тоҷикро рӯҳафтода накард. Муваффақиятҳои рӯзҳои аввали шӯриш, қалъаи Балҷувонро фатҳ кардани шӯришгарон мардумро мутмаин сохт, ки мубориза зидди амир беоқибат нахоҳад монд.

Вазъияти зиндагии мардуми бекиҳои Помир – Шуғнон, Рӯшон ва Вахон низ ниҳоят вазнин буд. Мардум аз андозситонии маъмурони аморати Бухоро ва дигар худсариҳои эшон ба номи генерал-губернатори Туркистон арзу шикоятҳои зиёд намуданд. Аз дигар тараф, тоҷикони Помирро худи намояндагони ҳукумати подшоҳӣ низ истисмор менамуданд. Аҳолиро маҷбур менамуданд, ки дастаҳои сарҳадиро бо лавозимот, аз ҷумла хӯрокворӣ таъмин намоянд, дар таъмири роҳ, боркашонӣ ва ғайра бемузд кор кунанд, аспҳоро кашида мегирифтанд. Ин кирдори ҳукуматдорон доимо боиси шӯру ошӯбҳои мардуми бекиҳои Помир мешуд.

Агарчанде аморати Бухоро ба протекторати Россия табдил ёфта бошад ҳам, аммо ҳамоно чун пештара як давлати феодалӣ боқӣ монда буд. Низоми истибдодии аморат торафт қувват мегирифт, аммо дар баробари ин эътирзҳои мардумӣ ҳам меафзуд. Ин падидаро дар қаламрави генерал - губернатории Туркистон низ мушоҳида намудан мумкин аст.

Академик Б. Ғафуров шӯришҳо ва баромадҳои деҳқонони нимаи дуюми асри XIX-ро таҳлил намуда, ду марҳалаи аз ҳамдигар фарқи ҷиддӣ доштаро ҷудо менамояд. Дар ибтидои солҳои 70-уми асри XIX шӯру ошӯбҳои деҳқонон гӯё тасодуфӣ буданд, кам воқеъ мешуданд, ё худ аз худ аланга мезаданд, номуташаккил буданд ва аксаран тез ба охир мерасиданд. Ин шӯру ошӯбҳои хурди зиддифеодалие буданд, ки асосан муқобили ҳукуматдорони маҳаллӣ равона шуда буданд. Дар миёнаҳои солҳои 80-уми асри XIX бошад баъзе шӯру ошӯбҳои зиддифеодалӣ

ба худ ранги ҷангҳои деҳқононро гирифтанд. Шӯришгарон аз ҷумлаи худ роҳбар интихоб мекарданд, маҷлису машваратҳо мероростанд, талаботи худро ба шакли муайяну расмият дароварда, ба сурати шикоят ба амир мефиристонданд ва бедодию худсариҳои ҳукуматдорони маҳаллӣ ва амлокдоронро фош менамуданд. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX шӯру ошӯбҳои зиддифеодалии деҳқонон тадриҷан хусусияти зиддимустамликавиро ба худ касб карданд ва дар солҳои 1905–1907 ба ҷараёни инқилобӣ ҳамроҳ гардиданд.

# БОБИ СЕЮМ
# ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР АРАФА ВА ДАВРАИ ИНҚИЛОБИ СОЛҲОИ 1905-1907

## 1. ВАЗЪИЯТИ КИШВАРИ ТУРКИСТОН ДАР АРАФАИ ИНҚИЛОБ

Зербоби мазкури асари «Тоҷикон» ба таҳлили вазъи иқтисодию иҷтимоии кишвари Туркистон, рушди муассисаҳои саноатӣ, ташаккули низоми бонкӣ ва афзудани сармояи онҳо, аҳволи оммаи халқ дар ин кишвар равона гардидааст.

### Тараққиёти саноатии кишвари Туркистон. Сармояи бонкҳо

Академик Б. Ғафуров таъкид мекунад, ки дар охири асри XIX ва аввали асри XX капитализм дар Россияи подшоҳӣ ба марҳалаи олии инкишофи худ, яъне марҳалаи империалистӣ қадам гузашт. Ва, албатта рушди муносибатҳои капиталистӣ дар Россия ба иқтисодиёти кишвари Туркистон низ таъсири ҷиддӣ расонид. Гарчанде ҳукумати подшоҳии рус мехост Осиёи Миёнаро ҳамчун манбаи ашёи хом ва бозори фурӯши маснуоти саноатии Россия нигаҳ дорад.

Пешравӣ ва дигаргунӣ пеш аз ҳама дар равнақи саноат, алалхусус саноати истихроҷи маъдан ва коркарди ашёи хом бештар ба назар мерасид. Истеҳсоли ангишт, нефт, филизи ранга ва муми табиӣ (озокерит) бо суръат афзоиш меёфт. Ба ин, пеш аз ҳама, пайдоиши корхонаҳои коркарди аввалаи ашёи хом, кашида шудани шохаҳои нави роҳи он мусоидат менамуд. Дар ин раванд конҳои ангишти вилоятҳои Самарқанду Фарғона, ба мисли Сулукта, Қизилкиик, Шӯроб, Андиҷон аҳаммияти калон пайдо карданд. Дар уезди Хуҷанд низ панҷ кони ангишт - Н.А.Овсянников ва шариконаш, Е.М.Краузе, Петрова, ворисони Иванов ва кӯҳкор Новиков мавҷуд буд.

Дар ҳамин давра, яъне ибтидои асри XX истеҳсоли нафт рӯ ба инкишоф овард. Бойтарин конҳои нафти минтақа САНТО ва Чимиёни водии Фарғона, Чалакони бахри Каспӣ маҳсуб меёфтанд. Соҳаи дигари рӯ ба инкишоф ниҳода саноати пахтатозакунӣ буд, ки бо шумораи заводҳо дар ҷойи аввал меистод. Дар кишвари

Туркистон ибтидои асри XX 230 корхонаи пахта, ки аз нисф зиёдаш дар водии Фарғона буд, фаъолият мекард. Ҷойи дуюмро аз ҷиҳати шумора саноати равған мегирифт, ки маҳалли асосии чунин корхонаҳо низ Фарғона буд. Илова ба ин корхонаҳо дигар, заводҳои шаробкашӣ, чармгарӣ ва рӯдатозакунӣ низ мақоми намоён доштанд.

Баробари корхонаҳои саноатӣ ба иқтисодиёти Осиёи Миёна бонкҳои империяи Россия низ таваҷҷуҳи хоса доштанд. Мисли занбӯруғ баъди борон дар шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд, Андиҷон, Хӯқанд, Бухорои Нав (Когон) ва дигар шаҳрҳо натанҳо шуъбаҳои Бонки давлатӣ, балки шӯъбаю шӯъбачаҳои корхонаҳои гуногуни молия пайдо шуданд. Бонкҳо асосан сармояи худро ба саноати пахта мезаданд, вале аз дигар соҳаҳои иқтисодиёти Осиёи Миёна ҳам рӯ намегардонд. Масалан, «Бонки русии тиҷорати хориҷӣ» ба савдои пӯсти қарокӯлӣ, «Бонки Русу Азов» - сохтмони роҳи оҳани Бухоро ва иҷораи замин, «Бонки Азову Дон» - тамоми хариди пахта ва коркарди нахусти он, «Бонки тиҷоратии Сибир», «Бонки ҳисобию бунакдиҳандаи Москва» хеле фаъол буданд.

Дар як худи шаҳри Бухоро дар солҳои ҷанги якуми ҷаҳонӣ 8 шӯъбаи банкҳо кор мекарданд.

Яке аз офатҳои мудҳиши иқтисодиёти Туркистон судхӯрӣ буд, ки ба ривоҷи он бонкҳо хеле мусоидат мекарданд. Бонкҳо ба ширкатҳои калони пахта ва дигар хоҷагиҳо пул қарз медоданд. Дар болои ин пул ҷангу ҷанҷолу моҷарову хархашаи зиёде мешуд. Ин пул аз дасти як олам гумоштаву вакилу миёнраву ҷаллобу даллол гузашта, фоизи худро зиёд мекард. Тарозудор ҳатто аз савдогари серпул ё бонк бунаки калон гирифта ба тарзи кӯтара пахтаи зиёдеро мехарид.

**Аҳволи меҳнаткашон**

Академик Б. Ғафуров таҳлили мавзуъро аз он оғоз менамояд, ки тамоми вазниниҳои ичтимоию иқтисодӣ ба дӯши меҳнаткашон меафтид ва онҳоро ба ғуломони якумраи як олам судхӯрон табдил медод. Деҳқоне, ки замини худро ба гарав монда, аз судхӯр қарз мегирифт, аксар вақт онро дар мӯҳлаташ дода наметавонисту аз замини худ маҳрум мешуд. Деҳқонони хонабардӯш ё батрак ё

чоряккор ё худ коргари оддӣ мешуд, вале баробари ин шумораи заминдорони калон ва бойҳо меафзуд. Бой замини деҳқони беилоҷро харида мегирифт ва бо ин роҳ сафи заминдорони нимфеодалию бой ҳам зиёд гардид. Масалан, соли 1908 дар уезди Хуҷанд якчанд бой садҳо десятина замин доштанду 1369 хоҷагии деҳқонон умуман замин надоштанд, 1000 хоҷагӣ бошад, аз 1 то 0,25 таноб замин дошт. Дар Хуҷанд, Ӯротеппа, Нов ва Конибодом нархи як десятина замин 4-8 ҳазор сӯм буд. Аз тарафи дигар, пахтаҷаллобону судхӯрон аз бесаводию нодонии деҳқонон истифода бурда, онҳоро фиреб медоданду амволи онҳоро талаву тороҷ мекарданд.

Ҳамаи ин таҷзияи табақаи деҳқононро суръат медод. Мустамлика будани кишвар, сохти иҷтимоию иқтисодии аморат, дараҷаи ниҳоят пасти саноат боиси он мегардид, ки деҳқонон пролетар не, балки паупер (фақир) мешуданд. Пауперизм бениҳоят вусъат меёфт. Деҳқонон аз як порча замини худ маҳрум шуда, барои аз гушнагӣ намурдан ба корхонаҳои саноатӣ мерафтанд. Дар арафаи соли 1905 дар Осиёи Миёна то 32 ҳазор нафар коргарон буданд, ки 77 фоизи онҳоро коргарони миллатҳои маҳаллӣ ташкил медоданд.

Деҳқонони бенавогашта дар ҷустуҷӯи кор ба шаҳр равона мешуданд. Шумораи зиёди коргарони тоҷикро мардикорон - коргарони мавсимӣ, ки дар конҳо, корхонаҳои вилояти Самарқанд, заводҳои пахтаи Фарғона, дар сохтмони роҳи оҳан кор мекарданд, ташкил медоданд. Дар адабиёти бадеӣ эҷодиёти шифоҳии мардумӣ рӯзи сиёҳи мардикорони тоҷик ва ғариб ба шакли гуногун тавсиф ёфтааст.

Дар айни замон аз деҳот ба шаҳр рафтани аҳолӣ ба фаҳмиш ва ҷаҳонбинии мардикорон ва ё коргарони мавсимӣ таъсири ҷиддӣ мерасонид. Мардикорони тоҷик аз диёри худ баромада, бо коргарони дигар халқу миллатҳо вомехӯрданд ва бо ҳамроҳии онон тамоми азобу азияти истисмори капиталистиро аз сар мегузарониданд. Дар байни аввалин коргарони тоҷик баъзан ба муқобили золимон исёнҳои номуташаккил сар мезаданд. Исёне, ки соли 1885 дар конҳои ангишти Завронкиштут (ноҳияи Панҷакент) ба амал омада буд, ба ин мисол шуда метавонад.

## 2. ВАЗЪИЯТИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР АРАФАИ ИНҚИЛОБИ СОЛҲОИ 1905-1907

Дар зербоби дуюм академик Б. Ғафуров вазъи аморат Бухоро дар арафаи инқилоби солҳои 1905-1907 дар Россия, тиҷорат ва самтҳои рушди он, аҳволи қишрҳои истеҳсолкунанда ва шӯру ошӯбҳои мардумӣ дар қаламрави аморат ба вуқуъ омадаро таҳлил менамояд. Асосан, -таъкид менамояд муҳаққиқ,- дар нимаи дуюми асри XIX, аниқтараш аз соли 1868 то охири аср аморат бештар истиқлолияти худро аз даст медиҳад. Соли 1886 дар Бухоро «Агентии сиёсии императории Россия» таъсис меёбад, ки тобеи вазири корҳои хориҷӣ ва генерал-губернатори Туркистон буд. Агентӣ дар аморати Бухоро сиёсати мустамликадории ҳокимияти подшоҳиро амалӣ менамуд. Дар қаламрави аморат лашкари ҳаштҳазорнафарии подшоҳ мавҷуд буд, ки он хатти сарҳад ва нуқтаҳои муҳимтарини стратегии амoратро ишғол мекард. Соли 1895 қаламрави аморат ба сарҳади умумии гумрукии империяи Россия ҳамроҳ карда шуд. Амир бе иҷозати генерал-губернатори Туркистон ҳуқуқи сикка задани пулро аз даст дод. Дар пойтахти аморат шӯъбаи бонки давлатии Россия ва бонкҳои хусусӣ кушода шуданд.

Аммо, иқтисодиёти аморати Бухоро, махсусан, ноҳияҳои шарқии он мисли пештара хусусияти ниҳоят ақибмондаи кишоварзӣ дошт. Дар ноҳияҳои тоҷикнишин саноат умуман набуд. Дар тамоми Бухорои Шарқӣ танҳо дар Ҷилликӯл (ҳоло Дӯстӣ) як заводи хурди пахта мавҷуд буд.

Бо кӯшиши олимону сайёҳони машҳури Россия чоряки охири асри XIX дар ҳудуди минтақа конҳои калони ангишт, тилло, оҳан, қӯрғошим, мис, селитра, намак ва ғайра кашф шуданд. Вале ба истифодаи босамари ин конҳо қафомонии умумии иқтисодии Бухоро монеъ мешуд. Аммо, ташкили истифодаи конҳо дар ихтиёри соҳибкорони империяи Россия буд. Муҳандис П.Н.Жоравко - Похорский соли 1895 бо амир шартнома намуда, ҳуқуқи истифодаи тиллои бекии Балҷувон ва Дарвозро ба даст овард. Аз ҷумла, ӯ дар соҳили дарёи Яхсу дар Балҷувон кони тиллоро ба кор андохт.

## Равнақи муомилоти тиҷорат

Сохтмон ва истифодаи роҳи оҳан, махсусан роҳи оҳани Тошканд, ки Осиёи Миёнаро бо Оренбургу Москва пайваст, ба пешрафти тиҷорат мусоидат намуд. Ин аз тарафи дигар боиси пешравӣ дар самти муносибатҳои пулию молӣ гардид. Деҳқонон низ ба бозор ва талаботи он мувофиқ мешуданд. Аз ҳама бештар пахта ва пӯсти қарокӯлӣ содир мешуданд.

Бухорои Шарқӣ ҳам мисли тамоми аморат аз воридоти рӯзафзуни молҳои фабрикаю заводҳои Россия хеле зиён медид. Ин падида ба саноати косибии маҳаллӣ зарбаи корӣ зад. Дар якчанд шаҳрҳои нисбатан калони Бухорои шарқӣ – Душанбе, Ҳисор, Кӯлоб, Қаротоғ, Балҷувон истеҳсоли газворҳои абрешимию пашмию пахтагин, маснуоти кулолию чармгарӣ, асбоби зироат, корду шамшер ва ғайра идома дошт. Зимнан баъзе бекиҳо маҳз дар истеҳсоли ин ё он намуди маҳсулоту маснуот тахассус меёфтанд. Масалан, Дарвоз - маснуоти оҳанин, дар Кӯлобу Балҷувон - чармгарӣ ва истеҳсоли маснуоти чармин, дар Ҳисор – матои шоҳӣ, Қаротегин - хӯрҷинҳои пат, намад, газворҳои пахтагин, Қубодиён – абрешим истеҳсол мекарданд. Ғайр аз ин дар бекиҳо корхонаву дӯконҳое, ки барои таъмини эҳтиёҷи рӯзгори мардум - осиёбҳо, обҷувозҳо, ҷувозхонаҳо, дӯконҳои оҳангарӣ, мисгарӣ низ вуҷуд доштанд.

## Аҳволи аҳли меҳнат

Каме болотар таъкид намудем,- менависад Б. Ғафуров, ки рушди муносибатҳои пулию молӣ боиси таҷзияи табақаи деҳқонон гардид. Дар бекии Ҳисор бойҳо, ки ҳамагӣ 7,6% аҳолӣ буданд, 45,6% тамоми заминҳои обиро соҳибӣ мекарданд. Дар дасти 28% хоҷагиҳои камзамин ҳамагӣ 1% заминҳои обӣ буд. Бойҳову судхӯрон деҳқони сарсахтро бо ҳазор ҳилаву найранг хонавайрон мекарданду маҷбур месохтанд, ки қарз бардораду як пора заминашро ба гарав монад ва дар оқибат безамин ва пойбанди бой гардад.

Дар аморати Бухоро деҳқонони ба ғуломӣ афтода бисёр буданд. Ҳамаи қарздорони қарзашонро адо накарда, инчунин бақиядорони аз хазинаи амир қарздор ба дафтарҳои махсус қайд карда мешуданд. Деҳқоне, ки номаш ба чунин дафтар афтода

бошад, аз ҳамаи ҳуқуқҳо, аз ҷумла, аз ҳуқуқи бемалол ба ягон ҷо сафар кардан маҳрум мегашт. Деҳқонони ба ғуломӣ афтода қашшоқона рӯз гузаронда, корҳои вазнинтарини зӯрталабро иҷро мекарданд. Ҳатто онҳоро ба омочу ароба мебастанд. Ғуломоне, ки вақти тохтутоз ба вилоятҳои ҳамсоя ба дасти бодиянишинҳо асирафтода, дар бозорҳои ғуломфурӯшӣ фурӯхта мешуданд. Аз заминҳои давлатӣ ба фоидаи хазина аз даҳ чор ё худ аз сад чил қисми ҳосил гирифта мешуд.

Устод Садриддин С.Айнӣ менависад, ки «истифои ҳаққи подшоҳӣ ба ин тариқа буд: вақти расидани ҳосил муставфии хироҷ (амлокдор) ё намояндаи он бо саворе чанд ба сари замин омада ҳосилро аз будаш ду дараҷа зиёдтар тахмин карда, миқдори ҳаққи подшоҳиро ба қиёси он тахмин ба номи деҳқони фалакзада навишта меравад... Дар охири сол, ки одатан нархи ғаллот гарон мешавад, билқасд маъмурони ҳукумат боз як ду бозорро гаронтар карда, нархро ба амир арз мекунанд. Табиӣ, нархҳои арзшуда аз тарафи амир тасдиқ меёбад ва бо ҳамон нарх ҳаққи подшоҳиро аз деҳқон нақдан меситонанд. Бисёр воқеъ шудааст, ки деҳқон ҳама чизашро, ҳатто баъзан писар ва духтарашро фурӯхта ҳаққи подшоҳиро адо намудааст» .

Андози вазнини дигар закоти чорво буд, ки низ бо найрангу ҳилаҳои гуногуне ситонида мешуд. Ҳатто дар сари роҳҳо аз роҳгузарон закоти савора гирифта ғорат мекарданд. Дар замони амир Абулаҳад (1885-1910) закоти чорво, хироҷ ва закоти савдо шакли ғоратгарии рӯйростро ба худ гирифта буд.

Аҳволи ҳунармандони гуногункасб низ аз деҳқонон хубтар набуд. На фақат ҳунармандони кироя, балки косибони алоҳидаи яккадаст ҳам аз тарафи соҳибони корхонаҳои калони бофандагӣ гирифтори асорат шуда буданд. Косиби қарздорро ба корхонаи дигар (агар соҳиби он қарзи косибро диҳад) гузарондан, яъне фурӯхтан мумкин буд. Мануфактураҳои дигар ҳам сохта мешуданд, ки дар онҳо ҳунармандон дар зери истисмори сахти бераҳмона мемонданд. Ҷабру зулм ва шароити вазнин пайваста боиси эътироз ва норозигии қишрҳои поёнӣ мегардид.

Дар ибтидои асри XX дар бекиҳои Рӯшон, Шуғнон ва Вахони Помир низ вазъият бениҳоят тезутунд шуд. Аҳолии ин маҳалҳо, ки

худ гушнагӣ мекашиданд, наметавонистанд андозҳои сершуморро иҷро намоянд. Ба замми ин дар ин ҷойҳо посбонгоҳҳои сарбозони рус воқеъ буданд ва афсарони онҳо хавф доштанд, ки тоҷикон ба хориҷа мекӯчанд. Бо рафтани аҳолӣ, аз як тараф, посбонгоҳҳо аз манбаи хӯроку озуқа маҳрум мешуданд, аз тарафи дигар, ба ақидаи афсарон, «ба номи империяи Россия иснод мерасид». Дар байни афсарон одамоне ҳам буданд, ки мафкураи демократӣ доштанд ва дар тоифаи худ нисбатан тараққипарвар буданд ва усулҳои асримиёнагии идораи Бухороро зери танқид мегирифтанд. Барои ҳамин бо исрори ҳукумати подшоҳӣ муддати чанд сол аз бекиҳои Помир андоз гирифта намешуд. Соли 1903 амалдорони амир эълон карданд, ки андоз мегиранд ва ин мардуми Помири Ғарбиро ба шӯр овард. Дар баъзе маҳалҳо, аз ҷумла Ғунд, Шохдара, Ғорон мардум омодаи рахти сафар ба маҳалҳои озод аз ҳукми амир буданд. 30 июни соли 1903 дар деҳаи Зинг (Вахон) ба ду амалдори Бухороро ҷазо дода, савганд хӯрданд, ки онҳоро мекушанду аз хоки амири Бухоро баромада мераванд. Шӯру ошӯбҳои халқӣ дар ғарби Помир рӯз ба рӯз вусъат меёфт. Ҳукумати подшоҳӣ маҷбуран амирро розӣ кунонд, ки дар бекиҳои Помир мӯҳлати ғундоштани андоз боз мавқуф гузошта шавад. Ин ғалабаи калони халқ буд.

## Шӯру ошӯбҳои халқӣ

Ҳаракатҳои мардумӣ, шӯру ошӯбҳои халқӣ дар дигар минтақаҳои аморат низ пайваста рух медод. Дар Бухорои Шарқӣ, ки анъанаҳои озодидӯстӣ ҳанӯз мустаҳкам буданд, мардум зуд-зуд ба даст сангу кулӯх, калтаку таёқ ва белу каланд гирифта ба по мехестанд. Махсусан, дар ибтидои асри XX неҳзатҳои зиддиҳукуматӣ ниҳоят шиддат гирифтанд.

Бо маълумоти мавҷуда, дар арафаи инқилоби якуми буржуазии демократии солҳои 1905-1907 замона барои ҳукуматдорони аморат бағоят пуртаҳлука ва нотинҷ буд. Алангаи шӯру ошӯбҳои халқӣ гоҳ дар ин ҷову гоҳ дар ҷои дигар баланд мешуд. Соли 1900 шӯриш бекии Калифро фаро гирифт, соли дигар (1901) дар Деҳнав, соли 1902 дар Қӯрғонтеппа шӯриш шуд.

Дар солҳои аввали асри XX Қӯрғонтеппа ва ноҳияҳои атрофи онро дар аввал малах зер кард, баъд муромурии чорво сар шуд, вале ба ин нигоҳ накарда амлокдорони бек бераҳмона закоту андозро ҷамъ мекарданд, судхӯрону савдогарон аз ночорию ноилоҷии мардум моҳирона истифода мекарданд. Амир бо таҳрики амалдорони подшоҳӣ фармон дод, ки тамоми ғаллаи шаҳру деҳаҳоро ҷамъ кунанд, ҳол он ки худи мардум аз гушнагӣ мемурданд. Мардум илоҷе надоштанд, ғайр аз кӯч бастану берун рафтан аз мулки аморат. Ба генерал-губернатории Туркистон, ба Афғонистон ё ба дигар бекиҳо гурехта рафтан далолати ноумедии мардум ва як шакли эътирози онҳо буд.

## 3. ИНҚИЛОБИ СОЛҲОИ 1905-1907 ВА ИШТИРОКИ МЕҲНАТКАШОНИ ТОҶИК ДАР ОН

Зербоби мазкур ба таҳлили таъсири воқеаҳоии сиёсии империяи Россия ба кишвари Туркистон ва аморати Бухоро, иштироки тоҷикон дар ҳаракатҳо ва ҳодисаҳои сиёсии солҳои 1905 -1907 равона гардидааст. Муаллиф менависад, ки ҳаракати инқилобии рус дар соли 1905 сокинони Осиёро тамоман бедор кард. Садҳо миллион аҳолие, ки дар ҳолати карахти асримиёнагӣ қарор дошт ба мубориза барои ҳуқуқҳои оддитарини инсон, барои демократия бедор шуд.

Аммо дар Осиёи Миёна пролетариати миллӣ хеле камшумор буд ва дар ҳаракати инқилобии соли 1905 нақши асосиро бозӣ карда наметавонист. Коргарони руси Осиёи Миёна баръакс дар воқеаҳои инқилобии солҳои 1905-1907 фаъолона иштирок намуда, намоишҳо, корпартоиҳо ташкил мекарданд, ташвиқоту тарғибот мебурданд, шӯришҳо мебардоштанд, шуроҳои вакилони худро ташкил мекарданд.

Ташкилотҳои сотсиал-демократии Туркистон рӯзномаҳои худро мебароварданд. Нисбат ба дигар ҳизбҳову ташкилотҳо кумитаҳои болшевикӣ фаъолтар буданд.

То аввалҳои соли 1905 на танҳо дар Тошканд, балки дар як қатор шаҳрҳои дигар, аз ҷумла шаҳрҳои тоҷикнишин ҳам ташкилотҳои ҳизбӣ вуҷуд доштанд. Аз ҷумла, дар Самарқанд,

баъзе маҳалҳои аморати Бухоро, Хӯқанд, Ашқобод, Марғелон, Тошканд, Марв, Чорҷӯй, Андиҷон ин ташкилотҳои фаъолона амал мекарданд, рӯзномаву варақаҳои даъвати инқилобӣ дошта паҳн менамуданд

«Якшанбеи хунин»-и 9 январи соли 1905, тирборон шудани намоишгарони бесилоҳ ба аҳолии кишвари Туркистон низ таъсири худро расонид. Дар шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд, Қизиларват намоишҳо ташкил карда шуданд. Баҳори соли 1905 дар кишвари Туркистон ҳаракати сотсиал-демократӣ хеле вусъат ёфт. Бо даъвати ин гурӯҳҳо коргарони роҳи оҳани Осиёи Миёнаро корпартоӣ намуданд.

Ин ҳодиса ба деҳқонон низ таъсир расонид ва мавҷи тавонои шӯру ошӯбҳои камбағалони деҳот баҳори соли 1905 якбора авҷ гирифт. Тобистони соли 1905 Туркистон ҳам аз митингу намоишҳои сиёсӣ ва вусъати корпартоиҳо моломол буд. Намоишҳо дар Тошканду Самарқанду Ашқобод ва дар дигар шаҳрҳои кишвари Туркистон зери шиорҳои «Зинда бод озодӣ!», «Нест бод ҳукумати мутлақа!» мегузашт. Дар баъзе қисмҳои ҳарбӣ низ маҳфилу кумитаҳои сарбозон таъсис ёфтанд, ки зери таъсири сотсиал-демократҳо буданд.

Болоравии ҳаракатҳои инқилобӣ дар ноҳияҳои марказии империя тирамоҳи соли 1905 дар кишвари Туркистон ҳам хеле ҳамовозӣ ёфт. Бо сабаби корпартоии коргарон тамоми роҳи оҳани Осиёи Миёна аз кор монд. Сотсиал - демократҳо дар Самарққанд хеле фаъол буданд. Бо ҳамроҳшавии коргарони дигар соҳаҳо ин ҳаракат ба корпартоии умумии сиёсӣ табдил ёфт.

Ташкилоти сотсиал-демократии Туркистон даъватномаҳо, варақаҳо, хитобномаҳое, ки аз маркази Россия мегирифт, дар маҳалҳо бо усули гектографӣ зиёд намуда, дар тамоми маҳалҳо паҳн менамуд. Аз ҷумла, 9 январи соли 1906 дар яксолагии «Якшанбеи хунин» дар кӯчаву паскӯчаҳо ва дару дарвозаҳои Ӯротеппа чунин хитобнома часпонида шуда буд.

Моҳи феврали соли 1906 якумин Конференсияи ташкилотҳои сотсиал-демократии Туркистон даъват гардид, ки мақсадаш ташкили Иттифоқи ташкилотҳои туркистонии ҳизби сотсиал-демократии Россия ва вусъати корҳои тарғиботӣ дар байни

коргарони маҳаллӣ буд. Бояд таъкид намуд, ки таъсири болшевикон ба коргарони маҳаллӣ бештар буд.

Эътироз ва ошӯбу шӯришҳо дар байни қисмҳои низомӣ, деҳқонон ва дигар қишрҳои ҷомеа низ ба миён меомаданд. Аз ҷумла, 25–27 декабри соли 1905 дар Хуҷанд дар ротаи понтонии туркистонӣ шӯриш сар зад. Косибони Самарқанд аз додани андоз сар кашиданд, дар Ӯротеппа деҳқонон андози заминро супурдан нахостанд. Сардори уезди Хуҷанд навишта буд, ки тирамоҳи соли 1905 тамоми аҳолии уезд аз адои ҳама гуна андозу хироҷ «ҳам давлатию ҳам иҷтимоӣ» бо исрор саркашӣ карданд. Дар баъзе ҷойҳо деҳқонон, ба вижа дар деҳаҳои Чоркӯҳи вулуси Исфара, Қӯштегирмони вулуси Нов аз ҷонашон сер шуда, ба ҳукуматдорони подшоҳӣ рӯирост муқобилат мекарданд. Чунин шакли эътироз дар байни омма хеле паҳн гардида буд. Тибқи гузори расмии маъмурияти кишвар чунин амал, ки онро маъмурият «ҳамлаоварии ғоратгарона» меномид, дар давоми солҳои 1905-1909 359 маротиба ба амал омадааст.

### Ривоҷи минбаъдаи ҳодисаҳои инқилобӣ

Академик Б. Ғафуров дар заминаи санадҳои мавҷуда ва таҳқиқоти дастраси олимони соҳа болоравии ҳодисаҳои инқилобиро дар ҳудуди Осиёи Миёна ва ширкати тоҷиконро дар ҳаракати инқилобии солҳои 1905-1907 ба таври возеҳ инъикос менамояд. Таъкид менамояд, ки дар ин давра фаъолияти рӯзномаи большевикии «Самарқанд» хеле назаррас буд. Болшевикони Самарқанд ҳам мисли сотсиал-демократҳои дигар шаҳрҳои кишвари Туркистон дар байни мардум ташвиқоту тарғиботи инқилобиро васеъ идома дода, варақаву хитобномаву мурочиатномаҳо паҳн мекарданд.

Шикасти шӯриши мусаллаҳи декабрӣ дар ноҳияҳои маркази Россия, боиси тадриҷан ақибравии ҳаракати инқилобӣ гардид. Аввали соли 1906 дар Туркистон ҳам қувваҳои иртиҷоъ тадриҷан ба ҳуҷум гузаштанд. Кишвар аз сарбозу казаку политсайҳо пур гардида, таъқибу таъзиру кофтукову бадарғакуниҳо ниҳоят зиёд шуданд. Нашри рӯзномаву маҷаллаҳои инқилобӣ манъ гардид, роҳбарони ҳаракати сотсиал-демократӣ ва дигар фаъолон ба ҳабс

гирифта шуданд. Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда инқилобиёни Туркистон ба меҳнаткашони кишвар ҷасурона муроҷиат мекарданд, ки рӯҳафтода нашаванд ва ба воҳима наафтанд.

Моҳи майи соли 1906 дар кишвар оташи ҳаракати инқилобӣ аз нав аланга зад. Коргарони корхонаҳои таъмири роҳи оҳани Тошканд корпартоии якмоҳа гузарониданд ва ба иҷрои талабҳои худ расиданд. Тобистони ҳамин сол дар байни сорбозони Ҳавзаи ҳарбии Туркистон, дар байни деҳқонони деҳот низ чанд шӯру ошӯбҳо ба амал омаданд.

Маъмурияти подшоҳӣ генерал-губернатори Туркистон Д.И. Суботичро аз вазифа сабукдӯш намуда, ба ҷояш генерал Матсиевскийро таъин намуд, ки одами бераҳму бешафқати золиму тарроре буд. Ин генерал тамоми ҳаёти сиёсии Туркистонро зери назорати сахт гирифта, онро ба қитъаҳои низомии назоратӣ тақсим намуд. Соли 1907 Шӯъбаи ҳимояти ноҳиявии Туркистон, яъне шуъбаи жандармияи кишвар таъсис ёфт.

Ҳодисаҳои пуртуғёни Туркистон аз ҳама бештар ба хоки ҳамсоя – ба аморати Бухоро таъсир намуд. Хабари инқилоби рус ба тамоми шаҳру деҳоти аморат зуд паҳн гардид. Ин хабарҳо дар ин ҷо заминаи мусоид меёфтанд ва авзои бе ин ҳам шадиди ин мулки феодалиро шадидтар мекарданд.

Ба андозаи расидани хабари ҳодисаҳои кишвари Туркистон деҳқонону косибон ҳам зидди ҳукуматдорони феодалии худ фаъолтару қатъитар ба по мехестанд. Солҳои 1905 ва 1908 садҳо нафар аҳолии Ҳойит ва Қалъаи Лабиоб зидди ҳокимони Қаротегин рӯйрост ошӯб бардоштанд. Тирамоҳи соли 1907 дар Ҳисор мардум ба шӯр омад. 8 сентябри ҳамин сол шаҳри Қаротоғ аз зилзилаи сахт вайрон шуд, вале дастаи ҳарису ноодами беку бойҳову амалдорон ба ҷои мадад ба офатзадагон худашон чизу чораи ночизи мардумро талаву тороҷ карданд. Соли 1908 аҳолии қишлоқи Ғузни қитъаи Мастчоҳ ва деҳаи Қароянтоқи қитъаи Ӯротеппаи вилояти Самарқанд намояндагони маъмурияти подшоҳиро сангу калтаккӯб намуданд. Ин гуна шӯру ошӯбҳои зиддиҳукуматии тоҷикони кишвари Туркистон ба тоҷикони аморати Бухоро таъсир расонида, онҳоро ба мубориза сафарбар менамуд. Моҳи феврали соли 1910 мардуми Кӯлоб шӯриш

бардошт. Сабаби шӯриш толону торочи амлокдорону закотчиҳои бек Муллоаҳмадбий буд.

Ин шӯру ошӯбҳои мардуми Бухорои Шарқӣ далолат менамоянд, ки дар шуури сиёсии аҳолии маҳаллӣ дигаргуниҳо ба миён омадааст, шуурнокии онҳо хеле такмил ёфтааст ва нисбат ба тарзи торочи феодалӣ, ки дар хоки аморат ҷараён дошт, муқобилату норозигӣ рӯз ба рӯз меафзуд.

# БОБИ ЧОРУМ
# ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ДАВРАИ АЗ СОЛИ 1908 ТО СОЛИ 1917

## 1. ИНҚИЛОБИ ФЕВРАЛИИ СОЛИ 1917

### Вазъияти кишвари Туркистон ва аморати Бухоро баъд аз инқилоби солҳои 1905–1907 ва то Ҷанги якуми ҷаҳонӣ

Олими шинохта, академик Б. Ғафуров дар зербоби мазкур вазъи кишвари Туркистон ва аморати Бухороро баъд аз инқилоби солҳои 1905-1907 то Ҷанги якуми ҷаҳонӣ, аҳволи вазин ва тоқатфарсои аҳолии аморат, низоми ниҳоят беҳуқуқонаи хонадони манғитӣ, авҷ гирифтани фаъолияти миллатчиёни буржуазиро таҳлил менамояд. Таъкид менамояд, ки ҳукуматдорони подшоҳӣ гарчанде тавонистанд аввалин ҳаракати инқилобии русро буғӣ кунанд, вале натавонистанд зидиятҳои иҷтимоии дохили империяи худро бартараф созанд. Маҳз ҳамин зиддиятҳо аз нав боиси авҷ гирифтани силсилаи эътирози омма дар империя ва Осиёи Миёна гардиданд. Соли 1910 дар вулуси Конибодом коргарони кони нафти «САНТО», ангиштканони кони Сулукта, хизматчиёни истгоҳи Драгомирово (ҳоло Ҷаббор Расулов) корпартоӣ карданд. Шӯриши деҳқонон низ авҷ гирифта, соли 1912 дар вулуси Нов деҳқонони қарздор ба ҳавлии судхӯри калон ҳамла карда, васиқаҳои қарзро сӯзонданд.

Меҳнаткашони аморати Бухоро дар зери зулму асорати бойҳои маҳаллӣ қарор доштанд, бойҳоро амалдорони рус ҷонибдорӣ мекарданд. Шӯру ошӯбҳо дар ин ҷо ба дараҷае расид, ки ҳатто ҳукуматдорони русро ба воҳима овард. «Масъалаи Бухоро» чандин маротиба мавриди баррасии махсуси маъмурияти рус қарор гирифт. Соли 1909 чоп шудани китоби Д.Н. Логофет «Кишвари беҳуқуқӣ. Аморати Бухоро ва авзои имрӯзаи он» ба баррасии ин масъала такони ҷиддӣ дод. Тибқи гузориши корманди маъмурияти кишвари Туркистон генерал-майор Дрягин «ин китоб аз бедодиҳои дохилии Бухоро, аз худсариҳову бемаззагиҳои маъмурони Бухоро, ки барои кирдори худ ҳеҷ гуна ҷазое намебинанд, сухан меронад».

Аз ҷумла, Д.Н. Логофет менависад, ки қариб 50 000 амалдорони амир аз ҳукумат маош нагирифта, аз ҳиссоби тороҷи аҳолӣ зиндагӣ мекунанд. Амир аҳолии маҳаллиро пурра ба ихтиёри амалдорон дода, ҳатто барои адои қарз зану фарзанди онҳоро ба савдо мемонад, шумораи андозу хироҷро сол ба сол зиёд мекунад, вале барои некӯаҳволии мардум як пули сиёҳ сарф намекунад. Даромади аморат асосан барои таъмини лашкар ва барои додани пора ба маъмурияти рус сарф мешавад. Расман даромади Бухоро 2,5 млн. сум аст, 1,5 млн. барои лашкар, 900 ҳазор барои амир ва 100 ҳазораш барои қозиву муллоҳо харҷ мешавад. Дар асл аз мардум соле 18 млн сӯм ҷамъоварӣ мешавад, мардум бошад ба ҳадди қашшоқӣ расидааст. Бинобар ин, Логофет таклиф мекунад, ки ба ҷои тартиботи маҳаллӣ тартиботи россиягӣ ҷорӣ карда шавад ва амир ҳамчун намоянда боқӣ монад.

Вазъи вазнини аҳолии Бухоро дар маҷлиси махсуси машваратии назди генерал-губернатори Туркистон муҳокима гардид ва дар он вазнини аҳволи аҳолӣ эътироф карда шуд ва ба вазири ҳарбии империя гузориши махсус манзур гардид. Таъкид шуд, ки тибқи шартномаҳои солҳои 1868 ва 1873 дар аморат бояд ғуломдормию ғуломфурушӣ барҳам дода мешуд, вале ин шартҳоро иҷро нагардид. Маъмурони рус иқрор шуданд, ки аморат «ба тамом ба ихтиёри маъмурони ҳарис партофта шудааст, ба маорифи халқ касе аҳаммият намедиҳад, роҳҳову пулҳо... ҳама фатарот шудаанд, нархи чизҳои зарурӣ ба касофати хироҷҳои бешумор ниҳоят баланд мебошанд ва мардум рӯз ба рӯз бенавотар мешавад».

Тирамоҳи соли 1909 дар Тошканд барои муҳокимаи вазъи Бухоро ҷамъомади нав баргузор шуд ва ҳалли масъаларо ба ихтиёри маҷлиси махсуси машваратӣ ҳавола карданд, ки он дар Петербург 28 январи соли 1910 баргузор гардид. Маҷлиси машваратӣ таҳти раёсати раиси Шӯрои вазирон ва вазири корҳои дохилии Россия Столипин бо ширкати вазирҳои молия, корҳои хориҷӣ, ҳарбӣ, сардори штаби генералӣ, генерал-губернатори Туркистон Самсонов ва дигар шахсони расмӣ баргузор шуд. Ин маҷлис низ, пас аз гапфурӯшиҳои зиёд, хуллоса намуд, ки воқеан дар аморати Бухоро худсарию бедодиҳои гӯшношунид, ваҳшиёна толону

тороҷ шудани меҳнаткашон ҷой дорад. Тамоми амалдорони хурду калони Россия аз худсариҳову бедодгариҳои аморати Бухоро воқиф буданд, аммо ҳеҷ кас ба меҳнаткашони аморати Бухоро дасти ёрӣ дароз намекард. Аҳволи мардум сол тоз сол вазнину табоҳтар мегардид ва даромади амир бошад афзоиш меёфт.

Соли 1915 дар Бухоро ғайр аз шуъбаи Бонки давлатӣ боз 7 шуъбаи бонкҳои хусусӣ амал мекарданд, ки бо сармояи хориҷӣ алоқаманд буданд ва бо иҷозати амир замини зиёдро ба иҷора мегирифтанд. Аз ҷумла, гумоштаи Бонки Русу Осиё Стовба соли 1913 дар бекии Қубодиён 10 ҳазор десятина заминро ба муддати 99 сол ба иҷораи имтиёзнок гирифта буд. Ғайр аз ин аз ҳисоби заминҳои Тоҷикистони имрӯза ду хоҷагии дигар Айваҷ соли 1914 бо 5 000 десятина ва Қурғонтеппа соли 1915 бо 65 ҳазор десятина замин ташкил ёфтанд. Умуман ҳукумати Бухоро дар давоми солҳои 1912 - 1915 300 ҳаз. десятина заминро ба иҷора дод.

Амирони Бухоро ва амалдорони он ҳаннотиву савдогарӣ ҳам мекарданд. Хазинаи давлат кисаи амир буд. Дар ин бора устод С. Айнӣ менависад, ки соли 1913 даромади амир 30 млн сӯми тилло буд ва ин маблағ барои таъмини сарбозон (1 млн), нӯкарҳо (100 ҳазор), тортуқ (1 млн), хароҷоти гуногун (100 ҳазор), барои маориф ва тандурустӣ ягон танга сарф мешуд. Хароҷоти умумии солона баробар ба 2. 200 ҳазор сӯми тилло буд ва боқимонда 27 млн. сӯми тилло барои амир сарф мегардид. Чунин буд, вазъи аморат ва аҳволи сокинони он.

### Авҷ гирифтани фаъолияти миллатчиёни буржуазӣ

Яке аз падидаҳои номатлубе, ки дар охири асри XIX – ибтидои асри XX ба вуқуъ омад, - таъкид менамояд Б. Ғафуров,- ин авҷ гирифтани фаъолияти миллатчиёни буржуазӣ дар Осиёи Миёна буд. Омили асосии авҷгирӣ ин робитаи миллатчиёни буржуазии Туркистон бо ҳаммаслакони худ дар Туркия буд. Ба болоравии он миллатчиёни тотор низ нақши калон доштанд. Дар Туркия идеологияи панисломия ва пантуркия мафкураи расмӣ гардида, пас аз инқилоби ҷавонтуркон дар соли 1908 боз ҳам вусъати тоза пайдо кард. Ҷавонтуркон (сарварашон Анварпошшо) ақидаҳои пантуркистиро паҳн намуда, даъват мекарданд, ки

тамоми халқҳои «мусулмон», аз ҷумла, халқҳои Соҳили Волга, Кавказ, Паси Кавказ, Осиёи Миёна бояд дар як «давлати усмонӣ» муттаҳид шаванд. Ба талқини онҳо «ватани туркон на Туркияву Туркистон, балки кишвари абадзиндаву бекарони Тӯрон аст». Аз Туркия ҷосусони зиёди пантуркист ба Осиёи Миёна меомаданд, пайравони хешро бо адабиёти зарурӣ таъмин мекарданд.

Ҳарчанд ҳукумати подшоҳӣ ба интишори шиорҳои пантуркистӣ бо ҳарос менигарист, вале биёре аз ҷосусони он беназорат монда буданд. Охири соли 1909 да Истамбул «Ҷамъияти Бухоро оид ба интишори дониши муфид дар байни ом» таъсис ёфт ва аз ин пас омаду рафти ҷосусони пантуркист ба Осиёи Миёна хеле зиёд шуд. Ин ҷамъият зери назорати махсуси ҳизби ҷавонтуркон «Иттиҳод ва тараққӣ» амал мекард. Соли 1910 бо кӯшиши «Ҷамъияти Бухоро...» ба макотиби олии Истанбул аз Осиёи Миёна 100 донишҷӯ қабул карданд. Дар Истанбул «Маҳфили донишҷӯёни мусалмони Россия» кушода шуд.

Ҷадидони Бухоро бо ташаббуси худ барои мадад ба мусулмонони «доништалаб» муассисаи хайрия кушоданд ва тарғибгари асосии ақидаҳои пантуркӣ ва манфиатҳои Туркия буданд. Яке аз роҳбарони ғоявии ҷадидони Осиёи Миёна Мунавварқорӣ Абдурашидов буд.

Дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ пантуркистҳо ҳам дар Россия ва ҳам дар Осиёи Миёна фаъолияти худро боз ҳам вусъат доданд. Онҳо дар ҳудуди Рассия таъсис додани давлати исломиро ташвиқ мекарданд. Яке аз миллионерҳои калони Осиёи Миёна пайрави ашаддии пантуркизм Миркомил Муъминбоев буд, ки ошкоро на танҳо сиёсати пантуркистӣ мебурд, балки ба муқобили Россия мебаромад, ба Туркия маблағи калон хайр намуд. Чунин тарафдорони пантуркия ва Туркияи усмонӣ дар Осиёи Миёна кам набуданд.

Ҳамин тавр, ҷараёнҳои панисломӣ ва пантуркӣ, ки ҳарду аслан як мақсаду маром доштанд ва ҳудуди кишварҳои мусулмоннишинро мехостанд дар зери парчами Туркия муттаҳид кунанд ва империяи калони халқҳои туркро барпо намоянд[82]. Аз

[82] Пантуркизм ва панисломизм душманони ашаддии тоҷикон ва фарҳанги ориёӣ-тоҷикӣ буданд ва дар солҳои баъд, махсусан ибтидои давраи шӯравӣ ва

номи «тамоми мусалмонон» сухан рондани пайравони пантуркизму панисломизм фиреби маҳз буд.

## 2. ШӮРИШИ СОЛИ 1916 ВА АҲАММИЯТИ ОН

### Таъсири харобиовари ҷанги соли 1914 ба иқтисодиёти Россия

Аввалин ҷанги ҷаҳонӣ соли 1914 сар шуд ва Россияи подшоҳӣ яке аз ширкаткунандагони асосии он буд. Аммо, - менависад Б. Ғафуров, - ин ҷанг ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Россия ва мустамликаҳои он таъсири ниҳоят харобиовар расонид. Пеш аз ҳама, воридоти ашёи саноатӣ ба Осиёи Миёна ба маротиб кам шуда, содироти ашёи хом баръакс афзоиш ёфт. Бо паст шудани нархи пахта, соҳаи пахтакорӣ рӯ ба харобӣ оварда, боиси дар солҳои 1915-1916 ба миён омадани бӯҳрон гардид. Ба ғайр аз ин андозҳо хеле афзуда, аспҳоро барои эҳтиёҷи ҷанг мегундоштанд, нархи молҳои сермасриф бо суръат зиёд мегардид.

Дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар кишвари Туркистон фаъолияти созмонҳои сотсиал-демократӣ аз нав ҷон гирифт. Дар Хуҷанд гурӯҳҳои сотсиал-демократӣ бо роҳбарии Е.И. Иванитский амал мекард. Ба ин маҳфилҳо Ҷӯра Зокиров, Абдулқодир Раҳимбоев, Раҳимбердӣ Эгамбердиев ва дигарон низ аъзо буданд. Чунин кумитаҳо дар байни роҳиоҳанчиёни Хуҷанд ва истгоҳи Дрогамирово низ амал мекарданд.

25 июни соли 1916 ҳангоми ҳосилғундорӣ фармони подшоҳи рус «Дар бораи сафарбарии мардҳои аҳолии маҳаллии табааи империя ба кори сохтмони иншооти мудофиа дар маҳалли артиши амалкунанда ва ҳамчунин, барои анҷоми ҳар гуна корҳои барои мудофиаи вилоят зарур» баромад. Тибқи ин фармон мардҳои аз 19 то 44 -солаи вилоятҳои Сирдарё, Фарғона, Самарқанд ва дигар вилоятҳои Туркистон бояд ба корҳои ақибгоҳ сафарбар мешуданд.

Ҳар як вилоят бояд теъдоди муайяни мардикор медод. Албатта, шахсони доро, малдорон, қозиву муллоҳо фарзандони худро сафарбар намекарданд, тамоми вазнинӣ боз ҳам ба дӯши мардуми одӣ афтид, ки оқибат ба шӯриши калони мардумӣ овард.

---

ҳатто имрӯз низ фаъолияти онҳо ва амалҳои тоҷикзитезиашон хеле вусъат пайдо намуд.

## Саршавӣ ва ҷараёни шӯриш

Ошӯбҳои аввалин дар шаҳри Хуҷанд сар шуданд. Аз рӯи нақша уезди Хуҷанд бояд 9 ҳазор мардикор медод. Ба мардикоргирӣ 14 июли соли 1916 бояд шурӯъ мешуд. Губернатори ҳарбии Самарқанд Н.С. Ликошин рӯйрост таҳдид мекард, ки дар сурати саркашӣ бо истифодаи сарбозон одамонро сафар менамояд. Ин таҳдид хашму ғазаби аҳолии уезди Хуҷандро боз зиёдтар намуд.

Сардори гарнизони маҳаллии рус полковник И.Б. Рубах менависад, ки 4 июл, рӯзона, дар шаҳри Хуҷанд издиҳоми калони мардум ба идораи политсия омада, талаб карданд, ки рӯйхати мардикорони ба корҳои ақибгоҳ фиристода мешуда, бекор карда шавад. Кӯшишҳои ором ва пароканда намудани издиҳом натиҷа надод. Сарбозони қатории дастаи қаровулони Хуҷандро издиҳом бисилоҳ намуда, сангборон кард. Танҳо бо истифодаи яроқ сарбозон издиҳомро пароканда намуданд, вале дар рафти он 2 кас кушта ва як кас маҷрӯҳ шуд.

Воқеаҳои Хуҷанд ба шӯру ошӯбҳои оммавии саросари кишвари Туркистон ибтидо гузошт ва ба зуддӣ дар Тошканд ва дигар вилоятҳо паси ҳам шӯришҳо ба амал омаданд. Шӯриш тамоми қаламрави кишвари Туркистонро фаро гирифт.

Дар ин шӯриш нафақат аҳолии шаҳри Хуҷанд, балки мардуми деҳаҳои атроф низ фаъолона ширкат намуданд. Асли воқеа, - таъкид менамояд Б. Ғафуров,- чунин буд. Вақте пристави политсия фармуд, ки бегоҳии 3 июл дар саҳни масҷиди Шайх Муслиҳиддин бо «калоншавандаҳои» маҳаллӣ мулоқот мекунад, дар он ҷо якчанд ҳазор одам ҷамъ шуд. Пристав ба фишори омма истода натавониста фирор намуд. Рӯзи дигар дар шаҳр як навъ намоише шуд. Марду зан, пиру кампир, хурду калон, баччаву качча ҳама ба сӯйи гузари Охун рафтанд, ки дар он ҷо идораи оқсаққол воқеъ буд. Оқсаққол Мирзо Муинов ва пристав Устимович ин қадар одамро дида, зуд ваъда доданд, ки дигар рӯйхат тартиб дода намешавад. Баъди ин мардуми оташину пурғазаб, ки шумораашон ба 6–7 ҳазор расида буд, ба тарафи «шаҳри нав» равон шуданд. Қозӣ Бузрукхӯҷа ва Комилҷон Олимҷонов ном бойҳои шаҳр пеши роҳи издиҳомро гирифта аз роҳ гардонданӣ ва пароканда карданӣ

шуданд, вале мардум онҳоро ҳам гурезонданду идораи приставро печонида гирифтанд ва талаб карданд, ки рӯйхати мардикорон фавран нобуд карда шавад. Политсайҳо аз ғазаби мардум тарсида, андаруни бино пинҳон шуданд. Ана дар ҳамин лаҳза сарбозон пайдо шуданд, дастаи посбонони Хуҷанд пеш баромаданд ва якҷоя бо политсайҳо тир кушоданд.

Ин ҳодиса ба ҳаракати бузурги мардумӣ ибтидо гузошт. Баробари деҳаҳои атрофи шаҳр сокинони дигар шаҳру маҳалҳо низ ба хуҷандиҳо пайваст шуда, бекор намудани мардикоргириро талаб намуданд. Қистакӯзиҳо, ӯротеппагиҳо, исфисориҳо, сокинони вулуси Ғончӣ ва дигар маҳалҳо ба ин шӯриш ҳамроҳ гардиданд. Маъмурияти маҳаллии подшоҳӣ аз марказ бо исрор фиристодани қувваҳои иловагӣ ва аслиҳа, аз ҷумла пулемёт талаб мекард. Танҳо, пас аз он ки ба Осиёи Миёна қисмҳои нави армия омаданд, шӯриш пахш карда шуд. Қувваи асосии шӯриш деҳқонон ва косибон буданд. Дар ноҳияҳои зироаткорӣ муқобилати шӯришгарон ба дараҷае сахт шуд, ки генерал-губернатори Туркистон бо истифодаи артиш ва артиллерия онро пахш карда тавонист.

Дар аморати Бухоро ҳам шӯру ошӯбҳо аз ибтидои соли 1916, пеша аз ҳама дар Китоб, Шаҳрисабз, Яккабоғ ва Чироқчӣ вусъат ёфтанд. Деҳқононе ба шӯр омаданд, ки амир барои сохтмони роҳи оҳани Бухоро-Тирмиз зӯран сафарбар карда буд.

Шӯриши соли 1916 характери стихиявӣ дошт, на дар ҳама ҷо оммавӣ буда, шӯришгарон нақшаи ягонаи амалиёт надоштанд. Дар баъзе навоҳии Осиёи Миёна ҷосусони кишварҳои хориҷӣ, махсусан Туркия шӯришро ба ҳаракати оммавии зидди Россия табдил додани шуданд. Шӯриш бераҳмона пахш карда шуда, мардум ба мардикорӣ сафарбар шуданд. Мардикорони Осиёи Миёна дар сохтмони иншооти мудофиа, дар корхонаҳои саноатӣ, дар заминҳои заминдорони калон кор мекарданд. Шароити кору зиндагии онҳо ниҳоят вазнин буд, асосан дар заминканҳо зиндагӣ мекарданд.

## 3. ИНҚИЛОБИ БУРЖУАЗӢ-ДЕМОКРАТИИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 1917 ВА АҲАММИЯТИ ОН ДАР ҲАЁТИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Муаллифи «Тоҷикон» таъкид менамояд, ки Ҷанги якуми ҷаҳонӣ империализми ҷаҳониро заиф кард. Коргарон ва аскарони рус 27 феврали соли 1917 дар Петроград шӯриш бардошта, подшоҳро аз тахт сарнагун сохта, Шӯрои вакилони коргарон ва аскаронро таъсис доданд. Инқилоби буржуазӣ – демократӣ дар тамоми Россия ғалаба кард.

Шӯроҳо аз намояндагони эсерҳо (сотсиалреволютсионерҳо) ва меншевикҳо низ иборат буд ва онҳо ҳокимиятро ба даст гирифта, Ҳукумати Муваққатӣ таъсис доданд. Дар мамлакат дуҳокимятӣ ба вуҷуд омад.

Инқилоб ба мардуми Осиёи Миёна низ таъсири калон расонид. Дар рӯзҳои аввали инқилоб дар Тошканд, Самарқанд, Хуҷанд, Ӯротеппа, Бухорои Нав шӯроҳои вакилони коргарон ва аскарон таъсис дода шуданд.

Мардуми тоҷики кишвари Туркистон низ ба мубориҳазо ҳамроҳ шуда, намояндагони онҳо аъзои Шӯроҳои гуногун мешуданд. Дуҳокимятӣ дар ин ҷо дар он зоҳир мегашт, ки дар баробари Шӯроҳо кумитаи туркистонии Ҳукумати Муваққатӣ чун мақоми олии ҳокимият таъсис ёфта буд. Ҳукумати Муваққатӣ, ки мехост тартиботи кӯҳнаро нигоҳ дорад, генерал Куропаткинро дар вазифааш нигоҳ дошт. Маҳдудиятҳои миллӣ бекор карда нашуданд. Коргарон мисли пешин дар азоб буданд. Буржуазияи миллӣ мехост ҳаракати миллӣ-озодихоҳии халқро ба манфиати хеш истифода барад.

Инқилоби февралии соли 1917-ро ҷадидон бо шодӣ истиқбол намуданд. Моҳи марти соли 1917 дар Тошканд созмони буржуазии «Шӯрои исломия» таъсис ёфт. Моҳи марти соли 1917 миллатчиёни буржуазии Осиёи Миёна дар Тошканд анҷумани мусулмонони Туркистонро даъват карданд. Мақсади асосии он паҳн намудани ғояҳои панисломизм ва пантуркизм буд. Ҷадидон ва пайравони онҳо «Соҳибихтиёрӣ ва худидоракуни»-и Туркистонро талаб карданд. Пешвоёни ҷадидон М. Беҳбудӣ, М. Абдурашидов, А.

Фитрат ба тарғиби ташвиқи ғояҳои пантуркизм аҳаммият дода, байни меҳнаткашони маҳаллӣ ва камбағалони рус низоъ меандохтанд. Дар ин кор «Тӯрон» ном гурӯҳи буржуазии миллӣ, баъдтар номи «Ташкилоти федералистони турк»- ро гирифт, фаъол буд.

Созмонҳои маҳаллии буржуазии «Шӯрои исломия» ва созмони феодалию динии «Уламо» ғояҳои панисломӣ ва пантуркиро тарғиб мекарданд. Роҳбарони ин созмонҳо аҳолии ноогоҳи маҳаллиро ба муқобили болшевикҳо иғво медоданд. Масалан, дар Хуҷанд созмони «Шӯрои исломия» овоза паҳн карда буд, ки гуё болшевикон молумулки мардумро кашида гирифта, расму оини диниро манъ карда, дини мусулмониро нест мекунанд. Дар моҳҳои аввали инқилоб ба намояндагони Ҳукумати Муваққатӣ муяссар шуд, ки қисми аҳолиро аз паси худ баранд. Вале, ба зуддӣ мардум боварӣ ҳосил намуд, ки бойҳои маҳаллӣ аз ҳисоби бародарони «ҳамхун»-и худ бойтар мешаванд. Мардикорони собиқ ба майдони муборизаи сиёсӣ ворид мешаванд. Фаъолтарини онҳо дар шимоли Тоҷикистон Ҷӯра Зокиров, Абдуқодир Раҳимбоев ва дигарон буданд, ки минбаъд дар барқарор намудани Ҳокимяти Шуравӣ дар шимоли кишвар саҳм гузоштанд.

Таъсиси шӯроҳо ва болоравии вазъияти инқилобӣ ба аҳолии аморати Бухоро бе таъсир монда наметавонист. Дар ин ҷо ҷадидон фаъол буданд, вале ба гузарондани ислоҳоти сиёсӣ ба манфиати халқ кӯшиш намекарданд. Амири Бухоро барои ором кардани халқ 7 апрели соли 1917 дар бораи «ислоҳот» манифест баровард. Ҷадидон аз ваъдаҳои хушку холии амир ба ваҷд омада, бо шиори «Зинда бод амири озодидӯст» ба намоиш баромаданд, вале ба таъқиби амир дучор шуданд. Бахусус мардуми одӣ ва ходимони тараққипарвар ба таъқиботи сахт дучор шуданд. Дар ин рӯзҳо зиндонҳо аз бандиён пур буданд. Бо фармони амир С. Айниро дастгир карда 75 чӯб заданд ва ба зиндон партофтанд. Ӯро аскарони рус наҷот доданд. Ҳукумати Муваққатӣ ва намояндагии Россия дар Бухоро ва амир Олимхон бепарво буданд.

Иртиҷоъ дар Бухоро муваққатан тантана кард. Аммо рӯҳи инқилобии оммаи меҳнаткаш рӯз аз рӯз боло мерафт.

## 4. МАОРИФПАРВАРӢ ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК (НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX-ИБТИДОИ АСРИ XX)

**Маорифпарварӣ дар нимаи дуюми асри XIX-ибтидои асри XX**

Ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба рушди фарҳангу санъат ва адабиёт мусоидат кард. Олимони тараққипарвари Россия дар бобати омӯзиши иқтисодиёт, мардумшиносӣ, таърих, забон, адабиёт, сарватҳои табиӣ ва ғайраи Осиёи Миёна хизмати калон карданд.

Бисёр мутафаккирон ва шоирони Осиёи Миёна аз намояндагони зиёиёни пешқадами Россия сабақ мегирифтанд. Тадриҷан адабиёти кишвар ҳам пеш рафт. Дар ташаккули ҷаҳонбинии мутафаккири шаҳири он солҳо Аҳмад Махдуми Дониш, мулаққаб ба Аҳмади Калла (1827-1897) таъсири маданияти пешқадами Россия калон аст.

Аҳмади Дониш яке аз фозилтарин одамони Бухоро ба шумор мерафт ва дар симои ӯ духтур, шоир, мусиқачӣ, рассом, мунаҷҷим, олим ва хаттот таҷассум ёфтааст. Дониш ба ивази озодфикрӣ ва ақидаҳои танқидиаш ба «кофирӣ» ном бароварда буд. Бо вуҷуди ҳамин ҳам, дониш ва маълумоти фавқулодаи ӯ амирро маҷбур мекард, ки ба вай бо назари эътибор нигарад. Ӯ ба сифати котиби сафорати амир се маротиба ба Петербург сафар кард. Шиносоӣ бо Россия ва маданияти рус дар тамоми ҳаёт ва фаъолияти ӯ нақши фавқулода гузошт.

Дониш дар ибрози мақсад ва орзуҳои сиёсии худ ба шиори хаёлпарастонаи подшоҳи маърифатнок рӯ меовард. Ба ақидаи вай, агар амир ба фоидаи маорифи халқ «бовар кунонда шавад» гӯё худи ҳамин барои ба тарзи нав сохтани ҳаёти воқеии Бухоро кофист. Вале, дар айни замон, Аҳмади Дониш барои таъсис намудани идораҳои машваратӣ ва ба ин восита маҳдуд гардонидани яккаҳукмронӣ баромад мекард.

Муҳимтарин асари Аҳмади Дониш рисолаи «Наводир-ул-вақоеъ» мебошад, ки аз маҷмӯи порчаҳои илмии фалсафӣ, публитсистӣ ва бадеӣ фароҳам омадааст. Дар ақидаҳои фалсафии худ ӯ ба монанди Абӯалӣ ибни Сино ва Умари Хайём ба таълимоти абадияти олам ва офариданашудани он эътимод дорад. Ӯ дар рисолаи худ оид ба таърихи ҳукмронии сулолаи манғития,

ки ба тариқи пинҳонӣ паҳн гардида буд, Бухорои феодалиро ба зери танқиди сахт гирифт.

Тамоми одамони боистеъдоди поквиҷдони он солҳои Бухоро дар атрофи Аҳмади Дониш гирд меомаданд. Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-и худ хеле зиндаву таъсирбахш ба қалам медиҳад, ки чӣ тавр Аҳмади Дониш ба тадриҷ худро аз дарбор дур мекашид ва атрофи худ одамонеро ҷамъ мекард, ки кӯшиш доштанд мардумро аз банди ҷоҳилӣ ва бенавоӣ раҳо диҳанд.

Ба ин тариқа фикру ақидаҳои Аҳмади Дониш, бо вуҷуди он ҳама маҳдудиятҳои синфии худ, нисбат ба он замон андешаҳои пешқадам буданд. Бузургтарин хизмати Аҳмади Дониш аз ин иборат аст, ки ӯ тавонист дар атрофи худ як гурӯҳ пайравон - маорифпарварони асри XIX тоҷикро муттаҳид кунад. Абдулқодирхоҷаи Савдо (ваф. 1874), Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ (1828-1894), Исо Махдуми Бухороӣ (1826-1887), Шамсиддин Махдуми Шоҳин (1857-1893), Ҳайрати Бухороӣ (1876-1902) барин шоирони маҳфили Аҳмади Дониш ҳарчанд шоирони забардаст буданд, вале аз ҷиҳати ақидаву мафкура ба дараҷаи ин мутафаккири бузург расида натавонистанд.

Дар байни вилоятҳо дар Фарғона, ки аз ҷиҳати тараққиёти саноат нисбатан пеш буду бар хилофи аморати Бухоро худ ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон дохил мешуд, рушди ақидаҳои ҷамъиятию сиёсӣ хубтар мушоҳида мешавад. Дар нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ адабиёти маорифпарварона, ки намояндагони пешқадами он Муқимӣ, Фурқат, Ҳамза Ҳакимзода, Дилшод ва Анбаротун буданд, дар ин ҷо рушд меёбад.

## 5. АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР ИБТИДОИ АСРИ ХХ

### Фаъолияти адибони пешқадами тоҷик

Дар ибтидои асри ХХ фаъолияти баъзе адибони пешқадами тоҷик басо вусъат ёфт. Ҳайрат, Саҳбо, Асирӣ, Айнӣ ва баъзе дигарон аз ҷумлаи он адибон буданд, ки шиносоӣ бо адабиёти рус ба эҷодиёти онҳо таъсири бузург расонд.

*Ҳайрат* (1878-1902) шоири боистеъдод ва ғазалсарои забардаст буд. Аммо шаклу мазмуни кӯҳнаи назм ба Ҳайрат тангӣ мекард ва ӯ дар назм роҳҳои нав меҷуст. Дар ҳаёти тираву тори аморати Бухоро вай нури умеде надида, рӯҳафтода шуд ва дар

эҷодиёташ ҳам оҳангҳои яъсу ҳузну ғаму андӯҳ хеле афзуд. Вале Ҳайрат шеърҳое низ дорад, ки дар онҳо оҳангҳои иҷтимоӣ равшан ба назар мерасанд ва шоир дар ин шеърҳояш халқро ба маърифат даъват намуда, дар роҳи беҳбудии мардум ҷаҳд карданро сифати олии инсон мешуморад.

*Саҳбо* (1850-1918) амалдори олимартаба буд, унвони тӯқсабо дошт. Аммо авомфиребию ҳарисию ҷоҳилии дарбориён ва амалдорони амир ба ин шоири поквиҷдон маъқул нашуд. Саҳбо аз дарбор рафт. Ашъори вай, асосан, лирикӣ бошад ҳам, вале ҳаҷви сахт ҳам бисёр ба назар мерасад. Соли 1918 Саҳбо бо фармони амир барои иштирок дар неҳзати озодихоҳии халқ ба қатл расонида шуд.

*Тошхӯҷа Асирӣ* (1864-1915) дар Хуҷанд зиндагонӣ мекард. Бо косибӣ камбағалона рӯз мегузаронд, касбаш сангиоситарошӣ буд. Асирӣ шоири инсондӯст буд ва мегуфт, ки вазифаи адабиёт тавсифи ақлу дониш аст. Асирӣ дар ашъораш бою муллоҳои риёкорро сахт танқид карда, онҳоро «худозадагони роҳи дин» меномад ва дар ҷои дигар мегӯяд: «Ҳама хумории майхонаи шароратанд, чӣ мӯҳтасиб, чӣ мударрис, чӣ қозию, чӣ раис».

Асирӣ тарғиботчии фаъоли илму дониш буд ва ақидае дошт, ки бо роҳи маърифат халқро аз ҷаҳолат ва таассуби динӣ раҳо додан мумкин аст. Вай имони комил дошт, ки мактабҳои дунявӣ, илму маданият мардумро хушбахт карда метавонанд.

*Садриддин Айнӣ* (1878-1954) яке аз адибони тараққипарвари он давра буд, ки соли 1909 аввалин китоби дарсии дунявӣ «Таҳзиб-ус-сибён» –ро таълиф кард. Дар ҳамон солҳо Айнӣ бисёр шеърҳое навишта буд, ки ба масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ бахшида шуданд.

Тамоми адибони мазкур, - хулоса менамояд Б. Ғафуров,- дар эҷодиёти худ хусусиятҳои мусбати маорифпарварии Аҳмади Донишро маҳфуз дошта, бо роҳи маърифат ба халқ хизмат мекарданд, аморатро зери танқид мегирифтанд. Вале бояд қайд кунем, ки онҳо фаъолияти маорифпарварии худро бо вазифаю талаботи инқилоб, ки рӯз аз рӯз вусъат меёфт, мутобиқ карда натавонистанд, ба ҳамин сабаб, ақидаи онҳо ва умуман, фаъолияти онҳо ба андозае маҳдуд ва либералӣ буд.

# ФЕҲРИСТҲО

## ТАВСИФИ САРЧАШМАҲОЕ, КИ ДАР ТАЪЛИФИ «ТОҶИКОН» ИСТИФОДА ШУДААСТ

Академик Б. Ғафуров дар таҳқиқ ва таълифи таърихи ҷомеи халқи тоҷик аз тамоми сарчашмаҳои мавҷудаю дастрас, пажӯҳишҳои олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ пурмаҳсулона истифода намудааст. Агар маъхазҳои истифодашударо гурӯҳбандӣ намоем, метавон ба он мадракҳои бостоншиносӣ, сарчашмаҳои қадимтарини хаттии ҳинду ориёӣ, катибаҳои гуногуни аз замони қадим боқимонда, асарҳои муаллифони юнонӣ ва римӣ, сарчашмаҳои хитоӣ, арманӣ, тибетӣ, сурёнӣ, мероси хаттии арабию форсӣ, маводи бойгонӣ, осори муҳаққиқону сайёҳатчиёни русу хориҷаро ворид намуд.

Як гурӯҳи зикршудаи сарчашмаҳо вобаста ба давраи таърихии истифода шуданашон аз ҷониби Б. Ғафуров шарҳи муфассали худро ёфтаанд. Умуман, академик Б. Ғафуров 188 номгӯй сарчашмаҳои таърихиро истифода намудааст. Арзиши илмии ин шоҳасарро истифодаи сарчашмаҳои хаттии ба забонҳои гуногун, пеш аз ҳама забонҳои қадимаи эронӣ, юнонӣ, чинӣ, римӣ, лотинӣ, ҳиндӣ, сурёнӣ, арманӣ, тоҷикӣ-форсӣ, арабӣ, забонҳои қадимаи туркӣ ва амсоли онҳо, ки то ба замони мо расидаанд, боз бештар афзудаанд. Муаллиф аз мероси гаронбаҳои қадима, ба вижа «Авасто», «Ведаҳо», катибаю сангнабиштаҳои давраҳои гуногун, бахусус суғдию бохтарӣ, бойгониҳои хаттии ёфтшуда, асарҳои муаррихону ҷуғрофиёшиносон, олимони самтҳои мухталиф, сайёҳатчиёну сафирони кишварҳои хориҷа, ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, васиқаҳо, хотираву ёддоштҳо дақиқкорона мадракҳои арзишмандро дарёфт ва истифода кардааст. Маҳз истифодаи манобеи гуногун ва дастиаввал имкон дод, ки муаллиф таърихи сиёсӣ, ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар паҳлуҳои таърихи тоҷиконро дар ҳамбастагии зич инъикос намояд ва бо ин восита бартарии комили таҳқиқоти бунёдии худро нисбат ба асарҳои ҷамъбастии пеш аз он нашршуда оид ба таърихи халқи тоҷик ва минтақа таъмин намояд.

## САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

Академик Б. Ғафуров дар нашри тоҷикӣ манобеи дастрас ва пажӯҳишҳои то соли 1977 марбут ба таърихи халқи тоҷик ва минтақа нашршударо мавриди истифода қарор додааст, ки аз ин феҳристи мукаммали маъхазҳо ва таҳқиқоти истифодашуда гувоҳӣ медиҳанд. Хулосаву таҳлилҳои муаллиф дар заминаи истифодаи ниҳоят васеи маводи бостоншиносӣ, сиккашиносӣ, лингвистӣ, мардумшиносӣ ва антропологӣ бунёд ёфтаанд. Дар баробари таҳқиқоти ҷолиби муҳаққиқони шӯравӣ, олим натиҷаи пажӯҳишҳои ховаршиносони шинохтаи хориҷӣ, пеш аз ҳама олимони англис, олмонӣ, амрикоӣ, франсавӣ, ҷопонӣ ва эрониро низ ба таври густурда истифода кардааст. Аз ҷумла, олим бевосита аз 68 номгӯи асарҳои классикони марксизм-ленинизм, 1224 номгӯи монографияю мақолаҳои илмӣ, 360 номгӯй адабиёту мақолаҳои илмӣ ба забонҳои хориҷӣ ва дар маҷмуъ аз 1652 манобеи илмӣ истифода кардааст. Шумораи манбаъҳои истифодашуда бо сарчашмаҳои хаттӣ 1840 ададро ташкил медиҳанд. Дар охири китоби «Тоҷикон» рӯйхати осору пажӯҳиши истифодашуда мувофиқ ба алифбо оварда шудаанд.

## МУНДАРИҶА

**Пешгуфтор**……………………………………………………… 3
**Муқаддима**……………………………………………………… 6

**ФАСЛИ ЯКУМ. СОХТИ ҶАМОАТИ ИБТИДОӢ ВА ЗАВОЛИ ОН ДАР САРЗАМИНИ ОСИЁИ МИЁНА**

**Боби якум. Ҷамоатҳои ибтидоӣ дар Осиёи Миёна**……………… 12
1. Палеолит. Сохти пешазқабилавӣ. Пайдоиши ҷамоати қабилавӣ. Осори палеолити пойин. Осори палеолити миёна. Осори палеолити боло. Тавсифи ҷамъияти палеолит………….. 12
2. Мезолит ва неолит. Осори мезолит. Осори неолит. Қадимтарин тасвирҳои рӯйи санг………………………………… 17
3. Асри биринҷӣ. Гузариш ба сохти қавмии падарӣ. Қувваҳои истеҳсолкунанда. Вилоятҳои таърихию мадании Осиёи Миёна. Сохти ҷамъиятӣ…………………………………… 22
4. Таркиби нажодии аҳолии Осиёи Миёна дар аҳди биринҷӣ. Масъалаи орӣ. Умумияти ҳиндуэронӣ. Ориёиҳо. Роҳҳои кӯчиши тоифаҳои ҳиндуэронӣ ва комплексҳои археологии Осиёи Миёна………………………………………….. 33

**Боби дуюм. Тоифаҳои шарқиэронии Осиёи Миёна дар оғози пайдоиши ҷамъияти синфии ибтидоӣ (асри IX — миёнаҳои асри VI пеш аз милод)**…………………………………………………….. 53
1. Материалҳои археологии асри аввали оҳан. Металлургияи оҳан. Масканҳо…………………………………… 53
2. Ҷамъияти Осиёи Миёна дар аввали асри оҳан. «Авесто» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ. Ҷамъияти Осиёи Миёна мувофиқи маълумоти «Авесто». Масъалаи ташаккули қадимтарин давлатҳо. Зардуштия………………………………… 55

**ФАСЛИ ДУЮМ. АҶДОДОНИ ТОҶИКОН ДАР ДАВРАИ ТАРАҚҚИЁТИ МУНОСИБАТҲОИ ҒУЛОМДОРӢ**

**Боби якум. Осиёи Миёна дар ҳайати давлати Ҳахоманишиҳо**… 73
1. Таърихи сиёсии Осиёи Миёна дар асри VI — ибтидои асри V пеш аз милод. Ба вуҷуд омадани давлати Ҳахоманишиҳо. Футуҳоти Куруши II дар Осиёи Миёна. 73

Куруш ва Томирис. Шикасти қӯшуни Ҳахоманишӣ. Шӯриши зидди Ҳахоманишиҳо дар аҳди Дорои I……………………………..

2. Ҷамъияти Осиёи Миёна дар асрҳои V—IV пеш аз милод. Осиёи Миёна дар ҳайати давлати Ҳахоманишӣ. Сохти иҷтимоию иқтисодӣ, маданият ва дини Суғд, Хоразм ва Бохтар дар асрҳои VI—IV пеш аз милод………………………… 80

3. Осиёи Миёна ва Эрон дар аҳди салтанати Ҳахоманишиҳо………………………………………………… 87

**Боби дуюм. Муборизаи халқҳои Осиёи Миёна ба муқобили истилогарони юнонию макдунӣ……………………………… 93**

1. Лашкаркашии Искандари Мақдунӣ ба Шарқ. Тараққии Мақдуния. Шикасти давлати Ҳахоманишӣ. Муҳорибаҳо дар дамгаҳи Осиёи Миёна……………………………………………… 93

2. Муборизаи халқҳои Осиёи Миёна бо қӯшуни юнону мақдунӣ. Қувваҳои ҳарбӣ ва ҳунари ҷангии халқҳои Осиёи Миёна. Амалиётҳои ҳарбӣ дар Мовароуннаҳр. Шӯриши солҳои 329-327 пеш аз милод. Инқирози империяи Искандари Мақдунӣ ва оқибати футуҳоти мақдуниҳо………… 97

**Боби сеюм. Юнону Бохтар ва Порт дар асрҳои III—II пеш аз милод…………………………………………………………….. 109**

1. Осиёи Миёна дар ҳайати давлати Селевкиён……………. 109

2. Давлатҳои Юнону Бохтар ва Порт. Пайдоиш ва таърихи даврахои аввали Порт ва Юнону Бохтар. Муборизаи зидди истилокории Селевкиён. Равнақи давлати Юнону Бохтар………... 110

3. Сохти дохилӣ, иқтисодӣ ва маданияти Осиёи Миёна дар асрҳои III пеш аз милод. Давлати Юнону Бохтар. Давлати Порт. Дигар ноҳияҳои Осиёи Миёна……………………………... 118

**Боби чорум. Осиёи Миёна дар давраи Кушониён……………….. 131**

1. Порт, Юнону Бохтар ва кӯчманчиён. Ибтидои таърихи йуҷиҳо. Кӯчманчиён ва Порт. Масъалаи пайдоиши йуҷиҳо. Ҳамлаи қатъӣ ба Юнону Бохтар……………………………….. 131

2. Осиёи Миёна дар асрҳои II-I пеш аз милод. Бохтар ва Суғд. Давлати қадимии Фарғона Даван. Халқҳо ва ноҳияҳои шимоли Порт. Ғалабаи Порт бар Рим…………………………… 135

3. Давлати Кушон. Давраи аввали давлати Кушон. Масъалаи хронологияи Кушон. Забти сарзаминҳо. Ислоҳоти 139

пулии Кадфизи II. Канишка ва равнақи давлати Кушон. Таназзули давлати Кушон. Кушониён ва Сосониён……………

4. Шаҳрҳо ва манзилҳои Осиёи Миёна дар давраи Кушон Бохтари Шимолӣ, Суғд, Фарғона, Чоч, Хоразм……………….. 150

5. Иқтисодиёти Осиёи Миёна дар давраи Кушониён. Хоҷагии қишлоқ. Обёрӣ. Бинокорӣ ва ҳунармандӣ. Савдои дохилӣ ва хориҷӣ…………………………………………………… 151

6. Маданият ва дини Осиёи Миёнаи Кушонӣ. Осори хаттӣ. Ақоиди мазҳабӣ. Санъат………………………………….. 156

**Боби панҷум. Сохти иҷтимоию иқтисодии Осиёи Миёнаи Қадим…. 163**

1. Историографияи масъалаҳои форматсияи иҷтимоию иқтисодии ғуломдории Осиёи Миёнаи Қадим………………….. 163

2. Тасаввуроти ҳозиразамон дар бораи сохти иҷтимоию иқтисодии Осиёи Миёнаи Қадим. Тақсимоти иҷтимоӣ ва молумулкӣ. Таркиби ҷамъияти Осиёи Миёна дар охири ҳазораи I пеш аз милод ва ибтидои ҳазораи I милодӣ………… 166

## ФАСЛИ СЕЮМ. ПАЙДОИШИ МУНОСИБАТҲОИ ФЕОДАЛӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА

**Боби якум. Тоифаҳо ва халқиятҳои Осиёи Миёна дар асрҳои IV-VI милодӣ…………………………………………………….. 171**

1. Таърихи сиёсии Давлати Сосониён. Кидориён. Хиёниён. Ҳайтолиён ……………………………………………………… 171

2. Масъалаҳои таърихи этникӣ. Муборизаи синфӣ. Масъалаи пайдоиши хиёниён ва ҳайтолиён. Ҷамъияти ҳайтолиён. Неҳзати Маздак………………………………………... 175

**Боби дуюм. Халқҳои Осиёи Миёна дар асри VI — ибтидои асри VIII. 180**

1. Воқеаҳои асосии таърихи сиёсӣ. Муборизаи синфӣ. Хоқонии турк ва нуфузи ҳокимияти он дар Осиёи Миёна. Туркҳо ва Ҳайтолиён. Низои туркҳо ва Сосониён. Иқтисодиёт ва сиёсат. Муносибати Хоқони турк ва ҳокимони маҳаллӣ. Синтези Осиёи Миёнаву турк. Неҳзати Абрӯй…………………. 180

2. Тахористон дар асри VI — ибтидои асри VIII. Маълумоти сарчашмаҳо дар бораи вазъияти Тахористон дар асри VI- ибтидои асри VIII. Таърихи сиёсӣ. Обёрӣ. Хоҷагии қишлоқ. Ҳунармандӣ ва тиҷорат. Бинокорӣ. Меъморӣ. 183

Санъати тасвирӣ. Ҳайкалтарошӣ, кандакории чӯб ва дигар намудҳои санъат. Дин……………………………………………

3. Суғд дар асрҳои VI-VII. Тавсифоти умумӣ. Сюань-Стзан ва Хой Чао дар бораи Суғд. Таърихи сиёсӣ. Обёрӣ. Хоҷагии қишлоқ. Ҳунармандӣ ва тиҷорат. Мустамликадории суғдиён. Кашфи Қалъаи кӯҳи Муғ ва ҳафриёти Панҷакенти Қадим. Самарқанд, Варахша ва дигар бошишгоҳҳои шаҳрӣ. Бинокорӣ. Санъати тасвирӣ. Ҳайкалтарошӣ. Санъати мусиқӣ ва рақсӣ. Хатти суғдӣ ва адабиёти он. Ақоиди мазҳабӣ……….. 194

4. Дигар ноҳияҳои Осиёи Миёна. Уструшан. Фарғона…….. 214

5. Сохти иҷтимоию иқтисодӣ. Ташаккули муносибатҳои феодалӣ………………………………………………………….. 217

## ФАСЛИ ЧОРУМ. ОСИЁИ МИЁНА ДАР ДАВРАИ ТАРАҚҚИЁТ ВА УСТУВОРШАВИИ СОХТИ ФЕОДАЛӢ

**Боби якум. Халқҳои Осиёи Миёна дар ҳайати Хилофати араб. 219**

1. Аз по афтидани давлати Сосониён. Арабистон дар арафи ислом. Пайдоиши ислом. Шикасти давлати Сосонӣ…………… 219

2. Аз тарафи арабҳо забт карда шудани Мовароуннаҳр (давраи аввал). Парокандагии сиёсии Мовароуннаҳр дар миёнаҳои асри VII. Ба сарҳади Осиёи Миёна расидани лашкари араб. Ҳамлаҳои нахустин ба Мовароуннаҳр. Муборизаи суғдиён, тахористониҳо ва дигар халқҳои Осиёи Миёна бар зидди истилогарон. Мудофиаи Самарқанд. Иттифоки Суғд, Чоч, Фарғона ва туркон……………………….. 222

3. Аз тарафи арабҳо забт карда шудани Мовароуннаҳр (давраи дуюм). Аҳволи халқҳои Осиёи Миёна. Муборизаи суғдиён, фарғониҳо ва туркон дар солҳои 720-722. Муборизаи Хатлонзамин бар зидди истилогарон. Оқибати ба Хилофати араб ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна……………………… 227

4. Роли халқҳои Осиёи Миёна дар муборизаи байни Умавиҳо ва Аббосиён. Гурӯҳҳои мухолиф дар хилофат. Неҳзати Абӯмуслим. Шӯриши Сунбоди Муғ ва неҳзати Муқаннаъ…………………………………………………………….. 232

**Боби дуюм. Анҷоми протсесси ташаккули халқи тоҷик ва созмони давлатии ӯ. Давлатҳои Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён (асрҳои IX-X)…………………………………………….. 237**

1. Таърихи сиёсии асрҳои IX—X. Қувват гирифтани ашрофи феодалии маҳаллӣ. Тоҳириён (821—873). Саффориён (873-903). Таъсиси давлати Сомониён. Сохти давлатӣ ва ташкили дастгоҳи идораи он. Низоъҳои байнихудии феодалӣ ва суст шудани давлати Сомониён. Истилои Қарахониён........ 237

2. Хоҷагӣ, маданияти моддӣ, муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ. Хоҷагии қишлоқ. Истеҳсоли маъдан ва кӯҳкорӣ. Истеҳсоли шиша ва сафололот. Дигар намудҳои касбу ҳунар. Бинокорӣ ва меъморӣ. Тиҷорат ва муомилоти пул. Бухоро - маркази давлати Сомониён. Созмони инъомоти феодалӣ ва заминдории шартӣ. Рентаи феодалӣ, ҳаёти деҳқонон ва неҳзатҳои халқӣ. Анҷоми ташаккули халқи тоҷик. Оид ба масъалаи пайдоиш ва инкишофи забони адабиёти классикии тоҷик.......... 250

3. Илм ва адабиёти халқи тоҷик (асрҳои IX-X). Тараққиёти адабиёти бадеӣ. Илму фан.............................. 264

**Боби сеюм. Халқи тоҷик дар асри XI — ибтидои асри XIII. Давлатҳои Ғазнавиён, Қарахониён, Ғуриён ва Хоразмшоҳиён... 269**

1. Таърихи сиёсӣ. Муборизаи бесамари Абӯиброҳими Мунтасир барои аз нав барқарор намудани ҳокимияти Сомониён. Халқи тоҷик дар давраи салтанати Ғазнавиён. Салчуқиҳо ва сиқути давлати Ғазнавиён. Давлати Ғӯриҳо. Салҷуқиҳо ва Низомулмулк. Неҳзати исмоилия. Қарахониён. Карахониён ва қарахитоиҳо. Хоразм ва давлати Салҷуқӣ. Шӯриши Санҷар. Истилои давлати Қарахонӣ аз тарафи Муҳаммади Хоразмшоҳ.................................................. 269

3. Хоҷагӣ ва муносибатҳои ичтимоию иқтисодӣ. Иқтаъ ва заминдории шартӣ дар асрҳои XI—XII. Моликияти замин ва деҳқонон. Шаҳрҳои Осиёи Миёна дар асрҳои XI-XII. Касбу ҳунар дар асрҳои XI—XII. Муомилоти пул........................... 279

3. Маданияти асри XI — ибтидои асри XIII. Бинокорӣ, меъморӣ ва ҳунари амалӣ. Илму адаби тоҷик дар асри XI-аввали асри XIII. Паҳн шудани тасаввуф ва роҳ ёфтани он ба адабиёти форсу тоҷик...................................................... 283

**Боби чорум. Халқи тоҷик дар давраи Чингизиён..................... 288**

1. Истилои муғул. Хоҷагии Осиёи Миёна дар замони ҳукмронии муғулҳо. Ҳуҷуми ӯрдуи Чингизхон ба Осиёи Миёна. Мудофиаи қаҳрамононаи Хуҷанд. Темурмалик.

Футуҳоти минбаъдаи Чингизхон дар Осиёи Миёна. Ҳаёти хоҷагӣ пас аз истилои муғул. Шӯриши Маҳмуди Торобӣ. Сиёсати дохилии Мангуқоон ва ҳокими тоҷир Масъудбек. Ислоҳоти пу- лии Масъудбек. Қисман барқарор шудани ҳаёти шаҳр ва тиҷорат. Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XIV..... 288
2. Муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии Осиёи Миёна дар замони муғулҳо. Категорияҳои моликияти замин. Суюрғол. Категорияҳои деҳқонон. Масъалаи сохти крепостноӣ. Ғуломӣ. Аҳволи пешаварон........................................................ 298
3. Маданияти халқҳои Осиёи Миёна дар замони муғулҳо. Меъморӣ. Касбҳои амалӣ. Санъат. Илму адаби тоҷик дар асри XIII - миёнаҳои асри XIV................................................ 300

**Боби панҷум. Халқи тоҷик дар давлати Темур ва темуриён....... 303**
1. Таърихи сиёсӣ. Ҷунбишҳои халқӣ. Темур ва аввалин қадамҳои ӯ дар роҳи ба даст даровардани ҳокимият. Ҷунбиши сарбадорон. Ба сари ҳокимияти Мовароуннаҳр омадани Темур ва футуҳоти минбаъдаи ӯ. Муборизаи сулолавии темуриён. Ҳукмронии Улуғбек. Қатли Улуғбек. Низоъҳои феодалӣ............ 303
2. Хоҷагӣ. Муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ. Вазъи умумии хоҷагӣ ва истисмори деҳқонон. Категорияҳои моликияти феодалон ба замин. Суюрғол дар асри XV. Тиҷорат. Шаҳр ва касбу ҳунар......................................... 312
3. Маданият. Бинокорӣ ва меъморӣ. Санъати наққошӣ ва миниётур. Илму адаб дар нимаи дуюми асрҳои XIV-XV......... 316

## ФАСЛИ ПАНҶУМ. ТОҶИКОН ДАР ОХИРҲОИ АСРИ МИЁНА

**Боби якум. Ҳаёти халқи тоҷик дар давлати Шайбониён (асри XVI). 321**
1. Таърихи сиёсӣ. Истилои давлати Темуриён. Сиёсати дохилии Шайбонихон. Муборизаи байни Шайбониён ва Бобур. Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XVI. Низоъҳои феодалон. Абдуллохони II ва «ҷамъ кардани мулкҳои хоса».... 321
2. Муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ. Моликият ва истифодаи замин. Касбу ҳунар, тиҷорати дохилӣ ва муомилоти пулӣ. Тиҷорати ҳориҷӣ. Муносибатҳои дипломатӣ.................. 333
3 Масъалаи этногенези халқи ӯзбек............................... 338
4. Маданияти моддӣ ва маънавӣ. Бинокорӣ ва меъморӣ.

Адабиёти бадеӣ ва таърихнигории тоҷик дар асри XVI.......... 339

**Боби дуюм. Халқи тоҷик дар ҳайати давлати Ҷониён (асри XVII -нимаи аввали асри XVIII)................................... 345**

1. Таърихи сиёсӣ. Низоъҳои байнихудии феодалон дар асри XVII. Афзудани парокандагии феодалӣ. Сиёсати дохилии Убайдуллохон....................................................... 345

2. Муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ. Вазъи хориҷӣ. Даромади замин. Андозҳои шаҳр. Ба дасти феодалон ҷамъ шудани моликияти замин. Ҷунбишҳои халқӣ. Касбу ҳунар, тиҷорат, муомилоти пулӣ............................................. 349

3. Маданияти моддӣ ва маънавӣ, меъморӣ ва санъат. Адабиёти бадеии тоҷик ва солномаҳои таърихии асри XVII - ибтидои асри XVIII.................................................... 353

**Боби сеюм. Ҳаёти тоҷикон дар аморати Бухоро ва давлати хонии Хӯқанд (аз миёнаҳои асри XVIII то миёнаҳои асри XIX).. 357**

1. Таърихи сиёсии аморати Бухоро ва хонигарии Хӯқанд. Экспансияи Британия дар Осиёи Миёна. Ҳуҷуми Нодиршоҳ ба Бухоро ва Хева. Оғози ҳукмронии Манғития.................. 357

2. Мубориза дар роҳи мустаҳкам кардани аморати Бухоро. Аморати Бухоро дар нимаи аввали асри XIX - аввали асри XX. Хонии Хӯқанд дар нимаи аввали асри XIX. Нобудшавии аҳолӣ ва харобии хоҷагӣ дар натиҷаи ҷангҳои байни давлатҳои феодалӣ.............................................. 359

3. Муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ. Қувваҳои истеҳсолкунанда. Тиҷорат. Заминдории феодалӣ. Аҳволи оммаи халқ. Муборизаи синфӣ....................................... 366

3. Муносибатҳои иқтисодии байни Осиёи Миёна ва Россия. Таҳқиқи Осиёи Миёна аз тарафи олимони рус. Тавсеаталабии Британия дар Осиёи Миёна ва рақобати Англияю Россия. Таҳқиқи илмии давлатҳои хонии Осиёи Миёна..................... 375

4. Маданияти моддӣ ва маънавӣ, бинокорӣ ва меъморӣ. Бинокорӣ ва меъморӣ. Ҳаёти илмӣ ва адабӣ....................... 381

**ФАСЛИ ШАШУМ. ТОҶИКОН ДАР ДАВРАИ БА РОССИЯ ҲАМРОҲ ШУДАНИ ОСИЁИ МИЁНА ВА ТАРАҚҚИЁТИ МУНОСИБАТҲОИ КАПИТАЛИСТӢ ДАР ИН САРЗАМИН**

**Боби якум. Халқи тоҷик дар давраи ба Россия ҳамроҳ шудани**

**Осиёи Миёна…………………………………………………… 386**

1. Оғози ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна. Инкишофи минбаъдаи робитаҳои тиҷоратию сиёсии Россия бо давлатҳои хонии Осиёи Миёна. Ҳуҷуми қӯшунҳои подшоҳӣ ба Осиёи Миёна. Таъсиси генерал-губернатории Туркистон ва пешравии минбаъдаи қӯшунҳои подшоҳӣ. Муборизаи Англия ва Россия барои доираи нуфуз. Вусъати мулкҳои Россия дар Осиёи Миёна. Ҳуҷуми қӯшунҳои подшоҳӣ ба Туркманистон. «Масъалаи Помир» ва ҳалли он………………………………… 386

2. Аҳамияти прогрессивнию таърихии ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна…………………………………………….. 398

**Боби дуюм. Аҳволи халқи тоҷик ва муборизаи он бар зидди аморати Бухоро ва ҳукумати подшоҳӣ (нимаи дуюми асри XIX). 399**

1. Сиёсати мустамликадории хукумати подшоҳӣ. Ду марҳалаи сиёсати иқтисодии ҳукумати мутлақа дар Осиёи Миёна. Роҳ ёфтани муносибатҳои капиталистӣ……………….. 399

2. Вазъияти оммаи халқ дар кишвари Туркистон ва аморати Бухоро…………………………………………………… 403

3. Ҳаракати халқӣ дар Осиёи Миёна ва дар онҳо иштирок кардани тоҷикон. Ошӯбҳои халқӣ дар Балҷувон. Ошӯбҳо дар дигар маҳалҳои Осиёи Миёна…………………………………….. 405

**Боби сеюм. Халқи тоҷик дар арафа ва давраи револютсияи солҳои 1905—1907………………………………………………** 411

1. Вазъияти кишвари Туркистон дар арафаи револютсия. Сармояи бонкҳо. Аҳволи меҳнаткашон………………………… 411

2. Вазъияти аморати Бухоро дар арафаи револютсияи солҳои 1905—1907. Равнақи муомилоти тиҷорат. Аҳволи аҳли меҳнат. Шӯру ошӯбҳои халқӣ…………………………………... 414

3. Револютсияи солҳои 1905-1907 ва иштироки меҳнаткашони тоҷик дар он. Ривоҷи минбаъдаи ҳодисаҳои револютсионӣ……………………………………………………….. 418

**Боби чорум. Халқи тоҷик дар давраи аз соли 1908 то соли 1917. 423**

1. Револютсияи феврали соли 1917. Вазъияти кишвари Туркистон ва аморати Бухоро баъд аз револютсияи солҳои 1905-1907 ва то Ҷанги якуми ҷаҳонӣ. Авҷ гирифтани фаъолияти миллатчиёни буржуазӣ…………………………….. 423

2. Шӯриши соли 1916 ва аҳамияти он. Таъсири харобиовари ҷанги соли 1914 ба иқтисодиёти Россия. Саршавӣ ва ҷараёни шӯриш....................................................... 427
3. Револютсияи буржуазӣ-демократии февралии соли 1917 ва аҳамияти он дар ҳаёти халқи тоҷик................................. 430
4. Маорифпарварӣ ва адабиёти тоҷик (нимаи дуюми асри XIX - ибтидои асри XX). Маорифпарварӣ дар нимаи дуюми асри XIX - ибтидои асри XX........................................... 432
5. Адабиёти тоҷик дар ибтидои асри XX. Фаъолияти адибони пешқадами тоҷик........................................... 433

**Фехристҳо.** Тавсифи сарчашмаҳое, ки дар таълифи «Тоҷикон» истифода шудааст. Сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда.... 435
Мундариҷа........................................................... 437

*Ба матбаа супорида шуд 23.07.2023*
*Барои нашр имзо шуд 24.07.2023*
*Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 39. Андоза 70х100$^{1}/_{16}$.*
*Адади нашр 200 нусха. Супориши №90.*

МН «Дониш»

*Муассисаи нашриявии «Дониш»-и АМИТ*
*ш.Душанбе, 734063, кӯчаи Айнӣ, 299/2.*